БАҲИСОБГИРИИ МОЛИЯВӢ

ИНСТИТУТИ ҶАМЪИЯТИИ
БУХГАЛТЕРОН ВА АУДИТОРОНИ
КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

*дар асоси Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таълиф гардидааст*



**Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Ба ифтихори 20 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Баҳисобгирии молиявӣ

## Дастури таълимӣ

дар асоси Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таълиф гардидааст

Аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати **дастури таълимӣ** барои донишҷӯёни ихтисоси “Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит” ва ”Молия ва қарз”- и мактабҳои олии иқтисодӣ, тайёркунӣ ва баландбардории сатҳи тахассусмандии бухгалтерон ва аудиторони касбӣ, коркунони сохторҳои назорати молиявӣ тавсия гардидааст

**Душанбе 2011**

УДК 657.012.2
ББК 65.052. Я 7
Ф – 59

**Баҳисобгирии молиявӣ: Дастури таълимӣ. Душанбе, «Контраст», 2011 – 315с.**

Дастури таълимии «Баҳисобгирии молиявӣ» дар асоси Барномаи Шӯрои Авроосиёгии бухгалтерон ва аудиторони сертификатдор (ШАБАС) мувофиқи талаботи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ – СБҲМ таҳия гардидааст. Дастур барои тайёркунии бухгалтерон ва имтиҳоноти байналхалқии CIPA-EN барои бадастории дараҷаи Бухгалтери соҳибкасби байналхалқии дорои сертификат таин гардида, инчунин мавриди истифода гардидани он аз ҷониби устодони макотиби олӣ, унвонҷӯён, магистрҳо ва донишҷӯён бо мақсади тайёрии касбӣ муфид аст.

Дастури таълимӣ ба матни тарҷумаи расмии СБҲМ соли 2009 бо забони тоҷикӣ ва нишондодҳои методӣ оиди татбиқи СБҲМ, ки аз тарафи Шӯрои Методологӣ оиди баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити назди комиссияи Ҳукуматӣ оид ба татбиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсин шудааст ва бо фармони Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиидааст, асоснок карда шудааст.

**Дастур таълиф гардидааст, тахти муҳарририи:**
Директори иҷроияи ИҶБАК ҶТ, н.и.и., дотсент **Менгниев А.Х.**
Аъзои Шӯрои ИҶБАК, САР, н.и.и., дотсент **Мирзоалиев А.А.**
Номзади илмҳои иқтисод, профессор **Исоматов Б.И.**

**Муқарризон:**
Сардори Идораи методологияи баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳисобот ва аудити Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ҳамрокулова Г.А.**
Раиси Ассосиатсияи муҳосибон ва аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.и., профессор **Уроқов Д.У.**

**Мутарҷимон:**
Бобҳои 4, 7, 10, 12, 13, 14, 15, 17, 20 – Мирзоалиев А.А.
Бобҳои 5, 16 – Муродова М.И., Мирзоалиев А.
Бобҳои 1, 2 – Содиқов С.И., Мирзоалиев А.
Бобҳои 3, 6 – Шобеков М., Мирзоалиев А.
Бобҳои 8, 11 – Зарипов Э.Ш. Мирзоалиев А.
Боби 18 – Саидова Д., Мирзоалиев А.
Боби 9 – Бозоров Н., Мирзоалиев А.
Боби 19 – Нарзуллоев З., Мирзоалиев А.

***Муаллифон:***
Боби 1, 2 – Содиқов С. И., Мирзоалиев А.А.
Боби 3, 6 – Шобеков М., Мирзоалиев А.А.
Боби 4, 7, 10, 12,13 – Мирзоалиев А.А.
Боби 14, 15 – Менгниев А.Х., Мирзоалиев А.А.
Боби 16 – Мирзоалиев А.А., Мирзоев Қ.Р.
Боби 5, 17 – Саидов Ҷ А., Мирзоалиев А.А., Қиличев У.Р.
Боби 18 – Саидов Ҷ. А., Саидова Д. А.
Боби 8, 11 – Зарипов Э.Ш., Шерова М.М.
Боби 9 – Бозоров Н.О., Менгниев А.Х.
Боби 19 – Нарзуллоев З., Менгниев А.Х.

**Сармуҳаррир:** н.и.и., профессор Исоматов Б.
**Муҳаррирон**: Мирзоалиев А., Муродова М.И.
**Чопи компютерӣ**: Муродова М. И., Шерова М.М.

**© Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ, 2003**
**© Коллективи муаллифон, ИҶБАК ҶТ, 2011**
**Нашри дастури таълимӣ ё ягон қисмати он бе иҷозати хаттии ИҶБАК ҶТ манъ аст**

**ИҶБАК ҶТ**

## Пешгуфтор

Муносибатҳои бозорие, ки ҳамаи чабҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ – ичтимоии чамъияти моро фаро гирифтаанд, бе ислоҳоти низоми чории баҳисобгирӣ ва ҳисобот мувофиқи мақсад инкишоф ёфта наметавонанд. Яке аз самтҳои ояндадори ин соҳа гузариш ба Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) мебошаад.

Дар алоқамандӣ бо оғози ислоҳоти пурраи низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ ва назорати молиявӣ дар ҶТ зарурияти тайёр кардан, такмили ихтисоси кадрҳои бухгалтерӣ, ҳайъати устодони макотиби олӣ вам иёна мувофиқи талаботи IFAC – Федератсияи байналмиллалии бухгалтерон ба миён омад.

Ислоҳоти баҳисобгирии бухгалтерӣ. дар чумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гузаронида истода бо суръати суст амалӣ гашта истодааст. Дар байни мутахассисони касби баҳисобгирии ин минтақа ҳамфикрӣ вучуд надорад ва ҳар як иштирокчии ин чараён роххои имконпазири чорӣ кардани Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявиро дар асоси хусусиятҳои миллии иктисодиёти кишвари худ мечӯянд. Дар ин ҳолат мубодилаи афкор ва тачриба. гузаронидани курсҳои кутоҳмуддат ва семинарҳо. ташкили мубоҳисаҳо дар васоити ахбори умум. ҳамчунин тайёр кардани маводи талимӣ барои тезонидани ин чараён нақши муҳимро мебозанд.

Истифодаи СБҲМ имкон медиҳад, ки дар оянда ҳолатҳои манфӣ паст карда шуда. ба тағйиротҳои иқтисодӣ фавран таъсир расонида шавад. Дар интиҳо мо дорои ҳисоботи бухгалтерии молиявии босифат мешавем, ки дар ҳақиқат имконияти қабули қарорҳои асосноки иқтисодиро медиҳад. Ба чунин тағйирёбиҳои назаррас тайёркунии пойдеворҳо дар шакли асосҳои меъёрӣ, фаъолкунонии батанзимдарории давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва аз ҳама муҳимаш батанзимдарории ҳайати кадрҳо дар доираи баҳисобгирии бухгалтерӣ зарур мебошад.

Китоби дарсии мазкур, ки аз тарафи мутахассисони Институти чамъиятии бухгалтерон ва аудиторони касбии ҶТ таҳия гардидааст, ба барномаи тасдиқ намудаи Шӯрои Авроосиёгии бухгалтерон ва аудиторони сертификатдор (ШАБАС) мувофиқат мекунад. Дар китоби дарсӣ диққати асосӣ ба мазмуни методологии баҳисобгирии бухгалтерӣ дода шудааст, ки ба СБҲМ асос мёёбанд. Дар ин китоб масъалаҳои душвор ва ҳалталаби баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ муҳокима карда шудаанд.

Ҳангоми навиштани китоби дарсӣ адабиёти зиёде, аз таърихи баҳисобгирӣ сар карда, СБҲМ. китоби дарсии ҳамкорони казоку қирғиз то корҳои олимони муосири соҳаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи мамолики ғарб истифода шудааст. Муаллифон кушиш кардaнд то тамоюли муосир ва дастовардҳои илмӣ – назариявиро дар соҳаи ҳамоҳангсозӣ ва ҳаммонандкунии ҳисоботи молиявӣ ба назар гиранд.

То як дарачаи муайян ин китоб ба дастовардҳои илму амалияи баҳисобгирии Ғарб такя менамояд. Дар баробари. ин заҳматҳои намояндагони илму амалияи ватанӣ низ истифода шудаанд. Ҳамчунин, аз тарафи ҳайъати муаллифон малакаҳои назариявӣ ва тачрибаҳои амалӣ, ки дар дарс додани ин фан дар курсҳои кӯтоҳмуддат ба даст омадаанд, фикру мулоҳизаҳо ва таманниёти алоҳидаи иштирокчиёни ин курсҳо ба назар гирифта шудаанд.

Ғайр аз ин, ҳангоми тайёр намудани китоби дарсӣ муаллифон маводҳои дар курсҳои махсуси такмили ихтисос гирифташудаpо, ки аз рӯи лоиҳаҳои USAID гузаронида шудаанд, истифода бурдаанд. Ҳайъати муаллифон дар кори Маркази машваратии назди ИЧБАК ҶТ оиди тайёр намудан ва супоридани имтиҳоноти сертификатсионӣ аз рӯи барномаи Шӯрои Авроосиёгии бухгалтерон ва аудиторони сертификатдор (ШАБАС) иштироки бевосита доранд.

Китоби дарсии мазкур нисбат ба китобҳои дарсии пештар чоп шуда, навовариҳои методиро дар бар мегирад, масалан, муҳокимаи масъалаҳои тартиб додан ва ошкор кардани ҳисоботи молиявӣ аз рӯи объектҳои мушаххас. Ҳамчунин мисолҳо, ҳисобкуниҳо, нақшаҳо ва мукотибот оиди инъикоси амалиёти хоҷагӣ, воқеаҳо ва ҳодисаҳои иқтисодӣ оварда шудаанд.

КИТОБХ...
№ 23392

Дар кор номи ҳисобҳо бе рамзгузорӣ истифода шудааст, чунки дар замони ҳозира дар имтиҳонҳои байналмиллалии сертификатсионӣ мувофиқи барномаи CIPA-EN рамзгузории ҳисобҳо дида нашудааст. Дигар хусусияти хуби ин дастур, истифодаи воҳиди шартии пул мебошад, ки ин имконияти истифодаи дастури таълимиро дар дигар давлатҳо медиҳад.

Қобили қайд аст, ки ин китоби дарсӣ ҳамчун дастури таълимии асосӣ дар иҷроиши Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4 ноябри соли 2002 № 428 «Оиди стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ», Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 октябри соли 2006 № 465 «Оиди тадбирҳои иловагӣ доир ба ҷорӣ намудани СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи соли 2010 № 231 «Дар бораи ҷораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад мекунад.

Зарурияти таъмини илмӣ – амалии ҷараёни гузариш ба СБҲМ – ро ба назар гирифта, китоби мазкур дар тайёр кардани бухгалтерон ва имтиҳоноти сертификатсионӣ, ҳамчунин аспирантҳо, магистрҳо ва донишҷӯёни ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» истифода шуда метавонад.

Миннатдории самимии худро барои расонидани кӯмак дар тайёрнамоии дастури мазкур ба Раис ва аъзоёни Шӯрои методологӣ оид ба баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити назди комиссияи Ҳукуматӣ доир ба ҷорӣ намоии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба муқарризон – сардори шӯъбаи Методологии баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳисобот ва аудити Вазорати Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Хамрокулов Г.А ва Раиси ассотсиатсияи бухгалтерон ва аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисод, профессор Уроқов Д.У. баён мекунем.

Хонандагон ва ҳамешагони гиромӣ! Умедворем, ки Шумо таклифу пешниҳодоти худро барои комилу пурра гардонидани китоби дарсӣ дар чопҳои дигар аз рӯи нишонии зерин мефиристед: 734055, ш.Душанбе, кӯчаи. Деҳотӣ 1/2, Институти ҷамъиятии бухгалтерон ва аудиторони ҶТ, бо почтаи электронии - pipaart@mail.ru ё сомонаи www.pipaa.tj

**Раиси Шӯрои ИҶБАК ҶТ,**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ҳамидуллохон Фақеров**

# Аз мухаррир

Ҳоло халқи тоҷик имконоти тавсиаъ бахшидан ба иқтисоди бозоргониро пеш гирифта, бо мақсади расидан ба натиҷаҳои дилхоҳу босамар кӯшиш ба харҷ дода меояд. Истиқлолияти мамлакат имкон ба вуҷуд овардааст, ки захираҳои рушоду ниҳоии дар иқтисодиёт мавҷуда, бар нафъи фузунгардонии некӯаҳволии мардумон ва назарнамо паст кардани сатҳу дараҷаи камбизоатии халқамон корбурду сафарбард карда шаванд. Дар иҷрои суботкоронаи ин мақсадҳо истифодаи комилу ҳамаҷонибаи комёбиҳои замонавии ҳамаи ҷабҳаҳои илмҳо ва аз ҷумла илмҳои иқтисодӣ ҳатмию зарур мебошад.

Дар замони мо ҳамагон маълум аст, ки яке аз равишҳову ҷабҳаи намоёну қувваи ҳалкунанда доштаи илмҳои иқтисодӣ «Баҳисобгирӣ» ба шумор меравад. Чунки танзиму идораи дилхоҳи хусусию умумии фаъолияти иқтисодии ҷомеъа чи дар зинаи ибтидоию чи ҷомеагӣ, чи коргоҳҳову фирмаҳо, соҳаҳо ва тамоми мамлакат туфайли оқилона ба роҳ монда шудани амали ҳисобдорӣ мароми равиши дилхоҳу самаронокро ба худ гирифта метавонад.

Устодони кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерва аудит» - и Донишгоҳи Давлатии Тиҷорати Тоҷикистон таи – 4 – 5 сол охир дар иҷрои ин гунна мақсадҳо кӯшишҳои зиёднеро ба харҷ дода меоянд. Онон бо кӯмаку дастгирии раёсати Донишгоҳ, сохторҳои байналхалқии мададгору ёрирасон, аз ҷумла «Фонди Евразия», таҳти роҳнамоии Намояндагии Рушди байналхалқии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (USAID) ва заҳмати бевоситаи аъзоёни «Институти Ҷамъиятии Бухгалтерон ва Аудиторони Касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ИҶБАК ҶТ) кӯшиши таълими ҳисобдории ҷумҳуриро дар асоси стандартҳои байналхалқии ҳозиразамони ҳисобгирӣ тӯли чанд муддат пеш гирта меоянд.

Бо мақсади иҷрои вазифаи зайл соли 2003 маводи таълимие бо номи «Баҳисобгирии молиявӣ» дар забони русӣ таҳия карда шуда, ба дасти чоп расонида шуда буд. Ҳоло ҳамон маводи таълимӣ ҳамчун идомаи иқдоми пешгирифти шуда дар забони тоҷикӣ дастраси толибилмон хоҳад гардид.

Мебояд қайд кард, ки маводи мазкур мутобиқу мувофиқи стандартҳои байналхалқии ҳисобгирӣ ва комёбизамонавӣ дар мамлакатҳои пешмутара мутараққии ҷаҳон, инчунин гузоришоту пешниҳодот ва пажӯҳишҳои соҳибтахассусони варзидаи ин мамлакатҳо таҳия карда шуда, ҷавобгӯи талаботи замонавии пешбурди ҳисобдории замонавӣ мебошад.

Мутафаккирони зиёде беҳуда таъкид накардаанд, ки хоҷагидории сарфакоронаю босубот ва фоидаовар дар мадди авали назар ва фаъолияти бурдборона муҳосибаро бешубҳа мегузорад. Зебо муҳосиба ё ҳисобдории босубот имкон медиҳад, ки натанҳо захираҳову маблағҳову маблағҳо мақсаднок ва тибқи қонунҳои давлатистифода шаванд, балки дар баробари ин тамоми масорифоту мадохилоти ҳар як фирмаву хоҷагӣ дар ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ ба монанди дар оина аксёбанда, возеҳу равшан сабт карда шаванд ва ошкору намоён бошанд. Нишонаҳои зайл дар замони мо дар бобати мароми равиши хоҷагидории демократона шаҳодат хоҳанд дод.

Марҳилаҳои ҳозираи инкишофи иқтисодиёти мамлакатамон тақозо менамояд, ки ҳисобдории тамоми муассисот ва фирмаҳои кӯчаку калон мутобиқу мувофиқи талаботи стандартҳои байналхалқи ба роҳ монда шаванд. Ҳоло ҷумҳуриамон дар зинаи воридшавӣ ба муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва иттиҳоди умумиҷаҳонии таммадун қарор дорад. Аз ин сабабҳо ҳам хоҷагидории пешинаву ҳисобдории номувофиқ садди роҳи пешравии тамоми халқу мамлакат шуда метавонад. Бинобарон ҳам навовариҳои зайлро ҳамаҷониба дастгирӣ мебояд кард.

Илму амали ҳисобгирӣ барои халқу забони мо қариб чизу равиши навгонона мебошад. Ҳарчанд фарҳангу адабиёти тоҷикон ниҳоят бою қадим аст, аммо дар ҷабҳаи ҳисобдорӣ комёбиҳоямон ничизу кӯчаканд. Ин ҳолат боиси ҳамон гардид, ки

тарҷумонон оиди иҷрои вазифа ба мушкилоту душвориҳои зиёде дучор гарданд. Ба ин нигоҳ накарда, онҳо аз ӯҳдаи иҷрои вазифа сарбаландона баромаданд. Натиҷаи заҳмати бепоёнашон бори хубе овардааст. Ҳарчанд вай аз баъзе нуқсу камбудиҳо низ орӣ нест.

Тарҷумонон бо ҳамоҷоягии маулифон муддати тӯлонай кор бурда, маводи зайлро хеле моҳирона дастраси чоп гардонидаанд. Ҳиссаи зиёди ибраҳою калимаҳо маҳсули эҷоду кашофии онон мебошад. Умедворем, ки хонандагони арҷманд онро хайрхоҳона қабул намуда, дар бобати тарху наҳваш изҳори ақида менамоянд ва ҳамчун сабабгори бурду соликаи минбаъдаи он хизмат хоҳанд кард.

Ҳоло дар назди хоҷагидорону иқтисодшиносони мамлакат як вазифаи муҳимтарин ба ватан ҷалб кардани маблағгузаронии хориҷгузошта шудааст. Дар ин вазифаи намоёни замон ҳам ҳисобдории мутобиқу мувофиқ рушоду ошкоро мавкеи ҳалкунанда доошта метавонад. Имрӯзҳо ҳисобгирии мувофиқи мақсадро ба роҳ намонда, ба комёбиҳои намоёни иқтисодӣ муваффақ гардидан хам берун аз имкон аст. Маҳз бо ҳамин сабабҳо иқдоми зайлро ҳамаҷониба дастгирию мададгорнамудан ҷоиз аст. Мо умедворем, ки шогирдон, соҳибтахасусон, соҳибдорону хоҷагидорон ин иқдомро дилсӯзона қабул намуда, дар аниқ кардану боз ҳам қувват бахшидани пешрафти ҷабҳаи мазкури хоҷагидориамон мусоидат хоҳанд кард. Фикру пешниҳодотро доир ба маводи зайл ба ин суроға ирсол намоед: ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2, кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит»-и Донишгоҳи Давлатии Тиҷоратии Тоҷикистон ё ин ки ИҶБАК ҶТ.

**Мудири кафедраи**
**«Назаряи иқтисод», н.и.и., профессор** **Исоматов Б.И.**

## Боби 1. Баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии бухгалтерӣ*
*Низоми иттилоотии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва истифодабарандагони он*
*Баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ*
*Андоза ва услуби баҳодиҳӣ дар баҳисобгирии молиявӣ*
*Шаклҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ*
*Вазъи молиявӣ ва муодилаи балансӣ*
*Пешниҳоди иттилооти бухгалтерӣ тавассути ҳисоботи молиявӣ*
*Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ*
*Мақоми бухгалтер дар идоракунӣ ва асосҳои одоби касбӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Саволҳо ва масъала барои худсанҷӣ*

### *Мақсади омӯзиш*

Баҳисобгирии молиявӣ, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ, чун яке соҳаҳои ояндадори илми иқтисодӣ ва ихтисоси бонуфузи муосир зери табаддулоти калон қарор дорад. Ин бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот, фароҳамоварии рӯшанӣ дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот, зарурати навдиккунии усули баҳисобгирии ватанӣ бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) вобастагӣ дорад.

Пас аз омӯзиши мавзӯи мазкур Шумо бояд дорои донишу малакаҳои зерин бошед:

- ♦ дарки моҳият ва муайян намудани вазифаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ;
- ♦ муайянкунии баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳамчун системаи иттилоотӣ, ки истифодабарандагонро бо маълумоти саҳеҳ ва воқеӣ барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ таъмин менамояд;
- ♦ дарки сабабҳои таснифи фанни «Баҳисобгирии бухгалтерӣ» ба «Баҳисобгирии молиявӣ» ва «Баҳисобгирии идоракунӣ» мутобиқи тақозои шароитҳои бозаргонии пешбарии хоҷагидорӣ;
- ♦ муқаррар намудани алоқамандии баҳисобгирии бухгалтерӣ бо андозаи таъсири муомилоти хоҷагидорӣ ба вазъи моликиятии ширкат;
- ♦ доштани тасаввурот оиди вазъи молиявӣ ва муодилаи балансӣ, шаклҳои ҳисоботи бухгалтерӣ – молиявӣ;
- ♦ аниқ кардани нақши бухгалтер (муҳосиб)-и муосир дар омодакунии маълумоти хушсифат;
- ♦ муайян кардани хавф ва мониторинги корчаллонӣ;

### *Мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии бухгалтерӣ*

Бо баробари гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳамчун омили асосии идоракунии хароҷот, афзоиши даромаднокӣ ва назорат аз болои самарабахшии амалӣ гардонидани кор аҳамияти зиёдтарро доро мегардад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ чун яке аз намудҳои баҳисобгирии хоҷагидорӣ, дар қатори баҳисобгирии фаврӣ ва омор, мақсади саҳеҳ ва пурра инъикос кардани амалиётҳои хоҷагӣ ва воқеияти фаъолияти субъектро дорост.

Зарурати баҳисобгирии бухгалтерӣ ва умуман, баҳисобгирӣ ва ҳисобот, аз гирифтани маълумот оиди вазъу ҳаракати захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии субъекти хоҷагидорӣ иборат буда, тавассути он мониторинги бизнес амалӣ гардида қарорҳои муносиби идоракунӣ қабул карда мешаванд.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ – ин системаи иттилоотист. Мавҷуд набудан, ё худ, риоя накардан ва истифодаи нодурусти асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои муқарраргардида, метавонад ба оқибатҳои ғайричашмдошт, инчунин, косташавии рағбати моликон, давлат ва дигар иштирокчиёни бозор оварда расонад.

***Баҳисобгирии бухгалтерӣ аз маҷмӯаи тарзу усулҳои муоинаи амалиётҳои хоҷагӣ ва ҷараёни он, ченкунӣ ва бақайдгирии онҳо, коркарди маълумот ва ирсоли он ба истифодабарандагони манфиатдор барои қабули қарорҳои идоракунанда ва нигоҳдории маълумот бо тартиботи хронологӣ иборат аст.***

Системаи муосири идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо босаводии амалӣ, балки саводнокии назариявиро низ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ тақозо мекунад. Баҳисобгирии бухгалтерӣ забони байналмилалии соҳибкорӣ буда, донишҳои муайянеро дар соҳаи риёзиёт, омор, молия, ҳуқуқ, андозбандӣ, технологияи компютерӣ ва фанҳои дигар талаб мекунад, ки онҳо дар ниҳояти кор боиси ташаккули насли нави кормандони баҳисобгирӣ менеҷерони молиявии ширкат мегарданд. Беҳуда нест, ки роҳбарони аксарият корпоратсияҳои транснатсионалӣ дорои маълумоти бухгалтерӣ ва ё собиқ бухгалтеронанд.

Баробари такомули муносибатҳои бозаргонӣ баҳисобгирии бухгалтерӣ масъалаҳои мураккаби зеринро ҳал менамояд:

- муайян намудани сатҳи иқтидори истеҳсолӣ ва вазъи молиявии муассиса;
- аниқ кардани мавҷудияти моликият, вазъ ва ҳаракати воситаҳои асосӣ ва гардишӣ;
- таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ ва омода намудани пешниҳодот оиди қабули қарорҳои идоракунӣ;
- таъмини назорат аз болои нигоҳдории қимматҳои моливу моддӣ, воситаҳои пулӣ ва тамоми моликияти муассиса;
- мониторинги амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ, идоракунии хароҷот, таъминоти самаранокӣ ва рақобаттобоварӣ.

**Мақсади** бурдани ***баҳисобгирии бухгалтерӣ*** – ин ҷамъоварӣ, коркард ва танзими маълумот оиди вазъи соҳибкорӣ, воқиф сохтани роҳбар ва менеҷерон оиди ҳаҷми корҳои иҷрошуда, даромад, хароҷот ва фоида, андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, оиди тағйирот дар ҳаракати захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ мебошад.

Аз ин мебарояд, ки системаи баҳисобгирии бухгалтерӣ манбаи иттилоотиро барои идоракунӣ ба вуҷуд оварда, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебарорад.

**Низоми иттилоотии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва истифодабарандагони он**

Пешбарии бомуваффақияти соҳибкорӣ дар шароити ҳозира асосан бо азхудкунии маълумоти иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Ба қатори рукнҳои муҳимтарини ахбороти иқтисодӣ системаи иттилоотии баҳисобгирии бухгалтерӣ дохил мешавад.

Ба сифати истифодабарандагони ахброти баҳисобгирӣ ва ҳисобот гурӯҳҳои мухталифи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дорои манфиатҳои гуногун – дохилӣ ва берунӣ мебошанд, баромад мекунанд.

Истифодабарандагони дохилии иттилоот, ки асосан бевосита бо идораи сармоя машғуланд, моликони хусусӣ ва дастҷамъӣ, мақомоти олии идоракунандаи муассиса, дастгоҳи иҷроия, менеҷерон, сардорони шӯъба, қисм ва сехҳо мебошанд.

Гурӯҳи дуюми истифодабарандагони иттилооти бухгалтериро онҳое ташкил медиҳанд, ки кормандони бевоситаи муассиса набуда, лекин манфиатҳои молиявӣ доранд. Ба қатори чунин судмандон маблағгузори ҳақиқӣ (воқеъӣ) ва эҳтимолӣ, қарздиҳандагони воқеъӣ ва эҳтимолӣ, аз он ҷумла саҳмдорон, таъминкорон ва харидорон мансубанд.

Гурӯҳи сеюми истифодабарандагони иттилооти бухгалтерӣ манфиатҳои молиявии бавосита (ғайримустақим) доранд. Ба қатори чунин истифодабарандагон дар навбати аввал давлат дар шахсияти мақомоти андоз, молия ва омор, мақомоти батанзимоварандa, аудиторон, мушовирон мансубанд.

Моликон, мудирон ва дигар кормандони дастгоҳи иҷроия барои фаъолияти самаранок ҷавобгар буда, барои даромаднокӣ ва фоидаоварии корхона манфиатдоранд. Ҳамин тариқ, Шӯрои директорон нақшаи даромад, хароҷот ва фоидаро кор карда мебарояд, Маҷлиси умумӣ тасдиқ мекунад, Дастгоҳи иҷроия нақшаҳои пешбинишударо бевосита иҷро мекунад. Барои пешбарии бомуваффақияти кор иттилооти рӯзмарра оиди ҳаҷми корҳои иҷрошуда, воридоти пулии нақдина, вазъи амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ зарур аст. Дар сурати мавҷудияти ин гуна маълумот таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва қабули қарорҳои асоснокӣ идоракунӣ имкониятпазир мегардад. Сармоягузорон ва кредиторон, гарчанде дар идоракунии корхона ширкат намеварзанд, нисбати тараққиёти корхона назар ба идоракунандагон бештар ҳавасманданд.

Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар онҳо ҷараёни ташаккул ва инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ сурат мегирад, сармоягузориҳои бузурге на танҳо ба истеҳсолот, тиҷорат ва хадамот, балки ба соҳаи маориф ва дигар соҳаҳои ҳаётӣ низ талаб карда мешаванд. Аксарияти сармоягузорон воситаҳои пулӣ, молу мулки худро барои барқароркунии истеҳсолот, тараққиёти соҳаи савдо ва хадамот, сохтмони объектҳои нав ва таҷдиди объектҳои амалкунанда бо вуҷуди хавф (риск) харҷ мекунад. Ин хавф он гоҳ

эътимоднок мегардад, ки сармоягузорон ва крeдиторон оиди рафти корҳо дар объектҳои мазкур маълумоти ҳамаҷониба дошта, аз болои воситаҳои харҷшаванда ва таъмини саҳеҳияти далелҳои ҳисоботӣ назорат бурда тавонанд. Менеҷерон ба дурустии қарорҳои қабулшуда ва босамара будани сохтори сармоя баҳо медиҳанд.

**Расми 1. Истифодабарандагони иттилооти бухгалтерӣ**




Дар қатори истифодабарандагони иттилооти бухгалтерӣ мавқеи махсусро истифодабарандагони дорои манфиати бавосита(ғайримустақим) ишғол мекунанд. Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ, дар шароити ташаккули иқтисоди бозоргонӣ, вақте, ки аксарияти муассисаву ташкилотҳо бекор хобидаанд, ҷамъ намудани пардохтҳои андозӣ алалхусус муҳим буда, ба сифати истифодабарандагони асосии ахбороти молиявӣ баромад кардани мақомоти андоз табиист. Гурӯҳи судмандони иттилоотие вуҷуд дорад, ки барои онҳо ҳамагуна маълумот оиди фаъолияти корхона муҳим аст. Ин мақомоти молиявист, ки аз болои хифзи моликияти давлатӣ назорат мебаранд.

Айни замон нақши мақомоти омор, ки бо ҷамъ намудан, коркард, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот оиди тараққиёти иҷтимоӣ - иқтисодии кишвар машғул аст, афзуда истодааст.

Ба гурӯҳи судмандони ахбороти бухгалтерии дорои манфиати бавоситаи молиявӣ ҳамчунин аудиторон, мушовирон ва ҳама гуна истеъмолкунандагони молу хадамот дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳар як судманди дар боло зикр гардида нисбати вазъу тараққиёти тиҷорат дар маҳал рағбати хоса дорад. Масалан:

- сармоягузорони эҳтимолӣ ва саҳҳомон ҳавасманди маълумот оиди пардохти фоида аз сармоягузории худ – ҳаққусаҳм (дивиденд) мебошанд;
- кредитор ва таъминкунандагон ҳавасманди сари вакт гирифтани маблағи қарзҳои пешкаш гардида бо фоизаш ва молҳои (хадамоти) пешниҳодшуда, корҳои иҷрогардидаанд;
- харидорон ҳавасманди маълумот оиди фаъолияти муттасили субъекти хоҷагидорианд;
- кормандони ширкат оиди даромаднокӣ ва таъминоти саривақтии маош мебошанд;
- мақомоти давлатӣ ҳавасманди маълумот оиди ҳаҷми фаъолият ва андоз аз он мебошанд;
- аудиторон дурустии таҳияи ҳисоботи молиявӣ ва мувофиқати онро ба СБҲМ месанҷанд, ва аслан манфиатдори қобилияти пардохтадокунӣ доштани мизоҷони хешанд;
- мушовирон оиди хариди саҳмияҳо ё худ маблағгузорӣ тавсия медиҳанд.

**Баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ**

Ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ зарурати таснифи баҳисобгирии бухгалтериро ба баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоравӣ ба миён овард.

Дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳамчун фани ягона бо қисматшавӣ ба фанҳои дохилсоҳавӣ омухта мешуд. Дар шароити ҳозира, бо пайдоиши шаклҳои мухталифи моликият ва мувофиқан, истифодабарандагони мухталифи иттилоотии манфиатҳои гуногундошта, баҳисобгирии бухгалтерӣ ба молиявӣ ва идоракунӣ қисмат мешавад.

Баҳисобгирии молиявӣ маълумоти заруриро ҳам барои истифодабарандагони дохилӣ ва ҳам беруна дарбар мегирад. Қисми асосии баҳисобгирии молиявӣ аз маълумоти ҷамъбастӣ иборат аст, ки мақсади асосии он – омода намудани шаклҳои гуногуни ҳисоботи молиявӣ ва пешниҳоди саривақтии он ба истифодабарандагони берунаи ҳавасманд мебошад.

Баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозоргонӣ, ҳангоме ки на ҳар як корхона пардохтҳои андозиро бардошт карда метавонад, ба истифодабарандагони ҳавасманд маълумотеро, ки на ҳамаи талаботҳои онҳоро қонеъ мегардонад, пешниҳод мекунад.

Маълумоти хеле пурра ва холисро оиди самаранокии фаъолияти муассиса тавассути баҳисобгирии идоракунӣ гирифтан мумкин аст.

Баҳисобгирии идоракунӣ (дохилиширкатӣ) маълумоти хеле пурра ва ҳаматарафаро оиди фаъолияти истеҳсолии муассиса, нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии кории бахшҳо дарбар гирифта, асосан барои қонеъгардонии талаботи роҳбарон ва менеҷерони муассиса равона гардидааст. Бинобар ин мақсад аз бурдани баҳисобгирии идоракунӣ – ин баланд бардоштани сатҳи муфидии маълумот барои баҳодиҳии воқеии вазъи кор ва қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ мебошад.

Баробари тараққиёбии муносибатҳои бозаргонӣ ҷараёни идоракунии субъекти хоҷагидорӣ то рафт мураккабтар мешавад. Илова бар ин, диққати асосӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ дода мешавад, ки он тадриҷан васеъ гардида, вазифаҳои маблағгузории буҷетӣ, назорат, батанзимоварӣ ва гайраро дарбар мегирад.

Бо вуҷуди ин, баҳисобгирии истеҳсолии амалкунандаро бо баҳисобгирии идоракунӣ шабоҳат додан мумкин нест, чунки маълумоти баҳисобгирии истеҳсолӣ ҳам дар баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам дар баҳисобгирии молиявӣ истифода бурда мешавад. Олимони амрикоӣ оид ба баҳисобгирии идоракунӣ Хорнгрен Ч.Т ва Фастер Дж қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии истеҳсолӣ – ин баҳисобгирии идоракунӣ бо ҷамъи қисмати начандон калони баҳисобгирии молиявист»[1].

Ин тафриқаро ба таври возеҳ чунин тасвир кардан мумкин аст:




**Расми 2. Алоқамандии баҳисобгирии идоракунӣ истеҳсолӣ ва молиявӣ.**

А – баҳисобгирии идоракунӣ
В – баҳисобгирии истеҳсолӣ
С – баҳисогирии молиявӣ

Баробари ба даст овардани мустақилият маҳорати идоракунӣ ва самтҳои ташкили истеҳсолотро худи муассисаҳо муайян мекунанд. Дар чунин шароит роҳбарон ба маълумоти саҳеҳ оиди вазъи кор эҳтиёҷ доранд. Истиқлолияти молиявии муассисаҳо тавассути бароҳмонии дурусти баҳисобгирӣ ва кушоду равшании хисобот назорати пайваста аз болои ҳаракати воситаҳои пулӣ ва вазъи ҳисоббаробаркунӣ бо дебитор ва кредиторон, бо мақомоти андоз таъмин карда мешавад.

**Андоза ва услуби баҳодиҳӣ дар баҳисобгирии молиявӣ**

Барои баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии объектҳо дар баҳисобгирии бухгалтерӣ андозаҳои (ченакҳои) аслӣ, пулӣ ва меҳнатӣ истифода мешаванд.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ бо роҳи ченкунӣ далелҳои молиявӣ – хоҷагидории муассисаро ба қайд мегирад.

---

[1] Материалы Международной научно-практической конференции. 30-31 мая 2001 года. Душанбе, 2001, стр.27-29.

Ҳисоботи молиявӣ асосан аз нишондодҳои умумӣ доир ба ҳисобҳои синтетикӣ бо ифодаи пулӣ иборат аст.

Ченаки пулӣ нишондеҳандаи универсалӣ буда, барои яклухт кардани нишондеҳандаҳои гуногун ва баҳодиҳии ҷамъбастии объектҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ имконият медиҳад.

Ченак якс аз нишонаҳои муҳимтарини бурдани баҳисобгирии бухгалтерист, ки бояд истифодаи он ниҳоят саҳеҳ ва эҳтиёткорона сурат гирад. Назар ба системаи амалкунандаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ченакҳои дар стандартҳои байналхалқӣ истифодашаванда мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ асосан ба қоидаҳо ва фарзияҳо такя мекунанд.

Усули воқеии муқоисаи объектҳои гуногуни баҳисобгирӣ аз он вобастагӣ дорад, ки онҳо ба тариқи харҷи меҳнати таҷассумёфта ифода шуда метавонанд. Илова бар ин, ченакҳои пулиро дар якҷоягӣ бо ченакҳои аслӣ ва меҳнатӣ истифода мебаранд.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ бо ченкунии таъсироти амалиётҳои хоҷагӣ (дар ифодаи пулӣ) ба воҳидҳои мушаххаси хоҷагидорӣ алоқаманд аст.

Объекти асосии ченкунӣ дар ҳисобгирии бухгалтерӣ амалиётҳои хоҷагӣ мебошанд. Онҳо далелҳои ҳаёти хоҷагидорӣ буда ба вазъи молиявии ширкат таъсир мерасонанд[2].

Истифодаи натиҷаҳои ин ва ё он намуди ченак аз қарори қабулмешуда вобаста аст. Дар ин маврид бухгалтер маълумоти заруриро омода намуда, ба қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ ва афзудани самаранокии кор (бизнес) мусоидат мекунад.

**Шаклҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ**

Дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ се шакли асосии ташкилӣ - ҳуқуқӣ мавҷуд аст:

- ***моликияти хусусӣ;***
- ***шарикӣ;***
- ***корпоратсия (иттиҳодия).***

Дар амал ҳар яки ин шаклҳоро вобаста аз шакли моликият ба сифати воҳиди иқтисодӣ дида мебароянд.

Моликияти хусусӣ **(единоличное владение – sole proprietorship)** – ширкате, ки аз ҷониби як шахс созмон дода шуда, асосан кори (бизнеси) начандон калонро дарбар мегирад. Ин шакли идоракунии ширкат ба молик имконият медиҳад, ки тамоми фаъолияти молиявӣ - хоҷагиро новобаста аз манфиатҳои шахсӣ назорат кунад, фоида ва зарар ба даст орад, аз рӯи ӯҳдадориҳояш бо молу мулки шахсӣ ҷавобгар бошад.

Шарикӣ (**товарищество – partnership**) ширкате, ки аз ҷониби ду ва ё зиёда молу мулкдорон созмон гардида, воситаҳои худро ба ин ширкат мегузоранд ва аз он дар асоси шартнома фоида ва ё зарар мегиранд. Дар чунин шакли моликият ҳар кадоме аз шарикон метавонад ҳаққи худро ба тарафи дигар (бо розигии шарикони дигар) диҳад, ҳамчунин аз рӯи ӯҳдадориҳои шарикият бо моликияти шахсии худ мувофиқи ҳаҷми саҳми хеш ҷавобгар бошад.

Иттиҳодия (**корпорация – corporation**) – ташкилоте, ки аз саҳми саҳҳомон иборат буда, аз ҷониби шӯрои директорони интихобшуда бо назорат фаро гирифта мешавад. Иттиҳодия дар амал субъекти хоҷагидории соҳибихтиёр буда, моликон аз рӯи ӯҳдадорӣ ва зарар дар ҳудуди саҳми худ ҷавобгар мебошанд.

**Вазъи молиявӣ ва муодилаи балансӣ**

Мувофиқи Консепсияи СБҲМ, ***мақсади ҳисоботи молиявӣ аз пешниҳоди маълумот оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият ва тағйиротҳо дар вазъи молиявии ширкат иборат аст.*** Қарорҳои иқтисодии аз ҷониби истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ қабулмешуда, баҳодиҳиро нисбати қобилияти ширкат оиди бунёди воситаҳои пулӣ ва эквивалентҳои он, ҳамчунин саривақтӣ ва устувории ин амалро талаб мекунанд.

Вазъи иқтисодии ширкат аз захираҳои иқтисодии мавҷудбуда, сохтори молиявии он, бозоргирӣ (ликвидность) ва қудрати пардохт доштани он, ҳамчунин ба шароити муҳит созгор шудани он вобастагӣ дорад. Маълумот оиди захираҳои иқтисодӣ барои пешгӯии қобилияти ширкат вобаста ба бунёди воситаҳои пулӣ ва эквиваленти онҳо дар оянда муфид аст. Маълумот оиди сохтори молиявӣ барои пешгӯии талаботҳои минбаъда ба воситаҳои қарзӣ ва тақсимоти фоидаи дар оянда ба дастмеомада байни мулкдорон зарур аст. Маълумот

---

[2] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. –496с. с. 19

оиди дарачаи бозоргирӣ ва қудрати пардохтадокунӣ барои пешгӯии қудрати ширкат дар саривақтии иҷроиши ӯҳдадориҳо зарур аст.

Вазъи молиявӣ **(финансовое положение -financial position)** ин мавҷудияти захираҳои иқтисодии (economic resources) ба ширкат тааллуқ дошта ва тамоми сармояи (equities) ба онҳо муқобилгузашта аст.

**захираҳои иқтисодӣ = кулли сармоя**

↓

**захираҳои иқтисодӣ = сармояи ҷалбшуда + сармояи азонихудӣ**

↓

**активҳо = ӯҳдадориҳо + сармояи худӣ**

Дар баҳисобгирии бухгалтерӣ захираҳои иқтисодиро активҳо(assets) ва сармояи ҷалбшударо ӯҳдадорӣ (liabilities)-ҳо меноманд.

Баробарии овардашуда ҳамчун муодилаи балансӣ(accounting equation) маълум аст[3].

Аз рӯи ақидаи Хендриксен Э.С. ва Ван Бреда М.Ф. «активҳо ноқилони даромаданд, ӯҳдадориҳо бошанд ба активҳо муқобилгузошташуда буда, ин иқтидорро паст мекунанд. Захира ва ӯҳдадориҳо дар он ҳолат эътироф мешаванд, агар онҳо **ченшаванда, релевантӣ ва боэътимод** бошанд»[4].

Мувофиқи консепсияи СБҲМ, ҳисоботи молиявӣ натиҷаҳои молиявии амалиёт ва дигар ходисаҳоро инъикос карда, онҳоро ба категорияҳои васеъ – **элемент** (ҷузъ, унсур) мувофиқи хусусиятҳои иқтисодиашон муттаҳид менамоянд. ***Элементҳои*** бевосита бо ***баҳодиҳии вазъи молиявӣ*** алоқаманданд - ***активҳо, ӯҳдадориҳо*** ва ***сармоя*** мебошанд, ки дар баланси бухгалтерӣ (тавозуни мусоҳибӣ) пешниҳод мешаванд. ***Элементҳое***, ки бевосита бо ***баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият*** алоқаманданд - ***даромад, хароҷот, фоида*** ва ё ***зарар*** буда, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар (ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ хоҷагӣ) пешниҳод мешаванд.

***Активҳо – ин захираҳои аз ҷониби ширкат назоратшаванда, ки натиҷаҳои ходисот ва амалиётҳои давраҳои пешин буда, дар худ фоидаҳои иқтисодии минбаъдаро таҷассум менамоянд.***

Активҳо дар баланс ба тариқи:

- қимматҳои пулӣ (монетарӣ) - воситаҳои пулӣ, маблағгузорӣ ва ӯҳдадориҳои қарзии харидорон ва дебиторон;
- қимматҳои моддӣ (ғайримонетарӣ) - захираҳои моливу моддӣ ва воситаҳои асосӣ;
- активҳои ғайримоддӣ, нишон дода мешаванд.

***Ӯҳдадориҳо – қарзҳои ширкат, ки камшавии потенсиалии актив ва даромадро пешбинӣ намуда, аз воқеа ва амалиётҳои давраҳои пешин ба миён омадаанд.*** Ӯҳдадориҳо дар баланси бухгалтерӣ дар намуди қарздории кредитории воқеӣ, ҳисобкардашуда, баҳоӣ ва шартӣ пешниҳод карда мешаванд.

***Сармояи азонихудӣ – ин ҳиссаест дар активҳои ширкат, ки баъди пардохти ҳамаи ӯҳдадориҳо боқӣ мондааст.*** Сармояи азонихудӣ дар баланс бо намуди сармояи гузошташуда, сармояи замшуда, фоидаи тақсимношуда ва сармояи захиравии аз он ташкилшаванда пешниҳод карда мешавад.

Муодилаи балансии тағйирёфта сармояи азонихудиро чунин муайян мекунанд:

**Сармояи азонихудӣ = Активҳо – Ӯҳдадориҳо**

Сармояи азонихудӣ активҳои соф – «нархи ширкат»-ро нишон медиҳад.

---

[3] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. -496. с. 20

[4] Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М: Финансы и статистика, 1997, с.283

**Пешниҳоди иттилооти бухгалтерӣ тавассути ҳисоботи молиявӣ**

Ҳисоботи молиявӣ (Financial statements) моделн воҳиди хоҷагидорист. Гарчанде он тасвири пурра ва ҳаққонии вазъи корро пешниҳод намекунад, беҳтарин саъйу кӯшиши бухгалтер дар ин самт мебошад.

Ҳисоботи молиявии аз ҷониби ширкат тахияшаванда ба ду гурӯҳ тақсим тақсим мешавад: хисобот барои санаи аниқ ва ҳисоботи даврави.

Мутобиқи СБҲМ, ҳисоботи молиявӣ аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат аст:

1. ***Ҳисобот оиди вазъи моликиятӣ – баланси бухгалтерӣ (тавозуни муҳосибавӣ - Balance sheet)***, ки барои таърихи мушаххас таҳия шуда, дорои маълумот оиди активҳо, ӯҳдадориҳо ва бузургии сармояи азонихудист. Баланси бухгалтерӣ ҳамчун «акси фотографии» вазъи моликиятии ширкат дар таърихи муайян маълум аст.
2. ***Ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагӣ – ҳисобот оиди фоида ва зарар (Income statement ё Profit and Loss statement/Account)***, ки маълумотро оиди фаъолияти вобаста бо бунёди фоида, ё худ воситаҳои ба дастомада (даромад) ва харчшуда (хароҷот) дар даврai муайян дарбар мегирад. Мақсади асосии ҳар кадом ширкат – новобаста аз ном ва хусусияти фаъолият ба даст овардани фоида, ё худ зиёда кардани боигарист. Бинобар ин ҳисобот оиди фоида ва зарар бисёр муҳим аст, чунки он натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ – хоҷагии ширкатро нишон медиҳад.
3. ***Ҳисобот оиди ҳаракати сармояи азонихудӣ (Statement of owner's equity)*** – ҳисоботест, ки дар он тағйирёбии воситаҳои аз ҷониби соҳибмулк гузошта ва бозпас гирифташуда, ё дар натиҷаи фаъолият тӯли даврai муайян бадастомадаро нишон медиҳанд.
4. ***Ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда (реинвестированной прибыли -Statement of retained earnings)*** - ҳисоботест, ки натиҷаҳои фаъолияти ширкатро барои тамоми даврai мавҷудияти он ва самтҳои истифодабарии фоидаро нишон медиҳад.
5. ***Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ (Statement of cash flows)*** – ҳисоботест, ки таъсири фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ва сармоягузории ширкатро ба вазъи воситаҳои пулӣ дар даврai муайян нишон медиҳад.

Маълумотҳои ҳамаи ҳисоботҳои номбаршуда байни худ алоқаманданд. Фоидаи софи дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишондодашуда, фоидаи тақсимнашударо дар ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда зиёд мекунад, бақияи ниҳоии фоидаи тақсимнашуда бузургии сармояи азонихудиро афзун намуда, бузургии сармояи азонихудӣ дар баланси бухгалтерӣ инъикос мегардад (ниг. Ба расми 3).




Расми 3. Алоқамандии ҳисоботи молиявӣ

**Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ**

Пеш аз оне, ки мо ба муоинакунии бевоситаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва баҳисобгирии бухгалтерӣ шурӯъ намоем, хуб мешуд, ки ба қафо, ба таърихи бавуҷудоӣ ва ташаккулёбии ҳисоботи бухгалтерӣ ва молиявӣ ба пуррагӣ назар афканем.

Бори аввал принсипи (ақидаи) навишти дутарафа барои баҳисобгирии амалиёти тиҷоратӣ аз ҷониби рӯҳонӣ даврai Таҷаддуди Лука Пачоли дар асри XIV мавриди истифода шуда буд. Гар чанде, ки аз он давраҳо тағйироти бисёре ба амал омадааст, аммо имрӯзҳо ҳам баҳисобгирии бухгалтерӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон аз рӯи ҳамон принсип сохта шудааст. Албатта бо тараққиёти тиҷорат, пайдоиши шаклҳои нави он, инчунин бо ташаккулёбӣ ва тағйирёбии қонунгузорӣ дар ҳар як мамлакати ҷаҳон хусусиятҳои ба худ хоси баҳисобгирии

молиявӣ ва ҳисобот ба вуҷуд омад. Имрӯз (ҳоло) комилан се низоми асосии ҳисобот ба шакл даровардa шудааст:

1) Англисӣ – амрикоӣ – дар асоси қонунгузории умумӣ ва принсипҳои баҳисобгирӣ сохта шудааст;
2) Аврупоӣ (континенталӣ) – аниқ бо рамз ифодакардашуда ва бо андозситонӣ зич алоқаманд, карда шудааст. Ба шакли охирон метавон инчунин, низоми ҷопонии баҳисобгирӣ ва ҳисоботро мансуб донист;
3) Америкаи ҷанубӣ – асоси ислоҳоти мунтазами алоқаманд бо таъсиррасонии ҳодисаҳои гиперинфлятсионӣ мебошанд, ки барои иқтисодиёти ин минтақа бисёр хос аст.

Барпошавии иттиҳоди Аврупо (ИА) ҳамчун таъсиси сиёсӣ ва афзоиши иттиҳодияҳои трансмиллӣ (ИТМ) ҳатман бояд ба тағйироти усулҳо (подход) ва баҳодиҳии баҳисобгирӣ оварда мерасонид. Ва агар сохти якумин бо рамз ифодакардашудаи тартибдиҳии ҳисоботи аврупоӣ таваҷҷӯҳи зиёдеро ба вуҷуд оварда бошад ҳам, баъди таҳлили муфассалтар афзалият ба сохти англисӣ – амрикоӣ дода шуда буд.

Ҳамин тавр, дар охирҳои асри XX дар ҷаҳон ду низоми бештар тараққиёфта ва бо маънии дигар рақобатноки баҳисобгирӣ ва ҳисобот ба вуҷуд омад: US GAAP/ПУББ (Принсипҳои умумиқабулшудаи амрикоии баҳисобгирии бухгалтерӣ ) ва IAS /СБББ (IFRS/СБҲМ) (СБББ – Стандартҳои байналмиллалии баҳисобгирии бухгалтерӣ/ СБҲМ – Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ). Сарфи назар аз таҳқурсии умумӣ доштаи ин ду низом онҳо хеле ҷиддан фарқ мекунанд ва ҳамчун натиҷа US GAAP/ПУББ имрӯз дар худ на он қадар принсипҳои баҳисобгириро муаррифӣ мекунад, чи қадаре, ки маҷмӯи сершумори қоидаҳо ҳолатҳои аниқи тасвиршударо дар он сурат чун мисли пештара, ки СБҲМ шакли аввала ё худ куҳнатаринро нигоҳ медорад. То соли 2001 танқиди бисёре нисбати Идораи Қумита оид ба стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (IASC/КСБҲМ) асосан алоқаманд бо он, ки стандартҳои аз ҷониби онҳо коркардашуда тағйиротҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ баамалояндаро ба инобат нагирифтаанд, тақсим шуд. Ҳамаи ин ба он оварда расонид, ки апрели соли 2001 Кумитаи соли 1973 барпошуда аз нав ташкил ёфт ва дар айни ҳол Шӯро оиди стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (IASB/ШСБҲМ) бунёд ёфт ва фаъолият менамояд, ки ба вазифаҳои он такмилдиҳии қоидаҳои амалкунанда дохил мешавад. Дар натиҷаи кашмакашҳои зиёди бухгалтерӣ, ки бо ширкатҳои ба монанди Enron, WorldCom, Artur Andersen алоқаманд, бисёрс аз тарафдорони истифодаи глобалии US GAAP/ПУББ ба он майл намуданд, ки дар ҳар ҳол ба сифати низоми умумии ҳисобот албатта, баъди коркардҳои даҳлдор воқиъ аст, СБҲМ истифода шавад.

Аз лаҳзаи бавуҷудоии худ IASC/КСБҲМ (IASB/ШСБҲМ) бо барномаи коркарди стандартҳои баҳисобгирие, ки дар тамоми дунё эътирофи зиёд пайдо кардааст, машғул мебошад. Дар ибтидо IASC/КСБҲМ 38 стандартҳои байналмиллалии баҳисобгирии бухгалтериро баровард (IAS/СБББ). Стандартҳо бо шарҳояшон (SIC/КДШ и IFRIC/КШБҲМ) пурра карда шудаанд.

Шӯро оиди стандартҳои баҳисобгирии молиявии ИМА (FASB/ШСБМ) ва Комиссия (Ҳайат) оид ба қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои ИМА (SEC/ҚҚҚБ), (IASB/ШСБҲМ) - ро ба сифати ташкилоти умумиҷаҳонӣ оид ба ҷорикунии (барқароркунии) стандартҳо дастгирӣ менамоянд. IASB/ШСБМ ва FASB/ ШСБМ барои гузаронидани барнома оид ба наздик мутобиқкунии (конвергенсия) стандартҳо қарордод карданд.

Соли 2004 дар натиҷаи пурсишҳо ва танқидҳои стандартҳо аз тарафи мақомотҳои танзимкунанда оид ба қоғазҳои қимматнок, муҳосибони касбӣ ва дигар шахсон (IASB/ШСБҲМ) 13 стандартро аз нав дида баромад. Дар давраи аз соли 2004 то соли 2007 инчунин 8 стандартҳои нави СБҲМ дар чорчубаи ҳамкорӣ бо (FASB/ШСБМ) лоиҳа оид ба мутобиқкунии стандартҳо қабул шуда буданд.

Дар моҳи июни соли 2002 Шӯрои вазирони ИА қарор қабул намуд, ки аз 1 январи соли 2005 ҳамаи ширкатҳое, ки дар биржаи Аврупо ба қайд гирифта шудаанд, ӯҳдадор ҳастанд ҳисоботҳои худро бо СБҲМ тартиб диҳанд. Аксарияти давлатҳо қабули СБҲМ – ро дастгирӣ менамоянд. Ҳамин тавр соли 2004 Руссия дар муносибатҳои бонкиаш ба СБҲМ гузашт. Давлатҳои Шарқи Миёна, аз ҷумла Баҳрен, Кувайт, Иордания, Қатар, Лубнон ва Оман, инчунин СБҲМ – ро ба сифати стандартҳои баҳисобгирии миллӣ қабул карданд. Аз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Қирғизистон конун дар бораи қабул намудани СБҲМ – ро тасдиқ намуд, Қазоқистон бошад, аллакай онҳоро истифода менамояд. СБҲМ дар аксари давлатҳои ИА, Австралиё, Гонконг ва Африқои Ҷанубӣ қабул шудааст. Инчунин бисёри

биржаҳои фондӣ барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ширкатҳо. ки мутобиқи СБҲМ таёркарда шудаанд, қабул менамоянд.

Шикасти (Рахнашавии) чиддии навбатӣ дар соҳаи ҷорикунии СБҲМ тасдиқи Кумитаи Базелск оид ба назорати фаъолияти бонкии онҳо шуд.

Бозгаштан ба барномаи зикршуда оид ба такмилдиҳии стандартҳои байналмиллалӣ IASB/ШСБМ и азнавташкилкардашуда карор кабул намуд:

1. оиди тағйироти номҳои худи стандартҳо. Стандартҳои нав акнун стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS/СБҲМ) ном бурда мешаванд, на ин ки стандартҳои байналмиллалии баҳисобгирии бухгалтерӣ (IAS/СБББ);

2. стандартҳои мавҷуда (IAS/СБББ) то он вакте. ки аз нав дидабаромада ё инкор (қатъ) нашаванд, ба пуррагӣ истифода бурда мешаванд:

3. СБҲМ дар ҳисоботи умумии молиявии тамоми ташкилотҳои тиҷоратӣ новобаста аз шакли ташкилёбии онҳо истифода бурда мешавад. СБҲМ чи гунае, ки дар ҳисоботи фардӣ истифода мешавад. ҳамон гуна дар ҳисоботи муттаҳидшудаи (консолидированный) ширкатҳо истифода бурда мешавад. СБҲМ барои ташкилотҳои ғайри тиҷоратӣ ва давлатӣ таин карда намешавад.

Моҳи августи соли 2008 дар ҷамъомади махсусгузаронидашудаи аъзоёни SEC/ККҚББ оид ба ин масъала бо «кортҳои роҳ» ё ба таври дигар гӯем, бо нақшаи гузариши ИМА ба СБҲМ сар карда аз соли 2014 муайян карда шуд (бо вуҷуди он ба бисёре аз ширкатҳо истифодабарии пештар бешубҳа иҷозат дода мешавад). Ин нақшаи амалкунанда бо мақсади ифодаёбии фосилаҳои аниқ барои якчанд сол пеш мебошад. Дар ҳолати бо муввафақият иҷрокунии онҳо ҳисоботи пешниҳодменамудаи ширкатҳо ба SEC/КҚҚБ мувофиқи СБҲМ чи хеле, ки ҳоло бо низоми US GAAP/ПУББ тартиб дода мешавад, пешниҳод карда мешавад.

Фаҳмиши «умумиҷаҳоникунонӣ» (раванди бартарафкунии монеаҳо барои рушди тиҷорати берунаи озод ва мутаҳидкунии (интегратсияи) наздиктари иқтисодиёти миллӣ) дар замони ҳозира хеле зиёд истифода бурда мешавад, гар чанде 10 сол қабл аз ин вай нисбатан дер - дер во мехурд. Дар чорчубаи умумиҷаҳоникунонӣ мутаҳидкунии байналхалқии бозорҳои мол, хадамот ва сармоя ба вуҷуд меоянд. Агар пештар ширкатҳо маблағгузоро дар бозорҳои дохилӣ баҳисоб мегирифтанд, ҳоло бошад онҳо метавонанд сармояи қарзӣ ва саҳомиро чи тавре, ки дар дохили давлате, ки фаъолият мекунанд, ҳамон тавр дар берун аз он ҷалб намоянд. Яке аз бартариятҳои асосии СБҲМ дар он аст, ки онҳо ба бозори байналхалқии сармоя имконият медиҳанд, ки натиҷаи фаъолияти ширкатҳои ҳархеларо дар давлатҳои гуногун бо тарзи самараноктар баҳогузорӣ ва муқоиса намоянд, назар ба оне, ки беистифодаи СБҲМ имконпазир аст. Ин барои ҷалби сармоя ба ширкатҳо самаранок кумак мекунад ва имкон медиҳад, ки хароҷоти ҷалб намудани он кам карда шавад.

Дар натиҷа, дар давоми ҳафт соли охир низоми ҷаҳонии ҳисоботи молиявӣ тавсифдиҳии миқдори зиёди стандартҳои нопурраи миллиро бас намуд ва ба вазъияти имрӯза рӯй овард, вақте ки ба сифати таҳкурсии тайёрнамоии ҳисоботи молиявӣ ду низом: СБҲМ ва US GAAP/ПУББ ҷудо шуда буд. Бо вуҷуди ин, бадастории мақсади интиҳоӣ, ки барои сознои додани низоми ягонаи стандартҳои ҳисоботи молиявӣ дар оянд дидашаванда, ҳоло реалӣ менамоянд, тааҷҷубовар аст.

**<u>Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ – СБҲМ ба 01 январи соли 2009:</u>**

| | | |
|---|---|---|
| | | **Принсипҳои тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ** (Framework for the Preparation and Presentation of Financial Statements) |
| 1. | СБҲМ (IAS) 1 | **Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ** (Presentation of Financial Statements) |
| 2. | СБҲМ (IAS) 2 | **Захираҳо** (Inventories) |
| 3. | СБҲМ (IAS) 7 | **Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ** (Statement of Cash Flows) |
| 4. | СБҲМ (IAS) 8 | **Сиёсати ҳисобдорӣ, тағйирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ ва хатогиҳо** (Accounting Policies. Changes in Accounting Estimates and Errors) |
| 5. | СБҲМ (IAS)10 | **Ҳодисаҳо пас аз санаи тартибдиҳии ҳисобот** (Events after the Reporting Period) |

| | | |
|---|---|---|
| 6. | СБҲМ (IAS)11 | **Шартномаҳо бо сохтмон** (Construction Contracts) |
| 7. | СБҲМ (IAS)12 | **Андоз аз фоида** (Income Taxes) |
| 8. | СБҲМ (IAS)16 | **Воситаҳои асосӣ** (Property, Plant and Equipment) |
| 9. | СБҲМ (IAS)17 | **Иҷора** (Leases) |
| 10. | СБҲМ (IAS)18 | **Даромад** (Revenue) |
| 11. | СБҲМ (IAS)19 | **Ҳавасмандгардонии кормандон** (Employee Benefits) |
| 12. | СБҲМ (IAS)20 | **Ҳисобгирии кӯмакҳои давлатӣ ва кушодадиҳии иттилооти оиди ёри давлатӣ** (Accounting for Government Grants and Disclosure of Government Assistance) |
| 13. | СБҲМ (IAS) 21 | **Таъсири тағйирёбии мубодилаи курсҳои арзӣ** (The Effects of Changes in Foreign Exchange Rates) |
| 14. | СБҲМ (IAS) 23 | **Хароҷоти қарзӣ** (Borrowing Costs) |
| 15. | СБҲМ (IAS) 24 | **Ифшои иттилоот оиди тарафҳои алоқаманд** (Related Party Disclosures) |
| 16. | СБҲМ (IAS) 26 | **Ҳисобгирӣ ва ҳисобот оиди нақшаҳои нафақавӣ** (Accounting and Reporting by Retirement Benefit Plans) |
| 17. | СБҲМ (IAS) 27 | **Ҳисоботи молиявии муттаҳида ва алоҳида** (Consolidated and Separate Financial Statements) |
| 18. | СБҲМ (IAS) 28 | **Сармоягузориҳо дар ширкатҳои вобаста** (Investments in Associates) |
| 19. | СБҲМ (IAS) 29 | **Ҳисоботи молиявӣ дар иқтисодиёти гиперинфлятсионӣ (беқурбгардии шадид)** (Financial Reporting in Hyperinflationary Economies) |
| 20. | СБҲМ (IAS) 31 | **Иштирок дар фаъолияти муштарак** (Interests in Joint Ventures) |
| 21. | СБҲМ (IAS) 32 | **Воситаҳои молиявӣ: ифшо ва пешниҳоди иттилоот** (Financial Instruments: Presentation) |
| 22. | СБҲМ (IAS) 33 | **Фоида аз саҳмияҳо** (Earnings per Share) |
| 23. | СБҲМ (IAS) 34 | **Ҳисоботи молиявии фосилавӣ** (Interim Financial Reporting) |
| 24. | СБҲМ (IAS) 36 | **Камнархшавии дороиҳо** (Impairment of Assets) |
| 25. | СБҲБ (IAS) 37 | **Захираҳои баҳодиҳи, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ** (Provisions, Contingent Liabilities and Contingent Assets) |
| 26. | СБҲМ (IAS) 38 | **Дороиҳои ғайримоддӣ** (Intangible Assets) |
| 27. | СБҲМ (IAS) 39 | **Воситаҳои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ** (Financial Instruments: Recognition and Measurement) |
| 28. | СБҲМ (IAS) 40 | **Моликияти сармоягузорӣ** (Investment Property) |
| 29. | СБҲМ (IAS) 41 | **Хоҷагии кишлоқ** (Agriculture) |
| 30. | СБҲМ (IFRS) 1 | **Нахустин истифодабарии СБҲМ** (First-time Adoption of IFRS) |
| 31. | СБҲМ (IFRS) 2 | **Пардохтҳо бо истифодаи саҳмия** (Share-based Payment) |
| 32. | СБҲМ (IFRS) 3 | **Муттаҳидкунии бизнес** (Business Combinations) |
| 33. | СБҲМ (IFRS) 4 | **Шартномаҳои суғуртавӣ** (Insurance Contracts) |
| 34. | СБҲМ (IFRS) 5 | **Дороиҳои ғайригардони барои фурӯш таъиншуда ва фаъолияти қатъгардида** (Non-current Assets Held for Sale and Discontinued Operations) |
| 35. | СБҲМ (IFRS) 6 | **Иктишоф ва баҳодиҳии захираҳои минералӣ** (Exploration for and Evaluation of Mineral Resources) |
| 36. | СБҲМ (IFRS) 7 | **Воситаҳои молиявӣ:** ифшо (Financial Instruments: Disclosures) |
| 37. | СБҲМ (IFRS) 8 | **Сегментҳои** (банду басти) **амалиётӣ** (Operating Segments) |
| 38. | СБҲМ барои КХМ (IFRSs for SMEs) | **СБҲМ барои корхонаҳои хурду миёна** (9 июли 2009 сол бароварда шуд) |

**Шарҳҳо:**
КДШ (SIC) – Кумитаи доимамалкунанда оиди шарҳдиҳӣ (то марти соли 2002);
КШҲМБ (IFRIC) – Кумита оид шарҳдиҳии ҳисоботи молиявии байнамилалӣ (собиқ КДШ (SIC)).

| | |
|---|---|
| КДШ (SIC) 7 | Ҷорӣкунии Евро (Introduction of the Euro) |
| КДШ (SIC) 10 | Ёри давлатӣ - мавҷуд набудани алоқамандии мушаххас бо фаъолияти амалиётӣ (Government Assistance - No Specific Relation to Operating Activities) |
| КДШ (SIC) 12 | Муттаҳидкунии корхонаи таъиноти махсусдошта (Consolidation -Special Purpose Entities) |
| КДШ (SIC) 13 | Корхонаҳои назорати муштаракдошта - саҳмҳои ғайримонетарӣ иштирокчиёни соҳибкории муштарак (Jointly Controlled Entities - Non-Monetary Contributions by Venturers) |

| | |
|---|---|
| КДШ (SIC) 15 | Ичораи амалиётӣ – ҳавасмандгардониҳо (Operating Leases - Incentives) |
| КДШ (SIC) 21 | Андоз аз фоида – чуброни дороиҳои истеҳлокнашавандаи аз навбаҳододашуда (Income Taxes - Recovery of Revalued Non-Depreciable Assets) |
| КДШ (SIC) 25 | Андоз аз фоида –тағйироти мақоми андозии корхона ё саҳҳомони он (Income Taxes - Changes in the Tax Status of an Entity or its Shareholders) |
| КДШ (SIC) 27 | Таҳлили моҳияти созишҳои (муомилаи) шакли ичораи ҳуқуқидошта (Evaluating the Substance of Transactions Involving the Legal Form of a Lease) |
| КДШ (SIC) 29 | Ифшои иттилоот – созиши имтиёзҳо барои пешниҳоди хадамот (Service Concession Arrangements: Disclosures) |
| КДШ (SIC) 31 | Даромад аз амалиётҳои мубодилотие, ки хизматрасонии таблиғотиро дар бар мегиранд(Revenue - Barter Transactions Involving) |
| КДШ (SIC) 32 | Дороиҳои ғайримоддӣ хароҷоти Веб Сайт (Intangible Assets - Web Site Costs) |
| КШҲМБ (IFRIC) 01 | Тағйирот дар ӯҳдадориҳои мав уда оид ба хори кардани объектҳо аз истифода, барқарорсозии захираҳои таби ва дигар ӯҳдадориҳои ҳаммонанд (Changes in Existing Decommissioning. Restoration and Similar Liabilities) |
| КШҲМБ (IFRIC) 02 | Ҳиссаи иштирокчиён дар корхонаҳои кооперативӣ ва воситаҳои ҳаммонанд (Members' Shares in Co-operative Entities and Similar Instruments) |
| КШҲМБ (IFRIC) 04 | Муайянкунии мавҷудияти эътирофи аломатҳои шартномаи ичоравӣ дар созишнома (Determining whether an Arrangement contains a Lease) |
| КШҲМБ (IFRIC) 05 | Ҳуқуқҳои иштирок дар бунёдҳои маблағгузории хори кунии объектҳо аз истифодабарӣ, азнавободон ва барқарорсозии эколог (Rights to Interests arising from Decommissioning, Restoration and Environmental Rehabilitation Funds) |
| КШҲМБ (IFRIC) 06 | Ӯҳдадориҳои вобаста аз фаъолият дар бозори махсус – бозори партовҳои таҷҳизоти барқӣ ва электронӣ бавуҷудоянда (Liabilities arising from Participating in a Specific Market -Waste Electrical and Electronic Equipment) |
| КШҲМБ (IFRIC) 07 | Татбиқи муносибат ба азнавҳисобкунии моддаҳои ҳисоботи молияв мутобиқи СБҲМ (IAS) 29 «Ҳисоботи молияв дар иқтисодиёти гиперинфлятсион » (Applying the Restatement Approach under IAS 29 Financial Reporting in Hyperinflationary Economies) |
| КШҲМБ (IFRIC) 08 | Доираи истифодаи СБҲМ (IFRS) 2 (Scope of IFRS 2) |
| КШҲМБ (IFRIC) 09 | Баҳодиҳии такрории воситаҳои истеҳсолии ҳосилавӣ (Reassessment of Embedded Derivatives) |
| КШҲМБ (IFRIC) 10 | Ҳисоботи молиявии фосилави ва камнархшавӣ (Interim Financial Reporting and Impairment) |
| КШҲМБ (IFRIC) 11 | СБҲМ (IFRS) 2 амалиёт бо саҳмияҳои хазинадорӣ ва ширкати гурӯҳҳо (IFRS 2 - Group and Treasury Share Transactions) |
| КШҲМБ (IFRIC) 12 | Шартномаҳо оиди консессия(имтиёз)-ҳо барои хизматрасонӣ (Service Concession Arrangements) |
| КШҲМБ (IFRIC) 13 | Барномаҳои таъмини дурусткории харидорон (Customer Loyalty Programmes) |
| КШҲМБ (IFRIC) 14 | СБББ (IAS) 19 – маҳдуднамоии дороиҳо аз рӯи пардохтҳои муайяншуда, талаботҳои ҳадди аққали маблағгузорӣ ва робитаи мутақобилаи онҳо (IAS 19 - The Limit on a Defined Benefit Asset, Minimum Funding Requirements and their Interaction) |
| КШҲМБ (IFRIC) 15 | Шартномаи сохтмони амволи ғайриманқул (Agreements for the Construction of Real Estate) |
| КШҲМБ (IFRIC) 16 | Хеҷирии сармоягузориҳои соф ба фаъолияти хориҷӣ (Hedges of a Net Investment in a Foreign Operation) |
| КШҲМБ (IFRIC) 17 | Тақсимоти дороиҳои ғайрипулӣ (Distributions of Non-cash Assets to Owners) |

3392

**Мақоми бухгалтер дар идоракунӣ ва асосҳои одоби касбӣ**

***Аз таърих:* Соли 1944 нишони байналхалқии бухгалтерон таъсис ёфта буд: аз канори он навиштаҷот – «Илм, Виҷдон, Мустақилият.» Дохили тасвир: офтоб – «Баҳисобгирии бухгалтерӣ тамоми фаъолияти хоҷагиро равшан месозад», тарозу - «Баланс», каҷхатаи Бернулли – «Баҳисобгирии бухгалтерӣ замоне пайдо гардида, то абад мавҷуд хоҳад буд».**

Гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ масъалаҳои зиёдеро ба миён овард, ки онҳо хоси давраи гузариш мебошанд. Қисми асосии сохторҳои давлатӣ хусусӣ кунонида шуда, субъектҳои тиҷорати хурд ва миёна, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ пайдо шудаанд, лекин баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ аз ин табаддулотҳои бозорӣ хеле қафо мондааст. Дар чунин шароит нақши муҳимро дар мавриди қабули қарорҳои идоракунӣ бухгалтер мебозад, зеро ӯ бояд масъаларо ҳаматарафа омӯхта, таҳлил намояд, дараҷаи хавфро муайян намуда, фоидаи пешбинишуда ё худ зарарро ҳисоб кунад, роҳҳои ҳалли масъаларо муқаррар карда, барои қабули қарорҳои мувофиқ ба роҳбарият пешниҳод кунад.

Дар робита бо гузариш ба стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ, ки асосан ба инкишофи бизнеси хурд ва миёна равона карда шудааст, нуфузи касби бухгалер меафзояд. Бухгалтери ҳақиқӣ бояд на танҳо бухгалтер бошад, балки вай бояд дорои донишҳо оиди қонунгузорӣ, менеҷменти молиявӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияи компютерӣ низ бошад.

Барои бастани шартномаҳо бо шарикон оиди таъмини мол ва иҷроиши корҳо (хадамот) маълумот доир ба мавҷудияти воситаҳо дар банк ва воридоти минбаъдаи воситаҳои пулии пешбинишуда, ҳамчунин қудрати пардохтадокунӣ аз рӯи андоз ва қарзҳои кредиторон хеле зарур аст. Пешниҳоди объективии ин гуна маълумот дар навбати аввал аз бухгалтер вобаста аст.

Барои қабули қарор нисбати гирифтани қарз аз бонк ё худ ҷалби сармоя, кори ниҳоят муҳим дар пеш аст, ки он аз муайянкунии зарурати гирифтани қарз, ё худ ҷалби сармоя,хароҷот қаблии давраҳои минбаъда ва муҳлати таловият (хароҷотбарорӣ), ҳамчунин дараҷаи хавфи амалиёти содиршаванда вобаста аст. Илова бар ин, нақши махсус ба муҳосиб тааллуқ дорад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ касби шавқовар, эҷодӣ ва бонуфузу музди хуб доштаро ба вуҷуд овард. Намояндагони касби мазкур метавонанд аз рӯи самтҳои зерин мутахассис шаванд:

- бурдани баҳисобгирии молиявӣ ва таҳияи ҳисобот дар доираи як воҳиди хоҷагидорӣ;
- фаъолияти аудиторӣ – консалтингӣ;
- фаъолияти мустақилонаи бухгалтерӣ;
- фаъолияти омӯзгорӣ.

Мувофиқан, дар аксарияти давлатҳо намояндагони касби бухгалтерӣ кордонии худро бо роҳи аз санҷиш (атестатсия) гузаштан собит месозанд, то ки дараҷаи ихтисоси аз тарафи умум эътирофшуда – бухгалтери касбиро (ҷамъиятӣ, дорои сертификат, савгандёдкарда) доро гарданд. Чунончӣ, дар ИМА номзадон метавонанд дорои дараҷаи тахассусии CMA(Certified Management Accountant) ё худ CPA (Certified Public Accountants) танҳо дар сурати тайёрии дуру дароз ва супоридани якчанд имтиҳон, ҷавобгӯ будан ба талаботҳои муқарраргардида вобаста ба маълумот ва корноямии касбӣ шаванд. Барои бухгалтери касбӣ гардидан, номзадон бояд ба талаботҳои қатъӣ, ки воқеан дар аксари кулли мамолик шабеҳи якдигаранд, ҷавобгӯ бошанд. Дар аксарияти давлатҳо аз номзад мавҷудияти маълумоти олии касбӣ, супоридани имтиҳонот барои сертификат (гувоҳнома) ва обрӯву эътибори бенуқсон талаб карда мешавад. Дар Олмон бошад, бар замми ин ҳама, номзадон то оғози фаъолияти касбӣ ба намуди зайл савганд ёд мекунанд: «***Ба номи Худованди Басир ва Тавоно савганд мехӯрам, ки бо тамоми масъулият ва аз рӯи виҷдон адои вазифаи бухгалтер – аудиторро иҷро мекунам, бо ҷидду ҷаҳди хоса махфиятро ҳимоя мекунам, холисона ва объективона санадҳои санҷишии аудиториро (ҳисоботи молиявиро), инчунин хулосаро аз рӯи онҳо таҳия менамоям. Худо мададгори ман бошад***! »[5].

Дар сатҳи байналхалқӣ, аз с. 1973 сар карда, иттиҳодияи байналхалқии бухгалтерони касбӣ – Федератсияи Байналхалқии Бухгалтерон (ФББ - IFAC) фаъолият мебарад, ки дар назди он ба тариқи соҳибихтиёрӣ кумита оид ба стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (КСБҲМ - IASB) амал мекунад. Кумитаи мазкур бо коркард ва паҳнкунии

---

[5] Адамс Р. Основы аудита: Пер. с англ. /Под ред. Я.В.Соколова –М.; Аудит, ЮНИТИ, 1995 –398с.

стандартҳои ҳисоботи молиявӣ машғул аст. Яке аз самтҳои фаъолияти кумита ин коркарди талаботҳо ва қоидаҳои одобу рафтор барои бухгалтерони касбист.

Одоби касбӣ барои ҳамаи намояндагони соҳаи иқтисодиёт вуҷуд дорад. Ин талабот ва принсипҳои муайян дар рафтори бухгалтерони касбӣ мебошад. Маҷмӯаи қавоид, тавсия ва меъёрҳои одоби бухгалтерони касбӣ дар Кодекси этикӣ инъикос гардидаанд, ки аз ҷониби Федератсияи Байналхалқии Бухгалтерон кор карда шудааст. Кодекс меъёрҳои ахлоқии бухгалтеронро муқаррар намуда, принсипҳои асосиеро, ки бояд онҳоро бухгалтерони касбӣ риоя намоянд, дарбар мегирад.

Мувофиқи кодекси этикии бухгалтерони касбӣ намояндагони ин касб бояд кори худро дар асоси меъёрҳои касбӣ, босифат, саривақт ва натиҷанок ба анҷом расонанд. Илова бар ин, бояд талаботҳои зеринро риоя кард: эътимоднокӣ, кордонӣ, сифатнокии хадамот ва боварӣ. Ғайр аз ин, принсипҳои фундаменталие мавҷуданд, ки асоси маҳорати бухгалтеронро ифода мекунанд: поквиҷдонӣ, холисият, корозмудагии касбӣ, риояи махфият, ахлоқи касбӣ ва меъёрҳои техникӣ.

Дар замони ҳозира, вобаста ба гузаштахои аввали даҳсолаи ҷанҷолҳои (кашмакашҳои) бухгалтерӣ ва муфлисшавиҳои алоқаманд бо сохтакориҳои ҳисоботи молиявӣ дар ИМА, зарурияти шадиди ҷалб намудани диққат ба масъалаи ахлоқии касбӣ ба вуҷуд омад. Дар ҷавоб ба ин моҷаро ташкилотҳои касбӣ чун ба мисоли, Федератсияи Байналхалқии Бухгалтерон (ФББ / IFAC) бо роҳи аз нав дидаборӣ стандартҳои фаъолияти касбиро эътино намуданд.

Супориши **ФББ / IFAC** дар «Тараққиёти ҷаҳонӣ ва такмили касби бухгалтерӣ бо истифодабарии стандартҳои мутобиқшуда ба мақсади пешкаши хизматрасониҳои доимии аълосифат бар манфияти ҷамъият» мебошад. **ФББ / IFAC** *Кодекси ахлоқии бухгалтерони касбӣ*, ки аз 30 июни соли 2006 эътибор пайдо намудааст ва талаботҳои ахлоқиро барои бухгалтерони касбӣ муқаррар (муайян) менамояд, кор карда баромад. Тамоми ташкилотҳое, ки ба ФББ / IFAC дохил ҳастанд, бояд талаботҳои ин кодексро риоя намоянд. Принсипҳои асосии бунёдии ахлоқии Кодекс:

| | |
|---|---|
| [illegible] | Бухгалтери касбӣ бояд дар тамоми муносибатҳои касбӣ ва корӣ самимӣ ва боваиҷдон бошад. |
| [illegible] | Бухгалтери касбӣ набояд ба рӯи хотироварӣ, ихтилофи манфиятҳо, ба дигар шахсон фишор овардапро бо мақсади тағйирдиҳии мулоҳизаҳои касбӣ роҳ диҳад. |
| *Салоҳияти касбӣ ва бодиққатӣ* | Бухгалтери касбӣ бояд доимо дониш ва малакаи касбии худро дар сатҳи басанда барои расонидани хадамоти ихтисосноки касбӣ ба мизоҷ ё кордиҳанда дар асоси ғояҳои амалкунанда дар таҷриба, қонунгузорӣ ва методҳои кор нигоҳ дорад. Бухгалтери касбӣ ҳангоми хизматрасонии касбӣ бояд бо ҷиду ҷаҳд ва мувофиқи стандартҳои техникӣ ва касбии қабулшуда амал намояд. |
| *Махфият* | Бухгалтери касбӣ бояд махфияти иттилооте, ки дар натиҷаи муносибатҳои корӣ ва касбӣ ба даст овардааст, риоя намояд ва набояд чунин иттилоотро ба тарафи сеюм бе салоҳияти муносиби дахлдор ба истиснои ҳолатҳое, ки кушоиши чунин иттилоот ҳуқуқи юридикӣ ё касбӣ ё ҳуд ӯҳдадориҳои ӯро ҳукм менамояд, ошкор намояд. Ахбороти махфие, ки дар натиҷаи муносибатҳои корӣ ё касбӣ ба даст оварда мешавад, набояд ба мақсадҳои шахсии бухгалтери касбӣ ё тарафи сеюм истифода бурда шавад. |
| *Ахлоқи касбӣ* | Бухгалтери касбӣ бояд қонунгузориҳо ё батанзимдароришҳои мувофиқро риоя намояд, инчунин аз ҳар гуна амалҳое, ки бадномкунандаи касб мебошанд, худдорӣ намояд. |

Дар шароити иқтисоди бозорӣ бухгалтерон ғайр аз гирифтани маълумоти махсус оид ба баҳисобгирии бухгалтерӣ, бояд салоҳияти касбии худро бо роҳи гузариши сертификаткунонӣ ба гирифтани тахассуси касбии бухгалтер, супоридани имтиҳонҳои комплексӣ ва гирифтани сертификати дахлдор, тасдиқ намоянд. Ин кафолати сифати

хадамоте, ки аз ҷониби бухгалтер ба амал оварда мешавад, мебошад. Дар мамлакатҳои ғарбӣ ба сертификаткунонии бухгалтерон ташкилотҳои ҷамъиятии касбӣ (дар Британияи Кабир: Ассотсиатсияи бухгалтерони дорои сертификат – АССА, дар ИМА: Институти америкоии бухгалтерони ҷамъиятии дипломдор - AICPA).

**Сертификаткунонии дар ҷаҳон эътирофшудаи доираи баҳисобгирии бухгалтерӣ инҳо мебошанд:**

| | | |
|---|---|---|
| ACCA | Британияи Кабир | The Association of Chartered Certified Accountants<br>Асотсиатсияи бухгалтерони савгандёдкардаи сертификатдор<br>**(бо забони англисӣ)** |
| ACCA - DipIFR | Британияи Кабир | Диплом мувофиқи Ҳисоботи Молиявии Байналмиллалӣ<br>**(бо забони англисӣ)**<br>**(бо забони русӣ)** |
| CPA | ИМА | Certified Public Accountant<br>Бухгалтери ҷамъиятии сертификатдор<br>**(бо забони англисӣ)** |
| CGA | Канада | Certified General Accountant<br>Бухгалтери савгандёдкардаи сертификатдор<br>**(бо забони англисӣ)** |
| CAP/CIPA | ИДМ | Certified Accountant Practitioner<br>Бухгалтери таҷрибадори сертификатдор<br>Certified International Professional Accountant<br>Бухгалтери соҳибкасби байналхалқии сертификатдор<br>**(бо забони русӣ)** |
| CMA/CFM | ИМА | Certified Management Accountant/Certified in Financial Management<br>Бухгалтери сертификатдори идоравии /Сертификатдор оид ба Менеҷменти Молиявӣ<br>**(бо забони англисӣ)** |
| CIA | ИМА | Certified Internal Auditor<br>Сертификатдори Аудитори дохилии<br>**(бо забони англисӣ)** |

Дар қатори супоридани имтиҳонҳо бухгалтер дар худ ӯҳдадориҳои муайянро қабул менамояд ва оиди риояи Кодекси ахлоқи касбии бухгалтерон савганд ёд мекунад. Аз ин лиҳоз онҳоро бухгалтерони савгандёдкарда низ, меноманд.

Айни замон дар қаламрави собиқ Иттиҳодияи Шӯравӣ Шӯрои байналхалқии бухгалтерон ва аудиторони дорои гувоҳинома созмон ёфтааст ва бомуваффақият амал мекунад. Ин Шӯро аз ибтидои фаъолияти хеш дар ҷодаи такмили донишн бухгалтерони касбӣ, рушди ҳамкории иттиҳодияҳои онҳо корҳои назаррасеро ба сомон расонидааст. Мутобиқи оинномаҳои қабулшудаи ин ташкилоти бонуфуз, намояндагони касби бухгалтерӣ барои доро гардидани дараҷаҳои зерини касбӣ бояд аз санҷиш (аттестатсия) гузаранд:

- **Бухгалтери таҷрибадори сертификатдор – CAP;**
- **Бухгалтери соҳибкасби байналхалқии сертификатдор – CIPA.**

Барои гирифтани дараҷаи CAP номзадон бояд чунин имтиҳонҳоро супоранд:

- баҳисобгирии молиявӣ – 1 (беш аз 75 хол);
- баҳисобгирии молиявӣ – 1 (беш аз 75 хол);
- андоз ва ҳуқуқ (беш аз 75 хол);
- технологияи иттилоотӣ (сертификат - гувоҳнома).

Номзадоне, ки хоҳиши гирифтани дараҷаи дуюм – CIPA-ро доранд, бояд аз рӯи фанҳои зерин имтиҳонро бо дарёфти зиёда аз 75 хол супоранд:

- баҳисобгирии молиявӣ – 2;
- баҳисобгирии идоракунӣ – 2;
- аудит;
- менеҷменти молиявӣ.

Ғайр аз ин, аз номзадон аъзогии ҳатмӣ дар яке аз иттиҳодияҳои касбӣ ва мавҷудияти маълумоти касбӣ низ талаб карда мешавад.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ. 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 Душанбе, Минфин РТ. 2009 . - 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие – Алматы, 2002.
7. Финансовый учет. Часть1 и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
8. Качалин В.В. Финансовый учет и отчетность в соответствии со стандартами QAAP. 2-ое изд. перераб. - М: Дело. 1998. – 432с.
9. Мюллер Герхард Г. и др. Учет: международная перспектива 2 е изд. перераб. – М: Финансы и статистика. 1996. –136г.
10. [illegible] М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
11. [illegible] Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М: Финансы и статистика. 1997.. – 496с.
12. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М: Финансы и статистика, 1997
13. [illegible] Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М: Финансы и статистика, 1996.
14. Accounting principles Jack L. Smith, Robert M. Keith William L. Stephens. – 4th ed. – New York – [illegible]
15. [illegible] Intermediate Accounting. John Wiley &Sons,1989. ISBN: 0-471-63098-5


[illegible]

| | |
|---|---|
| *Активҳо* | ***Чизе, ки дар ихтиёр дорем ё аз мо қарздоранд (аз онҳо гирифтани фоидаи минбаъда пешбинӣ шудааст)*** |
| ***Ӯҳдадориҳо*** | ***Чизе, ки мо аз дигарон қарздорем (онҳо харҷи иқтисодӣ, хориҷшавии захираҳоро дар оянда пешбинӣ менамоянд)*** |
| ***Капитал (сармоя)*** | ***Фарқи мусбии байни активҳо ва ӯҳдадориҳо*** |

***Активы = обязательства + капитал***

**Саволҳо ва масъала барои худсанҷӣ**

1. Моҳияти баҳисобгирии бухгалтерӣ дар чист?
2. Барои чӣ баҳисобгирии бухгалтериро «забони бизнес» меноманд?
3. Ахбороти бухгалтерӣ чӣ арзише дорад?
4. Барои чӣ истифодабарандагони беруна бештар ба эътимоднокии ахбороти бухгалтерӣ таваҷҷӯҳ доранд?
5. Зарурияти тақсими баҳисобгирии бухгалтерӣ ба молиявӣ ва идоракунӣ дар чист?
6. Нақши ченаки пулӣ дар ҷараёни баҳисобгирӣ ва ҳисобот аз чӣ иборат аст?
7. Се шакли фаъолияти ташкилӣ – хоҷагиро тавсиф кунед.
8. Ба вазъи молиявӣ таъриф дода, таъсири амалиётҳои хоҷагиро ба он нишон диҳед.
9. Таърифи активҳо, ӯҳдадориҳо ва сармояи азонихудиро диҳед.
10. Почему компании составляют финансовые отчеты?
11. Фарқи байни ахбороти ҳисобот оиди фоида ва зарар ва ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда дар чист?
12. Барои чӣ қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ аз бухгалтер вобаста аст?

***Масъалаи 1. Амалиётҳои балансӣ***

1. ***Фикр кунед, ки чӣ гуна амалиёт воқеъ гардидааст;***
2. ***Таҳлил кунед, ки ба кадоме аз ҳисобҳо таъсир расонида шудааст;***
3. ***Амалиётҳоро бо ёрии мукотиботи журналӣ акс намоед;***
4. ***Натиҷаҳои амалиётҳоро дар баланси бухгалтерӣ нишон диҳед.***

1. Бизнеси худро бо роҳи фурӯши саҳмияҳои оддӣ ба маблағи 10 000 в.ш. оғоз кунед. Маблағи фурӯш бо таври нақд гирифта шуд:

*Балланси бухгалтерӣ*

| | |
|---|---|
| ***Активҳо*** | ***Ӯҳдадориҳо*** |
| Воситаҳои пулӣ__________ | Васиқа барои пардохт__________ |
| ЗММ__________ | ***Сармоя*** |
| Воситаҳои асосӣ__________ | Саҳмияҳои оддӣ__________ |
| | Сармояи изофашуда__________ |
| ***Ҳамагӣ активҳо***__________ | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя***__________ |

2. Бо истифодаи қисми пули нақд – 5 000 в.ш. биноеро харид кунед:

*Балланси бухгалтерӣ*

| | |
|---|---|
| ***Активҳо*** | ***Ӯҳдадориҳо*** |
| Воситаҳои пулӣ__________ | Васиқа барои пардохт__________ |
| ЗММ__________ | ***Сармоя*** |
| Воситаҳои асосӣ__________ | Саҳмияҳои оддӣ__________ |
| | Сармояи изофашуда__________ |
| ***Ҳамагӣ активҳо***__________ | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя***__________ |

3. **Ба ҷои** истифодаи пули нақд барои хариди бино, аз бонк қарзро аз рӯи васиқа ба маблағи 5000 в.ш. гирифта, биноро харед. Банк хариди Шуморо ба таъминкунанда пардохт мекунад:

*Балланси бухгалтерӣ*

| | |
|---|---|
| ***Активҳо*** | ***Ӯҳдадориҳо*** |
| Воситаҳои пулӣ__________ | Васиқа барои пардохт__________ |
| ЗММ__________ | ***Сармоя*** |
| Воситаҳои асосӣ__________ | Саҳмияҳои оддӣ__________ |
| | Сармояи изофашуда__________ |
| ***Ҳамагӣ активҳо***__________ | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя***__________ |

Оё ҷамъи баланс тағйир ёфт?

4. Ба таври кӯмаки ройгон ба маблағи 1 000в.ш. пули нақдро гирифтем :

*Балланси бухгалтерӣ*

| | |
|---|---|
| ***Активҳо*** | ***Ӯҳдадориҳо*** |
| Воситаҳои пулӣ__________ | Васиқа барои пардохт__________ |
| ЗММ__________ | ***Сармоя*** |
| Воситаҳои асосӣ__________ | Саҳмияҳои оддӣ__________ |
| | Сармояи изофашуда__________ |
| ***Ҳамагӣ активҳо***__________ | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя***__________ |

5. Ба маблағи 2 000в.ш. -и нақд молҳоро харид кардем.

*Балланси бухгалтерӣ*

| | |
|---|---|
| ***Активҳо*** | ***Ӯҳдадориҳо*** |
| Воситаҳои пулӣ__________ | Васиқа барои пардохт__________ |
| ЗММ__________ | ***Сармоя*** |
| Воситаҳои асосӣ__________ | Саҳмияҳои оддӣ__________ |
| | Сармояи изофашуда__________ |
| ***Ҳамагӣ активҳо***__________ | ***Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя***__________ |

# Боби 2. Таълимот дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявии таснифотӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Мақсади иттилооти молиявӣ*
*Тавсифномаҳои сифатии иттилооти молиявӣ*
*Фарзиятҳои умдатарини иттилооти молиявӣ*
*Таълимот дар баҳисобгирии молиявӣ ва одоби пешниҳоди ҳисобот*
*Баланси таснифии бухгалтерӣ*
*Шаклҳои ҳисобот оиди фоида ва зарар*
*Ҳисоботҳои молиявии дигар*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

**Мақсади омӯзиш**

Пас аз омӯхтани бахши мазкур шумо бояд чунин амалҳоро иҷро намуда тавонед:

- дарки мақсади таҳиякунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ;
- номбаркунии тавсифномаҳои сифатии иттилооти баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- тавсифи умдатарин фарзиятҳо;
- [illegible] тавсифномаҳои сифатӣ ва фарзият мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ;
- пешниҳоди ҷузъҳои асосии ҳисоботи молиявӣ ва номбаркунии муҳимтарин хислатҳои [illegible] онҳо;
- фарқ карда тавонистани ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ дар мавриди таҳлили амалиётҳои [illegible];
- [illegible] баланси бухгалтерӣ;
- [illegible] ва зарар аз рӯи вазифа ва хусусиятҳои хароҷот;
- [illegible] ҳисоботи молиявӣ ва тавсифи ҳар яки онҳо.

**[illegible]**

[illegible] ҷаҳон аз ҷониби ҳамаи субъектони [illegible]. Сарфи назар аз тафовути мавҷудбуда дар шаклу [illegible] шароитҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишварҳои мухталиф ба [illegible] мақсади ҳисоботи молиявӣ [illegible] то ҳадди ниҳоӣ қонеъ гардонидани ниёзи [illegible] доираи васеи истифодабарандагон(истифодабарандагон) мебошад.

Қатъи назар аз он, ки дар ҳар кишвар:

- [illegible] ба худ хоси миллӣ қоидаҳои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро [illegible] намудаанд;
- ҳисобот ба самъи истифодабарандагони мушаххас равона карда мешавад;
- [illegible] ҳисоботи молиявӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун эътироф карда шуда, системаҳои гуногуни ченкунӣ истифода мешаванд;
- шароитҳои ба худ хоси иҷтимоӣ – маишӣ ва ҳуқуқӣ арзи вуҷуд доранд, аммо дар амал мафҳумҳо ва истилоҳоти объектҳои баҳисобгирии бухгалтерии якранг истифода мешаванд. Вобаста аз трансмилликунонӣ ва куллигардонии(глобаликунонии) равандҳои иқтисодӣ, зарурати ба шакли якхела даровардан ва ҳамоҳангсозии баҳисобгирии бухгалтерӣ дар сатҳи байналхалқӣ ба миён омад.

Ин тавре шарҳ дода мешавад, ки тақрибан аксари истифодабарандагон қарорҳои иқтисодии бо сармоягузорӣ, насиядиҳӣ, баҳодиҳии сифатӣ ва тобеъияти ҳисобдиҳии идоракунӣ, баҳодиҳии қудрати нардохт, бозоргирӣ ва фоидаоварии ширкатҳо вобаста будаpo қабул мекунанд. Сарфи назар аз он, ки ҳисоботи молиявӣ маълумоти мукаммалро дода наметавонад, он ба воқеаҳои пешин равона гардида, мувофиқи баъзе меъёрҳои арзишӣ то дараҷае нисбӣ аст, таҳияву пешниҳоди он барои истифодабарандагон муҳим мебошад, чунки усули дигари маълумотгирӣ ҳоло ихтироъ нагардидааст.

Маҳз тавассути «хониш» ва таҳлили ҳисоботи молиявӣ, истифодабарандагон оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, тағйиротҳо дар вазъи молиявии объект маълумот пайдо мекунанд.

Ҳисоботи молиявӣ барои ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шудааст:

- пешниҳоди маълумоти возеҳ, муфид, саҳеҳ ва воқеӣ ба истифодабарандагон;

➢ пешниҳоди маълумоте, ки ба истифодабарандагон барои мулоҳизаронӣ оиди маблағ, фурсат ва хавфи вобаста бо даромади интизорӣ ёрӣ мерасонад;
➢ пешниҳоди маълумот оиди захираҳои иқтисодӣ, ӯҳдадориҳо, таркиби сармоя ва сарчашмаҳои он.

Дар шароити вусъатёбии муносибатҳои бозоргонӣ зарурати такмили системаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ ба миён меояд. Баҳисобгирии бухгалтерии муосир бояд ба доираи васеъи истифодабарандагони иттилоот фаҳмо бошад. Бо ин мақсад баҳисогирии ватаниро аз рӯи кулли меъёрҳо ба ҷаҳонӣ наздик намудан зарур аст. Бинобар ин мебояд низомнома ва дастуруламалҳоро доир ба баҳисобгирӣ ва ҳисобот, ки айни замон амал карда истодаанд, ба стандартҳои байналхалқӣ мутобик намуда, ҳамзамон истифодаи принсипҳои онҳоро ба таври сартосарӣ бояд таъмин кард.

Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) дар ҷараёни беҳтаргардонӣ, мутобиқнамоӣ ва минбаъд наздикшавии ҳисоботи молиявӣ дар тамоми ҷаҳон, нақши муҳимеро бозидаанд. Онҳо:

a) ҳамчун асос барои талаботҳои миллӣ нисбати баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар аксарият мамлакатҳо;
b) ҳамчун намунаи байналхалқӣ аз ҷониби мақомоти ҷудогонае, ки бо кор карда баромадани талаботҳои шахсии худ машгуланд (аз ҷумла, мамлакатҳои дорои истеҳсолоти мутараққӣ, ҳамчунин афзоиши миқдори бозорҳо ба мисли Хитой ва аксарияти мамлакатҳои Осиё, Аврупои Марказӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ);
c) аз ҷониби биржаҳои фондӣ (сармоявӣ) ва сохторҳои амрдиҳандае, ки ба ширкатҳои хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳоди ҳисоботи молиявиро мувофиқи СБҲМ иҷозат медиҳанд, ё худ талаб мекунанд;
d) аз ҷониби сохторҳои миллӣ, аз ҷумлаи Иттиҳоди Аврупоӣ, ки оиди комилан такья намудан ба Шӯрои СБҲМ (ШСБҲМ) мавриди коркарди меъёрҳои ба эҳтиёҷоти бозори сармоя ҷавбгӯянда эълон намудааст;
e) аз ҷониби миқдоран афзудаистодаи ширкатҳо, ҳатто дар кишварҳое, ки истифодаи СБҲМ – ро эҳтиёҷ нест, истифода мешаванд[7].

Пешниҳоди маълумоти саҳеҳ доир ба фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ масъулияти ниҳоят дақиқро талаб мекунад. Аз рӯи сифат ва боэътимодии ҳисоботи молиявии пешниҳодшуда, мутобиқати он ба низомномаҳои амалкунанда доир ба баҳисобгирии бухгалтерӣ ва қонунгузории минтақавӣ, ба кордонии менеҷерони хоҷагидорӣ ва самаранокии усули идоракунӣ баҳо медиҳанд. Аз ин хотир, мақсади таҳияи ҳисоботи молиявӣ, усулҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, тавсифномаҳо, ки муфид будани иттилооти молиявӣ ва ҷузъиёти он, принсипҳои инъикоси амалиётҳои хоҷагиро дар баҳисобгирӣ муайян мекунанд, дар консепсияҳои стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ дарҷ гардида, онҳо самтҳои асосии омода намудану пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мебошанд.

Ҳисоботи молиявӣ бо мақсади пешниҳоди маълумот оиди моҳияти фаъолияти ширкат, мавҷудияти активҳои гардон ва гайригардишӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ ва тағйирёбии вазъи молиявии ширкат ба доираи васеъи истифодабарандагон таҳия мегардад.

Ҳисоботи молиявӣ – ин ифодаи маълумоти ҷамъшуда оиди мавҷудият, вазъ ва ҳаракати манбаъҳои моддӣ, меҳнатӣ ва пулии ширкат аст. Бинобар ин, устуворин молиявии ширкат аз мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ, сатҳи идоракунӣ ва кордонии кормандон, муносибат бо таъминкунандагону пудратчиён, сохторҳои молиявӣ ва андоз вобаста аст. Натиҷаҳои молиявӣ ва қобилияти пардохтадокунии ширкат оиди вазъи фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ дар муддати давраи муайяни вақт шаҳодат медиҳанд.

Мутобиқи СБҲМ, мақсади ҳисоботи молиявиро пешниҳоди маълумот оиди вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва ҳаракати воситаҳои пулии ширкат, ки барои доираи васеъи истифодабарандагон мавриди қабули қарорҳои иқтисодӣ муфиданд, ташкил медиҳанд. Ҳисоботи молиявӣ ҳамзамон натиҷаҳои идоракуниро бо захираҳое, ки ба роҳбарият боварӣ гардидааст, инъикос мекунад. Бо ин мақсад ҳисоботи молиявӣ маълумотро оиди нишондодҳои зерини ширкат дарбар мегирад:

➢ активҳо;
➢ ӯҳдадориҳо;
➢ сармоя;
➢ даромад ва хароҷот, аз ҷумла фоида ва зарар;
➢ ҳаракати воситаҳои пулӣ.

[7] Разъяснение Международных стандартов финансовой отчетности

**Тавсифномаҳои сифатии иттилооти бухгалтерӣ**

Маълумоти барои истифода пешниҳодгардидаи муҳосибон хусусияти умумиро дорост. Истифодабаранда бояд ин маълумотро фаҳмад, таҳлил намояд ва барои қабули қарорҳо истифода барад. Вобаста аз он, ки дақиқии маълумоти бухгалтерӣ нисбист ва он «ба баҳодиҳии эҳтимолӣ, таснифкунии шартӣ, ҷамъбаст ва тақсимоти субъективӣ, аз рӯи ягон аломат такия мекунад»[8] истифодабарандагон бояд маълумоти пайдокардаро дар асоси меъёрҳои муайян фаҳмонанд ва истифода баранд. Ин меъёрҳо тавсифномаҳои сифатӣ (принсипҳо) мебошанд, ки маълумоти баҳисобгирӣ бояд онҳоро доро бошад. Принсипҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ – ин қоидаҳои муайян, тартибот ва усулҳое мебошанд, ки аз ҷониби кумита оиди Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ барои бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳияи ҳисобот маъқул дониста шудаанд.

Ҳамин тариқ, ҳамчун ёрмандӣ ба истифодабаранда бо мақсади шарҳдиҳии саҳеҳ ва истифодабарӣ тавсифномаҳои сифатии(qualitative characteristics – качественные характеристики) иттилооти баҳисобгирӣ кор карда баромада шудаанд. Тавсифномаҳои сифатии иттилооти баҳисобгирӣ аз ҷониби Дафтари (бюрои) стандартҳои бухгалтерӣ кор карда баромада шуда, меъёри баҳодиҳии маълумот мебошанд.

Тавсифномаҳои сифатии иттилооти баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ инҳоянд:

- возеҳӣ;
- бамавридӣ;
- эътимодият;
- муқоисашавандагӣ[9].

***Возеҳӣ (фаҳмоӣ).*** Маълумоти дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда бояд ба истифодабарандагон фаҳмо бошад. Фаҳмоии маълумот набояд иттилооти мураккаб, лекин барои қабули қарорҳо муҳимро истисно намояд, чунки иттилооти молиявӣ асосан ба истифодабарандагони дорои донишҳои муайян дар соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорат, баҳисобгирӣ ва ҳисобот ва хоҳиши азхудкунии ин маълумот нигаронида шудааст.

***Бамавридӣ.*** Маълумоти ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси таҳлил, баҳодиҳии амалиётҳои хоҷагӣ – молиявӣ ва тағйирот дар муҳити бизнес таъсир расонанда бамаврид аст.

Маълумоти бамаврид имконияти баҳодиҳӣ ва ислоҳи камбудиҳои давраи пешинро, ҳамчунин пешгӯии ҳодисаҳои ояндаро фароҳам месозад.

Барои банақшагирии нишондодҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ ва пешбинии ҳодисаҳои оянда маълумотро оиди фаъолияти ширкат дар давраҳои пешин истифода мебаранд.

***Муҳимият.*** Ба бамавридии иттилоот хусусият ва муҳимияти он таъсири ҷиддӣ мерасонад. Иттилоот он вақт муҳим ҳисобида мешавад, агар ихтисор ё таҳрифи он ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон таъсир расонад. Ҳамин тариқ, муҳимият, камбудиро инъикос намуда ва тавсифномаи сифатӣ нест. Дар амалия муҳимияти маълумот аз рӯи ҳисоби «3 ё 5% аз фоидаи соф», ё худ «0,5 ё 1% аз арзиши ҳамаи активҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин маҳдудиятро, ки бо муҳимияти маълумот вобастагӣ дорад, ҳамчунин ҳудуди муҳимият низ меноманд. Ҳудуди муҳимият ба ҳисоб нагирифтани моддаҳо ва маблағҳои начандон калонро ифода намекунад. Зеро дар маҷмӯъ онҳо метавонанд маблағи калонро ташкил диҳанд.

***Боэътимодӣ.*** Маълумот бояд аз камбудию таҳрифот озод буда, сарчашмаи боэътимоди ташкилёбиро доро бошад, то истифодабарандагон барои пешниҳоди дақиқи нишондодҳо ба он такия намоянд.

***Ҳаққоният.*** Иттилоот саҳеҳ ҳисобида мешавад, агар он амалиёт ва ҳодисаҳоро ҳаққонӣ пешниҳод кунад, ё худ пешбинӣ намояд. Масалан, хулосаи аудиторӣ бояд вазъи корҳоро дар ширкат ҳаққонӣ пешниҳод намояд, то роҳбарият қарори муайян қабул кунад, саҳҳомон дар оянда маблағгузорӣ намоянд ва ширкат андозҳоро сари вақт супорад.

***Бартарии мазмун бар шакл.*** Агар иттилоот амалиёт ва рӯйдодҳоро ҳаққонӣ пешниҳод намояд, зарур аст, ки онҳо мутобиқи мазмун ва воқеияти реалӣ ба ҳисоб гирифта шуда пешниҳод гарданд, на балки танҳо бо шакли ҳуқуқӣ. Ҳамзамон мазмуни амалиёт ва

---

[8] Нидлз Б. и др. Принципы бухгалтерского учета / Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д. Колдуэлл: Пер. с англ./Под. ред. Я.В. Соколова. 2-е изд., стереотип.- М.: Финансы и статистика, 1999. –490., стр.119

[9] Бояд қайд намуд, ки истилоҳҳои «тавсифномаҳои сифатӣ» ва «принсипҳо» дар бисёр мавридҳо монанд карда мешаванд. Дар бисёре аз адабиётҳо баъзан ақидаҳои гуногун нисбати фаҳмиши принсип ва тавсифномаҳои сифатӣ пешниҳод шудааст. Новобаста аз ин дар дастур мо стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявиро ҷонибдорӣ менамоем, гарчанде аз рӯи баъзе масоил нуқтаи назари мо дигар аст (эзоҳи М.А.).

рӯйдодҳо на ҳама вақт ба шакли ҳуқуқии онҳо мувофиқат мекунанд. Масалан, ширкат ба ширкати дигаре бо роҳи ба суратҳисоб гузаронидани пул ва бо нархи аз арзиши бозорӣ паст, автомошин фурӯхт. Ин маълумот амалиёти ҳаққонӣ ичрогардидаро ифода намекунад, чунки амалиёти дигаре метавонад арзи вуҷуд дошта бошад, ки ба мулкдор кафолати мукофотро медиҳад.

***Бетарафӣ.*** Маълумоти ҳисоботи молиявӣ бояд бетарафона, аниқтараш беғаразона бошад. Он набояд ба қабули қарорҳо таъсир расонида дар ақидаронӣ барои мақсадҳои пешакӣ муайянгардида мусоидат намояд.

***Мулоҳизакорӣ.*** Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, таҳиягар бо рӯйдод ва амалиётҳои номуайян ба монанди қарзҳои дебитории шубҳанок, мӯҳлати истифодаи муфиди воситаҳои асосӣ, амалиёт вобаста ба мубодилаи мол ва ҳоказо ногузир рӯ ба рӯ мешавад, ки ба воситаи кушодани хусусияти онҳо ва риояи принсипи мулоҳизакорӣ эътироф карда мешавад. Мулоҳизакорӣ – ин ҷорӣ намудани дараҷаи муайяни эҳтиёткорӣ дар ҷараёни мулоҳизаронист, ки мавриди ҳисобкуниҳо дар шароити номуайян зарур аст, то ки актив ва даромадҳо аз будаш зиёдтар нишон дода нашуда, ӯҳдадорӣ ва хароҷот – аз будаш камтар инъикос нагарданд. Истифодаи принсипи мулоҳизакорӣ ба ташкилнамоии захираҳои пинҳонӣ, қасдан камкунии даромад ва ё изофа намудани хароҷот роҳ намедиҳад.

***Мукаммалӣ.*** Маълумоти ҳисоботи молиявӣ ҳангоми таъмини мукаммалӣ саҳеҳ дониста мешавад. Ихтисори маълумоти зарурӣ метавонад онро аз нуқтаи назари бамавридии иттилоот қалбакӣ ва беэътибор намояд.

***Саҳеҳӣ.*** Муфидии маълумот дар саҳеҳии он акс меёбад. Саҳеҳии маълумот дар эътимоднокӣ ва озод будани он аз норасоиҳо ифода меёбад. Истифодабарандагон метавонанд ба маълумоти саҳеҳ такя намуда, онро мавриди қабули қарор ва пешбинии фаъолият истифода баранд.

Маълумот метавонад бамаврид, лекин аз ҷиҳати хусусият ва пешниҳодот ғайрисаҳеҳ бошад. Дар ин сурат он ба фиреби истифодабарандагон оварда мерасонад. Масалан, агар асоснокӣ ва ҳаҷми даъво оид ба товони зарар дар суд дида баромада шаванд, барои ширкат эътироф намудани маблағи даъво дар баланс мувофиқи мақсад нест, ҳарчанд пӯшонидани маблағ ва ҳолати вобаста ба даъво буда бамаврид аст.

***Қиёспазирӣ.*** Ҳисоботи молиявӣ бояд муқоисашаванда бошад, то ки истифодабарандагон имконияти бо даврахои дигар муқоиса намуданро дошта бошанд. Ин бо он мақсад пешбинӣ шудааст, ки истифодабаранда тамоюли ташаккулёбии фаъолияти молиявии ширкатро муайян намуда, ҳисоботи молиявии ширкатҳои мухталифро муқоиса намояд ва ба вазъи молиявӣ баҳо диҳад. Ҳисоботи молиявии аз ҷониби ширкатҳо пешниҳодшуда бояд мувофиқи як усул пешниҳод карда шавад, то дар оянда дар ҳудуди ноҳия, шаҳр ва кишвар муқоиса карда шавад.

СБҲМ маҳдудияти зерини бамавридӣ ва эътимоднокии маълумотро муайян мекунанд:

**Бамавкеъӣ.** Ширкатҳоро на ҳама вақт сари вақт таъмин намудани маълумот муяссар мегарданд, чунки ҳангоми риояи бамавкеъӣ ҷанбаҳои ҷудогонаи амалиёт муайян нашуда мемонанд ва ҳамин тариқ эътимоднокӣ аз даст меравад. Ва баръакс, мавриди таъмини маълумоти эътимодноку муайян намудани ҳамаи ҷабҳаҳои амалиёт, маълумот метавонад таъхирпазир бошад. Дар ин ҳолат бамавридӣ ва муфидии он гум шавад. Аз ин хотир, менеҷерон бояд мувозинати принсипҳои бамавкеӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявиро нигоҳ доранд, то эҳтиёҷоти истифодабарандагонро хубтар қонеъ гардонида тавонанд.

***Мувозинаи байни фоида ва хароҷот.*** Нафъе, ки аз маълумот бармеояд, бояд аз хароҷоти бадастории он барзиёд бошад. Лекин пешниҳоди муфассали маълумот барои ширкат ба маҳрум шудан аз сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва нуфузи молиявӣ оварда мерасонад.

Бинобар ин, дар асоси ақидаронии оқилонаи касбӣ ҳаҷми маълумотро муайян намуда, ба фоида ва хароҷот баҳо додан зарур аст.

***Мувозина байни тавсифномаҳои сифатӣ.***

Муҳосибон дар асоси ақидаронии касбӣ бояд мувозинаро байни тавсифномаҳои сифатӣ муқаррар намоянд, то маълумот баробардараҷа ба талаботи онҳо мувофиқат кунад.

**Фарзиятҳои умдатарини иттилооти молиявӣ**

Ба ҳисоб гирифтани фарзиятҳои умдатарини зеринро мавриди ташкили сиёсати баҳисобгирии ширкат талаб мекунанд:

**<u>Усули ҳисобкунӣ (метод начисления).</u>** Яке аз талаботҳои асосии СБҲМ оиди бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ ва пешниҳоди ҳисобот- ин истифодаи усули ҳисобкунӣ мебошад. Дар сохтори амалкунандаи баҳисобгирӣ ва ҳисобдиҳӣ ин усул бо номи «ҳамлу накл» (отгрузка) қабул шудааст, ки натиҷагирии молиявиро вобаста бо фурӯши мол, иҷроиши кор ва хизматгузорӣ новобаста аз воридшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо дар назар дорад.

Инъикоси ин амалиётҳо дар ҳисоботҳои даврае, ки онҳо ба вуқӯъ омадаанд, ифода меёбад. Маълумоте, ки мувофиқи усули ҳисобкунӣ таҳия шудааст, истифодабарандагонро на танҳо бо амалиётҳои пешин ошно менамояд, балки аз ӯҳдадориҳо оиди пардохти пул низ воқиф месозад. Усули ҳисобкунӣ ҳамчунин оиди даромадҳои оянда, ки ширкат бояд аз рӯи амалиётҳои гузаронида ба даст орад, маълумот медиҳад. *Ҳамин тариқ, мутобиқи усули ҳисобкунӣ, даромад дар мавриди ба он ҳақ пайдо кардан, хароҷот бошад дар мавриди бавуқӯъоии он новобаста аз дохилшавӣ ё хориҷшавии воситаҳои пулӣ эътироф ва инъикос мешавад.*

СБҲМ истифодаи усули ҳисобкунӣ, мавқуфгузорӣ ва тақсимотро барои мутобиқгардонии даромад ва хароҷоти давраи ҳисоботӣ талаб мекунанд.

Мувофиқи СБҲМ мавриди таҳияи ҳисоботи молиявӣ истифодаи усули ҳисобкунӣ, ки хусусиятҳои зеринро дорост, зарур аст:

- амалиёт ва рӯйдодҳо ҳангоми ба амал омадани онҳо бояд эътироф карда шаванд, на ҳангоми воридшавӣ ва пардохти воситаҳои пулӣ;
- вай ҳуқуқи гирифтани воситаҳо ва ё худ захираҳои дигари молиявиро медиҳад, ки дар баланси бухгалтерӣ ҳамчун актив инъикос мегарданд;
- вай барои пардохти воситаҳои пулӣ ва хизматрасонӣ ӯҳдадор месозад, ки дар баланси бухгалтерӣ ҳамчун ӯҳдадориҳо дарҷ гардидаанд;
- дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикоси даромад ва хароҷот ба он даврае, онҳо тааллуқ доранд, талаб карда мешавад;
- усули ҳисобкунӣ бо усули мувофиқаткунонӣ мутобиқ карда шудааст, яъне даромад дар лаҳзаи бавуқӯъоии фурӯши *мол/ хадамот, новобаста аз вақти воридшавии воситаҳои пулӣ эътироф мегардад.*

Мавриди истифодаи усули ҳисобкунӣ хароҷот дар он вақт эътироф мегардад мешавад, ки даромади бо он вобаста буда эътироф гардидааст, новобаста аз он, ки воситаҳои пулӣ кадом вақт пардохт мегарданд.

**<u>Муттасилии фаъолият.</u>** Ҳар як ширкат бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти муттасилона ва бадасторииi фоида барпо карда мешавад. Пас, ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзияи он, ки ширкат фаъолият дорад ва дар оянда ҳамчунин амал хоҳад кард, таҳия мегардад. Пешбинӣ шудааст, ки ширкат мақсади ихтисори ҳаҷми корро дар фаъолияти худ надорад. Дар ҳолати пайдо шудани чунин зарурат, ҳисоботи молиявӣ бояд дар асоси дигаре бо шарҳу маънидод кардани сабабҳо таҳия гардад.

Бариловаи ин фарзият бояд зикр намуд, ки ҳисоботи молиявӣ ҳамчунин мувофиқи принсипҳои зерин таҳия мегардад:

- ***пайдарпаӣ (мунтазамӣ).*** Ширкат бояд сиёсати баҳисобгирии қабулшударо мунтазам аз як давраи ҳисоботӣ то дигараш истифода барад, пешниҳод ва таснифи моддаҳо дар ҳисоботи молиявӣ аз як давра ба давраи дигар нигоҳ дошта шаванд. Дар ҳолати аз асосҳо ва усулҳои истифодашудаистода даст кашидан, моҳият, сабаб ва асоснокии тағйиротҳо бояд дар эзоҳнома маънидод карда шавад, ҳамзамон бояд муқоисашавандагӣ бо давраҳои пешин бояд таъмин карда шавад.
- ***мувофиқати даромад ва хароҷот.*** Мутобиқи усули ҳисобкунӣ, хароҷоте, ки дар ҷараёни даромадгирӣ ба амал меояд, бояд дар он даврае, ки даромад эътироф карда шудааст, ба ҳисоб гирифта шавад.

| Нақшаи фосилавии бадасторӣ | Ҷузъиёти хароҷот бояд ҳамчун |
|---|---|
| Фоидаи иқтисодии оянда | Актив ба ҳисоб гирифта шавад |
| Фоидаи иқтисодии мавҷуда ё нафъи бо мушкилӣ муайянкардашаванда | Хароҷот ба ҳисоб гирифта шавад |
| Ягон нафъи иқтисодӣ мавҷуд нест | Хароҷоти ғайр ба ҳисоб гирифта шавад |

- ***пайравӣ.*** Ҳар як ҳисоботи молиявии минбаъда бояд аз пешина барояд;
- ***баҳодиҳӣ.*** Дар баҳисобгирии бухгалтерӣ баҳодиҳӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявиро бо ифодаи пулӣ бояд анҷом дод;

- ***алоҳидагӣ.*** Захираҳои субъекти иқтисодӣ бояд аз захираҳои молик ҷудогона ба ҳисоб гирифта шаванд.
- ***муҳимият ва муттаҳидкунӣ.*** Ҳар як моддаи муҳим дар ҳисоботи молиявӣ бояд ҷудогона пешниҳод гардида, маблағҳои начандон муҳим бояд муттаҳид карда шаванд.
- ***ошкорсозии комил.*** Дар ҳисоботи молиявӣ оиди вазъи иқтисодӣ, натиҷаҳои фаъолият ва сохтори сармояи ширкат бояд тамоми маълумоти зарурӣ дарҷ гардад. Ҳадаф аз ошкорсозии пурра дар он аст, ки ба истифодабарандагони беруна барои қабули қарорҳои беҳтарин ва сарфакорона маълумоти амиқ дода шавад.
- ***баҳисобгирии мутақобила.*** Актив ва ӯҳдадориҳо набояд мутақобилан ба ҳисоб гирифта шаванд. Баҳамории (ҳисобкунии мутақобилаи) даромад ва хароҷот мумкин аст, агар ин амалро СБҲМ иҷозат диҳанд ва ё талаб кунанд, ё худ фоида, зарар ва хароҷот, ки дар натиҷаи амалиётҳои якхела ба вуҷуд омадаанд, муҳим набошанд.
- ***давравият.*** Ширкат ҳисоботи молиявиро бояд мувофиқи фосилаҳои муайян таҳия ва пешниҳод намояд. Аксаран, қонунгузории амалкунанда даврият ва вақти пешниҳоди ҳисоботи молиявиро муқаррар мекунад. Мутобиқи СБҲМ ҳисоботи молиявӣ бояд аққалан як маротиба дар як сол пешниҳод карда шавад.

**Таълимот дар баҳисобгирии молиявӣ ва одоби пешниҳоди ҳисобот**

Мутобиқи СБҲМ барои омодакунӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мудирияти ширкат ҷавобгар аст.

Роҳбарияти ширкат бояд сиёсати баҳисобгирии молиявиро бо мақсади мутобиқ гардонидани он ба талаботҳои СБҲМ ва шарҳҳои кумитаи шарҳдиҳанда интихоб намуда, пайваста истифода барад. Мавриди мавҷуд набудани талаботҳои мушаххас, роҳбарият бояд сиёсатеро кор карда барояд, ки дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳоди чунин маълумотро таъмин менамояд:

- бамаврид барои истифодабарандагон ҳангоми қабули қарорҳо;
- эътимоднок нисбати:

a) пешниҳоди саҳеҳи натиҷаҳо ва вазъи молиявии ширкат;
b) инъикоси мазмуни иқтисодии рӯйдод ва амалиётҳо, на шакли ҳуқукии онҳо;
c) бетараф будани он;
d) бомулоҳизавияти (консервативно) он;
e) мукаммал будани он бо тамоми ҷузъҳои муҳимаш.

***Сиёсати баҳисобгирӣ – ин принсипҳо, асосҳо, қоидаҳо ва таҷрибаҳои мушаххас, ки аз ҷониби ширкат барои омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ қабул шудаанд.***

Маҷмӯаи пурраи ҳисоботи молиявӣ бояд аз инҳо иборат бошад:

- ***баланси бухгалтерӣ;***
- ***ҳисобот оиди фоида ва зарар;***
- ***ҳисобот оиди ҳаракати сармоя;***
- ***ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда;***
- ***ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;***
- ***сиёсати баҳисобгирӣ ва шарҳия;***
- ***хулосаи аудиторӣ.***

Ҷузъҳои асосии ҳисоботи молиявӣ: активҳо, ӯҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот, фоида ва зарар мебошанд.

Ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ нишондодҳои умумианд, ки оиди мавҷудияти воситаҳои асосӣ ва гардон, активҳои ғайримоддӣ ва ӯҳдадориҳои корхона шаҳодат медиҳанд.

Масъалаҳои умдатарини баҳисобгирии ҷузъҳои ҳисоботи молиявӣ ин **эътирофкунӣ ва баҳодиҳии** онҳо мебошанд. Эътирофкунӣ ва ченкунӣ меъёрҳоеро муқаррар мекунанд, ки ба воситаи онҳо шарту шароити ба ҳисоботи молиявӣ дохил намудани ҷузъҳо муайян карда мешаванд.

*Эътирофкунӣ* - ***ин ҷараёни ба баланс ва ё ҳисобот дохил намудани объектест, ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯст:***

- эҳтимолияти бадастории фоида ва ё камшавии нафъи иқтисодӣ мавҷуд аст;
- имконияти баҳодеҳии боэътимоди хароҷоти ҳақиқии харид ё арзиши объект мавҷуд аст.

**Актив** дар баланс эътироф мешавад, агар эҳтимолияти ба дастории нафъи иқтисодии минбаъда барои ширкат вуҷуд дошта, актив арзиши ченшавандаи боэътимодро дорост.

**Ӯҳдадорӣ** дар баланс эътироф мегардад, агар эҳтимолияти камшавии захираҳое, ки [illegible] иктисодиро дар худ таҷассум мекунанд, дар натиҷаи батанзимдарории ӯҳдадориҳои ҷорӣ мавҷуд буда, бузургии пардохти он боэътимод муайян карда шавад.

**Даромад** дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мешавад, агар афзоиши нафъҳои иктисодии оянда, ки бо афзоиши боэътимод баҳододашавандаи активҳо ва камшавии ӯҳдадорӣ вобастагӣ дорад, ҷой дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки даромад ҳамзамон бо афзудани активҳо ва ё худ камшавии ӯҳдадориҳо эътироф мегардад.

**Хароҷот** дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мегардад, агар камшавии нафъҳои иктисодии оянда, ки бо камшавии активҳо ва ё афзудани ӯҳдадорӣ вобастагӣ доранд, ба амал оянд. Эътирофи хароҷот дар як вақт бо эътирофкунии камшавии активҳо ё худ афзудани ӯҳдадориҳо ба амал бароварда мешавад. Хароҷот дар асоси алоқамандии мустақими масорифи ба вуҷудомада ва воридот мувофики моддаҳои даромад эътироф мегардад (масалан, эътирофи арзиши аслии моли фурӯхташуда бо эътироф гардидани даромад аз фурӯш). Хароҷот фавран эътироф мегардад, агар масрафи кабл аз ин ба вуҷудомада дигар фоидаи иктисодии минбаъдаро ба амал наоранд.

***Баҳодиҳӣ*** - ин чараёни муайянкунии андозаи пулии эътироф ва инъикоси ҷузъҳо дар ҳисоботи молиявист.

Дар ҳисоботи молиявӣ бо дараҷаҳои гуногун ва мувофиқати мухталиф усулҳои зерин истифода мешаванд:

- Арзиши ҳақиқии харид. Активҳо аз рӯи маблағи барои онҳо пардохташуда ва ё арзиши одилонаи пешниҳодӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи маблағи воридот бар ивази ӯҳдадорӣ ё аз рӯи маҷмӯаи воситаҳои пулии пардохташаванда ба ҳисоб гирифта мешаванд.
- Арзиши ҷорӣ. Активҳо аз рӯи маҷмӯаи воситаҳои пулии дар айни замон пардохташаванда инъикос меёбанд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи маҷмӯаи воситаҳои пулии дисконтиронидanaшуда, ки ҳангоми шароити мӯътадили хоҷагидорӣ пардохт мегардад, инъикос карда мешаванд.
- Арзиши эҳтимолии фурӯш. Активҳо аз рӯи маҷмӯаи воситаҳои пулӣ, ки айни замон дар натиҷаи фурӯши активҳо дар шароити мӯътадил дастрас шудаанд, инъикос меёбанд. Ӯҳдадориҳо аз рӯи арзиши пардохтшуда, яъне аз рӯи маҷмӯаи воситаҳои пулии дисконтиронидanaшуда ва ё худ воситаҳои муносиби барои пардохтшавӣ дар шароити муътадили корӣ пешбинишуда, инъикос меёбанд.
- Арзиши дисконтиронидашуда. Активҳо/Ӯҳдадориҳо бо баҳои ҷории арзиши дисконтиронида шудаи воридот/пардохти софи воситаҳои пулии минбаъда инъикос меёбанд.

Ширкатҳо, вобаста ба эҳтиёҷоти истифодабарандагони иттилооти молиявӣ, барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ метавонанд:

- ♦ консепсияи молиявии сврмоя;
- ♦ консепсияи ҷисмонии сармояро қабул намоянд.

Консепсияи молиявии сармоя он гоҳ қобили қабул аст, агар дараҷаи таъминот ва ё қобилияти хариди сармояи гузошташуда истифодабарандагонро шавқманд кунад. Консепсияи мазкур сармояро ҳамчун активи соф дида мебарояд. Мувофиқи консепсияи нигоҳдории сармояи молиявӣ, фоида он гоҳ ба дастомада ҳисобида мешавад, агар маблағи молиявии активҳои соф' дар давраи ниҳоӣ аз нишондодҳои қиёсии давраи ибтидоӣ, пас аз тарҳнамоии ҳама гуна тақсимот ва ҳиссагузориҳои моликон, барзиёд бошад.

Консепсияи ҷисмонии сармоя он гоҳ қобили қабул аст, агар қобилияти амалиётии ширкат истифодабарандагонро шавқманд кунад. Консепсияи мазкур сармояро ҳамчун қудрати истеҳсолии ширкат дида мебарояд. Мутобиқи ғояи нигоҳдории сармояи ҷисмонӣ, фоида он гоҳ ба дастомада ҳисобида мешавад, агар қобилияти амалиётии ширкат дар давраи ниҳоӣ аз нишондодҳои қиёсии давраи ибтидоӣ барзиёд бошад.

***Баланси таснифии бухгалтерӣ***

Ҳисоботи бевосита бо муодилаи балансӣ алоқаманд буда, ки вазъи молиявии субъектро инъикос мекунад ва дар таърихи мушаххас таҳия мегардад, ҳисоботи балансӣ ном гирифтааст. Маҳз тавассути ҳисоботи балансӣ истифодабарандагон оиди бозоргирӣ, қудрати молиявӣ ва чандирии молиявии ширкат маълумот мегиранд. Баланс барои ҳисоб намудани аксарияти коэффитсиентҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, баҳодиҳии муассисаҳои истеҳсолӣ ва сиёсати он дар ҷодаи азхудкунии истеҳсолоти навин имконият медиҳад.

Баланси бухгалтерӣ оиди захираҳои субъект (активҳо), даъво ба захираҳо (ӯҳдадориҳо) ва ҳаққи молик дар ширкат (сармоя) маълумот медиҳад.

| Ҷузъҳои баланси бухгалтерӣ | Тавсифи амалиётҳо |
|---|---|
| 1. **Активҳо** - захираҳои иқтисодии аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ назоратшаванда, ки натиҷаҳои рӯйдодҳо ва шартномаҳои гузашта буда, аз онҳо нафъи иқтисодии минбаъда дар назар дошта шудааст. | 1. Захираҳои ҳамчун актив баррасишаванда бояд:<br>а) дар оянда нафъи иқтисодӣ оранд (барои бадастовари фоида кор оянд);<br>б) зери назорат қарор гирифта, ба субъекти хоҷагидорӣ дар асоси соҳибҳуқуқӣ тааллуқ дошта бошанд (метавонанд озодона истифода шаванд ё аз истехсолот хориҷ гарданд);<br>в) натиҷаи амалиётҳои қаблиро ташкил диҳанд (яъне воқеан дар айни замон дар намуди захираҳо, дар истехсолот, дар арафаи бунёдгардӣ ё дар роҳ мавҷуд будан). |
| 2. **Ӯҳдадориҳо** - ин қарзи ҷории ширкат, ки дар натиҷаи рӯйдодҳои давраҳои қаблӣ ба вуҷуд омада батанзимдарории он ба хориҷшавии захираҳои суъект, ки дар худ нафъи иқтисодиро таҷассум менамоянд, бурда мерасонад. | 2. Ӯҳдадориҳои баррасишаванда бояд:<br>а) ба камшавии активҳо, ки минбаъд бояд нафъи иқтисодӣ оваранд, мусоидат намоянд;<br>б) ногузир бошанд;<br>в) аз амалиётҳои қаблӣ бароянд. |
| 3. **Сармоя** - ин ҳиссаи активҳои субъекти хоҷагидорӣ, ки пас аз пардохти ҳамаи ӯҳдадориҳо боқи мемонад. Сармоя гурӯҳи махсуси моддаҳоро, аз ҷумлаи сармояи оинномавӣ ва фоидаи тақсимношударо дарбар мегирад. | 3. Бақия дар ҳисобот ҳиссаи боқимондаи активҳоро пас аз тархнамоии ӯҳдадориҳо ифода мекунад. |

**Намунаи баланси бухгалтерӣ:**

***Ширкати XYZ - баланс дар санаи 31 декабри соли 2008***

| **Активҳо** | ***01. 01.2008*** | ***31.12.2008*** |
|---|---|---|
| *Активҳои ҷорӣ* | | |
| Воситаҳои пулӣ | 1000 | 2000 |
| Сармоягузории кӯтоҳмуддат | 2000 | 4000 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 3000 | 6000 |
| Захираҳои моливу моддӣ | 4000 | 8000 |
| Хароҷоти давраҳои оянда | 5000 | 1000 |
| **Ҳамагӣ активҳои ҷорӣ** | **15000** | **30000** |
| Активҳои дарозмуддат | | |
| Воситаҳои асосӣ | | |
| Арзиши ибтидоӣ | 10000 | 13000 |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | (4000) | (5000) |
| Арзиши софи воситаҳои асосӣ | 6000 | 8000 |
| Активҳои ғайримоддӣ | 7000 | 6000 |
| Таҷдиди ҷамъшуда | 3000 | 4000 |
| Сармоягузориҳои дарозмуддат | 8000 | 6000 |
| Қарздории дебитории дарозмуддат | 9000 | 5000 |
| ***Ҷамъи активҳои дарозмуддат*** | ***30000*** | ***25000*** |
| ***Ҳамагӣ активҳо*** | ***45000*** | ***55000*** |
| **Ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | |
| ***Ӯҳдадориҳо*** | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | |
| Қарздории тиҷоратӣ ва дигари кредиторӣ | 1000 | 2000 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддат | 1000 | 1000 |
| Андоз барои пардохт | 1000 | 2000 |
| Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 2000 | 1000 |
| Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат | 3000 | 3000 |
| Ӯҳдадориҳои кафолатдор | 2000 | 1000 |
| ***Ҷамъи ӯҳдадориҳо ҷорӣ*** | ***10000*** | ***10000*** |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | |
| Қарзҳои дарозмуддат | 5000 | 10 000 |
| Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда | 3000 | 3000 |

| | | |
|---|---|---|
| Ӯҳдадориҳои нафақавӣ | 3000 | 2000 |
| *Ҷамъи ӯҳдадориҳои дарозмуддат* | *11000* | *15000* |
| **Ҷамъи ӯҳдадориҳо** | **21000** | **25000** |
| Сармоя | | |
| Сармояи саҳҳомӣ | 8000 | 11000 |
| Сармояи иловагии пардохтшуда | 3000 | 5000 |
| Фойдаи тақсимнашуда | 4000 | 7000 |
| Сармояи захиравӣ | 4000 | 5000 |
| Ҳиссаи аққалият | 5000 | 2000 |
| *Ҷамъи сармоя* | *24000* | *30000* |
| **Ҳамаги ӯҳдадориҳо ва сармоя** | **45000** | **55000** |

Ширкатҳо дар асоси хусусияти амалиётҳои содиршуда, активҳо ва ӯҳдадориҳоро ба дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат тасниф мекунанд. СБҲМ талаб мекунад, ки новобаста аз сиёсати баҳисобгирии қабулшуда, ширкатҳо бояд маблағҳоро, ки пардохт ё қабули онҳо то ва ё баъд аз дувоздаҳ моҳи санаи ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст, аз рӯи ҳар як моддаи активҳо ва ӯҳдадориҳо кушода диҳанд.

Мувофиқан, таснифи актив ва ӯҳдадориҳо ба кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат истифодабарандагонро бо маълумоти муфид таъмин намуда, активҳои гардон ва ғайригардиширо ҷудо мекунад. Ҳамзамон ба активҳои воридшаванда ва ӯҳдадориҳои пардохшаванда дар тӯли 12 моҳи наздик диққатро равона месозад. Ғайр аз ин, маълумот оиди мӯҳлати пардохти активҳо ва ӯҳдадориҳо барои баҳодиҳии бозоргирӣ ва қобилияти пардохт доштани муассиса муфид мебошад.

Актив бояд ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф шавад, агар:

а) фурӯш, нигоҳдорӣ барои фурӯш ё худ истифодаи он дар шароитҳои мӯътадили сикли амалиётии муассиса пешбинӣ шуда бошад;

б) он асосан барои фурӯш дар давоми муддати кӯтоҳ нигоҳ дошта шавад, ва ё фурӯши он дар тӯли 12 моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ пешбинӣ шудааст;

в) он активе мебошад дар шакли воситаҳои пулӣ ё худ воситаҳои ҳамарзиш (эквивалент), ки истифодаи номаҳдуд доранд.

Ҳамаи активҳои дигар бояд ҳамчун дарозмуддат тасниф ёбанд.

Ӯҳдадорӣ он гоҳ ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф мегардад, агар:

а) адои пардохти он дар шароитҳои мӯътадили сикли амалиётии муассиса пешбинӣ шуда бошад;

б) адои пардохти он дар тӯли 12 моҳи пас аз таърихи ҳисоботӣ воҷиб аст.

Ҳамаи ӯҳдадориҳои дигар бояд ҳамчун дарозмуддат тасниф карда шаванд.

Ширкат ӯҳдадориҳои дарозмуддати хешро, ки пардохти фоизҳоро дарбар мегиранд, ҳатто дар ҳолати воҷиб будани пардохти фоизҳо дар тӯли 12 моҳи пас аз таърихи ҳисоботӣ, ҳамчун дарозмуддат тасниф менамояд, агар:

а) мӯҳлати ибтидоӣ давраи зиёда аз 12 моҳаро дарбар мегирифт;

б) азнавмолиявикунонии (рефинансирование) ӯҳдадориҳо дар асоси дарозмуддат пешбинӣ шудааст;

в) ин мақсад бо шартнома оиди азнавмолиявикунонӣ тақвият дода шудааст ё худ тағйири ҷадвали пардохтҳо то тасдиқи ҳисоботи молиявӣ қабул мешавад.

Ҳамин тарик, мутобики СБҲМ,баланс бояд моддаҳои зеринро дарбар гирад:

*а) воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиш (эквивалент)- и онҳо;*
*б) қарздории дебитории савдоӣ ва дигар;*
*в) захираҳои моддию молӣ;*
*г) воситаҳои асосӣ;*
*д) активҳои ғайримоддӣ;*
*е) активҳои молиявӣ;*
*ё) сармояҳои аз рӯи усули иштирок баҳисобгирифташуда;*
*ж) қарздории кредитории савдоӣ ва дигар;*
*з) ӯҳдадориҳо ва талаботҳои андозӣ;*
*и) захираҳо;*
*к) ӯҳдадориҳои дарозмуддат, ки пардохти фоизиро дар бар мегиранд;*
*л) ҳиссаи аққалият;*
*м) сармояи интиишоршуда ва бунёдҳо (фонды).*

Баланси бухгалтерӣ дар баробари тавсифномаҳои мусбии хеш боз маҳдудиятҳои зеринро дорост:

- на ҳамаи моддаҳои балансӣ аз рӯи арзиши ҷорӣ инъикос меёбанд. Масалан, активҳои ғайригардишӣ аз руи арзиши ибтидоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки эҳтимол бо арзиши ҷории воқеӣ мувофиқат накунад;
- аксарияти моддаҳои баланс аз рӯи маблағи ҳисобкардашуда инъикос меёбанд. Масалан, ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда, фарсудашавӣ, захираҳои қарзҳои шубҳанок ва ғайра;
- маблағи баъзе моддаҳо дар баланс метавонад дақиқ набошад. Масалан, активҳои ғайримоддӣ ва маблағҳое, ки ҳамчун ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда инъикос шудаанд.

### Шаклҳои ҳисобот оиди фоида ва зарар

Ҳисобот оиди фоида ва зарар (оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ) ҳамчун ҷузъи васеъкунандаи баланс дар ибтидо ва интиҳои давраи ҳисоботи нақши муҳимро мебозад.

| Ҷузъҳои ҳисоботи оиди фоида ва зарар | |
|---|---|
| 4. **Даромад** - ин афзоиши нафъҳои иқтисодӣ, ки дар шакли зиёдшавии активҳо ва ё худ камшавии ӯдадориҳо ба амал омада, дар афзудани сармояи саҳҳомии бо ҳиссагузориҳои иштирокчиён вобаста набуда ифода меёбад. | 4. Ду хусусияти муҳимтарини даромад аз амалиётҳо:<br>а) даромад аз фаъолияти муқаррарии ширкат дар натиҷаи фурӯши мол, хадамот ё худ дар натиҷаи истифодаи захираҳои субъекти хоҷагидорӣ аз ҷониби шахсони дигар, ки дар шакли қарзи бемӯҳлат (рента), фоизҳо, пардохтҳои литсензионӣ ё худ ҳаққуссаҳм фоида меоранд, ба даст меоянд;<br>б) Даромадҳои боқимондаро дигар моддаҳое пешниҳод мекунанд, ки ба таърифи даромад ҷавобгӯ буда метавонанд дар ҷараёни фаъолияти маъмул ба вуҷуд оянд, ё худ ба вуҷуд наоянд. Масалан, даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ, ё худ даромадҳои амалинашуда дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии коғазҳои қимматнок. |
| 5. **Хароҷот** - ин камшавии нафъи иқтисодӣ дар намуди хориҷшавӣ, таҷдиди активҳо, ё худ афзудани ӯҳдадориҳо баамалоянда, ки ба камшавии сармоя оварда мерасонад ва ба тақсимоти сармоя байни иштирокчиёни сармояи саҳҳомӣ вобастагӣ надорад. | 5. Хусусияти муҳими хароҷот аз он иборат аст, ки он бояд дар баробари ҷараёни даромадгирии ширкат сурат гирад. Масрафи ҳамчун хароҷот таснифнашаванда, метавонад ҳамчун актив (бо эҳтимолияти нафъи иқтисодии минбаъда) ё худ ҳамчун талафот (бе нафъгирии иқтисодӣ), ё пардохти ҳиссаи сармоя ба моликон, баррасӣ гардад. |
| 6. **Фоида** - ин афзоиши сармоя дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ, рӯйдодҳо, вазъиятҳое, ки ба субъекти хоҷагидорӣ таъсир мерасонанд, ба ҷуз аз ҳаққи узвият ба сармояи саҳҳомӣ. | 6. Тавсифномаи амалиётҳо набояд шубҳае оиди он, ки ин<br>а) амалиёт вобаста ба гирифтани даромад аз фаъолияти асосӣ;<br>б) амалиёт аз ҳиссагузорӣ ба сармояи саҳҳомӣ аст, ба миён орад. |
| 7. **Зарар** - ин камшавии сармояи саҳҳомӣ дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ва амалиётҳои дигар, рӯйдодҳо, вазъият, ба ҷуз онҳое, ки натиҷаи тақсимоти сармояи саҳҳомиянд. | 7. Тавсифномаи амалиётҳо набояд шубҳае оиди он, ки ин<br>а) амалиёт вобаста ба хароҷот;<br>б) амалиёт аз рӯи тақсимоти сармоя аст, ба миён орад. |

Ҳисобот тағйиротҳоеро дар вазъи молиявӣ маънидод мекунад, ки аз амалиётҳои хоҷагӣ - молиявӣ (даромад ва хароҷот) бармеоянд. Тавассути маълумоти ҳисобот оиди фоида ва зарар истифодабарандагон аз натиҷаҳои фаъолияти ширкат - фоидаи бадастомада ва ё зарар хабардор мешаванд.

Мутобиқи СБҲМ *ҳисобот оиди фоида ва зарар бояд то ҳадди ақал моддаҳои зеринро дарбар бигирад:*

*а) пули фурӯш (выручка);*

*б) натиҷаҳои фаъолияти амалиётӣ;*

*в) хароҷоти маблағгузорӣ;*

*г) ҳиссаи фоида ва зарари муассисоти шарик ва фаъолияти муштарак, ки аз рӯи усули иштирок ба ҳисоб гирифта шудааст;*

*д) хароҷоти андоз;*

*е) фоида ва зарар аз фаъолияти маъмулӣ;*

- *натиҷаҳои вазъияти фавқулода;*
- *ҳиссаи ақаллият;*
- *фоидаи соф, ё худ зарари давраи ҳисоботӣ.*

Моддаҳои хароҷотӣ баъдан ба гурӯҳҳо барои ҷудокунии қатори ҷузъҳои натиҷаҳои фаъолияти ғайримолиявӣ, ки дорои хусусиятҳои фарққунандаи мухталиф ба мисли устуворӣ, қудрати фоида ё худ зарар ва пешгӯӣ мебошанд, тасниф мешаванд. Ин маълумот бо яке аз ду усуле, ки СБҲМ барои таҳлили даромад ва хароҷот маъқул ҳисобидааст, пешниҳод карда мешавад:

- аз рӯи хусусияти хароҷот;
- аз рӯи вазоифи (функцияи) хароҷот;

Мавриди истифодаи усули якум хароҷот дар ҳисобот оиди фоида ва зарар мувофиқи хусусияти онҳо (фарсудашавӣ ва истеҳлок, хароҷоти нақлиётӣ, музди меҳнат, харҷи реклама) муттаҳидонида шуда, байни самтҳои мухталифи дохили ширкат аз нав тақсим карда мешавад. Усули мазкур асосан дар муассисаҳои кӯчак истифода мешавад, ки дар он ҷо ба азнавтақсимкунии хароҷоти амалиётӣ дар асоси таснифи функсионалӣ эҳтиёҷ нест.

**Намунаи тасниф бо ёрии усули хусусияти харҷ чунин аст:**

| | | |
|---|---|---|
| Пули фӯруш | | 10000 |
| Даромади амалиётии дигар | | 100 |
| Тағйирот дар захираҳои маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом | (50) | |
| Ашёи хоми истифодашуда ва маводи сарфшуда | 3000 | |
| Музди меҳнат | 4000 | |
| Хароҷоти фарсудашавӣ ва истехлок | 1000 | |
| Хароҷоти амалиётии дигар | 90 | |
| Ҷамъи хароҷоти амалиётӣ | | (8040) |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | | 2060 |

Тағйирот дар захираи маҳсулоти тайёр ва истеҳсолоти нотамом дар тӯли давра ислоҳи хароҷоти истеҳсолиро ифода мекунад. Истеҳсолот дар ин мавриди сатҳи захираҳоро афзуда, фурӯши аз истеҳсолот зиёда ба камшавии сатҳи захираҳо оварда мерасонад.

Усули дуюм хароҷотро мутобиқи амали онҳо, ҳамчун ҷузъи арзиши аслӣ фурӯш, тақсимот ва ё фаъолияти маъмурӣ тасниф мекунад. Чунин пешниҳодкунӣ ба истифодабарандагон маълумотеро медиҳад, ки назар ба хароҷотҳои аз рӯи хусусият таснифшаванда муфидтар аст, аммо тақсимоти хароҷот аз руи вазоиф метавонад мубоҳисаомез бошад ва ҳиссаи хеле калони субъективиятро ифода намояд.

**Намунаи тасниф бо ёрии усули вазоифи харҷ чунин аст:**

| | |
|---|---|
| Пули фурӯш | 10000 |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | (6000) |
| Фоидаи умумӣ | 4000 |
| Фоидаи мухталифи амалиётӣ | 100 |
| Хароҷоти фурӯш | (900) |
| Хароҷоти маъмурӣ | (1050) |
| Хароҷоти амалиётии дигар | (90) |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | 2060 |

Ширкатҳое, ки хароҷотро аз руи вазифаашон тасниф мекунанд, бояд маълумоти иловагиро оиди хусусияти хароҷот пешниҳод намоянд, аз он ҷумла, оиди хароҷоти истеҳлокӣ ва музди меҳнат. Ҳисобот оиди фоида ва зарар бояд кулли даромад, фоида, хароҷот ва зарарҳоро, ки тӯли давраи муайян эътироф шудаанд, дарбар бигирад.

**Ҳисоботи молиявии дигар**

Ба ғайр аз баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарар, ширкатҳо ҳисоботи дигари махсусро пешниҳод мекунанд, ки тағйиротҳоро дар сохтори сармояи худӣ, бузургии фоидаи тақсимшуда ва ҳаракати воситаҳои пулӣ нишон медиҳанд.

Мутобиқи СБҲМ 1:

Ширкат бояд дар шакли махсуси ҳисоботи молиявӣ чунин ҳисоботе пешниҳод намояд, ки ҷузъҳои зерин дар он инъикос гарданд:

a) фоидаи соф ва ё зарари давра;
b) ҳар як моддаи даромад ва хароҷот, фоида ва зарар, ки бевосита дар сармояи худӣ эътироф карда мешаванд, ҳамзамон маблағи чунин моддаҳо;

c) таъсири кумулятивӣ дар сиёсати баҳисобгирӣ ва ислоҳи иштибоҳот, ки тартиби ҳисобгирии онҳоро СБҲМ 8 дида мебарояд.

Ба ғайр аз ин муассиса дар ҳисобот ва ё дар эзоҳот бояд чунин ҷузъҳоро пешниҳод кунад:

a) амалиёти хусусияти сармоявидошта бо моликон ва тақсимот ба онҳо;
b) бақияи фоидаи ҷамъшуда, ё худ зарар дар ибтидои давра ва дар санаи ҳисоботӣ, инчунин тағйирот дар тӯли давра;
c) муқоисаи арзиши балансии ҳар як гурӯҳи сармояи саҳҳомӣ, даромади эмиссионӣ ва ҳар як захира дар ибтидо ва интиҳои давра бо тафсири тағйиротҳо.

**Ҳисобот оиди сармояи худӣ**

Тағйирот дар сармояи худӣ байни ду давраи ҳисоботӣ зиёдшавӣ ва ё камшавии активҳои соф, ё ки некӯаҳволиро дар давоми давра вобаста ба принсипи мушаххаси баҳодеҳии қабулшудаи дар ҳисоботи молиявӣ кушодашаванда инъикос мекунад. Ба истисноӣ амалиётҳо бо саҳмдорон, ба мисли гузоштани сармояи худӣ ва ҳаққусаҳмҳо, тағйироти умумӣ дар сармояи худӣ ҷамъи фоида ва зарарро аз фаъолияти муассиса дар тӯли давра ифода менамояд.

**Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда**

Тағйирот дар фоидаи тақсимношуда байни ду давраи ҳисоботӣ афзоиш ё камшавии воситаҳои худиро инъикос мекунад, ки дар натиҷаи ба даст овардани фоида ва зарар, тақсимоти фоида байни моликон ва барпо намудани фондҳои гуногун ба амал омадаанд.

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ**

Маълумот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ асосро ба истеъмолкунандагони ҳисоботи молиявӣ дар бораи баҳодиҳии қобилияти муассиса вобаста ба истеҳсоли воситаҳои пулӣ ва воситаҳои ҳамарзиши онҳо, эҳтиёҷоти муассиса оиди истифодаи васоити пулӣ таъмин менамояд.

***Сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳнома***

Эзоҳномаи (пояснительная записка) ҳисоботи молиявӣ тафсир ё худ таҳлили мушаххаси маблағҳоро, ки дар баланси бухгалтерӣ, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ акс ёфтаанд ва оиди тағйиротҳо дар сармояи худӣ, ҳамчунин маълумоти иловагии барои истифодабарандагон муфидро, аз ҷумлаи ӯҳдадориҳои аҳдӣ ва шартӣ дарбар мегирад. Эзоҳот маълумотеро, ки тафсири онро СБҲМ талаб мекунад, инчунин дигар тафсироти барои пешниҳоди саҳеҳ зарурбударо дарбар мегирад.

Эзоҳнома одатан ба тариқи зерин пешниҳод гардида, ба истифодабарандагон барои дарки ҳисоботи молиявӣ ва муқоисаи он бо ҳисоботи муассисаҳои дигар мадад мерасонад:

a) изҳорот оиди мувофиқати СБҲМ;
b) маълумот оиди асосҳои баҳодиҳии қабулшуда ва сиёсати баҳисобгирӣ;
c) маълумоти мададрасон барои моддаҳое, ки дар ҳар як шакли ҳисоботи молиявӣ пешкаш шудаанд;
d) дигар тафсирот, аз ҷумла:
   - рӯйдодҳои аҳдӣ, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дигар тафсироти молиявӣ;
   - тафсироти хусусияти ғайримолиявӣ дошта.

Бахши сиёсати баҳисобгирӣ дар эзоҳнома доир ба ҳисоботи молиявӣ бояд инҳоро тасвир намояд:

*a) асосҳои баҳодиҳӣ, ки барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ истифода шудаанд;*
*b) ҳар як масъалаи мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ, ки барои дарки дурусти ҳисоботи молиявӣ зарур аст.*

Сиёсати баҳисобгирӣ, ки мавриди пешниҳод муассиса бояд онро баррасӣ намояд (лекин бо ин маҳдуд нагардад ) инҳоро дарбар мегирад:

- эътирофи пули фурӯш;
- принсипҳои муттаҳидшавӣ, аз он ҷумла корхонаҳои фаръӣ ва иттиҳодияҳо;
- муттаҳидшавии корхонаҳо;
- фаъолияти муштарак;
- эътирофи фарсудашавӣ ва истеҳлоки активҳои моддӣ ва ғайримоддӣ;
- ба сармоя гардонидани (капитализатсия) хароҷот аз рӯи қарз ва дигар хароҷот;
- шартнома оиди сохтмон;
- моликияти гузошташуда;
- олотҳои молиявӣ ва маблағгузорӣ;

- ...ҳо;
- ...харочоти ташхис ва коркард;
- ...захираҳои моддию молӣ;
- ...андозҳо, аз чумла андози батаъхиргузошташуда;
- ...захираҳо;
- ...харочоти таъминоти нафақавӣ;
- ...азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ ва суғуртаи асъор;
- ...муайян намудани воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо;
- ...баҳисобгирии беқурбшавии пул;
- ...кӯмаки (субсидияи ) ҳукуматӣ.

**...адабиёти тавсияшаванда**


Международные стандарты финансовой отчетности. том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности. том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . 261с.
Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие – Алматы, 2002.
Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
Качалин В.В. Финансовый учет и отчетность в соответствии со стандартами QAAP. 2-ое изд. перераб. - М: Дело, 1998. - 432с.
5. Мюллер Герхард Г. и др. Учет: международная перспектива – 2 –е изд. перераб. – М: Финансы и статистика, 1996. 136г.
Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ. 1999, 663с.
Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М: Финансы и статистика. 1997.. – 496с.
Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета М: Финансы и статистика, 1997
Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М: Финансы и статистика, 1996.


***...топшириш барои худсанҷӣ***

***...аҳамият***

...аҳамияти моддаҳои зеринро муайян намоед:

Дар охири сол маълум шуд, ки активҳои соли гузашта ба даст омада, нодуруст истеҳлок ...шудаанд. Истеҳлоки ин активҳо бояд маблағи 1 000 в.ш.-ро ташкил медод. Фоидаи софи ширкат ба ...ҳисоби миёна ба 110 000 в.ш. баробар аст.

2. Ибтидои соли дигари пас аз даврамаи ҳисоботӣ, дебитори калони корхона оиди муфлисшавиаш ...ъ...н намуд.

Дар ширкати тиҷоратӣ аз ҷониби баъзе кормандон ҳодисаи дуздӣ маълум карда шуд. Мувофиқи ...ҳисобӣ дар даврам ҳисоботӣ ба маблағи 1500 в.ш. молҳо ғорат шудаанд. Фоидаи ширкат ба ҳисоби ...ба 250000 в.ш. баробар аст.

Бинобар риоя накардани иҷозатнома аз болои ширкат ба додгоҳ муроҷиат карда шуд. Дар ҳолати ...и мурофиа, вай маҷбур аст, ки истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотеро, ки сабаби даъвои судӣ ...аст, қатъ гардонад. Маблағи фурӯши маҳсулоти мазкур 10000 в.ш.-ро ташкил мекунад, ҳол он, ...маблағи умумии савдои ширкат баробари 50000 в.ш. аст. Эҳтимол, ширкатро гунаҳкор ҳисобанд.

**...оҳизакорӣ (консерватизм)**

Муайян кунед, ки ширкат дар ҳолатҳои зерин ҳаққи эътирофкуниро дорад:

*...иоа:*

Арзиши балансии автомобил маблағи 5 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Ба ширкат барои он 7 000 ...пешниҳод мекунанд.

2. Ширкат оиди фурӯши бино, ки арзиши балансиаш 40 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад, қарор кард. Нархи бозории он дар ҳудуди аз 50000 то 60000 в.ш. аст.

3. Ширкат бо муштарӣ оиди адои қарзе, ки ҳамчун чоранопазир аз ҳисоб хориҷ шуда буд, ба созиш омаданд.

***Зарар:***

1. Захираҳои моддию молӣ (ЗММ) аз рӯи арзиши балансии 5000 в.ш. инъикос гардидаанд. Ширкат чунин меҳисобад, ки арзиши холиси фуруши онҳо баробари 3500в.ш. аст.
2. Муштарӣ ҳаққи пардохти 3-моҳаро ба амал наовард. алҳол ба таъхир монондани онро боз ба мӯҳлати 6 моҳ пешниҳод мекунад. Ӯ мунтазири он аст. ки дар ин муддат барои пардохти қарз мувофиқи маблағи ибтидоӣ имконият пайдо мекунад.
3. Мавриди санҷиши ногаҳонии хазина камомади пули нақдина муайян карда шуд. Корманди масъули хазина оиди барқарор намудани маблағ дар тӯли 2 ҳафта ваъда медиҳад.

**Қоидаҳои бухгалтерӣ**

Кадоме аз принсип ва тавсифномаҳои сифатии бо ҳарф қайдшуда ба моддаҳои зерин мувофиқ меоянд:

**а) бамавридӣ** **в) тафсири пурра** **д) усули баҳодиҳӣ**

**б) қиёспазирӣ** **г) консерватизм** **е) муҳимият**

1. _____Ҳамон як усули баҳисобгирии ЗММ ҳам дар соли 1997 ва ҳам дар соли 1998 истифода шудааст;
2. ______Ба ҳисоботи молиявӣ эзоҳнома ҳамроҳ карда мешавад, ки оиди эҳтимолияти пайдоиши ӯҳдадории судии ширкат маълумот медиҳад, сарфи назар аз он, ки расман ягон ӯҳдадорӣ мавриди тахияи баланси бухгалтерӣ вуҷуд надорад;
3. ______Ҳамаи пардохтҳо аз хазинаи кӯчак (малая касса) дар ҳисоби хароҷотҳои дигар дебетонида мешаванд.
4. ______Бо мақсади омада намудани ҳисоботи молиявии ҳармоҳа, мағозаи фурӯши чакана ҳисобкунии ҷисмонии пурраи ЗММ ро ба амал наоварда, далелҳои ҳисобкардашударо истифода мебарад;
5. ______ЗММ аз рӯи арзиши аслӣ, ё худ арзиши бозории камтарин баҳо дода мешавад;
6. ______ Бамаблағгузории дарозмуддат аз рӯи арзиши харид баҳо дода мешавад;
7. ______ Хариди асбобҳои камарзишро, ки ширкати бузурги истеҳсолӣ истифода мебарад, ҳамчун хароҷот инъикос менамоянд.

**Усули ҳисобкунӣ**

Ба таъхирандозӣ ва ҳисобӣ намудан.

1. Хароҷоти батаъхирмондашуда ё худ хароҷоти пешпардохтшуда дар он ҳолат ба амал меояд, ки шумо пардохтро барои мол ва ё хадамот то истифодаи воқеиашон ба сомон расонед. Ду намуди хароҷотро, ки ширкат пешпардохт мекунад, қайд кунед.

2. Фоидаи батаъхирмондашуда он вақт ба амал меояд, ки хакки Шумо қаблан пардохт мешавад. Ду мисоли ин гуна ҳолатҳоро, ки ширкат метавонад барои мол ё хадамот пешпардохт гирад, қайд намоед.

3. Хароҷоти ҳисобшуда он вақт ба амал меояд, ки Шумо мол, ё худ хадамотро то пардохти маблағи он истифода намудед. Ду намуди хароҷотро, ки ширкат одатан «пас аз воқеият» пардохт менамояд, қайд кунед. (Қайд: ин хариди активҳо нест).

4. Фоидаи ҳисобишуда он вақт ба амал меояд, агар Шумо ба он хақ пайдо кунед, лекин алҳол онро нагирифтаед. Ду мисоли даромадро қайд кунед, ки ширкат то пардохти он метавонад ба он ҳақ пайдо кунед.

**Супориши амалии №1. Баҳисобгирии бухгалтерӣ аз рӯи усули ҳисобкунӣ**

1. 2 март ширкат барои истифодаи барқ ба маблағи 2009 в.ш. ҳисобнома гирифт (минбаъд ҳамаи маблағҳо ғайри ААИ). Ширкат онро 11 март пардохт намуд. Мукотиботи зерини ҳисобҳо ба амал оварда мешавад:
   а) Мавриди гирифтани ҳисобнома
      Дт
            Кт
   б) Мавриди пардохт
      Дт
            Кт
2. Мувофиқи шартнома (6000в.ш.) ширкат бояд иҷорапулиро аз рӯи чор ҳиссаи баробар (31 март, 30 июн, 30 сентябр, 31 декабр) пардохт намояд.
   **а)** 31 январ дар китоби асосӣ қайдҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:
      Дт
            Кт

**б)** Моҳи феврал қайд оиди ҳисобкунии зерин ифода меёбад:
Дт
Кт
**в)** Дар интиҳои моҳи феврал бақияи ҳисобҳо чӣ маблағеро ташкил менамоянд?
Номгӯи ҳисоб:
Бақия аз рӯи ҳисоб:
Номгӯи ҳисоб:
Бақия аз рӯи ҳисоб:
**г)** Фаъолияти ширкатро дар моҳи март инъикос намоед:
Харочоти ичораи тӯли моҳ:
Дт
Кт
Пардохт ба ичорадиҳанда:
Дт
Кт

3. Аз рӯи шарти карордод пардохт барои аудити с. 2008 7 200 в.ш.-ро ташкил медиҳад. Мутобиқи принсипи ҳисобкунӣ пардохт барои аудит бояд ба харочоти с. 2008 тааллуқ дошта бошад, сарфи назар аз он, ки хадамот соли 2009 расонида мешавад.
**а)** Дар китоби асосии с. 2009 мукотиботи зерини ҳисобҳо хармоҳ ба амал бароварда мешаванд:
Дт
Кт
**б)** Агар ширкат моҳи декабри с. 2008 20% -и ҳаққи аудитро пардохт кунед, пардохти декабриро инъикос намоед:
Дт
Кт
**в)** Бақияи ӯҳдадории ҳисобкардашуда дар ҳисоб 31 декабри с. 2008 чӣ маблағеро ташкил мекунад?
**г)** Маблағи харочоти с. 2008 чӣ бузургиро ташкил мекунад?
**д)** Маблаги харочоти с. 2009 чӣ бузургиро ташкил мекунад?

4. **а)** Ҳангоми фурӯши бевоситаи маҳсулот ба мизоч бо пули нақд ба маблаги 3400в.ш. мукотиботи зерини ҳисобҳо (танҳо оиди фурӯш) ба амал оварда мешавад:
Дт
Кт
**б)** Ҳангоми фурӯши насияви маҳсулот ба мизоч ба маблағи 3400в.ш., мукотиботи зерини ҳисобҳо (танҳо оиди фурӯш) ба амал оварда мешавад:
Дт
Кт
**в)** Ҳангоми пардохткунӣ аз чониби мизоч, мукотиботи зерини ҳисобҳо тартиб дода мешавад:
Дт
Кт

5. **а)** Агар ширкат як қисми анбори худро ба муддати 6 моҳ ба маблағи 12 000в.ш. ба ширкати дигар ичора диҳад, ҳангоми гирифтани ҳаққи пардохт дар санаи 10 январ ба маблағи 12 000в.ш., мукотиботи зерини ҳисобҳо тартиб дода мешавад:
Дт
Кт
Анчоми ҳар моҳ аз январ то июн қайдҳои зерин ичро карда мешаванд:
(Эзоҳ: ин мукотибот даромади ҳар моҳ аз маблаги ичора пешпардохтшударо инъикос мекунад).
Дт
Кт
**б)** Агар то моҳи феврал маблағи пардохт ворид нашавад, - охири моҳи январ чӣ гуна қайд ба амал бароварда мешавад?
Эзоҳ: ин мукотибот даромадро инъикос мекунад, ки моҳи январ ба даст омада, пардохт ҳоло ворид нашудааст.
Дт
Кт
**в)** Агар то анчоми моҳи феврал маблаги пардохт ворид нашавад, мавриди ворид шудани пардохт ба маблағи 12000 в.ш. кадом мукотиботро бояд ба амал овард? Эзоҳ: нигар ба мукотиботи банди 5 б.
Дт
Кт
**г)** Агар карордодро каме тағйир диҳем, гӯем, ки манзил ба ширкати дигар аз 1 январ то 30 июн ба ичора дода мешавад, лекин аз рӯи карордод ин ширкат то моҳи июн пардохт намекунад - чӣ гуна мукотиботи ҳисобҳо аз январ то июн ба амал оварда мешаванд?
Дт
Кт

**д)** *Ҳангоми ворид шудани маблағи иҷора -12000 в.ш. дар моҳи июн чӣ гуна мукотибот ба амал оварда мешавад?*

Дт

Кт

6. **а)** Ширкат аз 1 июл то 31 декабр аз бонк ба маблағи 25000 в.ш. қарзи 10% гирифт. Чӣ гуна мукотиботи ҳисобҳоро бояд ба амал овард, ки гирифтани ин маблағ 1 июл инъикос гардад?

Дт

Кт

**б)** Кадом мукотиботи ҳисобҳоро аз июл то декабр бояд ба амал овард, то ки фоизҳо инъикос ёбанд?

Дт

Кт

**в)** Кадом мукотиботи ҳисобҳоро бояд ба амал баровард, то ки маблағи пардохти 25000 в.ш. бо иловаи фоизҳои бонкӣ 31 декабр инъикос ёбанд?

Эзоҳ: ҳамаи фоизҳои ҳисобшуда бояд беэътибор карда шаванд.

Дт

Дт

Кт

7. **а)** Ширкат бояд 36 000в.ш.-ро барои суғуртаи солона пешпардохт намуд. Мӯҳлати суғурта – аз 1 апрели с. 2008 то 31 марти с. 2009 аст. Кадом мукотиботи ҳисобҳоро бояд иҷро кард, то пардохти суғурта моҳи апрели с. 2008 инъикос гардад?

Дт

Кт

**б)** Кадом мукотиботро бояд ҳар моҳ ба амал баровард, то пӯшондани суғуртаи мӯҳлаташ гузашта инъикос ёбад?

Дт

Кт

**в)** Маблағи пурраи хароҷот аз рӯи суғурта дар с. 2008 чӣ гуна аст?

Маблағи пурраи хароҷотаз рӯи суғурта дар с. 2009 чӣ гуна аст?

**г)** Маблағи боқимондаи суғуртаи мӯҳлаташ нагузашта (ҳисоби актив) 31 декабри с. 2008 чӣ гуна аст?

**Супориши амалии №2. Муайян кардани асоси дурустии баҳисобгирии бухгалтерӣ.**

Мисолҳои пешниҳодшудаи зерин ба асосҳои принсипҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ мувофиқат доранд. Муайян кунед, ки дар ҳар як ҳолати алоҳида дар асоси кадом консепсия ва принсип баҳисобгирии бухгалтерӣ пеш бурда мешавад. Эҳтимол якчанд принсип ва консепсия истифода шуда бошад.

а) Арзиши бандак ва сабад барои партов сармоякунонида намешавад ва аз рӯи онҳо истеҳлок ҳисоб карда намешавад:

б) Сӯхтори 31 декабри с. 2008 ба амал омада, анборҳои ширкатро пеш аз интишори ҳисоботи молиявӣ дар аввали моҳи феврали с. 2009 нобуд кард. Тамоми амалиётҳои ширкат боздошта мешаванд, сарфи назар аз он, ки анбор аз чунин ҳолатҳо суғурта карда шуда буд. Ин ҳамчун ҳодисаи минбаъда дар ҳисоботи с. 2008 инъикос меёбад;

c) Ширкати истеҳсолкунандаи маҳсулоти кимиёвӣ хароҷотро ба чор бахши мустақили корӣ тақсим менамояд. Ин тақсимот ба ширкат имконият медиҳад, ки ҳисобу китоби ҳар як бахшро алоҳида ба сомон расонад;

d) Музди меҳнати кормандони ширкат дар охири сол зиёд карда шудааст, лекин он аввали соли оянда пардохт мешавад;

e) активҳои ширкат, ки фаъолиятии худро қатъ мегардонад дар ҳисоботи молиявӣ аз рӯи арзиши ниҳоӣ пешниҳод мешаванд:

f) арзиши мошинҳо ва таҷҳизот мӯҳлати 5 соли охир истеҳлок шудаанд, чунки аз рӯи ақидаи муҳандисон таҷҳизот дар тӯли ин марҳила пурра фарсуда мешавад;

g) ширкати истеҳсолӣ таҷҳизоти махсусро барои худистифодабарӣ истеҳсол намуд. Дар ҳолати хариди он аз истеҳсолкунандаи беруна арзиши таҷхизот ба 60 000 в.ш. баробар мешуд, ҳол он ки арзиши аслии он дар ширкат ҳамагӣ 40 000 в.ш.-ро ташкил дод. Дар китоби асосӣ таҷҳизот бо нархи 40 000 в.ш. ба ҳисоб гирифта шудааст;

h) истеҳлоки биноҳои кориро ба фурӯши мушаххас мансуб кардан мушкил аст. Бинобар ин ширкат баҳисобгириро аз рӯи истеҳлок тӯли марҳилаи муайян пеш мебарад.

i) ширкат тағйири усули баҳисобгирии даромадро пешбинӣ намудааст. Лекин ширкат истифодаи усулҳои навро ба роҳ намонда, хоҳиши онро дорад, ки аз усулҳои аз ҷониби ширкатҳои дигар истифода шуда, баҳраманд бошад.

j) ширкат барои бадастории қарзҳои дебитории мақуфгузоштташудашуда душворӣ мекашад, бинобар ин усули хазинавии эътирофи даромадҳоро истифода мебарад.

# Боби 3. Низоми ҳисобҳо ва навишти дутарафа

***Мақсади омӯзиш***
***Масъалаҳои ченкунӣ***
***Муайян намудани моҳияти иқтисодии хисоби бухгалтерӣ***
***Сохтори ҳисобҳо***
***Низоми навишти дутарафаи амалиётҳо дар хисоб***
***Баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъӣ***
***Таснифот ва нақшаи хисоби бухгалтерӣ***
***Адабиёти тавсияшуда***
***Вазифаҳо барои худтафтишкунӣ***

**Мақсади омӯзиш**

- моҳияти ҳисоби бухгалтериро фаҳмидан;
- фарқ карда тавонистани ҳисоби актив ва пассив, доимӣ ва муваққатӣ;
- бо усули навишти дутарафа дар ҳисоб инъикос кардани амалиёти хоҷагӣ, ҳисоб кардани гардиш ва бақияи онҳо;
- муайян намудани дараҷаи таъсири амалиётҳои хоҷагӣ ба активҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоя;
- донистани принсипҳои таснифи ҳисоби бухгалтерӣ ва хусусиятҳои тартиб додани нақшаи ҳисоб.

**Масъалаҳои ченкунӣ**

Ҳисоби бухгалтерӣ ҳамчун фан ва таҷрибаи системанок, ҳамчун системаи ахборотӣ, ки аз ченкунӣ, коркард ва пешкаш намудани ахбороти молиявӣ ба истифодабарандагони мушаххас, фаҳмида мешавад. Дар луғати энсиклопедӣ чунин таърифи система оварда шудааст: «Система – ҷузъҳои бисёре, ки ба якдигар вобастагӣ доштa, яклухтӣ, ягонагиро ташкил медиҳад»[13].

Система дар назар дорад, ки кадом объектҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд ва онҳо чӣ гуна чен карда мешаванд. Фақат ба воситаи ченаки пулӣ дараҷаи таъсири амалиётҳои хоҷагӣ ба натиҷаи фаъолиятивоҳиди хоҷагидорӣ (business entities) муайян карда мешавад.

Дар ҳисоби бухгалтерӣ объекти ченкунӣ ***<u>амалиётҳои хоҷагӣ</u> (business transactions)*** фаҳмида мешавад.

Амалиёти хоҷагӣ – ҳодисаҳои иқтисодӣ ва ё хоҷагию ҳуқуқӣ, ки ба натиҷаҳои фаъолияти молиявии ширкат таъсир мерасонанд. Мисол, сарфи масолеҳ, ҳисобкунии музди меҳнат, фурӯши молҳо, гирифтани даромад ва дигарҳо. Вале на ҳамаи ҳодисаҳо ва воқеаҳо ҳамчун амалиёти хоҷагӣ фаҳмида мешаванд. Барои мисол, талафот дар натиҷаи ҳодисаҳои фавқулодда, камомади захираҳои молию моддӣ, фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва ба инҳо монандро ба гурӯҳи амалиётҳои хоҷагӣ дохил кардан мумкин нест. Онҳоро факт (ҳақиқати) фаъолияти хоҷагӣ меноманд. Бинобар он, дар баҳисобгирии бухгалтерӣ мафҳуми «факти фаъолияти хоҷагӣ»-ро истифода мебаранд (амалиётҳои хоҷагиро ҳам ба фактҳо дохил мекунанд). Аз ин нуқтаи назар тадқиқоти гуногуни фактҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳо дучоранида мешаванд ва ин доираи тафаккури фаъолият барои муносибати ситемавӣ ва ҳалли проблемаҳои самаранок идоракунии фаъолияти ширкат аҳамияти муҳим дорад.

Аломатҳои гуногуни фактҳо ҷудо карда мешаванд, ки дорои таъиноти аниқ ҳастанд:

- *нисбати худи корхона* – беруна ва дохилӣ;
- *мувофиқи мазмун* – иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, омехташуда;
- *аз рӯи вақти содиршуда* – гузашта, ҷорӣ, оянда;
- *нисбати воситаҳои корхона* – пермутатсия *(тағйирёбии дороиҳо (активҳо) ва ё пассивҳо)* ва модификатсия *(якбора тағйирёбии активҳо ва пассивҳо)*.

Фактҳои содиршуда ба ҳолати молиявии ширкат таъсир мерасонанд. Бинобар, онҳоро ба ҳисоб мегиранд ва таҳлил менамоянд.

Дар таҷриба бухгалтер (муҳосиб) бояд ба се савол ҷавоб дода тавонад:

- *кай амалиёти хоҷагӣ ба амал омад* ***(масъалаи идентификатсия – recognition issue);***
- *арзиши амалиётҳои хоҷагӣ чӣ қадар аст* ***(масъалаи баҳодиҳӣ – valuation issue);***

---

[13] БСЭ, ч.23. с.463

- *амалиётҳои хоҷагӣ чӣ тавр бояд тасниф карда шаванд* ***(масъалаи таснифот – classification issue).***

Бахисобгирии бухгалтерӣ бояд фактҳои фаъолияти хоҷагиро дуруст ва дар айни вақт идентификатсия карда (хаммонанд карда), чен карда, хисоб карда ва мувофиқи мазмуни амалиётҳои хоҷагӣ маънидод кунад. Аз давраи бақайдгирии амалиётҳои хоҷагӣ андозаи натиҷаи молиявӣ вобастагӣ дорад.

Дар ҳисобгирии бухгалтерии анъанавӣ арзиши аслии маҳсулот (кор, хадамот) дарҷ, ҷамъбаст ва ҳисоб карда мешавад. Активҳои гардон дар баланси бухгалтерии ширкат бо арзиши аслӣ баҳо дода мешаванд. Мувофиқи принсипи баҳодиҳӣ ҳисоби бухгалтерии амвол, ӯҳдадориҳо ва амалиётҳои хоҷагӣ аз рӯи ченаки пулӣ бурда мешавад. Пас аз ченкунӣ ва баҳодиҳӣ амалиётҳои хоҷагиро дар системаи ҳисоб менависанд. Ҳар як ҳисоб – соҳиби ахборот, ҷузъи система ва зерсистемаи ахборотӣ мебошад. Бинобар он, интихоб намудани миқдори зарурии ҳисоби куллӣ, асоснок кардани аломатҳои таснифоти онҳо ва ба қисмҳо тақсим намудани ахбороти ба даст оварда муҳимтарин масъалаҳои методологии баҳисобгирии бухгалтерӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ҳалли дурусти ин масъалаҳо сифати ахборот ва андозаи натиҷаҳои молиявӣ вобастагӣ дорад. Мисол, хариди асбобҳои махсусро ҳамчун хароҷот барои таъмир ва хизматрасонӣ воситаҳои асосӣ (1) ва ё ҳамчун харидкунии воситаҳои асосӣ фаҳмидан мумкин аст (2)[15]

Дар маврилди якум манбаи хариди асбобҳои махсус арзиши аслӣ мебошад, дар мавриди дуюм – сармояи хулӣ ва ё қарзӣ аст. Агар арзиши асбобҳои махсуси сарфшударо ба арзиши аслӣ гузаронем, пас чӣ аст, ки фоида кам мешавад. Аз ин ҷо, интихоби ҳисоб ба натиҷаҳои молиявӣ таъсир мерасонад.

**Муайян намудани моҳияти иктисодии ҳисоби бухгалтерӣ**

Дар якумин асари чопӣ оиди ҳисоби бухгалтерӣ Л.Пачоли чунин таърифи ҳисоби бухгалтериро оварда аст: «Ҳисоб моҳияти на бештар аз тартиби дархориро дорад, ки худи тоҷир муқаррар кардааст, дар ҳолати дуруст истифодабарии он вай дар бораи ҳамаи корҳояш, ки бо муваффақият рафта истодаанд ва ё не маълумот мегирад» (4, с.75). Ин таърифи моҳияти ҳисоб ба давраи Эҳё тааллуқ дорад. таърифҳои ҳозиразамони моҳияти ҳисоби бухгалтерӣ аз гуфтаи Л.Пачоли он қадар фарқе надоранд. Ғояи асосӣ аз он иборат аст, ки ҳисоб дар бораи фаъолияти хоҷагии субъект маълумот пешниҳод мекунад ва дар асоси он маълумот баҳо дода, қарорҳои зарури идоракунӣ қабул карда мешаванд.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ ҳамчун системаи ахборотии таъмини идоракунӣ бо ахбороти фоидаовар фаҳмида мешавад. Ба мақсади дастрас намудани ахбороти зарурӣ системаи ҳисобҳои бухгалтерӣ истифода бурда мешаванд.

Нисбати муайян намудани моҳияти ҳисоби бухгалтерӣ ду нуктаи назар вуҷуд дорад.

Ҳисоб ҳамчун тарзи гурӯҳбандӣ назорати ҷорӣ ва инъикос намудани тағйирёбиҳои воситаҳои хоҷагии корхона фаҳмида мешавад. Муҳимтаринаш дар ин ақида он аст, ки ҳисоб ҳамчун тарзи гурӯҳбандӣ, инъикос ва ҷамъбасткунии ахбороти якхелаи ҳисобдорӣ фаҳмида мешавад.

Ҳисоби бухгалтерӣ - ин ҷузъи системаи ахборотии идоракунӣ ва ё нигаҳдории ахборот мебошад. Ҳисоби бухгалтерӣ - тарзи таснифот, инъикос ва муқоисакунии ахборот ба мақсади ҷамъбасткунии нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагӣ.

Ба воситаи системаи ҳисоб мушоҳидакуни бефосилаи ҷорӣ ва назорат аз рӯи ҳолат ва ҳаракати воситаҳои хоҷагии субъекти хоҷагидорӣ гузаронида мешавад.

Таърифи дуюми моҳияти ҳисобҳо хеле ҳозиразамон ва пурмазмунтар мебошад.

**Сохтори ҳисобҳо**

Ҳисоб тасвири графикӣ, шакли «Т» - монанд дошта, ба намуди ҷадвали дутарафа дар китобҳо, карточкаҳо ва варақаҳои озод тасвир карда шудааст. Ҳар як намуди ҳисоб аз ду қисм иборат аст: чап – дебет (лот. debet – вай қарздор), рост – кредит (лот. credit – вай бовар мекунад). Ин калимаҳо фақат маънои ифодаи техникии тарафҳои чапу рости ҳисобро доранд.

Нисбати баланси бухгалтерӣ ҳисоб активӣ ва пассивӣ мешавад. (ҳисоби активию пассивӣ эътироф карда намешавад).

---

[15] Дар ин маврид ба назар гирифтан зарур аст, ки дар таҷрибаи мо асбобу анҷоми махсус ба гурӯҳи предметҳои камнарху тезфарсудашаванда дохил карда мешаванд (Эзоҳ – М.Ш.)

**Ҳисоби активӣ** – ин ҳисобест, ки дар он таркиб ва ҳаракати харгуна намудҳои амвол ба ҳисоб гирифта мешавад, онҳо бақияи дебетӣ доранд.

Дар ҳисоби активӣ зиёдшавӣ (+) дар дебет ва камшавӣ (-) дар кредит тасвир карда мешавад. Чунин маънидод кардани тағйирёбии амалиётҳо (+,-) дар ҳисоб ба осонӣ фаҳмост, вале барои фаҳмидани моҳияти ахбороти ҳисоби алоҳида норасост (8 с.9). Ин ҳолатро дар мисоли ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» дида мебароем.

**Ҳисоби активӣ**

| Дебет (Дт) | Кредит (Кт) |
|---|---|
| *1) Бақия дар аввали давра*<br><br>*2) Амалиётҳои зиёдшавӣ (+).*<br><br>*4) Бақия дар аввали охири давра* | **3) Амалиётҳои камшавӣ (-)** |

**Ҳисоби «Воситаҳои асосӣ»**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| **Бақия – арзиши воситаҳои асосӣ дар аввали давра ...500 000**<br>***Гардиш – арзиши воситаҳои асосии дохилшуда – .........12 000***<br>***Бақияи воситаҳои асосӣ дар охири давра .................565 000*** | ***Гардиши арзиши воситаҳои асосии хориҷшуда (фурӯш, хориҷ сахм гузошта, бебозгашт, мубодила)....55 000*** |

Аз рӯи мазмуни ҳисоби актив дида мешавад, ки ахбороти мусбат (+) дар қисми дебетӣ, вале ахбороти манфӣ (-) – дар қисми кредитии ҳисоб навишта мешавад. Маблағи умумии амалиётҳои хочагӣ гардиши номида мешавад, ки он метавонад дебета кредитӣ бошад. Бақияи охир (салдо ҳисоб кардан) аз рӯи ҳисоби актив бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$Б_о=Б_а + Г_д - Г_к;$$

ки дар ин ҷо:

$Б_а$ ва $Б_о$ – гардиши аввала ва охира;

$Г_д$ – гардиши дебетӣ;

$Г_к$ – гардиши кредитӣ;

Схемаи ҳисоби «Воситаҳои асосӣ»-и оварда шуда нишон медиҳад, ки ҳисоб мазмуни аниқи иқтисодӣ дорад. Мисол, ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» нишон медиҳад, ки арзиши воситаҳои асосӣ 65 000 в.ш. зиёд шуданд (565 000 – 500 000), дохилшавии воситаҳои асосӣ (120 000) нисбати хориҷшавиашон (55 000) 65 000 зиёд шудааст (120 000 –155 000)

**Ҳисоби пассив** – ин ҳисоби бухгалтериест, ки манбаъҳои пайдоиши моликияти корхонаро ба ҳисоб мегирад. Мувофиқи консепсияи СБҲМ (Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ) пассиви баланс аз ӯҳдадорӣ ва сармояи худӣ иборат аст. Бақия дар ҳисоби пассив кредитӣ мешавад. Бақияи охираро дар ҳисоби пассив чунин муайян мекунанд:

$Б_о=Б_а+Г_к – Г_д= 800 + 30\ 200 – 30\ 000=1000$

Ахбороти «Ҳисобҳо барои пардохт»-ро, ки ҳолати ҳисоббаробаркуниро бо молтаъминкунандагон нишон медиҳад, дида мебароем

**Ҳисоби пассивӣ**

| Дебет (Дт) | Кредит (Кт) |
|---|---|
| *3) Амалиётҳои камшавӣ (-)* | *1) Бақия дар аввали давра*<br><br>*2) зиёдшавии амалиётҳо (+)*<br><br>*4) Бақия дар охири давра* |

**Ҳисобҳо барои пардохт**

| Дебет (Дт) | Кредит (Кт) |
|---|---|
| **Гардиш – пардохти ҳисоби молтаъминкунандагон барои молу масолех, воситаҳои асосӣ ва хадамот.......... 30 000** | ***Бақия – қарздорӣ ба молтаъминкунандагон аз рӯи талабномаҳои пардохтанашуда.............800***<br>***Гардиш – аксепти ҳисоби молтаъминкунандагон барои молу масолеҳ, корҳо ва хадамот ..................30 200***<br>***Бақия – қарздорӣ ба молтаъминкунандагон дар охири давра ...... ....... 1 000*** |

Мо нақшаҳои умумии ҳисоби активӣ ва ҳисоби пассивиро муқоиса намудем. Агар аз баробарии математикии ҳодисаҳтисодӣ ва тасвири тағйирёбии онҳо дар ҳисоби бухгалтерӣ нигоҳ кунем, пас маълум мешавад, ки ҳисоби активӣ сохтораш якхела аст. Барои тараққиёти касбии бухгалтер зарур аст, ки мазмуни дебет ва кредитро хонда тавонад; яъне бидонад, ки кадом ахборот дар дебет ва кредити ҳисоби аниқ акс меёбад ва кӣ истифодабарандаи чунин ахбороти ҳисобдорӣ аст.

Ахбороти аз ҳисоб гирифта шуда барои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ зарур аст. Ба элементҳои (ҷузъҳои) ҳисоботи молиявӣ дохил мешаванд:

- дороиҳо - активҳо (ҳисоби доимӣ);
- ӯҳдадориҳо (ҳисоби доимӣ);
- сармояи худӣ (ҳисоби доимӣ);
- даромадҳо (ҳисоби муваққатӣ);
- харочот (ҳисоби муваққатӣ);
- фоида (ҳисоби муваққатӣ);
- зарар (ҳисоби муваққатӣ).

Бақияи ҳисоби доимӣ ба балансн бухгалтерӣ гузаронида мешавад, вале ҳисоби тағйирёбанда дар охири давра пӯшида мешавад.

**Қоидаи навишти дутарафа**

| | Дебет | Кредит |
|---|---|---|
| Активҳо | Зиёдшавӣ (бақия) | Камшавӣ |
| Ӯҳдадориҳо | Камшавӣ | Зиёдшавӣ |
| Сармояи худӣ | Камшавӣ | Зиёдшавӣ |
| Даромад | Камшавӣ | Зиёдшавӣ |
| Харочот | Зиёдшавӣ | Камшавӣ |
| Фоида | Камшавӣ | Зиёдшавӣ |
| Зарар | Зиёдшавӣ | Камшавӣ |

Намудҳои тағйирёбиҳоро дар ҳисоби доимӣ ва тағйирёбанда чунин тасвир мекунем.

**Активҳо** - **Ӯҳдадориҳо** = **Сармояи худӣ**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти зиёдшавии активҳо | Навишти камшавии активҳо |
| ***Бақия*** | |

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти камшавии ӯҳдадориҳо | Навишти зиёдшавии ӯҳдадориҳо |
| | ***Бақия*** |

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти камшавии сармояи худӣ | Навишти зиёдшавии сармояи худӣ |
| | ***Бақия*** |

**Даромад** - **Харочот**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти камшавии даромадҳо | Навишти зиёдшавии даромадҳо |
| | **Бақия** |

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти зиёдшавии харочот | Навишти камшавии харочот |
| **Бақия** | |

= **Фоида** ё **Зарар**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти камшавии зарар | Навишти зиёдшавии активҳо |
| | **Бақия** |

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| Навишти зиёдшавии зарар | Навишти камшавии зарар |
| **Бақия** | |

**Низоми навишти дутарафаи амалиётҳо дар ҳисоб**

*«**Навишти дутарафа ба ҳаёт ба монанди системаҳои Галилей ва Нютон дохил шуд»***
***Иқтисодчии машҳури олмонӣ В. Зомбарт (1863 – 1941)***

Баҳисобгирии бухгалтерӣ характери системанок дорад. Ин чунин маъно дорад, ки объектҳои аз рӯи мазмуни иқтисодӣ ва таъиноти гуногун (активҳо ва пассивҳо) бо ченаки ягонаи пулӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дараҷаи таъсири амалиёти хоҷагӣ ба ҳисоб ва балансн бухгалтерӣ муайян карда мешавад.

«Навишти дутарафа ҳисобдориро характери системанок медиҳад, ҳисоби бухгалтериро ба системаи ба ҳам пайвастаи ахборотӣ мубаддал мегардонад, ки ба гирдгардиши ҳақиқии воситаҳо ва захираҳои хоҷагӣ мувофиқат мекунад» (3.с.64).

Тарзи навишти дутарафа аллакай ба халқҳои антиқа маълум буд, вале чун системаи навишти дутарафа ва тартиб додани балансн бухгалтерӣ дар таҷриба дар миёнаи асрҳои сездаҳум амалӣ шуда буд, ки дар натиҷаи пайдо шудани ширкатҳо, кредит ва тараққиёти савдои ҷаҳонӣ ба амал омадааст.

Моҳияти системаи навишти дутарафа дар он аст, ки фактҳои фаъолияти хоҷагӣ бояд ду маротиба ба қайд гирифта шаванд: аз рӯи дебети як ҳисоб кредити дигар ҳисоб ва бо маблағи баробар.

**Мисоли 1.** 10 январи соли 2009 ширкати «Рустам» мувофиқи шартнома ба маблағи 5 000 в.ш. молҳоро харид кард. Ин амалиётро дар ҳисоби бухгалтерӣ ин тавр дарҷ мекунем:

***Молҳо***.......................................*5 000*

***Ҳисобҳо барои пардохт***.................*5 000*

**Мисоли 2.** Маблағи қарздорӣ ба молтаъминкунандагон пардохта шуд:

***Ҳисобҳо барои пардохт***..................*5 000*

***Хазина (воситаҳои пулӣ)***.................*5 000*

Дар модели Т-ҳисоб алоқамандии ҳарду амалиёт бо схемаи зерин тасвир карда мешавад.

| ***Дт*** | ***Хазина*** ***Кт*** → | ***Дт*** | ***Ҳисобҳо барои пардохт*** ***Кт*** → | ***Дт*** | ***Молҳо*** ***Кт*** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Бақия дар аввали давра 40 000* | *(2) 5 000* | (2) 5 000 | *Бақия дар аввали давра* (1) 5 000 | Бақия дар аввали давра (1) 5 000 | |
| Гардиш - | Гардиш- 5000 | Гардиш- 5000 | Гардиш - 5000 | Гардиш - 5000 | |
| Бақия дар охири давра 35 000 | | | Бақия дар охири давра | Бақия дар охири давра 5000 | |

***<u>Қоидаи навишти дутарафа имкон медиҳад:</u>***

- дуруст сабт намудани фактҳо дар системаи ҳисоб зери назорат гирифта шаванд;
- таҳлили ҷорӣ ва баҳодиҳии тағйирёбиҳо дар таркиби молу мулки корхона, ӯҳдадориҳо ва сармояи корхона;
- баробарии балансӣ: ***активҳо = ӯҳдадориҳо + сармоя*** таъмин гардад;
- тарҳрезӣ намудани ахбороти ҳисобдорӣ ва ҳалли проблемаи интихоби оптималии ахбороти зарурӣ.

Ба ақидаи Б. Нидлз ва дигар муаллифони китоби машҳури «Принсипҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ» «яке аз душвортарин лаҳза дар фаҳмиши навишти дутарафа дар истифодабарии ин қоида барои дарҷ намудани чунин қисмаҳои сармоя, ба монанди даромад, хароҷот ва аз истеъмол баровардани сармоя мебошад. Азбаски даромад сармояро зиёд мекунад, вале хароҷот ва хориҷкуниҳои сармоя онро кам мекунанд, бинобар он чунин алоқамандӣ ҷой дорад»[16]:

***Сармоя***

| Камшавӣ (дебет) | Зиёдшавӣ (кредит) |
|---|---|

**Хароҷот**

| Зиёдшавӣ (дебет) | Камшавӣ (кредит) |
|---|---|

**Бозгирифти сармоя**

| Зиёдшавӣ (дебет) | Камшавӣ (кредит) |
|---|---|

**Даромад**

| Камшавӣ (дебет) | Зиёдшавӣ (кредит) |
|---|---|

Бухгалтери ҷавони таҷрибаомӯз аксар вақт нисбати ба ҳисоб гирифтани амалиётҳои даромад, хароҷот ва истифодабарии сармоя бо душвориҳое вомехӯрад. Схемаи дар боло овардашудаи ҳисоби сармоя нишон медиҳад, ки зиёдшавии даромад ва сармоя дар кредит, камшавиаш – дар дебет сабт мешавад. Зиёдшавии хароҷот ва хориҷшавии сармоя маблағи худи сармояро кам мекунад (маънои дебетро дорад).

***Хулоса:*** амалиёти хоҷагӣ бо усули навишти дутарафа дар ҳисоб сабт мешаванд ва бевосита ба зиёдшавӣ (кредит) ва камшавии (дебет) сармоя таъсир мерасонанд. Агар амалиёт ба сармоя ҳолати молиявии субъекти хоҷагидорӣ таъсир нарасонад. Он гоҳ чунин ҳодисаҳо амалиёти хоҷагӣ ҳисобида намешаванд.

---

[16] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. 496с. стр. 39

**Баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъӣ**

Маълумоти ҳисоби активӣ ва пассивӣ вобаста ба дараҷаи ҷамъбасткунии ахборот куллӣ, мобайнӣ (ёрирасон) ва ҷузъӣ мешаванд. Аз ин ҷост, ки се дараҷаи тафсили ахборот дар ҳисоб вуҷуд дорад:

- *Дараҷаи 1 – ҳисоби куллӣ;*
- *Дараҷаи 2 – ҳисоби мобайнӣ;*
- *Дараҷаи 3 – ҳисоби ҷузъӣ.*

**Ҳисоби куллӣ** (ҷамъбасткунанда) – ин тарзи таснифот ва ба тартиб даровардани ахборот мувофиқи давраҳои гирдгардиши востаҳо ва ӯҳдадориҳо.

**Ҳисоби ҷузъӣ** дар дохили ҳисоби куллӣ вобаста ба мазмуни амалиётҳои хоҷагӣ, вазифаҳои назорат ва таҳлил, талаботи истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи ахборот кушода мешавад.

Дар системаи ахбороти ҳисобгирии бухгалтерӣ ҳисоби куллӣ дар бораи динамикаи (ҷараёни инкишофи) дороиҳои корхона ба ҳисоби пулӣ маълумот медиҳад (алоқаҳои горизонталӣ) ва ҳисоби ҷузъӣ дар дохили ҳисоби куллӣ (вертикалӣ) навишта мешавад.

**Расми № 4.**




Қоидаи умумии бурдани ҳисоб чунин аст: маблағи ҳамаи ҳисоби ҷузъӣ ба ҳисоби куллӣ баробар аст.

$$A=\Sigma a1+a2+\dots an$$

**Таснифот ва нақшаи ҳисоби бухгалтерӣ**

Таснифоти ҳисоб ба саволҳои зерин ҷавоб медиҳад: чӣ тавр ва дар куҷо ахбороти ҳисобгирии бухгалтерӣ ҷамъбаст карда мешавад. Ба ин мақсад ҳисоби бухгалтериро аз рӯи аломатҳои муайян таснифот мекунанд. Интихоби хусусиятҳои таснифот гуногунанд ва дар назарияи ҳисобдорӣ ин масъала ҳоло ҳалли худро наёфтааст

Аз тарзи дуруст интихоб намудани ҳисоби куллӣ вобастагӣ доранд:

- *баҳисобгирии аналитикии арзишҳои молию моддӣ, воситаҳои асосӣ ва дигар объектҳои ҳисобгирии бухгалтерӣ;*
- *асоснок намудан ва зарурияти нишондиҳандаҳое, ки аз ситемаи баҳисобгирии бухгалтерӣ бармеоянд;*
- *ҳаҷми ахбороти система ва қобилияти таъмини талаботи идоракунӣ бо ахбороти зарурӣ.*

Аз ҳама аломатҳои хоси таснифоти ҳисоби бухгалтерӣ инҳоянд:

а. нисбати баланс – балансӣ ва ғайрибалансӣ;
б. аз рӯи дараҷаи ҷамъбасткунии ахборот – куллӣ ва ҷузъӣ;
в. аз рӯи характери бақия (савдо) – доимӣ (балансӣ) ва муваққатӣ (пӯшида мешаванд ва бақия надоранд);
г. аз рӯи мазмуни иқтисодӣ – ҳисоби активӣ (ҷорӣ ва дарозмудат), ҳисоби пассивӣ (ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ)

Аломати иқтисодии таснифоти ҳисоб аз ҳама муҳимтарин аст: имконият медиҳанд, ки ахборот дар бораи ҳолати молиявии корхона дуруст ба шакли муайян даровард шавад.

Дар асоси таснифоти иқтисодии ҳисоб нақшаи ҳисоби бухгалтерӣ тартиб дода мешавад, яъне номгӯи ба система даровардашудаи ҳамаи ҳисоби бухгалтери бо нишододи рамзҳо ва номҳояшон.

Дар давраи гузаронидани ислоҳоти системаи баҳисобгирии бухгалтерӣ зарур аст, ки аз Нақшаи намунаи ҳисоби бухгалтерии аз тарафи Федератсияи Байналмиллалии Бухгалтерон (IFAC) тасдиқ гардида шуд, истифода намоем.

Мувофиқи талаботи СБҲМ риоя кардани талаботи рақамгузории ҳисоб, ҳисоби мобайнӣ (субсчет) он қадар ҳатмӣ нест. Худи корхонаҳо тартиби истифодабарии ҳисобро мувофиқи сиёсати ҳисобдориашон муайян мекунанд. Ин принсипи демократӣ имкон медиҳад, ки фасеҳӣ ва имконияти ба тезӣ ба талаботи ахбороти корхонаҳо мувофиқ кунонида шавад.

Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерии фаъолияти молиявӣ – хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки аз 15 ноябри соли 2009 аз тарафи Шӯрои Методологӣ оиди баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити назди комиссияи Ҳукуматӣ оид ба татбиқи Стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, тартиби муносибро бо мақсади инъикоси боэътимоди иттилоот дар ҳисоботи молиявӣ дорад. Сохтори хаттии нақшаи ҳисобҳо, набудани зерхисобҳо аҳамияти муҳими назоратии мукотиботҳои бухгалтериро хеле баланд менамояд ва дар ҳолатҳои зарурӣ имконияти дохилкунии ҳисобҳои иловагиро медиҳад.

**Нақшаи ҳисобҳо шаш қисмро дар бар мегирад: қисмҳои 1–3 - мувофиқи схемаи баланс, қисмҳои 4 – 6** - мувофиқи схемаи ҳисоботи оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявии хоҷагӣ.

Таснифоти ҳисоб мувофиқи мазмуни иқтисодиашон ба модели «Захираҳо –Натиҷаҳо» наздиктар аст, ки дар расми 5. тасвир карда шудааст .

Хусусиятҳои сохти Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерии фаъолияти молиявӣ хоҷагии субъектҳои хоҷагидориро мувофиқи СБҲМ кӯтоҳтар дида мебароем.

Ҳисоби баланси рамзҳои панҷ гурӯҳи доранд, ки онҳоро чунин ифода кардаанд:

С ММ РР

С – категорияи ҳисоб;

ММ - ҳисоби асоси (ҳисоби дараҷаи якӯм);

РР – ҳисоби гузарониш (проводка) ва навишт(аҳо дуюм)

**Категорияи ҳисоб** – ин сохтори хеле калоншудаи ҳисоб аст, ки ба активӣ ва пассивӣ тақсим мешавад. Чунин нигоҳ ба таснифоти ҳисоб имкон медиҳад, ки ба кадом қисмати баланс тааллуқ доштани онро муайян кунем.

Мисол рамзи ҳисоби 10760 чунин маъно дорад:

1 – категорияи ҳисоби актив;

07 – захираҳои моддию молӣ;

60 – сузишворӣ.

Тасnифи ҳисобҳоро дар асоси талаботи таҳияи ҳисоботи молиявӣ ба тариқи зайл ба амал мебароранд:

1. А Активҳо;
2. Ӯ Ӯҳдадориҳо;
3. С - Сармояи худӣ;
4. Д - Даромад;
5. Х - Хароҷот:
6. Ғ – Даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ.

Хусусиятҳо:

1. Ҳисобҳои актив бо тартиби пастшавии сатҳи бозоргирӣ ҷойгиронида мешаванд, ҳисобҳои баҳисобгирии ӯҳдадориҳо бошанд - мувофиқи мӯҳлати фарорасии пардохти ӯҳдадориҳо;
2. Ҳисобҳои куллӣ мавриди истифода қарор намегиранд. Равиши омодасозӣ ва такомулоти нақшаи ҳисобҳои бухгалтерӣ равнақи минбаъдаи ҳисобҳои таҳлилии активҳо, ӯҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотро мадди назар доранд.
3. Умуман, ҳисобҳоро минбаъд ба активию пассивӣ ҷудо намудан то андозае ғайриимкон аст, зеро қисми зиёди ҳисобҳо метавонанд мавқеъи худро тағйир диҳанд. Дар таҷрибаи хориҷӣ ҳисобҳои активию пассивӣ вуҷуд надоранд.

Ҳамин тавр, нақшаи ҳисобҳо – ин як навъ таснифоти номгӯи умумии нишондиҳандаҳои гурӯҳбандишудаи ҳисоботи молиявӣ дар ҳамбастагии бевоситаи равишҳои таҳлилӣ мебошад.

## Расми 5. Таснифоти ҳисоб мувофиқи мазмуни иқтисодиаш




САРМОЯ
5. Сармояи худӣ
Сармояи эълоншуда (оинномавӣ)
Саҳмияҳои оддӣ
Саҳмияҳои имтиёзнок
Саҳмияҳои худи харидашуда
Сармояи иловагии пардохташуда
Сармояи иловагӣ
Фоидаи тақсимнашуда
Сармояи захиравӣ
Ҳаққи ақаллият
ҲИСОБҲОИ ДАРОМАДҲО ва ХАРОҶОТҲО
6. Даромад
Даромад аз фурӯш
Даромад аз фаъолияти ғайриамалиётӣ
7. Хароҷот
Арзиши маҳсулоти (молҳои) фурӯхташуда
Хароҷоти тиҷоратӣ
Хароҷоти умумӣ ва маъмурӣ
Андоз аз фоида (даромадҳо)
Ҳисобҳои фосилавӣ
Маҷмӯи даромад ва хароҷот

## Адабиёти тавсияшуда


1. Нидлз Б., Андерсон Х.,Колдуэлл Д. Принципы бухгалтерского учета. – Москва.: Финансы и статистика , 1997. - 496с.
2. Махмадшоев Д.Ш., Асланов З.М. Новый план счетов в банках. Учебное пособие. ТГУК. Душанбе, 2000.-103с.
3. Палий В.Ф., Соколов Я.В. АСУ и проблемы теории бухгалтерского учета.-М.: Финансы и статистика, 1981.-224с.
4. Пачоли Л. Трактат о счетах и записях - Москва.: Финансы и статистика, 1983.-286с.
5. Сейдахметова Ф.С. Система счетов и двойная запись. Учебное пособие. – Алматы, издательство LEM, 2001- 44с.
6. Финансовый учет. (Учебное пособие). Применение Международных Стандартов Бухгалтерского учета на практике. ОБА, 2001. –320с.
7. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета - Москва.: Финансы и статистика, 1997. – 176с.
8. Шобеков М.Ш., Кучаров М. Язык бухгалтерского учета. Душанбе. Деловар ДДМТ, 2002.-196с.


### Мисол оиди баланси санҷишӣ

Ширкати «Тоҷикэккаунтинг» бо тайёркунии бухгалтерон аз рӯи СБҲМ, инчунин бо коркарди компютерии ахборот машғул аст. Дар моҳи январи соли 2009 амалиёти зерин ба қайд гирифта шудаанд (бо в.ш.):

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Ба фаъолияти ширкат активҳои зерин гузошта шуданд: | | |
| | Воситаҳои пулӣ | | 10000 |
| | Компютер | | 600 |
| | Мебел | | 500 |
| 2. | Пардохти реклама дар рӯзнома | | 50 |
| 3. | Хариди таъминоти барномавӣ | | 250 |
| 4. | Хариди насиявии таҷҳизоти чопкунии GR 2710 | | 1000 |
| 5. | Хариди молҳои идоравӣ | | 20 |
| 6. | Воридшавии аризаҳо аз 10 кас оиди қабулкунӣ ба курсҳои тайёркунии бухгалтерон | | |
| 7. | Пешниҳоди ҳисоб ба чор шунаванда | | 1200 |
| 8. | Пардохт ба «Тоҷиккоммунсервис» барои хизмат | | 70 |
| 9. | Пардохти музд ба оператори компютер | 90 | |
| | ва омӯзгор | 110 | |
| | Ҳамагӣ | | 200 |
| 10. | Пардохт аз 6 шунаванда барои курс | | 1800 |
| 11. | Пардохти арзиши таҷҳизоти чопкунии ба тарзи насия харидишуда | | 1000 |
| 12. | Азҳисоббарории арзиши молҳои идоравии сарфшуда | | 20 |

Аз Шумо талаб карда мешавад:
1. Кушодани Т- ҳисобҳо аз рӯи ҳар як намуди восита ва манбаъ:
2. Гузаронидани амалиётҳо ба Т-ҳисобҳо:
3. Таҳияи баланси санҷишӣ.

| Воситаҳои пулӣ | |
|---|---|
| 1) 10 000 | 2) 50 |
| 11) 1800 | 3) 250 |
| | 4) 20 |
| | 6) 40 |
| | 9) 70 |
| | 10) 200 |
| | 12) 1000 |
| 11 800 | 1630 |

| Компютер | |
|---|---|
| 1) 600 | |
| 600 | |

| Мебел | |
|---|---|
| 1) 500 | |
| 500 | |

| Гузориши сармоя | |
|---|---|
| | 1) 11 100 |
| | 11 100 |

| Таъминоти барномавӣ | |
|---|---|
| 3) 250 | |
| 250 | |

| Молҳои идоравӣ | |
|---|---|
| 4) 20 | 13) 20 |
| 20 | 20 |

| Тачхизоти чопкунӣ | |
|---|---|
| 5) 1000 | |
| 1000 | |

| Ҳисобҳо барои пардохт | |
|---|---|
| 12) 1000 | 5) 1000 |
| 1000 | |

| Харочоти ичора | |
|---|---|
| 6) 40 | |
| 40 | |

| Ҳисобҳо барои қабул | |
|---|---|
| 8) 1200 | |
| 1200 | |

| Харочоти [illegible] | |
|---|---|
| 9) 70 | |
| 70 | |

| Харочоти музди меҳнат | |
|---|---|
| [illegible] 200 | |
| 200 | |

| Харочоти молҳои идоравӣ | |
|---|---|
| 13) 20 | |
| 20 | |

| Даромад аз омӯзониш | |
|---|---|
| | 8) 1200 |
| | 11) 1800 |
| | 3000 |

| Харочоти реклама | |
|---|---|
| 2) 50 | |
| 50 | |

**Таджэккаунтинг**

**Балансi санчишӣ барои 31 декабри соли 2010**

| | |
|---|---|
| **Активҳо** | |
| Воситаҳои пулӣ | 10 170 |
| Компютер | 600 |
| Мебел | 500 |
| Тачҳизоти чопкунӣ | 1000 |
| Харочоти фурӯш | 50 |
| Таъминоти барномавӣ | 250 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 1200 |
| Харочоти коммуналӣ | 70 |
| Харочоти музди меҳнат | 200 |
| Харочоти идоравӣ | 20 |
| Харочоти ичора | 40 |
| Чамъи активҳо | 14 100 |
| **Ӯҳдадориҳо ва сармоя** | |
| Гузориши сармоя | 11 100 |
| Даромад аз омӯзиш | 3000 |
| Чамъи ӯҳдадориҳо ва сармоя | 14 100 |

## Супориш барои худсанчӣ

**Супориши 1.** Дар зер баланси тасҳеҳношудаи санчишии ширкати «Помир» барои санаи 31.12.2010. оварда шудааст. Ҳамаи рақамҳо бо ҳазор в.ш. дода шудаанд.

***ЧС «Помир»***

Балансi санчишӣ барои 31 декабри соли 2010

| | | |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ | 2,160 | |
| Ҳисоби қарздории дебиторӣ | 1,250 | |
| Молҳои идоравӣ | 180 | |
| Суғуртаи пешакӣ пардохтшуда | 240 | |
| Тачҳизоти идоравӣ | 3,400 | |
| Истеҳлоки чамъшудаи тачҳизоти идоравӣ | | 600 |
| Ҳисоби қарздории кредиторӣ | | 700 |
| Даромади давраҳои оянда | | 460 |
| Сармояи саҳҳомӣ | | 2,000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 2,870 |
| Ҳаққусаҳм | 400 | |
| Даромад аз хизматрасонӣ | | 2,900 |
| Харочоти музди меҳнат | 1,500 | |
| Харочоти ичора | 400 | |
| | 9,530 | 9,530 |

Барилова ахбороти зерин мавчуд мебошад:

A. Харочоти сугурта барои моҳи декабр 40 в.ш.-ро ташкил дод.
B. Молҳои идоравии истифодашуда дар охири моҳи декабр 75 в.ш.-ро тартиб доданд.
C. Истеҳлоки моҳи декабр 100 в.ш.-ро ташкил дод.
D. Музди меҳнати ҳисобкардашуда дар охири моҳи декабр 120 в.ш.-ро ташкил дод.
E. Хизмати дар давоми моҳи декабр расонидашуда, ки аз рӯи онҳо то 31 декабр ҳисоб пешниҳод нагардидааст, 300 в.ш.-ро ташкил дод.
F. Даромад аз хизматҳои ичрошуда, ки пешпардохт шуда буданд, 160 в.ш.-ро ташкил доданд.
G. Андоз аз фоида ба маблаги 250 в.ш. баҳо дода шудааст.

**Талаб карда мешавад:**

1. Мукотиботи ислоҳиро тартиб диҳед;
2. Чадвали кориро тартиб дода, онро пур кунед;
3. Баланси санчиши ислоҳшударо тартиб диҳед;
4. Ҳисобот оиди фоида ва зарар ва ҳисоботи балансиро барои соли дар 31 декабри соли 2010 баитмомрасида тартиб диҳед;
5. Ҳамаи ҳисобкуниҳоро нишон диҳед.

**Супориши 2.** Муайян кунед, ки кадоме аз ҳисобҳои дар зер номбаршуда актив (А), ӯҳдадориҳо (Ӯ) ё сармояи саҳҳомӣ (С) мебошанд?

| № | Номгӯи ҳисобҳо | Категорияи ҳисоб |
|---|---|---|
| 1 | Тачҳизот | |
| 2 | Воситаҳои пулӣ | |
| 3 | Музди меҳнат барои пардохт | |
| 4 | Молҳо | |
| 5 | Ҳисобҳо барои қабул(қарздории дебиторӣ) | |
| 6 | Истеҳсолоти нотамом | |
| 7 | Ҳаққусаҳм барои пардохт | |
| 8 | Сармояи саҳҳомӣ | |
| 9 | Вомбаргҳо барои пардохт | |
| 10 | Патентҳо | |

**Супориши 3**. Нишон диҳед, ки кадоме аз ҳисобҳои дар зер нишондодашуда ба баланси бухгалтерӣ (ББ) ва ҳисобот оиди фоида ва зарар (ҲФЗ) дахл доранд.

1. Маҳсулоти тайёр
2. Воситаҳои нақлиётӣ
3. Харочоти ичора
4. Хариди молҳо
5. Фоидаи тақсимнашуда
6. Васика барои пардохт ба банк
7. Сармояи захиравӣ
8. Даромад аз хизматрасонӣ
9. Харочоти молҳои идоравӣ
10. Даромад аз ҳаққусаҳм

**Супориши 4.** Ширкати тичоратии «Восток-Меркурий» - ВМ бо хариди молҳои ширкатҳои гарбӣ машгул буда, онҳоро дар қаламрави Точикистон мефурӯшад. Дар санаи 1.01.с.2010 баланси ин ширкат чунин ахборотро дарбар мегирад:

| | |
|---|---|
| Биноҳои тичоратӣ | 17 000 |
| Тачҳизот | 3000 |
| Воситаҳои нақлиётӣ | 2300 |
| Молҳо | 12 000 |
| Воситаҳои пулӣ | 50 000 |
| Қарздории дебиторӣ | 700 |
| Саҳмияҳои оддӣ | 70 000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 10 000 |
| Ҳисобҳо барои пардохт (қарздории кредиторӣ) | 5000 |

Амалиётҳои дар давоми моҳи январи соли 2010 вокеъшуда.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | ВМ молҳоро ба насия харид | 20 000 |
| 2. | Дебиторон қарзҳои худро пардохт намуданд | 500 |
| 3. | Молҳо ба насия фурӯхта шуданд | 20 000 |
| | Арзиши аслӣ | 15 000 |

| | | |
|---|---|---|
| - | Маблағ аз рӯи ҳисобҳо барои пардохт гузаронида шуд | 5000 |
| - | Истеҳлоки бинои ширкат ҳисоб карда шуд | 310 |
| - | Истеҳлоки воситаҳои нақлиётӣ ҳисоб карда шуд | 340 |
| - | Музди меҳнати фурӯшандаҳо ҳисоб карда шуд | 300 |
| - | Қувваи барқ сарф шуд | 65 |
| - | Истеҳлоки таҷҳизоти тиҷоратӣ ҳисоб карда шуд | 145 |
| - | Ҳисоб барои рекламаи молҳо пардохт шуд | 70 |
| - | Хароҷоти сафари хизматӣ пардохт карда шуд | 11 |

**Талаб карда мешавад:**

1) Т-ҳисобҳоро кушода бақияи аввалаи ҳисобҳоро гузаронед;
2) Ҳисобҳоро таҳлил намуда, аз рӯи ҳар як амалиет муҳотиботро тартиб диҳед;
3) Балансi бухгалтериро аз рӯи шакли №1 «Балансi бухгалтерӣ» тартиб диҳед.

**Супориши 5. Таҳлили амалиёт**

Таъсири амалиёти зерини хоҷагиро ба муодилаи балансӣ нишон диҳед. Амалиёти а) барои мисол ҳал карда шудааст.

а) Ба таври нақд 90 в.ш. барои хариди молҳои идоравӣ пардохта шудааст.

Ҷавоб: Афзоиши активҳо (молҳои идоравӣ)

Камшавии активҳо (воситаҳои пулӣ)

- Хадамоти ҳуқуқӣ расонида шуда аз мизоҷ 2000 в.ш. пули нақд гирифта шуд.
- Иҷораи моҳонаи идора ба андозаи 700 в.ш. пардохта шуд.
- Бо пули нақд 1 800в.ш. ба фаъолият гузошта шуд.
- Ба мизоҷ ба тариқи насия ба маблағи 650в.ш хизмати ҳуқуқӣ расонида шуд.
- Ба насия ба маблаги 500в.ш. мебели идоравӣ харида шуд.
- Қарздории дебиторӣ бо пулӣ нақд пардохт гардид – 400в.ш.
- Қарздории кредиторӣ бо пули нақд ба маблаги 250 в.ш. пардохт гардид.
- Замин бо нархи 12 000в.ш., ки мувофиқи арзишаш аст, фурӯхта шуд.

**Супориши 6. Таҳлили амалиёт: муодилаи балансӣ.**

Мартина Навратилова, чемпиони ҷаҳон, мактаби наврасонаи теннисро кушод. Дар моҳи январ, моҳи аввали фаъолияти вай, воқеаҳои зерин ба вуқӯъ пайвастанд:

1 январ. Мартина дар бонк ба номи худ (Мартина Навратилова, чемпиони ҷаҳон) ҳисоб кушода, ба фаъолияти мактаб 20 000 в.ш. гузошт.

2 январ. Мартина барои замин 4 500 в.ш. пули нақд пардохт намуд. Вай нақша дорад, ки дар ин замин биноӣ маъмурӣ ва майдончаи хурди теннис бунёд созад.

12 январ. Мартина таҷҳизоти варзиширо ба маблағи 4 000в.ш. ба насия харид.

15 январ. Мартина ба таври расмӣ ба фаъолияти мураббиягӣ оғоз намуд.

15-31 январ. Даромадро аз гузаронидани машғулиятҳо ба чемпионҳои минбаъдаи ҷаҳон ба маблағи 14000 в.ш. нақд гирифт.

15-31 январ. Хароҷоти зеринро ба таври нақд пардохт намуд: музди меҳнати кормандон – 5 000 в.ш., иҷораи идора –200 в.ш., иҷораи толори варзишӣ – 1 000 в.ш., хизмати коммуналӣ – 800 в.ш..

25 январ. Комплекси варзиширо ба маблаги 6 000в.ш. нақд харид.

31 январ. Қарздории кредиториро ба пули нақд ба маблағи 2 500 в.ш. пардохт намуд.

**Талаб карда мешавад:** Таъсири ин воқеаҳоро ба муодилаи балансии фаъолияти Мартина Навратилова таҳлил кунед. Ҷадвале, ки аз сутунҳои зерин иборат аст, истифода кунед: Воситаҳои пулӣ; Таҷҳизоти варзишӣ; Замин; Ҳисобҳо барои пардохт; Сармояи Мартина.

**Супориши 7. *Бақайдгирии амалиёт. Гузарониш ба Т-ҳисобҳо ва таҳияи балансi бухгалтерӣ.***

1 сентябри соли ҷорӣ Стивен Сигал бюрои детективӣ – ширкати ҳуқуқиро кушод. Дар давоми моҳи аввали фаъолият ширкат амалиётҳои зеринро пиёда намуд:

1 сентябр. Сигал 25 000 в.ш.-и нақдро аз ҳисоби шахсии худ дар бонк ба суратҳисоби ширкати ҳуқуқии «Steven Seagal» гузаронид.

3 сентябр. Ба таври насия анҷомҳои идоравӣ ба маблаги 300в.ш. ва мебел ба маблаги 2000 в.ш. харида шуданд.

5 сентябр. Барои хадамоти ҳуқуқии расонидашуда 2500 в.ш.-и нақд гирифта шуд.

7 сентябр. Барои хариди замини идораи ояндаи ширкат 16 000 в.ш.ш –и нақд пардохта шуд.

9 сентябр. Мизоҷро дар додгоҳӣ ҳимоя карда шуд ва ба ӯ ҳисоб пешниҳод гардид. Мизоҷ ваъда кард, ки дар давоми як хафта 1200 в.ш. пардохт менамояд.

13 сентябр. Барои мебели рӯзи 3 сентябр харидашуда пардохта шуд.

15 сентябр. Хароҷоти музди меҳнати муҳофиз 500 в.ш.-ро ташкил намуд.

17 сентябр. Ҳисоб барои хизмати телефонӣ ба маблаги 200в.ш. қабул шуд.

19 сентябр. Аз ҷониби мизоҷ ба маблаги 1 000 в.ш. ворид шуд.

21 сентябр. Ба маблаги 800 в.ш. ба мизоҷ ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ таҳия карда шуданд.

22 сентябр. Барои кӯмак дар фурӯши моликияти манқули мизоҷ 1500 в.ш.-и нақд пардохт гардид.
30 сентябр. Хароҷоти музди меҳнати менеҷер 800в.ш.-ро ташкил дод.
30 сентябр. Хароҷоти иҷора 500в.ш.-ро ташкил дод.
30 сентябр. Ба маблағи 3 000в.ш. барои худистифодабарӣ бозгирифт карда шуд.

**Талаб карда мешавад:**

a) Т-ҳисобҳои заруриро кушоед:
b) Ҳар як амалиётро дар журнали асосӣ аз рӯи сана қайд намоед:
c) Навиштҳоро аз рӯи сана ба китоби асосӣ кӯчонед. Бақияи ҳар як ҳисобро муқаррар созед:
d) Балanси санҷишии ширкати «Steven Seagal»-ро барои санаи 30 сентябри соли ҷорӣ тартиб диҳед.

**Супориши 8.** Навишт ва гузаронидани мукотиботи ислоҳӣ ба Т-ҳисобҳо, таҳияи балanси санҷишии тасҳеҳшуда ва ҳисоботи молиявӣ

Дар зер балanси санҷишии ширкати «Zamir» дар 31 май соли ҷорӣ, инчунин маълумоти зарурӣ барои даровардани тасҳеҳот дар охири моҳ оварда шудаанд:

a) Бақияи ҳисоби «Иҷораи пешпардохтшуда» дар 31 май 650 в.ш.-ро ташкил дод:
b) Хароҷоти анҷомҳои идоравӣ дар як моҳ баробари 1450в.ш. аст:
c) Хароҷоти якмоҳаи иҷора 400в.ш.-ро ташкил дод:
d) Хароҷоти ҳисобкардашудаи реклама дар рӯзи 31 май баробари 350в.ш. мебошад:
e) Хароҷоти ҳисобкардашудаи музди меҳнат дар рӯзи 31 май 1 750 в.ш.-ро ташкил дод:
f) Бақияи ҳисоби «Даромади давраҳои оянда» дар рӯзи 31 май 2 160в.ш.-ро ташкил дод.

**Балanси санҷишии ширкати «Zamir» дар 31 маи соли 200X. (в в.ш.)**

| | | |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ | 7 080 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 20 710 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | 1 650 | |
| Анҷомҳои идоравӣ | 3 240 | |
| Мебел | 21 450 | |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | | 7 460 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 7 320 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | |
| Даромади давраҳои оянда | | 2 460 |
| Сармояи Zamir I. | | 35 350 |
| Бозгирифти сармоя | 5 600 | |
| Даромадҳо | | 12 670 |
| Хароҷоти музди меҳнат | 4 500 | |
| Хароҷоти иҷора | | |
| Хароҷоти хизмати коммуналӣ | 660 | |
| Хароҷоти истеҳлок | | |
| Хароҷоти реклама | 370 | |
| Хароҷоти анҷомҳои идоравӣ | | |
| **Ҳамагӣ** | **65 260** | **65 260** |

**Талаб карда мешавад:**

A. Т-ҳисобҳоро аз рӯи ҳисобҳои дар балanси санҷишӣ номбаршуда кушоед ва ба онҳо рақамҳои тасҳеҳношударо дар 31 май гузаронед.
B. Мукотиботи тасҳеҳиро нависед ва онҳоро ба Т-ҳисобҳо гузаронед. Мукотиботро дар журнали асосӣ ва маблағҳои ба Т-ҳисобҳо гузаронидашударо бо ҳарф нишон диҳед.
C. Балanси санҷишии тасҳеҳшударо тартиб диҳед.
D. Ҳисоботи оиди фоида ва зарар, ҳисоботи оиди ҳаракати сармояи худӣ ва балanси бухгалтериро тартиб диҳед. Алоқамандии байни ин се ҳисоботро бо тирчаҳо нишон диҳед.

**Супориши 9.** ***Таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар асоси балanси санҷишии тасҳеҳшуда, қайдкунии мукотиботи тасҳеҳӣ ва бастани ҳисобҳо дар журнал.***

Балanси санҷишии тасҳеҳшудаи ширкати «Universal service» дар 31 июли соли 2010 - охири соли молиявӣ:

Маълумоти иловагӣ дар 31 июли соли 2010:

a) Анҷомҳои идоравии истифодашуда дар давоми сол - 3 580в.ш.;
b) Хароҷоти суғуртаи пешпардохтшуда барои сол 3 100 в.ш.-ро ташкил дод:
c) Хароҷоти ҳисобкардашудаи фоизӣ - 680в.ш.:
d) Даромади ҳисобкардашуда аз хизматрасонӣ - 940в.ш.;
e) Хароҷоти истеҳлоки солона: таҷҳизот -6 300в.ш.; бино -3 470 в.ш.;
f) Хароҷоти музди меҳнат - 770в.ш.;
g) Даромади эътирофшудаи солона аз хизматрасонӣ аз ҳисоби даромади давраи оянда - 6 790в.ш..

**Балanси санчишии тасҳеҳшудаи ширкати «Universal service» дар 31 июли соли 2010 (бо в.ш.)**

| | | |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ | 3 350 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 11 470 | |
| Анҷомҳои идоравӣ | [illegible] 290 | |
| Суғуртаи пешпардохтшуда | [illegible] 700 | |
| Таҷҳизот | 55 800 | |
| Истехлоки ҷамъшудаи таҷҳизот | | 16 480 |
| Бино | [illegible] | |
| Истехлоки ҷамъшудаи бино | | 16 850 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 36 900 |
| Фоизҳо барои пардохт | | 1 490 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | 770 |
| Даромади давраҳои оянда | | 2 300 |
| Васикаҳои дарозмуддат барои пардохт | | 104 000 |
| Сармояи Marat Safin | | 37 390 |
| Бозгирифти сармояи Marat Safin | 52 300 | |
| Даромад аз хизматрасонӣ | | 108 360 |
| Харочоти истехлоки таҷҳизот | 6 300 | |
| Харочоти истехлоки бино | 3 470 | |
| Харочоти музди меҳнат | 18 800 | |
| Харочоти суғурта | 3 100 | |
| Харочоти фоиз | 11 510 | |
| Харочоти хизмати коммуналӣ | 4 300 | |
| Харочоти андоз аз моликият | 2 670 | |
| Харочоти анҷомҳои идоравӣ | 3 580 | |
| **Ҳамагӣ:** | **324 540** | **324 540** |

**Талаб карда мешавад:**

1. Ҳисобот оиди фоида ва зарар, хисобот оиди харакати сармояи худӣ ва балансй бухгалтериро дар санаи 31 июли соли 2010 тартиб диҳед.
2. Мукотиботи тасҳеҳӣ ва бастани ҳисобҳоро дар журнали асосӣ гузаронед.

***Супориши №10.*** **Бақайдгирии амалиёт дар китоби асосӣ, тартиб додани баланси санҷишӣ.**

Сафар ширкатеро созмон дод, ки он бо расонидани хизмати телевизионии нокилӣ машғул аст. Дар давоми моҳи аввали фаъолият амалиёти зерин воқеъ гардид:

a) Сафар ба ширкат 30 ҳазор в.ш. воситаҳои пулии нақд ва биноеро, ки 65 ҳазор в.ш. арзиш дорад, гузошт;
b) Аз банк ба маблаги 25 ҳазор в.ш. қарз гирифта, васикаи пардохтиро навишт;
c) Барои таҷҳизоти таҳвилдиҳӣ 32 ҳазор в.ш. пардохт намуд;
d) Молҳои идоравиро ба маблағи 400в.ш. ба насия харид;
e) Ба кормандон ба маблағи 1 300в.ш. музди меҳнат пардохта шуд;
f) Барои хизмати телевизионии нокилии расонидашуда аз мизоҷон 500в.ш. гирифт;
g) Ба маблағи 2 300в.ш. хизмати телевизионии нокилиро ба насия фурӯхт;
h) Барои пардохти карздории кредиторин дар моддаи d) вокеъшуда 100в.ш. дод;
i) Барои хизмати коммуналӣ ҳисобро ба маблағи 600в.ш., ки бояд дар ояндаи наздик пардохт гардад, қабул намуд;
j) Ба ҳисоби дар банкбуда 1 100в.ш. дохил шуд;
k) Пардохти харочоти зерин ба амал бароварда шуд (1) иҷораи замин -1 ҳаз.в.ш. ва (2) реклама - 800в.ш.;
l) Барои истифодабарии шахсӣ 2 600 в.ш.бозгирифт карда шуд.

Талаб карда мешавад:

1. Т-ҳисобҳои мувофиқро кушоед;
2. Ҳамаи амалиёти номбаршударо ба Т-ҳисобҳо бе истифодаи журнали асосӣ гузаронед. Ба ҷои сана ҳарфҳоро барои муайянкунии амалиёт истифода баред;
3. баланси санҷиширо барои 31 январи соли 2010 тайёр кунед.

## Боби 4. Эътирофи даромадҳо ва мукотиботи ислоҳӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи даромад ва хароҷот, фоида ва зарар*
*Меъёрҳои эътирофи даромад ва хароҷот*
*Ченкунӣ ва эътирофи даромад*
*Эътирофи даромад аз хадамот*
*Эътирофи хароҷот*
*Эътирофи фоида ва зарар*
*Навиштаҷоти трансформатсионӣ*
*Мукотиботи маҳкамкунӣ*
*Ислоҳи хатогӣ (иштибоҳот)*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

**Мақсади омӯзиш**

Пас аз омӯзиши маводи пешниҳодшуда ва аз худ кардани мавзӯи мазкур. Шумо бояд:

- мафҳуми дохилшавии пул, даромад ва хароҷотро бифаҳмед;
- ба мафҳуми дохилшавии пул, даромад ва хароҷот мувофиқи СБҲМ сарфаҳм равед;
- нишонаҳои эътирофи даромад ва хароҷотро бифаҳмед;
- лаҳзаи эътирофи даромадҳоро муайян намоед;
- лаҳзаҳои имконпазири эътирофи харочотро тавсиф намоед;
- шароити эътирофи дохилшавии пулро тавсиф кунед;
- усулҳои фурӯшро ба насия ва товони харҷро фарқ кунед ва фаҳмонида диҳед;
- мисолҳои эътирофи даромадҳоро пеш аз, дар лаҳза ва пас аз додани актив пешниҳод намоед;
- вақти воқеъшавии хароҷотро нишон диҳед;
- даромад аз фурӯш, харҷи давра, харҷи сармоявӣ, даромад ва хароҷоти ғайрифурӯшӣ, фоида то андозситонӣ ва фоидаи софро фарқ кунед;
- мақсади мукотиботи ислоҳиро ба таври равшан кушода диҳед.

**Таърифи даромад ва харочот, фоида ва зарар**

Мувофиқи СБҲМ 18 «Пули фурӯш»: ***пули фурӯш – ин дохилшавии умумии фоидаи иқтисодӣ ҳангоми фаъолияти муқаррарии корхона дар давра мебошад, ки ба афзоиши сармояи худӣ, ба ғайр аз ҳиссагузории молики сармояи худӣ бурда мерасонад.***

***Дар таълимоти тайёркунӣ ва тартибдеҳии ҳисоботи молиявӣ аз рӯи стандартҳои байналхалқӣ таърифи зерини даромад ва хароҷот омадааст:***

***Даромад (revenues - доходы) – ин афзоиши фоидаи иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ аст, ки бо шакли дохилшавӣ ё афзоиши активҳо ё камшавии ӯҳдадориҳо ифода ёфта, бо ҳиссагузории соҳибмулкони ширкат алоқае надорад.*** Ба сифати мисоли даромад фурӯши молҳо, расонидани хадамот ё дигар истифодабарии захираҳои корхона аз ҷониби ташкилоти ғайр, ки фоиз, иҷорапулӣ, ҳаққусаҳм ё дигар намуди фоидаро меоранд, баромад мекунанд.

***Хароҷот (expenses - расходы) – ин камшавии фоидаи иқтисодӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ, ки бо шакли хориҷшавӣ ё истеҳлоки активҳо ё афзоиши ӯҳдадориҳо ба амал омада, ба камшавии сармоя, ки бо бозгирифти соҳибмулкон алоқае надорад, бурда мерасонад.*** Мисоли хароҷот хариди захираҳои моддиву молӣ, истеҳлоки активҳо, ё истифодаи захираҳои корхонаҳои дигар буда метавонанд, ки ба пайдоиши пардохтҳои фоизӣ, иҷоравӣ ё ғайра бурда мерасонанд.

Хароҷот  ин масрафи (costs) истеҳсоли мол ва расонидани хадамот, ки ҳангоми бадасторни даромад воқеъ гардидааст[1].

Ҳангоми муқоисаи даромад ва хароҷот натиҷаи ниҳоии молиявӣ – фоида ё зарар муайян мегардад.

***Фоида (Profit - прибыль) – ин афзоиши сармояи худӣ дар натиҷаи фаъолияти асосӣ ё ғайриасосӣ ва ҳодисаҳои ба амали корхона алоқаманд, инчунин дар натиҷаи ҳамаи шартнома,***

---

[1] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/Б.Нидзл, Х. Андерсен, Д.Колдуэлл: Пер. с англ./Под ред. Я.В.Соколова.- 2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика,1999-496с. стр. 46

***воқеи ва ҳолатҳое, ки ба корхона таъсир мерасонанд, ба ғайр аз онхое, ки ҳиссагузорӣ ба сармояи саҳҳомианд.***

***Зарар (Losses - убытки) – ин камшавии сармоя тавассути шартномаву воқеаҳое, ки ба амали корхона дахл доранд, инчунин дар натичаи хамаи шартнома, вокеа ва ҳолатҳое, ки ба корхона таъсир мерасонанд, ба ғайр аз онхое, ки натичаи харч ё тақсими сармояи саҳҳомианд[2].***

Чӣ хеле, ки мебинем, даромаду фоида активҳо ва сармояро афзуда, харочоту зарар ба камшавии активҳо ва сармоя ва афзоиши ӯҳдадориҳо бурда мерасонанд. Аммо, на ҳар афзоиши сармоя дар натичаи бадастории фоида ё даромад аст: афзоиши сармоя метавонад дар натичаи гирифтани қарз ё ҳиссагузорӣ ба сармояи худӣ низ сурат гирад. Ва мувофиқан, сармояи худӣ метавонад на танҳо дар натичаи харочоту зарар, балки дар натичаи бозгирифти сармоя аз чониби соҳибмулкон кам шавад.

Бо мақсади муайянкунии сабабҳои тағйирёбии сармоя, ҳисобҳои мувофиқ аз рӯи ҳар як намуди даромаду харочот кушода ва бурда мешаванд. Ин ҳисобҳоро дар охири давраи ҳисоботӣ маҳкам намуда, натичаи ниҳоии фаъолият – фоида ё зарарро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳисобҳои баҳисобгирии даромаду харочотро, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос мегарданд, ***ҳисобҳои муваққатӣ ё номиналӣ*** меноманд(temporary или nominal accounts). Дар ибтидои ҳар як давраи ҳисоботӣ бақияи ҳисобҳои муваққатӣ бояд баробари сифр бошад. Ҳисобҳои баҳисобгирии активҳо, ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ, ки дар баланси бухгалтерӣ акс меёбанд, ***ҳисобҳои доимӣ ё реалӣ*** номида мешаванд (permanent or real accounts).

Ҳангоми ҳисобкунии бузургии фоида ва тартибдеҳии ҳисоботи молиявӣ бухгалтерон фарзияҳои (assumption) зеринро ба назар мегиранд:

- ❖ Фарзия оиди ***давравият (periodicity -периодичность)***: барои ҳар як давраи ҳисоботӣ бояд бузургии фоида (зарар)-и соф, ки натичаҳои фаъолияти молиявӣ-хочагии ширкатро нишон медиҳад, муқаррар карда шавад, гарчӣ вай тақрибӣ ҳам бошад;
- ❖ Фарзия оиди ***бефосилагӣ (going concern or continuity -непрерывность )***: то замоне, ки нишонаҳои қатъи фаъолияти корхона мавчуд нестанд, ҳисоботи молиявӣ бояд ба таври даврӣ барои шиносгардонии истифодабарандагон бо натичаҳои фаъолият ва дурнамо доштани мавчудияти он тартиб дода шавад;
- ❖ Фарзия оиди ***мувофиқат (matching rule - соответствие)***: даромадҳо бояд дар он даврае эътироф гарданд, ки дар он давра харочот чой доштааст, ва мувофиқан, харочот бояд дар он даврае акс ёбад, ки барои гирифтани даромад истифода шудааст. Фарзияи мазкур ба бухгалтер дар муқаррарсозии даромади ҳосилшуда ва харочоти чойдоштаи давра, ки ба фарққунии воситаҳои пулии пардохташуда ва гирифташуда бурда мерасонад, кӯмак мекунад. Мувофиқати даромаду харочотро хеле осон ҳангоми истифодаи усули хазинавии баҳисобгирӣ(cash basis of accounting – кассовый метод) метавон муайян кард, зеро дар ин маврид даромаду харочот дар асоси пардохти воситаҳои пулӣ эътироф мегарданд. Аммо риояи фарзияи давравият бурдани баҳисобгириро аз рӯи усули ҳисобкунӣ ***(accrual accounting – метод начислений)*** – бақайдгирии таъсироти молиявӣ, амалиётҳо ва дигар ҳодисаҳо ба ширкат дар он давраҳое, ки онҳо ба амал омаданд, на дар он давраҳое, ки воситаҳои пулӣ пардохта ё гирифта шуданд, талаб мекунад. Усули ҳисобкунӣ аз ду равиш: **муқаррарқунӣ (констататсия)** ва **тағйирдиҳӣ (трансформатсия)** иборат аст.

**Меъёрҳои эътирофи даромад ва харочот**

***Муқарраркунӣ*** – ин эътирофи даромад дар лаҳзаи гирифтани он ва харочот ҳангоми бавучудоии он аст.

***Эътироф*** - ин чараёни шинохтани объект ҳамчун яке аз унсурҳои ҳисоботи молиявӣ аст. Ин объект бояд ба шартҳои эътироф дар баланс ё ҳисобот оиди натичаҳои хочагӣ-молиявӣ чавобгӯ бошад. Эътироф – ин инъикоси маблағ дар маълумотҳои чамъбастии ҳисобот аст.

Бояд дар хотир дошт, ки ин масоил аз масъалаҳои ченкунӣ ва эътирофи активу ӯҳдадориҳо берун нест. Объекте, ки ба таърифи унсури ҳисоботи молиявӣ чавобгӯ аст, эътироф мегардад, агар:

- эҳтимолияти бадасторӣ ё аз даст додани фоидаи иқтисодии бо он алоқаманд вучуд дошта бошад;

---

[2] Финансовый учет. Учебное пособие. Часть 2. - Алматы. Carana Corporation//USAID. 1999г. стр. 263

- моддa асоси мувофиқро барои ченкунӣ ва имконияти баҳодиҳии комилонаи маблағиро дошта бошад.

Мафҳуми эҳтимолият ҳангоми эътироф барои нишон додани дараҷаи номуайянии гирифтан ё аз даст додани фоидаи иқтисодии минбаъда аз модда истифода мешавад. Номуайянӣ беш аз ҳама аз муҳити атрофии ширкат вобастагӣ дорад. Шарти муҳимтарини эътирофи объект – ин мавҷудияти арзиш ё баҳои комилона ченшавандаи он мебошад. Истифодаи бузургиҳои асосноки ҳисобшуда бе ҳеҷ ваҷҳ боваринокии ҳисоботи молиявиро кам намекунанд.

**Ченкунӣ ва эътирофи даромад**

**Эътирофи даромад**. ***Мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ*** «даромад дар ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ-хоҷагӣ он гоҳ эътироф мегардад, агар афзудани фоидаи иқтисодии минбаъдаи бо афзоиши активҳо ё камшавии ӯҳдадориҳо алоқаманд вуҷуд дошта бошад ва ин афзоиш ба таври боваринок баҳо дода шавад».

Масъалаи асосӣ ҳангоми баҳисобгирии даромад аз муайянкунии лаҳзаи эътирофи он иборат аст. ***Даромад он гоҳ эътироф мегардад***, агар воридшавии фоидаи иқтисодии минбаъда ***эҳтимолӣ*** бошад ва ***ин фоида ба таври боваринок чен карда шавад***.

Меъёри асосии эътирофи даромад аз фурӯши молҳо - аз ҷониби фурӯшанда ба харидор дода шудани хавф ва бурд аз ҳуқуқи моликияти активҳои фурӯхташуда аст. Дар ҳолати нигоҳдории ҳуқуқи моликият амалиёт ҳамчун фурӯш шинохта намешавад.

Бегонагардии хавфу бурди афзалиятноки бо ҳуқуқи моликият алоқаманд аз фурӯшанда он гоҳ эътироф мегардад, агар:

- **амалиёт ба итмомрасида бошад;**
- **фурӯшанда назоратро аз болои активҳои додашуда дар он дараҷае, ки бо ҳуқуқи моликият баробар дониста мешавад, гум кунад.**

***Даромад то замоне, ки он:***

- *пули коркардашуда, ва;*
- *амалигаштапшуда набошад,* ***эътироф намегардад***.

Ин маънои ҳамонро дорад, ки даромад эътироф мегардад, фақат он вақте, ки:

- ширкат ҳаҷми кори шартномавиро иҷро кунад, ва иҷроиши он ҳуқуқи гирифтани фоидаи иқтисодиро диҳад;
- молҳо, хадамот ва дигар активҳо ба ивази пул ё захираҳои ғайрипулӣ фурӯхта шаванд.

Даромад аз фурӯш гуфта танҳо дохилшавии умумии фоидаи иқтисодиро мефаҳмем, ки ширкат гирифтааст ё ба ҳисоби худ минбаъд мегирад. Маблаге, ки аз номи тарафи сеюм дохил гардидааст, ба мисоли андоз аз фурӯш, андоз аз арзиши изофа, андози аксизии истеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ пардохтнамуда, фоидаи иқтисодии ширкат набуда ба афзоиши сармоя бурда намерасонанд. Аз ин рӯ, онҳо аз даромад тарҳ карда мешаванд. ***Мисоли 1.*** Ширкат ба тарви нақдӣ молҳоро ба маблаги 60 000 в.ш. фурӯхт. Ба хазина даромад аз фурӯш, ки ба таркиби он ААИ ба маблаги 10 000 в.ш., ва андоз аз фурӯш ба маблаги 2 500 в.ш. дохил мешаванд, ворид гардид. Амалиёти мазкур дар баҳисобгирӣ чунин инъикос мегардад:

***Воситаҳои пулӣ……………………………………………………60 000***

***Даромад аз фурӯш…………………………………………………47 500***

***ААИ барои пардохт…………………………………………………10 000***

***Андоз аз фурӯш барои пардохт……………………………………2 500***

Бо мақсади ба истифодабарандагон фаҳмо будани амалиётҳо СБҲМ даромадро аз фаъолияти асосӣ (амалиётӣ) ва даромадро аз фаъолияти ғайриасосӣ (гайриамалиётӣ) фарқ мекунанд. Хеле муҳим аст, ки мо арзишҳои дар натиҷаи фаъолият бунёдгардида ва арзишҳои дар натиҷаи тӯҳфа ё бурди гайричашмдошт бадастомадаро фарқ кунем. Аз ин нуқтаи назар, ширкатҳо даромадро дар натиҷаи:

- фурӯши молҳо;
- пешниҳоди хадамот;
- аз ҷониби тарафҳои дигар истифода бурда шудани активҳои ширкат, ки ба дохилшавии пули фурӯш дар шакли:

а) фоиз;
б) пардохтҳои литсензионӣ;
в) ҳаққусаҳм;
г) иҷорапулӣ;
д) тағйирёбии арзиши активҳои дигар бурда мерасонанд, ба даст меоранд.

СБҲМ 18: Пули фурӯш бояд аз рӯи арзиши одилонаи пешниҳоди интизорӣ ё вохӯранда баҳо дода шавад.

Маблағи пули фурӯше, ки аз амалиётҳои бо шартномаи байни фурӯшанда ва харидор (истифодабарандаи актив) муайяншуда, ба даст меояд, бо арзиши одилонаи ҷуброни гирифташуда ё гирифтамешуда бо баҳисобгирии ҳама гуна тахфиф баҳо дода мешавад.

Мувофиқи тасдиқот оиди ченкунии даромад бо арзиши ҷории пул ё ҳамсанги пулӣ, ҳамаи баргардонишҳо, тахфифи савдоӣ ва дигар камшавии нархи пешниҳодшуда бояд аз даромад тарҳ карда шуда, ҳамчун камшавии даромад (нарх), на хароҷот дида шаванд.

СБҲМ 18: Даромад аз фурӯши молҳо он гоҳ эътироф мегардад, агар шартҳои зеринро қонеъ гардонад:

(a) *ширкат ба харидор хавф ва бурди афзалиятноки бо нигоҳдории молҳо алоқамандро дода бошад;*

(b) *ширкат дигар дар идораву назорати молҳои фурӯхташуда иштирок намекунад;*

(c) *маблағи пули фурӯш ба таври боварибахш баҳо дода мешавад;*

(d) *эҳтимолияти дохилшавии фоидаи иқтисодӣ бо амалиёт алоқаманд ба ширкат мавҷуд аст; ва,*

(e) *харҷи баамал баровардa шуда ё интизории бо амалиёт алоқаманд ба таври боварибахш баҳо дода мешавад.*

Агар ширкат хавфи афзалиятноки моликии молҳоро нигоҳ дорад, амалиёт ҳамчун фурӯш ҳисобида нашуда, даромад аз он эътироф намегардад. Дар ҳолатҳои зерин ширкат набояд гирифтани даромадро эътироф намояд:

- вақте, ки ширкат ҷавобгариро барои фаъолияти ғайриқаноатбахш, ки бо ӯҳдадориҳои муқаррарии кафолатӣ пӯшонида намешаванд, бар дӯши худ нигоҳ дорад;
- вақте, ки гирифтани даромади фурӯши конкретӣ аз бадасторни пули фурӯш аз ҷониби харидор вобастагӣ дорад;
- вақте, ки молҳои фиристодашуда васлкуниро талаб мекунанд, ва васлкунӣ қисмати муҳими шарномаро ташкил мекунад;
- вақте, ки харидор ҳуқуқи бекоркунии шартномаро соҳиб аст.

Даромад ва хароҷоти ба як амалиёт ё ҳодиса дахлдор дар як вақт эътироф мегарданд: ин ҷараён ***мувофиқати даромаду хароҷот*** номида мешавад. Даромад фақат он замоне эътироф мегардад, агар хароҷоти бадастории он ба таври боварибахш баҳо дода шавад.

***Мисоли 2.*** Ширкат и истифодабарандаи системаи бефосилаи баҳисобгирии ЗММ молҳоро ба маблағи 16 400 в.ш. фурӯхт. Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда 12 000 в.ш.-ро ташкил медод.

Инъикоси даромад аз фурӯш:

***Воситаҳои пулӣ......................................................16 400***

***Даромад аз фурӯш ..........................................................16 400***

Дар як вақт хароҷоти бо гирифтани даромад алоқаманд дар баҳисобгирӣ қайд мегардад:

***Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда..........................12 000***

***Молҳо........................................................................12 000***

***Лаҳзаи эътироф.*** Аз саривақтӣ ва боварикокии баҳисобгирии даромад дарҳол пас аз афзоиши арзиш, сифати ҳисоботи молиявӣ вобастагӣ дорад. Мувофиқан, бо ин мақсад, дар амалия чор лаҳзаи зерини эътирофи даромадро фарқ мекунанд[3]:

| Вақти инъикос | Меъёр | Мисол: |
|---|---|---|
| Дар давоми ҷараёни истеҳсол | Муқаррарсозии нархе, ки бо шароитҳои шартномавӣ ё кории умумӣ асос меёбад, ё мавҷудияти нархҳои бозорӣ барои давраҳои гуногуни истеҳсол | Ҳисобкунӣ; иҷора; фонз; шартномаҳои дароз-муддат, афзоиши актмвҳо. |
| Дар лаҳзаи баитмомрасии истеҳсол | Мавҷудияти нархи муайян ё бозории устувор. Мавҷуд набудании ягон харҷи муҳими тайёркунӣ ба фурӯш | Фулузоти қиматбаҳо, маҳсулоти киноварзӣ, хадамот |
| Дар лаҳзаи истеҳсол | Нархи муқарраршудаи маҳсулот. Усули асосноки баҳодеҳии маблағи гирифташаванда. Баҳои ҳамаи хароҷоти муҳим. | Фурӯши қисми зиёди молҳо. |
| Дар лаҳзаи гирифтани пул | Ғайриимкон будани баҳодеҳии дақиқи активҳои гирифташуда. Мавҷудияти харҷи иловагии муҳим, ки бо дараҷаи комилонаи дақиқият ҳангоми лаҳзаи фурӯш баҳо дода намешаванд. | Фурӯш ба насия; ивазкунӣ бо воситаҳои асосӣ бе муайянкунии арзиши боваринок. |

[3] Финансовый учет. Учебное пособие. Часть 2. - Алматы. Carana Corporation//USAID. 1999г. стр. 266

Вобаста ба вақт, даромад:

1. ҳангоми додани (лаҳзаи фурӯш) актив;
2. пас аз додани актив;
3. то додани актив, эътироф мегардад.

**<u>Даромади ҳангоми додани актив эътирофшаванда.</u>** Дар ин ҳолат, даромад дар лаҳзаи додани захираҳои иқтисодӣ ё хизматрасонӣ, вақте, ки шартнома ичро гардида гирифтани пули фурӯш имконпазир аст, эътироф мегардад. Ҳамин тариқ, даромад аз фурӯши молҳо дар рӯзи фурӯш, вақте, ки актив ба харидор супорида мешавад, эътироф мегардад. Даромад аз хадамот он вақте, ки хизмат расонида шудааст, эътироф мегардад. Ин гуна эътироф ҳамчун ***усули лаҳзаи фурӯш (усули хазинавӣ)*** маълум аст.

Ҳангоми фурӯши кафолатии молҳо ё хизмат, хароҷоти бо расонидани хизмати кафолатӣ вобаста пас аз хизмат расонида мешавад. Дар сурати баҳои комилонаи ин гуна хароҷот, даромад дар рӯзи фурӯш эътироф гардида, инчунин хароҷоти минбаъдаи кафолатӣ пешбинӣ карда мешавад.

Ҳангоми фурӯши кафолатноки мол ё хизмат то лаҳзаи расонидани он (фурӯши обунапулии маҷаллаҳо, фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо ва ғ.) даромад то лаҳзаи пешниҳоди мол ё хизмат қайд намегардад, гарчанде, ки меъёри фурӯш қонеъ гардида бошад. Зеро ҷараёни гирифтани даромад пурра ба итмом расида ҳисобида намешавад, то он вақте, ки мол ба харидор расонида нашуда бошад. Дар ин маврид, дохилшавии пул даромад нест. Баръакс, дохилшавӣ ба пайдоиши ӯҳдадорӣ оиди истеҳсол ва пешниҳоди актив бурда мерасонад. Ин гуна ӯҳдадорӣ ҳамчун ***даромади мавқуфгузоштташуда*** ё **даромади давраҳои оянда** ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Мисоли 3.***

1 ноябри соли 2008 редаксияи маҷаллаи ҳармоҳаи «Аудит» ба маблағи 12 000 в.ш. пули обунаи солонаро ҷамъ овард. Барориши шумораи якуми маҷалла 1 январи соли 2009 ба нақша гирифта шудааст. Дохилшавии воситаҳои пулӣ бо навишти зерин қайд мегардад:

***Воситаҳои пулӣ ………………………………………………………12 000***

***Даромади давраҳои оянда……………………………………………12 000***

Далели ба муштариён расонида шудани маҷалла дар январи соли 2009 бо чунин навишт қайд мегардад:

***Даромади давраҳои оянда……………………………………1 000***

***Даромад……………………………………………………………………1 000***

Дар мавриде, агар шартнома арзиши яксхеларо пешбинӣ кунад, даромад дар давоми давраи расонидани мол бо маблағи баробар эътироф мегардад, ва агар арзиш аз як давра ба давраи дигар тағйир ёбад, даромад дар асоси нархи фурӯши моли расонидашаванда эътироф мегардад. Натиҷаҳои идораи активҳо ва дигар шартномаҳо, ки ба таърифи фоида ва зарар мувофиқат мекунанд, одатан танҳо пас аз фурӯши онҳо эътироф мегарданд.

Ҳангоме, ки яке аз ду меъёри эътирофи даромад дар мавриди расонидан риоя намегардад, ё ки, ҳардуи меъёр то расонидани молу хизмат риоя мегарданд, баъзан зарурияти мавқуфгузории эътирофи даромад ба миён меояд. Мисол, вақте, ки ҳуқуқи баргардонидани мол мавҷуд ҳаст, мушкилӣ дар муайянкунии:

- маблағи ниҳоии даромади гирифташаванда;
- пуррагии ҷараёни бадастории фоида, метавонад, ба миён ояд.

**<u>Даромади пас аз додани актив эътирофшаванда.</u>** Дар баъзе ҳолатҳо меъёрҳои эътирофи даромад ҳатто пас аз расонида шудани молу хизмат низ қонеъ намегарданд. Мисол, дар соҳаи полиграфия ва саноат, ба мизоҷон ҳуқуқҳои васеъ оиди баргардонидани молҳо ҳангоми ҳолатҳои муайян ва дар давоми фосилаи дарози вақт пешниҳод мегарданд. Аз ин рӯ, имконияти бавуқӯъоии мушкилӣ оиди муайянкунии аниқи маблағи ниҳоии даромад дар лаҳзаи расонида шудани мол вуҷуд дорад. Дар ин ҳолатҳо, вақте, ки фурӯшандаро хавфи баргардониши имконпазири молҳо таҳдид мекунад, даромад эътироф намегардад, то он вақте, ки шартҳои зерин қонеъ нагарданд:

a) дар санаи фурӯш нархи фурӯшанда барои харидор ба таври қатъӣ муқаррар гардида аст;
b) пардохти боррасонӣ ҷой дорад, ё харидор ӯҳдадор шудааст, ки ба фурӯшанда пардохт намояд, ва ин ӯҳдадорӣ ҳангоми фурӯши нави маҳсулот шартӣ нест;
c) ӯҳдадории харидор дар назди фурӯшанда дар ҳолатҳои дуздӣ, вайроншавии ҷисмонӣ ё нуқсонок гардидани маҳсулот тағйир намеёбад;
d) фурӯшанда дар назди харидор дар алоқа бо фурӯши нави минбаъдина ягон ӯҳдадории муҳимро надорад;

е) маблағи молҳои баргардонидашавандаро метавон аниқ баҳо дод.

Даромад эътироф намегардад, агар корхона дучори маблағи муҳим ва пешгӯинашаванда, ва бозори молҳои баргардонидашаванда санҷида нашуда бошад. Дар ин мавридҳо, фоидаи умумӣ то лаҳзаи аз байн рафтани мӯҳлати баргардониш мавқуф гузошта мешавад.

Мисоли равшани эътирофи даромад пас аз пешниход фиристонидани консигнатсионии мол аст. ***Консигнатсия*** ин аҳдномаи маркетингиест, ки мувофиқи он таъминкунанда ба шахси дигар, ки танҳо ба сифати агент оиди фурӯш баромад мекунад, молро мефиристад. Борқабулкунанда молҳоро нахарида танҳо барои ҳифз ва фурӯши онҳо ҷавобгариро бар дӯш мегирад. Ҳангоми фурӯш молқабулкунанда маблағи гирифтаи худро (бо тарҳи хароҷоти мазкур ва даромади комиссионии хеш) ба молфиристонанда медиҳад. Молфиристанда то замони фурӯхта нашудани моли консигнатсионӣ аз ҷониби молқабулкунанда соҳиби мол аст. Фиристонидани мол ба молқабулкунанда - ин ҳоло фурӯш нест; ва даромад то лаҳзаи фурӯши он ба шахси сеюм эътироф намегардад.

Мисоли дигари ҳолати эътироф нагардидани даромад дар санаи расонидани мол – ин шартномае, ки мувофиқи он харидор ҳуқуқи баргардонидани моли харидашударо дар давоми мӯҳлати муайяни вақт ва шартҳои муайян дорад, мебошад.

***Мисоли 4.*** Ширкат 3 000 дона маснуотро ба маблағи 150 000 в.ш. 1 декабр соли 2008 мефурӯшад. Арзиши аслии як донаи маснуот – 40 в.ш. аст. Харидор ҳуқуқи баргардонидани моли фурӯхтанашударо ба ивази нақдина то 1 маи соли 2009 дорад. 31 декабри соли 2008 яке аз филиалҳои харидор 60 дона маснуотро баргардонид.

Дар мисоли мазкур, проблемаи асосии эътирофи даромад муайянкунии дараҷаи баитмомрасии ҷараёни гирифтани фоида аст. Вақте, ки имконияти гирифтани даромад ба таври кофӣ кафолатнок нест, зарурияти мавқуфгузории эътирофи даромад то лаҳзаи аз байн рафтани номуайянӣ ба миён меояд.

Аз ин рӯ, аз рӯи мисоли 4 мувофиқан навиштҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

01.12. 2008. Бақайдгирии фурӯши маснуот:

***Ҳисобҳо барои қабул..............................................150 000***

***Даромад.....................................................................150 000***

Азҳисоббарории арзиши аслии маснуоти фурӯхташуда:

***Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда.........................120 000***

***Маҳсулоти тайёр........................................................120 000***

Мавқуфгузории фоидаи умумӣ:

***Даромад..........................................................150 000***

***Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ..............................120 000***

***Фоидаи умуми мавқуфгузошташуда.....................................30 000***

Чӣ хеле мебинем, аз рӯи амалиёти мазкур дар баланс қарздории дебиторӣ инъикос гардида, моли фурӯхташуда аз ҳисоб бароварда шуд, даромад эътироф нагардид ва маблағи фоида то лаҳзаи эътирофи даромад мавқуф гузошта шуд.

31.12.2008. Баҳисобгирии баргардониши маҳсулот:

***Маҳсулоти тайёр.....................................................2 400***

***Фоидаи умуми мавқуфгузошташуда ...............................600***

***Ҳисобҳо барои қабул .......................................................3 000***

Бо баитмом расидани мӯҳлати баргардониш, рӯзи 1 маи соли 2009 бо баҳисоб гирифтани маснуоти баргардонидашуда навишти зерин ба амал бароварда мешавад:

***Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ....................117 600***

***Фоидаи умуми мавқуфгузошташуда ................................................29 400***

***Даромад....................................................................147 000***

*Усули фурӯши насия ва усули товони харҷ* ба сифати алтернативаи мавқуфи эътирофи даромад то замони гирифта шудани воситаҳои пулӣ баромад мекунанд[4].

**Усули фурӯш ба насия.** Дар амалия, вақте, ки ширкатҳо молҳои худро ба насия ё аз рӯи нақшаи пардохтҳои мавқуфгузошта мефурӯшанд, ин фурӯш на ҳама вақт аз рӯи усули фурӯши насия ба ҳисоб гирифта мешавад. Даромад дар лаҳзаи фурӯш эътироф мегардад, агар ширкат асоси мустаҳкамро нисбати баҳодеҳии тахфифи ҳисобҳоро дошта бошад. Зарур аст, ки мо фурӯши насиявӣ ва усули фурӯши насиявиро фарқ кунем. Ширкат фурӯши насиявиро он гоҳ ба амал мебарорад, агар бо харидор шартнома бандад. Ва ин шартнома харидорро ӯҳдадор созад, то ки ӯ мувофиқи нақшаи пардохтҳои даврави хариди худро пардохт намояд. Усули фурӯши насиявӣ - ин усули эътирофи даромад дар ҳолатҳои махсус ва муайяни фурӯши насиявӣ аст[5].

---

[4] ниг. Финансовый учет. Учебное пособие. Ч.2. – Алматы. 1999. сах. 268.

[5] ниг. ҳамон ҷо.

Ҳангоми истифодабарии усули фурӯши насиявӣ даромад танҳо дар лаҳзаи дохилшавии пул, на дар лаҳзаи фурӯш, эътироф мегардад. Ин усули консервативии эътирофи даромад танҳо ҳангоми:

- мавҷудияти номуайянӣ нисбати баамалбарории ҷамъоварии даромад;
- ғайриимконпазир будани муайянкунии маблағи қарзҳои шубҳанок, истифода мегардад.

Ин усул ҳангоми баҳисобгирии фурӯши моликияти ғайриманқул, вақте, ки пешпардохт нисбатан маблағи камро ташкил намуда, дохилшавии ниҳоии пулӣ кафолатнок нест, истифода мешавад.

Хусусиятҳои баҳисобгирӣ ҳангоми истифодабарии усули фурӯши насиявӣ инҳоянд:

- бурдани ҳисобҳои алоҳидаи фурӯши насиявӣ, инчунин барои баҳисобгирии фоидаи умумии фурӯши насиявии ҳарсола;
- бурдани баҳисобгирии алоҳидаи маблағи ҳарсола ҷамъшудан фурӯш;
- муайянкунии маблағи фоидаи умумии мавқуфгузошташудан фурӯши насиявии ҳарсола.

**Усули товони харҷ,** ки баъзан ҳамчун усули хароҷоти ҷубронпашаванда муаррифӣ мешавад, хусусиятҳои зеринро дорад:

- ҳамаи хароҷоти баамаломада то лаҳзаи эътирофи фоида ҷуброн карда мешавад;
- усул танҳо дар ҳолатҳои мавҷудияти шартномаҳои хавфнок (рискованные), ки фоидаву зарарашонро пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст, истифода мегардад.

Истифодабарии усули товони харҷ фақат дар ҳолати баамалбарории фурӯши насиявӣ мувофиқи мақсад аст, зеро дар ин ҳолат нобоварӣ нисбати дохилшавии пули ниҳоӣ ҷой дорад. Дар ин маврид, фоида танҳо пас аз дохилшавии пули нақд эътироф мегардад.

<u>**Даромади пас аз додани актив эътирофшаванда.**</u> Азбаски, дар баъзе мавридҳо ҷараёни гирифтани даромад зиёда аз як давраи ҳисоботӣ тӯл мекашад, ва нигаронии баитмомрасии кор барои эътирофи даромад ба саривақт дастрас нашудани ахбороти ҳисоботи молиявӣ бурда мерасонад, ширкатҳо ба пастшавии дараҷаи боваринокии ахбороти ҳисоботи молиявӣ нигоҳ накарда, даромадро то пешниҳоди кор эътироф мекунанд. Эътирофи даромад то пешниҳоди кор дар сохтмон ва саноат мушоҳида мегардад. Мисол, кори дарпешистода – сохтмони бино, истеҳсоли таҷҳизот ба якчанд давра тақсим гардида, сохтмончӣ пас аз иҷроиши ҳар як давра ба харидор - фармоишгар борхат – акти иҷроиши корро менависад. Пас аз баитмомрасии кор бисёре аз актҳо пардохт мегарданд.

Дар амалия, усули паҳнгардидаи эътирофи даромад ***усули иҷроиши фоизӣ*** аст. Хусусиятҳои муҳимтарини ин усул:

- даромад аз рӯи шартнома бо хароҷоти дар ҷараёни иҷрогардии давраи муайяни баитмомрасӣ мувофиқ оварда мешаванд;
- даромад, хароҷот ва фоидаи умумӣ дар ҳар як давраи ҳисоботӣ дар асоси баҳои фоизи иҷроиши лоиҳаи сохтмонӣ эътироф мегарданд;
- хароҷоти сохтмон ва фоидаи умумии ҷорӣ дар ҳисоби захираҳои моддиву молӣ (сохтмони ҷорӣ) ҷамъ оварда мешаванд. Ҳар гуна акти иҷроиши кор дар ҳисоби муқобили ҳисоби захираҳои моддиву молӣ (бунаки (пешпардохти) қабулшуда) қайд мегарданд.

Усули фоизи иҷроиш эътироф мекунад, ки фурӯши мутаассил бо баитмомрасии кор аз рӯи шартнома ба амал омада, бо мақсади пешниҳоди ахбороти саривақтӣ ба истифодабарандагон даромадҳо бояд то иҷроиши пурраи шартнома эътироф гарданд.

Усули фоизи иҷроиш ҳангоми боваринок баҳо дода шудани даромаду хароҷоти иҷроиши кори конкретӣ истифода мегардад. Лаҳзаи муҳими эътирофи даромад ченкунии давраи баитмомрасии кор аст.

Давраҳои баитмомрасии кори дарозмуддат бо якчанд тарз, ки ба яке аз ин ду гурӯҳи зерин дохил мешаванд, чен карда мешаванд[6]:

1. *Ченаки харҷ* – ин таносуби маблағи хароҷот аз рӯи лоиҳа дар ҳоли ҳозир ба ҳамаи хароҷоти интизории барои баитмомрасонии лоиҳа зарур аст. Мисол, хароҷоти давраи ҷорӣ дар муқоиса бо сметаи умумии хароҷоти лоиҳа, ё миқдори соатҳои коркардашуда нисбати миқдори умумии соати барои ба охиррасонии лоиҳа зарур ва ғ.
2. *Ченаки барориш* - ин таносуби натиҷаҳои давраи ҷорӣ ба натиҷаҳои умумии интизории лоиҳа аст. Мисол, миқдори ошёнаҳои сохташудаи бино нисбати миқдори умумии ошёнаҳои сохташавандаи бино, ё дарозии роҳи сохташуда бар дарозии умумии роҳ аз рӯи лоиҳа ва ғ.

---

[6] Муфассалтар ниг.: Учебное пособие «Финансовый учет». Часть 2. – Алматы. 1999 г. стр. 270.

Ҳар яке аз ин усулҳо афзалият ва камбудиҳои худро дорад:

❖ Дар сурати баръало зоҳир нагардидани робитаи доимӣ бо маҳсулнокӣ, ченаки харҷ натиҷаи дурустро намедиҳад. Мисол, ҳангоми сохтмони бинои баландошёна ширкати сохтмониро зарур аст, ки саравval чоҳбуни чуқуриаш 30 метрро канад. Коргарон 15 метри аввали чоҳбунро мувофиқи нақша ва сметаи харочот канданд. Аммо, баъд замин гайриоддӣ хеле сахт гардида, суръати иҷроиши кор хеле паст гардид. Харочоти канда баровардани хок ду баробар афзуд. Агар харочоти зиёдшудаи баровардани хокро ба сметаи ибтидоии харочотӣ дохил нагардонем, харҷи умумӣ ҳангоми баитмомрасии кор аз харочоти интизорӣ маблағи зиёдро ташкил намуда, истифодабарии воситаҳои [illegible]шуда хеле суст ба амал бароварда мешаванд:

❖ Дар амалия, дар ибтидои сохтмон, ширкатҳо ҳамаи захираи масолеҳро, ки барои баитмомрасонии сохтмон заруранд, мехаранд. Аз ин рӯ, харочоти амалишуда ба сифати ченаки иҷроиш шинохта намешаванд. Одатан, пудратчӣ миқдори зиёди масолеҳро дар ибтидои ҷараёни сохтмон бо мақсади нигоҳдории нарх мехарад. Аммо, на ҳамаи масолеҳ то ба охиррасии лоиҳа сарф мегардад. Аз ин рӯ, бухгалтерон бояд харочоти харид ва харочоти барои баитмомрасии кор мусоидаткунандаро фарқ кунанд:

❖ Ченаки бароориш ҳам метавонад аниқ набошад. Хусусан, ин ноаниқӣ ба воҳидҳои гуногуни истеҳсол, ки ҳаҷми гуногуни харҷи баитморасониро талаб мекунанд, дахл дорад. Сохтмони ошёнаи якуми бинои 10-ошёна харочоти зиёдтареро назар ба ошёнаи дуюм талаб мекунад. Истифодаи миқдори ошёнаҳои сохташуда ба сифати ченаки ҳаҷми кори баиҷрорасида, яқинан дараҷаи ҳақиқии ҳаҷми иҷрошудаи корро нишон намедиҳад:

❖ Вобастагии байни харочот ва ҳаҷми иҷроиш метавонад хаттӣ набошад. Ҳар қадаре воҳидҳо зиёд тайёр шудаанд, ҳамон қадар сохтмон арзон меафтад, зеро пудратчӣ оиди маросим ва усулҳои нисбатан самараноки сохтмони лоиҳа маълумот мегирад. Ин яке аз масъалаҳои хоси корхонаҳои сохтмони киштиҳост. Ҳамин тариқ, истеҳсолкунанда мувофиқи шартнома бо фурӯшанда оиди коркард ва истеҳсоли 40 киштӣ, яқин ҳангоми истеҳсоли 10 киштии аввал назар ба 10 киштии сонӣ зиёдтар харочот мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи миқдори маҳсулоти тайёркардашуда ба сифати ченаки ҳаҷми кори иҷрошуда, яқинан сатҳи ҳаққонии иҷроишро нишон намедиҳад.

Дар ҳар яке аз ҳолатҳои номбурдашуда, пеш аз он, ки самаранокии яке аз ченакҳо – харочот ё барориишро муайян кард, мебояд вазъиятро ҳаматарафа таҳлил намуд. Бисёртар ченаки харочотӣ (***усули харочот ба харочот***) истифода мешавад. Ҳангоми истифодабарии ин усул таносуби харочоти даврани ҷорӣ бар сметаи умумии харочоти баитмомрасонии лоиҳа тартиб дода мешавад. Ин формула имконияти муайянкунии дараҷаи иҷроиши лоиҳаро медиҳад:

$$\text{Фоизи иҷроиш} = \frac{\text{Ҳамагӣ, харочоти баамалбаровардашуда дар охири давра}}{\text{Сметаи умумии харочоти лоиҳа}}$$

Баробари муқаррар сохтани фоизи иҷроиш, маблағи даромади эътирофшавандаи даврани ҷорӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**Даромади давраи ҷорӣ = (фоизи иҷроиш × Даромади умуми аз шартнома) – маблағи даромади дар даврахои гузашта эътирофгардида.**

**Эътирофи даромад аз хадамот**

Мувофиқи СҲБМ 18 «Пули фурӯш»: Вақте, ки натиҷаи амалиёт оиди пешниҳоди хизмат ба таври боваринок чен карда мешавад, даромад аз амалиёти мазкур бо нишон додани даврани баитмомрасии амалиёт дар санаи ҳисоботӣ эътироф мегардад. Натиҷаи амалиёт метавонад ба таври боваринок ҳисоб карда шавад, агар шартҳои зерин иҷро гарданд:

➢ *Маблағи даромад ба таври боваринок баҳо дода мешавад;*
➢ *Эҳтимолияти дохилшавии фоидаи иқтисодӣ аз амалиёт ба ширкат вуҷуд дорад;*
➢ *Даврани баитмомрасии амалиёт дар санаи ҳисоботӣ ба таври боварибахш маййян карда мешавад;*
➢ *Харочоти вобаста ба баитмомрасонии амалиёт амалишаванда ба таври кофӣ аниқ муайян аст.*

Чӣ хеле мебинем, даромад аз хадамот низ бо меъёрҳои эътирофи даромад аз фурӯши мол ё иҷроиши кор эътироф мегардад. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо, эътирофи даромад аз

пешниҳоди хизмат хусусиятҳои худро дорад. Усулҳои зерини эътирофи даромад аз хадамот вуҷуд доранд:

- ✓ *иҷроиши конкретӣ;*
- ✓ *иҷроиши пурра;*
- ✓ *иҷроиши мутаносиб;*
- ✓ *усули хазинавӣ (инкассатсия).*

**Усули иҷроиши конкретӣ** барои баҳисобгирии даромад аз расонидани хизмати алоҳида истифода мешавад. Мисол, даромади миёнарав (брокер) оиди васоити ғайриманқул дар шакли маблағи комиссионӣ пас аз иҷроиши шартнома оиди фурӯши воситаи ғайриманқул.

**Усули иҷроиши пурра** барои баҳисобгирии даромад аз хизмат оиди истеҳсоли серияи давраҳои якхела ё гуногуни иҷроиш истифода шуда, даромад танҳо пас аз иҷроиши давраи ниҳоӣ – давраи нисбатан муҳими хизматрасонӣ коркардашуда ҳисобида мешавад. Мисол, ширкатиborкашонӣ, ки корҳои печонидан, бор кардан, накл ва расонидани борро иҷро мекунад, даромадро танҳо пас аз расонидани бор эътироф мекунад.

**Усули мутаносиби иҷроиш** барои эътирофи даромад аз хадамоти бисёрзинагӣ, вақте, ки расонидани хизмат аз ҳудуди давраи баҳисобгирӣ берун мебарояд, истифода мешавад. Даромад ҳангоми истифодаи ин усул дар асоси иҷроиши мутавозеъи хизмати давраи муайян эътироф мегардад. Ченкунии мутаносиби даромад аз хизмат барои хадамоти гуногун ҳар хел ба амал баровада мешавад:

1. *Зинаҳои якхелаи расонидани хизмат* – маблағи баробари даромад барои ҳар як давра эътироф мегардад. Мисол: коркарди пардохтҳои якхела дар банкҳои ипотекӣ.
2. *Даврҳои гуногуни иҷроиши хизмат* - даромад аз хизмат мутаносибан аз хароҷоти мустақими субъекти хизматрасон дар ҳар як давра эътироф мегардад. Мисол: гузаронидани дарс, имтиҳон, таҳсил дар мактаби ғоибона.
3. *Давраҳои монанд бо мӯҳлати таъиншудаи иҷроиш* – истифодаи усули маъмули эътирофи даромад нисбатан мувофиқи мақсад аст. Мисол: пешниҳоди хизмат оиди нигоҳубини таҷҳизот ҳангоми пардохти таъиншудаи даврави.

**Усули хазинавӣ (инкассатсия)** – даромад танҳо дар сурати гирифтани воситаҳои пули нақдӣ эътироф мегардад. Ин усул барои баҳисобгирии даромад аз хизмат дар ҳолати мавҷудияти номуайянӣ ё боварибахш набудани сметаи харҷ нисбати даромад истифода мегардад.. Усули мазкур бо усули ҷуброни хароҷоти фурӯши молҳо монандӣ дорад. Дар сурати боваринок баҳо дода нашудани натиҷаи амалиёт оиди хизматрасонӣ, даромад танҳо баробари бузургии хароҷоти ҷубронишудаи эътирофгардида эътироф мегардад.

**Эътирофи хароҷот**

Хароҷот – ин истифодабарӣ ё истеъмоли молу хизмат дар ҷараёни бадастории даромад аст.

Даромади давраи муайянро чен ва эътироф намуда истода, мувофиқи принсипи мувофиқат хароҷотро низ барои ҳамон давра чен ва эътироф менамоянд.

Моҳияти усули мувофиқат дар эътирофи яквақтаи даромад ва хароҷоти бо гирифтани он алоқаманд аст. Хароҷоти истифодабарии активҳо ва хизмат дар ҳисобот ҳамчун хароҷоти давра бо баробари даромади дар ҳамин давра гирифташуда ва бо он хароҷот алоқаманд эътироф ва ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баъзе аз хароҷотро наметавон барои мақсадҳои баҳисобгирӣ мувофиқи даромади фурӯш бо сабаби мавҷуд набудани робитаи бевосита байни ин хароҷоту даромад овард.

Аз ин рӯ, ин гуна хароҷотро ҳангоми бавуҷудоии онҳо эътироф менамоянд.

Қоидаҳои асосии эътирофи хароҷот дар соҳаи хизматрасонӣ:

- Ҳамаи хароҷоти мустақим ҳамчун хароҷоти давра дар давраи эътирофи даромади мувофиқ эътироф мегардад. Ҳамин тариқ, хароҷоти ибтидоии мустақим ва хама гуна хароҷоти иловагии мустақим, ки то эътирофи даромад аз хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд ҳамчун пешпардохт мавқуф гузошта шуда, танҳо дар лаҳзаи эътирофи даромади мувофиқ эътироф гарданд;
- Агар даромад аз хизматрасонӣ мувофиқи усули мутаносиби иҷроиш эътироф гардад, хароҷоти ибтидоии мустақим ба сифати хароҷот танҳо дар давраи эътирофи даромади бо он вобаста шинохта мешавад. Хароҷоти мустақими иловагӣ бошад, дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф мегардад;
- Агар даромад мувофиқи усули хазинавӣ эътироф гардад, ҳамаи хароҷоти мустақим дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф мегардад.

Хароҷоти бевосита бо фурӯши маҳсулот ё хизмат алоқаманд ҳам хароҷоти давра ва ҳам хароҷоти тақсимшавандаро дарбар мегирад. Мисол, намудҳои муайяни хароҷоти реклама, ҷуброни вақти барои шартномаҳои нотамом сарфшуда, маъмурии умумӣ ва истеҳлок.

Хароҷотро ба гурӯҳҳои зерин тасниф менамоянд*:

**Расми №6. Таснифи хароҷот**




Азбаски, асоси объективии мувофиқории ин гуна хароҷоти давра бо даромади давра вуҷуд надошта бошад, онҳоро дар лаҳзаи бавуҷудоӣ эътироф менамоянд. Айнан ҳамин тавр, хароҷоти тақсимшавандаро ба давраҳои муайян баробар тақсим намудан лозим аст.

## Эътирофи фоида ва зарар

Фоида дар баҳисобгирии бухгалтерӣ то лаҳзае, ки ду меъёри зерини эътирофи даромад риоя нашавад, шинохта намешавад:

- *амалигардӣ (реализуемость);*
- *гирифтани даромад.*

Фоида ва зарар асосан пас аз баитмомрасии шартномаи мувофиқ эътироф мегарданд. Дар афзалият аз фоидаи чашмдошт, зарари чашмдошт танҳо дар сурати эҳтимолияти он ва асоснок баҳо дода шудан эътироф мегарданд.

* См. Финансовый учет. Учебное пособие. Ч.2 – Алматы. 1999г. стр. 273

Дар сурати эътирофи фоида ё зарар навиштачотҳои мувофику махсуси бухгалтерӣ барои инъикосу баитмомрасии шартнома ба амал баровардa мешаванд. Мисол, ширкат қитъаи заминро, ки 10 000 в.ш. арзиш дошт, ба нархи 12 000 в.ш. фурӯхт. Амалиёти мазкур дар баҳисобгирӣ чунин қайд меёбад:

*Воситаҳои пулӣ......................................................12 000*

*Замин..............................................................................10 000*

*Фоида аз фурӯши воситаҳои ғайригардон................................. 2 000*

Зарари ҳисобкардашуда то фурӯши ниҳоӣ эътироф мегардад. Мисол, зарари амалинашуда аз рӯи:

- қисман аз ҳисоб баровардани сармоягузории кӯтоҳмуддат то арзиши бозории паст аз арзиши харид;
- фурӯши қисми бизнес;
- даъвои судие, ки қарорро интизор аст;
- барҳамдеҳии (экспроприация) активҳо, эътироф мегардад, агар, онҳо эҳтимолияти зиёд дошта, маблағашон ба таври асоснок ҳисоб карда шавад. Агар ҳардуи ин шарт қонеъ гарданд, он гоҳ табиат ва маблағи зарари шартӣ бояд дар шарҳияи ҳисоботи молиявӣ кушода шавад.

Дар муқобили ин, фоида ҳеҷ гоҳ то ба охир расидани амалиёт, ки далел ва маблағи фоидаро муқаррар мекунад, эътироф намегардад. Мисол, дар ҳолати имконназир, аммо ба амал наомадаи фоида аз фурӯши қисми фаъолият, фоидаи чашмдошт танҳо дар лаҳзаи фурӯш эътироф мегардад. Аммо, дар бисёр ҳолатҳо маблағи фоидаи интизорӣ фақат дар шарҳияи ҳисоботи молиявӣ дарҷ меёбад, ва ин ҳам барои пешгирии нодуруст фаҳмидани эҳтимолияти фурӯш аст.

Фоида ва зарар метавонад дар натиҷаи ҳодисаҳои воқеан дохилӣ ба монанди тағйирёбии принсипҳои баҳисобгирӣ ба вуҷуд ояд. Ин гуна фоидаву зарар дар давраи баамалбарории тағйирот эътироф мегарданд.

Ҳангоми баҳисобгирии фоидаву зарар мебояд принсипи консерватизмро риоя кард. Ин маънои онро дорад, ки зарар то баамалоӣ эътироф гардида, эътирофи фоида то баохиррасии амалиёт ё ҳодиса мавқуф гузошта мешавад.

**Навиштаҷоти трансформатсионӣ**

***Табдилкунӣ (трансформатсия adjusting)*** –ин табдили бақияи ҳисобҳои баланси санҷишӣ бо мақсади бадастории ахбороти барои тартибдеҳии ҳисоботи молиявӣ зарур, мебошад. Дар санаи ҳисоботӣ баланс бояд ахборотро оиди активҳо, ӯҳдадориҳо, капитали азонихудӣ, ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолият – ахборотро оиди даромаду хароҷот, фоидаву зарар дошта бошад. Азбаски, бисёре аз амалиётҳо ба якчанд давраи ҳисоботӣ дахл доранд, зарурияти чораёни трансформатсия ба миён меояд. Трансформатсия бо навишти бухгалтерӣ – навишти трансформатсионӣ қайд мегардад. Вай аз навиште дар як ё якчанд ҳисоби доимӣ ва як навишт дар ҳисоби муваққатӣ иборат аст[8]. ***Табдилкунӣ ҳеҷ гоҳ ҳисобҳои воситаҳои пулиро дахл намекунад.***

Трансформатсия бо воситаи ҳисобкунӣ ва мавқуфгузорӣ ба амал бароварда мешавад.

***Мавқуфгузорӣ (Отсрочка – deferral)*** ин мавқуфгузории эътирофи хароҷоти аллакай пардохташуда ё даромади аллакай гирифташуда аст. Мавқуфгузорӣ дар ҳолатҳои:

- пайдоиши хароҷоти ба ду в а зиёда давра дахлдор;
- пайдоиши даромади ба ду ва зиёда давра дахлдор, зарур аст.

***Ҳисобкунӣ (Начисление - accrual)*** – эътирофи хароҷоти баамаломада ё даромади коркардашудаи дар баҳисобгирӣ қайднагардида аст.

Ҳисобкунӣ дар ҳолати:

- даромади то ҳанӯз қайд наёфта ва гирифтанашуда, вале коркардашуда зарур аст. Ин даромадест, ки ҳуқуқи гирифтани он дар ҳамин давра пайдо гардидаву дар ҳисобгирӣ дарҷ наёфта аст;
- харҷи ба миён омада, аммо то ҳанӯз ба ҳисоб гирифта нашуда зарур аст. Аз рӯи ин хароҷот ӯҳдадориҳо дар ҳамин даврaи ҳисоботӣ қайд гардида, дар даврaҳои оянда пардохт мешаванд. Тартибдеҳии навишти трансоформатсионӣ дар ҷадвали зерин пешниҳод гардидааст:

---

[8] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/Б.Нидзл, Х. Андерсен, Д.Колдуэлл: Пер. с англ./Под ред. Я.В.Соколова.- 2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика,1999-496с. стр. 49

**Ҷадвали №1 Навишти табдилӣ**

| Намудҳои навишти табдилӣ | Намуди ҳисоб | | Мисол |
|---|---|---|---|
| | Дебет | Кредит | |
| **Мавкуфгузорӣ** | | | |
| 1. Тақсими харочоти қайдгардида | Харочот | Актив ё акуллактив | Суғуртаи пешпардохтшуда, ичорапулӣ, пардохти таҳсил, масолеҳ, амортизатсияи (истеҳлоки) воситаҳои асосӣ |
| 2. Тақсими даромади қайдгардида | Ӯҳдадорӣ | Даромад | Пешпардохти қабулгардида, даромад аз обуна, пули фурӯши чипта |
| **Ҳисобкунӣ.** | | | |
| 1. Даромади қайдногардида | Активҳо | Даромад | Фоизҳо барои қабул, даромади комиссионӣ |
| 2. Харочоти қайдногардида | Харочот | Ӯҳдадорӣ | Музди меҳнат, фоизҳо барои пардохт |

**Мукотиботи маҳкамкунӣ**

Чӣ хеле, ки пештар қайд намуда будем, ҳисобҳои даромад, харочот, фоида ва зарар, ки дар ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ нишон дода мешаванд, ҳисобҳои муваққатӣ номида мешаванд. Зеро онҳо барои ҷамъбастнамоии маълумот танҳо дар як давраи ҳисоботӣ истифода мешаванд. Дар охири ҳар давраи ҳисоботӣ, ки одатан як солро ташкил медиҳад, бақияи ин ҳисобҳо ба ҳисобҳои доимӣ гузаронида шуда, онҳо маҳкам карда мешаванд. Ин гузарониши даврӣ (тозакунӣ) и бақияи ҳисобҳои ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолият ба ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда бо ёрии мукотиботи маҳкамкунӣ ба амал бароварда мешавад.

Мақсади мукотиботи маҳкамкунӣ:

- муайянкунии натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ;
- гузаронидани маблағи фоидаи соф ё зарар ба фоидаи тақсимношуда;
- муқаррарсозии бақияи сифрии ҳар як ҳисоби муваққатӣ барои оғоз намудани давраи ояндаи ҳисоботӣ.

Ҳамин тариқ, ин ҳисобҳо аз сари нав барои иҷроиши функсияи муваққатии ҷамъоварии маълумотҳо барои соли оянда тайёр карда мешаванд.

Ҳисобҳои баланси бухгалтерӣ (активҳо, ӯҳдадориҳо, капитали азонихудӣ) ба таври даврӣ маҳкам карда намешаванд, аз ин рӯ, онҳоро ҳисобҳои доимӣ меноманд. Мисол, бақияи охирии ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» дар 31 декабр ба 1-уми январи соли оянда гузаронида шуда, бақияи ибтидоии ин ҳисобро дар соли нав ташкил мекунад. Бақияи сифрӣ дар ҳисоби доимӣ дар он сурат ҷой дошта метавонад, агар объекти мазкур (мисол, таҷҳизот) дигар дар ихтиёри корхона набошад ё пурра истеҳлок гардида бошад. Бақия дар охири давра аз рӯи ҳар як ҳисоби балансӣ ба Китоби асосӣ ҳамчун бақияи ибтидоии давраи оянда гузаронида мешавад.

Баамалбарории мукотиботи маҳкамкунӣ дар охири ҳар давраи ҳисоботӣ барои гузаронидани бақияи ҳамаи ҳисобҳои ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ-хоҷагӣ дар худ як зинаи кори канселяриро ифода мекунад. **Ҳисобро маҳкам намудан** – маънои гузаронидани бақияи ин ҳисобро ба дигар ҳисоб бо роҳи тартиби мукотибот дорад. Мисол, ҳисобе, ки бақияи кредитӣ дорад, бо роҳи дебитонидани ин ҳисоб ва кредитонидани ҳисоби дигар ба маблағи якхела маҳкам карда мешавад Дар ҷараёни маҳкамкунӣ бақияи кредитӣ ҳамеша ба кредит, ва бақияи дебетӣ ҳамеша ба дебети ҳисоби дигар гузаронида мешаванд. Навиштҳои маҳкамкунӣ доимо дар санаи охирини давраи ҳисоботӣ тартиб дода шуда, ба журнал дар шакли маъмули "Дебет = Кредит" гузаронида шуда, ҳамон замон дар Китоби Асосӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Ҳисоби махсуси ҷамъбастӣ – «Ҷамъбасти даромаду харочот» дар ҷараёни маҳкамкунӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳамаи ҳисобҳои ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ - хоҷагӣ – ҳисобҳои даромаду фоида, харочоту зарар дар ин ҳисоб маҳкам карда мешаванд. Фарқи байни маблағи ниҳоии дебет ва кредит маблағи фоида ё зарари софро ташкил менамояд ва он дар ҳисоби фоидаи тақсимношуда маҳкам карда мешавад.

Пас аз анҷоми ҷараёни маҳкамкунӣ ҳамаи ҳисобҳои ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ – хоҷагӣ бақияи сифрӣ доранд. Баъд аз ин, ин ҳисобҳо барои инъикоси даромаду харочоти давраи нави ҳисоботӣ тайёр мешаванд. Ҳамаи ҳисобҳои балансӣ бақияи охирӣ доранд, ва ин бақияҳо ҳамчун бақияи ибтидоии соли оянда баромад мекунанд.

**Ислоҳи хатогӣ (иштибоҳот)**

Бухгалтерон ҳангоми гузаронидани навиштхо ба Китоби асосӣ ва журнали асосӣ метавонанд, ба хатогиҳо роҳ диҳанд. Ин хатогиҳоро мебояд ислоҳ кард. Вобаста аз намуди хатогӣ усулҳои гуногуни ислоҳ истифода мешаванд. Аммо, дар ҳар ҳолат, навишти хато барои пешгирии тасаввурот оиди пинҳонсозии ягон далел, тоза карда намешавад.

Дар таҷрибаи хориҷӣ усули ватании ислоҳкунӣ - сторнои сурх истифода намешавад. Хатогиҳоро бо роҳи:

- хат задан ва дар болои он ба амал баровардани навишти дуруст ислоҳ мекунанд. Ин ҳам дар он мавриде, ки хатогӣ дар журнали асосӣ то гузаронидани он ба Китоби асосӣ ҷой дошта бошад;
- тайёркунии навишти дигар, агар навишти хато дар Китоби асосӣ ба амал бароварда шуда бошад, ислоҳ мекунанд.

Хатогӣ хеле ҷиддӣ ҳисобида мешавад, агар он ҳангоми тартибдеҳии ҳисоботи молиявӣ ба вуҷуд ояд, зеро ин гуна хатогӣ ба қарорҳои қабул менамудаи доираи васеъи истифодабарандагон таъсири амиқ мерасонад.

**Намудҳои хатогӣ.** Хатогиҳои ҳангоми тартибдеҳии ҳисоботи молиявӣ ба вуҷуд омада ба ду гурӯҳ: муҳим ва ғайримуҳим ҷудо карда мешаванд.

Хатогии давраҳои гузашта, ки дар давраи ҷорӣ муқаррар гардидаву ба қарорҳои иктисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявӣ қабул мегарданд, таъсири ҷиддӣ мерасонад, муҳим ҳисобида мешавад. Агар маблағи хатогии муҳим хеле бузург бошад, ҳисоботи давраҳои гузашта боваринок ҳисобида намешаванд.

Хатогиҳо дар натиҷаи:

- ҳисоби нодурусти математикӣ;
- истифодаи нодурусти сиёсати баҳисобгирӣ;
- таҳрифи ахборот, фиреб ё бедиққатӣ воқеъ мешаванд.

Ислоҳи ин хатогиҳо одатан ҳангоми ҳисоби фоидаи софи давраи ҷорӣ ба назар гирифта мешаванд.

Мувофиқи СБҲМ 8 «Фоида ё зарари софи давра, хатогиҳои асосӣ ва тағйирот дар сиёсати баҳисобгирӣ»:

*Хатогиҳои асосӣ* - ин хатогиҳои дар давраи ҷорӣ муқарраршудаи муҳиме, ки бо сабаби мавҷудияти онҳо ҳисоботи молиявии як ё якчанд давраи гузашта дар лаҳзаи нашр дигар боваринок ҳисобида намешаванд.

Мисоли хатогии асосӣ – дохил намудани маблағи зиёди истеҳсолоти нотамом ё қарздории дебиторӣ аз рӯи шартномаҳои қалбакӣ ба ҳисоботи молиявӣ. Ислоҳи хатогии фундаменталии давраҳои гузашта навкунии ахбороти муқоисавӣ ё пешниҳоди ахбороти иловагии пешакиро талаб мекунад.

**Усулҳои ислоҳи хатогиҳо.** Усулҳои зерини ислоҳи хатогиҳо маълуманд:

***1. Усули асосӣ.*** Ба маблағи хатогии фундаменталии давраи гузашта бақияи ибтидоии фоидаи тақсимношуда ислоҳ карда мешавад.

***2. Усули алтернативӣ.*** Маблағи хатогии фундаменталӣ ҳангоми ҳисобкунии фоида ё зарари софи давраи ҷорӣ ба назар гирифта мешавад.

Ҳангоми истифодаи усули асосӣ бояд ҳолатҳои зерин ошкор гарданд:

- мазмуни хатогии асосӣ;
- маблағи ислоҳ барои давраи ҷорӣ ва ҳамаи давраҳои гузашта;
- маблағи ислоҳи барои давраи ҷорӣ, ки ба ҳайати ахбороти муқоисавӣ дохил карда шудааст;
- далели пешниҳоди дубораи ахбороти муқоисавӣ ё далели ғайриимкон будани ин гуна пешниҳод, ба самъи истифодабарандагон расонида шавад[9].

Ҳангоми ислоҳи хатогии муҳими давраи гузашта бо роҳи дохилнамоии он ба натиҷаҳои давраи ҷорӣ, маълумотҳои муқоисавӣ бо намуди дар давраи гузашта пешниҳод шуда, пешкаши истифодабарандагон карда мешавад.

Ахбороти иловагӣ дар шакли ҷадвали алоҳида, то ки фоида ё зарари софи давраи ҷорӣ, инчунин ҳама гуна давраҳои пешин баръало намоён гардад, метавонад пешниҳод гардад. Дар айни замон, шахси ҳуқуқӣ бояд:

- мазмуни хатогии асосӣ;
- маблағи ислоҳе, ки дар фоида ё зарари софи давраи ҷорӣ акс ёфтааст;

---

[9] Международные стандарты финансовой отчетности. МСФО 8. Саҳ. 161

- маблағи ислоҳро ба ҳар як даврае, ки барои онҳо ахбороти иловагӣ пешниҳод карда шудааст, кушода диҳад. Дар сурати ғайриимкон будани кушодани маълумоти иловагӣ ин далел низ бояд ба ҳамагон маълум карда шавад.

Маблағи ислоҳи хатогии ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии давраҳои гузашта ба амал омада, ба фоида ё зарари давраи ҷорӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Инъикоси ислоҳи хатогии давраи гузашта дар ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда чунин сурат мегирад:

***Мисоли 5.*** Ширкати «Рух» ҳисоботро оиди фоидаи тақсимношуда барои соли дар 31 декабри соли 2009 баитмомрасида пешниҳод намуд:

| | | |
|---|---|---|
| Фоидаи тақсимношуда дар 1 январи соли 2009 | | 310 500 |
| Ислоҳи давраи гузашта: | | |
| Ислоҳи хатогӣ дар маблаги истеҳлоки соли 2008 бо тарҳи андоз аз фоидаи мувофиқ ба маблағи 13 000 | | 29 200 |
| Фоидаи тақсимношудаи ислоҳшуда дар 01.01.09 | | 281 300 |
| Фоидаи соф дар соли ҷорӣ | 77 350 | |
| Тарҳи ҳаққусаҳм | 40 000 | |
| Афзоиши фоидаи тақсимношуда | | 37 350 |
| Фоидаи тақсимношуда дар 31 декабри с.2009 | | 318 650 |

Ислоҳи давраи гузашта бо тарҳи андоз аз фоидаи мувофиқ инъикос меёбад. Агар фақат ҳисоботи молиявии давраи ҷорӣ пешниҳод гардад, таъсири ислоҳи фоидаи софи давраи гузашта бояд кушода шавад. Агар барои муқоиса ҳисоботи молиявии давраи гузашта пешниҳод гардад, ин ҳисоботҳо бояд аз нав тартиб дода шуда, маблағи ислоҳ кушода дода шавад.

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Ширкат бояд:

- сиёсати баҳисобгирии қабулшудаи эътирофи даромадро, азҷумла, усулҳоеро, ки барои муайянкунии зинаҳои баитмомрасии амалиёти бо расонидани хизмат алоқаманд истифода мешаванд;
- маблағи ҳар як намуди даромади муҳимро, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ эътироф гардидааст, азҷумла, даромадро аз:
  a) фурӯш;
  b) хизматрасонӣ;
  c) фоиз;
  d) пардохтҳои литсензионӣ;
  e) ҳаққусаҳм;
  f) ивазкунии активҳо, дар шарҳияи ҳисоботи молиявӣ кушода диҳад.

Корхона ҳама гуна фоида ва зарари шартие, ки дар натиҷаи даъвоҳои судӣ, ҷарима ва г. воқеъ мегарданд, бояд дар шарҳия кушода диҳад.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ. 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности.
7. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999г.
8. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. – Б: «Ариал-Принт», 2000.-324.
9. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М: Финансы и статистика. 1997. – 496с.
10. Хендрексен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М: Финансы и статистика, 1997

**Супориш барои худсанҷӣ**

**1. Консенсия ва фарзия**

Умед – соҳиби мағозаи на он қадар калон мустақилона баҳисобгириро дар ширкати худ амалӣ месозад. Ба наздикӣ ӯ фарзия ва консенсияҳои зеринро ба назар гирифта, чунин амалҳоро ба анҷом расонид:

1. фурӯши яхдони зиёдатиро дар лаҳзаи пешниҳоди ҳисоб ба харидор ба қайд гирифт;
2. мӯҳлати хизмати бинои амборро бо назардошти он, ки ширкат ба таври беинтиҳо фаъолият мекунад, баҳо дод;
3. эътирофи хароҷоти пули суғуртаро, ки ба таври пешпардохт барои се сол супорида буд, мавкуф гузошта ҳамчун актив онро инъикос намуд;
4. фоиданокии ҳисоботи молиявии ҳармоҳаро эътироф намуд, гарчанде, ки бо баҳо асос ёфтани он равшан аст;
5. мукотиботи трансформатсионӣ намуда, хароҷоти музди меҳнатро, ки воқеъ гардида аммо қайд карда нашуда буд, эътироф намуд;
6. ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагиро тайёр намуда, даромади коркардашуда ва хароҷоти дар давоми давраи ҳисоботӣ воқеъгардидаро эътироф намуд.

**Талаб карда мешавад:**

Нишон диҳед, ки кадоме аз консенсияҳои зерини баҳисобгирӣ аз рӯи усули ҳисобкунӣ бевосита ба амалҳои номбурдашуда дахл доранд: (а) бефосилагӣ, (б) давравият, (в) мувофиқат, (г) эътирофи даромад, (д) мавқуфгузорӣ, (е) ҳисобкунӣ. .

**2. Эътирофи даромад**

Аз рӯи ҳолатҳои зерин :

1) мукотиботро дар санаи амалиёт тартиб диҳед.

2) усули мувофиқи эътирофи даромадро нишон диҳед.

Се воқеаи алоҳида дар соли 2008 –ум ба вуқӯъ пайваст. Давраи ҳисоботӣ 31 декабр ба итмом мерасад.

1. 31 декабри соли 2008 ширкати "RMD" таҷҳизотро ба маблағи 54 000 в.ш.фурӯхта, 34000 в.ш.-и нақд гирифт. Маблағи боқимонда -20 000 в.ш. бо ҷамъи 10% 31 декабри соли 2009 гирифта хоҳад шуд. Кашонида овардани таҷҳизот аз ҷониби ширкати "RMD" 5 январи соли 2009 ба амал бароварда мешавад. Харидор вазъи хуби пардохтадонамоиро дорад, аз ин рӯ, пардохт кафолатнок аст.
2. 15 ноябри соли 2008 ширкати "RMD" маснуотро ба маблағи 1 200 в.ш. фурӯхт. Харидор ба ивази маснуоти мазкур ду воҳид моли худро медиҳад. Харидор ваъда дод, ки молҳоро 31 январи соли 2009 оварда мерасонад.
3. 2 январи соли 2009 ширкати "Asia plus" ба маблағи 1 800 в.ш. обунапулии солонаро ба рӯзномаи "Asia plus" ҷамъ овард. Шумораи якуми рӯзнома моҳи марти соли 2009 дастраси муштариён мегардад.

**3. Эътирофи даромад**

Аудиторон Мадина ва Зарина бо ширкати «Charogak LTD» оиди расонидани хадамоти бухгалтерӣ шартнома бастанд. Дар шартнома оиди пардохти маблағи умумии ҳаққи хизмат ба маблағи 10 000 в.ш. сухан меравад. Фарз кардем, ки Мадина ва Зарина қудрати баҳодиҳии комилонаи хароҷоти мустақими ояндаи бо иҷрониши шартнома алоқамандро доранд. Дар асоси ҳисобу китоби Мадина ва Зарина намудҳои зерини хизмат расонида шуданд:

| | | |
|---|---|---|
| Ташкили системаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ | 2 500 в.ш. | 20.12.2008 |
| Барқароркунии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҷорисозии 1С-бухгалтерия | 5 000 в.ш. | 10.01.2009 |
| Тартибдиҳӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ | 2 500 в.ш. | 15.03.2009 |

**Вазифа:**

1. Нишон диҳед, ки кадом усули эътирофи даромад барои Мадина ва Зарина мувофиқи мақсад аст?
2. Мукотиботро барои Мадина ва Зарина оиди эътирофи даромад аз рӯи шартномаи мазкур тартиб диҳед.

**4. Мукотиботи маҳкамкунӣ**

Дар зер баланси санҷишии ширкати «Мимино и К°» барои соли дар 31 декабри соли 2008 ба итмом расанда оварда шудааст.

***Талаб карда мешавад:*** Дар асоси маълумоти баланси санҷишии ширкати «Мимино и К°» дар 31 декабри соли 2008, мукотиботи маҳкамкуниро тартиб диҳед.

a) Амалиётҳои маҳкамкунии ҳамаи ҳисобҳо, ки барои ҳисоби «Ҷамъбасти даромаду хароҷот» заруранд, инъикос намоед.

b) Амалиёти маҳкамкунии ҳисоби «Ҷамъбасти даромаду хароҷот» - ро тасвир намоед.

c) Балансро барои ширкати «Мимино и К°» пас аз маҳкамкунии ҳисобҳои муваққатӣ тартиб диҳед.

| Номи ҳисоб | Дебет | Кредит |
|---|---|---|
| Воситаҳои пул | 3 000 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 12 400 | |
| Молҳо | 10 600 | |
| Таҷҳизоти идоравӣ | 12 000 | |
| Истеҳлоки ҷамъгардида– таҷҳизоти идоравӣ | | 3 200 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 7 300 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | 4 200 |
| Саҳмияҳои оддӣ | | 19 800 |
| Фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта | | 1 400 |
| Фурӯш | | 21 000 |
| Баргардониши молҳои фурӯхташуда | | 100 |
| Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда | 11 200 | |
| Хароҷоти реклама | 1 000 | |
| Хароҷоти музди меҳнати фурӯшандагон | 4 200 | |
| Хароҷоти музди меҳнати кормандони идоравӣ | 2 000 | |
| Хароҷоти истеҳлок – таҷҳизоти идоравӣ | 600 | |
| | **57 000** | **57 000** |

**5. Ислоҳи хатогӣ**

ҶС «Рух LTD» дар давоми соли 2009 мукаррар намуд, ки арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташудаи соли 2008 ба маблағи 2 400в.ш. дар санаи 31 декабр нодуруст акс ёфтааст. Дар соли 2009 маҳсулот ба маблағи 44 000в.ш. фурӯхта шуда, арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда - 32 000 в.ш. ( азҷумла, маблағи хатогии давраи гузашта -2 400в.ш.) ва андоз аз фоида 3 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Барои соли 2008 ҶС «Рух LTD» маълумотҳои зеринро дар ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ акс намудааст:

| | в.ш. |
|---|---|
| Даромад аз фурӯши маҳсулот | 32 000 |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | 24 000 |
| Даромад аз фаъолияти мукаррарӣ то андозситонӣ | 8 000 |
| Андоз аз фоида | 2 400 |
| Фоидаи соф | 5 600 |

Фоидаи тақсимнашуда дар ибтидоии соли ҳисоботӣ - 9 400 в.ш. ва дар интиҳои соли ҳисоботӣ - 15 000 в.ш.-ро ташкил менамуд. Ставкаи андоз аз фоида 30 % барои солҳои 2008 ва 2009.

***Ҳал.***

Ислоҳи хатогии муҳим дар давраи ҷории ҳисоботӣ:

| | в.ш. с. 2009 | в.ш. с. 2008 |
|---|---|---|
| Даромад аз фурӯши маҳсулот | | |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | | |
| Даромад аз фаъолияти мукаррарӣ то андозситонӣ | | |
| Андоз аз фоида | | |
| Фоидаи соф | | |

Ислоҳи хатогии муҳим бо роҳи тағйирдеҳии бақияи ибтидоии фоидаи тақсимнашуда:

| (аз нав ҳисобкардашуда) | в.ш. с. 2009 | в.ш. с. 2008 |
|---|---|---|
| Фоидаи тақсимнашуда дар ибтидои давраи ҳисоботӣ | | |
| Ислоҳи хатогии муҳим (бо тарҳи андоз аз фоида ба маблағи 720 в.ш.) | | |
| Фоидаи тақсимнашудаи азнавҳисобкардашуда | | |
| Фоидаи соф | | |
| Фоидаи тақсимнашуда дар интиҳои давраи ҳисоботӣ | | |

## Боби 5. Баанҷомрасии давраи баҳисобгирӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Шарҳи давраи баҳисобгирӣ*
*Марҳилаҳои давраи баҳисобгирӣ*
*Ҷадвали корӣ: асбоб (восита) барои муҳосибон*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Роҳнамо оиди пур кардани ҷадвали корӣ, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва балванси бухгалтерӣ*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Баъди омӯзиши ин мавзӯъ, **Шумо бояд:**

- дар бораи сикли баҳисобгирӣ *тасаввурот дошта бошед* ва давраҳои мушаххаси онро *тасвир карда тавонед;*
- ҷараёни бақайдгирии амалиётҳои хоҷагиро дар журнали асосӣ *инъикос карда тавонед;*
- навиштҳои зарурии бухгалтериро ба Китоби асосӣ гузаронида, балванси санҷиширо *тартиб диҳед;*
- моҳияташонро фаҳмида, навиштҳои ислоҳиро *амалӣ созед;*
- сабабҳои зарурияти навиштҳои ислоҳиро *фаҳмонида тавонед:*
- ҷараёни маҳкамнамоии ҳисобҳоро *инъикос намоед;*
- навиштҳои реверсионии заруриро муайян ва *амалӣ карда тавонед:*
- дар асоси ҷадвали корӣ ҳисоботи молиявиро *тартиб дода тавонед.*

### *Шарҳи давраи баҳисобгирӣ*

Давраи баҳисобгирӣ - ин мунтазамияти қадамҳо аз ҷамъоварии ахборот оиди фаъолияти хоҷагии корхона то тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ва маҳкамнамоии ҳисобҳо мебошад. Марҳилаҳои сикли баҳисобгирӣ аз қадамҳои зерин иборат аст:

1. ҷамъоварии ахборот дар бораи фаъолияти хоҷагии корхона;
2. бақайдгирии ахборот дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ;
3. дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ бақайдгирии ахборот дар журналҳои лозима;
4. гузаронидани навиштҳо аз журналҳо ба Китоби асосӣ;
5. гузаронидани бақияи ҳисобҳои Китоби асосӣ ба балванси санҷишӣ ва тайёр кардани балванси санҷишии ислоҳкарданашуда;
6. тайёр кардани навиштҳои ислоҳии журналӣ ва гузаронидани онҳо ба журнали асосӣ;
7. тартиб додани балванси санҷишии баъди ислоҳнамоӣ;
8. тартиб додани ҳисоботи молиявӣ дар асоси балванси санҷишии ислоҳшуда;
9. тайёр кардани навиштҳои журналии маҳкамнамоӣ ва бақайдгирии онҳо дар Китоби асосӣ;
10. тартиб додани балванси санҷишӣ баъд аз маҳкамнамоии ҳисобҳо;
11. тайёр кардани навиштҳои реверсионӣ ва қайди онҳо дар журнали асосӣ.

Ҳамаи ин қадамҳоро дар намуди ҷадвал тасвир кардан мумкин аст (ниг.расми №7).

### Марҳилаҳои давраи баҳисобгирӣ

1. ***Ҷамъоварии ахборот дар бораи фаъолияти хоҷагии корхона***

Сикли баҳисобгирӣ аз ҷамъоварии ахборот оиди фаъолияти хоҷагии корхона оғоз меёбад. Ҷамъоварии ахборот ба василаи назорат ва ченкунӣ амалӣ гардонида мешавад.

Назорат аз болои амалиёти хоҷагӣ бояд пурра ва доимӣ бошад.

Ченкунӣ ба воситаи ченакҳои баҳисобгирӣ амалӣ мегардад. Се намуди ченакҳои баҳисобгирӣ мавҷуданд: аслӣ, меҳнатӣ ва пулӣ. Ҳама гуна ҳисоботи молиявӣ бояд дар асоси ченаки пулӣ тартиб дода шавад.

2. ***Бақайдгирии ахборот дар ҳуҷҷатҳои аввала***

Ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумоти аввала дар баҳисобгирии молиявӣ ба воситаи ҳуҷҷатикунонӣ амалӣ мегардад, яъне ҳама амалиётҳои хоҷагӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба қайд гирифта шаванд. Ин ҷараён баҳисобгирии ибтидоӣ ном дорад.

Ҳуҷҷатикунонӣ тарзи назорати пурра ва муттасил аз болои воқеоти хоҷагӣ ва қайди онҳо дар ноқилҳои махсуси ахборот – ҳуҷҷатҳо мебошад.

Ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба ахбороти бухгалтерӣ қувваи ҳуқуқӣ медиҳанд. Зарурияти додани қувваи ҳуқуқӣ ба ахбороти бухгалтерӣ дар он аст, ки муносибатҳои хоҷагие, ки дар системаи баҳисобгирии бухгалтерӣ инъикос меёбанд, ҳамзамон муносибатҳои ҳуқуқӣ низ ба

шумор мераванд. Ахбороти бухгалтериро танҳо ҳангоми мавҷудияти қувваи ҳуқуқӣ барои идора кардани муносибатҳои ҳуқуқии хоҷагӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Расми №7. Давраи баҳисобгирӣ**




### *3. Дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ бақайдгирии ахборот дар журналҳои мувофиқ*

Амалиётҳои хоҷагӣ бояд дар ҳисобҳои бухгалтерӣ ба қайд гирифта шаванд. Дар Китоби асосӣ барои ҳар як ҳисоб саҳифаи алоҳида муайян шудааст. Агар ҳар як амалиётро дар ҳисобҳои мувофиқи Китоби асосӣ қайд кунем, ҳангоми таҳлили амалиётҳои хоҷагӣ мушкилӣ ба миён меояд. Сабабаш дар он аст, ки ҳар як амалиёт ба ду ва ё зиёда ҳисоб таъсир мерасонад ва амалиётҳо дар ҳисобҳои гуногуни Китоби асосӣ, ки дар саҳифаҳои гуногуни Китоби асосӣ ҷойгиранд, навишта мешаванд. Бо мақсади ҳал намудани ин мушкилӣ амалиётҳои хоҷагӣ аввал дар журнали асосӣ ба қайд гирифта мешаванд. Бақайдгирӣ бояд бо тартиби хронологӣ амалӣ гардад.

Тартиби бақайдгирии амалиётҳои хоҷагиро дар журнали асосӣ бо истифодаи амалиётҳои зерин дида мебароем:

Август 1. Компютер бо нархи 500 в.ш харида шуд.
5. Аз молтаъминкунандагон ба маблаги 200 в.ш масолеҳ дохил шуд.
9. Ба маблаги 2000 в.ш қарзи бонкӣ гирифта шуд.
12. Компютери дуюм бо нархи 450 в.ш. харида шуд.

**Журнали асосӣ**

| **Журнали асосӣ** | | | | **саҳ.8** |
|---|---|---|---|---|
| **Сана 2009** | **Тасвир (инъикос)** | **Маълумот оиди навишт** | **Дебет** | **Кредит** |
| Август 1. | ***Компютер*** | | ***500*** | |
| | ***Воситаҳои пулӣ*** | | | ***500*** |
| 5. | ***Масолеҳ*** | | ***200*** | |
| | ***Ҳисобҳо барои пардохт*** | | | ***200*** |
| 9. | ***Воситаҳои пулӣ*** | | ***2000*** | |
| | ***Қарзҳои кӯтоҳмуддати бонк*** | | | ***2000*** |
| 12. | ***Компютер*** | | ***450*** | |
| | ***Воситаҳои пулӣ*** | | | ***450*** |

Чӣ тавре ки аён аст, журнал аз 5 сутун иборат мебошад:

1. **Сана.** Дар сутуни «Сана» бояд санаи ба амал омадани амалиёти хоҷагӣ навишта шавад;
2. **Тасвир.** Дар ин ҷо мукотиботи ҳисобҳо, яъне номгӯи ҳисобҳое, ки дебетонида ва кредитонида мешаванд, ҳамчунин мазмуни амалиёти хоҷагӣ инъикос меёбанд;
3. **Маълумот оиди навишт.** Дар ин сутун рақамҳои ҳисобҳои мукотиботшаванда гузошта мешавад;
4. **Дебет.** Дар сутуни «Дебет» маблаги ҳисобҳое, ки дебетонида мешаванд, навишта мешавад;
5. **Кредит.** Дар сутуни «Кредит» маблаги ҳисобҳои кредитонидашавандаро менависанд.

Ҳамчун илова ба журнали асосӣ журналҳои махсуси гуногун истифода бурда мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд:

а) журнали дохилшавиҳои пулӣ;

б) журнали пардохтҳои пулӣ;

в) журнали фурӯш;

г) журнали харид;

д) журналҳои махсуси дигар.

### *4. Гузаронидани навиштҳо аз журналҳо ба Китоби асосӣ*

Баъди дар журналҳо қайд кардан амалиётҳо ба ҳисобҳои мувофиқи Китоби асосӣ гузаронида мешаванд. Ҷараёни гузаронидани амалиётҳои хоҷагӣ аз журнали асосӣ ба Китоби асосӣ гузарониш (разноска) номида мешавад.

Мисоли дар боло зикр гардидаро истифода бурда, пайдарпаии гузаронидани навиштҳои журналиро ба Китоби асосӣ дида мебароем.

Аз журнали асосӣ дида мешавад, ки 1 август ҳангоми харидани компютер ба маблаги 500 в.ш. ҳисоби «Компютер» дебетонида ва ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» кредитонида шудааст. Дар Китоби асосӣ мо аввал ҳисоби дебетонида шударо , яъне ҳисоби «Компютер»-ро меёбем. Асосан, номгӯй ва рақами ҳисоб дар қисми болоии саҳифаи Китоби асосӣ ҷойгир аст. Санаи ба амал омадани амалиётро (август 1) дар сутуни «Сана» мегузорем. Сутуни «Эзоҳ», ки барои шинохтани навишт таъин гардидааст, кам истифода мешавад. Дар сутуни «Маълумот оиди навишт» рақами саҳифаи журнали асосӣ, ҷое ки навишти мувофиқ аз он ҷо гузаронида шудааст, навишта мешавад. Дар сутуни «Дебет» маблаги амалиёти хоҷагӣ гузошта мешавад (500).

Баъди бақайдгирии ҳар як амалиёт бақияи ин ҳисоб муайян карда мешавад.

Ҳамаи ин тартиб барои ҳисоби кредитонидашудаи «Воситаҳои пулӣ» такрор меёбад.

**Китоби асосӣ**

| *Компютер* | | | | | *Ҳисоби №* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сана 2009 | Эзоҳ | Маълумот оиди навишт | Дебет | Кредит | Бақия | |
| | | | | | Дебет | Кредит |
| Август 1 | | Жа. 8 | 500 | | 500 | |
| 12 | | Жа. 8 | 450 | | 950 | |

Дар тасвирҳои зерин тартиби навишти ҳисобҳои Китоби асосиро баъди анҷоми ҷараёни гузарониш дар шакли Т – модел дидан мумкин аст:

**Компютер**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| 01.08. Жа. 8 500 | |
| 12.08. Жа 8 450 | |

**Воситаҳои пулӣ**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| 09.08. Жа.8 2000 | 01.08 Жа.8 500 |
| | 12.08 Жа 8 450 |

**Масолеҳ**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| 05.08 Жа.8 200 | |

**Ҳисобҳо барои пардохт**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| | 05.08 Жа.8 200 |

**Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк**

| Дебет | Кредит |
|---|---|
| | 09.08. Жа. 2000 |

### 5. *Балансi санҷишӣ*

Баланси санҷишӣ ин вараќаи ҳамаи ҳисобҳои дар Кистоби асосӣ кушода ва бақияи онҳо мебошад. Асосан дар охири моҳ тартиб дода мешавад. Дар баланси санҷишӣ ҳамаи ҳисобҳо аз рӯи тартибашон дар Китоби асосӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҳисобҳо бо бақияи дебетӣ ба сутуни «Дебет»-и баланси санҷишӣ ва ҳисобҳо бо бақияи кредитӣ ба сутуни «Кредит» гузаронида мешаванд.Ҷамъбасти қисми дебетӣ ва кредитии баланси санҷишӣ бояд баробар бошанд.

Мақсади асосии тартиб додани баланси санҷишӣ муайян кардани баробарии бақияҳои дебетӣ ва кредитии ҳисобҳои Китоби асосӣ мебошад. Баланси санҷишӣ ба муайянкунии хатогиҳое, ки дар ҷараёни бақайдгирӣ ва гузарониш роҳ дода шудаанд, мутобиқат мекунад. Ҳамчунин, он ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ лозим аст.

Марҳилаҳои тайёр кардани баланси санҷишӣ иборат аст аз:

1. гузаронидани ҳар як хисоби Китоби асосӣ ва бақияи онҳо:
2. ҷамъбаст намудани сутунҳои «Дебет» ва «Кредит»;
3. тафтиши баробарии ҳарду сутун.

*Баланси санҷишии ЧММ «Рамз»-ро дида мебароем:*

| **ЧММ «Рамз»**<br>**Баланси санҷишӣ барои 31 августи с.2009** | | |
|---|---|---|
| **Номгӯи ҳисобҳо** | **Дебет** | **Кредит** |
| Воситаҳои асосӣ | 1 500 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 500 | |
| Масолеҳ | 700 | |
| Асбоби идоравӣ | 50 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | 200 | |
| Компютер | 950 | |
| Хӯрдашавии ҳисобкардашудаи компютер | | 95 |
| Бино | 2 500 | |
| Хӯрдашавии ҳисобкардашудаи бино | | 405 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 1000 |
| Даромади давраҳои оянда | | 200 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк | | 2000 |
| Сармояи оинномавӣ | | 2500 |
| Даромад аз фурӯш | | 2800 |
| Хароҷоти музди меҳнат | 1 000 | |
| Хароҷоти иҷоравӣ | 700 | |
| Хароҷот барои хизматрасонии коммуналӣ | 400 | |
| Хароҷоти хӯрдашавӣ | 500 | |
| Ҷамъ: | 9 000 | 9 000 |

***6. Навиштҳои тасҳеҳӣ (табдилӣ – Adjusting entries).***

Навиштҳои тасеҳеҳӣ ва ё чӣ тавре, ки пештар гуфта шуда буд, навиштҳои табдилӣ дар охири давраи ҳисоботӣ ба амал бароварда мешаванд. Мувофиқи усули ҳисобкунӣ (метод начисления) даромад вақте эътироф мешавад, ки он коркарда шуда бошад ва хароҷот он лаҳзае эътироф мегардад, агар он ба амаломада бошад. Баланси санҷишӣ метавонад ахбороти нопурраро дар бораи ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ дар бар гирад.

Навиштҳои тасеҳеҳӣ ҳар дафъае, ки ҳисоботи молиявӣ тартиб дода мешавад заруранд. Чор шакли навиштҳои ислоҳӣ мавҷуданд:

1. **Хароҷоти пешпардохтшуда**. Воситаҳои пулии пешакӣ пардохтшуда барои хароҷоти ҷойнадошта. Ин гуна пардохтҳо аввал ҳамчун актив ва танҳо ҳангоми истифодабарӣ ҳамчун хароҷот эътироф мешаванд. Ба хароҷоти пешпардохтшуда дохил мешаванд: пардохтҳои иҷоравии пешпардохтшуда (авансӣ), суғурта, хариди масолеҳи харҷшаванда. хӯрдашавии воситаҳои асосӣ ва ғайра.
2. **Даромади коркарданашуда**. Воситаҳои пулии пешакӣ гирифташуда, ҳамчун даромаде, ки ҳоло кор карда нашудааст. Ин гуна дохилшавиҳо аввал ҳамчун ӯҳдадориҳо ва танҳо баъд аз иҷроиши онҳо ҳамчун даромад эътироф мешаванд. Ба даромади кор карданашуда дохил мешаванд: пардохти пешакӣ барои молу хизматҳо, фоизҳои пешпардохтшуда барои қарзҳои додашуда ва ғайра.
3. **Хароҷоти ҳисобкардашуда**. Хароҷоти ҷойдошта, ки барои онҳо воситаҳои пулӣ пардохта нашудааст. Дар чунин ҳолатхо хароҷот ва ҳамзамон ӯҳдадориҳо аз рӯи ин хароҷот эътироф карда мешаванд. Хароҷоти ҳисоб карда шуда аз чунин хароҷот иборат аст: хароҷот аз рӯи хизматрасонии коммуналӣ, иҷора, андозҳо, музди меҳнат ва ғайра.
4. **Даромади ҳисобкардашуда**. Даромади коркардашуда, ки аз рӯи онҳо алҳол воситаҳои пулӣ дохил нашудаанд. Дар ин ҳолат ҳисоби актив дебетонида шуда, ҳисоби даромад кредитонида мешавад. Даромади ҳисобкардашуда аз чунин даромадҳо, ба монанди даромад аз молҳои боркардашуда, хизматрасониҳо, фоизи қарзҳои додашуда ва ғайра иборат буда метавонад.

Дар охири давраи ҳисоботӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои амалиётҳои хоҷагӣ навишти ислоҳӣ тартиб дода мешавад. Бо вуҷуди ин, навишти ислоҳӣ ҳаргиз ба ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дахолат намекунад. Дар асоси амалиётҳои зерини хоҷагӣ тарзи тартиб додани навишти ислоҳиро дида мебароем:

1. Харочоти ичора барои моҳи август эътироф гардид – 100 в.ш.

*Харочоти ичоравӣ..........................................................100*

*Ичораи пешпардохтшуда..........................................................100*

2. Маҳсулот ба харидоре, ки маблағро пешакӣ пардохтааст. фиристода шуд – 150 в.ш.

*Даромади даврахои оянда................................................150*

*Даромад аз фурӯш..................................................................150*

3. Ба коргарон музди меҳнат ҳисоб карда шуд – 145 в.ш.

*Харочотаз руи музди мехнат..........................................145*

*Музди меҳнат барои пардохт..................................................145*

4. Барои ичораи амалиётии компютер фоиз ҳисоб карда шуд – 50 в.ш.

*Фоизҳо барои қабул........................................................50*

*Дигар даромад ..................................................................50*

*7. Тартиб додани баланси санчишии баъди ислоҳкунӣ*

Баъди бамалбарории навишти ислоҳӣ. бақайдгирии онҳо дар Журнали асосӣ ва гузаронидани онҳо ба Китоби асосӣ баланси санчишии баъди ислоҳкунӣ тартиб дода мешавад. Дар он бақияи тамоми хисобҳо, азчумла он ҳисобҳое, ки ба онҳо ислоҳ дароварда шудааст, нишон дода мешавад.

Мақсади баланси санчишии ислоҳдаровардашуда – нишон додани натичаи амалиётҳои хочагии дар давоми давраи ҳисоботӣ ба амаломада мебошад.

Маълумоти мисоламонро истифода бурда, баланси санчишии ислоҳдаровардашударо тартиб медиҳем (нигр. ба поён).

| ЧММ «Рамз»<br>Баланси санчишии ислоҳдаровардашуда<br>31 август с. 2009 | | |
|---|---|---|
| **Номгуи хисобҳо** | **Дебет** | **Кредит** |
| Воситаҳои пулӣ | 1 500 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 500 | |
| Фоизҳо барои қабул | 50 | |
| Масолеҳ | 700 | |
| Асбоби идоравӣ | 50 | |
| Ичораи пешпардохтшуда | 100 | |
| Компютер | 950 | |
| Хурдашавии ҳисобкардашудаи компютер | | 95 |
| Бино | 2 500 | |
| Хурдашавии ҳисобкардашудаи бино | | 405 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 1 000 |
| Даромади даврахои оянда | | 50 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк | | 2 000 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | 145 |
| Сармояи оинномавӣ | | 2 500 |
| Даромад аз фурӯш | | 2 950 |
| Дигар даромад | | 50 |
| Харочоти музди меҳнат | 1 145 | |
| Харочоти ичора | 800 | |
| Харочоти хизматрасонии коммуналӣ | 400 | |
| Харочоти хӯрдашавӣ | 500 | |
| **Чамъ** | **9 195** | **9 195** |

*8. Тайёр кардани ҳисоботи молиявӣ дар асоси баланси санчишии ислоҳдаровардашуда*

Истифодабарии баланси санчишии ислоҳдаровардашуда чараёни тайёр кардани ҳисоботи молиявиро осон мегардонад. Маълумоти мисоламонро истифода бурда, дар асоси ҳисобҳои даромад ва харочоти баланси санчишии ислоҳдаровардашуда Ҳисобот оиди фоида ва зарарро тартиб медиҳем:

| ҶММ «Рамз»<br>Ҳисобот оиди фоида ва зарар<br>барои охири августи с. 2009 | | |
|---|---|---|
| Даромад | | |
| Даромад аз фурӯш | 2 950 | |
| Даромади дигар | 50 | |
| Ҷамъи даромад | | 3 000 |
| Хароҷот | | |
| Хароҷоти музди меҳнат | 1 145 | |
| Хароҷоти иҷоравӣ | 800 | |
| Хароҷоти хизматрасонии коммуналӣ | 400 | |
| Хароҷоти хӯрдашавӣ | 500 | |
| Ҷамъи хароҷот | | (2 845) |
| *Фоида то супоридани андоз аз даромад* | | 155 |
| Андоз аз фоида (30%) | | 47 |
| **Фоидаи соф** | | **108** |

Баъд аз муайян намудани андоз аз фоида барои пардохт чунин навишт ба амал бароварда мешавад:

*Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида........................................47*

*Андоз аз фоида барои пардохт..................................................47*

Пас аз ба анҷом расонидани ин ҳисобот Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда тартиб дода мешавад.

| ҶММ «Рамз»<br>Ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда<br>барои моҳе, ки 31 августи 2009 ба анҷом расидааст | |
|---|---|
| Бақияи фоидаи тақсимношуда дар аввали давра | - |
| Фоидаи софи давра | 108 |
| Маблағчудокуниҳо ба фонди захиравӣ | - |
| Бақияи фоидаи тақсимнашуда дар охири давра | 108 |

Баланси санҷишии ислоҳдаровардашуда ва ҳисобот оиди фоидаи тақсимношударо истифода бурда Баланси бухгалтериро тартиб медиҳем:

| ҶММ «Рамз»<br>Баланси бухгалтерӣ дар 31 августи с. 2009 | | | |
|---|---|---|---|
| **Активҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | | 1500 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | | 500 | |
| Фоизҳо барои қабул | | 50 | |
| Масолеҳ | | 700 | |
| Асбоби идоравӣ | | 50 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | | 100 | |
| Компютер | 950 | | |
| Хӯрдашавии ҳисобшудаи компютер | (95) | 855 | |
| Бино | 2 500 | | |
| Хӯрдашавии ҳисобшудаи бино | (405) | 2 095 | |
| **Ҳамагӣ активҳо** | | **5 850** | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | | 1 000 |
| Даромади давраҳои оянда | | | 50 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк | | | 2 000 |
| Андозҳо барои пардохт | | | 47 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | | 145 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо** | | | ***3 242*** |
| **Сармоя** | | | |
| Сармояи оинномавӣ | | | 2 500 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | | 108 |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | | ***2 608*** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | | **5 850** |

***9. Навишти маҳкамкунӣ***

Дар охири давраи ҳисоботӣ ҳамаи ҳисобҳои муваққатӣ бояд маҳкам карда шаванд. Ба ҳисобҳои муваққатӣ ҳисобҳои даромад ва хароҷот мансуб мебошанд. Ҳангоми маҳкамкунии ҳисобҳои муваққатӣ ҳисоби махсуси маҷмӯавии «Маҷмӯаи даромад ва хароҷот» истифода бурда мешавад.

Маҳкамкунӣ дар 4 давра гузаронида мешавад:

1. маҳкамкунии ҳисобҳои даромад;
2. маҳкамкунии ҳисобҳои хароҷот;
3. маҳкамкунии ҳисоби «Маҷмӯаи даромад ва хароҷот»;
4. маҳкамкунии ҳисоби «Бозгирифти сармоя».

Маҳкамкунии ҳисоб – ин гузаронидани бақияи ҳисоби маҳкамшаванда ба ҳисоби дигар бо воситаи навишти бухгалтерист.

Маълумоти ҳисобот оиди фоида ва зарари мисоламонро истифода бурда, тарзи маҳкамнамоии ҳисобҳои муваққатиро дида мебароем.

1. Ҳисобҳои даромадро маҳкам менамоем:

*Даромад аз фурӯш..........................................................2950*
*Даромади дигар..........................................................................50*
*Маҷмӯаи даромад ва хароҷот...................................................3000*

2. Ҳисобҳои хароҷотро мепӯшонем:

*Маҷмӯаи даромад ва хароҷот............................................2892*
*Хароҷоти музди меҳнат..........................................................1145*
*Хароҷоти иҷоравӣ....................................................................800*
*Хароҷоти хизматрасонии коммуналӣ.........................................400*
*Хароҷоти андоз аз даромад.........................................................47*
*Хароҷот аз рӯи хӯрдашавӣ..........................................................500*

Фарқияти байни гардиши дебетӣ ва кредитии ҳисоби «Маҷмӯаи даромад ва хароҷот» натиҷаи фаъолияти молиявӣ – хоҷагии корхонаро ташкил медиҳад.

| Маҷмӯи даромад ва хароҷот | |
|---|---|
| 2 892 | 3 000 |
| | 108 |

Бақияи ҳисоби «Маҷмӯаи даромад ва хароҷот»- ро ба фоидаи тақсимнашуда мегузаронем:

*Маҷмӯи даромад ва хароҷот..................................................108*
*Фоидаи тақсимнашуда...............................................................108*

Чӣ тавре, ки аз навиштҳои маҳкамнамоӣ маълум гардид, ҳангоми пӯшонидани ҳисобҳои муваққатӣ, ҳисобҳо бо бақияи дебетӣ ҳама вақт ба дебети ҳисоби дигар, ҳисобҳо бо бақияи кредитӣ ҳама вақт ба кредити ҳисоби дигар гузаронида мешаванд. Ҳамаи навиштҳои маҳкамкунӣ бояд дар Китоби асосӣ қайд карда шаванд.

***10. Балансн санҷишии пас аз тасеҳеҳот***

Баъди пӯшонидани ҳама ҳисобҳои муваққатӣ ва гузаронидани бақияи ҳисоби «Маҷмӯаи даромад ва хароҷот» ба ҳисоби «Фоидаи тақсимнашуда» балансн санҷишии баъди навиштҳои маҳкамкунӣ тартиб дода мешавад. Ин баланс барои мӯътақид шудан ба он, ки ҳамаи ҳисобҳои муваққатӣ дуруст пӯшонида шуда буданд, тартиб дода мешавад. Дар мисоли мо, балансн санҷишии ислоҳшудаи баъди навиштҳои маҳкамкунӣ намуди зеринро дорост:

| **ҶММ «Рамз»<br>Балансн санҷишии ислоҳшуда<br>31 август с. 2009** | | | |
|---|---|---|---|
| **Номгӯи ҳисобҳо** | | **Дебет** | **Кредит** |
| Воситаҳои пулӣ | | 1500 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | | 500 | |
| Фоизҳо барои қабул | | 50 | |
| Масолеҳ | | 700 | |
| Асбоби идоравӣ | | 50 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | | 100 | |
| Компютер | 950 | 950 | |
| Хӯрдашавии ҳисобшудаи компютер | (95) | | 95 |
| Бино | 2 500 | 2500 | |
| Хӯрдашавии ҳисобшудаи бино | (405) | | 405 |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 1000 |
| Даромади давраҳои оянда | | 50 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк | | 2000 |
| Андозҳо барои пардохт | | 47 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | 145 |
| Сармояи оинномавӣ | | 2500 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 108 |
| **Ҳамагӣ** | **6350** | **6350** |

***11. Навиштҳои баръакс: қадами аввали дискретсионӣ дар давраи ҳисоботии нав***

Дар аввали давраи ҳисоботӣ дар журнали асосӣ навиштҳои реверсионӣ гузаронида мешаванд. Навишти реверсионӣ навишти ислоҳотии баръакси давраи гузашта мебошад. Навишти реверсионӣ ин беэътибор сохтани навишти ислоҳотӣ ба воситаи дебетонидани кредит ва кредитонидани дебет мебошад, лекин вай нисбати ба ҳама навишти ислоҳотӣ истифода бурда мешавад. Дар мисоли мо навишти реверсионӣ чунин аст:

31 август ба маблағи 145 в.ш. музди меҳнат ҳисоб карда шуд.

*Хароҷоти музди меҳнат......................................................145*

*Музди меҳнат барои пардохт...................................................145*

Агар музди меҳнат барои моҳи август ва сентябр 30-юми сентябр пардохта шавад, навишти бухгалтерӣ чунин шаклро дорад:

30 сентябр *Музди меҳнат барои пардохт..............................................145*

*Воситаҳои пулӣ.....................................................................145*

Дар ин ҷо навишти реверсионӣ истифода нашуд. Ҳангоми истифодабарии навишти реверсонӣ навиштҳои мо ба шакли зерин меоянд:

1. Навишти ислоҳотӣ:

31 август *Хароҷоти музди меҳнат................................................145*

*Музди меҳнат барои пардохт...................................................145*

2. Навишти маҳкамкунӣ:

31 август *Маҷмӯи даромад ва хароҷот..............................................145*

*Хароҷоти музди меҳнат........................................................145*

3. Навишти реверсивӣ:

01 сентябр *Музди меҳнат барои пардохт..........................................145*

*Хароҷоти музди меҳнат........................................................145*

4. Ҳангоми пардохт:

31 сентябр *Хароҷоти музди меҳнат................................................145*

*Воситаҳои пулӣ.....................................................................145*

**Ҷадвали корӣ: асбоб барои муҳосибон**

Ҳангоми истифодабарии ***ҷадвали корӣ*** ҷараёни тартиби ҳисоботӣ молиявӣ осонтар мегардад.

Ҷадвали корӣ ин асбоби баҳисобгирӣ мебошад, ки барои соддатар намудани ҷамъбасти ҷараёнҳои баҳисобгирӣ истифода бурда мешавад.

Ҷадвали корӣ ин асбоби бухгалтер мебошад, ки барои ислоҳ кардани ҳисобҳои бухгалтерӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ истифода мешавад. Дуруст қайд кардаанд Киезо ва дигарон, ки «истифодабарии ҷадвали корӣ ба бухгалтерон кӯмак мерасонад, то ҳисоботи молиявиро сари вақт тайёр кунанд. Ба таъхир андохтани тайёркунии ҳисоботи молиявӣ, то даме ки ислоҳкуниҳо ва пӯшонидани ҳисобҳо дар журнал ба қайд гирифта шуда ва ба Китоби асосӣ гузаронида нашудаанд, зарур нест[1]».

Чӣ тавре, ки муаллифони китоби «Принципы бухгалтерского учета» тасдиқ мекунанд, ҷадвали табдилӣ (трансформатсионӣ) зинаи аввали тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мебошад ва истифодабарии он эҳтимолияти ба назар нагирифтани навишти ислоҳотиро кам намуда, барои санҷиши аниқии ҳисобкуниҳои арифметикӣ дар ҳисобҳо имкон дода, тайёркунии ҳисоботи молиявиро осон мегардонад[2].

Дар боло мисолҳое дида шуданд, ки навиштҳои зарурӣ новобаста дар журнал инъикос ёфта, ҳисоботи молиявӣ бошад, дар асоси баланси санҷишӣ тартиб дода мешуд. Бо вуҷуди ин, барои аксари ширкатҳо, вақте ки шумораи навиштҳои ислоҳӣ зиёд аст, тартиб додани ҷадвали трансформатсионӣ (корӣ) зарур аст.

Одатан, ҷадвали табдилӣ намуди зеринро дорад:

---

[1] Kieso & Weygandt, Intermediate Accounting, 10th edition, Wiley

[2] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/Б.Нидлз, Х. Андерсен, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд.,стереотип – М: Финансы и статистика. 1997. – 496с. стр.62

| № | Номгуи ҳисоб | Балански санҷишии то ислоҳкунӣ | | Навишти ислоҳӣ | | Балански санҷишии ислоҳдаровардашуда | | Ҳисобот оиди фоида ва зарар | | Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда | | Балански бухгалтерӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |

Дар қисми адресии ҷадвали трансформатсионӣ нишон дода мешавад:

- номи ширкат;
- номи «Ҷадвали трансформатсионӣ» ё «Ҷадвали корӣ»;
- даврае, ки ҷадвал дарбар мегирад.

Ҷараёни тартиб додани ҷадвали корӣ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

1. навишти бақияи ҳисобҳо ва ҷамъбасти сутунҳои «Балански санҷишии то ислоҳкунӣ»;
2. навишти навиштҳои ислоҳӣ ва ҷамъбасти сутунҳои «Навишти ислоҳӣ»;
3. навишти бақияи ҳисобҳо ва ҷамъбасти сутунҳои «Балански санҷишии ислоҳшуда»;
4. гузаронидани бақия аз сутуни «Балански санҷишии ислоҳшуда» ба сутуни «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» ва ҷамъбаст бо мақсади муайян кардани натиҷаи фаъолият;
5. тартиб додани навишт оиди андоз аз фоида ва дохил кардани он ба сутунҳои лозимаи «Навишти ислоҳӣ», «Балански санҷишии ислоҳшуда» ва «Ҳисобот оиди фоида ва зарар»;
6. гузаронидани натиҷаи соф ба сутуни «Ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда» ва ҷамъбаст;
7. гузаронидани бақияи фоидаи тақсимнашуда ба сутуни мувофиқи «Балански бухгалтерӣ»;
8. гузаронидани бақияи ҳисобҳои доимӣ аз сутунҳои мувофиқи «Балански санҷишии ислоҳшуда» ва «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» ба сутунҳои мувофиқи «Балански бухгалтерӣ»;
9. ҷамъбасти сутунҳои «Балански бухгалтерӣ».

Ҷадвали корӣ ба бухгалтер ҳангоми:

- тайёр кардани ҳисоботи молиявӣ;
- иҷрои навишти ислоҳӣ;
- дар журнали асосӣ ба қайд гирифтани пӯшонидани хисобҳо барои тайёрӣ ба оғози сикли нави баҳисобгирӣ, кӯмак мерасонад.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности. том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41. МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 - Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41. МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе. Минфин РТ, 2009. 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»: подгот.: А.З. Байрашев. Д.А. Султанова. Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
7. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. - Б: «Ариал-Принт», 2000.-324.
8. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова - М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
9. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. - М: Финансы и статистика. 1997. - 496с.
10. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика. 1997.
11. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. М: Финансы и статистика. 1996.
12. Accounting principles /Jack L. Smith. Robert M. Keith William L. Stephens. - 4th ed. New York - 1993. 1314p.
13. Kieso and Weygandt. Intermediate Accounting. John Wiley &Sons,1989. ISBN: 0-471-63098-5

PIPAA RT



**ЧММ «Рамз»**

**Ҷадвали корӣ барои нимсолае, ки 31 августи с.2009 ба анҷом расид**

| Номгӯи ҳисоб | Рақами ҳисоб | Балансu санҷишӣ то тасҳеҳот | | Навиштҳои тасҳеҳӣ | | Балансu санҷишӣ баъди тасҳеҳот | | Ҳисобот оиди фоида ва зарар | | Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда | | Балансu бухгалтерӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит |
| Воситаҳои пулӣ | | 1,500 | | | | 1,500 | | | | | | 1.500 | |
| Ҳисобҳо барои қабул | | 500 | | | | 500 | | | | | | 500 | |
| Фоизҳо барои қабул | | | | 4) 50 | | 50 | | | | | | 50 | |
| Масолеҳ | | 700 | | | | 700 | | | | | | 700 | |
| Асбоби идоравӣ | | 50 | | | | 50 | | | | | | 50 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | | 200 | | | 1) 100 | 100 | | | | | | 100 | |
| Компютер | | 950 | | | | 950 | | | | | | 950 | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи компютер | | | 95 | | | | 95 | | | | | | 95 |
| Бино | | 2.500 | | | | 2,500 | | | | | | 2.500 | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи бино | | | 405 | | | | 405 | | | | | | 405 |
| | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | | 1,000 | | | | 1.000 | | | | | | 1,000 |
| Музди меҳнат барои пардохт | | | | | 3) 145 | | 145 | | | | | | 145 |
| Даромади давраҳои оянда | | | 200 | 2) 150 | | | 50 | | | | | | 50 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддати банк | | | 2,000 | | | | 2.000 | | | | | | 2.000 |
| | | | | | | | | | | | | | 2.500 |
| Сармояи оинномавӣ | | | 2,500 | | | | 2.500 | | | | | | 108 |
| Фоидаи тақсимношуда | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | |
| Даромад аз фурӯш | | | 2,800 | | 2) 150 | | 2,950 | | 2.950 | | | | |
| Дигар даромад | | | | | 4) 50 | | 50 | | 50 | | | | |
| Хароҷоти музди меҳнат | | 1,000 | | 3) 145 | | 1.145 | | 1.145 | | | | | |
| Хароҷоти иҷора | | 700 | | 1) 100 | | 800 | | 800 | | | | | |
| Хароҷоти хизматрасонии коммуналӣ | | 400 | | | | 400 | | 400 | | | | | |
| Хароҷоти хӯрдашавии компютер | | 95 | | | | 95 | | 95 | | | | | |
| Хароҷоти хӯрдашавии бино | | 405 | | | | 405 | | 405 | | | | | |
| **Ҷамъ** | | 9.000 | 9,000 | 445 | 445 | 9,195 | 9.195 | 2,845 | 3.000 | | | | |
| Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида | | | | 5) 47 | | 47 | | 47 | | | | | |
| Андоз аз даромад барои пардохт (30%) | | | | | 5) 47 | | 47 | | | | | | 47 |
| Фоидаи соф | | | | | | | | 108 | | | 108 | | |
| **Ҳамагӣ** | | | | **492** | **492** | **9,242** | **9.242** | **3,000** | **3,000** | **108** | **108** | **6,350** | **6,350** |

## Нишондод барои пур кардани ҷадвали корӣ
## Ҷадвали корӣ барои соле, ки 31 декабри с.2009 ба анҷом расидааст

| Номгӯи ҳисоб | Балансн санҷишии то тасҳеҳот | | Навиштҳои Тасҳеҳӣ | | Балансн санҷишии баъди тасҳеҳот | | Ҳисобот оиди фоида ва зарар | | Ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда | | Балансн бухгалтерӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит | Дебет | Кредит |
| Воситаҳои пулӣ | | | | | | | | | | | | |
| Ҳисобҳо барои қабул | | | | | | | | | | | | |
| Захира барои қарзҳои ҷоранопазир | | | | | | | | | | | | |
| ЗММ | | | | | | | | | | | | |
| Иҷораи пешпардохташуда | | | | | | | | | | | | |
| Бино | | | | | | | | | | | | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи бино | | | | | | | | | | | | |
| Таҷҳизот | | | | | | | | | | | | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи таҷҳизот | | | | | | | | | | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | | | | | | | | | | | |
| Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат | | | | | | | | | | | | |
| Авансҳои (пешмуздҳои) гирифташуда | | | | | | | | | | | | |
| Васика барои пардохт | | | | | | | | | | | | |
| Сармояи саҳҳомӣ | | | | | | | | | | | | |
| Фоидаи тақсимнашуда | | | | | | | | | | | | |
| Даромад аз фурӯш | | | | | | | | | | | | |
| Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда | | | | | | | | | | | | |
| Харид | | | | | | | | | | | | |
| Хариди баргардонидашуда | | | | | | | | | | | | |
| Фрахт | | | | | | | | | | | | |
| Ислоҳи арзиши ЗММ | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷоти қарзҳои ҷоранопазир | | | | | | | | | | | | |
| Дигар хароҷоти тиҷоратӣ | | | | | | | | | | | | |
| Хурдашавӣ | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷоти умумихоҷагӣ | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷоти суғурта | | | | | | | | | | | | |
| Хӯрдашавии бино | | | | | | | | | | | | |
| Хӯрдашавии таҷҳизот | | | | | | | | | | | | |
| Даромад аз рӯи фоизҳо | | | | | | | | | | | | |
| Дигар даромад | | | | | | | | | | | | |
| Даромад аз фарқияти қурбӣ | | | | | | | | | | | | |
| Зарар аз фарқияти қурбӣ | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷот аз рӯи фоизҳо | | | | | | | | | | | | |
| Ҷамъ | | | | | | | | | | | | |
| Хароҷот аз рӯи андоз аз даромад | | | | | | | | | | | | |
| Андоз аз фоида барои пардохт (30%) | | | | | | | | | | | | |
| Ӯҳдадориҳои ба таъхир монда | | | | | | | | | | | | |
| Фоидаи соф | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | | | | | | | | | | | | |

Қадами 1 – гузаронидани навиштҳо аз Журнали Асосӣ, баровардани ҷамъбаст, тафтиши баробарии дебет ва кредит

Қадами 2 – муайянкунии бақияи ҳисобҳо бо назардошти навиштҳои ислоҳӣ, баровардани ҷамъбаст, тафтиши баробарии дебет ва кредит

Қадами 3 – гузаронидани бақияҳо бе тағйирот, муайянкунии фоида ҳамчун фарқи байни даромад ва хароҷот бе назардошти молҳои

Қадами 4 = қадами 1 ҷамъи навишт оиди андоз

Қадами 5 = Қадами 2

Қадами 6 – фарқи байни фоида то андозситонӣ ва хароҷот аз рӯи фоида

Қадами 7 – муайянкунии бақияи фоидаи тақсимнашуда

Қадами 8 – гузаронидани бақияҳо бе тағйирот, муайянкунии баробарии дебет бо кредит

# Раҳнамо оиди ҳисобот оиди фоида ва зарар

Ҳисобот оиди фоида ва зарар
барои давраи аз__/________то__/__________с. 200_

Корхона:
Соҳа:
Ҷои қайд:
Нишонӣ:
Воҳиди ченак:
Мӯҳлати пешниҳод:

| | |
|---|---|
| Даромад | 1 |
| Арзиши аслии фурӯш | 2 |
| **Фоидаи умумӣ** | **3=1-2** |
| Хароҷоти амалиётӣ | |
| Хӯрдашавӣ | 4 |
| Хароҷоти фурӯш | 5 |
| Хароҷоти умумихоҷагӣ | 6 |
| **Ҷамъ, хароҷоти асосӣ** | 7=4+5+6 |
| **Фоида аз фаъолияти асосӣ** | 8=3-7 |
| Даромад аз сармоягузорӣ | 9 |
| Хароҷоти пардохти фоизҳо | 10 |
| Даромад (зарар) аз фарқияти қурбӣ | 11 |
| Дигар даромад ва хароҷот | 12 |
| **Ҷамъ даромад ва хароҷот аз фаъолияти гайриасосӣ** | 13=9-10±11±12 |
| **Фоида то андозситонӣ** | 14=8±13 |
| **Андоз аз фоида** | 15 |
| **Фоидаи соф** | 16=14-15 |

***Маблағи даромад аз фаъолияти асосӣ бо тарҳи тахфиф ва бозгашт***

***Арзиши маҳсулоти фурӯхташудаaз рӯи нархи харид ва тайёркунӣ***

***Хароҷоти хӯрдашавии таҷҳизоти маъмурият ва тиҷоратӣ (савдо)***

***Хароҷоти пайваста бо фурӯш, гайр аз хӯрдашавӣ***

***Хароҷоти умумихоҷагӣ, гайр аз хӯрдашавӣ***

***Фоизҳо, ҳаққусаҳмия ва дигар даромад аз сармоягузорӣ***

***Маблағи соф = даромад –зарар***

***Даромад ва зарар аз хориҷшавии воситаҳои асосӣ, сармоягузорӣ,иҷора ва гайра.***

# Раҳнамо ба баланс (активҳо)

**Балансн бухгалтерӣ**
Барои давраи аз __/______ то __/________ 200_с.

Корхона:
Соҳа:
Ҷои бақайдгирӣ:
Нишонӣ:
Воҳиди ченак:
Мӯҳлати пешниҳод:

| | Ибтидои давраи ҳисоботӣ | Интиҳои давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|
| **Активҳо** | | |
| **Активҳои ҷорӣ** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва эквивалентҳои онҳо | | |
| Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат | | |
| Ҳисобҳо барои қабул | | |
| Қарздории муассисон аз рӯи ҳисса ба сармояи оинномa | | |
| Захираҳои моливу моддӣ | | |
| Хароҷоти пешпардохтшуда | | |
| Хароҷоти батаъхиргузошта | | |
| Дигар активҳои ҷорӣ | | |
| **Ҳамагӣ: активҳои ҷорӣ** | | |
| **Активҳои дарозмуддат** | | |
| Воситаҳои асосӣ бо арзиши ибтидоӣ | | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ | | |
| Арзиши софи воситаҳои асосӣ | | |
| Қарздории дебитории дарозмуддат | | |
| Сармоягузориҳои дарозмуддат | | |
| Активҳои ғайримоддӣ | | |
| Хӯрдашавии ҷамъшудаи активҳои ғайримоддӣ | | |
| **Ҳамагӣ: активҳои дарозмуддат** | | |
| **Ҷамъ: активҳо** | | |

***Воситаҳои пулӣ дар хазина, суратҳисоб, депозитҳо ва пул дар роҳ***

***Сахмия, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қимматноки ба мӯҳлати то як сол харидашуда.***

***Қарздории харидоронбарои маҳсулоти фурӯхташуда бе пешпардохт, ҷамъи дигар намудҳои қарздории кӯтоҳмуддат бо тарҳӣ захираи қарзҳои шубҳанок.***

***Молҳо, ашёи хом ва масолеҳ, истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти тайёр, масолеҳи гайр.***

***Пешпардохт барои ЗММ, иҷора, хадамот ва г.***

***Хароҷоти воқеъшуда, ки дар давраҳои оянда эътироф мегарданд ва аз рӯи онҳо баргардониш ғайриимкон аст.***

***Арзиши ибтидоӣ тарҳи хӯрдашавии ҷамъшуда.***

***Саҳмия, вомбарг ва дигар қоғазҳои қиматноки ба мӯҳлати зиёда аз як сол харидашуда***

***Ба таври маълумотӣ маблағи хӯрдашавии ҷамъшуда***

# Раҳнамо ба баланс (ӯҳдадориҳо ва капитал)

| | Ибтидои давраи ҳисоботӣ | Интиҳои давраи ҳисоботӣ |
|---|---|---|
| **Ӯҳдадориҳо** | | |
| **Ӯҳдадориҳои чорӣ** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | |
| Ӯҳдадориҳои қарзии кӯтоҳмуддат | | |
| Андоз барои пардохт | | |
| Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | | |
| Дигар ӯҳдадориҳои чорӣ | | |
| **Ҳамагӣ: ӯҳдадориҳои чорӣ** | | |
| **Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | |
| Ӯҳдадориҳои дарозмуддат | | |
| Ҳисобҳои тамдидӣ барои пардохт ва дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат | | |
| **Ҳамагӣ: ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | |
| **Ҷамъи ӯҳдадориҳо** | | |
| **Сармояи азонихудӣ** | | |
| **Сармояи саҳҳомӣ** | | |
| Саҳмияҳои оддӣ | | |
| Саҳмияҳои имтиёзнок | | |
| Саҳмияҳои азонихудии бозхаридшуда | | |
| Сармояи азонихудӣ | | |
| Сармояи ғайр | | |
| Сармояи иловагии пардохтшуда | | |
| Фоидаи тақсимношуда | | |
| Сармояи захиравӣ | | |
| Сармояи изофашуда | | |
| **Ҳамагӣ: сармояи азонихудӣ** | | |
| **Ҷамъ: ӯҳдадориҳо ва сармоя** | | |

***Ӯҳдадориҳое, ки дар рафти фаъолияти муқаррарӣ оиди бадастории даромад ба миён меоянд (мисол, молҳои бе пешпардохт харидашаванда)***

***Ӯҳдадориҳои молиявӣ (мисол, қарзи бонк)***

***Ӯҳдадориҳои чорӣ аз рӯи андоз***

***Ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи амалкунии принсипи ҳисобкунӣ ба миён меоянд (мисол, аз рӯи иҷора, фоизҳо ва г.).***

***Одатан, ӯҳдадориҳои қарзии мӯҳлаташон зиёда аз як сол буда***

***Ӯҳдадориҳои батаъхиргузошта шудашудаи андозӣ, даромади дарозмуддати батаъхиргузошта ва г.***

***Бо арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешаванд***

***Дар сурат фурӯши саҳмияҳои азонихудӣ бо нархи бозорӣ, ки аз арзиши номиналашон зиёд аст, пайдо мешавад.***

***Қисми фоидаи тақсимношуда, ки барои зарурияти муайян захира шудааст***

***Ҳангоми азнавбаҳодиҳии активҳо ва гирифтани кӯмаки давлатии ройгон пайдо мешавад.***

**Супориш барои худсанҷиш**

**Масъалаи № 1. «Arthur danced studio”**

Ромишгар ва раққоси навбаромад Артур дар ибтидои нобяри соли 2008 студияи рақс кушод. Аммо, бо сабаби он, ки бухгалтери пешина мусиқии замонавӣ, алахусус, роки вазнинро то тоқат надошт ва ӯ бо Артур хайру манзур намуда буд, барои таҳияи ҳисобот дар охири моҳи нояб Артур Шуморо ба сифати бухгалтер киро намуд. Ба Шумо барои дарки амиқ баланси санҷишӣ маълумоти иловагии зерин пешниҳод карда шуд:

1. Иҷорапулӣ барои се моҳ пешакӣ рӯзи 3 ноябри соли 2008 пардохта шуда буд;
2. Асбобҳои идоравӣ дар рӯзи 30 ноябри соли 2008 140 в.ш.-ро ташкил менамуданд;
3. Барои дарсҳои рақс аз гурӯҳи дискоманхо 4 ноябр барои 9 моҳи минбаъда 1 800 в.ш. гирифт шуда буд;
4. Таҷҳизоти идоравӣ 5 сол мӯҳлати истифодаи муфид дорад. амортизатсияи моҳона 180в.ш.-р ташкил менамояд;
5. Ҳаққи хизмати Шумо барои тартибу таҳияи ҳисоботи молиявӣ 100 в.ш.-ро ташкил медиҳад;
6. Музди меҳнати Артур 500 в.ш.-ро ташкил дода. андози даромади музди меҳнат 15%-ро ташки медиҳад;
7. Ҳиссаҷудокуниҳо аз фонди музди меҳнат:
   a) ба фонди нафақа – 25%-и музди меҳнати ҳисобкардашуда;
   b) ба фонди роҳ – 2% - ро, ташкил мекунад;
8. Фоиз аз рӯи васиқаҳо барои як моҳ 30 в.ш.-ро ташкил менамояд.

***Аз Шумо талаб карда мешавад:***

a) навишти ислоҳиро тартиб диҳед;
b) ҷадвали кориро пур кунед;
c) ҳисобот оиди фоида ва зарарро тартиб диҳед;
d) баланси бухгалтериро барои санаи 30 ноябри соли 2008 тартиб диҳед.

| | Баланси санҷишӣ то ислоҳкунӣ | | Навишти ислоҳӣ | | Баланси санҷишӣ пас аз ислоҳкунӣ | | Ҳисобот оиди фоида ва зарар | | Ҳисоботи балансӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дт | Кт | Дт | Кт | Дт | Кт | Дт | Кт | Дт | Кт |
| Воситаҳои пулӣ | 5250 | | | | | | | | | |
| Ҳисобҳо барои қабул | 2950 | | | | | | | | | |
| Асбоби идоравӣ | 450 | | | | | | | | | |
| Иҷорапулии пешпардохтшуда | 900 | | | | | | | | | |
| Офисное оборудование | 10800 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| Васиқаҳо барои пардохт | | 3000 | | | | | | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 650 | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| Пешпардохти қабулшуда | | 1800 | | | | | | | | |
| Сармояи Артур | | 11000 | | | | | | | | |
| Бозгирифти Артур | 500 | | | | | | | | | |
| Даромад аз дарсҳои рақсӣ | | 8400 | | | | | | | | |
| Хароҷоти музди меҳнат | 2500 | | | | | | | | | |
| Хароҷоти асбоби идоравӣ | 1100 | | | | | | | | | |
| Хароҷоти реклом | 400 | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| Ҷамъ | 24850 | 24850 | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | | | | | | |

**Масъалаи № 2. Сэм.**

Сэм велосипедҳоро дар парки маҳаллӣ ба прокат медиҳад. Дар давоми моҳи июн ҳодисаҳои зерин ба вуқӯъ пайвастанд:

Июн 2 Сэм ширкати худро кушода, 6 000в.ш.-ро ба ҳисоби он гузаронид.
3 Асбобҳои идоравиро ба насия (кредит) ба маблағи 150в.ш. харид.
4 Ба маблағи 2 000в.ш. 10 дона велосипедро харид. Нисфи ин маблағро ба таври нақд пардохта, ваъда дод, ки 1000 в.ш.-и боқимондаро дар давоми 30 рӯз медиҳад.
5 Барои нигоҳдории велосипедҳо гаражро ба маблағи 2 500 в.ш.-и нақд харид.
6 Барои оварда расонидани гараж 200 в.ш. пардохт намуд (дебети ҳисоби «Гараж»).
8 Барои ҳафтаи якуми ба прокат додани велосипедҳо 220в.ш. даромад ба даст овард.
13 Ёрадмачиро ба тарви соатбайъ барои кор дар рӯзҳои истироҳатӣ қабул намуда, барои ҳар як соати кори ӯ 4 в.ш. музд муқаррар намуд.
14 Ба фаррош барои тоза намудани атрофи гараж 75 в.ш. пардохт.
15 Барои ҳафтаи дуюми корӣ 300в.ш. даромад ба даст овард.
16 Ба ёрдамчӣ барои кор дар рӯзҳои истироҳатӣ 80 в.ш. музд дод.
20 Барои асбобҳои идоравии рӯзи 3 июн харидоамудаи хеш 150 в.ш. пардохт намуд.
21 Ҳисобро барои таъмири велосипедҳо ба маблағи 400в.ш. пардохт намуд.
22 Даромадро аз прокати велосипедҳо дар ҳафтаи сеюм ба маблағи 400 в.ш. ба даст овард.
23 Ба ёрдамчӣ барои кор дар рӯзҳои истироҳатӣ 80 в.ш. музд дод.
26 Ҳисобро ба маблағи 110в.ш. ба як ширкат барои истифодаи велосипедҳои худ пешниҳод намуд.
27 Ҳиссаҷудокуниҳо ба парк барои ҳуқуқи кор дар дохили он 100 в.ш.-ро барои моҳи июн ташкил доданд.
28 Даромадро аз прокати велосипедҳо дар ҳафтаи чорум ба маблағи 410 в.ш.-и нақд ба даст овард.
24 Ба ёрдамчӣ барои кор дар рӯзҳои истироҳатӣ 80 в.ш. музд дод.

**Талаб карда мешавад:**

1. Навиштҳои журналиро барои инъикоси амалиётҳои мазкур дар Журнали асосӣ тайёр кунед.
2. Т-ҳисобҳои зеринро тартиб дода, гузаронишро аз рӯи ҳамаи навиштҳои журналӣ ба амал бароред: воситаҳои пулӣ; ҳисобҳо барои қабул; асбобҳои идоравӣ; гараж; велосипедҳо; ҳисобҳо барои пардохт; Сармояи гузоштаи Сэм; Даромад аз прокат; харочоти пардохти музди меҳнат; харочоти тозакунии атроф; таъмири велосипедҳо; ҳиссаҷудокуниҳо ба парк.
3. Баланси санҷиширо барои санаи 30 июн тайёр кунед.
4. Тариқи эътирофи амалиётҳои дар санаи 26 ва 28 июн бaамаломадаро муқоиса намоед, ва муайян кунед, ки нисбати амалиётҳои дар 6 ва 14 июн гузаронидашуда, кадоме аз таснифот истифода мегардад.

**Масъалаи №3. Рэй Гриффин**

Рэй Гриффин ширкати худро оиди интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои идоракунӣ рӯзи 1 апрел кушод. Баъзе аз мизоҷон барои хизмати расонидашуда пардохт намуда, қисмати дигари мизоҷон барои як сол пешпардохт мекунанд. Пас аз ним соли кушодани ширкат, баланси санҷишии Рэй чунин аст:

*Ширкати Рэй Гриффин*

**Баланси санҷишӣ**

*29 сентябри соли ___*

| | | |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ | 713 | |
| Иҷораи пешпардохтшуда | 1 800 | |
| Асбобҳои канселярӣ | 413 | |
| Таҷҳизоти идоравӣ | 3 750 | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 2 513 |
| Пешпардохти мизоҷон | | 1 823 |
| Сармояи гузоштаи Рэй Гриффин | | 6 000 |
| Бозгирифти сармоя, Рэй Гриффин | | 3 600 |
| Даромад аз фаъолияти асосӣ | | 5 070 |
| Харочоти пардохти хизмати коммуналӣ ва алоқаи телефонӣ | 630 | ------ |
| Харочоти музди меҳнат | 4 500 | |
| | 15 406 | 15 406 |

**Талаб карда мешавад:**

1. Маълумоти дар боло овардашударо истифода бурда, ҷадвали кориро пур кунед. Ба ғаи[illegible] аз ин, дар зер маълумоти иловагие оварда мешавад, ки онро ҳангоми пуркунии ҷадва[illegible] корӣ ба назар гиред:

   а) иҷорапулӣ барои як сол ба таври пешпардохт ҳанӯз дар лаҳзаи кушодани ширк[illegible] пардохта шуда буд;

   b) бузургии арзиши асбобҳои канселярии харҷнашуда 75 в.ш.- ро ташкил дод;

   c) амортизатсияи нимсолаи таҷҳизоти идоравӣ 300 в.ш.-ро ташкил дод;

   d) хадамоте расонида шуд, ки барои онҳо пештар 863 в.ш. пардохта шуда буд;

   e) хадамоте ба маблағи 270 в.ш. расонида шуд, ки аз рӯи онҳо ба мизоҷон то ҳол ҳисо[illegible] пешниҳод карда нашудааст:

   f) музди меҳнате, ки бояд пардохт шавад, 188в.ш.-ро ташкил медиҳад.
2. Маълумоти ҷадвали кориро истифода бурда, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оид[illegible] фоидаи тақсимнашуда ва баланси бухгалтериро тартиб диҳед.
3. Маълумоти ҷадвали кориро истифода бурда, навиштҳои ислоҳӣ, маҳкамкунӣ ва да[illegible] ҳолати зарурият навишти реверсивиро тайёр кунед.
4. Шумо фаъолияти Рэйро барои ним сол чӣ гуна баҳо медиҳед?

## Боби 6. Активҳои ҷорӣ: воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи ва таснифи активҳои ҷорӣ*
*Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо: мафҳумҳои асосӣ*
*Баҳисобгирии амалиёти хазина*
*Баҳисобгирии амалиёти хазинаи хурд*
*Баҳисобгирии амалиёти суратҳисоб*
*Назорати бонкӣ аз рӯи амалиёти суратҳисоб*
*Баҳисобгирии сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат*
*Адабиёти тавсияшуда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯхтани ҳамин мавзӯъ Шумо бояд:

- бифаҳмед, ки ҷараёни воситаҳои пулӣ дар корхона чӣ тавр сурат мегирад, муҳим будани ахборот дар бораи ҳаракати воситаҳои пулӣ барои баҳо додан ба фаъолияти корхона;
- воситаҳои пулиро аз муодили онҳо аниқ фарқ карда тавонед;
- амалиёти дахлу харҷи воситаҳои пулии корхонаро дуруст сабт карда тавонед;
- мазмуни дебетӣ ва кредитии «Хабарнома аз суратҳисоби бонкӣ» -ро «хонда» тавонед;
- бифаҳмед, ки барои чӣ камомади пул ҳамчун хароҷот, вале зиёдомадаш - даромад дида шуда, чунин ахборот дар кадом ҳисобот кушода мешавад;
- ҳисоби «Хазинаи хурд»-ро аз ҳисоби «Ҳисоббаробаркунӣ бо шахсони ҳисоботдеҳ» фарқ карда тавонед;
- аз рӯи масрафи пул дуруст назорат кунед, хатогиҳоро ёфта ислоҳ намоед.

### Таъриф ва таснифи активҳои ҷорӣ

Активҳо (дороиҳо) – захираҳои иқтисодианд, ки натиҷаи ҳодисаҳои давраҳои гузашта буда, корхона онҳоро назорат карда метавонад, истифодабарии онҳо, одатан ба корхона фоидаи иқтисодӣ меорад. Дар навбати худ фоидаи иқтисодӣ бевосита ва ё бавосита ба дохилшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо мусоидат мекунад. Молҳо ва хадамот, хоҳиш ва талаботи харидоронро қонеъ гардонида, ҷараёни воситаҳои пулиро зиёд мекунанд.

Аз инҷо се тавсифи асосии активҳо бармеояд:

1) онҳо бояд ба корхона фоидаи иқтисодӣ оваранд, яъне барои ба даст овардани фоида зарур бошанд;
2) фоидаи иқтисодӣ бояд зери назорати корхона бошад;
3) натиҷаи доду гирифт ва ҳодисаҳои давраҳои гузашта бошанд.

Ду талабот ба активҳо пешниҳод карда мешавад:

- онҳо бояд дар ихтиёри корхона бошанд, моликияти онро ташкил диҳанд;
- арзиши пулӣ дошта бошанд, яъне аз рӯи қоидаҳои баҳодиҳӣ нарх гузошта шаванд (арзиши аслӣ, арзиши бозорӣ).

Аломатҳои таснифи активҳо:

**А)** вобаста ба мақсади баҳисобгирии бухгалтерӣ – активҳои гайригардон ва активҳои гардон:

**Активҳо = Активҳои гайригардон + Активҳои гардон**

Активҳои ғайригардон – инҳо активҳоянд, ки мӯҳлати истифодабариашон аз 12 моҳ зиёд мебошад: воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ, маблағгузориҳои молиявии дарозмуддат, дигар активҳои ғайригардон.

Активҳои гардон – инҳо дороиҳоянд, ки:

a) онҳоро дар давраи муқаррарии амалиётии ширкат фурӯхтан ва ё истифода бурдан дар назар дошта шудааст;
b) ба мақсади фурӯш ва ё таъинот барои фурӯш дар давоми 12 моҳ аз санаи ҳисоботӣ харид карда шудаанд;
c) дар ҷараёни истеҳсол ва фурӯши молҳо (хадамот) якчанд маротиба иштирок мекунанд;
d) дар шакли воситаҳои пулӣ ва ё муодили онҳо, ки дар истифодабарӣ маҳдудият надоранд, мавҷуданд;

**Б)** Аз рӯи мӯҳлати пардохт активҳоро ба ду гурӯҳ тақсим менамоянд:

- ҷорӣ ва ё кӯтоҳмуддат (ба мӯҳлати то як сол);
- дарозмуддат (зиёда аз як сол).

Дар Маънидодҳо ба СБҲМ қайд гардидааст, ки СБҲМ аз корхонаҳо тал... намекунанд, ки активҳо ва ӯҳдадориҳо ба ҷорӣ ва дарозмуддат дар баланс тақсим кард... шаванд. Муҳимтарин талабот ба баланс дар он зоҳир мегардад, ки активҳо ва ӯҳдадориҳ... бояд мувофиқи дараҷаи зиёдшавии бозоргириашон, яъне аз рӯи мӯҳлати мубаддал гаштан... активҳо ба воситаҳои пулӣ нишон дода мешавад. Дар балансҳои мо активҳои гардон б... тартиби зиёдшавии дараҷаи бозоргириашон нишон дода мешаванд: захираҳо, қарздори... дебиторӣ, маблағгузориҳои молиявии кӯтоҳмудат ва воситаҳои пулӣ. Воситаҳои пулӣ бозоргирии мутлақро дороянд.

**Воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо: мафҳумҳои асосӣ.**

Ахборот дар бораи ҳолат ва ҳаракати воситаҳои пулӣ барои муайян намудани талаботи ҳадди ақалли воситаҳои пули миллӣ ва арзи хориҷӣ, таҳлили бозоргирии ширкат зарур аст.

Воситаҳои пулӣ қисми аз ҳама зудҳаракати воситаҳои гардони корхона мебошад. Аз рӯи сарфи онҳо бонк ва худи корхона назорати ҷиддӣ мебаранд.

Ахборот дар бораи ҳаракати воситаҳои пулӣ барои баҳо додан ба қобилияти корхона барои пайдо кардани воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо фоидаовар аст. Вай имкон медиҳад, ки истифодабарандагони иттилооти молиявӣ нақшаҳои истифодаю қиёскунии арзиши дисконтиронидашуда, пардохту воридшавиҳои минбаъдаи маблағҳо ба корхона ва мувофиқати қиёсии ахбори ширкатҳои гуногунро таъмин намоянд.

Дар СБҲМ 7 моҳияти мафҳумҳои асосӣ оид ба баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо оварда шудааст.

**Воситаҳои пулӣ** (активҳо) пули нақди хазина, воситаҳои пулии суратҳисоб, ҳисоби арзии корхона ва ҳисоби депозитро дарбар мегиранд. Дар ҳисоби арзии бонк пулҳои қоғазӣ, ки воситаҳои қонунии пардохтии ҳар давлат мебошанд, ҳисоби арзии бонкҳои давлатҳои хориҷӣ, воҳидҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркунии байналхалқӣ (ЕВРО) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Ҳамарзишҳои пулӣ** – инҳо «сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат, баландпардохт, ки бо тезӣ ба як маблағи муайяни воситаҳои пулӣ табдил ёфта, ба хавфи на он қадар калони тағирёбии арзиш дучор мегарданд» (СБҲМ, с.105). Муҳимтарин ҷиҳати чунин таърифи ҳамарзишҳои пулӣ дар он аст, ки онҳо ба маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат дохил карда мешаванд. Сармоягузорӣ (инвестиция) ба сифати ҳамарзиш таснифот мешавад, ба шарте ки вай мӯҳлати кӯтоҳи пардохт дошта бошад (то 3 моҳ) ва ё камтар аз санаи харид карда шудан.

Ба ҳамарзишҳои пулӣ васиқаҳои хазинадорӣ, коғазҳои тиҷоратӣ ва сертификатҳои депозитӣ (тасдиқномаи амонатӣ) дохил мешаванд.

**Ҳуҷҷатҳои пулӣ** – тамғаҳои боҷи давлатӣ, маркаҳои почта, тамғаҳои васиқавӣ, чиптаҳои пардохтшудаи тайёра, роҳхатҳои пардохташуда барои осоишгоҳҳо ва хонаҳои истироҳатӣ, саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда ва дигарҳо.

**Селаи воситаҳои пулӣ** – ин дохилшавӣ ва пардохти воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳост.

**Фаъолияти амалиётӣ ё ҷорӣ** – ин фаъолияти асосие, ки аз сармоягузорӣ ва молиявӣ фарқ мекунад. Дар ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона намуди фаъолияти асосӣ нишон дода мешавад: истеҳсоли маҳсулот, сохтмон, фаъолияти иқтисодии беруна ва дигарҳо.

**Овердрафт** – ин бақияи кредитии ҳисоби актив буда дар натиҷаи пардохти маблағи барзиёди бақияи дебетӣ ба амал меояд ва ҳамчун ӯҳдадории қарзӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Фаъолияти сармоягузорӣ** – харид ва фурӯши активҳои дарозмуддат ва дигар сармоягузориҳое, ки ба ҳамарзишҳои пулӣ тааллуқ надоранд. Инҳо чунин амалиёте ҳастанд, ки ба фаъолияти амалиётӣ ва молиявӣ дохил намешаванд, ба монанди амалиёти миёнаравӣ, амалиётҳои иқтисоди беруна.

**Фаъолияти молиявӣ** – фаъолиятест, ки ба тағйирёбии ҳаҷм ва таркиби сармоя ва воситаҳои қарзӣ оварда мерасонад. Мӯҳлати пешниҳоди вомҳо на кам аз 12 моҳ аст.

**Баҳисобгирии амалиётҳои хазина**

Амалиёти бо воситаҳои пулии нақдинаи корхона алоқамандро амалиёти хазина меноманд. Баҳисобгирии маблағи нақд ва ҳаракати воситаҳои пулӣ дар хазина ҷудогона мувофиқи амалиётҳои дахлу харҷ бурда мешавад.

Амалиётҳои қабули пули нақд:

- Қабули пул аз суратҳисоб ва ҳисоби арзии дар бонк буда;
- Баргардонидани бақияи сарфнашудаи сафархарҷ;
- Супоридани саҳми пулии муассисон ба сармояи оинномаи корхона;
- Барқарор намудани маблағи зарари моддӣ;
- Қабули маблаги нақди даромад аз фурӯши арзишҳои молию моддӣ;
- Қабули воситаҳои нақд аз ҳисоби махсуси қарзӣ ва дигар қарзҳо;
- Гирифтани даромад аз фарқияти қурби арзӣ.

Амалиёти қабули пули нақд ҳатман бо «Ордери даромадии хазина» ҳуҷҷатнок карда мешаванд.

- Амалиёти сарфи пули нақд:
- Пардохти ҳисоби молтаъминкунандагон барои мол ва хадамот;
- Пардохти арзиши хароҷоти нақлиётии коркунон;
- Арзиши молҳои харидашуда;
- Хароҷоти почтаю телефон;
- Додани музди меҳнат, мукофот ва кӯмакпулиҳо;
- Сафархарҷ;
- Қабул ба суратҳисоб;
- Пардохти музди меҳнати депозитшуда (дар давоми се рӯз нагирифта);
- Пардохти даромадҳои ҳисобкардашуда ва даромад аз саҳмияҳо, вомҳо ва дигар коғазҳои қиматнок;
- Додани қарз ба коркунон.

Ҳамаи амалиёти харҷи пул ҳатман бо «Ордери сарфи хазина» асоснок карда мешаванд.

Ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» ва ё «Хазина» активӣ аст. Қабули пули нақд дар дебет ва сарфи пул дар кредити ҳисоб навишта мешавад, бақияи дебитиаш нишон медиҳад, ки дар хазина чӣ қадар пули нақд боқӣ мондааст.

Дар ҳолати гирифтани пули нақд аз бонк ба хазина ба маблаги 4200 в.ш. чунин навишт ба амал бароварда мешавад:

***Нақдинаи хазина..........................................................4200***

***Нақдинаи суратҳисоб..........................................................4200***

Ҳуҷҷати аввалае, ки сарфи пулро аз суратҳисоб нишон медиҳад, чек мебошад ва қабули пул ба хазина дар асоси Ордери даромадии хазина гузаронида мешавад. Воситаҳои пулии нақд аз дигар манбаъҳо ҳам дохил мешаванд, мисол, аз фурӯши маҳсулот, молҳо, кор, хадамот, воситаҳои асосӣ ва дигар ЗММ. Дар чунин амалиёт кредити ҳисоб самти воридшавии пулро ба хазина нишон медиҳад:

***Нақдинаи хазина ..........................................................XXX***

***Даромад аз фурӯш..........................................................XXX***

***Даромадҳо аз амалиёт.......................................................... XXX***

***Фаъолияти ғайрифурӯшӣ..........................................................XXX***

***Қарздории дебитории кормандон ва сарвар..........................................................XXX***

***Қарздории муассисон.......................................................... XXX***

Дар мӯҳлатҳои муқараршуда ва иваз шудани хазинадор санҷиши ногаҳонии хазина гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи чунин санҷиш камомад ва ё зиёдомади воситаҳои пулӣ муайян карда мешавад.

Чунин тартибот қабул карда шудааст, ки камомади пул – ин ҳисоби хароҷот буда, ба ҳисоби шахси ҷавобгар (қарздорииˋдебиторӣ) гузаронида мешавад

***Дигар қарздории дебиторӣ ..........................................................XXX***

***Нақдинаи хазина..........................................................XXX***

Дар мавриди пардохти маблағи камомад навишти баръакс гузаронида мешавад. Маблаги барзиёди пул ба ҳисоби «Хазина» қабул карда шуда, ҳамчун «Даромади дигар» фаҳмида мешавад:

***Нақдинаи Хазина..........................................................XXX***

***Даромади дигар..........................................................XXX***

**Мисоли 1.** Ширкати «Сорбон» бо расонидани хадамоти нақлиётӣ ба аҳолӣ фаъолият машгул аст. Дар рӯзи 1.10.02 дар хазина 5000 в.ш. пул мавҷуд буд.

Дар охири октябр дар хазина 800 в.ш. пул боқӣ монда, 4200 в.ш. маблаги пулӣ сарф шудааст. Аз он ҷумла: барои хариди асбобҳои хатнависӣ - 1900 в.ш.; пардохти кӯмакпулии давраи корношоямӣ - 250 в.ш., хароҷоти почтаю телеграф - 750 в.ш., хариди бензин – 1000 в.ш.

Хароҷоти нақдина бо ордерҳои сарфии хазина ба роҳ монда шудааст. Таҳлили ин амалиё нишон медиҳад, ки хазина ба маблағи 300 в.ш. камомад кардааст: (4200 – 1900 – 250 – 750 – 100)

Навишти бухгалтерии пайдарҳамии амалиёт:

1. Гирифтани пул аз суратҳисоб

*Нақдинаи хазина ........................................................5000*
*Нақдинаи суратҳисоб..........................................................5000*

2. Харҷи воситаҳои пулӣ

*Хароҷоти асбобҳои хатнависӣ.........................................1900*
*Хароҷоти коммуникатсия ................................................750*
*Ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ ..............................250*
*Хароҷоти хариди масолеҳ ..............................................1000*
*Дигар қарздории дебиторӣ ..............................................300*
*Нақдинаи хазина..............................................................5000*

**Баҳисобгирии амалиёти хазинаи хурд[29]**

Барои эҳтиёҷоти хароҷоти ҷории пули нақд фондҳои пешпардохти маблағҳои таҳтиҳисоботӣ ташкил карда мешаванд (petty cash fund). Аз ин фонд пулҳои нақд ба коркунони ҳисоботдеҳ барои пӯшонидани хароҷоти махсус дода мешаванд: сафархарҷ, пардохти таъмири хурди техника, хариди асбобу анҷоми хатнависӣ, хароҷоти почта, барои коммуникатсия (телефон, факс) ва дигар гуна истеъмоли хадамот.

Ба шакли алоҳида ҷудо кардани ҳисоби «Хазинаи хурд» ба мақсади гузаронидани назорати ҷорӣ барои истифодаи мақсадноки воситаҳои пулии нақд таъин гардидааст.

Додани пули нақд ба шахсони ҳисоботдеҳ чунин сабт карда мешавад:

*Нақдинаи хазинаи хурд...................................................1 200*
*Нақдинаи суратҳисоб ..........................................................900*
*Нақдинаи хазина.................................................................300*

Хариди масолеҳ бо мақсадҳои хоҷагӣ аз ҳисоби хазинаи хурд:

*Масолеҳ...................................................................250*
*Нақдинаи хазинаи хурд ......................................................250*

**Баҳисобгирии амалиёти суратҳисоб**

Воситаҳои пулии озодро корхонаҳо вазифадоранд, ки дар суратҳисоби дар бонк дошта нигоҳ доранд. Ин ҳисобро баъзан «Нақдинаи суратҳисоб», «Ҳисоби бонкӣ» (Bank account) - ҳисоби асосии ҳаргуна шахсони ҳуқуқӣ меноманд.

Муносибатҳо байни бонк ва мизоҷ дар асоси шартномаи бонкӣ сурат мегирад. Барои кушодани ҳисоби бонкӣ ширкат ба бонки хизматрасонаш ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- Ариза барои кушодани суратҳисоб;
- Ҳуҷҷати қонунӣ будани ташкили корхона;
- Нусхаи ойинномаи кирхона, ки онро нотариус тасдиқ карда аст;
- Маълумоти ташкилоти андоз дар бораи ба сифати андоздиҳанда ба ҳисоб гирифтани корхона;
- Ду нусха карточка (варақа) бо намунаи имзоҳо ва нақши мӯҳри корхона, ки онро нотариус тасдиқ кардааст.

Воридшавии воситаҳои пулӣ ба суратҳисоб дар натиҷаи амалиёти зерин ба амал меояд:

- қабули даромад аз фурӯши маҳсулот, молҳо, кор, хадамот, воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ;
- пардохти ӯҳдадориҳои қарздорон (дебиторон);
- қабули қарзҳои бонкӣ ва заёмҳо;
- баргардонидани воситаҳои пулӣ аз хазина ба суратҳисоб;
- қабули ҳаргуна даромадҳо, ки ба натиҷаи молиявӣ дохиланд (фоиз аз сармоягузорӣ, дивидендҳо, даромадҳо аз фарқиятҳои қурбӣ);
- даромадҳо аз ширкатҳои ҷамъиятӣ ва харидуфурӯши байналхалқӣ;
- баргардонидани воситаҳои истифоданашудаи дар ҳисоби махсус депонентгардида (аккредитивҳо ва ҳисобҳои махсус);
- дигар амалиёт.

---

[29] Дар таҷрибаи мо ҳисоби «Хазинаи хурд» истифода намешавад, гарчанде ки баъзе аз ташкилотҳои савдо оиди фурӯши мол ва хадамот дорои хазинаҳои амалиётӣ мебошанд.

Амалиёти молиявӣ-хоҷагии дар боло зикршуда воситаҳои пулиро зиёд мекунанд (Дт «Суратҳисоб ба арзи миллӣ», вале ҳисобҳои кредитшаванда самти дохилшавии пулро ба суратҳисоби корхона нишон медиҳанд).

Амалиёти хоҷагие, ки ба камшавии воситаҳои пулии суратҳисоб таъсир мерасонанд инҳоянд:

- пардохти қарзи қарздеҳон барои дар мӯҳлат иҷро намудани ӯҳдадориҳо;
- пардохти хароҷоти тайёркунӣ ва харидани масолеҳ аз молтаъминкунандагон;
- пардохти арзиши қарзҳо ва вомҳои пештар гирифташуда;
- додани пули нақд ба хазина;
- гузаронидани пул ва ё додани пешпардохт (аванс);
- пешниҳод намудани қарзҳо ва вомҳо ба дигар ташкилот;
- гузаронидани воситаҳои пулӣ ба тарзи маблағгузориҳо ;
- додани маблағи аванс ба шахсони ҳисоботдеҳ;
- гузаронидани воситаҳои пулӣ бо тарзи ҳисоббаробаркунии дохилифирмавӣ.

Ҳамаи амалиёти номбаршуда воситаҳои пулиро кам карда, ӯҳдадориҳо ва ё сармояи худии корхонаро ҳам кам мекунанд.

Бонк дар мӯҳлати муқарраргардида ва ё мувофиқи талаботи мизоҷ Нусха аз ҳисоби банкро (bank statement) мефиристад, ки он як намуди сабткунаки махсуси баҳисобгирии ҷузъии ҳисоби бонкӣ (суратҳисоб) мебошад.

Дар вақти мутолиа намудани дебет ва кредити нусха аз суратҳисоби банк, бухгалтер бояд донад, ки бақияи воситаҳои пулӣ ва қабули он дар кредит, вале сарфу харҷи нақдина - дар дебет навишта мешавад. Хулоса, кредити ҳисоби бонкӣ (пассив) барои корхона маънои дебет - дохилшавии пулро дорад (актив).

Зиёдшавӣ ва камшавии амалиёти суратҳисоб аз самти дохилшавии воситаҳои пулӣ вобаста аст:

1) аз фурӯши маҳсулот (хадамот, кор), воситаҳои асосӣ ва масолеҳ:

*Суратҳисоб..........................................................27 000*
*Даромад аз фурӯш........................................................20 000*
*Дигар даромад........................................................7 000*

2) аз амалиётҳи сармоягузорӣ:

*Суратҳисоб..........................................................12 000*
*Дигар даромад........................................................2 000*
*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат........................................8 000*
*Сармоягузориҳои дарозмуддат ........................................1 000*
*Даромадҳо дар намуди фоизҳо........................................1 000*

3) аз амалиёти ҳисоббаробаркунӣ:

*Суратҳисоб ..........................................................3 400*
*Ҳисоби дарёфтӣ (қарздорон) ........................................2 000*
*Васиқаҳо барои қабул(дарозмуддат) ................................1 400*

4) аз фаъолияти молиявӣ:

*Суратҳисоб ..........................................................900*
*Ҳисобҳо барои қабул........................................................700*
*Саҳмияҳои имтиёзнок........................................................200*

5) Фоида аз ҳодисаҳои фавқулодда:

*Суратҳисоб..........................................................120*
*Фоидаи фавқулодда........................................................120*

Аз ин ҷо дида мешавад: дар кредити ҳисобҳои алоқаманд манбаи дохилшавии пул дарҷ карда мешавад, ки барои тартиб додани Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ хеле аҳамият дорад.

Пардохти воситаҳои пулӣ аз кредити Суратҳисоб ба дебети ҳисоби ЗММ (захираҳои молию моддӣ); хароҷоти пешпардохтшуда; ҳисоб барои қабул; ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат ва пардохтани дигар ӯҳдадориҳо гузаронида мешавад.

**Назорати амалиёти бонкии суратҳисоб**

Ҳуҷҷатҳои аввалаи пардохти бонкӣ асоснок будани навиштҳои нусха аз суратҳисобро исбот мекунанд. Амалиёт оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар суратҳисоб ва ҳисоби арзӣ аз тарафи бонки хизматрасон, муҳосиба, аудитор санҷида мешаванд. Новобаста аз гузаронидани назорати ҳаматарафа байни маълумотҳои ҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоби бонкӣ аз рӯи бақияю ҳаракати воситаҳои пулӣ фарқият дида мешаванд. Сабабҳои асосии ингуна бенизомиҳо ва фарқият чунинанд:

- Нодуруст гузаронидани пешпардохт;

- Гузаронидани пул ба сифати пешпардохт мувофиқи ҳуҷҷатҳои ҳисобие, ки худи молҳо иштирок надоранд ва амалиёт шубҳанок мебошад;
- Ҳисоббаробаркуниҳо бо дигар қарздорон бе тартиб додани шартномаҳои мувофиқ;
- Нодуруст муайян кардан ва баҳисоб гирифтани фарқияти қурби арзӣ аз харид ва фурӯши арзи хориҷӣ;
- Дар ҳуҷҷатҳои аввала нагузаштани мӯҳри бонк;
- Дигар ҳолатҳои риоя накардани тарзи дурусти гузаронидани амалиёти бонк.

Усули эътирофшудаи назорат аз рӯи пақдина, қабул ва мақсаднок харҷ намудани воситаҳои пулӣ – ин тарзи муқоиса кардани маълумоти ҳуҷҷатҳои аввала бо навиштҳои ҳисобгирии бухгалтерӣ мебошад.

Ҷараёни чунин қиёскунӣ қадамҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Азнав дида баромадани маблағҳои ҳисоби бонкии баҳисобгирифтанашуда (ба монанди боҷу хироҷи бонкӣ барои гузаронидани амалиёт);
2. Дарҷ намудани онҳо дар баҳисобгирӣ;
3. Муқоиса намудани бақияи ҳисоби бонк аз рӯи нусха аз суратҳисоб бо бақияи маълумоти баҳисобгирии бухгалтерӣ;
4. Барои чунин амалиёт ба монанди, ҳаволакуниҳо ё чекҳои бурда нарасонида дар вақти муқоисакунӣ ба ҳисоб гирифтани тафовути муваққатии минтақавӣ зарур аст.
5. Дар санади муқоисавии бақияҳо нишон додани санаи муқоисакунӣ ва имзои коркунони бонк ва ширкат зарур аст.

Аз рӯи амалиёти арзӣ, ба ғайр аз қадамҳои санҷишии дар боло номбаршуда, диққатро ба дуруст гузаронидани пешпардохтҳои воридотӣ, дуруст ҳисоб кардану гузаронидани фарқиятҳои қурбӣ равона кардан лозим аст.

Ба маблағи фарқияти мусбии қурбӣ:

***Суратҳисоб ..........................1200***

***Даромад аз фарқияти қурбии амалиёти арзӣ .........1200***

Фарқияти манфии қурбӣ ба дебети ҳисоби «Зарарҳо аз фарқиятҳои арзӣ» гузаронида мешавад.

**Баҳисобгирии сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат**

Дар баланси бухгалтерӣ дар қисми «Воситаҳои пулӣ» сармоягузориҳои молиявӣ, ки мувозини воситаҳои пулӣ мебошанд, нишон дода мешаванд, ки амалан ҳамарзиш ё муодили воситаҳои пулӣ ҳисобида мешаванд.

Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддатро ширкатҳо бо мақсади фузунгардонии сарват харид менамоянд:

- ба воситаи тақсимот дар шакли фоизҳо, ҳаққусаҳм, роялти;
- афзоиши сармоягузорӣ;
- дигар баҳраи сармоягузор.

Ширкатҳо асосан ба сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат маблағҳои озодашонро мегузоранд, то ки «пулҳо ба нафъи онҳо» «кор кунанд», «мурда» набошанд.

Сармоягузории молиявии харидкардашударо бо арзиши харидкунишон баҳо медиҳанд, ки ба онҳо бевосита хароҷоти:

- подоши миёнаравӣ;
- ҳаққи хизмати бонкҳо ва ғайра дохил карда мешаванд.

Минбаъд, сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат дар баланс бо:

- арзиши бозорӣ;
- арзиши камтарин аз ду маъно: арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ, нишон дода мешаванд.

Дар мавриди баҳисобгирии сармоягузориҳо бо арзиши камтарин аз ду маъно: арзиши бозорӣ ва арзиши аслӣ, арзиши балансӣ бояд бо усулҳои зерин муайян карда шавад:

- усули сандуқи (портфели) умумӣ;
- усули гурӯҳӣ (категорияи сармоягузориҳо);
- усули сармоягузориҳои алоҳида.

Ҳангоми фурӯши сармоягузориҳо фарқи байни даромад аз фурӯш ва арзиши балансии онҳо ҳамчун даромад ва ё хароҷот эътироф карда мешавад. Дар ҳолати баҳисобгирии сармоягузориҳо бо усули камтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ, фоида ва ё зарар аз фурӯш ба арзиши аслӣ асос меёбад.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Андреев А.М., Викулова Е.В. Бухгалтерский учет. - М.: Андросов, 2000., глава 19
6. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
7. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
8. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. – Б: «Ариал-Принт», 2000.-324.


**Супориш барои худсанҷӣ**

**Супориши №1. Юсуф**

1 апрели соли 2009 Юсуф фаъолияти худро бо сармоя ба андозаи 20 000 в.ш., ки онро ба ҳисоби корхона гузаронидааст, оғоз намуд.

Дар зер рӯихати мухтасари амалиёти пулӣ дар соли якум оварда шудааст:

| | | |
|---|---|---|
| а. | Маблағи аз мизоҷон қабулшуда | 34 628 |
| б. | Хароҷоти ёрдамчӣ | 4 000 |
| в. | Пардохти харид ба таъминкунандагон | 20 700 |
| г. | Хариди микроавтобус 31 марти с.2010 | 8 000 |
| д. | Бозгирифти Юсуфа дар давоми сол | 4 800 |
| е. | Пардохти пули барқ | 1 120 |
| ж. | Иҷора ва хадамоти коммуналии солона | 2 200 |
| з. | Почта ва молҳои идоравӣ | 700 |

Ғайр аз ин, маълумоти зерин мавҷуд ҳаст:

(1) Дар охири сол Юсуф ба маблағи 8 512 в.ш. қарздории дебиторӣ ва ба маблағи 11 344 в.ш. қарздории кредитории тиҷоратӣ дошт.

(2) Юсуф ваъда дода буд, ки ба ёрдамчии худ ба маблағи 800 в.ш. мукофот диҳад. Дар санаи 31 марти с.2010 ин маблағ ҳоло пардохт нагардидааст.

(3) Дар санаи 31 марти соли 2010 захираҳо ба маблағи 8 514в.ш. мавҷуд буданд. Юсуф барои истеъмоли қувваи барқ дар семоҳаи охирин ба маблағи 340 в.ш. қарздор аст.

(4) Азбаски микроавтобус дар рӯзи охирини моҳи март харида гардид, Юсуф қарор кард, ки истеҳлоки онро ҳисоб накунад.

**Талаб карда мешавад:** Ҳисобот оиди фоида ва зарарро барои соли дар 31 марти соли 2010 ба охир расида, инчунин ҳисоботи балансиро барои ин сана тартиб диҳед.

**Супориши № 2. Роман**

Ахбороти зерин ба ду моҳи аввали фаъолияти тиҷоратии Роман, ки бо фурӯши маҳсулоти баққолӣ машғул аст, дахл дорад. Ҳамаи амалиёт бо пули нақд сурат гирифтааст.

| 2010 | |
|---|---|
| 11 январ | Роман ба корхона 35 000 в.ш. –ро гузошт. |
| 15 январ | Ба маблағи 20 000в.ш. мол харид. |
| 23 январ | Хароҷоти бо мошин алоқамандро ба маблағи 4 000в.ш. пардохт намуд. |
| 31 январ | Молро ба маблағи 30 000 в.ш. фурӯхт. |
| 5 феврал | Аз Дени 30 000 в.ш.-ро ҳамчун қарз бо шарти пардохт дар соли 2002 гирифт. |
| 7 феврал | Ба маблағи 20 000в.ш. мол харид. |
| 8 феврал | Молро ба маблағи 15 000 в.ш. фурӯхт. |
| 20 феврал | Ба маблағи 25 000в.ш. мол харид. |
| 21 феврал | Хароҷоти коммуналиро ба маблағи 5 000 в.ш. пардохт намуд. |
| 28 феврал | Молро ба маблағи 30 000 в.ш. фурӯхт. |

**Талаб карда мешавад:**

Барои ҳар як моҳ:

(а) Ҳисобҳои мувофиқро аз рӯи амалиёти боло кушоед ва маҳкам кунед.

(б) Рӯихати бақияи ҳисобҳоро тартиб диҳед.

(в) Ҳисобот оиди фоида ва зарарро тартиб диҳед.

(г) Ҳисоботи балансиро тартиб диҳед.

**Супориши №3** Ширкати "Турон"

| Рӯйхати бақияи ҳисобҳо дар 31 декабри соли 2010 | Дебет ҳазор в.ш. | Кредит ҳазор в.ш. |
|---|---|---|
| Бонк | 53 | |
| Сармоя | | 300 |
| Замин ва бино | 320 | |
| Дастгоҳ ва таҷҳизот | 200 | |
| Истеҳлоки дастгоҳ ва таҷҳизот | | 80 |
| Захираҳо дар охири давра | 100 | |
| Фурӯш | | 1 000 |
| Арзиши аслии фурӯш | 600 | |
| Харочоти амалиётӣ (азҷумла, истеҳлок 20) | 140 | |
| Қарздориҳои шубҳаноки соқитшуда | 2 | |
| Қарздории дебиторӣ | 100 | |
| Ҳисобкуниҳо | | 5 |
| Қарздории кредиторӣ | | 130 |
| | 1 515 | 1 515 |
| **Воридшавии воситаҳои пулӣ то 31 декабри соли 2010** | | |
| Фурӯш | 950 | |
| **Пардохти нақдина то 31 декабри соли 2010** | | |
| Харид | 560 | |
| Таҷҳизот (1 январи соли 2010) | 90 | |
| Моддаҳои харочоти амалиётӣ (ҷорӣ) | 130 | |
| Бозгирифт аз ҷониби соҳибмулк | 20 | |
| Бузургии қарздории кредиторӣ аз январи соли 2010 сар карда, ду баробар афзудааст | | |

**Талаб карда мешавад:** Т-ҳисобҳои мувофиқро кушоед, то ҳисобкунии бузургии моддаҳои баланси ибтидоӣ дар 1 январи соли 2010 имконпазир гардад. Баланси умумиро дар 1 январи соли 2010, инчунин ҳама гуна ҳисобкуниҳоро пешниҳод кунед.

**Супориши №4. «Чек Хэсс»**

Аз 1 июни соли 2010, дар тобистони ба таври ғайриоддӣ гарм, ҷавони ташаббускоре бо номи Чек фаъолияти инфиродии меҳнатии худро оғоз намуд. Ӯ бо фурӯши яхмос аз мошин дар кӯчаҳои шаҳраки хеш машғул буд..

а) Вай 31 маи соли 2010 аз бонк $2,000 қарзро бо шарти пардохти ҳармоҳаи фоиз ба маблағи $25 гирифт.

b) Дар ҳамон рӯз вай мошинеро ба иҷора гирифта барои се моҳ $1,000 пардохт намуд. Харочоти миёнаи ҷории мошин $300-ро дар як моҳ ташкил мекард.

c) Вай ба сифати ёрдамчӣ донишҷӯеро барои рӯзи нопурраи корӣ киро намуда ба ӯ ҳар моҳ $100 медод.

d) Кори асосии Чек фурӯхтани яхмос дар кӯча буд вале баъзан вай ҳар гуна вохӯриҳои корӣ ва базмҳоро низ бо роҳи фурӯши насияи яхмос хизматрасонӣ менамуд.

e) Дар давоми се моҳ то 31 августи соли 2010 ҳаҷми фурӯши вай ташкил дод:

 i) бо пули нақд -$8,900
 ii) ба насия -$1,100

f) Чек яхмосро аз ширкати маҳаллии истеҳсолӣ - «Фуд мастер» мехарид. Ҳамагӣ дар се моҳ вай ба маблағи $6,200 яхмос харида, то 31 августи соли 2010 ҳамаашро фурӯхт. Чек аз таъминкунандаи худ ба маблағи $700 барои яхмоси ба насия харидааш қарздор монд.

g) Яке аз харидорон- корчаллонe бомуваффақият муфлис шуд, ки аз Чек $250 қарздор буд. Чек қарор кард, ки ин қарзро пурра соқит намояд ва умедашро аз пардохт шудани он канд.

h) Вай хонаи шахсии худро ҳамчун идора (офис) истифода мебурд. Харочоти телефон ва почта барои се моҳ $150 -ро ташкил намуд.

i) Барои зарурияти шахсӣ вай ҳар моҳ $300 мегирифт.

ii) Чек хеле инсони батартиб аст.

**Талаб карда мешавад:** Ҳисобот оиди фоида ва зарарро барои давраи аз 1 июн то 31 август ва балансро дар охири давра тартиб диҳед.

**Супориши 5.** Сармоягузориҳои молиявии кӯтоҳмуддат

1 октябр ширкат саҳмияҳоро ба маблағи 10 000в.ш. харид. 1 декабр арзиши саҳмияҳо дар биржа баробар буд ба:

а) 10 600 в.ш.

б) 9 400 в.ш.

Харид ва баҳисобгирии сармоягузориҳоро бо ду усул инъикос намоед:

1. аз рӯи арзиши ҷорӣ - бухгалтерия бояд ҳамаи тағйироти арзиши сармоягузориро дар бозорҳои биржавӣ ва ғайрибиржавӣ инъикос намояд: агар арзиши ҷорӣ баланд шавад, он гоҳ афзоиш ба даромади давра дохил карда шуда, дар сурати паст шудани арзиш – тафовут ба хароҷоти давра дохил карда мешавад.

01.10 Дт
Кт
а)
01.12 Дт
Кт
б)
01.12 Дт
Кт

2. Аз рӯи камтарин аз арзиши бозорӣ ва арзиши аслӣ.

Ахборот оиди сармоягузориҳои ширкати «Зафар»:

| Намуди сармоягузорӣ | Арзиши харид дар 01.01 (бо в.ш.) | Арзиши ҷорӣ дар 31.12 (бо в.ш.) | Арзиши балансӣ (камтарин) |
|---|---|---|---|
| 1. Вомбарги ҶС «Зар» | 7 000 | 8 000 | |
| 2. Вомбарги ҶС «Тир» | 8 000 | 6 000 | |
| *Ҳамагӣ вомбаргҳо:* | *15 000* | *14 000* | |
| 3. Саҳмияи ҶС «Сим» | 40 000 | 48 000 | |
| 4. Саҳмияи ҶС «Вом» | 50 000 | 62 000 | |
| 5. Саҳмияи ҶС «Чин» | 60 000 | 45 000 | |
| *Ҳамагӣ саҳмияҳо:* | *150 000* | *155 000* | |
| **Ҳамагӣ сармоягузориҳо:** | **165 000** | **169 000** | |

*а) арзиши балансӣ дар асоси сандуқи умумӣ муайян карда мешавад*

Арзиши балансӣ баробари ___________в.ш. аст. (шарҳ диҳед)

01.01 Дт
Дт
Кт

*б) арзиши балансӣ аз рӯи баҳои камтарини арзиши харид ва ҷорӣ дар асоси сандуқи умумии намудҳои алоҳидаи сармоягузорӣ муайян карда мешавад.*

Арзиши балансии вомбаргҳо баробари __________ в.ш. аст (шарҳ диҳед).

Арзиши балансии саҳмияҳо баробари __________ в.ш. аст (шарҳ диҳед).

01.01 Дт
Дт
Кт
31.12 Дт
Кт

*б) арзиши балансӣ дар асоси сармоягузориҳои алоҳида муайян карда мешавад.*

Арзиши балансии сармоягузориҳо баробари __________в.ш. аст.

Маблағ баробари _________в.ш. ҳамчун хароҷот эътироф мегардад:

01.01 Дт
Дт
Кт
31.12 Дт
Кт
31.12 Дт
Кт

## Боби 7. Активҳои ҷорӣ: Ҳисобҳо барои қабул ва қарздории дебиторӣ ғайр

*Мақсади омӯзиш*
*Таъриф, тасниф ва эътирофи қарздории дебиторӣ*
*Баҳодеҳии ҳисобҳо барои қабул*
*Баҳисобгирии тахфиф*
*Баргардониши молҳо*
*Қарзҳои шубҳанок ва усулҳои баҳодеҳии онҳо*
*Усулҳои ҳисобкунии бузургии хароҷоти қарзхои шубҳанок*
*Баҳисобгирии васиқаҳо барои қабул*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Бо омӯзиши мавзӯи мазкур, Шумо бояд:

- тасаввуроти комилро оиди моҳияти иқтисодии қарздории дебиторӣ пайдо кунед;
- таърифи қарздории дебиториро дода тавонед;
- қарздории дебитории тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ, ҷорӣ ва дарозмуддатро фарқ кунед;
- бузургии қарздории дебитории софро муайян карда тавонед;
- усулҳои баҳодеҳии қарзҳои шубҳанокро дониста дар амалия истифода бурда тавонед;
- баҳисобгирии ҳисобҳо ва васиқаҳо барои қабулро бурда тавонед;
- дар ҳисоботи молиявӣ ахборотро оиди қарзҳои дебиторӣ кушода диҳед.

### Таъриф, тасниф ва эътирофи қарзҳои дебиторӣ

**Таъриф. Қарздории дебиторӣ (receivables)** - ин активҳои гардони ширкат, ки дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ – хоҷагӣ ба вуҷуд омада, дар худ ҳуқуқ ва даъвоҳои ширкатро ба актив ва дигар захираҳои ширкатҳои қарздор ифода мекунанд. Соддатар гӯем, қарздории дебиторӣ – ин талаботҳоест, ки ба харидорон, супоришдеҳандагон ва дигар шахсон барои гирифтани захираҳои иқтисодӣ пешниҳод мегарданд. Қарздории дебиторӣ одатан бо ҳуқуқҳои юридикӣ, азҷумла, ҳуқуқи моликият алоқаманд аст.

Ба қарздории дебиторӣ нишонаҳои зерин хос аст:

- бозоргирӣ имконияти баланди мубадалшавӣ ба пул;
- таҷассуми суди (фоидаи) оянда;
- тасвири захираҳое, ки ба онҳо ширкат ҳуқуқ дорад;
- даъво ба активҳои ширкатҳои дигар;
- тасниф гардидан вобаста ба мӯҳлат ё санаи интизории пардохт ба ду намуд: кӯтоҳмуддат (ҷорӣ) ва дарозмуддат.

Қарздории дебиторӣ аксар вақт бо счёт-фактура тасдиқ мегардад.

***Тасниф.*** Барои мақсадҳои ҳисоботи молиявӣ қарздории дебиторӣ ба ҷорӣ ва дарозмуддат тақсим карда мешавад. Қарздории дебиторие, ки дар давоми 12 моҳ ё як сикли амалиётӣ пардохт мегардад, қарздории дебитории ҷорӣ номида мешавад. Ҳамаи қарздории дебитории боқимонда ҳамчун дарозмуддат шинохта мешавад.

Дар ҳисоботи балансӣ қарздории дебиторӣ ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо карда мешавад. ***Қарздории дебитории тиҷоратӣ*** - ин қарздории харидорон – мизоҷон барои мол ва хадамот аст, ки дар рафти фаъолияти муқаррарии ширкат ба вуҷуд меояд. Қарздории дебитории тиҷоратӣ маъмулан дар баланс бо ҳисобҳо ва васиқаҳо барои қабул пешниҳод мегардад.

Қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ ҳангоми баамалбарории амалиётҳое, ки аз фаъолияти муқаррарии ширкат фарқ доранд, ба вуҷуд меояд. Мисоли қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ:

- маблағҳои таҳтиҳисоботӣ;
- бунаки (аванси) додашуда;
- ҳаққусаҳм ва фоизҳо барои қабул;
- ҷиҳозоти баргардонидашаванда ва зарф;
- даъвоҳои судии пешниҳодшуда;
- товони суғуртавӣ;

- дохилшавиҳои кафолатӣ;
- депозитҳо ва г.

Қарздории дебитории тиҷоратӣ бо маблағи пардохти интизорӣ ба ҳисоб гирифта шуда, қарздории дебитории ғайритиҷоратӣ дар аксар ҳолатҳо бо арзиши дисконтиронидашуда (ҳисобкардашуда) баҳо дода мешавад[1].

***Эътироф.*** Қарздории дебиторӣ одатан ҳангоми эътирофи даромади бо он алоқаманд эътироф мегардад. Ҳангоми баамалбарории амалиёт бо қарздории дебиторӣ маблағи эътирофшаванда нархи мубодилавии муқаррарнамудаи тарафҳо аст.

Принсипҳои асосии баҳисобгирии қарздории дебиторӣ:

| | |
|---|---|
| • ҳисобкунӣ;<br>• мувофиқории даромаду хароҷот;<br>• мувофиқат | Зарар аз қарзҳои шубҳанок бояд ба он давраҳое гузаронида шавад, ки он вақт ин қарзҳо пайдо гардиданд. |

**Баҳодеҳии ҳисобҳо барои қабул**

Намуди асосии қарздории дебиторӣ ин ҳисобҳо барои қабул мебошад. **Ҳисобҳо барои қабул (accounts receivable - Счета к получению)** активҳои гардони бозоргирро, ки ҳангоми фурӯши насиявии молҳо, расонидани хизмат ва иҷроиши кор ба қарз пайдо мегарданд, ифода мекунанд. Ин гуна қарз бо номи қарзи тиҷоратӣ (Trade credit) маълум гардидааст[2].

Дар таҷрибаи хориҷӣ давраи муқаррарии пардохти қарзи дебиторӣ аз 30 то 90 рӯзро ташкил менамояд. Бо гузашти ин муддат, ҳисобҳо барои қабул ҳамчун мӯҳлаташон гузашташуда (батаъхирафтода) шинохта мешаванд. Ҳисобҳо барои қабул бо бақияи кредитӣ (пардохти зиёдатӣ, пешпардохт) дар қисмати ӯҳдориҳои баланс инъикос мегарданд.

Ҳисобҳо барои қабул аз рӯи арзиши ибтидоӣ тарҳи ислоҳи қарзҳои шубҳанок, тахфифи пулӣ ва баргардониши молҳо баҳо дода мешаванд. Дар натиҷа арзиши аслии ҳисобҳо барои қабул муайян карда мешавад. (Ба мазмуни ин мафҳум аҳамият диҳед!).

**Ҳисобҳо барои қабули соф = Ҳисобҳо барои қабул – Захираҳои қарзҳои ҷоранопазир – Тахфиф – Баргардониши молҳо**

**Баҳисобгирии тахфиф**

**Тахфиф** ду намуд мешаванд:

1. ***Тахфифи пулӣ*** - маблағе, ки ба бузургии он нархи счет-фактуравӣ кам мегардад, агар дар мӯҳлати муайяншуда он пардохт карда шавад. Тахфифи пулӣ аз ҷониби фурӯшанда ба мӯҳлати муайян пешниҳод мегардад. Мақсади пешниҳоди тахфифи пулӣ:

- афзоиши ҳаҷми фурӯш;
- ҳавасмандгардон намудани мизоҷ барои пардохти тезтар;
- ихтисори қарзҳои шубҳанок.

Ифодаи умумиқабулшудаи тахфифи пулӣ: **$\alpha/\beta$, $\eta/c$**, дар ин ҷо, **$\alpha$** - фоизи тахфиф, **$\beta$** - муддати истифодабарии тахфиф, **$\eta$** - маблағи ҳисоб бе назардошти тахфиф, ва **c** - мӯҳлати максималии пардохти қарз.

***Мисоли 1.*** Ширкати «Madina Ltd» ба мизоҷони худ ба андозаи 2% аз маблағи фурӯш дар давоми 30 рӯз, яъне, бо шартҳои 2/10, n/30 тахфиф пешниҳод менамояд. 1 марти соли 2009 ширкат молҳоро ба корхонаи «Zarina Co» ба маблағи 120 000 в.ш., аз ҷумла ААИ ба маблағи 20 000 в.ш. фурӯхт. «Zarina Co» ҳисобро 18.03. пардохт намуд. Амалиёти мазкур бо чунин навиштаҷотҳо қайд карда мешаванд:

| | | |
|---|---|---|
| *01.03.* | ***Ҳисобҳо барои қабул*** | ***120 000*** |
| | ***Даромад аз фурӯш*** | ***100 000*** |
| | ***ААИ барои пардохт*** | ***20 000*** |
| *18.03* | ***Тахфиф аз нарх*** | ***2 000*** |
| | ***ААИ барои пардохт*** | ***400*** |
| | ***Ҳисобҳо барои қабул*** | ***2.400*** |
| | ***Воситаҳои пулӣ*** | ***117 600*** |
| | ***Ҳисобҳо барои қабул*** | ***117 600*** |

---

[1] Хендриксен Э. С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: Пер. с англ. / Под ред. проф. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 1997. – 576с. сах. 352.

[2] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. –496с. сах. 137

2. ***Тахфифи савдой*** - тахфифе, ки нархи ниҳоии фурӯшро ихтисор намуда, аз ҳаҷми фурӯш вобастагӣ дорад. Одатан тахфифи савдой пас аз барориши варақаҳои фурӯш (прайс-лист) ё нархномаҳо эълон гардида, як намуди рекламаи мол мебошад.

***Мисоли 2.*** Ширкат ба мизоҷони хеш тахфифро ба андозаи 10% дар сурати аз тарафи онҳо харид гардидани зиёда аз 100 воҳид мол пешниҳод мекунад. Нархи счёт-фактуравии мол 25 в.ш. аст. 1 апрели соли 2009 мизоҷе 200 воҳид мол харид. Дар баҳисобгирӣ ин амалиёт чунин акс меёбад:

*01.04.* ***Ҳисобҳо барои қабул***..................................................***5 000***

***Даромад аз фурӯш***..........................................................***5 000***

***Тахфиф аз фурӯш***.......................................................***500***

***Воситаҳои пулӣ***......................................................***4 500***

***Ҳисобҳо барои қабул***.......................................................***5 000***

***Нархи умумие, ки нисбати он тахфифи пулӣ истифода мегардад = нархи счёт-фактуравӣ – тахфифи савдо.***

Тахфифи пулӣ ё савдой дар баланс ҳамчун контрҳисоби хисобҳо барои қабул нишон дода мешаванд.

Ҳисобҳо барои қабул .......................................100 000

Тарҳ: Тахфиф.....................................................5 000

Ҳисобҳо барои қабули соф..................................95 000

**Баргардониши молҳо**

Бо мақсади нигоҳдории мавқеъи рақобаттобоварии хеш дар бозор, ширкатҳо баргардониши молҳоро кафолат медиҳанд. Баргардониш дар ҳолатҳои корношоямӣ ё ноқисии молҳо ба амал баровarda мешавад. Баргардониши молҳо ва ҷуброни он ҳам қарздории дебеторни соф, ҳам маблағи фурӯши софро кам менамоянд.

***Мисоли 3.*** Харидор молҳои ноқисро ба маблағи 120 в.ш. баргардонид.

***Баргардониши мол***.......................................................***120***

***Ҳисобҳо барои қабул***..................................................................***120***

**Қарзҳои шубҳанок ва усулҳои баҳодеҳии онҳо**

Ширкатҳои тиҷоратӣ ҳавасманди фурӯхтани молҳо ба мизоҷони қобилияти пардохтадонамоидошта мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо чораҳои назоратиро бо мақсади фурӯши молҳо ба он мизоҷоне, ки бо расидани мӯҳлати пардохт пули харидро медиҳанд, кор карда мебароянд. Бо омӯзиши қобилияти пардохтадонамоии мизоҷон шӯъбаҳои қарздеҳии корхонаҳо машғул мешаванд. Ин шӯъбаҳо функсияҳои зеринро иҷро мекунанд:

- Омӯзиши ҳар як мизоҷи барои қарз муроҷиат намуда;
- Додани розигӣ ё радцияи пешниҳоди қарз;
- Гирифтани ахборот оиди ҳолати захираҳои молиявӣ ва қарзҳои харидор;
- Тавсияи маблағи пардохт, муайянкунии андозаи қарз ва ғ.

Новобаста аз сатҳи такмил ва самаранокии системаи назорати пардохтадонамоии ширкат, ӯро мизоҷоне пайдо мешаванд, ки қарзи худро пардохт наменамоянд. Ҳисобҳои пардохтношаванда қарзҳои шубҳанок ё чоранопазир (uncollectable accounts, bad debits), номида шуда, онҳоро ё ба зарар, ё ба хароҷоти фурӯши насиявии молҳо дохил мекунанд.

Агар чоранопазирии қарздории дебиторӣ эҳтимолӣ буда маблағаш баҳододашаванда бошад, зарур аст, ки онро мувофиқан эътироф ва дар баҳисобгирӣ қайд намуд.

Ҳангоми баҳисобгирии қарзҳои шубҳанок принсипи мувофиқатро мебояд риоя намуд. Хароҷоти фурӯши молҳо бояд бо даромад аз он пӯшонида шавад. Принсипи баҳамгузорӣ (муқоисавият) эътирофи зарарро аз қарзҳои шубҳанок дар давраи эътирофи даромад талаб мекунад. Маблағи қарзи шубҳаноки пешбинишуда ҳамчун хароҷоти қарзҳои шубҳанок, ки аксар вақт ҳамчун хароҷоти муомилот шинохта мешавад, инъикос мегардад.

Дар сурати интизорӣ набудани шубҳанокии қарздории дебиторӣ ягон ислоҳкунии даромад ё ҳисобҳо барои қабул зарур набуда, қарздории дебиторӣ дар давраи эътирофи чоранопазирии он аз ҳисоб баровarda мешавад. Ин муносибат ҳамчун ***усули азҳисоббарории мустақим*** маълум аст.

Ҳангоми фурӯши молҳо ба қарз, ширкат оиди пардохт шудани онҳо чизеро намедонад. Зарари эътирофшаванда аз рӯи қарзҳои шубҳанок бояд барои давраи ҳисоботӣ пешгӯӣ шуда, ин маълумотҳои тахминӣ дар худ хароҷоти давраи ҷориро ташкил менамоянд.

***Мисоли 4.*** Ширкати «А» бо фурӯши насиявии молҳо машғул аст. Дар охири сол маблағи қарзи дебиторӣ 20 000 в.ш.-ро ташкил намуд. Пас аз тафтиш маълум гардид, ки тақрибан ба маблағи 1 000 в.ш. қарзи дебитории чоранопазир мавҷуд ҳаст. Навишти зерини трансформатсионӣ дар ин ҳолат бамаврид аст:

*31 дек* ***Хароҷоти қарзҳои шубҳанок..........................................1 000***

***Захираҳои қарзҳои чоранопазир...........................................1 000***

Дар ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ ҷамъбасти ҳисоби «Хароҷоти қарзҳои шубҳанок» ҳамчун хароҷоти ҷорӣ инъикос меёбад. Ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» дар баланс ҳамчун ҳисоби контрактивӣ нишон дода шуда, маблағи он аз арзиши ҳисобҳо барои қабул нигоҳ дошта мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| *Активҳои гардон* | | |
| Воситаҳои пулӣ | | 10 000 |
| Маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат | | 15 000 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 20 000 | |
| Тарҳ: | | |
| Захираҳои қарзҳои шубҳанок | (1 000) | 19 000 |
| Захираҳои моддӣ | | 30 000 |
| *Ҳамагӣ: Активҳои гардон* | | *74 000* |

Фарз кардем, ки пас аз як моҳ оиди муфлисшавии дебиторе, ки ба ширкати «А» 500 в.ш. қарздор буд, ахборот эълон гардид:

Мукотибот оиди азҳисоббарории қарздории дебиторӣ:

***Захираҳои қарзҳои шубҳанок ..........................................500***

***Ҳисобҳо оиди қабул.............................................................500***

Мукотиботи мазкур ягон таъсиротро ба даромад ва маблағи софи қарздории дебитории пардохтношуда намерасонад. Мукотибот танҳо дар сурати чоранопазир эътироф гардидани қарздории дебиторӣ ба амал баровардa мешавад.

| | Бақия то азҳисоббарорӣ | Бақия баъди азҳисоббарорӣ |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул | 20 000 | 19 500 |
| Тарҳ: захираҳои қарзҳои чоранопазир | 1 000 | 500 |
| Бузургии софи ҳисобҳо барои қабул | 19 000 | 19 000 |

Баъзан, пас аз азҳисоббарории қарзҳои чоранопазир аз дебитор маблағи қарз қабул мегардад. Дар ин ҳолат мукотиботи баръакс барои барқароркунии қарздорӣ ба амал баровардa мешавад.

***Ҳисобҳо барои қабул....................................................100***

***Захираҳои қарзҳои чоранопазир...............................................100***

***Воситаҳои пулӣ...........................................................100***

***Ҳисобҳо барои қабул.............................................................100***

**Усулҳои ҳисобкунии бузургии хароҷот аз рӯи қарзҳои шубҳанок**

Азбаски имконияти пешгӯии ҳисобҳои пардохтанашаванда дар санаи балансӣ мавҷуд нест, ҳисобкунии маблағе, ки зарари интизориро мепӯшонад, зарур аст. Одатан ҳангоми ҳама гуна фурӯш ба қарз қарзҳои чоранопазир ба миён меояд. Аз ин рӯ, ширкатҳои тиҷоратӣ захираҳоро барои пӯшонидани қарзҳои шубҳанок бунёд менамоянд. Қарори роҳбарияти ширкат оиди маблағи қарзи шубҳанок дар асоси ахбороти таҳлилӣ, инчунин дигар омилҳои ғайримустақим қабул мегардад. Дар аксари ҳолатҳо бухгалтерон маблағи қарзҳои чоранопазирро дар асоси:

- тақрибаи солҳои пешин бо баҳисобгирии тағйиротҳои ҷории шароитҳои иқтисодӣ;
- ҳисобкуниҳои иқтисодӣ, муқаррар мекунанд.

Дар амалия, вобаста ба лаҳзаи пайдошавии қарзҳои чоранопазир, усулҳои зерини ҳисобкунии бузургии қарзҳои шубҳанок барои давраи ҳисоботӣ истифода мегарданд:

1. Усули мустақими азҳисоббарорӣ (Direct write – off method), ки ҳангоми истифодаи он қарзҳои шубҳанок танҳо дар лаҳзаи пардохт нашудани қарздории дебитории конкретӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар лаҳзаи эътирофи зарар навишт аз рӯи дебети ҳисоби «Хароҷот аз рӯи қарзҳои шубҳанок» ва кредити ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» ба амал баровардa мешавад;
2. Усулҳои захирасозӣ (allowance method), ки ҳангоми онҳо хароҷот дар давраи ҳисоботие, ки фурӯш ба қарз амалӣ гардидааст, дар ҳисобгирӣ акс мегардад.

Мувофиқан, ду усули зерини захирасозии қарзҳои шубҳанок маълуманд:

***А) Усули фоиз аз фурӯши соф (Метод процента от нетто-реализации -percentage of net sales method) – ҳисобот оиди фоида ва зарар.*** *Ҳангоми истифодаи ин усул саволи зерин дода*

*мешавад:* «Кадом қисми фурӯши софи давраи мазкур ба даст оварда намешавад?»[3]. Ҷавоб ба саволи мазкур имконияти муайянкунии маблағи хароҷоти қарзҳои шубҳанокро барои давраи ҳисоботӣ медиҳад.

Ҳангоми истифодаи ин усул ба таҷрибаи солҳои пешин такия намуда, фоизи миёнаи таносуби байни зарари ҳақиқӣ аз қарзҳои шубҳанок ва фурӯши қарзии соф муқаррар карда мешавад. Сипас ин фоиз нисбати фурӯши софи ҳақиқии давраи ҳисоботӣ барои муайянкунии андозаи қарзи ҷоранопазир истифода мегардад.

*Мисоли 5.* Аз рӯи ҳисобҳои зерини ширкати «Дилрабо» дар охири соли 2009 чунин бақияҳо мавҷуданд:

**Даромад аз фурӯш**

| | |
|---|---|
| | 125 000 |

**Баргардонии ва камнархшавии молҳои фурӯхташуда**

| | |
|---|---|
| 12 350 | |

**Тахфифи фурӯш**

| | |
|---|---|
| 3 650 | |

**Захираҳо аз рӯи қарзҳои ҷоранопазир**

| | |
|---|---|
| | 6 400 |

Барои се соли охир ширкати «Дилрабо» талафоти зеринро аз рӯи қарзҳои шубҳанок дошт. в.ш.:

| Сол | Фурӯш | Талафот аз рӯи қарзҳои шубҳанок | Фоиз |
|---|---|---|---|
| 2006 | 90 000 | 4 700 | 5.22 |
| 2007 | 120 000 | 5 800 | 4.83 |
| 2008 | 110 000 | 5 500 | 5.00 |
| **Ҳамагӣ** | **320 000** | **16 000** | 5.00 |

Роҳбарияти ширкат чунин мешуморад, ки ҳиссаи қарзҳои шубҳанок дар фурӯш тахминан дар ҳудуди 5% мемонад:

0.05 * (125 000 – 3 650 - 12350) = 0.05 * 109 000 = 5 450

Натиҷаи ҳисобкуниҳо чунин инъикос мегардад:

***31 декабр:***

*Хароҷот аз рӯи қарзҳои шубҳанок....................................5 450*

*Захираҳо аз рӯи қарзҳои ҷоранопазир........................................5 450*

Ҳамин тариқ, бақияи ҳисоби "Захираҳо аз рӯи қарзҳои ҷоранопазир" баробари 11 850 в.ш. гардид. Ин рақам аз маблағи 5 450 в.ш., ки ба соли 2009 дахл дорад ва маблағи ҳисобҳои пардохтнашудаи соли гузашта – 6 400 в.ш. иборат аст. Маблағи охирин ҳоло бо қарзҳои шубҳаноки солҳои пешин мувофиқ оварда нашудааст.

***Б) Усули баҳисобгирии ҳисобҳо аз рӯи мӯҳлати пардохт (Метод учета счетов по срокам оплаты - accounts receivable aging method) – баланси бухгалтерӣ.*** Ҳангоми истифодаи усули мазкур, саволи зерин дода мешавад: "Кадом қисми ҳисобҳо барои қабул дар охири сол пардохт карда намешаванд?". Ҷавоб ба савол имконияти муайянкунии бақияи пешбинишавандаи ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул»-ро медиҳад. Усули мазкур бо баҳодеҳии арзиши аслии софи қарздории дебиторӣ - маблағи пулие, ки бояд қабул карда шавад, асос меёбад. Дар муқобил ба усули фоиз аз фурӯши соф, усули баҳодеҳии қарздории дебиторӣ аз рӯи мӯҳлати пардохт имконияти ҳисобкунии бақияи ниҳоии захираҳои қарзҳои шубҳаноки барои ҳисобкунии арзиши аслии софи қарздории дебиторӣ зарурро медиҳад. Бақияи ҷории захираҳои қарзҳои шубҳанок сонӣ бо ёрии мукотиботи ислоҳӣ барои мувофиқат бо бақияи пешбинишуда, нав карда мешавад. Қарзи шубҳанок ба маблағи мукотиботи ислоҳии мазкур дебитонида мешавад.

Барои ҳисобкунии бақияи пешбинишудаи захираи қарзҳои шубҳанок:

1) меъёри ягонаи комбиниронидашуда, ки бо қарздории умумии дебиторӣ асос меёбад;
2) якчанд меъёр, ки бо мӯҳлати ҳар як ҳисоб барои қабули алоҳида асос меёбад, истифода мешаванд.

*Мисоли 6:* Дар зер таҳлили ҳисобҳо барои қабул аз рӯи мӯҳлати пардохташон барои ширкати «Райҳона» дар 31 декабри соли 2009 оварда шудааст.

[3] муфассалтар ниг. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. -496с. стр. 140

| Харидор | Ҳамагӣ аз рӯи ҳисобҳо барои пардохт | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст | Таъхири пардохт аз 1 то 30 рӯз | Таъхири пардохт аз 31 то 60 рӯз | Таъхир аз 61 то 90 рӯз | Таъхир зиёда аз 90 рӯз |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Асрор | 300 | 150 | 150 | | | |
| Аброр | 600 | | 300 | 300 | | |
| Ансор | 1 200 | 400 | | 400 | 400 | |
| Айёр | 2 400 | | 800 | | 800 | 800 |
| дигарон | 55 500 | 19 450 | 13 750 | 9 300 | 8 800 | 4 200 |
| чамъ | 60 000 | 20 000 | 15 000 | 10 000 | 10 000 | 5 000 |
| % қарзҳои шубҳанок | | 1,0 | 5,0 | 10,0 | 25,0 | 50,0 |
| **Захираи қарзҳои шубҳанок** | **6 950** | **200** | **750** | **1 000** | **2 500** | **2 500** |

Дар мисоли мазкур ҳисобҳои ширкат, ки бояд мувофиқи мӯҳлат пардохт карда шаванд, пешниҳод гардидаанд. Ҳар як ҳисоб барои қабул ба гурӯҳҳои зерин тасниф шудааст: мӯҳлати пардохт нарасидааст, таъхир аз 1 то 30 рӯз, таъхир аз 31 то 60 рӯз, таъхир аз 61 то 90 рӯз ва таъхир зиёда аз 90 рӯз. Барои ҳар як гурӯҳ фоизи пешгӯишудаи қарзҳои шубҳанок нишон дода шудааст.

Ҳисобкуниҳои чадвали мазкур нишон медиҳанд, ки фақат 1% ҳисобҳо барои қабул, ки мӯҳлати пардохташон ҳоло нарасидааст ва 5% ҳисобҳо бо таъхири аз 1 то 30 рӯза пардохт намегарданд. Тачрибаи мавчуда имконияти пешбинии онро медиҳанд, ки аз ҳисобҳо барои қабули мӯҳлати пардохташон аз 31 то 60 рӯз, аз 61 то 90 рӯз ва зиёда аз 90 рӯз таъхирафтода мувофиқан 10%, 25% ва 50%-и ҳисобҳо пардохт намегарданд. Дар натича, ба маблағи 6 950 в.ш. аз маблағи умумии 60 000 в.ш. ҳисобҳо пардохт намегарданд.

Фарз кардем, ки бақияи чории дебетӣ аз рӯи ҳисоби «Захираҳо аз рӯи қарзҳои чоранопазир» баробари 1 050 в.ш. аст. Ҳамин тариқ, маблағи пешбинишавандаи харочот аз рӯи қарзҳои шубҳанок барои соли 2009 8 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Ҳисобкуниҳо ба тариқи зайл сурат мегиранд:

*Қарзҳои шубҳаноки пешбинишаванда..............................................................6 950*
*Чамъ: Бақияи дебетии ҳисоби "Захираҳои қарзҳои чоранопазир"............................1 050*
*Харочот аз рӯи қарзҳои шубҳанок.....................................................................8 000*

Агар ҳисоби "Захираҳо аз рӯи қарзҳои чоранопазир" бақияи кредитӣ дошта бошад, маблағи он бояд аз маблағи қарздории шубҳаноки пешбинишаванда тарҳ гардад.

Харочот аз рӯи қарзҳои шубҳанок дар баҳисобгирӣ чунин қайд меёбад:

***31 декабр:***

*Харочоти қарзҳои шубҳанок............................................8000*
*Захираи қарзҳои чоранопазир................................................8000*

Чӣ хеле мебинем, усули фоиз аз фурӯши соф дар асоси ҳисобот оиди натичаҳои молиявӣ-хочагӣ буда, мувофиқан, ҳангоми истифодаи ин усул, қарзҳои пешбинишавандаи шубҳанок ба бақияи чории ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» чамъ карда мешаванд. Усули таснифи ҳисобҳо аз рӯи мӯҳлати пардохт дар асоси баланси бухгалтерӣ буда, ҳангоми истифодаи он бақияи ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» ислоҳ карда мешавад.

Ширкатҳо ҳуқуқ доранд, ки ҳардуи усулро дар як вақт барои тасдиқи ҳисобкуниҳо мавриди истифода қарор диҳанд. Мисол, ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи фосилавӣ бисёре аз ширкатҳо бо сабаби камхарчӣ усули фурӯши қарзии софро истифода мебаранд. Аммо дар охири сол онҳо мӯҳлати қарздории дебиториро барои муайянкунии дарачаи бақияи захираҳои қарзҳои чоранопазир месанчанд. Агар бақияи захира аз рӯи усули фурӯши софи қарзӣ аз бақияи бо усули таснифи ҳисобҳо аз рӯи мӯҳлати пардохт ҳисобкардашуда фарқи муҳим кунад, андозаи фоизи барои фурӯши қарзӣ истифодашавандаро тағйир медиҳанд.

Азбаски маблағи умумии қарздории дебитории азҳисоббаровардашуда аҳёнан баробари маблағи дар кредити ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» аксёфта аст, ин ҳисоб дорои бақияи дебетӣ ё кредитӣ буда метавонад. Агар маблағи ҳисобҳои азҳисоббаровардашуда камтар аз захираи пешакӣ ҳисобкардашуда бошад, ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» дорои бақияи кредитӣ мегардад. Дар ҳолати баръакс ин ҳисоб бақияи дебетӣ дорад.

Навишти ислоҳие, ки бо мақсади муайянкунии маблаги пешакии қарзи шубҳанок дар соли чорӣ ба амал бароварда мешавад, бақияи дебетиро дар охири давраи ҳисоботӣ аз байн мебарад. Баъзе аз мизочон, ҳангоми пешгӯии хариди дарпешистода хато карда, ба маблағи муайян зиёд пул пардохт мекунанд. Агар ҳисобҳои чузъии харидорон дар журнали қайди қарздории дебиторӣ бақияи кредитӣ дошта бошад, ин вазъият ба бақияи ҳисоби «Ҳисобҳо

барои қабул» ягон таъсире намерасонад. Дар баланс маблағи ҳисобҳои мизоҷон, ки бақияи кредитӣ доранд, ҳамчун ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат нишон дода мешаванд.

Зеро ширкат дар назди харидорон ба маблағи пули зиёдатӣ супоридаи онҳо ӯҳдадор аст. Бо ибораи дигар, бақияи ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» ҳамеша ба таври муфассал: ҳам аз рӯи дебет ва ҳам аз рӯи кредит нишон дода мешавад[4].

Дар моддаи балансии «Ҳисобҳо барои қабул" фурӯше, ки дар чараёни фаъолияти истеҳсолии маъмул ба мизоҷони доимӣ ба амал бароварда мешавад, инъикос мегардад. Ҳангоми пешниҳоди қарз ё баамалбарории фурӯш ба ашхосе, ки ба ин гурӯҳ дохил нестанд, онҳо дар активи баланс аз рӯи моддаи «Қарздории дебиторӣ кормандон ва ашхоси мансабдор» нишон дода мешаванд.

**Баҳисобгирии васиқаҳо барои қабул**

**Васиқа (Вексель - promissory note) – ин ӯҳдадории хаттии бечунучаро оиди пардохти маблағи муайяни пул аз рӯи талабот ё дар мӯҳлати муайян аст[5].** Шахсе, ки васиқаро имзо мекунад, васиқадеҳ номида шуда, шахси қабулкунандаи васиқаро ремитент меноманд.

Агар мӯҳлати пардохти васиқа камтар аз як сол бошад, ремитент онро дар баланси худ ҳамчун ***васиқаҳои қабулшуда*** дар қисмати активҳои бозоргир, васиқадеҳ бошад, онро дар баланси худ ҳамчун ***васиқаҳои додашуда*** дар қисмати ӯҳдадориҳои ҷорӣ нишон медиҳад.

Сабабҳои асосии истифодабарии васиқаҳо:

- дароз намудани мӯҳлати пардохт (барои пӯшонидани қарздории дебиторӣ батаъхирафтода);
- далели мӯътамадтари қарздорӣ нисбат ба счёт - фактура ё дигар ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ;
- асоси расмӣ барои гирифтани фоиз;
- усули осони молиягузорӣ;
- имконияти барориш ба муомилот.

Манбаъи асосии васиқаҳои қабулшуда амалиётҳои қарзӣ мебошанд.

Хусусиятҳои асосии васиқаҳои қабулшуда:

- ➢ муайянкунии мӯҳлати амали васиқа бо рӯз, бо назардошти санаи тартиби он;
- ➢ истифодаи меъёри (ставкаи) фоизии эълоншуда ҳангоми муайянкунии пардохтҳои фоизӣ;
- ➢ дар ҳолати мувофиқ наафтидани меъёрҳои эълоншуда ва бозорӣ – истифодабарии меъёри бозорӣ барои баҳодеҳӣ ва ченкунии арзиши васиқа.

Бо мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ маблағи асосии васиқа бо:

- ♦ арзиши одилонаи бозорӣ ё эквиваленти арзиши пулии молҳо ё хадамоти бар ивази васиқа фурӯхташуда ё расонидашуда дар ҳолати маълум будани арзиши онҳо, ё:
- ♦ арзиши ҷории (ҳисобкардашудаи - дисконтиронидашудаи) ҳамаи пардохтҳои пулии васиқавӣ аз рӯи меъёри бозорӣ, чен карда мешавад.

**Маблағи умумӣ** - ин маблағе, ки аз рӯи он фоиз ҳисоб карда мешавад. Ҳама гуна маблағе, ки зиёда аз маблағи умумӣ пардохт мегардад, фоиз аст. **Арзиши номиналии** васиқа – ин маблағи пулии дар васиқа нишондодашуда ба ғайр аз фоизе, ки бояд дар охири мӯҳлати муомилоти васиқа пардохт мегардад, мебошад. Дар ин маврид, бояд ягон шарти пардохтнамоии маблағи асосӣ мувофиқи ҷадвали муайян мавҷуд набошад. Маблағи умумӣ баробар аст ба арзиши номиналӣ, агар меъёри эълоншудаи фоизӣ баробари меъёри бозорӣ бошад. Даромади умумии фоизӣ дар давоми мӯҳлати муомилоти васиқа ба маблағи умумии дохилшавиҳои пулӣ тарҳи маблағи умумӣ мувофиқат мекунад.

Васиқа фоизнок ё бефоиз буда метавонад.

Ҳангоми баҳисобгирии васиқаҳои оддӣ мебояд оиди нишондеҳандаҳои зерин тасаввурот дошт:

- санаи пардохт (maturity date);
- мӯҳлати васиқа (duration of note);
- фоизи қарзӣ (interest) ва меъёри фоизӣ (interest rate);
- маблағи пардохт (maturate value);
- баҳисобгирии васиқа (to discount) ва меъёри баҳисобгирӣ (the discount);
- пардохт аз рӯи васиқаи баҳисобгирифташуда(proceeds from discounting).

---

[4] Ин ҳолат ба мо ҳисоби ба ҳама маълуми активию пассивии «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторон ва кредиторон»-ро ки дар амалияи баҳисобгирии давлатҳои собиқи шӯравӣ истифода мешуд, ба хотир меорад, гарчанде дар амалияи хориҷӣ ҳеҷ гоҳ мафҳуми «активию пассивӣ» истифода намегардад.(Эзоҳи . М.А.)

[5] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 1999. –496с. стр. 148

| Васиқаи фоизнок | Васиқаи бефоиз |
| --- | --- |
| Дар васиқаҳои фоизнок меъёри фоиз алоҳида аз маблағи васиқа нишон дода мешавад. Васиқаҳои фоизнок маблағи асосии васиқаро ҳамчун арзиши номиналӣ аниқ нишон медиҳанд. Ширкати васиқаи фоизнок пешниҳод намуда, дар санаи пардохт арзиши номиналии васиқа ҷамъи фоизи дар санаи тартибдеҳии ҳисобот ҳисобкардашударо пардохт месозад. Васиқаҳои фоизнок ба ду намуд вобаста аз шакли пардохти пулӣ ҷудо мешаванд: (1) *васиқаҳои оддӣ*, ки фақат пардохти пулии фоизҳоро ба ғайр аз пардохти ниҳоӣ пешбинӣ менамоянд, ва (2) *васиқаҳои мураккаб*, ки ҳангоми онҳо пардохтҳои пулӣ дар худ ҳам фоиз ва ҳам маблағи асосиро дар назар доранд. | Дар васиқаи бефоиз фоизи аниқ нишон дода нашуда, ба ҷои он ба таври ғайримустақим меъёри фоиз, ки меъёри реалии фоизӣ ё даромади фоизӣ номида мешавад, акс меёбад. Арзиши номиналии ин гуна васиқаҳо дар худ ҳам маблағи қарз ва ҳам фоизи қарзиро, ки дар ҷамъ маблағи ягонаи пардохтиро дар санаи пардохт ташкил менамоянд, дарбар мегирад. Қарзгиранда маблағеро, ки баробари арзиши номиналии васиқа набуда, фарқи байни арзиши номиналӣ ва фоизи васиқа аст, мегирад. Маблағи дар васиқа ҳамчун воситаҳои пулии қабулшаванда нишон додашуда – ин арзиши дисконтиронидашудаи маблағи номиналӣ бо истифодаи меъёри реалии фоиз мебошад. |

Зери мафҳуми **санаи пардохт** рӯзи пардохти васиқаро мефаҳманд. Вай ё дар худи васиқа нишон мешавад, ё ба тарики дигар муайян мегардад. Аксар вақт мӯҳлатҳои зерини пардохт нишон дода мешаванд:

- санаи конкретӣ;
- миқдори муайяни моҳҳо аз рӯзи тартибдеҳии васика;
- миқдори муайяни рӯзҳо аз санаи тартибдеҳии васика.

**Расми №8. Васиқаи оддӣ** *




Чӣ тавре пештар нигошта шуда буд, **мӯҳлати васиқа** бо рӯз муайян карда мешавад. Мисол, васиқа ба мӯҳлати аз 10 март то 10 июн навишта шудааст. Мӯҳлати васиқа 93 рӯзро ташкил мекунад:

| | |
| --- | --- |
| Рӯзҳои боқимондаи моҳи март | 22 |
| Рӯзҳо дар моҳи апрел | 30 |
| Рӯзҳо дар моҳи май | 31 |
| Рӯзҳо дар моҳи июн | 10 |
| Ҳамагӣ рӯзҳо | 93 |

**Фоизи қарзӣ** ва **меъёри фоизӣ** дар худ ё пардохти пулиро барои истифодаи қарз, ё подошро барои қарзи пешниҳодшуда ифода менамоянд. Бузургии фоизи қарзӣ аз се омили зерин вобастагӣ дорад:
- номинали васиқа;
- меъёри фоиз;
- мӯҳлати пешниҳоди қарз.

Барои ҳисобкунии фоизи қарз формулаи зерин истифода мегардад:

***Номинали васиқа * меъёри фоиз* вақт = фоизи қарз***

Фоизи қарзӣ аз рӯи васиқаи 1000 в.ш. арзиш дошта, ки пас аз се моҳ пардохта мешавад ва меъёри фоизиаш 12% аст, чунин ҳисоб карда мешавад:

1,000 * 12% / 100% * 3/12 = 30 в.ш.

Агар васиқа на ба мӯҳлати се моҳ, балки ба мӯҳлати 6 моҳ навишта шуда бошад, фоизи қарзӣ маблағи зеринро ташкил мекард:

1,000 * 12% / 100% * 6/12 = 60 в.ш.

Маблағи пардохт баробар аст ба маблағи умумие, аз рӯи васиқа дар санаи пардохт дода мешавад:

***Маблағи пардохт = номинал + фоизи қарзӣ***

Васиқаро ба ҳисоб гирифтан - ин яъне гирифтани пешакии фоизи қарзист. Меъёри баҳисобгирӣ дар худ маблағи фоизи қарзии тарҳкардашударо ифода мекунад.

***Меъёри баҳисобгирӣ =маблағи пардохт* меъёри фоизӣ* вақт***

Ҳангоми баҳисобгирии васиқаи гирифташуда, маблағи бадастовардаи қарздеҳ пардохтро аз рӯи васиқаи баҳисобгирифташуда ташкил мекунад.

***Пардохт = маблағи пардохт – фоизи қарзи***

*Мисоли 7.* 1 июли соли 2008 ширкати «Астра» аз ширкати «Прима» барои пӯшонидани қарздории дебиторӣ ба маблағи 40 000 в.ш. васиқаи 12% -ро ба мӯҳлати 90 рӯз қабул кард. Дар баҳисобгирӣ ин амалиёт чунин акс мсёбад:

1. Қабули васиқа:

***01.07. Васиқаи қабулшуда......................................................40 000***
***Ҳисобҳо барои қабул..........................................................40 000***

2. Ҳисобкунии фоиз:

***31.07. 40 000*0,12*31/360= 413,33***
***Фоизҳо барои қабул......................................................413,33***
***Даромади фоизи.............................................................413,33***

3. Пардохти васиқа:

***Воситаҳои пулӣ.........................................................41 200***
***Васиқаҳои қабулшуда....................................................40 000***
***Даромади фоизӣ..........................................................786,67***
***Фоизҳо барои қабул.......................................................413,33***

4. Фарз кардем, ки «Прима» дар вақти расидани мӯҳлат аз пардохти васиқа даст кашид. Инъикоси васиқаи радшуда дар баҳисобгирӣ:

***29.09. Ҳисобҳо барои қабул.........................................................41 200***
***Васиқаи қабулшуд.........................................................40 000***
***Фоизҳо барои қабул.... ........................................................1 200***

*Мисоли 8*. Ширкати "Зоҳир" ба бонк 60 рӯз пеш аз санаи пардохт васиқаи 10 000 в.ш. арзиш дошта, ки ба мӯҳлати 120 рӯз бо меъёри 12% дода шудааст, пешниҳод намуд. Меъёри баҳисобгирии бонк 15%- ро ташкил медиҳад. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин акс мсёбад:

1. пешниҳоди васиқа:

маблағи пардохт:

10 000 + (10 000*0,12*120/360) =10 400

тарҳи меъёри баҳисобгирӣ: 10 200*0,15*60/360=255

10145

дар лаҳзаи пешниҳод:

***Воситаҳои пулӣ..........................................................10 145***
***Васиқа барои қабул.........................................................10 000***
***Даромади фоизӣ..............................................................145***

2. Ҳангоми радшавии васиқа дар санаи пардохт:

Маблағи қарздории дебитории эътирофшаванда:

10 145 + (10 000*0,12*60/360)= 10 345

***Ҳисобҳо барои қабул..................................................10 345***
***Воситаҳои пулӣ...............................................................10 345***

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Дар ҳисоботи молиявӣ бояд моддаҳои зерини қарздории дебиторӣ шарҳ дода шаванд:

1. қарздории дебитории тиҷоратӣ (ҳисобҳо барои қабул);
2. қисмати ҷории қарздории дебитории дарозмуддат:
3. қарздории дебитории ғайр:
- бунаки пешниҳодгардида (авансы, выданные);
- андозҳо;
- ҳаққусаҳм барои қабул;
- қарздории рафоқати фаръӣ;
- қарздории ашхоси мансабдор;
4. фоизи ҳисобкардашуда;
5. харочоти давраи оянда.

Дар шарҳия бояд меъёрҳои фоизӣ, мӯҳлатҳои пардохтшавии васиқаҳо. навбатнокии пардохтҳо ва дигар хусусиятҳои шартномаҳои қарзӣ кушода шаванд. Махсусан бояд ахборот оиди бузургии қарзҳои ҷоранопазир, фоизи захирасозӣ, сиёсати баҳисобгирии ширкат нисбати амалиётҳои факторингӣ кушода гардад.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ. 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе. Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности. Алматы, 2001.
7. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы. 2002.
8. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
9. Финансовый учет. Учебное пособие. Бишкек . 2001.
10. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. – Б: «Ариал-Принт», 2000.-324.
11. Стандарты бухгалтерского учета, методические рекомендации, Генеральный план счетов: Сборник документов: - Алматы: Раритет. 2000.-320с.
12. Качалин В.В. Финансовый учет и отчетность в соответствии со стандартами QAAP. 2-ое изд. перераб. - М: Дело, 1998. – 432с.
13. Мюллер Герхард Г. и др. Учет: международная перспектива – 2-е изд. перераб. – М: Финансы и статистика, 1996. - 136г.
14. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
15. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М: Финансы и статистика. 1997.. – 496с.
16. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М: Финансы и статистика, 1997
17. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М: Финансы и статистика, 1996.
18. Accounting principles /Jack L. Smith, Robert M. Keith William L. Stephens. – 4th ed. – New York – 1993. 1314p.


**Супориш барои худсанҷӣ**

**1. Ҳисобҳо барои қабул ва қарзҳои шубҳанок**

Маркази инкишофи соҳибкорӣ бизнеси худро 1 ноябри соли 2008 оғоз намуд. Дар зер ахбороти интихобӣ аз байни амалиётҳои солҳои 2008-2009 оварда шудааст:

**2008с.**

01.10-31.12 Даромад аз фурӯши нақдина 40 000 в.ш.; аз фурӯши қарзӣ бошад, 120 000 в.ш. – ро ташкил дод.

01.10-31.12 Марказ маблағи 60% фурӯши қарзиро гирифт;

31.12. Марказ бузургии қарзҳои шубҳанокро барои ин сол ба андозаи 2 400 в.ш. баҳо дод. Марказ усули мустақими азҳисоббарории қарзҳои шубҳанокро истифода намебарад;

**2009с.**

05.01. Марказ ҳисоберо ба маблағи 156 в.ш. ҳамчун қарзи чоранопазир аз ҳисоб баровард;

22.04 Ҷаноби Ҷумъақул Мирзоев, ки ба марказ 75 в.ш. қарздор буд, муфлис эълон гардид;

10.06. Аз ҷониби Мирзоев Ҷ. Ба маблағи 75 в.ш. чек қабул гардид;

01.01-31.12. Ҳисобҳои инфиродии дигар ба маблағи 1 268 в.ш. ҳамчун чоранопазир аз ҳисоб бароварда шуданд;

01.01-31.12. Даромад аз фурӯши қарзӣ 480 000 в.ш.-ро ташкил дода, 88%-и ҳисобҳо ҳоло пардохт нагардидаанд;

01.01.-31.12. Даромад аз фурӯши нақдӣ 320 000 в.ш.-ро ташкил дод;

31.12. Марказ бузургии қарзҳои чоранопазирро барои соли 2001 дар андозаи 8 448в.ш. баҳо медиҳад.

***Талаб карда мешавад:***

1. мукотиботи журналиро барои бақайдгирии амалиётҳои дар боло овардашуда тайёр кунед;
2. бақияи ҳисобҳои «Ҳисобҳо барои қабул» ва «Захираи қарзҳои чоранопазир» -ро дар 31 декабри соли 2009 муайян кунед.

**2. Харочоти қарзҳои шубҳанок**

Ҳангоми дида баромадани навиштаҷотҳои молиявии ширкати «Аршан» далелҳои зерин муқаррар гардиданд:

1. Дар давоми соли 2008 даромад аз фурӯш 650 000 в.ш.-ро ташкил намуд.: 98%-и фурӯш қарзӣ буд;
2. Ҳисоби «Захираи қарзҳои чоранопазир» дар 1 январи соли 2008 бақияи кредитиро ба маблағи 9 900 в.ш. доро буд.,
3. Дар давоми соли 2000 ҳ
4. ҳисобҳо ба маблағи 8 800 в.ш. ҳамчун чоранопазир аз ҳисоб бароварда шуданд.

***Талаб карда мешавад:***

Бузургии харочоти қарзҳои шубҳанокро барои соли 2008 бо истифодаи усулҳои зерин ҳисоб кунед:

- Усули азҳисоббарории мустақим;
- Усули фоиз аз фурӯши қарзии соф бо назардошти он, ки маъмурият 1,75% -и фурӯшро шубҳанок меҳисобад;
- Усули мӯҳлати пардохт бо назардошти он, ки маъмурият бузургии қарзҳои чоранопазирро дар 31 декабр ба андозаи 11 750 в.ш. муқаррар намудааст.

**3. Ҳисобкунии захираи қарз хои чоранопазир бо усули баҳисобгирӣ аз рӯи мӯҳлати пардохт**

Ширкати «Фаровон» рӯйхати зерини ҳисобҳои пардохтпошударо дар 31 декабри соли 2008 дорад:

| | *Номи харидорон* | *Маблағ, в.ш..* | *Вазъи ҳисоб* |
|---|---|---|---|
| 1. | «Нигина» | 2 775 | Таъхири пардохт - 25 рӯз |
| 2. | «Мадина» | 5 600 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 3. | «Зарина» | 4 462 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 4. | «Нигора» | 600 | Таъхири пардохт - 130 рӯз |
| 5. | «Мунира» | 5 013 | Таъхири пардохт - 45 рӯз |
| 6. | «Саида» | 162 | Таъхири пардохт - 98 рӯз |
| 7. | «Камила» | 1 938 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 8. | «Парвина» | 762 | Таъхири пардохт - 113 рӯз |
| 9. | «Дилфуза» | 4 300 | Таъхири пардохт - 85 рӯз |
| 10. | «Рухшона» | 5 263 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 11. | «Умеда» | 3 625 | Таъхири пардохт - 115 рӯз |
| 12. | «Дилафрӯз» | 1 812 | Таъхири пардохт - 18 рӯз |
| 13. | «Ҳуснафрӯз» | 1 276 | Таъхири пардохт 250 рӯз |
| 14. | «Светлана» | 3 100 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 15. | «Нодира» | 1 056 | Таъхири пардохт - 90 рӯз |
| 16. | «Малика» | 312 | Таъхири пардохт -70 рӯз |
| 17. | «Дилрабо» | 625 | Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст |
| 18. | «Лола» | 2 500 | Таъхири пардохт -50 рӯз |
| | **Ҳамагӣ** | **45 181** | |

Ахбороти дар боло овардашударо истифода бурда, қарзҳои шубҳаноки соли 2008 – ро баҳо диҳед. Ширкат қарзҳои шубҳанокро барои ҳар як гурӯҳ чунин баҳо медиҳад:

| Фосилаи вақт | Фоизи қарзи шубҳанок |
|---|---|
| Мӯҳлати пардохт ҳоло нарасидааст | 5% |
| Таъхири пардохт аз 1 то 60 рӯз | 10% |
| Аз 61 то 90 рӯз | 20% |
| Аз 91 то 120 рӯз | 40% |
| Зиёда аз 120 рӯз | 80% |

Зарур аст, ки:

1. бузургии хароҷоти қарзҳои шубҳанокро барои соли мазкур муқаррар кард. То в.ш. бутун ҳисоб кунед;
2. мукотиботи журналиро оиди баҳисобгирии хароҷоти қарзҳои шубҳанок тайёр намуд. Ҳисоби «Захираи қарзҳои чоранопазир» бақияи ибтидоии кредитиро дар андозаи 1 188в.ш. дорад;
3. мукотиботи журналиро барои баҳисобгирии хароҷоти карзҳои шубҳанок бо назардошти он, ки ҳисоби «Захираи қарзҳои чоранопазир» бақияи ибтидоии дебетиро дар андозаи 83 в.ш. дорад, тайёр кунед.

**4. Баҳисобгирии васиқаҳои қабулшуда**

Ширкати «Афрӯз» ба ширкати «Камон» 40 000 в.ш. карздор гардид. Азбаски дар санаи пардохти қарз (1 июни соли 2008) ширкати «Афрӯз» маблағи лозимаи пулиро надошт, бо мақсади дарознамоии мӯҳлати пардохт вай ба ширкати «Камон» васиқаро пешниҳод намуда, ӯҳдадор гардид, ки қарзро пас 120 рӯз бо меъёри фоизии 12% пардохт менамоянд. Соли ҳисоботии ширкати «Камон» 31 август ба охир мерасад.

Талаб карда мешавад:

1. барои ширкати «Камон» мукотиботи журналиро барои 1 июн, 30 июн, 31 июл, 31 август ва санаи пардохти васиқа тартиб диҳед.
2. барои ширкати «Камон» навиштро ҳангоми радшавии васиқа аз ҷониби ширкати «Афрӯз» тайёр кунед.

**5. Захираҳои қарзҳои чоранопазир ва баҳисобгирии онҳо**

Маълумоти зеринро барои ширкати «Масимо» истифода бурда, мукотиботи журналиро тайёр кунед:

| | |
|---|---|
| 10 маи соли 2009 | ба ширкати «Панама» ба маблағи 3 200 в.ш. бо шарти н/10 мол фурӯхт; |
| 20 июни соли 2009 | аз ширкати «Панама» 1000 в.ш. –и нақд гирифт; |
| 25 июли соли 2009 | маблағи боқимондаи қарздории дебиторӣи ширкати «Панама» дар лаҳзаи эълони муфлисшавии он ҳамчун чоранопазир аз ҳисоб бароварда шуд; |
| 30 июли соли 2009 | ғайричашмдошт аз ширкати «Панама» чек ба маблағи 1 200 в.ш. қабул гардид. |

**6. Фоизҳо аз рӯи васиқаҳо барои қабул**

Маблағи фоизро барои васиқаҳои зерин муайян кунед:

A. 12 000 в.ш., 18% ба мӯҳлати 60 рӯз;
B. 6 000 в.ш., 9% ба мӯҳлати 90 рӯз;
C. 10 000 в.ш., 6% ба мӯҳлати 45 рӯз;
D. 12 000 в.ш., 15% ба мӯҳлати 120 рӯз;
E. 3 000 в.ш., 12% ба мӯҳлати 30 рӯз.

**7. Ҳисобҳо барои қабул**

Амалиётҳои зерини ширкати «Масимо»-ро дар баҳисобгирӣ қайд намоед:

a) Ба харидор ба маблағи 36 000в.ш. и нақдӣ мол фурӯхта шуд..Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда 32 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад.
b) Харидор молро ба маблағи 120 в.ш. баргардонида пулашро гирифт. Арзиши аслии моли баргардонидашуда 105 в.ш.- ро ташкил медиҳад. Мол ба ҳисоби захираҳо дохил карда шуд.
c) Ба харидоре ба маблағи 40 000 в.ш. бо шарти 5/30, н/90 мол ба қарз фурӯхта шуд. Арзиши аслии моли фурӯхташуда 36 000 в.ш.-ро ташкил медод.
d) Аз харидори мазкур дар давоми давраи амали тахфиф барои моли фурӯхташуда пул гирифта шуд.

**8. Қарздории дебиторӣ – мукотибот ва кушоиш**

Дар баланси бухгалтерии ширкати «Озод» дар 31 декабри соли 2008 маблағи зерин инъикос ёфтааст:

***Қарздории дебиторӣ..............................................................15 842***

Бақияи мазкур аз ҳисобҳои зерин гирифта шудааст:

***Ҳисобҳо барои қабул............................................................16 000***
***Захираи қарзҳои чоранопазир..................................................4 000***
***Васиқаҳо барои қабул............................................................3 600***
***Фоизҳо барои қабул.................................................................242***

Аз рӯи ҳисобкуниҳои ширкат қарзҳои шубҳанок 5 5 –и ҳаҷми фурӯши насиявиро ташкил менамоянд. Фурӯши умумии насиявӣ дар соли 2008 64 000 в.ш.-ро ташкил дод.

1 сентябр мизоҷе, ки қарзи батаъхирафтодаро дошт, шартномаро бо ширкати «Озод» оиди пардохт 3 600 в.ш. пас аз як сол, инчунин пардохти фоиз аз рӯи васиқа бо меъёри солонаи 20% баст. Бақияи ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» дар 1 январи соли 2008 12 600 в.ш., бақия аз рӯи ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» -2 460 в.ш.-ро ташкил менамуд.

1. мукотиботеро, ки ширкати «Озод» 1 сентябри соли 2008 ҳангоми бастани шартнома ба амал баровардааст, нависед.
2. а) мукотиботеро, ки ширкат барои ҳисобкунии фоизҳои васиқа 30 сентябри соли 2008 ба амал баровардааст, нависед.
   б) мукотиботи мувофиқро барои 31 октябри соли 2008 нависед.
   с) мукотиботи мувофиқро барои 30 ноябри соли 2008 нависед.
   д) мукотиботи мувофиқро барои 31 декабри соли 2008 нависед.
3. шарҳи зарурии ҳисоботи молиявиро оиди бақияи қарздории дебиторӣ диҳед.

**9. Баҳисобгирии васиқаҳои додашуда**

Амалиётҳои зеринро дар баҳисобгирии бухгалтерӣ инъикос намоед.

а) Аз харидор Зарипов Э. 1 июн васиқаи 12% -и мӯҳлаташ 30 рӯза ба маблағи 10 000 в.ш. барои пӯшонидани қарздории дебитории мавҷуда қабул шуд.

б) Васиқа пас аз 30 рӯз пардохт гардид.

в) Зарипов Э. аз пардохти васиқа даст кашид.

г) ба бонк 30 рӯз пеш аз пардохт васиқа ба маблағи 5 000 в.ш., ки 9% ва мӯҳлаташ 60 рӯза аст, дода шуд. Банк онро ҳамчун нақдина бо меъёри баҳисобгирии 12% ба ҳисоб мегирад. Пардохтро аз рӯи васиқаи баҳисобгирифташуда инъикос намоед.

**10. Усулҳои бунёди захираи қарзҳои шубҳанок**

Дар солҳои 2008-2009 ширкати «Мах» амалиётҳои зеринро гузаронид:

**2008 с.**

31.12. Хароҷоти қарзҳои шубҳанок ҳамчун ¼ аз 1% -и фурӯши насиявӣ ба маблағи 300 000в.ш. баҳо дода шуданд;

31.12. Мукотиботи маҳкамкунӣ ба амал бароварда шуданд.

**2009 с.**

17.01. Ба Руслан ба маблағи 652 в.ш. ба тариқи насиявӣ бо шарти 2/10, n/30 мол фурӯхта шуд;

29.07. Ҳисоби Руслан ҳамчун чоранопазир пас аз якчанд кӯшиши гирифтани пул аз ӯ аз ҳисоб бароварда шуд;

7.08. Аз Руслан 250 в.ш., инчунин мактуб оиди он, ки вай қарзи боқимондаро дар давоми 30 рӯз пардохт менамояд, гирифта шуд. Ҳисоби ӯ ба маблағи пурра барқарор карда шуд;

6.09. Бақияи қарзи дебиторӣ аз Руслан гирифта шуд;

31.12. Мукотиботи мураккаб оиди азҳисоббарории ҳисобҳои зерин ҳамчун чоранопазир ба амал бароварда шуд: Акмал - 737 в.ш., Зариф - 348 в.ш., Ҳамза - 622 в.ш.;

31.12. Хароҷоти қарзҳои шубҳанок барои сол ҳамчун 2/3 аз 1% -и фурӯши насиявӣ ба маблағи 420000 в.ш. баҳо дода шуданд.

***Талаб карда мешавад:***

1) Дар китоби асосӣ ҳисобҳои «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» ва «Хароҷоти қарзҳои шубҳанок»-ро кушоед;
2) Амалиётҳоро дар журнали асосӣ инъикос намуда, ба ҳисобҳои китоби асосӣ гузаронед;
3) Бақияи ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» дар 31 декабри соли 2009 139 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Нишон диҳед, ки чӣ хел ин ҳисобро ширкат мебарад:
4) Тасаввур кунед, ки ширкати Мах» қарздории дебиториро аз рӯи мӯҳлати пардохт тақсим менамояд. 31 декабри соли 2009 бақияи ҳисоби «Ҳисобҳо барои қабул» 139 000 в.ш.-ро ва бақияи кредитии ҳисоби «Захираҳои қарзҳои чоранопазир» 543 в.ш.-ро тартиб дода, ширкат чунин мешуморад, ки ба маблағи 2 600 в.ш. қарздории дебиторӣ чоранопазир аст.
5) Аз рӯи қарзҳои чоранопазир мукотиботи ислоҳиро ба амал бароред.
6) Нишон диҳед, ки дар баланси бухгалтерӣ дар санаи 31 декабри соли 2009 қарздории дебиторӣ чӣ тавр акс мегардад.
7) Ҳар ду усули захирасозии қарзҳои шубҳанокро мувофиқан истифода баред.

## Боби 8. Активхои ҷорӣ: захираҳои моддию молӣ

***Мақсади омӯзиш***
***Таъриф ва таснифоти захираҳои моддию молӣ***
***Баҳои захираҳои моддию молӣ аз рӯи арзиш аслӣ***
***Усулхои баҳодиҳии арзиши аслии захираҳои моддию молӣ (ЗММ)***
***Баҳодиҳии ЗММ аз рӯи арзиши холиси фурӯш***
***Низоми баҳисобгирии ЗММ***
***Эътирофи хароҷоти ЗММ***
***Таҳлили захираҳои молӣ***
***Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ***
***Адабиёти тавсияшаванда***
***Супоришҳо барои кори мустақилона***

### Мақсади омӯзиш

Баъди омӯзиши ин мавзӯъ Шумо бояд амалҳои зеринро донед ва иҷро карда тавонед:

- таърифи ЗММ ва фарқияти гурӯҳҳои асосии онҳо;
- фарқияти тарзҳои асосии баҳодиҳии ЗММ;
- тасаввуроти амиқи элементҳои асосии арзиши аслии ЗММ;
- муайянкунии арзиши аслии моли фурӯхташуда, захира ва бузургии фоидаи умумӣ ҳангоми истифодабарии усулҳои идентификатсияи хосса, арзиши миёнаи баркашида, FIFO ва LIFO;
- бо истифодаи системаҳои бе фосила ва даврии баҳисобгирии захираҳо бурда тавонистани баҳисобгирии ЗММ;
- дар ҳисоботҳои молиявӣ кушодани иттилоот оиди ЗММ.

### Таъриф ва таснифоти ЗММ.

Мувофиқи СБҲМ – 2 «Захираҳо», захираҳо – активҳоеанд, ки:

- *барои фурӯш дар раванди фаъолияти муқаррарӣ таъин шудаанд;*
- *дар раванди истеҳсолот барои фурӯш; ё*
- *дар шакли ашёи хом ё масолеҳ барои истифодабарӣ дар раванди истеҳсолот ё хизматрасонӣ таъин шудаанд.*

Захираҳои моддию молӣ - ин активҳо дар намуди:

а. маҳсулоти тайёр ва моли барои фурӯш дар рафти фаъолияти субъект таъин шуда; аз ҷумла мол дар роҳ, ки ба вай соҳиби ҳуқуқӣ гаштаанд:
б. истеҳсолоти нотамом, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ;
в. захираи ашёи хом, масолеҳ, масолеҳи нимтайёри харидоришаванда ва мосолеҳи пуракунанда, маҳсулоти сохтмони ва деталҳо, сӯзишворӣ, зарф ва масолеҳи зарфӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар масолеҳи барои истифода дар раванди истеҳсолот, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ таъиншуда.

ЗММ ба воситаҳои гардон тааллуқ доранд, зеро ки одатан онҳо дар давоми як сол ба пули нақд мубаддал мегарданд. Дар баланс ЗММ баъди моддаи «Хисоб барои гирифтан» инъикос мешавад, зеро онҳо нисбатан камтар бозоргиранд.

Ба қатори ЗММ дохил карда намешаванд:

- молҳои ҳангоми барӯйхатгирӣ ошкор шуда, ки ба онҳо корхона соҳибҳуқуқ нест. Ин молҳое мебошанд, ки бо фармоиши мизоҷон тайёр карда шудаанд ва борккуниро нигаронанд;
- Молҳои дар консигнатсия буда. Консигнатсия (consignment) ҷойгиркунии соҳиби мол (ки бо номи «комитент» ё ин ки «консигнант» (consigner) маълум аст) молашро дар анборҳои дигар фирма (бо номи «таҳвилгар» («консигнатор» «consignee»)). Таҳвилгар набояд ингуна молро ба таркиби захираҳои молии худ дохил кунад, зеро то вақти фурӯш ин молҳо моликияти консигнант мебошанд.

### Баҳои захираҳои моддию молӣ аз рӯи арзиши аслӣ

Мувофиқи СБҲМ –2 «Захираҳо», *захираҳо аз рӯи қимати хурдтарин аз ду бузургии зерин баҳо дода мешаванд: арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш (нархи софи фурӯши имконпазир).*

Пеш аз дида баромадани баҳои ЗММ, арзиши аслии ЗММ-ро барои соҳаҳои гуногун муайян мекунем.

Арзиши аслии ЗММ корхонаҳои истеҳсолӣ аз:

А) ***хароҷоти харид****и* ЗММ, ки аз арзиши харид (маблағи ҳисоб –фактура бо тарҳи тахфифи харид), боҷи гумрукии воридот ва дигар андозҳо (бо тарҳи андози барқароршаванда), хароҷоти нақлиётӣ (бо назардошти боркунӣ, борфарорӣ ва суғуртаи мол дар роҳ), дигар хароҷоти бевоситаи бо харид вобаста;

В) ***хароҷот барои коркард***, хароҷоти бевосита бо истеҳсоли маҳсулоти тайёр алоқаманд буда, аз ҷумла:

1) хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо аз фонди музди меҳнати коргарони бевосита дар дастгоҳ ва таҷҳизот бо коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр машғулбуда;
2) тақсимкунии даврии хароҷоти иловагии доимӣ ва тағйирёбандаи ҳангоми коркарди ашёи хом ва масолеҳ ба маҳсулоти тайёр баамаломада;

С) ***дигар хароҷоти*** ҳангоми ба ҷои ҷойгиркунии ЗММ кашонидан ё ба ҳолати лозима овардан (ба анбор кашонидани маҳсулоти тайёр, хароҷоти ба тартиборип мол аз рӯи фармоишҳои мушаххас ва ғайра), иборат аст.

Ба арзиши ЗММ дохил намешаванд:

- ✓ талафоти аз меъёр зиёди ашёи хом, меҳнати сарфшуда ё дигар хароҷоти истеҳсолӣ;
- ✓ хароҷоти нигоҳдории ЗММ байни давраҳои алоҳидаи раванди истеҳсолӣ, ба ғайр аз хароҷоте, ки дар ҷараёни истеҳсолот зарур аст;
- ✓ хароҷоти маъмурӣ – идоракунӣ;
- ✓ хароҷоти тиҷоратӣ.

Арзиши аслии ЗММ корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ аз:

А) хароҷоти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи иҷтимоии кормандони бевосита ба хизматрасонӣ машғул буда, аз ҷумла ҳайати роҳбарияти миёна;

В) хароҷоти масолеҳи ёрирасон;

С) хароҷоти иловагии бевосита дар раванди хизматрасонӣ ба амал омада, иборат аст.

Музди меҳнат ва дигар хароҷоти тиҷоратӣ ва маъмурӣ ба арзиши аслии ЗММ дохил карда нашуда, ҳамчун хароҷоти давр аз эътибор соқит карда мешаванд.

**Усулҳои баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ**

Ҳангоми баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ усулҳои зеринро истифода бурдан мумкин аст:

- идентификатсияи махсус (specific identification method);
- арзиши миёнаи баркашида (average- cost method);
- ФИФО (First – In, First – Out – method FIFO);
- ЛИФО (Last – in, First – Out – method LIFO);

***Усули идентификатсияи махсус*** барои баҳодиҳии арзиши аслии ЗММ, ки якдигарро ивазкунанда намебошанд, мол ва хизматрасонии истеҳсолшуда ва барои фармоишу лоиҳаҳои махсус таъиншуда, истифода бурда мешавад.

Усули идентификатсияи яклухтро ҳангоми харид ва фурӯши молҳои қимматбаҳо аз қабили автомобил, таҷҳизоти мошинавии техникии вазнин, маҳсулоти заргарӣ истифода бурдан мумкин аст. Бо сабабҳои зерин ин усул кам истифода бурда мешавад:

- ➢ дар бисёр ҳолатҳо назорати харид ва фурӯши воҳидҳои мушаххаси мол мушкил ва ғайриамалӣ мебошад;
- ➢ агар корхона бо харид ё фурӯши молҳои якҷинса машғул бошад, муайян намудани он, ки кадом молҳо фурӯхта шудаанд, вакадомашон не, то андозае шартӣ мебошад..

Барои бо ***усули арзиши миёна*** муайян намудани арзиши ЗММ дар охири давра арзиши аслии миёнаи як воҳид ЗММ-ро муқаррар кардан лозим аст. Барои ин, арзиши ЗММ дар ибтидо ва арзиши аслии ЗММ-и харидашударо дар давоми давра муайян намуда, ҷамъи онҳоро ба миқдори ЗММ тақсим намудан лозим аст. Арзиши аслии миёнаро ба миқдори захираҳо дар охири давра зарб намуда, арзиши аслии захираро дар охири давра ҳосил мекунем.

***Мисоли 1.*** Аз рӯи маълумоти зерин арзиши аслии захираҳои молӣ дар 31 май ва арзиши аслии моли фурӯхташуда дар моҳи май муайян карда шавад.

| Май | | Миқдор, воҳид | Арзиши аслии воҳид, в.ш | Арзиши аслии умумӣ, в.ш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Захира | 200 | 3,10 | 620 |
| 7 | Харида шуд | 200 | 3,20 | 640 |
| 15 | ------//------- | 200 | 3,30 | 660 |
| 20 | -----//-------- | 300 | 3,40 | 1020 |
| 27 | ------//-------- | 300 | 3,50 | 1050 |
| Ҳамагӣ | | 1200 | | 3990 |

Захира дар охир 500 воҳид.
**Ҳал:**
Арзиши миёнаи воҳиди мол 3990/1200=3,325 в.ш
Арзиши аслии мол барои фурӯш 3 990 в.ш.
тарҳи: ЗММ дар 31 май 500*3,325 1 662,5 в.ш.
Арзиши аслии моли фурӯхташуда 2327,5 в.ш.

Ҳангоми истифодаи усули ФИФО арзиши аслии моли дар навбати аввал харидашуда ба моли дар навбати аввал фурӯхташуда мансуб дониста мешавад.

Арзиши аслии моли дар охири давра мавҷуд буда ба харидҳои охирин мансуб дониста мешавад. Усули ФИФО ҳаракати арзишро ба назар мегирад, на балки ҳаракати молро, барои ҳамин онро дар дилхоҳ намуди корхона истифода бурдан мумкин аст.

Дар мисоли як усули **ФИФО**-ро истифода бурда, арзиши аслии захираро дар охир ва арзиши аслии моли фурӯхташударо муайян мекунем:

| | |
|---|---|
| 300 воҳид *3,50в.ш./воҳид | 1050 в.ш. |
| 200 воҳид *3,40в.ш./воҳид | 680 в.ш. |
| Арзиши аслии захира дар охир | 1730 в.ш. |
| Арзиши аслии мол барои фурӯш | 3990 в.ш. |
| Тарҳ: арзиши аслии ЗММ дар 31 май | 1730 в.ш. |
| Арзиши аслии моли фурӯхташуда | 2260 в.ш. |

Ҳангоми беқурбшавӣ (инфлятсия) усули ФИФО фоидаи софи нисбатан баландро медиҳад. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми зиёдшавии нарх, корхона молро бо нархи нисбатан баланд савдо мекунад. Ҳангоми пастшавии нархи мол натиҷаи баръакс мушоҳида мешавад.

***Усули ЛИФО*** арзиши аслии моли дар охир харидашударо ба моли дар навбати аввал фурӯхташуда мансуб медонад. Арзиши аслии захира дар охир аз арзиши моли дар аввал харидашуда иборат аст. Усули ЛИФО –ро татбиқ намуда, арзиши аслии захираро дар охир ва арзиши аслии моли фурӯхташударо дар мисоли 1 муайян мекунем:

| | |
|---|---|
| 200 воҳид бо арзиши аслии 3,10 | 620 в.ш. |
| 200 воҳид бо арзиши аслии 3,20 | 640 в.ш. |
| 100 воҳид бо арзиши аслии 3,30 | 330 в.ш. |
| Арзиши аслии захира дар охир | 1590 в.ш. |
| Арзиши аслии мол барои фурӯш | 3930 в.ш. |
| Тарҳи: арзиши аслии захира дар охир | 1590 в.ш. |
| Арзиши аслии моли фурӯхташуда | 2400 в.ш. |

**Баҳои ЗММ аз рӯи арзиши холиси фурӯш**

Арзиши софи фурӯш (нархи софи фурӯши имконпазир) ин нархи фурӯши эҳтимолии мол тарҳи хароҷот оиди тайёркунӣ ва фурӯши он мебошад. *Арзиши софи фурӯш дар ҳолате истифода мешавад, ки арзиши аслиро бо сабабҳои зерин барқарор кардан имконнопазир аст:*

- маълумотҳо оиди ЗММ нуқсон доранд;
- онҳо қисман ё пурра кӯҳна шудаанд;
- нархи бозории ЗММ паст шудааст.

Баҳодиҳии ЗММ яке аз масъалаҳои нисбатан шавқовар ва васеъ муҳокимашавандаи баҳисобгирии бухгалтерӣ мебошад. Баҳои хатои ЗММ дар охири давра ба натиҷаҳои номатлуби фоидаи соли ҷорӣ ва соли оянда оварда мерасонад. Ин ба миқдори андоз аз фоида низ таъсир мерасонад.

Барои муайянкунии камтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯши ЗММ усулҳои зерин истифода мешаванд: моддавӣ, гурӯҳҳои асосии молӣ ва дараҷаи умумии захираҳо.

Усули моддавӣ барои ҳар як номгӯи ЗММ интихоби ифодаи камтаринро аз арзиши балансӣ ва арзиши софи фурӯш пешбинӣ менамояд.

Бо усули гурӯҳи асосии молӣ барои ҳар як гурӯҳи ЗММ қимати хурдтарин аз арзиши балансӣ ва арзиши софи фурӯш интихоб карда мешавад.

Бо усули дараҷаи умумии захираҳо барои тамоми ЗММ қимати хурдтарин аз арзиши балансӣ ва арзиши софи фурӯш интихоб карда мешавад.

***Мисоли 2.*** Корхона бо фурӯши автомобил машғул аст. Дар поён рӯйхати номгӯи ЗММ дар 31 декабри соли 2008 оварда шудааст. Захира аз 15 автомобил иборат аст, ки ба 3 гурӯх тақсим мешавад. Дар асоси арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш бақияи дурусти ЗММ-ро, ки дар баланси бухгалтерӣ инъикос намудан лозим аст, бо усулҳои зерин муайян кунед:

A) воҳидҳои ЗММ (усули моддавӣ);
B) гурӯҳҳои асосии ЗММ;
C) ҳаҷми умумии ЗММ.

1) Ҳангоми истифодаи ҳар яке аз ин усулҳо арзиши аслии ЗММ ба кадом маблағ кам мешавад?
2) Кадоме аз ин усулҳо нисбатан консервативӣ аст? Кадоме аз ин усулҳо нисбатан беҳтар аст?
3) Агар ЗММ аз 1500 автомобил иборат мебуд ва корхона системаи баҳисобгирии автоматикунонидашударо намедошт ин ҳолат оё ба ҷавоби шумо таъсир мерасонад? Агар ҳа, па. чӣ хел ва барои чӣ?

| № | Гурӯҳ | Арзиши аслӣ | Арзиши софи фурӯш | Хурдтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | А | 10000 | 10500 | |
| 2 | А | 11000 | 10500 | |
| 3 | А | 12000 | 10500 | |
| 4 | А | 10000 | 10500 | |
| | *Ҳамагӣ* | | | |
| 5 | Б | 14000 | 15000 | |
| 6 | Б | 15000 | 15000 | |
| 7 | Б | 14000 | 15000 | |
| 8 | Б | 13000 | 15000 | |
| 9 | Б | 17000 | 15000 | |
| 10 | Б | 16000 | 15000 | |
| | *Ҳамагӣ* | | | |
| 11 | В | 10500 | 14000 | |
| 12 | В | 11000 | 14000 | |
| 13 | В | 12500 | 14000 | |
| 14 | В | 12000 | 14000 | |
| 15 | В | 13000 | 14000 | |
| | *Ҳамаги* | | | |

*Ҳал:*

| № | Гурӯҳ | Арзиши аслӣ | Арзиши софи фурӯш | Хурдтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | А | 10000 | 10500 | 10000 |
| 2 | А | 11000 | 10500 | 10500 |
| 3 | А | 12000 | 10500 | 10500 |
| 4 | А | 10000 | 10500 | 10000 |
| | *Ҳамагӣ* | ***43000*** | ***42000*** | ***41000*** |
| 5 | Б | 14000 | 15000 | 14000 |
| 6 | Б | 15000 | 15000 | 15000 |
| 7 | Б | 14000 | 15000 | 14000 |
| 8 | Б | 13000 | 15000 | 13000 |
| 9 | Б | 17000 | 15000 | 15000 |
| 10 | Б | 16000 | 15000 | 15000 |
| | *Ҳамагӣ* | ***89000*** | ***90000*** | ***86000*** |
| 11 | В | 10500 | 14000 | 10500 |
| 12 | В | 11000 | 14000 | 11000 |
| 13 | В | 12500 | 14000 | 12500 |
| 14 | В | 12000 | 14000 | 12000 |
| 15 | В | 13000 | 14000 | 13000 |
| | *Ҳамагӣ* | ***59000*** | ***70000*** | ***59000*** |
| | Ҷамъ | 191000 | 202000 | 186000 |

a) 186000 в.ш.
в) 190000 в.ш.
с) 191000 в.ш.
1) 5000, 1000
2) а) аз арзиши аслӣ; в) вобаста ба вазъият
3)агар таносуб дар гурӯҳҳо ва арзишҳо нигоҳ дошта шавад, пас натиҷаҳо бо зарбкунии 1000 фарқ мекунанд. Фақат дар ин ҳолат ҳисобкуниҳо мураккаб мешаванд. Агар таносуб нигоҳ дошта нашавад, тағйир ёфтани ҷавобҳо мумкин аст.

Мебояд ба хотир гирифт, ки дар саноат арзиши захираи масолеҳ ва ашёи хом то арзиши софи фурӯш аз ҳисоб бароварда намешавад, агар маҳсулоти тайёре, ки аз онҳо коркард мешавад, бо нархи ба арзиши аслӣ баробар ё аз он зиёд фурӯхта мешавад.

**Низоми баҳисобгирии ЗММ**

Ду системаи баҳисобгирии ЗММ мавҷуд аст:
- баҳисобгирии даврӣ;
- баҳисобгирии бефосила.

Хангоми баҳисобгирии даврӣ дар давоми сол баҳисобгирии муфассали ЗММ бурда нашуда, арзиши аслии моли фурӯхташудаго танҳо дар сурати гузаронидани барӯихатгирӣ дар охири сол муайян кардан имконпазир аст.

Барои муайянкунии арзиши аслии моли фурӯхташуда формулаи зеринро истифода мебаранд:

***Арзиши аслии ЗММ дар ибтидои давр + арзиши аслии ЗММ-и харидашуда = арзиши аслии ЗММ барои фурӯш.***

***Арзиши аслии ЗММ барои фурӯш – арзиши аслии ЗММ дар охири давр = арзиши аслии ЗММ –и фурӯхташуда.***

Фарқияти асосии баҳисобгирии бефосилаи ЗММ аз баҳисобгирии даврии ЗММ дар он аст, ки ҳангоми баҳисобгирии бефосила дар хисоби «молҳо» доимо харидҳои нав, фурӯш ва дигар амалиётҳои бо ҳаракати молҳо вобаста инъикос мегарданд. Ҳангоми баҳисобгирии даврӣ маълумотҳои ин хисоб то вақти гузаронидани барӯйхатгирӣ бо маблағи ибтидоӣ меистад. Ҳисобҳои муваққатие, ки ҳангоми баҳисобгирии даврӣ истифода бурда мешаванд, ҳангоми баҳисобгирии бефосила истифода бурда намешаванд. Ба ин ҳисобҳо «Хариди молҳо», «Баргардонидан ва баҳои молҳои харидашуда», «Кам кардани нархи харид» ва «Харочоти нақлиётӣ оиди хариди мол» мансубанд. Ба ғайр аз ин ҳисоби «Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда» ҳангоми баҳисобгирии бефосила барои чамъшавии арзиши аслии тамоми молҳои ба харидорон фурӯхташуда истифода бурда мешавад.

***Мисоли 3.*** Корхонаи «Сайёд» дар 1 январи соли 2008 бақияҳои зеринро дошт:

Дар ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» 5 000в.ш.
Дар ҳисоби «Мол» 7 000в.ш.

аз чумла, моли А 5 дона бо нархи 200 в. ш. як донааш =1000 в. ш.
моли Б 6 дона бо нархи 500 в. ш. як донааш =3000 в. ш.
моли В 20 дона бо нархи 150 в. ш. як донааш =3000 в. ш.

Дар ҳисоби «Саҳмияҳои одди» 12000 в. ш.

Амалиётҳои зеринро бо истифодаи системаи бахисобгирии даврии ЗММ инъикос кунед:

1) 20 январи соли 2008 бо пули нақд 15 дона моли А бо нархи 200 в.ш. барои як донааш харида шуд:

*Хариди моли А*..........................................................3000
*Воситаҳои пулӣ*..........................................................3000

2) 15 марти соли 2008 ба таври насия 2 дона моли Б бо нархи 500 в.ш. барои як донааш харида шуд:

*Хариди моли Б* ..........................................................1000
*Ҳисоб барои пардохт* ..........................................................1000

3) 15 маи соли 2008 ба таври насия 18 дона моли В бо нархи 150 в.ш. барои як воҳид харида шуд:

*Хариди* моли В..........................................................2700
*Ҳисоб барои пардохт* ..........................................................2700

4) 20 июни соли 2008 10 дона моли А бо нархи 450 в.ш. фурӯхта шуд:

*Ҳисоб барои қабулю*..........................................................4500
*Даромад аз фурӯш* ..........................................................4500

5) 25 августи соли 2008 бо пули нақд 3 дона моли Б бо нархи 1200 в.ш. фурӯхта шуд:

*Воситаҳои пулӣ*..........................................................3600
*Даромад аз фурӯш* ..........................................................3600

6) 25 декабри соли 2008 ба таври насия 14 дона моли В бо нархи 325 в.ш. фурӯхта шуд:

*Ҳисоб барои қабул*..........................................................4550
*Даромад аз фуруш* ..........................................................4550

7) 31 декабри соли 2008 аз рӯи натичаи барӯйхатгирӣ дар ҳисоби «Молҳо» ислоҳ дароварда шуд. Мавчудияти мол дар 31 декабри соли 2008 чунин аст:

Моли А 10 дона бо нархи 200 в. ш. = 2000 в. ш.
Моли Б 5 дона бо нархи 500 в. ш. = 2500 в. ш.
Моли В 24 дона бо нархи 150 в. ш. = 3600 в. ш.
Чамъ: 8100 в. ш.

*Молҳо*..........................................................1100
*Ислоҳи ЗММ*..........................................................1100

8) 31 декабри соли 2008 ислоҳкунӣ оиди пӯшидани хисобҳои муваққатӣ ва муайянкунии натичаҳои молиявии ниҳоии фаъолияти хочагӣ дар соли 2008,гузаронида шуд.

а) пӯшидани ҳисобҳои даромад:

*Даромад аз фурӯш*.................................................. 12650
*Маҷмӯаи даромад ва харочот*..................................................12650

б) пӯшидани ҳисобҳои харочот:

*Маҷмӯаи даромад ва харочот* .................................. 5600
*Ислоҳкунии ЗММ* ..................................................1100
*Хариди молҳо* ..................................................6700

в) Муайянкунии натичаҳои молиявии ниҳоӣ:

*Маҷмӯаи даромад ва харочот*.......................................7050
*Фоидаи тақсимнашуда*..................................................7050

**Воситаҳои пулӣ**

| | |
|---|---|
| Бақия 5000 | 1) 3000 |
| 5) 3600 | |
| 5600 | |

**Ҳисобҳо барои қабул**

| | |
|---|---|
| 4) 4500 | |
| 6) 4550 | |
| 9050 | |

**Молҳо**

| | |
|---|---|
| Бақия 7000 | |
| 7) 1100 | |
| 8100 | |

**Ҳисобҳо барои пардохт**

| | |
|---|---|
| | 2) 1000 |
| | 3) 2700 |
| | 3700 |

**Саҳмияҳои оддӣ**

| | |
|---|---|
| | 12000 |
| | 12000 |

**Фоидаи тақсимношуда**

| | |
|---|---|
| | 6) 7050 |
| | 7050 |

**Даромад аз фурӯш**

| | |
|---|---|
| 12650 | 4) 4500 |
| | 5) 3600 |
| | 6) 4550 |
| | 12650 |
| | 0 |

**Хариди молҳо**

| | |
|---|---|
| 1) 1000 | |
| 2) 2000 | |
| 3) 3700 | 8б) 6700 |
| 6700 | 6700 |
| 0 | |

**Ислоҳи ЗММ**

| | |
|---|---|
| 8б) 1100 | 7) 1100 |
| 1100 | 1100 |
| 0 | |

**Маҷмӯи даромад ва хароҷот**

| | |
|---|---|
| 8б) 5600 | |
| 8в) 7050 | 8а) 12650 |
| 12650 | 12650 |
| 0 | |

**Ҳисобот оид ба фоида ва зарар дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2008**

| | |
|---|---|
| Даромад аз фурӯш | 12650 |
| Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда | (5600) |
| Фоидаи умумӣ | 7050 |

**Баланс дар 31 декабри соли 2008**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Активҳо | | Ӯҳдадорӣ | |
| Воситаҳои пулӣ | 5600 | Ҳисобҳо барои пардохт | 3700 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 9050 | ***Ҷамъи ӯҳдадорӣ*** | ***3700*** |
| ЗММ | 8100 | Сармоя | |
| | | Саҳмияҳои оддӣ | 12000 |
| ***Ҷамъи активҳо*** | ***22750*** | Фоидаи тақсимношуда | 7050 |
| | | ***Ҷамъи сармоя*** | ***19050*** |
| | | ***Ҷамъи ӯҳдадорӣ ва сармоя*** | ***22750*** |

Инъикоси амалиётҳо бо истифодаи системаи баҳисобгирии бефосилаи ЗММ.

1) 20 январи соли 2008 бо пули нақд 15 дона моли А бо нархи 200 в. ш. харида шуд:

***Моли А………………………………………………………… 3000***
***Воситаҳои пулӣ…………………………………………………………3000***

2) 15 марти соли 2008 ба таври насия 2 дона моли Б бо нархи 500 в. ш. харида шуд:

***Моли Б…………………………………………………………1000***
***Хисоб барои пардохт……………………………………………………1000***

3) 15 маи соли 2008 ба таври насия 18 дона моли В бо нархи 180в. ш. харида шуд:

***Моли В………………………………………………………… 2700***
***Ҳисоб барои пардохт……………………………………………………2700***

4) 20 июни соли 2008 ба таври насия 10 дона моли А бо нархи 450 в. ш. фурӯхта шуд:

а) ***Ҳисобҳо барои қабул…………………………………………… 4500***
***Даромад аз фурӯш……………………………………………………… 4500***

б) ***Арзиши аслии моли фурӯхташуда……………………………2000***
***Моли А…………………………………………………………………2000***

5) 25 августи соли 2008 бо пули нақд 3 дона моли Б бо нархи 1200 в. ш. фурӯхта шуд:

а) ***Воситаҳои пулӣ…………………………………………………… 3600***
**Даромад аз фурӯш………………………………………………………3600**

б) ***Арзиши аслии моли фурӯхташуда……………………………1500***
***Моли Б…………………………………………………………………1500***

6) 25 декабри соли 2008 насия 14 дона моли В бо нархи 325 в. ш. фурӯхта шуд:

а) ***Ҳисобҳо барои қабул……………………………………………4550***
***Даромад аз фурӯш……………………………………………………… 4550***

д) ***Арзиши аслии моли фурӯхташуда……………………………2100***
***Моли В ………………………………………………………………2100***

7) 31 декабри соли 2008 оиди маҳкамкунии ҳисобҳои муваққатӣ ва муайянкунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагӣ дар соли 2008 навишти ислоҳӣ гузаронида шуд:

а) маҳкамкунии ҳисобҳои даромад:

*Даромад аз фурӯш..................................................... 12650*

*Маҷмӯаи даромад ва хароҷот.........................................12650*

б) маҳкамкунии ҳисобҳои хароҷот:

*Маҷмӯаи даромад ва хароҷот.......................................5600*

*Арзиши аслии моли фурӯхташуда..........................................5600*

в) муайянкунии натиҷаи молиявии ниҳоӣ:

*Маҷмӯаи даромад ва хароҷот .......................................7050*

*Фоидаи тақсимнашуда.......................................................7050*

| Воситаҳои пулӣ | | | |
|---|---|---|---|
| Бақия | 5000 | 1) | 3000 |
| 5) | 3600 | | |
| | 8600 | | 3000 |
| | 5600 | | |

| Ҳисобҳо барои қабул | | | |
|---|---|---|---|
| 4) | 4500 | | |
| 6) | 4550 | | |
| | 9050 | | |

| Молҳо | | | |
|---|---|---|---|
| Бақия | 7000 | | |
| 1) | 3000 | 4) | 2000 |
| 2) | 1000 | 5) | 1500 |
| 3) | 2700 | 6) | 2100 |
| | 13700 | | 5600 |
| | 8100 | | |

| Ҳисобҳо барои пардохт | | | |
|---|---|---|---|
| | | 2) | 1000 |
| | | 3) | 2700 |
| | | | 3700 |

| Саҳмияҳои оддӣ | | | |
|---|---|---|---|
| | | | 12000 |
| | | | 12000 |

| Фоидаи тақсимнашуда | | | |
|---|---|---|---|
| | | 7в) | 7050 |
| | | | 7050 |

| Даромад аз фурӯш | | | |
|---|---|---|---|
| | | 4) | 4500 |
| | | 5) | 3600 |
| 7а) | 12650 | 6) | 4550 |
| | 12650 | | 12650 |
| | | | 0 |

| Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда | | | |
|---|---|---|---|
| 4) | 2000 | | |
| 5) | 1500 | | |
| 6) | 2100 | 7б) | 5600 |
| | 5600 | | 5600 |
| | 0 | | |

| Маҷмӯаи даромад ва хароҷот | | | |
|---|---|---|---|
| 7б) | 5600 | | |
| 7в) | 7050 | 7а) | 12650 |
| | 12650 | | 12650 |
| | 0 | | |

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2008**

| | |
|---|---|
| Даромад аз фурӯш | 12650 |
| Арзиши аслии моли фурӯхташуда | (5600) |
| Фоидаи умумӣ | 7050 |

**Баланс дар 31 декабри соли 2008**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Активҳо | | Ӯҳдадорӣ | |
| Воситаҳои пулӣ | 5600 | Ҳисобҳо барои пардохт | 3700 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 9050 | ***Ҷамъи ӯҳдадорӣ*** | ***3700*** |
| ЗММ | 8100 | ***Сармоя*** | |
| | | Саҳмияҳои оддӣ | 12000 |
| | | Фоидаи тақсимнашуда | 7050 |
| | | ***Ҷамъи сармоя*** | ***19050*** |
| Ҷамъи активҳо | 22750 | Ҷамъи ухдадорӣ ва сармоя | 22750 |

**Эътирофи хароҷоти ЗММ**

Ҳангоми фурӯши захираҳои моддию молӣ арзиши балансии онҳо ҳамчун хароҷот дар давраи эътирофи даромади бо он алоқаманд эътироф карда мешавад (принсипи мувофиқат).

**Таҳлили захираҳои молӣ**

Ҳангоми тахлили захираҳои молӣ ду нишондиҳандаи зерин муфид мебошанд: суръати гардиши захираҳои молӣ ва давомнокии як гардиш бо рӯзҳо.

***Суръати гардиш = арзиши аслии молҳои фурӯхташуда : захираи молӣ.***

Баъзе корхонаҳо ин коэффитсиентро дар асоси захираи молӣ дар охири давра, дигар корхонаҳо дар асоси миқдори миёнаи захираҳои молӣ ҳисоб мекунанд.

***Давомнокии гардиш= (захираҳои молӣ : арзиши аслии моли фурӯхташуда) х 365***

Натиҷаи ҳисоби ин нишондиҳандаҳо аз усули истифодашавандаи баҳодиҳии захираҳои молӣ дар корхона вобаста аст.

***Мисоли 4.*** Арзиши аслии ЗММ дар ибтидои давра 5 000 в. ш., дар охири давра 9 000 в. ш. -ро ташкил медиҳанд. Арзиши аслии моли фурӯхташуда 28 000 в. ш. - ро ташкил медиҳад.

Суръати гардиши мол ва давомнокии гардиш муайян карда шавад.

Суръати гардиш= 28000/(5000+9000)/2=4 маротиба

Давомнокии гардиш= 7000/28000x365=91,25 рӯз

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Дар ҳисоботи молиявӣ ахбороти зеринро ошкор намудан лозим аст:

a) сиёсати баҳисобгирии барои баҳодиҳии захираҳои моддию молӣ қабулшуда;
b) шарҳи арзиши балансӣ аз рӯи таснифоти захираҳои моддию молӣ;
c) аз ҳисоббарории муҳими захираҳои моддию молӣ то арзиши софи фурӯш бо тасвири сабабҳо:
d) агар арзиши аслии ЗММ бо усули ЛИФО муайян карда шуда бошад, **пас** фарқи байни арзиши балансии ЗММ ва хурдтарин маблағи дар натиҷаи истифодаи усули ФИФО ё *арзиши* ***миёна*** *ва арзиши софи фурӯш ҳосилшуда;*
e) арзиши аслии ЗММ фурӯхташуда;
f) арзиши балансии ЗММ ба сифати кафолати иҷроиши ӯҳдадорӣ узошташуда.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 - Душанбе, Минфин РТ, 2009. - 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. - Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности. Алматы, 2001.
7. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы. 2002.
8. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
9. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М.: Финансы и статистика. 1997.. - 496с.
10. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997


**Супоришҳо барои кори мустақилона**

**Супориши 1.** Корхона ба фурӯши компютерҳо машғул аст. Дар поёни номгӯи ЗММ дар 31 декабри соли 2008 оварда шудаанд. Захира 15 компютерро дарбар гирифта, ба чор гурӯҳ тақсим мешавад. Дар асоси арзиши аслӣ ва арзиши софи фурӯш бақияи дурусти ЗММ - ро муайян кунед, ки дар балансии бухгалтерӣ бо усул ҳои зерин инъикос кардан лозим аст:

а) воҳидҳои ЗММ;
в) гурӯҳҳои асосии ЗММ;
с) ҳаҷми умумии ЗММ.

1). Ҳангоми истифодаи ҳар яке аз ин усулҳо арзиши аслии ЗММ ба кадом маблағ кам мешавад?
2) а) Кадоме аз ин усулҳо нисбатан консервативӣ аст? б) Кадоме аз ин усулҳо нисбатан беҳтар аст?

| № | Гурӯҳ | Арзиши аслӣ | Арзиши софи фурӯш | Хурдтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши тазаи фуӯш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | А | 700 | 720 | |
| 2 | А | 750 | ‘720 | |
| 3 | А | 800 | 720 | |
| | Ҳамагӣ | | | |
| 4 | Б | 900 | 960 | |
| 5 | Б | 950 | 960 | |
| 6 | Б | 1000 | 960 | |
| 7 | Б | 1100 | 960 | |
| | Ҳамагӣ | | | |
| 8 | В | 1200 | 1310 | |
| 9 | В | 1300 | 1310 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 10 | В | 1350 | 1310 | |
| | Ҳамагӣ | | | |
| 11 | Г | 1400 | 1650 | |
| 12 | Г | 1500 | 1650 | |
| 13 | Г | 1600 | 1605 | |
| 14 | Г | 1700 | 1605 | |
| 15 | Г | 1800 | 1605 | |
| | Ҳамагӣ | | | |
| | Ҷамъ | | | |

**Супориши 2.** Аз рӯи иттилооти зерин арзиши асли молро дар 31 март ва арзиши аслии моли фурӯхташударо дар моҳи март бо истифодаи усулҳои зерин муайян кунед: а) арзиши миёна; в) ФИФО; с) ЛИФО;

| Сана | Амалиёти гузаронидашуда | Микдор, воҳид | Арзиши аслии воҳид в. ш. | Арзиши аслии умумӣ в. ш. |
|---|---|---|---|---|
| 1.03 | Захира дар ибтидо | 300 | 2,50 | 750 |
| 8.03 | Харида шуд | 200 | 2,70 | 540 |
| 12.03 | Харида шуд | 300 | 2,90 | 870 |
| 20.03 | Харида шуд | 350 | 3,00 | 1050 |
| 26.03 | Харида шуд | 450 | 3,20 | 1440 |
| Ҳамагӣ | | 1600 | | 4650 |

**Супориши 3.** Корхонаи Сайёд телевизор истеҳсол мекунад. Ҳамаи маҳсулот якхела аст. Дар давоми сол хароҷоти зерин ба амал бароварда шуд (бо в. ш.):

Музди меҳнат:

| | |
|---|---|
| коргарони истеҳсолӣ | 12 000 |
| коргарони ғайриистеҳсолӣ | 45 000 |
| фурӯшандаҳо | 50 000 |
| коргарони маъмурӣ | 20 000 |
| Ашёи хоми дар истеҳсолот истифодашуда | 180 000 |
| Иҷораи бино | 25 000 |
| Хӯрдашавии таҷҳизоти истеҳсолӣ | 10 000 |
| Хароҷот барои таъмини бино бо барқ | 12 000 |

***Маълумоти иловагӣ:***

Дар ибтидои давра ЗММ мавҷуд набуд.

Дар давоми сол 1000 воҳид маҳсулот истеҳсол шуд.

Дар охири сол истеҳсолоти нотамом мавҷуд нест.

800 воҳид маҳсулот бо нархи 600 в. ш. барои ҳар воҳидаш фурӯхта шуд. 4/5 **масоҳати** бино барои истеҳсолот ва масоҳати боқимондааш ҳамчун идораи маъмурӣ истифода мешавад.

2/3 қувваи барқи истифодашаванда дар истеҳсолот истифода мешавад.

Корхона ҳангоми фаъолияти худро 1 январ сар кардан 1 000 000 в. ш. сармояи оиномавии саҳмиягузорон гузошташударо дошт.

Дар давраи ҳисоботи ягон чиз ба насия харида ва фурӯхта нашудааст.

***Талаб карда мешавад:***

а) хароҷоти истеҳсоли як воҳид маҳсулот муайян карда шавад;
в) хароҷоти як воҳид маҳсулоти дар охири давра мавҷуд буда, муайян карда шавад;
с) фоидаи софи солона муайян карда шавад.

**Супориши 4.** Корхонаи Дилбар дар 1 январи соли 2008 чунин бақияҳоро дошт (в. ш.):

| | | |
|---|---|---|
| Дар ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» | 1500 | |
| Дар ҳисоби «Молҳо» | 2000 | |
| аз ҷумла: | | |
| Моли А - 15 дона бо нархи 20 в.ш. барои ҳар донааш | | 300 |
| Моли Б - 6 дона бо нархи 150 барои ҳар донааш | | 900 |
| Моли В - 4дона бо нархи 200 барои ҳар донааш | | 800 |
| Дар хисоби «Саҳмияҳои оддӣ» | | 3500 |

Низомҳои баҳисобгирии бефосила ва даврии ЗММ-ро истифода бурда, амалиётҳои зеринро инъикос намоед:

1. 20 январи соли 2008 бо пули нақд 10 дона моли А бо нархи 20 в. ш. барои ҳар донааш харида шуд.
2. 25 феврали соли 2008 ба таври насия 3 дона моли Б бо нархи 150 в. ш. барои ҳар кадомаш харида шуд.

3. 15 апрели соли 2008 ба таври насия 20 дона моли В бо нархи 200 в. ш. барои ҳар донааш харида шуд.
4. 15 июни соли 2008 ба таври насия 15 дона моли А бо нархи 40 в. ш. барои ҳар донааш фурӯхта шуд.
5. 20 августи соли 2008 бо пули нақд 4 дона моли Б бо нархи 250 в. ш. барои ҳар донааш фурӯхта шуд.
6. 25 декабр ба таври насия 15 дона моли В бо нархи 320 в.ш. барои ҳар донааш фурӯхта шуд.

Дар холати системаи бахисобгирии даврии ЗММ:

7. 31 декабри соли 2008 аз рӯи натиҷаи барӯйхатгирӣ дар хисоби «Молҳо» ислоҳ даровардa шуд.
8. Мавҷудияти мол дар 31 декабри соли 2008 чунин аст:

| | |
|---|---|
| Моли А 9 дона бо нархи 20 в. ш. барои ҳар донааш | 180 в.ш. |
| Моли Б 4 дона бо нархи 150 в. ш. барои ҳар донааш | 600 в.ш. |
| Моли В 9 дона бо нархи 200 в. ш. барои ҳар донааш | 1800 в.ш. |
| Ҳамагӣ | 2580 в.ш. |

31 декабри соли 2008 ислоҳкунӣ оиди пӯшидани хисобҳои муваққатӣ ва муайянкунии натиҷаи фаъолияти хоҷагӣ дар соли 2008 гузаронида шуд.

Дар ҳолати системаи баҳисобгирии бефосилаи ЗММ:

9. 31 декабри соли 2008 ислоҳот оиди пӯшидани ҳисобҳои даврӣ ва муайянкунии натиҷаи молиявии фаолияти хоҷагӣ дар соли 2008 гузаронида шуд.

Ҳисобот оиди натиҷаи фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2008 ва баланс дар 31 декабр тартиб дода шавад.

## Боби 9. Активҳои ғайригардишӣ: воситаҳои асосӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи воситаҳои асосӣ*
*Таснифи воситаҳои асосӣ*
*Эътироф ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ*
*Тарзҳои бадастоварии воситаҳои асосӣ*
*Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар лаҳзаи харид*
*Истеҳлоки воситаҳои асосӣ*
*Хароҷоти минбаъдаи воститаҳои асосӣ*
*Баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ*
*Кушодадиҳӣ дар ҳисоботҳои молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Баъди омӯхтани ин боб шумо бояд:

- хусусиятҳои асосии воситаҳои асосиро номбар созед;
- арзиши ибтидоии воситаҳои асосиро муайян карда тавонед;
- омилҳои асосие, ки ба истеҳлок таъсир мерасонанд, номбар карда тавонед.
- усулҳои гуногуне, ки барои ҳисобкунии истеҳлок истифода мешаванд фаҳмонида дода тавонед;
- хароҷоти сармояшаванда ва ғайрисармояшавандаро фарқ карда тавонед;
- барои хориҷшавии воситаҳои асосӣ ҳисоб тайёр карда, мукотиботи бухгалтериро нависед;
- баҳисобгирии ивазшавии воситаҳои якхела ва гуногунро ба амал бароред.

### Таърифи воситаҳои асосӣ

СБҲМ 16: «Воситаҳои асосӣ – ин активҳои моддие мебошанд, ки барои:

- ➢ *истифодабарӣ ё нақли мол, хизматрасонӣ, додан ба иҷора, инчунин барои мақсадҳои идоракунӣ пешбинӣ шудаанд;*
- ➢ *истифодабарӣ дар фаъолияти корхона ба муддати зиёда аз як сол пешбинӣ гардидаанд.*

Агар аз тарафи дигар ба мазмуни иқтисодии воситаҳои асосӣ назар афканем, он гоҳ мебинем, ки онҳо он воситаҳое мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти асосӣ дуру дароз иштирок карда, арзиши худро ба маҳсулоти тайёр мунтазам дар муддати хизмати худ мегузаронанд.

Аз ин таърифҳо бармеояд, ки воситаҳои асосӣ - ин воситаҳое мебошанд, ки:

1. мӯҳлати хизмати дуру дароз доранд;
2. фақат барои истифодабарӣ дар фаъолияти корхона истифода мешаванд;
3. бо мақсади фурӯхтан ба даст оварда нашудаанд.

Ба воситаҳои асосӣ, ки дар ихтиёри корхонаанд, инҳо дохил мешаванд: замин, бино, иншоот, воситаҳои нақлкунанда, мошинаҳо, таҷҳизот, нақлиёт, асбобҳои ченкунанда, техникаи ҳисоббарорӣ, асбобҳо, ҳайвоноти калони корӣ ва маҳсулдиҳанда, дарахтони бисёрсола, экспонатҳои олами ҳайвонот, хароҷот барои беҳтаркунии замин, хароҷоти сармояшаванда барои воситаҳои иҷоравии дарозмуддат, боигариҳои табиӣ (канданиҳои фоиданок, захираҳои обию ҷангалҳо ва ғайра).

### Таснифи воситаҳои асосӣ

Ҳамаи воситаҳои асосиро шартан ба се гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. активҳои истеҳлокнашаванда (замин);
2. активҳои истеҳлокшаванда (бино, иншоот ва ғайра);
3. активҳои камшаванда (боигариҳои табиӣ).

Барои инъикос дар баланс воситаҳои асосӣ ба чунин синфҳо тақсим мешаванд:

- ✓ замин
- ✓ бино
- ✓ мебел ва таҷҳизот
- ✓ беҳтарсозии замин
- ✓ захираҳои табиӣ.

**Эътироф ва баҳодиҳии воситаҳои асосӣ**

СБҲМ 16 «Воситаҳои асосӣ: «Объекти воситаҳои асосӣ ба сифати актив он вақт эътироф карда мешавад, ки агар:

- *эҳтимолияти бадастории фоидаи минбаъда аз истифодаи он мавҷуд ҳаст;*
- *хароҷоти ҳақиқии хариди актив бо боварии калон баҳо дода шавад.*

Воситаҳои асосӣ аз рӯи арзиши аслияшон баҳо дода мешаванд. Мувофиқи СБҲМ 16 чунин таърифи арзиши аслӣ ҷой дорад: *«Арзиши аслӣ (арзиши ҳақиқӣ) - ин маблаги воситаҳои пулӣ ва ё муодили онҳост, ё арзиши одилонаи дигар ҷубронкуние, ки барои хариди актив дар лаҳзаи харид ё сохтмони он пардохта шудааст».* Ба арзиши аслии воситаҳои асосӣ дохил мешаванд: нархи харид, азҷумла боҷи воридотӣ ва дигар андозҳои ҷубронnашавандаи харид, инчунин ҳама гуна хароҷоти дигари ба дараҷаи ҳолати корӣ барои истифода аз рӯи таъинот овардани актив. Ҳама гуна тахфифи савдоӣ ҳангоми муайянкунии нархи харид тарҳ карда мешаванд.

Воситаҳои асосӣ ҳангоми харид ё дигар воридшавӣ ба ширкат аз рӯи:

1. арзиши ибтидоӣ;
2. арзиши бозории ҷуброн;
3. арзиши ивазкунӣ;
4. арзиши софи фурӯш;
5. арзиши сатҳи нарх(ченкунии арзиши ҷорӣ) баҳо дода мешаванд.

Қоидаҳои умумии баҳодиҳии воситаҳои асосӣ вобаста ба шакли бадастории онҳо тағйир намеёбанд. Мувофиқи СБҲМ воситаҳои асосӣ баъди бадасторӣ аз рӯи арзиши ибтидоӣ бо тарҳи истеҳлок ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мувофиқи ҳамин стандартҳо истеҳлоки воситаҳои асосиро то лаҳзаи истифодабарии онҳо ҳисоб намекунанд.

**Тарзҳои бадастоварии воситаҳои асосӣ**

Воситаҳои асосӣ бо чунин тарзҳо ба даст оварда мешаванд:

- бо пули нақд;
- ба ивази саҳмияҳо;
- ба қарз;
- ҳамчун тӯҳфа аз дигар субъект;
- бо роҳи сохтмон бо қувваи худ;
- ба ивази дигар активҳо.

***Хариди воситаҳои асосӣ бо пули накд***

Усулҳои муайянкунии арзиши ибтидоии гурӯҳҳои гуногуни воситаҳои асосӣ ҳангоми харид бо пули нақд аз ҳам фарқ мекунанд.

Барои замин арзиши ибтидоӣ дарбар мегирад:

- нархи харид;
- хароҷоти ҳуҷҷатикунонӣ;
- хароҷот барои то ҳолати зарурӣ овардани замин;
- қабули ягон хел ҳуқуқи нигоҳдорӣ;
- хароҷоти иловагӣ барои беҳтарсозии замин.

Арзиши ибтидоии дигар воситаҳои асосӣ ҳамчун ҷамъи нархи харид ва дигар хароҷоте, ки воситаи асосиро то дараҷаи истифодабарӣ тайёр мекунанд, муайян карда мешавад.

***Хариди воситаҳои асосӣ бар ивази саҳмия***

Дар ҳолати хариди воситаҳои асосӣ бар ивази саҳмияҳо арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ баробари:

- арзиши одилонаи бозории саҳмияҳо; ё
- арзиши одилонаи бозории активҳои қабулшуда дар сурати имконпазир будани муайянкунии арзиши бозории саҳмияҳо аст.

Дар сурати ғайриимкон будани муқарраркунии арзиши бозории саҳмияҳо ва актив барои баҳодиҳӣ муносибати субъективӣ (яъне муайянкунии арзиши актив бо райъи роҳбарият) истифода мешавад, гарчанде он ғайри қобили қабул аст. Аз ин рӯ, арзиши актив бештар аз ҷониби баҳодиҳандагони мустақил муайян карда мешавад.

***Хариди қарзии воситаҳои асосӣ***

Воситаҳои асосии ба таври қарз харидашуда асосан бо 1) арзиши бозории актив ё 2) аз рӯи арзиши ҷории пардохтҳои пулии минбаъда дар асоси ҳуҷҷати қарзӣ баҳо дода мешаванд.

Агар ҳуҷҷати қарзӣ бефоиз бошад, муайянкунии арзиши ҷории актив мушкил мегардад. Дар чунин ҳолат арзиши актив дар асоси дисконтиронӣ аз рӯи меъёри интихобии фоизӣ муайян карда мешавад. Аксаран, меъёри бозории фоизиро интихоб мекунанд. Фарқи байни арзиши ҷорӣ ва арзи аз рӯи ҳуҷҷати қарзӣ ҳамчун хароҷот дида шуда, он ба тамоми мӯҳлати хизмати актив тақсим карда мешавад.

***Бадастории воситаҳои асосӣ ба сифати тӯҳфа аз ашхоси дигар***

Дар бисёр маврид корхонаҳо воситаҳои асосиро аз дигар субъектҳо ҳамчун тӯҳфа мегиранд. Дар ин ҳолат нархи ибтидоии воситаи асосиро дар асоси нархи бозории вай муайян мекунанд. Лекин дар ин ҳолат масъалаи баҳисобгирӣ пайдо мешавад. Чунки тӯҳфа ду намуд мешавад:

1 Тӯҳфаи бебозгашт;

2 Тӯҳфа дар намуди ёрдами давлатӣ.

**1. Тӯҳфаи бебозгашт** ҳамон вақт ҷой дорад, агар саҳҳомон ва дигар ашхоси манфиатдор воситаҳои худро ба ихтиёри корхона барои ҳимояи манфиатҳои худ бе пул супоранд.

2. **Тӯҳфа дар намуди ёрдами давлатӣ** ҳамон вақт ҷой дорад, агар давлат барои ҳимояи манфиатҳои худ (беҳсозии асоси андозғункунӣ, кушодани ҷойҳои кории нав ва ғайра) воситаҳои асосиро ба ихтиёри корхона супорад. Фарқи тӯҳфаи давлатӣ аз тӯҳфаи бебозгашт дар ин аст, ки ин тӯҳфа самти яктарафа надорад ва дар асоси ягон ӯҳдадориҳои бадӯшгирифтаи корхона супорида мешавад. Агар корхона ӯҳдадории бадӯшгирифтаашро иҷро насозад, он гоҳ давлат метавонад тӯҳфаи додаашро қафо гирад.

Дар атрофи баҳисобгирии воситаи асосии ба тариқи тӯҳфа гирифташуда фикру ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Қисме аз мутахассисон дар ин фикранд, ки тӯҳфа ҳамчун зиёдшавии сармоя нишон дода шавад, дигар мутахассисон дар он ақидаанд, ки зиёдшавии сармоя танҳо ҳангоми маблағгузории саҳҳомон ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Аз ин рӯ, тӯҳфаро ҳамчун даромади корхона нишон додан лозим аст. Тарафдорони фикри якум бошанд, дар ин ақидаанд, ки даромадро бо меҳнат ба даст овардан мумкин аст, лекин воситаҳои тӯҳфашуда бе ягон меҳнат ба даст меоянд. Тарафдорони фикри дуюм мегӯянд, ки чунин тӯҳфаҳоро ба шумо ҳеҷ кас бе ягон тамаъ намедиҳад. Пеш аз он, ки ба шумо ягон чизро тӯҳфа кунанд аз шумо ягон фоида ҷустанӣ мешаванд, ки на ҳама вақт ба фоидаи корхона мебошад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки тӯҳфа ҳам бо меҳнат ба даст меояд, бинобар ин онро ҳамчун даромад шуморидан мумкин аст. КСБҲМ ҳоло барои ҳалли ин мушкилот стандартро надорад, бинобар ин, мавқеи КСБҲМ то андозае сари ин масъала равшан нест. Вале дар асоси маълумотҳои ҳозира гуфтан мумкин аст, ки КСБҲМ тарафдори фикри дуюм мебошад.

***Бунёди активҳо бо қувваи худӣ***

Арзиши аслии воситаҳои бо қувваи худ бунёдшуда баробари ҷамъи хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва иловагӣ мебошад. Арзиши аслии воситаҳои бо қувваи худ бунёдшуда на ҳама вақт бо арзиши бозории чунин воситаҳо мувофиқ меафтад. Аз ин рӯ, ҳангоми муайянкунии арзиши ибтидоии чунин объектҳои ба истифода додашаванда пешниҳод мешавад, ки арзиши камтарин аз арзиши аслӣ ва ё арзиши бозорӣ қабул карда шавад. Яъне агар арзиши бозорӣ аз арзиши аслии чунин объектҳо паст бошад, он гоҳ ҳамчун арзиши ибтидоӣ арзиши бозории объект қабул карда мешавад. Дар акси ҳол арзиши аслии он арзиши ибтидоии объектро ташкил медиҳад. То ба охир расидани сохтмон ҳамаи хароҷотро дар ҳисоби «Сохтмони нотамом» ҷамъ меоваранд. Бо ба анҷом расидани сохтмон ва ба истифодадиҳӣ объекти мазкур ба ҳисоби «Биноҳо» гузаронида мешавад.

***Бадастовари воситаҳои асосӣ бо роҳи ивазкунӣ***

Ҳангоми ивазкунӣ активҳо бо нархи бозориашон баҳо дода мешаванд. Агар активҳои якхела иваз карда шаванд, фоида эътироф карда намешавад. Зарар ҳамон вақт эътироф карда мешавад, ки зиёдадиҳӣ бо пули нақд сурат гирад. Дар дигар хел ҳолатҳо зарар низ эътироф карда намешавад. Агар активҳои ҳархела иваз карда шаванд, онгоҳ онҳо бо нархи бозорӣ баҳо дода мешаванд. Даромад ва зарар аз чунин ивазкуниҳо дарҳол эътироф карда мешавад.

**Беҳтарсозии замин**

Чӣ хеле ки мо қайд намуда будем, замин мӯҳлати беохири хизматро доро мебошад. Бинобар ин, онро ба воситаҳои асосие, ки истеҳлок намешаванд, мутааллиқ мешуморанд. Дар фарқият аз замин беҳтарсозии он мӯҳлати муайяни хизматро дорад, бинобар ин вай истеҳлокшаванда мебошад. Ба беҳтарсозии замин тааллуқ доранд: такмилдиҳии майдон, сохтани заҳбурҳо, сохтани панҷараҳо ва ҷойи исти мошинҳо. Ҳангоми бурдани баҳисобгирии воситаҳои асосӣ беҳтарсозии замин дар ҳисоби алоҳидаи махсус нишон дода шуда, аз рӯи он истеҳлок ҳисоб карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки беҳтарсозии хислати

доимӣ дошта, ба монанди бунёди кӯлҳои сунъӣ, чангалзорҳо барои истироҳат ва ғайра ба арзиши замин илова карда мешавад ва аз рӯи ин бехтарсозӣ истеҳлокро ҳисоб намекунанд.

**Хариди гурӯҳии воситаҳои асосӣ (усули якҷоягӣ)**

Аксар вақт ширкатҳо заминро бо дигар воситаҳо якҷоя мехаранд. Чунин тарзи бадастоварии активҳо мушкилоти муайянеро ба вуҷуд меорад, чунки замин ба мисли дигар активҳо истеҳлокшаванда намебошад. Дар ин ҳолат ширкатҳо хароҷоти бадасториро байни активҳо аз рӯи нархи баҳодиҳияшон тақсим мекунанд. Инро дар мисол дида мебароем.

**Мисоли 1.** Ширкати «Саид» заминеро бо бино бо нархи 250 000 в.ш. харид. Арзиши баҳододашудаи замин баробари 150 000в.ш. буда, арзиши баҳододашудаи бино 150 000в.ш.-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи хароҷоте, ки ба ҳар як актив рост меояд, бо чунин тарз муайян карда мешавад:

| Актив | Баҳодиҳии актив | Ҳиссаи актив |
|---|---|---|
| Замин | 150000 | 50% |
| Бино | 150000 | 50% |
| Ҳамагӣ | 300000 | 100% |

Арзиши аслии ҳар як актив бо чунин роҳ ҳисоб карда мешавад:
Замин 50%х250 000=125 000
Бино 50%х250 000=125 000
Навиштҳои бухгалтерӣ барои инъикоси ин амалиёт чунин мешаванд:

*Замин ....................................................................125000*
*Бино......................................................................125000*
*Воситаҳои пулӣ..............................................................250000*

**Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар лаҳзаи харид**

Ҳангоми хариди воситаҳои асосӣ бо пули нақд навишти зеринро барои инъикоси ин амалиёт тартиб медиҳанд.

*Воситаҳои асосӣ..........................................................хххх*
*Воситаҳои пулӣ.......................................................................хххх*

**Мисоли 2.** Ширкати « Аъзам» биноеро бо нархи 10 000 в.ш. харид. Ин амалиёт бо чунин навишти бухгалтерӣ қайд мегардад:.

*Бино.....................................................................10000*
*Воситаҳои пулӣ.................................................................10 000*

Хариди воситаҳои асосиро бо қарз аз рӯи арзиши ҳозираи маблаги дар оянда дода мешуда инъикос месозанд.

**Мисоли 3.** Ширкати «Аъзам» таҷҳизотеро бо нархи 7000 в.ш. бо тариқи насия харид. Пули таҷҳизот баъди як сол супорида мешавад. Меъёри ҳозираи бозорӣ барои чунин қарзҳо 10%-ро ташкил мекунад. Ҳаҷми пулие, ки ҳоло дар ҳуҷҷатҳои бухгалтерӣ бояд инъикос намоем 6363,64в.ш.-ро ташкил мекунад. Ин рақам бо чунин тарз муайян шуда аст: 7000 : 1,1=6363,64.

Ҳама гуна хароҷоти аз ин маблағ зиёд ҳамчун хароҷот аз рӯи фоизи қарз эътироф мегардад.

Навишти бухгалтерии ин амалиёт чунин сурат мегирад:

*Таҷҳизот ..............................................................6363,64*
*Хароҷоти фоиз........................................................636,36*
*Ҳисобҳо барои пардохт........................................................7000*

Воситаҳои асосие, ки ба ивази саҳмияҳо ба даст оварда шудаанд, бо нархи бозории саҳмияҳо ва ё бо нархи бозории актив ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми пардохти маблаги зиёда аз нархи бозорӣ фарқият дар ҳисоби «Сармояи изофа пардохтшуда» ба қайд гирифта мешавад.

**Мисоли 4.** Ширкати «Аъзам» таҷҳизотеро ба ивази 1000 саҳмияи нархи номиналиашон 8 в.ш. барои як саҳмия харид намуд. Ин саҳмияҳо дар бозор бо нархи 10 в.ш. фурӯхта мешаванд. Навишти бухгалтерии ин амалиёт чунин мебошад:

*Таҷҳизот ..............................................................10000*
*Саҳмияҳои оддӣ .................................................................8000*
*Сармояи изофа пардохтшуда..................................................2000*

Агар ширкат воситаҳои асосиро ҳамчун тӯҳфа ба даст орад, вобаста ба усулҳои ҳоло вуҷуддошта зиёдшавии сармоя ва ё даромади давраҳоиояндаро нишон додан даркор аст.

**Мисоли 5.** Ширкати «Аъзам» биноеро, ки нархаш 15000 в.ш. мебошад, тӯҳфа гирифт. Ин амалиёт бо чунин навишти бухгалтерӣ нишон дода мешавад:

1.Усули якум зиёдшавии сармояро нишон медиҳад:

*Бино......................................................................15000*
*Сармояи худӣ..............................................................15000*

2.Ҳангоми истифодаи усули дуюм зиёдшавии даромадро нишон медиҳанд:

*Бино......................................................................15000*
*Даромади давраҳои оянда......................................................15000*

**Истеҳлоки воситаҳои асосӣ**

Пас аз харид, арзиши ибтидоии воситаҳои асосиро ба воситаи истеҳлок ба маҳсулоти тайёр мегузаронанд. Истеҳлок ё фарсудашавӣ - ин тақсимкунии арзиши воситаҳои асосӣ дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди онҳо мебошад. Ҳангоми таксимкунӣ қисми арзиши воситаҳои асосӣ ҳамчун хароҷот дониста шуда. асоси андозситониро кам мекунад. Аз ин рӯ, дуруст муайян кардани маблағи истеҳлок ниҳоят муҳим аст.

Андозаи истеҳлоки актив аз:

- мӯҳлати хизмат;
- арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ;
- арзиши барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ:
- ҳаҷми корие, ки аз ин актив интизор шудан мумкин аст, вобаста аст.

Ҳаҷми ҳисобшавандаи истеҳлок вобаста аз ин вобастагиҳо бо усулҳои зерин муайян карда мешавад:

➢ Усули ростхаттаи истеҳлок;
➢ Усули истеҳлок вобаста аз ҳаҷми иҷроиши кор:
➢ Усулҳои таъҷилии истеҳлок:

a) усули ҷамъкунии ракамҳо;
b) усули бақияи камшаванда.

**Усули ростхаттаи истеҳлок**

Усули ростхаттаи истеҳлок - усулест, ҳангоми истифодаи он бузургии истеҳлок барои ҳамаи давраи хизмати актив доимӣ мемонад. Ҳангоми ҳисобкунии истеҳлок бо ин усул арзиши истеҳлокшаванда ба давраҳои ҳисоботӣ, ки ба мӯҳлати хизмати актив рост меоянд, тақсим карда мешавад. Формулаи ҳисобкунии бузургии истеҳлок бо ин усул чунин шакл дорад:

$$N = \frac{\text{арзиши ибтидоӣ} - \text{арзиши барҳамдиҳӣ}}{\text{ҳаҷми пешбинишудаи иҷроиши кор}}$$

Формулаи мазкурро метавон ба шакли зер ифода намуд:

Истеҳлок=N(Арзиши ибтидоӣ- Арзиши барҳамдиҳӣ)

Дар ин ҷо N- меъёри солонаи истеҳлок, ки бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

N=100%/ мӯҳлати хизмат

**Мисоли 6.** Ширкати «Саид» трактореро бо нархи 8000 в.ш. харид. Арзиши барҳамдиҳии он баробари 2000в.ш. буда, мӯҳлати хизматаш 5 солро ташкил менамояд. Талаб карда мешавад, ки реҷаи истеҳлок барои тамоми мӯҳлати хизмати он тартиб дода шавад.

Сараввал маблағи истеҳлоки солонаи онро муайян мекунем:

Истеҳлок=(8000-2000):5=1200

Реҷаи истеҳлок бо усули росхатта чунин намуд дорад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Истеҳлоки солона | Ҷамъшавии истеҳлок | Арзиши балансӣ |
|---|---|---|---|---|
| Дар лаҳзаи харид | 8000 | - | - | 8000 |
| Охири соли 1-ум | 8000 | 1200 | 1200 | 6800 |
| Охири соли 2-юм | 8000 | 1200 | 2400 | 5600 |
| Охири соли 3-юм | 8000 | 1200 | 3600 | 4400 |
| Охири соли 4-ум | 8000 | 1200 | 4800 | 3200 |
| Охири соли 5-ум | 8000 | 1200 | 6000 | 2000 |

Чӣ хеле, ки аз реҷа дида мешавад, истеҳлоки солона дар тамоми мӯҳлати хизмат маблағи якхеларо ташкил мекунад. Ҷамъшавии истеҳлок ба таври мунтазам сурат гирифта, арзиши балансӣ мунтазам кам мешавад ва бо расидан ба арзиши барҳамдиҳӣ ҳисобкунии истеҳлок қатъ мегардад.

***Усули муайянкунии истеҳлок вобаста аз ҳаҷми иҷроиши кор***

Ҳангоми ҳисоби истеҳлок бо ин усул мӯҳлати хизмати воситаи асосӣ ба инобат гирифта намешавад. Чунин мешуморанд, ки актив мунтазам вобаста аз ҳаҷми кори иҷронамудааш истеҳлок мегардад. Барои ҳисобкунии маблағи истеҳлок бо ин усул аввал меъёри истеҳлокро барои як воҳиди кори иҷрошаванда меёбанд. Формулаи ҳисобкунии ин меъёр чунин шакл дорад:

**Ми=(Арзиши ибтидоӣ- Арзиши барҳамдиҳӣ) : Ҳаҷми кори иҷрошаванда**

Дар ин ҷо, Нх-меъёри истеҳлок, ки ба як воҳиди кори иҷромешуда рост меояд. Баъди ин истеҳлокро бо воситаи чунин формула муайян мекунанд:

Маблағи истеҳлок=Ми * К дар ин ҷо, К- ҳаҷми кори иҷрошуда.

Фарз мекунем, ки трактори дар боло номбаршуда барои шудгори 6000 га замин пешбинӣ гардидааст. Онгоҳ меъёри истеҳлок барои 1га баробар аст ба Ми=(8000-2000)/6000=1в.ш./га

Фарз мекунем, ки трактор дар соли якуми корӣ 1000га, дуюми корӣ - 2000га, сеюми корӣ - 500га чоруми корӣ - 1500га ва дар соли панҷуми корӣ 1000га заминро шудгор намудааст. Дар ин ҳолат, реҷаи ҳисобкунии истеҳлок чунин шаклро мегирад.

| | Арзиши ибтидоӣ | Ҳаҷми кор (га) | Истеҳлоки солона | Ҷамъшавии истеҳлок | Арзиши балансӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Санаи харид | 8000 | - | - | - | 8000 |
| Охири соли якум | 8000 | 1000 | 1000 | 1000 | 7000 |
| Охири соли дуюм | 8000 | 2000 | 2000 | 3000 | 5000 |
| Охири соли сеюм | 8000 | 500 | 500 | 3500 | 4500 |
| Охири соли чорум | 8000 | 1500 | 1500 | 5000 | 3000 |
| Охири соли панҷум | 8000 | 1000 | 1000 | 6000 | 2000 |

Камбудии ин усул дар он аст, ки ҳаҷми кори иҷромекардаи активро дар мӯҳлати хизматаш муайян кардан на ҳама вақт имконпазир аст.

**Усулҳои ҳисобкунии таъҷилии истеҳлок**

***А) Усули соқитнамоии арзиш аз рӯи ҷамъи солҳои хизмат - тарзи кумулятивӣ***

Бузургии маблағи истеҳлок бо усули гункунӣ (кумулятивӣ) бо формулаи зерин муқаррар карда мешавад:

***Маблағи истеҳлок=((Мх-(Си-1))/ҷамъи рақамҳои мӯҳлати хизмат)х(Арзиши ибтидоӣ –Арзиши барҳамдиҳӣ)***

дар ин ҷо, Мх-мӯҳлати хизмат, Сх-соли истеҳлок.

Барои мисоли пешина истеҳлок барои солҳои якум то панҷум баробар аст ба:

$$X1=((5-(1-1))/(1+2+3+4+5))x(8000-2000)=2000$$
$$X2=((5-(2-1))/(1+2+3+4+5))x(8000-2000)=1600$$
$$X3=((5-(3-1))/(1+2+3+4+5))x(8000-2000)=1200$$
$$X4=((5-(4-1))/(1+2+3+4+5))x(8000-2000)=800$$
$$X5=((5-(5-1))/(1+2+3+4+5))x(8000-2000)=400$$

Реҷаи истеҳлоки воситаҳои асосӣ аз рӯи ин усул чунин шакл мегирад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Истеҳлоки солона | Ҷамъшавии истеҳлок | Арзиши балансӣ |
|---|---|---|---|---|
| Санаи харид | 8000 | - | - | 8000 |
| Охири соли якум | 8000 | 2000 | 2000 | 6000 |
| Охири соли дуюм | 8000 | 1600 | 3600 | 4400 |
| Охири соли сеюм | 8000 | 1200 | 4800 | 3200 |
| Охири соли чорум | 8000 | 800 | 5600 | 3400 |
| Охири соли панҷум | 8000 | 400 | 6000 | 2000 |

***Б) Усули бақияи камшаванда***

Усули бақияи камшаванда низ ба усули таъҷилии истеҳлок дохил шуда, аз рӯи қоидаҳои худ ба усули ҷамъи рақамҳо монанд аст. Ҳангоми истифодабарии ин усул истеҳлок аз рӯи меъёри баланд ар солҳои аввали истифодаи актив ҳисоб карда мешавад. Одатан, меъёри ҳисобкунии истеҳлок – меъёри дукаратаи истеҳлоки ростхатта мебошад. Баъзан, меъёри муқарраршуда мавриди истифода қарор мегирад. Формулаи муайянкунии истеҳлок аз рӯи ин усул чунин аст:

$$Истеҳлок=(Аб \times 2)/Мх$$

Дар ин ҷо, Аб-арзиши балансӣ дар охири соли гузашта ё аввали соли ҷорӣ;

Мх-мӯҳлати хизмати актив.

Барои мисоли пешина маблағи истеҳлок бо чунин тарз барои солҳои гуногун ҳисоб карда мешавад:

Соли 1-ум Х=8000х2/5=3200. Аб дар аввали сол ҷорӣ – 8000в.ш.

Соли 2-ум Х=4800х2/5=1920. Аб дар аввали соли ҷорӣ 8000-3200=4800в.ш.

Соли 3-юм Х=2880х2/5=1152. Аб дар аввали соли ҷорӣ 4800-1920=2880в.ш.

Соли 4-ум Х=0, чунки, Аб дар аввали соли ҷорӣ 2880-1152=1728 <2000 мебошад.

Агар арзиши балансӣ дар аввали сол аз арзиши бақиявӣ (арзиши барҳамдиҳӣ) кам бошад, фарқи байни арзиши балансӣ дар аввали соли гузашта ва арзиши барҳамдиҳӣ ҳамчун ҳаҷми истеҳлоки соли ҷорӣ қабул карда мешавад. Дар мисоли мо ( 2880-2000=880).

Реҷаи истеҳлок дар ин ҳолат чунин шакл мегирад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Истеҳлоки солона | Ҷамъшавии истеҳлок | Арзиши балансӣ дар охири сол |
|---|---|---|---|---|
| Саниа харид | 8000 | - | - | 8000 |
| Охири соли якум | 8000 | 3200 | 3200 | 4800 |
| Охири соли дуюм | 8000 | 1920 | 5120 | 2880 |
| Охири соли сеюм | 8000 | 880 | 6000 | 2000 |
| Охири соли чорум | 8000 | - | - | - |
| Охири соли панҷум | 8000 | - | - | - |

Чӣ хеле, ки аз реҷа мебинем, гуфтаҳои боло тасдиқ шуданд.

**Истеҳлоки воситаҳои асосие,ки дар байни давраҳои ҳисоботӣ харида шудаанд**

Пештар мо фарз карда будем, ки воситаҳои асосӣ дар аввали сол ба даст оварда мешаванд. Бинобар ин аз рӯи ин фарзия, мо истеҳлокро ҳисоб карда будем. Дар амалия, корхонаҳо воситаҳои асосиро метавонанд дар байни давраҳои ҳисоботӣ ба даст оваранд. Дар ин ҳолатҳо ҳисобкунии истеҳлок барои соли нопурра лозим мешавад. Дар асоси мисоли дар боло овардашуда истеҳлокро барои соли нопурра хисоб мекунем. Фарз мекунем, ки трактор якуми сентябр ба даст оварда шудааст ва мо истеҳлокро бо чор усул муайян месозем.

***Усули ростхатта***

Муайянкунии маблағи истеҳлок бо усули ростхатта яке аз осонтаринҳо мебошад. Дар ин ҳолат, маблағи истеҳлоки солонаро ба 12 тақсим намуда, ба шумораи моҳҳои давраи ҳисоботӣ зарб мезананд. Азбаски активи мо якуми сентябр харида шудааст, ҳиссаи вай дар ин давра ба 4:12 баробар аст. Истеҳлоки солона барои мисоли мо баробари 1200 (8000-2000=6000:5=1200) аст. Аз ин ҷо, истехлок барои давраи ҳисоботӣ баробари 1200x4:12=400в.ш. аст.

***Усули истехсолӣ***

Ҳисобкунии истеҳлок бо усули истоҳсолӣ хамчун ҳосили зарби меъёри истеҳлок ба ҳаҷми кори иҷрошуда дар давраи ҳисоботӣ ба амал бароварда мешавад. Фарз мекунем, ки трактори мо дар муддати 4 моҳ 200 гектар заминро шудгор намуд. Меъёри истеҳлок барои трактори мо (ба мисоли пешина нигоҳ кунед) 1в.ш. /га ташкил мекунад. Аз ин рӯ, ҳаҷми хароҷоти истеҳлок барои 200 гектар баробар 200x1у.е/га=200 в.ш. аст.

***Усули гункунӣ***

Ҳисоби истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо усули гункунӣ нисбатан мушкил аст. Мушкилот вақте пайдо мешавад, ки агар мо ҳиссаи истеҳлокро ҳангоми истифодаи усули гункунӣ барои давраи ҳисоботӣ муайян созем. Барои мисоли мо трактор 1 сентябри соли 1997 ба даст оварда шудааст. Аз ин рӯ, маблағи истеҳлокро мо аввал барои 4 моҳи аввал меёбем:

Соли 1-уми ҳисоботӣ (8000-2000)x5/15x1/3=666.7 в.ш.

Барои соли дуюм бошад, маблағи бо чунин роҳ ҳисоб карда мешавад:

Барои 2/3 ҳиссаи сол (6000x5/15x2/3)=1333.4 в.ш.

Барои 1/3 ҳиссаи дигари сол (6000x4/5x1/3)=533.3 в.ш.

Барои соли пурраи 1998 бошад, маблағи истеҳлок 1866.7 в.ш. -ро ташкил мекунад.

Ҳамин тавр, маблағи истеҳлокро барои тамоми солҳои хизмат меёбанд. Инро дар ҷадвали зерин дида мебароем:

| Солҳо | Истеҳлок барои ҳар соли истифодабарӣ (1 сентябр-31 август) | Истеҳлок барои ҳар соли ҳисоботӣ (1 январ-31 декабр) |
|---|---|---|
| 1 | 6000x5/15=2000<br>+ | 2004с.<br>1сентябр-31 декабр (2000x1/3)= 666.7<br>2005с.<br>1 январ-31 август (2000x2/3)=1333.4 |
| 2 | 6000x4/15=1600<br>+ | 1 сентябр-31декабр (1600x2/3)=533.3<br>1866.6<br>2006с.<br>1январ-31 август (1600x2/3)=1066.6 |
| 3 | 6000x3/15=1200<br>+ | 1сентябр-31декабр (1200x1/3)=400<br>1466.6<br>2007с.<br>1январ-31август (1200x2/3)=800 |
| 4 | 6000x2/15=800<br>+ | 1 сентябр-31 декабр (800x1/3)=266.7<br>1066.7<br>2008с.<br>1январ-31август (800x2/3)=533.3 |
| 5 | 6000x1/15=400 | 1сентябр -31декабр (400x2/3)=133.3<br>666.6<br>2009с.<br>1январ-31август (400x2/3)=266.7 266.7 |
| | Маблағи умумии истеҳлок =6000 | Маблағи умумии истеҳлок = 6000 |

### *Усули бақияи камшаванда*

Тарзи муайянкунии маблағи истеҳлок бо усули бақияи камшаванда аз усули ғункунӣ дида осонтар аст. Барои ин ҳиссаи ҳамон солро ёфта, ба меъёри истеҳлок зарб задан даркор аст. Барои мисоли пешина ин бо чунин тарз муайян карда мешавад:

Барои соли 2004 = 8000х0.4х1/3=1066,7

Барои соли 2005 = (8000-1066,7)х0,4=2773,3 ва ғайра.

### *Таъсири азнавбаҳодиҳӣ ба истеҳлок*

Ҳангоми ба арзиши нобудкуни расидан ширкатҳо дигар хароҷоти хурдашавиро барои активҳо ҳисоб намекунанд, ҳатто агар ин актив солҳои зиед истифода шавад(ба мисоли кумулятивии дар боло буда назар афканед).Ин барои он аст,ки хурдашави ин процесси баҳодихи нест вай процесси қафо гирифтани маблағи гузошташуда ба ин актив мебошад.

Ҳачми маблаги қафо гирифта мешуда аз арзиши нобудсози ва муҳлати хизмати актив вобастагии калоне дорад.Барои ширкат ин ниҳоят муҳим аст ,ки арзиши нобудсози ва муҳлати хизмати актив дуруст муайян карда шуда бошад. Агар ширкатҳо ба хулосае биоянд,ки арзиши нобудсози ва муҳлати хизмат нодуруст муайян карда шудааст онҳо ин нишондиҳандаҳоро метавонанд тағир диҳанд. Дар ҳолати руй додани ин ҳодиса лозим мешавад,ки ҳаҷми хурдашавии ҳисобимешударо таъгир диҳем. Инро дар мисол нишон медиҳем.

**Мисоли 7.** Ширкати «Сомон» таҷҳизоти арзиши ибтидоиаш 60000у.е ва арзиши нобудсозиаш 1000у.е -ро доро ҳаст.Дар аввали давраи истифодабари мепиндоштанд,ки таҷҳизот 10 сол хизмат мекунад ,локин баъди 4 соли кор менеҷерон ба хулосае омаданд ки таҷҳизот на 6 соли дигар (10-4) балки боз 8 соли дигар хизмат расонида метавонад. Талаб карда мешавад ки ҳаҷми хурдашавиро барои соли 5-уми истифодабари бо усулҳои гуногун ёбед агар арзиши бақиявӣ барои ин актив на 1000 у.е балки 5000у.е шуда бошад.

### *Усули ростхатта*

Бузургии истеҳлок бо усули ростхатта ин тавр муаян карда мешавад.

Арзиши ибтидоӣ ---------------------------------------------------------------------------60000

Тарҳ: истеҳлоки ғуншуда дар охири соли 4-ум ((60000-1000)х4/8=29500)---------29500

Арзиши балансӣ дар аввали соли 5-ум ---------------------------------------------------30500

Тарҳ: арзиши нави барҳамдиҳӣ (5000)--------------------------------------------------------5000

Асосси истеҳлоки боқимонда-----------------------------------------------------------------25500

Андозаи истеҳлоки дар соли 5-ум (25500/8) ---------------------------------------------3187.5

### *Усули истеҳсолӣ*

Агар ширкати додашуда усули истеҳсолиро истифода барад он гоҳ нормаи нави хурдашави барои як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда бо чунин тарз муаян карда мешавад

***Меъёри хурдашави = (арзиши ибтидоӣ – арзиши барҳамдиҳӣ) /ҳаҷми махсулоте ки ин актив мебарорад (баъди азнавбаҳодиҳӣ).***

Баъдан бузургии истеҳлок барои дилхоҳ соли баъди азнавбоҳодиҳӣ бо формулаи зерин ёфта мешавад:

***Бузургии истеҳлок = (меъёри истеҳлок * ҳаҷми маҳсулоти дар давраи ҳисоботӣ баровард шуда)***

### *Усули бақияи камшаванда*

Агар усули бақияи камшаванда истифода бурда шавад, он гоҳ бузургии истеҳлок то соли 5-ум бо ин тарз муаян карда мешавад:

| | Арзиши ибтидоӣ | Истеҳлоки солона | Истеҳлоки ғуншуда | Арзиши балансӣ |
|---|---|---|---|---|
| Охири соли-1 | 60000 | 12000 | 12000 | 48000 |
| Охири соли-2 | 60000 | 9600 | 21600 | 38400 |
| Охири соли-3 | 60000 | 7680 | 29280 | 30720 |
| Охирисоли-4 | 60000 | 6144 | 35424 | 24756 |

Чи хеле ки мебинем арзиши баланси дар аввали соли 5-ум 24756 у.е ташкил медиҳад.

Хароҷоти истеҳлок дар соли 5-ум дар асосӣ фоизи нав муқаррар карда мешавад.

100%х2/8=25%

Маблағи хороҷоти истеҳлок барои соли 5-ум баробар аст ба: 24576 х 25% = 6 144 в.ш.

***Усули кумулиятивӣ***

Аввал арзиши балансиро то аввали соли 5-ум меёбем. Ҷамъи рақамҳои мӯҳлати хизмат барои мисоли мо баробар аст ба: 1+2+3+4+5+6+7+8+9+10=55

| | Арзиши ибтидоӣ | Истеҳлоки солона | Истеҳлоки ғуншуда | Арзиши балансӣ |
|---|---|---|---|---|
| | 60000 | | | 60000 |
| Охири соли-1 | 60000 | 10727.27 | 10727.27 | 49272.8 |
| Охири соли-2 | 60000 | 9654.54 | 20381.81 | 39618.19 |
| Охири соли-3 | 60000 | 8581.82 | 28963.63 | 31036.37 |
| Охири соли-4 | 60000 | 7509.09 | 36472.72 | 23527.28 |

Пас азнавбоҳодиҳи ҷамъи нави рақамҳои хизматро меёбем: 8+7+6+5+4+3+2+1=36

Коэффитсиенти муаянкунии андозаи истеҳлок барои соли 5-ум боробари 8/36 аст. Маблағи харочот барои ин давра (соли 5-ум ) ин тавр муаян карда мешавад:

Арзиши балансӣ 23527,28
Арзиши барҳамдиҳӣ 5000
Арзиши истеҳлокшаванда 18527,28
Хароҷоти истеҳлок 18527,28х8/36=4117,17

**Харочоти минбаъдаи (сармояшаванда ва ғайрисармояшаванда) воситаҳои асосӣ**

Воситаҳои асосии дар ихтиёри ширкат буда, пас аз ба дастоварӣ харочоти иловағиро талаб месозанд. Ин хароҷот ба ду гуруҳи калон тақсим мешаванд:

- хароҷоти сармояшаванда;
- сармоянашаванда.

Хароҷоте, ки ба ҳисоби воситаҳои асосӣ ё истеҳлоки ҷаъмшуда дебетонида мешаванд, харочоти сармояшаванда номида мешаванд.

Бо ибораи дигар, мегӯянд, ки харочот сармоя кунонида шуд. Мувофиқи СБҲМ 16 «Хароҷоти минбаъда воситаҳои асосӣ ба сифати актив эътироф мегарданд (ё сармоя кунонида мешаванд), танҳо он замоне, агар ҳолати ҳолати активро беҳтар созанд, маҳсулноки онро барзиёд аз меъёрҳои сараввал муайяншуда биафзоянд».

Дар фарқият аз харочоти сармояшаванда, хароҷоти сармоянашаванда ба ҳисоби активҳо дебитонида нашуда, ҳамчун харочоти давра шинохта мешаванд. Мувофиқи СБҲМ 16 таърифи зерини харочоти ғайрисармоявӣ дода мешавад: *«Хароҷоти маъмурӣ ва дигар хароҷоти умумии иловагӣ ҷузъи арзиши ҳақиқии воситаҳои асосӣ дониста намешаванд, агар онҳо мустақиман ба хариди актив ё расонидани вай то дараҷаи кориоямӣ алоқа надошта бошанд. Айнан ҳамин хел хароҷоти бо баистифодадиҳӣ алоқаманд ва дигар хароҷоти омодасозӣ ба арзиши актив дохил карда намешаванд, агар онҳо барои овардани актив то ҳолати корӣ лозим дониста нашаванд. Зарарҳои амалиётие, ки то пастшавии нишондодҳои кории воситаҳои асосӣ пайдо мешаванд, ҳамчун хароҷот дониста мешаванд».*

***Харочоти сармояшаванда***

Чи хеле, ки мо қайд намудем, хароҷот бо ду усул сармоя кунонида мешаванд:

1) Вақте, ки ба ҳисоби актив дебет карда мешаванд;
2) Вакте, ки ҳисоби «Истеҳлоки чамъшуда» дебет карда мешавад.

***Сармоякунонии хароҷот бо роҳи дебетонидани ҳисоби актив***

Хароҷоте, ки нишондодҳои сифатии активро беҳтар сохта, мӯҳлати хизмати вайро меафзоянд, бо роҳи дебетонидани ҳисоби воситаҳои асосӣ сармоя кунонида мешаванд. Ба сифати чунин харочот шинондани таҷҳизоти видео дар салони автобус баромад мекунад. Ин хел хароҷот бо роҳи дебетонидани ҳисоби «Наклиёти автомобилӣ» сармоя кунонида мешаванд.

***Сармоякунонии хароҷот бо роҳи дебетонидани ҳисоби «Истеҳлоки ҷамъшуда»***

Хароҷоте, ки нишондодҳои микдории воситаҳои асосиро беҳтар месозанд (мисол мӯҳлати хизмат), бо роҳи дебетонидани ҳисоби «Истеҳлоки ғуншуда» сармоя кунонида мешаванд. Мисол, ширкат таъмири асосиро карда мӯҳлати хизмати автобусро дароз месозад. Ин хел хароҷот бо роҳи дебетонидани ҳисоби «Истеҳлоки ғуншуда» сармоя кунонида мешавад. Ҳангоми чунин тарзи сармоякунонӣ арзиши балансии актив, ки истеҳлокшаванда мебошад, зиёд мегардад.

**Мисоли 8.** Ширкати мусофиркаш баъди 7 соли истифодабарии автобус 2500 в.ш.-ро барои таъмири асосӣ сарф намуда, мӯҳлати хизмати вайро аз 8 то 10 сол зиёд намуд. Тарзи навишти бухгалтерии ин амалиёт чунин аст:

***Истеҳлоки ғуншуда – нақлиёт ..........................................2500***
***Воситаҳои пулӣ ..................................................................2500***

Фарз мекунем, ки арзиши ибтидоии автобус бе арзиши барҳамдиҳӣ 20000в.ш.-ро ташкил медиҳад.

Дар охири соли 7-ум ҳангоми истифодаи усули ростхаттаи истеҳлок маблаги истеҳлоки ғуншуда 20000/8х7=17500 в.ш. –ро ташкил мекунад. Баъди дебетонидани ҳисоби «Истеҳлоки ғуншуда» тағйироти арзиши балансии воситаи асосӣ чунин хоҳад буд:

| | Пеш аз таъмири асосӣ | Баъд за таъмири асосӣ |
|---|---|---|
| Арзиши ибтидоӣ | 20 000 | 20 000 |
| Истеҳлоки ғуншуда | 17500 | 15000 |
| Арзиши балансӣ (охири соли 7) | 2500 | 5000 |

Пас аз таъмири асосӣ хароҷоти истеҳлок ҳамчун таносуби байни арзиши нави балансии актив ба мӯҳлати хизмати боқимонда муайян карда мешавад. Дар мисоли мо. баъди таъмир мӯҳлати хизмат то 10 сол зиёд шуд. Ин мӯҳлати хизматро 3-сол зиёд намуд (10-7=3). Андозаи истеҳлок дар ин ҳолат ба 5000:3=1650 в.ш. баробар мешавад

***Масрафиёте, ки хароҷот ҳисобида мешаванд***

Ҳар сол ширкатҳо маблагҳои калони пулиро барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани воситаҳои асосӣ сарф мекунанд. Ин масрафиёт асосан барои ба даст овардани даромад дар ҳамин давраҳои ҳисоботӣ нигаронда шудааст. Ба ин гуна хароҷот масрафҳои пулии корхонаҳо барои таъмири ҷорӣ ва нигоҳдориҳо таалluқ доранд.

***Азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ***

Мувофиқи СБҲМ 16 ширкатҳо ҳуқуқ доранд, ки дар сурати фарқи муҳими арзиши бозорӣ аз арзиши балансӣ активҳои худро аз нав баҳо диҳанд. Лекин бояд дар назар дошт, ки агар як бор актив аз нав баҳо дода шавад, ин маросим бояд доимо ҳангоми мавҷудияти фарқияти калон байни арзиши бозорӣ ва арзиши балансӣ такрор ёбад.

**Баҳисобгирии хориҷшавии воситаҳои асосӣ**

Воситаҳои асосӣ бо сабаби маҳдудияти мӯҳлати хизмат ва хислатҳои сифатӣ аз корхона хориҷ мешаванд. Вақте, ки воситаҳои асосӣ хориҷ мешаванд, онҳо аз ҳисобҳои бухгалтерӣ низ хориҷ карда мешаванд. Хориҷшавӣ бо се роҳ рух медиҳад:

1. барҳамдиҳӣ;
2. фурӯш;
3. ивазкунӣ.

Чӣ тавре, ки хориҷшавӣ вокеъ нагардад, дар чараёни азҳисоббарории воситаҳои асосӣ иҷроиши қадамҳои зерин талаб карда мешаванд:

- нишон додани дар ҳисобҳо истеҳлокро барои соли нопурра (агар лозим бошад) то лаҳзаи хориҷшавӣ;.
- инъикоси хориҷшавӣ бо роҳи:

а) дебетонидани ҳисоби «Истеҳлоки ғуншуда»;

б) кредитонидани ҳисоби «Воситаҳои асосӣ».

- инъикоси воридшавӣ ва ё хориҷшавии воситаҳо (одатан воситаҳои пулӣ), ки дар натиҷаи ивазкунӣ руй медиҳанд:
- инъикоси фоида ва зарар аз ивазкунӣ.

***Баҳисобгирии фурӯши воситаҳои асосӣ***

Ширкатҳо аксар вақт воситаҳои асосии худро мефурӯшанд. Натиҷаи чунин амалиётҳо фоида ё зарар шуда метавонад. Одатан натиҷаро ҳангоми муқоисаи арзиши балансӣ ва нархи фурӯш муайян мекунанд.

**Мисоли 9.** Ширкати «Роҳи абрешим» мошини боркашеро ки нархи балансиаш 15000 в.ш.-ро ташкил мекунад, бо нархи 10000в.ш. фурӯхт. Истеҳлоки ғуншудаи мошини боркаш 8000 в.ш.-ро ташкил медиҳад. Фоида аз фурӯши мошини боркаш баробари 3000 в.ш. аст.

Арзиши ибтидоии мошини боркаш ----------------------------------------------------15000
Истеҳлоки ғуншуда-----------------------------------------------------------------------8000
Арзиши балансии мошини боркаш--------------------------------------------------------7000
Нархи фурӯш---------------------------------------------------------------------------10000
Фоида аз фурӯш-----------------------------------------------------------------------3000

Навишти бухгалтерии ин амалиёт чунин аст:

***Воситаҳои пулӣ ........................................................10000***
***Истеҳлоки ғуншуда.....................................................8000***
***Воситаҳои асосӣ...........................................................15000***
***Фоида аз хориҷшавии воситаҳои асосӣ......................................3000***

Агар мошини боркаш бо нархи 6000 в.ш. фурўхта шавад, онгоҳ зарар (6000-7000=-1000) маблағи 1000 в.ш.-ро ташкил мекунад.

*Воситаҳои пулӣ..........................................................6000*
*Истеҳлоки гуншуда.....................................................8000*
*Зарар аз хориҷшавӣ.....................................................1000*
*Воситаҳои асосӣ..............................................................15000*

Агар мошини боркаш бо нархи 7000 в.ш., фурўхта шавад, онгоҳ фоида ё зарар ҳосил намешавад. Ин амалиёт дар ҳисобҳои бухгалтерӣ ин тавр нишон дода мешавад:

*Воситаҳои пулӣ..........................................................7000*
*Истеҳлоки гуншуда.....................................................8000*
*Воситаҳои асосӣ..............................................................15000*

***Баҳисобгирии барҳамдиҳии воситаҳои асоси***

Воситаҳои асосӣ бо ду сабаби зерин барҳам дода мешаванд:

- Ширкатҳо воситаҳои асосиро бо сабаби истеҳлоки маънавӣ ё ба роҳ мондани истеҳсолоти нав барҳам медиҳанд;
- Барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ бо сабабҳои ҳодисаҳои нохуш (сўхтор, заминларза ва ғайра) низ воқеъ мешавад.

Дар ҳолати аввал бухгалтер на танҳо арзиши ибтидоӣ ва истеҳлоки ғуншуда, инчунин арзиши барҳамдиҳии воситаи асосиро бо натиҷаҳои иқтисодиаш (фоида ва зарар) аз ҳисоб соқит менамояд.

**Мисоли 10.1.** Ширкати «Давлат» таҷҳизотеро, ки арзиши ибтидоиаш 1500 в.ш. ва истеҳлоки ғуншудааш 1000 в.ш. аст, барҳам медиҳад. Таҷҳизот дорои арзиши барҳамдиҳии баробар ба 100 в.ш. аст. Ин амалиёт дар ҳисобҳои бухгалтерӣ бо чунин навишт нишон дода мешавад:

*Маводҳо аз барҳамдиҳӣ ..................................................100*
*Истеҳлоки гуншуда ......................................................1000*
*Зарар аз барҳамдиҳӣ ......................................................400*
*Воситаҳои асосӣ ..............................................................1500*

Дар ҳолати барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ бо сабабҳои дуюм арзиши барҳамдиҳӣ нишон дода намешавад.

**Мисоли 10.2.** Бинои идораи ширкат дар натиҷаи сўхтор нобуд гардид. Арзиши ибтидоии бино 40000 в.ш. буда, истеҳлоки гуншуда баробари 5000 в.ш. аст. Арзиши барҳамдиҳии бино баробари 2000 в.ш. мебошад. Навиштҳои бухгалтериро барои ду ҳолат нависед.

1. Бино барои ҳолатҳои фавқулодда суғурта нашуда буд.
2. Бино ба маблағи 30 000 в.ш. суғурта шуда буд.

Барои ҳолати якум чунин навишти бухгалтериро истифода мебаранд:

*Зарар аз сўхтор ........................................................35000*
*Истеҳлоки гуншуда......................................................5000*
*Бино..........................................................................40 000*

Барои ҳолати дуюм навишти бухгалтерии зерин ҷой дорад:

*Ҳисобҳо барои қабул..................................................30000*
*Зарар аз сўхтор .........................................................5000*
*Истеҳлоки гуншуда.....................................................5000*
*Бино..........................................................................40 000*

***Баҳисобгирии ивазкунии воситаҳои асосӣ***

Ду намуди ивазкунии воситаҳои асосӣ ҷой дорад:

1. Ивазкунии воситаҳои асосии якхела;
2. Ивазкунии воситаҳои асосии харxела.

***Ивазкунии воситаҳои асосии якхела***

Ҳангоми ивазкунии активҳои якхела фоида эътироф карда намешавад. Фоидае, ки ҳангоми ивазкунӣ ба вуҷуд меояд, арзиши ибтидоии активи навро кам мекунад.

**Мисоли 11.** Ширкати «Азиз» таҷҳизоти кўҳнаро ба таҷҳизоти нави ҳамин тамға иваз мекунад. Арзиши ибтидоии таҷҳизоти кўҳна 45000 в.ш., истеҳлоки ғуншудаи он – 38000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Арзиши одилонаи бозории таҷҳизоти кўҳна баробари 9000в.ш. буда, арзиши эълоншудаи таҷҳизоти нав 55000 в.ш.- ро ташкил мекунад.

Бариловаи таҷҳизоти кўҳна ширкат ба маблағи 46000 в.ш. пул дод. Фоида аз чунин ивазкунӣ 2000 в.ш.-ро ташкил мекунад.

Арзиши ибтидоии таҷҳизоти кўҳна ------------------------------- 45000
Истеҳлоки ғуншудаи таҷҳизоти кўҳна - --------------------------38000
Арзиши балансии таҷҳизоти кўҳна---------------------------------- 7000
Арзиши одилонаи бозории таҷҳизоти кўҳна ----------------------9000
Фоида аз ивазкунӣ ---------------------------------------------------2000

Фоида аз чунин амалиёт эътироф карда намешавад. Таъсири фоида ба амалиёти ивазкунӣ ба таври зер нишон дода мешавад:

– ба маблағи фоида арзиши ибтидоии таҷҳизоти нав кам карда мешавад; ё

- ба сифати арзиши ибтидоӣ арзиши балансии активи кӯҳна бо ҷамъи пули нақди додашуда қабул карда мешавад. Барои ҳолати якум арзиши ибтидоии таҷҳизоти нав бо чунин роҳ ёфта мешавад:

Арзиши ибтидоии таҷҳизоти нав ------------------------------------55000
Фоида аз ивази таҷҳизоти кӯҳна --------------------------------------2000
Арзиши ибтидоии нави таҷҳизоти нав -------------------------------53000

Ҳангоми ҳолати дуюм арзиши ибтидоӣ бо чунин роҳ ёфта мешавад.

Арзиши балансии таҷҳизоти кӯҳна ------------------------------------7000
Пули нақди барилова додашуда-------------- -----------------------46000
Арзиши ибтидоии нави таҷҳизоти нав -----------------------------53000

Чӣ хеле, ки мебинем, дар ҳарду ҳолат натиҷаи якхеларо доро мешавем, бинобар ин навишт барои инъикоси ин амалиёт чунин мешавад:

***Таҷҳизот (нав)........................................................53000***
***Истехлоки гуншуда-таҷҳизоти кӯхна..........................38000***
***Таҷҳизот (кухна)..........................................................45000***
***Воситаҳои пулӣ..............................................................46000***

Дар тафовут аз фоида, зарар дарҳол эътироф карда мешавад, ки аз қоидаи консервативизм сарчашма мегирад.

Фарз мекунем, ки (дар мисоли боло ) таҷҳизоти кӯҳна арзиши бозории 3000 в.ш.-ро доро буда, барои вай барилова 52000 в.ш. пул доданд. Онгоҳ инъикоси амалиёт бо чунин навишт сурат мегирад:

Арзиши ибтидоии таҷҳизоти кӯҳна ---------------------------------45000
Истеҳлоки гуншудаи таҷҳизоти кӯҳна - ---------------------------38000
Арзиши балансии таҷҳизоти кӯҳна ----------------------------------7000
Нархи бозории таҷҳизоти кӯҳна --------------------------------------3000
Зарар аз ивазкунӣ -------------------------------------------------------4000

Навишти бухгалтерии ин амалиёт чунин аст:

***Таҷҳизот (нав)........................................................55000***
***Истеҳлоки гуншуда-таҷҳизоти кӯхна.........................38000***
***Зарар аз ивазкунӣ.....................................................4000***
***Таҷҳизот (кӯхна)..........................................................45000***
***Воситаҳои пулӣ..............................................................52000***

### *Ивазкунии воситаҳои асосии ҳархела*

Аксар маврид ширкатҳо воситаҳои асосии ҳархеларо иваз мекунанд. Мисол: Ширкат метавонад воситаи нақлиётиро бо таҷҳизот, заминро бо бино ва ғайра иваз кунад. Ҳангоми ивазкунии активҳои ҳархела ба сифати арзиши активҳои воридшаванда:

- арзиши одилонаи бозорӣ, ё нархи эълон шуда;
- агар нархи эълоншуда набошад, арзиши бозорӣ қабул мешавад.

Истеҳлоки гуншударо дебет, арзиши ибтидоии воситаи асосиро кредит намуда, бухгалтерон воситаҳоро аз ҳисоб мебароранд. Дар кредити ҳисоби воситаҳои пулӣ маблағи эълоншударо нишон медиҳанд. Агар арзиши активи воридшавандаро эълон накарда бошанд, он гоҳ нархи бозории ин активро кредит месозанд. Дар ин ҳолатҳо фоида ва зараре, ки аз ивазкунӣ ҳосил шудааст, қайд карда мешавад.

**Мисоли 12.** Ширкат биноеро, ки арзиши 50 000в.ш. буда, истеҳлоки гуншудааш 40 000 в.ш. ва арзиши одилонаи бозории он 7000 в.ш.-ро ташкил медиҳад, бо таҷҳизоте, ки нархи эълоншудааш 55000 в.ш. аст, иваз намуд. Ба иловаи ин, ширкат 48000 в.ш. пули нақд супорид. Ин амалиёт бо навишти бухгалтерии зерин қайд мегардад:

***Таҷҳизот ..............................................................55000***
***Истеҳлоки гуншуда – бино ............................................40000***
***Зарар аз ивазкуни .........................................................3000***
***Бино ........................................................................................50000***
***Воситаҳои пулӣ .............................................................48000***

Дигар тарзи ҳисобкунии зарар ин тарҳкунии арзиши бозорӣ аз арзиши балансӣ мебошад, яъне:

Арзиши ибтидоӣ – бино ----------------------------------- 50 000
Истеҳлоки гуншуда - бино --------------------------------40 000
Нархи балансӣ – бино ---------------------------------------10 000
Нархи бозорӣ – бино -----------------------------------------7 000
Зарар-------------------- ------------------------------------3 000

Барои инъикоси фоида аз ивазкунӣ фарз мекунем, ки нархи бозории бино 15000 в.ш. ва пули барилова додашуда 40 000 в.ш.-ро ташкил мекунад. Навишти бухгалтерӣ дар ин ҳолат чунин шаклро мегирад:

***Таҷҳизот ..............................................................55000***
***Истеҳлоки гуншуда – бино ..........................................40000***
***Бино ........................................................................50000***
***Воситаҳои пулӣ ..........................................................40000***
***Фоида аз ивазкунӣ .......................................................5000***

Ё бо тарзи дигар 5000 в.ш. чунин ҳисоб карда мешавад:

Арзиши ибтидоии бино-----------------------------------50000
Истеҳлоки гузашта -----------------------------------------40000
Нархи балансӣ-------------------------------------------------10000
Нархи бозории бино------------------------------------------15000
Фоида-----------------------------------------------------------------5000

Чӣ хеле, ки мебинем фоида ва зарар аз ивази активҳои ҳархела дарҳол эътироф карда мешаванд.

***Кушодадиҳӣ дар ҳисоботи молиявӣ***

Дар ҳисоботи молиявӣ ахбороти зерин бояд кушода гардад:

- тарзи муайянкунии арзиши ибтидоӣ;
- усули истифодашудаи истеҳлок;
- арзиши умумии балансии воситаҳои асосӣ бо қайди бузургии истеҳлок дар аввал ва охири сол;
- маблағи хароҷоти сармояшуда ва сармояношуда;
- маблағи ӯҳдадориҳо оиди воситаҳои асосии гирифташуда;
- андозаи сохтмони нотамом дар сурат сохтмони актив бо қувваи худ;
- дар сурати гузаронидани азнавбаҳодиҳӣ санаи азнавбаҳодиҳӣ, усули гузаронидани он ва маълумот оиди даъват шудани баҳодиҳандаи мустақил;
- арзиши балансии воситаҳои асосии муваққатан истифоданашаванда;
- воситаҳои асосии пурра истеҳлокшуда ва дар истифодабуда;
- арзиши балансии активҳои бозгирифтшуда ва барои хориҷшавӣ таъиншуда.
-

**Адабиёти истифодашуда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл. Принципы бухгалтерского учета – Четвертое издание. М. «Финансы и статистика», 1997.
7. International Accounting Standards, 1999
8. Финансовый учет. Учебное пособие, разработанное на основе стандартов бухгалтерского учета. Третье издание, Часть 1. Алматы 1999г.
9. Ван Хорн Дж. К. «Основы управления финансами» (перевод с англ./под редакцией Я.В. Соколова) М.: Финансы и статистика, 1999г.
10. Финансовый учет. Учебное пособие. Применение международных стандартов бухгалтерского учета на практике. Худжанд, 2001г.


**Ба хотир нигоҳ доред!**

**Воситаи асосӣ ва хароҷот**

| Намуди хароҷот | Воситаи асосӣ ё хароҷот | Навишти бухгалтерӣ |
|---|---|---|
| Иловакунӣ- афзоиши актив ё ба ӯ бахшидани шакли нав | Воситаҳ асосӣ | Ҳисоби воситаи асосӣ дебет мешавад. |
| Такмилдиҳӣ-баландсозии фоиданокии амалиётӣ ё тавоноӣ | Воситаи асосӣ | Ҳисоби воситаи асосӣ дебет мешавад |
| Таъмири махсус - зиёдсозии мӯҳлати актив | Воситаи асосӣ | Ҳисоби воситаи асосӣ дебет мешавад |
| Таъмири оддӣ ва хизматрасонӣ | Хароҷот | Ҳисоби хароҷот дебет мешавад |

***Супориш барои худсанҷӣ***

**1. Эътирофкунии фоида ва зарар**

Агар воситаҳои асосиро ба ҳисоб гиранд, кадоме аз ин тасдиқотҳо дуруст аст:

| | Эътироф карда мешавад | |
|---|---|---|
| | Фоида | Зарар |
| 1. Фурӯши воситаҳои асосӣ | Не | Ҳа |
| Ивази воситаҳои асосии ҳархела | Не | Не |
| Ивази воситаҳои асосии ҳархела | Не | Ҳа |
| Ивази воситаҳои асосии якхела | Не | Ҳа |

***2. Хариди гурӯҳии активҳо***

Ширкати «Sky woker» якчанд активро бо нархи 70 000 в.ш. харид. Нархи ҳар як актив дар алоҳидагӣ дар ҷадвали поён дода шудааст. Нархи ибтидоии ҳар як активро барои инъикос дар баланс муайян созед.

| **Актив** | **Нархи актив** |
|---|---|
| Замин | **10 000** |
| Мебел | **20 000** |
| Бино | **20 000** |
| Таҷҳизот | **10 000** |
| Ҳамагӣ | **60 000** |

***3.Муайянкунии арзиши ибтидоии активҳо***

Гӯед, ки дар кадом ҳисобҳо ин хароҷот бояд инъикос ёбанд:

1.500000 в.ш барои хариди замин дода шуд;
2. 5000 в.ш. барои ҳуҷҷатикунонии замин дода шуд;
3. 13000 в.ш. барои ҳамворкунии замин дода шуд;
4. 10000 в.ш. барои вайрон кардани бинои дар замин буда, сарф карда шуд;
5. 20000 в.ш. барои сохтмони истгоҳи мошинҳо сарф шуд;
6. 10000 в.ш. барои сохтмони обравҳо сарф шуд;
7. 70000 в.ш. барои кандани таҳкурсии бино сарф шуд;
8. 1000 в.ш. барои харидани молҳои идоравӣ сарф шуд;
9. 2000 в.ш. барои харидани мебел сарф шуд;
10. 2100 в.ш. барои харидани сӯзишворӣ ва равганҳои молиданӣ сарф шуд;

Ҷавоби худро дар шакли ҷадвали дар поён оварда шуда нишон диҳед.

| Замин | Бино | Беҳтарсозии замин | Дигар активҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Ном | Маблағ |

***4.Муайянкунии истеҳлок бо истифодабарии 4 усул***

Ширкати «SUN» 1 январи соли 2004 таҷҳизотеро бо нархи 192 000 в.ш. харид. Ширкат меҳоҳад, ки ин таҷҳизотро 6 сол истифода барад ва арзиши барҳамдиҳии ин таҷҳизот дар соли охирини хизмат 21900 в.ш.-ро ташкил мекунад. Ҳаҷми коре, ки аз ин таҷҳизот интизор шудан мумкин аст, 200 000 дона аст ва он ба таври зер тақсим мешавад: соли 1-ум – 20 000, соли 2-юм – 25 000, соли 3-юм – 35 000, соли 4-ум – 20 000, соли 5-ум -50 000 ва соли 6-ум – 50 000. Барои муайянкунии маблағи истеҳлок бо 4 усулреҷаҳоро созед (ростхатта, истеҳсолӣ, ҷамъи рақамҳои соли хизмат ва усули бақияи камшаванда).

## Боби 10. Активҳои ғайригардишӣ: баҳисобгирии намудҳои ғайр

*Мақсади омӯзиш*
*Мафҳуми активҳои ғайримоддӣ*
*Таснифи активҳои ғайримоддӣ*
*Асосҳои баҳисобгирии активҳои ғайримоддӣ*
*Гудвилл ё тафовути «нархи ширкат»*
*Хароҷоти тадқиқот ва коркарди илмӣ*
*Сарватҳои табиӣ*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯзиши ин мавзӯъ Шумо бояд:

- мафҳуми активҳои ғайримоддиро аниқ намоед;
- моҳияти иқтисодӣ ва аҳамияти активҳои ғайримоддиро фаҳмонед;
- активҳои моддӣ ва ғайримоддиро фарқ кунед;
- намудҳои гуногуни активҳои ғайримоддиро тавсиф намоед;
- принсипҳои асосии баҳисобгирии харид ва амортизатсияи активҳои ғайримоддиро донед ва истифода бурда тавонед;
- арзиши балансии активҳои ғайримоддиро баҳо диҳед;
- масъалаҳои консептуалии вобаста ба хароҷоти таткиқот ва коркарди илмиро муҳокима намуда, маросимҳои бухгалтерии онҳоро тасвир намоед;
- баҳисобгирии камшавии (истощения) сарватҳои табииро тасвир намоед;
- кушоиши мувофиқи ахборотро нисбати активҳои ғайримоддӣ ва захираҳои табиӣ дар асоси СБҲМ дар ҳисоботи молиявӣ диҳед.

### Мафҳуми активҳои ғайримоддӣ

*СБҲМ 38:* **Активи ғайримоддӣ (intangible assets)** – ин активи ғайрипулии шинохташавандае, ки шакли ҷисмонӣ надорад ва ҳангоми истеҳсол ё пешниҳоди молу хизмат, барои иҷорадеҳӣ ё мақсадҳои маъмурӣ истифода мегардад.

Нишонаҳои асосии активҳои ғайримоддӣ:

- мавҷуд набудани таҷассуми моддӣ;
- дараҷаи баланди номуайянӣ нисбати фоидаи оянда;
- барои фурӯш таъинот надоштан;
- мӯҳлати тӯлонии истифодабарӣ;
- даркнашаванда, ҳиснашаванда ва ғайриҷисмоният.

Барои он, ки объект ҳамчун активи ғайримоддӣ эътироф гардад, вай бояд ба мафҳуми актив ҷавобгӯ буда, ченшаванда, муҳим ва эътимоднок бошад. Объект ҳамчун активи моддӣ эътироф мегардад, агар он шинохташаванда, зериназорат буда, дар оянда бадастории суди (фоидаи) иқтисодиро таъмин намояд.

Калимаи «ғайримоддӣ» (нематериальный - intangible) аз лотинии tangere гирифта шудааст, ки он маънои «ҳисшаванда, даркшаванда»-ро дорад[1].

Ҳамаи активҳои зериназоратии ширкатро метавон ба моддӣ ва ғайримоддӣ, пулӣ (монетарӣ) ва ғайрипулӣ (ғайримонетарӣ), гардон ва ғайригардишӣ ҷудо намуд. Активҳои ғайримоддӣ ба активҳои ғайрипулӣ ва ғайригардишии дарозмуддат дохил мешаванд. Ҳамин гуна активҳое низ мавҷуданд, ки ба тасвироти боло мувофиқат карда, дар баробари ин ғайримоддианд. Мисол, қарздории дебиторӣ, хароҷоти давраҳои оянда, сармоягузориҳо (инвеститсияҳо). Тафовути асосии активҳои ғайримоддӣ аз объектҳои номбаршуда дар он аст, ки онҳо хароҷоти мавқуфгузошта оиди хариди баъзе хадамот, на активҳои моддианд. Ғайр аз ин, активҳои ғайримоддӣ афзалиятҳои муҳими зеринро нисбати активҳои моддӣ доранд:

- ***маҳдуд будани истифодабарии алтернативӣ.*** Аксари активҳои ғайримоддӣ имконияти истифодабарии алтернативиро надоранд. Ба қатори ин гуна активҳо – гудвилл, хароҷоти

---

[1] Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: Пер. с англ. /Под ред. проф. Я.В.Соколова. - М.: Финансы и статистика,1997г -576с. саҳ. 396

коркард, ӯҳдадорӣ оиди рақобат накардан, хароҷоти ҳимояи ҳуқуқ ва имтиёз ва дигарҳо дохил мешаванд;

- ***мӯҳлати тӯлонии истифодабарӣ.*** Қариб ҳамаи активҳои гардон мӯҳлати кӯтоҳи истифодабариро доранд, ҳол он, ки ба активҳои ғайримоддӣ мӯҳлати дароз хос аст;
- ***ғайриимкон будани муоинаи алоҳида.*** Баъзе аз олимон[2] чунин мешуморанд, ки активҳои ғайримоддӣ аз ширкат ҷудонашаванда буда, бо нақдинаи воқеӣ (пулӣ) баҳо дода намешаванд, яъне, онҳо актив набуда, бояд дарҳол пас аз харид аз ҳисоб бароварда шаванд. Аммо, ба ин фарзия нуктаҳои муқобили зерин мавҷуданд: 1. бисёре аз активҳои ғайримоддӣ алоҳида муоина мегарданд, мисол, патент, литсензия, нишонаҳои молӣ ва ғ. 2. активҳои моддӣ танҳо дар робита бо активҳои ғайримоддӣ арзиш доранд (мисол, намоишнома арзише надорад, агар ягон кас ҳуқуқи гузориши онро надошта бошад);
- ***номуайянии пӯшонидани харҷ.*** Фоидаи минбаъда аз активҳои ғайримоддӣ на ҳамеша аз рӯи бузургӣ ё вақти бадастории он яқин аст[3].

## Таснифи активҳои ғайримоддӣ

### Расми № 9. Таснифи активҳои ғайримоддӣ




Мувофиқи СБҲМ 38, активҳои ғайримоддии аз рӯи характер ва истифодабарӣ дар фаъолияти корхона, ба синфҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

*(a) ному нишонаҳои фабрикавӣ;*
*(b) сарлавҳаи рӯзномаҳо ва ҳуқуқҳои нашриётӣ;*
*(c) таъмини барномаҳои компютерӣ;*
*(d) литсензия и франшизаҳо;*
*(e) ҳуқуқи муаллифӣ, патент ва дигар ҳуқуқҳо ба моликияти саноатӣ, ҳуқуқи хизматрасонӣ ва истифода;*
*(f) ретсептҳо, формулаҳо, моделҳо, нақшаҳо ва прототипы; ва*
*(g) активҳои ғайримоддии бунёдшаванда.*

---

[2] Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: Пер. с англ. /Под ред. проф. В.Соколова. - М.: Финансы и статистика,1997г –576с. саҳ. 398

[3] дар ҳамон ҷо.

Навъҳои мазкур ба зергурӯҳҳо ва бандҳои хурд (бузург) тақсим (мутаҳҳид) карда мешаванд, агар ин амал судмандии ахборотро барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ афзун намояд.

**Асосҳои баҳисобгирии активҳои ғайримоддӣ**

1. ***Баҳодиҳӣ ва эътироф.*** Активҳои ғайримоддӣ ҳам аз корхонаҳои дигар харида мешаванд ва ҳам худи ширкат метавонад онҳоро бунёд намояд. Дар ҳар ҳолат активҳои ғайримоддӣ сараввал аз рӯи арзиши аслӣ баҳо дода мешаванд. Арзиши аслӣ ҳама гуна харочоти харид ё бунёднамоии активи ғайримоддиро (нархи харид, харочоти нақл, харочоти ҳуқуқӣ ва ғ.), инчунин харочоти тайёрнамоии активро барои истифодабарӣ дарбар мегирад. Дар ҳолати хариди активҳои ғайримоддӣ ба ивази дигар активҳо ё саҳмияҳо, арзиши аслии активҳои ғайримоддӣ ҳамчун нархи одилонаи бозории моликияти додашуда ё активи қабулмешуда вобаста аз он, ки кадоме аз онҳо ба таври бовариноктар муайян карда мешаванд, дониста мешавад.

Активи ғайримоддӣ эътироф мегардад, агар:

- суди иқтисодии оянда аз он эҳтимолӣ бошад;
- арзиши актив ба таври боваринок баҳо дода шавад.

2. ***Баҳодиҳии минбаъда.*** Пас аз эътирофи ибтидоӣ активи ғайримоддӣ аз рӯи арзиши аслӣ тарҳи таҷдиди ҷамъшуда ва зарари ҷамъшуда аз камнархшавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. СБҲМ тартиби алтернативии баҳисобгирии активҳои ғайрмоддиро иҷозат медиҳанд: пас аз эътирофи ибтидоӣ активҳои ғайримоддиро метавон аз рӯи арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гирифт. Арзиши азнавбаҳододашуда – ин арзиши одилона дар санаи азнавбаҳодиҳӣ бо тарҳи таҷдиди ҷамъшуда ва зарари ҷамъшуда аз камнархшавӣ аст. Азнавбаҳодиҳӣ бояд ба таври мунтазам бо мақсади пешгирии фарқияти муҳими арзиши балансӣ аз арзиши бозорӣ гузаронида шавад.

3. ***Мӯҳлати хизмат.*** Мӯҳлати хизмати активҳои ғайримоддӣ вобаста аз омилҳои зерин муқаррар мегардад:

- низоми муқарраргардида (ҳуқуқӣ, танзимӣ, шартномавӣ), ки мӯҳлати хизматро маҳдуд менамояд;
- истифодаи интизории актив аз ҷониби ширкат ва имконияти истифодаи самараноки актив аз ҷониби гурӯҳи дигари идоракунандагон[4];
- давраи намунавии ҳаёти актив ва ахбороти нашргардида оиди баҳодиҳии мӯҳлати хизмати судманди активҳои монанд;
- шароитҳои навкунӣ ё дарознамоии мӯҳлати хизмат;
- таҷдид (амортизатсия), талабот ва дигар омилҳои иқтисодие, ки мӯҳлати хизматро ихтисор менамоянд;
- амали интизории рақибон ва пайдоиши маҳсули нав, ки қобилияти рақобатпазирии активро маҳдуд месозанд.

Мӯҳлати хизмати судманди активҳои ғайримоддӣ мувофиқи СБҲМ набояд аз 20 сол зиёд бошад. Аммо, дар ҳолатҳои истисноӣ ширкатҳо метавонанд мӯҳлати зиёда аз 20 солро истифода баранд, агар барои ин далелҳои мӯътамади инкори мӯҳлати СБҲМ муқарарнамуда мавҷуд бошад. Омилҳои гуногуни иқтисодиву ҳуқуқӣ, ки ба мӯҳлати хизмати активҳои ғайримоддӣ таъсир мерасонанд, вуҷуд дошта метавонанд. Омилҳои иқтисодӣ давраи гирифтани фоидаи иқтисодиро аз актив муайян менамоянд. Омилҳои ҳуқуқӣ – давраи фоидагирии ширкатро аз ин актив маҳдуд месозанд. Мӯҳлати хизмати фоиданок давраи кӯтоҳтарро аз ин давраҳо ифода менамояд.

4. ***Таҷдиди активҳои ғайримоддӣ.*** Арзиши активҳои ғайримоддӣ ба таври мунтазам дар давоми мӯҳлати хизмати судманди активҳо аз ҳисоб бароварда мешавад. Ин амалро қоидаи мувофиқат, ки инъикоси яквақтаи харочоти баамаломада ва фоидаи гирифташавандаро зарур мешуморад, талаб мекунад. Таҷдид бо оғози истифодабарии актив ба амал бароварда мешавад. Ширкат, вобаста аз реҷаи бадастории фоидаи иқтисодӣ аз актив, арзиши онро бо усули мувофиқ таҷдид менамояд. Аммо, мувофиқи СБҲМ, усули хубтари таҷдиди активҳои ғайримоддӣ ***усули ростхатта*** аст. Дар афзалият аз воситаҳои асосӣ, нисбати активҳои ғайримоддӣ низоми мустақими ҳисобкунии таҷдидро истифода мебаранд, яъне ҳисоби аксулактивии ҷамъкунии таҷдид истифода намешавад.

**Мисоли 1**. Ширкати «Оби зулол» нишони молии ширкати «RC Cola» -ро ба маблағи 20 000 в.ш. харид.

---

[4] МСФО 38 «Нематериальные активы». П.80. Международные стандарты финансовой отчетности, сах.919

Дар баҳисобгирӣ ин амалиёт чунин инъикос мегардад:

***Нишонаи молӣ***......................................................**20 000**

***Воситаҳои пулӣ***.................................................................**20 000**

Ҳисобкунии маблағи ҳарсолаи таҷдид чунин акс меёбад:

***Харочоти таҷдиди нишонаи молӣ***...................................**1 000**

***Нишонаи молӣ***.......................................................................**1 000**

Усули ҳисобкунии таҷдид бояд ба таври пайдарпай давра ба давра истифода гардад. Таҷдид одатан ҳамчун харочоти давра шинохта мешавад. Аммо, баъзан, фоидаи иқтисодии дар актив таҷассумёфта, аз ҷониби ширкат ҳангоми истеҳсоли дигар активҳо фаро гирифта шуда, ба пайдоиши харочот бурда намерасонанд. Дар ин ҳолатҳо ҳиссаҷудокуниҳои таҷдидӣ ба арзиши аслии активи истеҳсолгардида дохил карда мешаванд.

Дар аксар ҳолатҳо активҳои ғайримоддӣ арзиши барҳамдиҳиро надоранд, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

- агар тарафи сеюм ӯҳдадориро оиди хариди актив пас аз баанҷомрасии мӯҳлати хизмати муфиди он бар дӯши худ гирифта бошад;
- агар бозори фаъоли муайянкунандаи арзиши барҳамдиҳии ин гуна активҳо мавҷуд бошад ё эҳтимолияти бунёдгардии он дар охири мӯҳлати хизмати муфиди актив равшан бошад.

Арзиши бақиявии актив бо роҳи тарҳнамоии арзиши таҷдидӣ аз арзиши балансӣ ё ибтидоӣ муқаррар карда мешавад.

Усул ва давраи таҷдид дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ барои пешгирии ба ҳисоб гирифта нашудани тағйирёбии мӯҳлати ҳисобкардашудаи хизмати муфиди актив аз нав дида мешаванд. Агар тағйироти муҳим дар речаи ҳисобкардашудаи дохилшавии фоидаи иқтисодӣ аз актив ба вуҷуд омада бошад, мувофиқан усули таҷдид низ барои инъикоси ин тағйирот тағйир дода мешавад.

5. ***Камшавии арзиши активҳои ғайримоддӣ***. Дар ҳолати зиёд будани арзиши воқеӣ аз фоиданокии иқтисодӣ, фарқиятро (арзиши таҷдидношудаоро) ба зарар бо мақсади камкунии арзиши актив мегузаронанд.

6. ***Хориҷшавии активҳои ғайримоддӣ***. Арзиши таҷдидношудаи активи ғайримоддиро аз баланси бухгалтерӣ ҳангоми хориҷшавии он дар ҳолати набудани эътимоди гирифтани фоидаи иқтисодӣ аз истифодабарӣ ё хориҷшавии минбаъдаи он мебароранд. Фоида ё зарар аз барҳамдиҳӣ ё хориҷшавии дигари актив ҳамчун фарқи байни даромади софи хориҷшавӣ ва арзиши балансии актив муайян карда мешавад. Ва он ҳамчун даромад ё харочот аз фаъолияти ғайриасосӣ (ғайриамалиётӣ) дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар шинохта мешавад.

***Гудвилл ё тафовути «нархи ширкат»***

Гудвилл (goodwill) ё «нархи ширкат», дар худ мисоли возеҳтарини активи аз ширкат ҷудонашавандаро, ки истифодабарии алтернативӣ ва арзиши минбаъдаи муайянро надорад, ифода мекунад.

Маъмулан ҳангоми хариди ширкати дигар фарқ байни нархи ширкат ва активҳои он пайдо мешавад. Вақте, ки ширкати дигар харида мешавад, активҳои он ба активҳои ширкати харидор ҳамроҳ карда мешаванд. Маблағи боқимонда аз рӯи имконият ба нархи активҳои харидашуда барои то ба нархи бозорӣ баробар кардани он тақсим карда шуда, қисмати тақсимношуда ҳамчун гудвилл инъикос мегардад. Ин қисми тақсимношудаи арзиши активҳои ширкати харидашуда бояд ҳамчун актив инъикос гардад, зеро мувофиқи қоидаҳои баҳисобгирӣ дар ҳолати харҷи воситаҳо бо мақсади бадастории фоидаи ояндаи иқтисодӣ онҳоро мебояд сармоя гардонида ба давраҳои ҳисоботии оянда гузаронид.

Ҳамин тариқ, **гудвилл** – арзишест, ки аз тавсифномаи хуби ширкат бармеояд ва даромадро меафзояд. Гудвилл асосан аз тавсифҳои хуби зерини ширкати харидашаванда ба вуҷуд меояд:

- самаранокии истеҳсолот;
- ҷойгиршавӣ дар макони муваффақиятнок;
- командаи аълодараҷаи идоракунандагон;
- ҷараёни махфии истеҳсолот;
- рейтинги баланди боварӣ;
- талаботи калон ба маҳсулоти ширкат;
- обрӯи (репутация) мусбии ширкат ва ғ.

***Гудвилл – ин фарқи мусбии байни нархи ҳақиқии хариди ширкат ва арзиши одилонаи бозории активҳои он буда, ҳамчун актив инъикос мегардад.***

Усули муҳими ҳисобкунии арзиши ширкат ин баҳодиҳии қобилияти фоидагирии он аст. Барои ин мебояд корҳои зеринро иҷро кард:

- баҳо додани фоидаи имконпазири оянда;
- муайян кардани сатҳи муқаррарии даромаднокии ширкат;
- муайян кардани бузургии фоидаи муқаррарӣ;
- муайян кардани фоидаи иловагӣ;
- ҳисоб кардани арзиши гудвилл.

Ин рафтор ҳамчун ***усули ҳисобкунии фоидаи иловагӣ*** маълум аст[5].

Ғайр аз ин усулҳои зерини муайянкунии арзиши гудвилл мавҷуданд:

- «баҳо додани обрӯи (репутатсияи ) ширкат»;
- баҳои ҷории дисконтиронидашудаи фарқияти байни фоидаи минбаъдаи интизорӣ ва фоидаи ҳисобӣ (меъёрӣ, миёнаи соҳавӣ) аз ҳамаи активҳои корхона ба ғайр аз гудвилл;
- арзиши бақиявӣ, ки дар худ барзиёдии арзиши корхонаро аз арзиши умумии активҳои софи он ифода менамояд»[6].

Дар амалия, ҳолатҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки нархи ширкат аз арзиши умумии активҳояш паст аст. Ин ҳолатҳо ҳангоми:

- фурӯши маҷбурӣ;
- қобилияти хуби савдокунии харидор;
- номуташаккилӣ ё номукаммалии бозор;
- бесамарии идоракунӣ. ба миён меоянд.

Ин вазъият ҳамчун «гудвилли манфӣ» ё «бэдвилл» маълум аст. Ҳангоми бавуҷудоии бэдвилл арзиши қиматҳои ширкати харидашударо ба таври мутаносиб кам мекунанд.

**Мисоли 2.** Ширкати «IZS» ширкати «MMI»-ро мехарад. Дар зер моликияти ширкати «MMI» ва арзиши софи бозории онҳо оварда шудаанд: активҳои гайригардишӣ – 20 000 в.ш., воситаҳои пулӣ – 10 000 в.ш., захираҳои моддиву молӣ - 20 000 в.ш., сармояи гузошташуда – 30 000 в.ш., ӯҳдадориҳо - 40 000 в.ш., ҳисобҳо барои қабул – 20 000 в.ш.. Фурӯшандаи ширкат талаб мекунад:

а) 40 000 в.ш.;

б) 20 000 в.ш..

*Ҳал:*

а) нархи ширкати «MMI» баробар аст: активҳо – ӯҳдадориҳо = 70 000 – 40 000 = 30 000 в.ш.

Дар ҳолати пардохти 40 000 в.ш. ин амалиётро ширкати харидор чунин ба ҳисоб мегирад:

| | |
|---|---|
| *Активҳо (ҳисобҳои мувофиқ)* ........................................ | *60 000* |
| *Гудвилл* ................................................................... | *10 000* |
| *Воситаҳои пулӣ* ............................................................. | *30 000* |
| *Ӯҳдадориҳо* ...... ............................................................. | *40 000* |

б) Ҳисобкунии тақсими мутаносиби гудвилли манфӣ нисбати активи гайрипулии моддӣ ба таври зер ба амал бароварда мешавад:

$$\frac{20000}{40000} * 10000 = 5000$$ - маблаге, ки ба бузургии он арзиши захираҳои моддиву молӣ кам карда мешавад, ва

$$\frac{20000}{40000} * 10000 = 5000$$ - маблағи камкунии арзиши активҳои ғайригардишӣ.

Мувофиқан, дар ҳисобгирӣ чунин мукотибот акс мегардад:

| | |
|---|---|
| *Активҳо (ҳисобҳои мувофиқ)* ........................................ | *50 000* |
| *Воситаҳои пулӣ* ............................................................. | *10 000* |
| *Ӯҳдадориҳо* ...... ............................................................. | *40 000* |

Дар адабиётҳо баъзан ба ҳисоб гирифтани гудвилли манфиро ҳамчун ӯҳдадорӣ тавсия менамоянд. Ин ҳол ҳангоми ба рақами сифр баробар гардидани арзиши активҳои моддӣ ҷой дорад. Ин ҳолат дар амалия ниҳоят кам ба назар мерасад.

Арзиши гудвилл дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди он аз ҳисоб бароварда мешавад. Аммо, давраи таҷдид набояд аз мӯҳлати 20 -сола зиёд бошад.

## Харочоти тадкикот ва коркарди илмӣ

СБҲМ 38: ***Тадқиқот – ин таҳқиқи оригиналӣ ё нақшавиест, ки бо мақсади бадастории донишҳо ва натиҷаҳои нави илмиву техникӣ ба амал бароварда мешавад. Коркардҳо***

---

[5] ниг. Финансовый учет. Учебное пособие. Ч.1. USAID/CARANA Corporation – Алматы. 1999, сах. 142

[6] Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета: Пер. с англ. /Под ред. проф. Я.В.Соколова. - М.: Финансы и статистика,1997г –576с. сах. 401.

***(разработки) – ин истифодабарии натиҷаҳои тадқиқот ё донишҳои дигар ҳангоми банақшагирӣ ё бунёдсозии масолеҳ, воситаҳо, маҳсулот, ҷараёнҳо, системаҳо ё хадамоти нав ё мукаммал то саршавии истеҳсолот ё истифодабарии тиҷоратии онҳо мебошад.***

Активи моддие, ки дар рафти тадқиқот ба вуҷуд меояд, эътироф нагардида, хароҷоти бунёди он ҳамчун харҷи давра шинохта мешавад.

Мисолҳои фаъолияти тадқиқотӣ:

- тадқиқоти лабораторӣ, ки барои бадастории донишҳои нав равона гардидааст;
- ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва интихоби ниҳоии истифодабарии натиҷаҳои тадқиқот;
- ҷустуҷӯи намудҳои нави масолеҳ, воситаҳо, маҳсулот, системаҳо ва хадамот;
- тасвияти мафҳумҳо ва коркарди маҳсулоти оянда ё роҳҳои истеҳсолӣ.

Активи моддие, ки дар рафти коркард бунёд мегардад, ҳамчун актив эътироф мешавад, агар ширкат:

- баамалбарории техникии омодасозии активро барои истифодаи минбаъда ё фурӯш;
- нияти худро оиди омодасозии актив барои истифодаи минбаъда ё фурӯш;
- қобилияти худро дар истифода ё фурӯши минбаъдаи актив;
- мавҷудияти бозорро барои истифодабарӣ ё фурӯши минбаъдаи ин актив;
- мавҷудияти қобилияти фоидаоварии минбаъдаи ин актив;
- мавҷудияти воситаҳои кофӣ барои баитмомрасонии коркард;
- қобилияти баҳодиҳии бовариноки хароҷоти барои баитмомрасонии коркард зарурира намоиш диҳад.

Мисолҳои фаъолият оиди коркард:

- лоиҳакашӣ, тартибдиҳӣ ва санҷиши навъу намунаҳои тоистеҳсолӣ, маҳсулот, ҷараёнҳо, системаҳо ё хадамоти алтернативии интихобшуда;
- коркарди асбобҳо, нусхаҳо, қолибҳои рехтагарӣ, матрисаҳо, аз ҷумла технологияи нав;
- лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодаи дастгоҳи таҷрибавӣ.

Амалан, дар аксари ширкатҳо хароҷоти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ (НИОКР) бо мақсади афзоиши фоидаи оянда ба нақша гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, аксари бухгалтерон, чунин мешуморанд, ки ин хароҷотро мебояд сармоя гардонид, гарчанде, ки бисёре аз тадқиқотҳо бенатиҷа ба анҷом мерасанд, ё натиҷаҳои коркардро на ҳама вақт истифода бурдан ҷоиз аст. Бо сабаби мавҷудияти ин гуна номуайянӣ, СБҲМ ба сифати хароҷоти давра аз ҳисоб баровардани ин масрафро тавсия менамоянд.

Хароҷоти бунёднамоии дохилии нишонаҳои молӣ, ҳуқуқи муаллифӣ ва активҳои монанд, ки аз хароҷоти тараққии умумии ширкат фарқ намекунанд, ба сифати активи ғайримоддӣ эътироф карда мешаванд.

Арзиши аслии активи ғайримоддии дар дохил бунёд гардида, мувофиқи СБҲМ 38, дарбар мегирад:

(a) *хароҷоти масолеҳ ва хизмати ҳангоми бунёднамоии активи ғайримоддӣ истифодашуда ё сарфшуда;*

(b) *музди меҳнат, маош ва дигар хароҷоти бо фаъолияти коргарони бевосита бо бунёднамоии актив машғулбуда вобаста;*

(c) *ҳама гуна хароҷоти мустақим, ба монанди боҷи бақайдгирии ҳуқуқӣ ва таҷдиди патенту литсензияҳои барои бунёднамоии актив истифодагардида; ва*

(d) *хароҷоти иловагие, ки барои бунёднамоии актив зарур аст ва бо асоси оқилона ва пайваста ба актив гузаронида мешавад.*

Хароҷоти зерин ба арзиши аслии активи ғайримоддии дар дохил бунёдгардида ҳамроҳ карда намешаванд:

(a) *хароҷоти иловагии тиҷорат, маъмурӣ ва ғайраи умумӣ, ба ғайр аз онҳое, ки бевосита ба тайёркунии актив барои истифодабарӣ дахл доранд;*

(b) *бесамарии яқин муайянкардашаванда ва зарари ибтидоии амалиётие, ки барои бадастории нишондиҳандаҳои нақшавии кории актив ба амал омадааст; ва*

(c) *хароҷоти омодасозии кормандони истифодабарандаи актив.*

Хароҷоти коркарди таъминоти барномавие, ки барои фурӯш ё иҷорадиҳӣ таъин гардидааст, ҳамчун хароҷоти давра аз ҳисоб соқит мешавад. Хароҷоти истеҳсоли намунаҳои аслии маҳсулот, ки барои истифодабарӣ истеҳсол мегарданд, сармоя кунонида шуда, бо усули ростхатта дар давоми мӯҳлати хизмати муфиди таъминоти барномавӣ аз ҳисоб баровардa мешаванд.

**Сарватҳои табиӣ**

Сарватҳои табиӣ (natural resources) активҳои камшаванда буда, бо роҳи истихроҷи ҷисмонӣ харҷ мегарданд. Хусусияти фарққунандаи сарватҳои табиӣ дар он аст, ки онҳо ҳангоми истихроҷ ба захираҳои моддӣ мубаддал мегарданд. Ба сарватҳои табиӣ ҷангалзорон, нафт, газ, маъдану дигар канданиҳои фоиданок дохил мегарданд. Масъалаҳои баҳисобгирии сарватҳои табиӣ:

- муайянкунии арзиши сарватҳои истихроҷшаванда, яъне аниқ кардани хароҷоти сармоякунонидашаванда;
- аз ҳисоб соқит кардани арзиши сарватҳои табиӣ, яъне, аз рӯи кадом меъёр ин активҳо бояд таҷдид гарданд.

Арзиши сарватҳои табиии дар давоми давраи ҳисоботӣ харҷшаванда камшавӣ (истощение) номида мешавад. Камшавӣ на танҳо маънои тамомшавии сарватҳои табииро дорад, балки маънои ба таври мутаносиб гузаронида шудани арзиши онҳоро ба захираҳои истихроҷшуда низ дорад. Хароҷот бо усули истеҳсолии истеҳлок тақсим карда мешавад.

Сарватҳои табиӣ дар ҳисобгирӣ аз рӯи арзиши харид инъикос гардида, ба қадри истихроҷи захираҳо арзиши онҳо кам карда мешавад.

Ҳангоми харид ё коркарди сарватҳои табиӣ нишондиҳандаи ҳисобии бузургии захираҳоро бо тонна, баррел ё метри мукааб муайян мекунанд. Арзиши як воҳид захираи истихроҷгашта баробар аст ба:

$$\frac{\text{Арзиши сарватҳо – арзиши барҳамдиҳии сарватҳо}}{\text{Бузургии ҳисобии сарватҳо}}$$

Маблағи камшавӣ барои ҳама гуна давра баробари миқдори воҳидҳои истихроҷгардидаи захираҳо зарби меъёри воҳиди камшавӣ аст. Дар ин ҳангом, ҳисобҳои мувофиқи хароҷот ё захираҳои истихроҷгардида дебитонида шуда, ҳисоби мувофиқи камшавии актив кредитонида мешавад. Сарватҳои истихроҷгардида ҳамчун захираҳои моддиву молӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Маблағи камшавӣ дар кредити активҳои камшаванда навишта шуда, ба ҳеҷ ваҷҳ дар кредити ҳисоби камшавии ҷамъшуда (накопленное истощение) инъикос намегарданд.

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Мувофиқи СБҲМ 38 дар ҳисоботи молиявӣ бар ҳар як навъи активҳои ғайримоддӣ бояд ахбороти зерин бо ҷудо кардани активҳои дар дохил бунёдгардида аз активҳои дигар шарҳ дода шавад:

***(a)*** ***мӯҳлати хизмати судманд ё меъёрҳои истифодашавандаи одатии истеҳлок;***

***(b)*** ***усулҳои истифодашавандаи истеҳлок ё таҷдид;***

***(c)*** ***арзиши умумии балансӣ ва таҷдиди ҷамъшуда (якҷоя бо зарари ҷамъшуда аз камнархшавӣ) дар аввал ва охири давра;***

***(d)*** ***моддаҳои асосии ҳисобот оиди фоида ва зарар, ки ба онҳо таҷдиди активҳои ғайримоддӣ дохил карда мешаванд;***

***(e)*** ***муқоисаи арзиши балансии ибтидо ва интиҳои давра, ки:***

***(i)*** ***афзоишро бо алоҳида нишон дода шудани натиҷаи инкишофи дохилӣ ва натиҷаи мутаҳҳидшавии корхонаҳо;***

***(ii)*** ***барҳамдиҳӣ ва хориҷшавиро;***

***(iii)*** ***зиёдшавӣ ё камшавии давравиро, ки натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ ва зарар аз камнархшавист, ки бевосита дар ҳисоби сармояи худӣ эътироф ё баркарор гардидааст;***

***(iv)*** ***зарар аз камнархшавиро, ки дар давоми давра тибқи ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф ё барқарор гардидааст;***

***(v)*** ***хароҷоти таҷдидро, ки дар ин давра эътироф гардидааст;***

***(vi)*** ***фарқиятҳои софи қурбиро, ки дар натиҷаи азнавҳисобкунии ҳисоботи молиявии корхонаи хориҷӣ пайдо мегарданд; ва***

***(vii)*** ***дигар тағйироти давравиро дар арзиши балансӣ нишон медиҳад. Ахбороти қиёсӣ дар ин ҳол талаб карда намешавад.***

Ширкат хислат ва таъсири тағйиротро дар баҳои баҳисобгирӣ, ки таъсири муҳимро ба давраи ҷорӣ мерасонанд, ё онҳоеро, ки дар давраҳои минбаъда таъсири муҳимро мерасонанд, кушода медиҳад. Ин гуна кушоиши ахборот аз тағйирёбии зер бармеояд:

(a) давраи таҷдид;
(b) усули ҳисобкунии таҷдид;
(c) арзиши барҳамдиҳӣ.

Ҳисоботи молиявӣ инчунин бояд ахбороти зеринро ба истифодабарандаҳои кушода диҳад:

***(a)*** ***агар мӯҳлати таҷдиди активи ғайримоддӣ зиёда аз 20 сол муқаррар гардида бошад – сабабҳои раднамоии фарзия оиди камтар аз 20 сол муқаррар кардани мӯҳлати хизмати судманди актив аз лаҳзаи барои истифодабарӣ дастрас гардидани он. Ҳангоми пешниҳоди сабаб корхона бояд омил ё***

*омилҳое, ки нақши муҳимро дар ин гуна муайянкунии мӯҳлати хизмати судманди актив бозидаанд, тасвир намояд;*

*(b)* ***тасвир, арзиши балансӣ ва давраи боқимондаи истеҳлоки ҳама гуна активи ғайримоддӣ, ки барои ҳисоботи молиявии корхона муҳим аст;***

*(c)* ***барои активи ғайримоддии бо роҳи кӯмаки ҳукуматӣ гирифташуда ва аз аввал бо арзиши одилона эътироф гардида:***

*(i)* ***арзиши одилонаи аз аввал барои ин активҳо эътирофгардида;***

*(ii)* ***арзиши балансии онҳо; ва***

*(iii)* ***оё онҳо мувофиқи қоидаҳои асосӣ ё алтернативии иҷозатдодашуда барои баҳодиҳии минбаъдаи онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.***

*(d)* ***мавҷудият ва арзиши балансии активҳои ғайримоддӣ бо ҳуқуқи маҳдуд, ва арзиши балансии активҳои ғайримоддие, ки барои таъмини ӯҳдадориҳо ба гарав монда шудаанд; ва***

*(e)* ***маблағи ӯҳдадориҳои шартномавии хариди активҳои ғайримоддӣ.***

Агар активи ғайримоддӣ бо арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гирифта шавад, корхона бояд ахбороти зеринро ба самъи истифодабарандагон расонад:

*(a)* ***аз рӯи навъи активҳои ғайримоддӣ:***

*(i)* ***санаи гузаронидани азнавбаходиҳӣ;***

*(ii)* ***арзиши балансии активҳои ғайримоддии азнавбаҳододашуда;***

*(iii)* ***арзиши балансии ба ҳисоботи молиявӣ ҳангоми бахисобгирии активи ғайримоддии азнавбаҳододашуда дохил кардашуда;***

*(b)* ***бузургии маблағи зиёдшавии нарх, ки ба активҳои ғайримоддӣ дар ибтидо ва интиҳои давра дахл дорад бо нишон додани тағйиротҳои давра ва ҳар гуна маҳдудият барои тақсимнамоии бақия ба саҳҳомон.***

Ҳисоботи молиявӣ бояд маблағи умумии хароҷотро оид ба тадқиқот ва коркард, ки ҳамчун хароҷоти давраи ҷорӣ шинохта шудаанд, ошкор созад.

Ҳисоботи молиявӣ бояд сиёсати баҳисобгириро нисбати хароҷоти пешбинишаванда барои барқароркунии сарватҳои табиӣ, усулҳои баҳодиҳии арзиши балансии онҳо, сарватҳои исботшудаи табиӣ аз рӯи ҷойгиршавиашон, тағйиротро дар миқдори исботшудаи сарватҳои табиӣ кушода диҳад. Агар ҳукумат кушоиши ахборотро оиди захираҳои исботшуда маҳдуд намояд, далели ин маҳдудкунӣ кушода гардида, кушоиш бо баинобатгирии онҳо ба амал баровარда мешавад. Инчунин хароҷоти зерин, новобаста ба он, ки онҳо сармоя кунонида шудаанд ё ҳамчун хароҷоти давра аз ҳисоб баровардa шудаанд, бояд ошкор шаванд:

- хароҷоти хариди ҳуқуқ ба захираҳо;
- хароҷоти ҷустуҷӯ ва иктишоф (разведка);
- хароҷоти истихроҷ.

Ахбороте, ки натиҷаҳои фаъолияти бо истихроҷи захираҳои моддӣ вобастаро тавсиф менамояд, алоҳида аз рӯи гурӯҳи конҳои дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ ҷойгиршуда кушода мегардад. Ин ахборот аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин маънидод мегардад:

- даромадҳо;
- хароҷоти истихроҷ;
- хароҷоти иктишоф;
- истеҳлок, камшавии арзиш ва захираҳои баҳодиҳӣ;
- хароҷоти пардохти андоз;
- натиҷаҳои молиявӣ аз амалиёт оиди истихроҷи захираҳои табиӣ.

**Истеҳлок, камшавӣ, таҷдид, се калимае, ки як маъноро ифода мекунанд – ҷараёни тақсими арзиши активи ғайригардишӣ барои ҳисобкунии хароҷот дар давоми мӯҳлати истифодабарӣ**

| Истифодашавӣ | Мукотибот | Усул |
|---|---|---|
| **Истеҳлок**<br>Воситаҳои истеҳсолот (бино, иншоот, таҷҳизот) | ***Хароҷоти истеҳлок***<br>***Истеҳлоки ҷамъшуда*** | ***Азҳисоббарории мустақим;***<br>***Воҳидҳои истеҳсолӣ;***<br>***Бақияи камшаванда;***<br>***Ҷамъи рақамҳо (кумулятивӣ)*** |
| ***Камшавӣ***<br>Сарватҳои табиӣ (канданиҳои минералӣ, маъданҳо) | ***Хароҷоти камшавӣ***<br>***Сарватҳои табиӣ*** | ***Воҳидҳои истеҳсолӣ;*** |
| **Таҷдид**<br>Активҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ҳуқуқи муаллифӣ, нишони молӣ, гудвилл) | ***Хароҷоти таҷдид***<br>***Активи ғайримоддӣ*** | ***Азҳисоббарории мустақим;*** |

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ. 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности. том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ. 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»: подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности. Алматы, 2001.
7. Финансовый учет. Часть1 и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
8. Финансовый учет. Учебное пособие. – Бишкек. ОБА. 2001. 318с.
9. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. – Б: «Арнал-Принт», 2000.-324.
10. Мюллер Герхард Г. и др. Учет: международная перспектива 2 -е изд. перераб. – М.: Финансы и статистика, 1996 –136г.
11. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
12. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М.: Финансы и статистика. 1997. – 496с.
13. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997
14. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М: Финансы и статистика, 1996г.
15. Accounting principles /Jack L. Smith, Robert M. Keith William L. Stephens. - 4th ed. - New York - 1993. 1314p.
16. Kieso and Weygandt. Intermediate Accounting. John Wiley &Sons,1989. ISBN: 0-471-63098-5


**Супориш барои худсанҷӣ**

**Супориши 1**. Дар давоми соли 2008 ширкати «Мунир» амалиётҳои зерини хоҷагиро ба амал баровард:

a) 4 январ ширкат ба маблағи 400 000 в.ш. активҳои софи ширкати «Замир»-ро харид намуд. Арзиши одилонаи активҳои софи шинохташавандаи ширкати «Замир» 222 000 в.ш.-ро ташкил мекунад. Ширкати «Мунир» чунин меҳисобад, ки бо сабаби машҳур будани маҳсулоти истеъмолии ширкати «Замир», мӯҳлати хизмати судманди гудвили (обрӯи корӣ) бадастомада маҳдуд нест, аз ин рӯ онро метавон ихтиёран 40 сол муқаррар кард.

b) 3 феврал ширкати «Мунир» аз давлат франшизаро (ҳуқуқи махсусро) барои фурӯши намуди алоҳидаи маҳсулот бо нархи 50 000 в.ш. ва пардохти ҳарсолаи 1%- и даромад аз фурӯш харид. Мӯҳлати франшиза баъди 5 сол ба охир мерасад. Дар соли 2008 даромад аз фурӯш 300 000 в.ш.-ро ташкил намуд. Аз рӯи пешгӯиҳо даромад дар соли 2009 маблағи 400 000 в.ш., дар давоми се соли минбаъда ҳар сол 500 000 в.ш.-ро ташкил хоҳад кард.

c) 2 апрел ширкат патентро ки ба он ширкати «Памир» даъво дошт, гирифт. Дар соли 2008 аз ҷониби ширкати «Мунир» хароҷотҳои зерин ба амал баровардa шуданд: хароҷоти қайди патент- 72 000 в.ш., хароҷоти даъвои бомуваффақияти судӣ муқобили рақиб оиди вайронкунии патент- 88000 в.ш.. Аз рӯи баҳодеҳии ширкат мӯҳлати хизмати судманди патент 10 солро ташкил мекунад.

Сиёсати баҳисобгирии ширкати «Мунир» амортизатсияи ҳамаи активҳои ғайримоддиро бо усули ростхатта дар давоми давраи аз ҷониби стандартҳои баҳисобгирӣ муқарраргардида пешбинӣ менамояд. Амортизатсияи соли харид солонаи пурра ҳисобида мешавад.

**Талаб карда мешавад:**

*A.*

1. Активҳои ғайримоддиро тавсиф намоед. Баҳисобгириро ҳангоми харид ё бунёди дохиликорхонавии активҳои ғайримоддии мӯҳлати номуайяни хизмати судманддошта ба мисоли гудвилл тасвир намоед.

2. Мӯҳлати амортизатсияи активҳои ғайримоддӣ чӣ қадар бояд тӯл кашад? Чӣ тавр ин мӯҳлат муайян карда мешавад? Оиди асоснок будани амортизатсияи активҳои ғайримоддии мӯҳлати номуайяни хизмати судманддошта маълумот диҳед.

3. Талаботҳоро нисбати кушоиши ахбороти ҳисоботи молиявӣ оиди активҳои ғайримоддӣ ва хароҷоти ширкати «Мунир» тасвир намоед.

**B.** Ҷадвале, ки қисмати активҳои ғайримоддиро дар ҳисоботи балансии ширкати «Мунир» дар 31 декабри соли 2008 инъикос менамояд, ва ҷадвале, ки хароҷоти мувофиқро дар ҳисобот оиди фоида ва зарари ширкати «Мунир» барои соли 2008 инъикос менамояд, тайёр кунед. Ҳисобкуниҳои тасдиққунандаро нишон диҳед.

**Супориши 2.** Ширкати «Оби сарой» 1-уми январи соли 2009 патентро ба маблағи 22 400 в.ш. харид. Патент ба соҳиби пештараи он 31 декабри соли 2007 дода шуда буд. Мӯҳлати ҳуқуқии патент 11 солро аз рӯзи дода шудан ташкил менамояд.

a) Меъёри ҳарсолаи амортизатсия ________________-в.ш.-ро ташкил менамояд.

b) Мукотиботи журналӣ аз рӯи ҳисобкунии ҳарсолаи амортизатсия:

Дт

Кт

c) Арзиши балансии патент дар 31 декабри соли 2009:

**Супориши 3.** Корпоратсияи «Заррин» қитъаи заминро, ки дар он тақрибан 12 млн. тонна маъдан ҳаст, бо нархи 4 400 000 в.ш. харид. Арзиши замин бе кони маъдан 800 000 в.ш. – ро ташкил мекунад. Корпоратсия истихроҷи ҳамаи маъданро дар давоми 10 сол ба нақша гирифтааст. Дар қитъа бино бо арзиши 400 000 в .ш. бо мӯҳлати пешбинишавандаи хизмати муфиди 30 –сола сохта шуд. Инчунин таҷҳизоте бо арзиши 480 000 в .ш. бо мӯҳлати пешбинишавандаи хизмати муфиди 10-сола гузошта шуд. Бо сабаби ҷойгиршавии дурдаст, на бино ва на таҷҳизот арзиши барҳамдиҳиро надоранд. Дар соли аввали фаъолият корпоратсия 1 млн тонна маъданро истихроҷ намуд.

**Талаб карда мешавад:**

1. Бузургии арзиши камшавиро барои як тонна ҳисоб кунед.
2. Бузургии камшавиро барои соли ҳисоботӣ ҳисоб кунед.
3. хароҷоти солонаи амортизатсияи биноро бо назардошти он, ки маблағи ҳарсолаи истеҳлок бояд бо ҳисобкунии камшавии захираҳо пропорсионалӣ бошад, ҳисоб кунед.
4. хароҷоти солонаи амортизатсияи таҷҳизотро бо усули ростхатта ҳисоб кунед. Маблағи ҳарсолаи истеҳлок бояд бо ҳисобкунии камшавии захираҳо пропорсионалӣ бошад.

**Супориши 4.** Ширкати «Нашриёт» ҳуқуқи муаллифиро ба китобе бо нархи 25 000 в.ш. харид. Мӯҳлати хизмати китоб – 5 сол аст. Ба ин нигоҳ накарда, ҳуқуқи муаллифӣ дар давоми 50 сол амал мекунад. Маблағи амортизатсияи солонаи ҳуқуқи муаллифиро ҳисоб кунед.

**Супориши 5.** Ширкати «Салют» нишони молии супермаркети бениҳоят машҳурро бо нархи 40 000 в.ш. харид намуд. Маъмурият чунин мепиндорад, ки арзиши нишони молӣ абадӣ мемонад ва ҳатто зиёд мегардад, аз ин рӯ амортизатсия набояд ҳисоб карда шавад.
Маблағи солонаи амортизатсияро ҳисоб кунед.

## Боби 11. Дисконтиронии селаи пулӣ. Аннуитетхо

***Мақсади омӯзиш***
***Таърифи дисконтиронӣ ва арзиши дисконтиронидашуда***
***Фоиз ва намудҳои он***
***Арзиши оянда***
***Арзиши ҷорӣ***
***Аннуитет ва намудҳои он***
***Арзишиояндаи аннуитет***
***Арзиши ҷории аннуитет***
***Адабиёти тавсияшуда***
***Савол ва супориш барои кори мустақилона***

**Мақсади омӯзиш**

Баъди омӯзиш ва аз худ намудани ин мавзӯъ Шумо бояд мафхумҳои дар поён овардашударо донед ва дар амал истифода бурда тавонед:

- муайянкунии соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки дар он арзиши воқеии пул татбиқ карда мешавад;
- фарқи фоизҳои содда ва мураккаб;
- татбиқи фоизҳои мураккаб;
- таърифи аннуитет;
- муайянкунии арзишҳои оянда ва ҷории аннуитет;
- истифодабарии ҷадвалҳои дисконтиронӣ.

**Таърифи дисконтиронӣ ва арзиши дисконтиронидашуда**

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ пул аз вақт вобастагӣ дорад. Ин чунин маъно дорад, ки арзиши пули имрӯз аз арзиши ҳамин миқдор пули пагоҳ фарқ мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки арзиши пул аз беқурбшавии он вобаста нест. Ҳангоми ҷой надоштани беқурбшавӣ, пулҳои имрӯза дар оянда чунин арзишро бо назардошти даромади оянда доранд, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ба даст овардан имконпазир аст.

Маблағгузориҳои молиявӣ бояд:

а) дар оянда фоида биёранд;

б) фоидаи зиёд аз маблағгузорӣ ба даст биёяд, то ки қусури харочоти маблағгузориро бо назардошти вақт барорад.

Раванди ифодакунии воситаҳои нақд, ки бояд дар оянда аз арзиши ҷорӣ ба воситаи меъёри фоиз ба даст оварда шавад, дисконтиронӣ ва бузургие, ки дар натиҷаи он ба даст оварда мешавад ***арзиши дисконтиронидашуда*** номида мешавад.

Ҳангоми усули дисконтиронии селаи пулӣ тағйирёбии пул аз вақт ба назар гирифта мешавад.

**<u>Фоизҳо ва намудҳои он</u>**

Ҳар як маблағгузорӣ дар фосилаи вақт бояд фоидаи муайян биёрад.

Даромад аз сармояи дар шаклҳои гуногун қарз дода шуда, сармоягузории истеҳсолӣ ё молиявӣ ***фоиз*** номида мешавад.

Ҳангоми сармояро ба қарз додан асосан ду намуди зерини фоиз ҷой дошта метавонад:

1) оддӣ;

2) мураккаб.

*Фоизе, ки ба маблағгузории ибтидоӣ дар давоми тамоми муддати ҳисобкунӣ татбиқ карда мешавад, фоизи оддӣ номида мешавад. Фоизе, ки ба маблағгузории ибтидоӣ ва маблағи аз фоиз ҳосилшуда, яъне ба маблағи умумии ҳосилшуда татбиқ карда мешавад, фоизи мураккаб номида мешавад.*

**Мисоли 1**. 2000 в.ш. ба муддати 4 сол бо фоизи солонаи 20% бо меъёри оддӣ қарз дода шуд. Фоизҳои ҳарсола ва фоизи 4 сола ёфта шавад. Фоизҳои ҳарсола маблағҳои зеринро ташкил медиҳанд:

Соли 1 2000х20%=400 в.ш.
Соли 2 2000х20%=400 в.ш.
Соли 3 2000х20%=400 в.ш.
Соли 4 2000х20%=400 в.ш.

Фоизи 4 сола маблағи зеринро ташкил медиҳад:
400+400+400+400=1600 в.ш. ё ин ки
2000х20%х4=1600 в.ш.

**Мисоли 2.** 3000 в.ш.ба муддати 3 сол бо фоизи мураккаби солонаи 20% қарз дода шуд. Фоизи ҳарсола ва фоизи се сола муайян карда шавад.

Фоизҳои ҳарсола маблағҳои зеринро ташкил медиҳанд:

Соли 1 3000х20%=600 в.ш.

Соли 2 3000х20%+600х20%=720 в.ш.

Соли 3 3000х20%+(600=720)х20%=864 в.ш.

Фоизҳои се сола маблағи зеринро ташкил медиҳанд:

600+720+864=2184 в.ш. ё

300х1,2х1,2х1,2=5184 в.ш – арзиши сармоягузори баъди 3 сол.

Дар оянда мо фоизҳои мураккабро истифода мебарем.

## Арзиши оянда

Арзиши оянда - ин арзиши воситаҳои пулии ҳозир сармоягузоришуда дар оянда мебошад. Барои муайянкунии арзишиояндаи селаи пулӣ ҳангоми ҳисобкунии ҳарсола формулаи зерин истифода бурда мешавад:

$$FV=PV(1+r)^n$$

дар инҷо **FV** – арзишиояндаи сармоягузори баъди n-сол;

**PV** – арзиши сармоягузори дар ибтидои давр;

**r** – меъёри фоиз дар намуди касри даҳи (масалан 10%=0,1)

**n** – адади сол дар давраи ҳисоботӣ.

**Мисоли 3.** Алӣ аз Раҳим 3000 в.ш. бо 10% солона қарз гирифт. Баъди

1) 6 сол
2) 7 сол

Али чанд в.ш. ба Рахим бояд диҳад?

Аз формулаи (1) истифода бурда ҳосил мекунем:

1) $FV=3000(1+0,1)^6= 3000x1,1^6=5314.80$ в.ш.
2) $FV=3000(1+0,1)^7 3000x1.1^7 =5846.10$ в.ш.

Аз ҷадвали С-3 арзишиояндаи 1 в.ш. барои давраи додашуда истифода бурда, натиҷаҳои болоиро хосил мекунем:

1) FV=3000х1,7716=5314.80 в.ш.
2) FV=3000х1.9487=5846,10 в.ш.

Арзиши оянда ҳангоми якчанд маротиба дар як сол ҳисобкунӣ аз рӯи формулаҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

$$FV=P(1+r/m)^{m\times n}, \qquad (2)$$

Дар инҷо FV, PV, r, n – он чи ки дар формулаи (1) оварда шудааст, m – миқдори ҳисобкунӣ дар сол.

**Мисоли 4.** Саид 4000 в.ш. маблаги озод дорад. Ба назди ӯ Маъруф, Санам ва Ситора барои ин маблагро ба мӯҳлати 3 сол қарз гирифтан бо фоизи солонаи 12% мувофиқан бо ҳисобкуниҳои ҳар нимсола, ҳар семоха ва ҳармоха омадаанд:

Саид пулро ба кӣ қарз медихад?

Табиист, Саид пулро ба касе қарз медиҳад, ки аз вай фоидаи зиёдтар мегирад. Аз формулаи (2) истифода бурда, ҳосил мекунем:

Маъруф баъди 3 сол ба Саид маблаги зеринро медихад:

$FV=4000(1+0,12/2)^{2\times3}=4000x1,06^6=4000x1.4186=5674$ в.ш.

Санам ба Саид баъди 3 сол маблағи зеринро мегардонад:

$FV=4000(1+0,12/4)^{4x3}=4000x1,03^{12}=4000x1,4285=5703.20$ в.ш.

Ситора ба Саид пас аз се сол маблағи зеринро медиҳад:

$FV = 4000 x (1+0,01)^{12x3} = 4000 x 1,4307 = 5722,80$ в.ш

## Арзиши ҷорӣ

Арзиши дисконтиронидашудаи селаи пулии оянда, арзиши ҷории селаи пулӣ номида мешавад.

Арзиши ҷории воридотиояндаи пулӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$PV = FV / (1+r)^n \qquad (3)$$

Арзиши ҷории 1 в.ш. барои давраҳои гуногун ва бо меъёрҳои гуногуни фоиз дар ҷадвали С-1 оварда шудааст.

**Мисоли 5.** Раҳим мехоҳад, ки баъди 5 сол ба маблағи10000 в.ш. автомобил харад. Меъёри фоиз 15%. Кадом маблағро ҳозир Раҳим дошта бошад, ки баъди 5 сол автомобил харад?

Аз формулаи (3) истифода бурда ҳосил мекунем:

$PV = 10000/(1+0,15)^5=10000/1,15^5=4972$ в.ш.

Айнан ҳамин маблағро бо истифодаи ҷадвали С-1 ҳосил мекунем:

PV = 10000 х 0,4972 =4972 в.ш

**Аннуитет ва намудҳои он**

Дар бисёр амалиёти тиҷоратӣ пардохти якбора истифода нашуда, пардохтҳои пай дар пайро дар давоми давраи муайян истифода мебаранд. Силсилаи даромад ва хароҷоти ягон корхона, аъзоҳаққии мунтазам ва ғайримунтазам барои бунёди фондҳо ба ин намуди пардохтҳо мансубанд. Ин гуна пардохтҳои пай дар пай селаи пардохтҳо номида мешавад.

*Селаи яксамтаи пардохтҳои пай дар пай бо фосилаҳои баробари вақт дар давоми миқдори муайяни солҳо аннуитет, ё ин ки рентаи молиявӣ номида мешавад.*

Назарияи аннуитетҳо қисми муҳими риёзиёти молиявӣ мебошад. Он ҳангоми дида баромадани масъалаҳои даромаднокии когазҳои қиматнок, таҳлили сармоягузорӣ, муназзам гузаронидани аъзоҳаққӣ ба фонди нафақа, мунтазам гузаронидани аъзоҳаққӣ ба фонди иттифоқи касаба, пардохти фоизи когазҳои қиматнок ва ғайра татбиқ карда мешавад.

Аннуитетҳо аз якдигар бо хислатҳои зерин фарқ мекунанд:

1. бузургии ҳар як пардохт;
2. фосилаи вақти байни пай дар пайи пардохтҳо:
3. мӯҳлати аннуитет, яъне аз ибтидои аннуитет то охири даври охирини он (аннуитетҳои абадӣ ва ҳаётӣ мавҷуданд);
4. меъёри фоизи ҳангоми дисконтиронӣ ё ин ки зиёдшавии пардохтҳо татбиқшаванда.

Аннуитетҳо аз рӯи вақти пардохт низ фарқ мекунанд. Агар пардохт дар ибтидои фосилаи мувофиқ иҷро шавад, аннуитет пронумерандо ва дар охири давр иҷро шавад, постнумерандо ё ин ки муқаррарӣ номида мешавад. Дар амалия аксаран аннуитетҳое истифода мешаванд, ки дар онҳо пардохтҳо ба якдигар баробаранд (аннуитетҳои доимӣ), ё аз рӯи ягон қонуният тағйир меёбанд. Мо ҳамин гуна аннуитетҳоро меомӯзем.

**Арзиши ояндаи аннуитет**

Маблағи арзишҳои ояндаи ҳар як содирот ё воридоти пулии ба аннуитет мансуббуда, *арзиши ояндаи аннуитет* номида мешавад.

Дар ҳолати гуногун будани ҳаҷми пардохтҳо, арзиши ояндаи аннуитет аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$FVA = FV_1 + FV_2 + \ldots + FV_n \qquad (4)$$

Шакли кушоди ин формула дар ҳолати пронумерандо чунин аст:

$$\mathbf{FVA} = \sum_{i=1}^{n} PV(1+r)^{n-i+1} \qquad (*)$$

***Дар ҳолати постнумерандо арзиши ояндаи аннуитет аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:***

$$FVA = \sum_{i=1}^{n} PV(1+r)^{n-i} \qquad (**)$$

Дар ҳолати пардохтҳои баробар формулаҳои (*) ва (**) мувофиқан намудҳои зеринро мегиранд:

$$FVA = PV\sum_{i=1}^{n}(1+r)^{n-i+1} \qquad (*`)$$

$$FVA = PV\sum_{i=1}^{n}(1+r)^{n-i} \qquad (**`)$$

Дар вақти ҳисобкуниҳо аз ҷадвали арзиши ояндаи аннуитет 1 в.ш., ки дар охири сол пардохт карда мешавад С- 4 истифода бурда мешавад.

**Мисоли 6.** Дилбар дар муддати 15 сол ҳар сол 300 в.ш. ба фонди нафақа супориданӣ аст. Фоизи солона 15% мебошад. Баъди 15 сол Дилбар кадом маблағро доро мешавад?

Аз формулаи (**) ва ҷадвали С-4 (бурриши сутун ва сатри 15 давра) истифода бурда, ҳосил мекунем:

FVA=300х47,5804=14274,12 в.ш.

**Мисоли 7.** Воридоти маблағ аз сармоягузори дар соли якум 400 в.ш., соли 2-юм-600 в.ш., соли 3-юм – 900 в.ш. ва соли 4-ум –1200 в.ш. ташкил дод. Фоизи солона 12%. Арзиши ояндаи сармоягузорӣ ёфта шавад:

$FV1=400х(1+0,12)^3=400х1,4049=561,96$ в.ш.

$FV2=600х(1+0,12)^2=600х1,2544=752,64$ в.ш.

FV3=900х(1+0,12)=900х1,12=1008 в.ш.

FV4=1200х1=1200 в.ш.

Аз формулаи (4) истифода бурда ҳосил мекунем:

$$FVA=3522,60 \text{ в.ш.}$$

**Арзиши ҷории аннуитет**

Ҷамъи арзишҳои ҷории ҳар як воридот ё содироти пулии ба аннуитет мансуббуда *арзиши ҷории (дисконтиронида шудаи ) аннуитет* номида мешавад.

Арзиши ҷории аннуитет аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$PVA= PV1+ PV2+....+PVn \qquad (5)$$

Барои воридшавиҳои гуногун (баробар) дар ҳолати постнумерандо аз формулаи (3) истифода бурда, формулаи (5) ро дар намуди зерин навишта метавонем:

$$PVA=E\ FV:/(1+r) \qquad (PVA= FV\ E\ 1/(1+r)) \quad (6)$$

Барои ҳолати пренумерондо ҳосил мекунем:

$$PVA= E\ FV/ (1+r) \qquad (PVA=FV\ T\ 1/(1+r)) \quad (7)$$

**Мисоли 8.** Шарти мисоли 6-ро истифода мебарем. Дар муддати 15 сол ҳангоми фоизи солонаи 15% нафақаи солонаи Дилбар кадом маблағро ташкил медиҳад?

Аз формулаи 6 ва ҷадвали С-2 (бурриши сутуни 15% ва сатри 15 давра) истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$14274.12=FVx\ 5,8474$$

$$FV=14274,12/5,8474 =2441,10 \text{ в. ш.}$$

Арзиши дисконтиронидашуда ва назарияи аннуитетҳо ҳангоми баҳисобгирии иҷора, баҳисобгирии сармоягузорӣ, қабули қарори сармоягузорӣ, таҳлили лоиҳа ва ҳоказо истифода мешаванд.

**Адабиёти тавсияшуда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Финансовый учет. Учебное пособие, разработанное на основе стандартов бухгалтерского учета. Третье издание, Часть 1. Алматы 1999.
7. Ван Хорн Дж. К. «Основы управления финансами» (перевод с англ./под редакцией Я.В. Соколова) М.: Финансы и статистика, 1999.
8. Финансовый учет. Учебное пособие. Применение международных стандартов бухгалтерского учета на практике. Худжанд, 2001.


**Савол ва супориш барои кори мустақилона**

1. Дисконтиронӣ чист?
2. Арзиши оянда чӣ гуна муайян карда мешавад?
3. Оиди арзиши ҷорӣ мисол оред?
4. Аннуитет чӣ маънӣ дорад?
5. Кадом намудҳои аннуитетро медонед?
6. Кадом намуди аннуитет бештар истифода бурда мешавад?
7. Таърифи арзишиояндаи аннуитетро баён кунед?
8. Арзиши ҷории аннуитет чист?

**Супориши 1**. Рустам аз Машраб 5000 в. ш.-ро ба муддати 5 сол қарз гирифт. Пас аз 5 сол Машраб кадом маблағро аз Рустам мегирад?

**Супориши 2**. Саид баъди 5 сол ба маблағи 30000 в. ш. хона хариданист. Фоизи солонаи банк 13% мебошад. Кадом маблағро Саид ҳозир дошта бошад, ки баъди 5 сол бо нархи дар боло баён кардашуда хона харида тавонад?

**Супориши 3**. Дилбар 10000 в. ш. маблағи озод дорад. Ба назди вай Салим, Карим ва Раҳим омада хоҳиш намуданд, ки Дилбар маблағи баёншударо ба муддати 5 сол бо фоизи солонаи 12%, мувофиқан бо ҳисобкуниҳои ҳар нимсола, ҳар семоҳа ва ҳар моҳ қарз диҳад. Ба кӣ ин маблағро қарз додани Дилбар беҳтар аст?

**Супориши 4**. Карим дар муддати 20 сол ба фонди нафақа ҳар сол 100 в. ш. гузаронид. Кадом маблағ дар ҳисоби Карим баъди 20 сол ҳангоми фоизи солонаи 12% ҷамъ мешавад?

**Супориши 5**. Модар мехоҳад маблағи муайянро ба духтараш тӯҳфа намояд. Агар духтар ин маблағро ба банк гузорад метавонад ҳар сол 8000 в. ш. хароҷоти хонишро пардохт намояд. Фоизи солонаи банк 5%-ро ташкил медиҳад. Кадом маблағро модар ба духтараш дар як вақт тӯҳфа намояд, ки он ба чор пулдиҳии ҳарсолаи ҳар кадомаш маблағи 8000 в. ш. баробар шавад ?

**Супориши 6**. Иттиҳодияи «Сигма» оиди иҷораи коргоҳи маъмурӣ ба муддати 5 сол шартнома мебандад. Мувофиқи шартнома дар охири ҳар як сол дар муддати 5 сол 10000 в. ш. пул додан лозим аст. Фоизи солонаи қарзи иттиҳодияи «Сигма» 10% ташкил медиҳад. Арзиши ҷории иҷорапулиҳо муайян карда шавад?

**Супориши 7**. Шумо дар бозии лоторея 1 000 000 в. ш. бурдед. Мувофиқи шарт ду тарзи гирифтани бурд мавҷуд аст:

1) ҳар сол дар муддати 10 сол 100 000 в. ш. гирифтан;

2) тамоми маблағи бурдро дар як вақт гирифтан, ки вай ҳозир 580 000 в. ш.-ро ташкил медиҳад.

Фоизи солона барои ингуна маблағгузориҳо 10% ташкил медиҳад. Шумо аз кадом тарз истифода мебаред?

## Боби 12. Активҳои ғайригардишӣ: моликияти иҷоравӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи иҷора*
*Намудҳои иҷора*
*Баҳисобгирии иҷораи молиявӣ (иҷорагир)*
*Баҳисобгирии иҷораи молиявӣ (иҷорадеҳ)*
*Баҳисобгирии иҷораи амалиётӣ*
*Хусусиятҳои баҳисобгирии намудҳои дигари иҷора*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супоришот барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯзиши фасли мазкур Шумо бояд:

- таърифи иҷораро дода тавонед;
- афзалият ва камбудиҳои иҷораро номбар намоед;
- иҷораи молиявӣ ва амалиётиро фарқ кунед;
- баҳисобгирии иҷораи амалиётиро бурда тавонед;
- баҳисобгирии иҷораи молиявиро ҳамчун иҷорадеҳ ва иҷорагир бурда тавонед;
- ахбороти мувофиқро дар ҳисоботи молиявӣ кушода тавонед.

### Таърифи иҷора

СБҲМ 17 «Иҷора»: **Иҷора – ин шартномаест, ки мувофиқи он иҷорадеҳ ба иҷорагир ҳуқуқи истифодабарии активро дар давоми мӯҳлати муайяншуда бар ивази иҷорапулӣ ё силсилаи пардохтҳо медиҳад.**

Ӯҳдадории иҷорагир – пардохти саривақтӣ ва даврии иҷорапулӣ мувофиқи шартномаи басташуда аст. Шартнома онеро, ки активҳоро дар ҳолати корӣ нигоҳ медорад, муайян мекунад.

***Афзалиятҳои иҷора:***

А) барои иҷорагир:

- ҳалли муаммоҳо бо воситаҳои пулӣ, зеро, ҳангоми иҷора молиякунонии 100 % - и арзиши актив имконпазир буда, қарзҳои бонкӣ фақат бо 80%-и арзиш маҳдуд мешаванд;
- истифодабарии меъёри муқарраршудаи фоизӣ назар ба қарзҳои бонкӣ фоиданоктар аст, зеро ба қарзҳои бонкӣ меъёрҳои муҳаррики фоизӣ хосанд;
- иҷораи амалиётӣ ба иҷорагир молиякунонии берун аз балансро дар он лаҳзаҳое, ки маҳдудиятҳои қарзӣ мавҷуданд, имконият медиҳад;
- иҷораи таҷҳизоти барои истифодабарӣ тайёр назар ба таҷҳизоти бо супориш тайёршаванда, ки сарфи зиёди вақтро талаб мекунад, хело фоиданоктар аст;
- иҷора имконияти наҷотро аз проблемаи соҳибии активҳое медиҳад, ки нигоҳдории доимии онҳо фоиданок нест;
- иҷора имкон медиҳад, ки корхона худро аз кӯҳнашавии махсулоти навтарин, таҷҳизоти технологии замонавӣ «ҳимоя» намояд;
- иҷора ҳангоми пардохти андоз аз фоида бо сабаби истеҳлоки таъҷилӣ ва хароҷоти фоизӣ, инчунин бо сабаби партофтҳои андозии сармоягузориҳо афзалият дорад;

Б) барои иҷорадеҳ:

- иҷора яке аз роҳҳои афзоиши фурӯш аст;
- иҷора ҳамчун сарчашмаи даромади иловагӣ хизмат мекунад.

***Норасоиҳои иҷора:***

- молиягузории 100%-и активҳо ба пардохтҳои зиёди фоизӣ бурда мерасонанд;
- пардохти иҷораи кӯтоҳмуддат аз пардохти иҷораи дарозмуддат зиёд буда метавонад;
- меъёри муқарраршуда ҳангоми иҷораи дарозмуддат барои иҷорадеҳ ба хавфи зарар, дар ҳолати баландшавии меъёр дар бозор, бурда мерасонад.

### Намудҳои иҷора

Вобаста ба шароити иқтисодии ба иҷора додани моликият намудҳои зерини иҷора маълуманд:

- молиявӣ;
- амалиётӣ(ҷорӣ).

**Иҷораи молиявӣ** - иҷораест,ки ҳангоми он ҳамаи хавф ва подоши бо ҳуқуқи моликият бар актив алоқаманд ба иҷорагир дода шуда, ҳангоми он иҷорагир активро дар ҳолати корӣ нигоҳ медорад.

Мувофиқи СБҲМ 17 «Иҷора»: Хавф (риск) – ин эҳтимолияти талаф аз бозистии иқтидорҳо ё кӯҳнашавии технологӣ ва пастубаландшавии фоида аст.

Подош(вознаграждение) – ин амалиёти чашмадошти фоиданок дар давоми мӯҳлати хизмати иқтисодии актив ва гирифтани фоида аз афзоиши арзиш ё фурӯши арзиши бақиявии актив аст.

Дар сурати аққалан ба яке аз шартҳои зерин ҷавобгӯ будани иҷора ҳангоми оғози он, иҷора молиявӣ ҳисобида мешавад:

- пас аз анҷоми мӯҳлати иҷора ҳуқуқи соҳибии актив ба иҷорагир мегузарад;
- иҷора имконияти хариди активҳоро бо нархи камтар аз арзиши одилонаи бозорӣ медиҳад;
- мӯҳлати иҷора қисми афзалиятноки мӯҳлати хизмати иқтисодии активро (зиёда аз 75%) ташкил мекунад, новобаста ба он, ки ҳуқуқи моликият дода намешавад;
- дар охири мӯҳлати иҷора арзиши бақиявии актив камтар аз 20%-и арзиши фурӯшро дар лаҳзаи бастани шартнома ташкил мекунад;
- дар ибтидои иҷора арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ зиёд ё баробари арзиши бозории актив дар санаи оғозёбии иҷора аст;
- активҳои баиҷорагирифташуда хислати махсусе доранд, ки иҷорагир онҳоро бе ягон дигаргунӣ мавриди истифода қарор дода метавонад.

**Мисоли 1.** Мӯҳлати хизмати фоиданоки таҷҳизот 5 сол аст. Иҷора молиявӣ ҳисобида мешавад, агар шартномаи иҷора ба мӯҳлати на камтар аз 3 солу 8 моҳ бошад, дар ин ҳолат вай 80%-и мӯҳлати истифодабарии таҷҳизотро ташкил медиҳад.

Меъёрҳои шинохтани иҷораи молиявӣ:

- ❖ маблағи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ ба тахри нишонрас пешгӯӣ карда мешавад;
- ❖ хароҷоти ҷубронташавандаи иҷорадеҳ ченшаванда ва пешгӯишаванда аст.

Ин меъёрҳо ба эътирофи далели иҷора таъсир нарасонида, фақат ба қоидаи консерватизм диққатро равона менамоянд. Онҳо таърифи иҷораро бо ду омили дигар пурра месозанд:

- *пешниҳоди хавфу подоши соҳибият;* ва
- дараҷаи ҳаққонияти баҳодиҳии қарздории дебитории софи иҷорадеҳ.

Индикаторҳои эътирофи иҷораи молиявӣ алоҳида ё дар маҷмӯъ инҳоянд:

- товони зарари иҷорадеҳ аз ҷониби иҷорагир дар ҳолати бекор карда шудани шартномаи иҷора аз ҷониби иҷорагир;
- гирифтани фоида ё зарар аз пастубаландшавии арзиши бозории маблағи барҳамдиҳӣ аз ҷониби иҷорагир;
- имконоти дароз кардани иҷора ба мӯҳлати дуюм бо иҷорапулии аз дараҷаи бозорӣ паст.

**Иҷораи амалиётӣ(ҷорӣ)** – ин иҷораест, ки ягон хавфу подоши бо соҳибияти моликият алоқамандро надорад. Ҳангоми ин гуна иҷора бинову таҷҳизот ба мӯҳлати кӯтоҳ ба иҷора дода мешаванд.

Ҳангоми иҷораи амалиётӣ моликияти иҷоравӣ дар баланси иҷорадеҳ нишон дода мешавад.

**Мисоли 2.** Шартномаи иҷораи бино ба мӯҳлати панҷ сол баста шуд. Мӯҳлати истифодаи бино 25 сол аст. Дар ин маврид иҷора амалиётӣ ҳисобида мешавад.

Таснифи иҷора ҳанӯз дар оғози он ба амал бароварда мешавад. Тағйирдиҳии шартҳои иҷора, ба ғайр аз барқароркунии он ё тағйирдиҳии арзиши моликият ба таснифи нави иҷора бурда мерасонанд.

**Баҳисобгирии иҷораи молиявӣ (иҷорагир)**

Мувофиқи СБҲМ 17 «Иҷора»: ***иҷорагир (арендатор) бояд иҷораи молиявиро ба сифати актив ва ӯҳдадорӣ дар баланс аз рӯи маблағе, ки дар санаи оғози иҷора баробари арзиши одилонаи моликияти иҷоравист, ё, агар он паст бошад, аз рӯи арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ инъикос намояд.***

Ҳангоми ҳисобкунии арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ коэффисиенти дисконтиронӣ ин меъёри фоизии иҷора аст, агар онро чен кардан имконпазир бошад, дар сурати баръакс меъёри афзояндаи фоизии сармояи қарзӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Меъёри фоизи дар шартномаи ичора истифодашаванда - ин меъёри дисконте, ки баробарии арзиши дисконтиронидашудаи умумии
(а) пардохтҳои камтарини ичоравӣ; ва
(b) арзиши кафолатдоданошудаи барҳамдеҳиро бо арзиши одилонаи активи ичоравӣ таъмин менамояд.

Меъёри афзояндаи фоизии сармояи қарзии ичорагир - ин меъёри фоизиест, ки ичорадеҳ ҳангоми ичораи монанд пардохт мекунад, ё дар сурати номуайянии ин ҳолат, ин меъёрест, ки ичорадеҳ дар оғози ичора барои воситаҳои қарзии ба ин мӯҳлат гирифташуда ва барои хариди актив кофибуда бояд пардохт намояд.

Арзиши одилона – ин маблағи ивазкунии актив ё пардохти ӯҳдадорӣ ҳангоми баамалбарории шартнома байни шахсони воқифи мустақил аст.

Мӯҳлати хизмати иқтисодӣ – ин ё
(а) даврае, ки дар давоми он истифодаи иқтисодии актив аз чониби як ё якчанд истифодабаранда интизор меравад; ё
(b) миқдори маҳсулот ё воҳидҳои монанде мебошад, ки аз ин актив як ё якчанд истифодабаранда ба даст меоранд.

Мӯҳлати хизмати муфид – ин давраи аз оғози мӯҳлати ичора ҳисобкардашудаи боқимонда аст, ки дар муддати он корхона гирифтани фоидаи иқтисодиро аз ин актив нигарон аст. Ин давра бо мӯҳлати ичора маҳдуд карда намешавад.

Арзиши кафолатноки барҳамдиҳӣ - ин:
(а) барои ичорагир: қисми арзиши барҳамдиҳии аз чониби ичорагир ё тарафи бо ӯ алоқаманд кафолатдодашуда; ё
(b) барои ичорадеҳ: қисми арзиши барҳамдиҳии аз чониби ичорагир ё тарафи сеюми бо ичорадеҳ алоқанадошта(ӯ бояд қобили ичрокунии ӯҳдадории кафолатӣ бошад) кафолатдодашаванда аст.

Арзиши кафолатдоданашудаи барҳамдиҳӣ - ин ҳамон қисми арзиши барҳамдиҳии активи ичоравист, ки гирифтанаш аз чониби ичорадеҳ кафолат дода намешавад, ё кафолати онро тарафи сеюми бо ичорадеҳ алоқаманд бар дӯш гирифтааст.

**Пардохтҳои камтарини ичоравӣ** гуфта, ҳамаи пардохтҳоро дар давоми муддати ичора аз ичорагир талабкардашаванда, ба истисноӣ ичорапулии шартӣ, пардохти хизмату андозҳои аз чониби ичорадеҳ баамалоянда ва аз чониби ичорагир чуброншаванда якчоя бо:
(а) барои ичорагир: ҳама гуна маблағи аз чониби ичорагир ё тарафи сеюми бо ӯ алоқаманд кафолатдодашуда; ё
(b) барои ичорадеҳ: ҳама гуна арзиши барҳамдиҳии ба ичорадеҳ аз чониби:
(i) ичорагир;
(ii) тарафи бо ичорагир алоқаманд; ё
(iii) тарафи мустақили сеюми аз чиҳати молиявӣ қобилияти ичрокунии ин кафолатро дошта, кафолатдодашуда, фаҳмида мешавад.

*Ҳангоми ҳисобкунии пардохтҳои камтарини ичоравӣ аз маблағи умумии пардохтҳо*:

- *харочоти ичорадеҳ* (харочоти таъмир ва хизматрасонӣ, суғурта, андозҳо), агар онҳоро ичорагир чуброн намояд;
- *ичорапулии шартӣ* – ичорапулии ғайримолиявии бо ҳама гуна омил ба ғайр аз омили вақт (фоизи ҳаҷми фурӯш, индекси нарх, меъёрҳои бозории фоизӣ ва ғ.) асосёфта, *тарҳ карда мешаванд.*

Ичораи молиявӣ дар ҳисобгирии ичорагир ҳамчун амалиёти хариди актив бо бавучудоии ӯҳдадориҳо инъикос мегардад.

Моликиятро ба ичора дода истода, ичорадеҳ мақсади чуброни харочоти хариди актив ва гирифтани фоидаро пеш мегузорад. Ичорапулии дар шартномаи ичоравӣ муайяншуда, аққалан арзиши актив ва фоизҳои ичорадеҳ пардохтменамудаи дар давоми ҳамаи муддати ичора тақсимшударо дарбар мегирад. Ҳамин тариқ, арзиши моликияти ичоравӣ бо маблағи ичорапулӣ чен карда намешавад, зеро фоизҳо ба арзиши актив дохил нагардида, бо пардохтшавии онҳо ҳамчун харочоти молиявӣ эътироф мегарданд.

Қоидаҳои асосии баҳисобгирии ичораи молиявӣ аз чониби ичорагир:

- дар ибтидои мӯҳлати ичора актив ва ӯҳдадорӣ аз рӯи ичорапулии минбаъда дар баланси бухгалтерӣ бо маблағи якхела нишон дода мешаванд;
- ӯҳдадорӣ аз рӯи ичораи молиявӣ дар баланс ба ду қисм - чорӣ ва дарозмуддат тақсим мешавад: бузургии пардохтҳои чорӣ бо муддати то як сол - ҳамчун ӯҳдадории кӯтоҳмуддат, бо муддати зиёда аз як сол - ҳамчун ӯҳдадории дарозмуддат;

- ҳангоми пардохт иҷорапулиҳо ба пардохти молиявӣ (хароҷоти фоизӣ) ва пардохт оиди камшавии ӯҳдадориҳо (пардохт аз рӯи шартномаи иҷоравӣ) тақсим мешаванд. Дар ин маврид, пардохти молиявӣ ба давраҳо дар тамоми муддати иҷора чунон тақсим карда мешавад, ки меъёри доимии даврии фоиз ба бақияи боқимондаи ӯҳдадорӣ барои ҳар як давра таъмин карда шавад;
- маблағи истеҳлокшавандаи моликияти иҷоравӣ аз ҷониби иҷорагир ба таври системавӣ барои ҳар як давраи баҳисобгирӣ дар тамоми муддати истифодаи пешбинишуда бо ёрии усули ба сиёсати баҳисобгирӣ мувофиқ тақсим карда мешавад. Ҳангоми мавҷудияти боварии комил оиди он, ки иҷорагир дар охири мӯҳлати иҷора ҳуқуқи моликиятро ба даст меорад, давраи пешбинишудаи истифодабарӣ - ин мӯҳлати хизмати муфиди актив аст. Агар ин гуна боварӣ мавҷуд набошад, актив дар давоми яке аз кӯтоҳтарини ду мӯҳлат: иҷора ё мӯҳлати хизмати муфид истеҳлок карда мешавад.

**Мисоли 3.** 1 январи соли 2000 ширкати «Мираж» бо ширкати «Оазис» оиди иҷораи молиявӣ бо шартҳои зерин аҳднома баст:

a) таҷҳизот ба мӯҳлати 5 сол ба иҷора гирифта мешавад (n);
b) дар охири мӯҳлати иҷора ҳуқуқи молкият азони иҷорадеҳ аст;
c) меъёри пешбинишудаи фоизӣ – меъёри дисконт барои муайянкунии арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ – 12%(r);
d) иҷорапулии ҳарсола – 10 000 в.ш.; хароҷоти нигоҳдорӣ ва суғуртаи активро иҷорадеҳ ба амал мебарорад.

Ҳал: Пеш аз ҳама арзиши ҷории пардохтҳои камтарини иҷоравиро бо истифодаи ҷадвали арзиши ҷории аннуитет муайян мекунем.

PVA(10 000;r=15%; n=5). Муайян мекунем, ки ҳангоми меъёри 12% ва 5 давра арзиши ҷории 1 в.ш.-и пардохтҳои аннуитетӣ баробари 3,6048 аст, аз ин рӯ, арзиши ҷории 10 000в.ш. баробари 36048 в.ш. мегардад.

10 000 x 3,6048=36 048

Ҳамин тариқ, арзиши актив ва маблағи ӯҳдадории дар баланси иҷорагир аксёбанда баробари 36 048 в.ш. аст.

Ҷараёни тақсимотро дар мисоли пардохти якуми 10 000 в.ш. дида мебароем. Дар шартномаи иҷора меъёри 12% муқаррар гардидааст. Аз ин рӯ, ба маблағи ӯҳдадорӣ – 36048 в.ш. маблағи хароҷоти фоизӣ 4326 в.ш.-ро ташкил дода, қисми боқимондаи пардохт – 5674 в.ш. ҳамчун камшавии ӯҳдадорӣ аз ҳисоб бароварда мешавад.

**Тақсимоти пардохтҳои иҷорапулии иҷорагир**

| Давра (солҳо) | Ӯҳдадорӣ дар ибтидои иҷора | Пардохтҳо | Хароҷоти фоизӣ | Маблағи пардохти ӯҳдадорӣ | Ӯҳдадории иҷоравӣ дар охир |
|---|---|---|---|---|---|
| 2006 | 36 048 | 10 000 | 4 326 | 5 674 | 30 374 |
| 2007 | 30 374 | 10 000 | 3 645 | 6 355 | 24 019 |
| 2008 | 24 019 | 10 000 | 2 882 | 7 118 | 16 901 |
| 2009 | 16 901 | 10 000 | 2 028 | 7 972 | 8 929 |
| 2010 | 8 929 | 10 000 | 1 071 | 8 929 | 0 |
| | | 50 000 | 13 952 | 36 048 | 0 |

Мукотиботи бухгалтерӣ оиди инъикоси иҷораи молиявӣ дар санаи иҷора:

***Таҷҳизоти иҷоравӣ.....................................................36 048***
***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз рӯи иҷораи молиявӣ...................30 374***
***Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат................................5 674***

Мукотиботи даврӣ оиди инъикоси хӯрдашавии таҷҳизоти иҷоравӣ бо усули ростхатта(36048/5=7 209,60):

***Хароҷоти хӯрдашавии таҷҳизоти иҷоравӣ................7 209,60***
***Истеҳлоки ҷамъшудаи таҷҳизоти иҷоравӣ........................7 209,60***

Ҳангоми инъикоси пардохти ҳақиқӣ:

***Хароҷоти фоизӣ.....................................................4 326***
***Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат .........................................5 674***
***Воситаҳои пулӣ...........................................................10 000***

Ҳангоми инъикоси пардохтҳо бо усули ҳисобкунӣ:

***Хароҷоти фоизӣ .....................................................4 326***
***Фоизҳо барои пардохт..................................................... 4 326***
***Фоизҳо барои пардохт ...........................................4 326***
***Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат .......................5 674***
***Воситаҳои пулӣ ..........................................................10 000***

Ҷудонамоии қисмати ҷории ӯҳдадории дарозмуддат дар охири соли якум:

***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз рӯи иҷораи молиявӣ ..........6 355***
***Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат ..............................6 355***

Барои муайянкунии маблағи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ барои ҳар як давр. пардохт формулаи зерин истифода мешавад:

$$P = \frac{K \times N}{1-(1+N)^{-t}} ,$$

ки дар ин ҷо,

P – пардохтҳои камтарини иҷоравӣ, ки дар ин давра бояд пардохт шавад;

N - меъёри пешбинишудаи фоизӣ;

K – нархи фурӯши моликияти иҷоравӣ;

t - миқдори давраҳои пардохт.

**Баҳисобгирии иҷораи молиявӣ (иҷорадеҳ)**

***Мувофиқи СБҲМ 17 «Иҷора» иҷорадеҳон бояд активҳои ба иҷораи молиявӣ додашударо дар баланси бухгалтерии худ ҳамчун қарздории дебиторӣ бо маблағи сармоягузориҳои соф ба иҷора эътироф намоянд.***

***Сармоягузориҳои соф ба иҷора** – ин сармоягузориҳои умумӣ ба иҷора бо тарҳи даромади молиявии гирифташуда аст.*

Ҳангоми иҷораи молиявӣ ҳамаи хавфу подоши бо моликият вобаста аз иҷорадеҳ бегона карда шуда, қарздории дебиторӣ аз рӯи пардохтҳои иҷоравӣ аз ҷониби иҷорадеҳ ҳамчун товони маблағи асосии қарз ва мукофот барои сармоягузорӣ ва хизмат нишон дода мешавад. Арзиши софи ин гуна қарздории дебиторӣ бо арзиши ҷории дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ новобаста ба кафолати онҳо муайян карда мешавад. Сармоягузории умумӣ ба иҷора баробари пардохтҳои камтарини иҷоравӣ ва арзиши бақиявии актив аст.

Эътирофи даромади молиявӣ дар асоси ҷадвале, ки меъёри доимии даврии фоида ва сармоягузории софи пардохтношудаи иҷорадеҳро оиди иҷораи молиявӣ нишон медиҳад, амалӣ мегардад.

Хароҷоти мустақими ибтидоии (хароҷоти комиссионӣ ва ҳуқуқӣ) иҷорадеҳ, ки бо мақсади бадастории даромади молиявӣ ба амал бароварда мешавад, фавран ба сифати хароҷот эътироф мегардад ё ба даромади гирифташаванда дар давоми муддати иҷора тақсим карда мешавад.

Инъикоси иҷораи молиявӣ дар ҳисобгирии иҷорадеҳ ба таври зер сурат мегирад.

**Ҷадвали дохилшавии иҷорапулӣ ба иҷорадеҳ**

| Давра (солҳо) | Қарздории дебиторӣ дар аввал | Дохилшавиҳо | Даромади молиявӣ | Маблағи қарздории дебитории пардохтшуда | Қарздории дебиторӣ дар охир |
|---|---|---|---|---|---|
| 2006 | 36 048 | 10 000 | 4 326 | 5 674 | 30 374 |
| 2007 | 30 374 | 10 000 | 3 645 | 6 355 | 24 019 |
| 2008 | 24 019 | 10 000 | 2 882 | 7 118 | 16 901 |
| 2009 | 16 901 | 10 000 | 2 028 | 7 972 | 8 929 |
| 2010 | 8 929 | 10 000 | 1 071 | 8 929 | 0 |
| | | 50 000 | 13 952 | 36 048 | 0 |

Мукотиботи бухгалтерӣ оиди инъикоси иҷораи молиявӣ дар оғози иҷора:

*Қарздории дебитории дарозмуддат...............................30 374*

*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат.........................5 674*

*Таҷҳизот......................................................................36 048*

Ҳангоми инъикоси пардохти ҳақиқӣ:

*Воситаҳои пулӣ.....................................................10 000*

*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат .........................5 674*

*Даромад аз иҷора............................................................4 326*

Ҳангоми инъикоси пардохт бо усули ҳисобкунӣ:

*Фоизҳо барои қабул...............................................4 326*

*Даромад аз иҷора............................................................4 326*

*Воситаҳои пулӣ.....................................................10 000*

*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат .........................5 674*

*Фоизҳо барои қабул ...........................................................4 326*

Ҷудокунии қисми ҷорӣ дар охири соли якум:

*Қисми ҷории қарздории дебитории дарозмуддат .............6 355*

*Қарздории дебитории дарозмуддат.........................................6 355*

Даромади молиявии иҷорадеҳ ва хароҷоти фоизии иҷорагир дар ҳисоботи молиявӣ бо усули ҳисобкунӣ инъикос мегарданд. Агар дар давоми давраи ҳисоботӣ пардохтҳои иҷорапулӣ (даромад ва хароҷот мувофиқан) бо усули хазинавӣ қайд ёфта бошанд, дар ин сурат, дар охири давраи ҳисоботӣ мукотиботи ислоҳӣ мувофиқи усули ҳисобкунӣ тартиб дода мешавад.

**Баҳисобгирии иҷораи амалиётӣ**

Иҷорагир пардохтҳои иҷоравиро дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун хароҷоти давра, ки баробар дар давоми муддати иҷора тақсим мегардад, инъикос менамояд.

Хароҷоти иҷораи амалиётӣ дар баҳисобгирии иҷорагир ба таври зер акс мeёбад:

Ҳисобкунии хароҷоти иҷоравӣ барои давраи ҳисоботӣ:

*Хароҷоти иҷоравӣ*..........................................................*1 000*

*Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда*..........................................................*1 000*

Пардохти иҷорапулӣ:

*Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда*..........................................................*1 000*

*Воситаҳои пулӣ*..........................................................*1 000*

Активҳои ба иҷорадодашударо иҷорадеҳ дар баланси худ нишон дода, истеҳлоки онҳоро ҳисоб мекунад. Маблағи ҳисобкардашавии хӯрдашавии активҳои ба иҷорадодашуда ҳамчун хароҷоти давраи ҳисоботӣ эътироф мегардад.

Гирифтани даромад аз иҷораи амалиётӣ дар ҳисобгирии иҷорадеҳ бо чунин мукотибот инъикос меёбад:

Ҳисобкунии даромади иҷоравӣ барои давраи ҳисоботӣ:

*Қарздории дебиторӣ*..........................................................*1 000*

*Даромади иҷоравӣ*..........................................................*1 000*

Дохилшавии иҷорапулӣ:

*Воситаҳои пулӣ*..........................................................*1 000*

*Қарздории дебиторӣ*..........................................................*1 000*

Инъикоси хароҷоти истеҳлокӣ:

*Хароҷоти истеҳлоки*..........................................................*500*

*Истеҳлоки ҷамъшуда*..........................................................*500*

Иҷораи замин чун қоида иҷораи амалиётист, зеро мӯҳлати истифодабарии замин маҳдуд нест. Агар иҷора дар худ харид ё додани ҳуқуқи моликиятро ба замин ифода кунад, ин гуна амалиёт ҳамчун фурӯши насиявӣ ҳисобида шуда, иҷора бояд сармоя гардонида шавад. Агар дар ҳайати арзиши бозории моликияти иҷоравӣ нархи замин камтар аз 25%-ро ташкил намояд, дар ин маврид амалиёт ҳамчун иҷораи таҷҳизот шинохта мешавад. Агар ҳиссаи замин зиёда аз 25% -ро ташкил кунад, дар ин ҳолат иҷораи замин алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Хусусиятҳои баҳисобгирии намудҳои дигари иҷора**

Намудҳои зерини иҷора маълуманд:

- иҷораи тимсоли фурӯш;
- фурӯши активҳо бо бозпас гирифтани онҳо ба иҷора;
- хариди активҳо аз рӯи аҳдномаи иҷоравӣ;
- иҷора бо истифодаи қарз.

Дар ҳолати иҷораи тимсоли фурӯш, иҷорадеҳ(истеҳсолкунанда) расонидани маҳсулотро аз рӯи шартномаи иҷораи дарозмуддат ҳамчун манбаъи молиякунонии истеҳсолот инъикос намуда, фоидаро аз ду самти алоҳида нишон медиҳад:

- истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- сармоягузорӣ аз рӯи шартномаи иҷоравӣ дар давоми муддати иҷора.

Даромад аз истеҳсол он гоҳ ба ҳисоб гирифта мешавад, агар шартномаи иҷора дар ҳақиқат ба ҳукм дарояд, яъне, бузургии қарздории дебиторӣ аз рӯи шартномаи иҷоравӣ баробари нархи фурӯши маҳсулот бошад.- Даромад аз истеҳсол бояд баробари арзиши дисконтиронидашудаи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ бо истифодаи меъёри мувофиқи дистконтиронӣ бошад. Аммо, ин меъёр бе ҳисобкунии нархи фурӯш истифода бурда намешавад. Агар нархи фурӯш муайян набошад, иҷорадеҳ имконияти васеъи муайянкунии бузургии фоидаи умумиро аз фурӯш ва фоидаи фоизиро ба даст меорад. Ҳама гуна маросими баҳисобгирӣ дар худ тақсими озоди фоидаи умумии иҷоравиро байни истеҳсолот ва сармоягузорӣ нишон медеҳад.

Дар ҳолати фурӯши активҳо бо бозпас ба иҷорагирии онҳо, субъект активро ба дигар тараф фурӯхта, бозпас онро ба иҷора мегирад.

Маъмулан активҳо тақрибан бо нархи бозорӣ фурӯхта мешаванд. Ширкат арзиши таҷҳизотро ба таври нақд гирифта, ҳуқуқи истифодабарии активро дар давоми мӯҳлати иҷора ба даст меорад. Ба ивази он ӯ оиди пардохти иҷорапулӣ ӯҳдадор шуда, ҳуқуқи моликиятро ба иҷорадеҳ медиҳад.

Дар ҳолати иҷораи молиявӣ фурӯши активҳо бо иҷораи минбаъдаи онҳо –ин усулест, ки бо ёрии он иҷорадеҳ иҷорагирро бо воситаҳои молиявӣ таъмин намуда, активро ба сифати кафолат истифода мебарад. Зиёдатии пули фурӯш аз арзиши балансӣ дар ҳолати эътироф мавқуф гузошта шуда, ба фоида дар давоми муддати иҷора гузаронида мешавад.

Дар ҳолати иҷораи амалиётӣ, вақте, ки пардохтҳои иҷоравӣ ва нархи фурӯш бо арзиши одилона муқаррар карда мешаванд, фурӯши муқаррарӣ ҷой дошта, ҳама гуна фоида ва зарар фавран эътироф мегарданд.

Вақте, ки нархи фурӯш аз арзиши одилона паст аст, ҳама гуна фоида ва зарар фавран эътироф мегарданд, ба истиснои ҳолате, ки зарар бо иҷорапулиҳои минбаъда бо нархи пасттар аз нархи бозорӣ ҷуброн мегардад. Дар ин ҳолат, вай мавқуф гузошта шуда, ба фоида ё зарар ба таври баробар дар давоми мӯҳлати истифодаи актив гузаронида мешавад.

Агар нархи фурӯш баланд аз арзиши одилона бошад, фарқи он мавқуф гузошта шуда, дар давоми мӯҳлати истифодаи актив аз ҳисоб бароварда мешавад.

Агар арзиши одилона дар лаҳзаи бастани шартнома аз арзиши балансӣ паст бошад, зарар фавран эътироф мегардад.

Ҳамчун тафовут аз шартномаҳои дутарафа,ки пештар тасниф шуд, ҳангоми иҷора бо истифодаи қарз се тараф иштирок мекунанд:

1. иҷорагир,
2. иҷорадеҳ ё иштирокчии ҳиссадор,
3. қарздеҳ.

Аз нуқтаи назари иҷорагир,фарқ байни иҷора бо истифодаи қарз ва дигар намудҳои иҷора нест. Иҷорадеҳ бошад, активҳоро мувофиқи шартномаи иҷоравӣ харида, ин харидро қисман аз ҳисоби воситаҳои худӣ молиякунонӣ менамояд. (мисол, 20%-и арзиши активро худ мепардозад, аз ин ҷо, мо мафҳуми «иштирокчии ҳиссадор»-ро истифода бурдем). 80%-и боқимондаро қарздеҳ мепардозад. Чун қоида, қарз бо гаравмонии актив, шартномаи иҷоравӣ ва иҷорапулӣ таъмин мегардад. Иҷорадеҳ ба сифати қарзгир баромад намуда, ҳамчун соҳиби актив ҳуқуқи нигоҳдории ҳама гуна пардохтҳои бо ин актив вобастаро соҳиб аст.

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Иҷорагир дар ҳисоботи молиявии худ бояд ахбороти зеринро кушода диҳад:

а) арзиши активҳои ба иҷораи молиявӣ гирифташуда – дар ҳар санаи пешниҳоди баланс;
б) ӯҳдадорӣ аз рӯи активҳои иҷоравӣ – ба таври алоҳида аз ӯҳдадориҳои дигар бо роҳи тафриқаи байни ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва дарозмуддат;
в) ӯҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳои камтарини иҷоравӣ ҳангоми иҷораи молиявӣ ва иҷораи амалиётии бекорнашавандаи ба мӯҳлати зиёда аз як сол – бо нишон додани маблағ ва мӯҳлати баамалбарории пардохтҳо; маълумот оиди хислати ҳама гуна имкониятҳои нави барқарорсозии иҷора ё харид, инчунин моддаҳои шартнома, ки афзоиши арзиши иҷораро пешбинӣ менамоянд;
г) маҳдудиятҳои молиявӣ, ки бо шартномаи иҷоравӣ муқаррар гардидаанд – маҳдудият оиди гирифтани қарзи иловагӣ ё иҷораи минбаъда;
д) хислати ҳама гуна пардохтҳои иҷоравӣ, ки аз омилҳои пешбининашаванда вобастагӣ доранд;
е) хислати ҳама гуна ӯҳдадориҳои бо хароҷоти интизории дар охири мӯҳлати иҷора пардохташаванда, ки аз омилҳои пешбининашаванда вобастагӣ доранд.

Дар ҳисоботи молиявии иҷорадеҳ бояд ахбороти зерин кушода гардад:

а) сармоягузориҳои умумӣ ба иҷораи молиявӣ, инчунин даромади молиявии минбаъдаи бо он вобаста ва арзиши бақиявии кафолатдодаҳошудаи активҳои иҷоравӣ;
б) усули истифодашавандаи тақсими даромад;
в) арзиши активҳои ба иҷораи амалиётӣ додашуда ва ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокии бо онҳо вобаста аз рӯи ҳар як навъи активҳо дар ҳар як санаи ҳисоботи балансӣ.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 185с.

2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»: подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ, 1999 - 663с.
7. Нидлз Б. и др. Принципы бухгалтерского учета (Пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. - М.: Финансы и статистика. 1997. – 496с.
8. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997

**Супориш барои худсанҷӣ**

**Супориши 1.** 1 январи соли 2009 ширкати "Аршан" ва ширкати "Барс" аҳдномаи ҷоравиро бастанд. Мувофиқи он "Барс"-иҷорадеҳ ба "Аршан"- иҷорагир таҷҳизотеро, ки бо арзиши одилонаи 18 000в.ш. "Барс" харидааст, иҷора медиҳад. Мӯҳлати иҷора шаш солро ташкил намуда, "Аршан" ӯҳдадор мешавад, ки дар охири ҳар сол 5 000 в.ш. ба «Барс» иҷорапулӣ диҳад. Таҷҳизот ба иҷора дар давоми тамоми мӯҳати хизмати муфиди актив дода шуда, дар охири мӯҳлати иҷора арзиши бақиявӣ надорад. Иҷора азъ ҷониби иҷорагир бекор карда намешавад. Ягон ҳуқуқи моликиятӣ ё имтиёзҳои андозӣ вобаста ба таҷҳизоти мазкур вуҷуд надоранд.

Пардохтҳои минималии иҷоравӣ 30 000в.ш.-ро ташкил менамоянд (ҳар сол 5 000в.ш. дар давоми шаш сол). Азбаски арзиши бақиявӣ вуҷуд надорад, он ҳам чун сармоягузории умумӣ ба иҷора шинохта мешавад.

Таҷҳизот бо усули ростхатта амортизатсия кунонида мешавад.

Барои иҷорагир ҳар як пардохт ба маблаги 5 000в.ш байни хароҷоти молиявӣ ва камшавии ӯҳдадорӣ тақсим карда мешавад. Барои иҷорадеҳ иҷорапулии гирифташуда байни даромади молиявӣ ва камшавии қарздории дебиторӣ тақсим карда мешавад. Меъёри пешбинишудаи фоизӣ 15%-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми ин меъёр арзиши ҷории софи пардохтҳои иҷоравӣ баробари чанд аст?

Аз ибтидои иҷора, "Аршан" ва "Барс" ҷадвали пардохтҳоро , ки барои муайянкунӣ ва инъикос дар ҳисобгирӣ истифода мешавад, тартиб доданд.

**Талаб карда мешавад:**

1. Ҷадвали тақсимоти пардохтҳои иҷоравиро барои иҷорадеҳ ва иҷорагир тартиб диҳед;
2. Мукотиботи зеринро барои ширкатҳои "Аршан" ва "Барс" тартиб диҳед:

a) мукотиботи ибтидоии инъикоси иҷора;
b) ҷудокунии қисми ҷории ӯҳдадорӣ (қарздории дебиторӣ) барои соли 2009;
c) инъикоси ҳисобкуниҳои хароҷоти молиявӣ (даромади молиявӣ) барои соли 2009;
d) мукотиботеро, ки 31 декабри соли 2009 ширкатҳо дар лаҳзаи пардохт(гирифтани пул) тартиб медиҳанд;
e) ҷудокунии қисми ҷории ӯҳдадорӣ (қарздории дебиторӣ) барои соли 2010;
f) инъикоси ҳисобкунии ҳармоҳаи хароҷоти молиявӣ (даромади молиявӣ) дар соли 2010;
g) мукотиботе, ки ширкатҳо 31 декабри соли 2010 дар лаҳзаи пардохт(гирифтани пул) тартиб медиҳанд;
h) мукотиботи ҳарсолаи оиди ҳисобкунии амортизатсия;
i) бақияи ҳисобҳои бо иҷораи молиявӣ вобастаро дар баланси иҷорагир (иҷорадеҳ) дар охири соли дуюми иҷора то ислоҳнамоии қисми ҷории ӯҳдадорӣ(қарздории дебиторӣ) нишон диҳед.

| Аршан | Барс |
|---|---|
| a) | a) |
| b) | b) |
| c) | c) |
| d) | d) |
| e) | e) |

| | |
|---|---|
| f) | f) |
| g) | g) |
| h) | h) |
| i) | i) |

3 Фарз кардем, ки мӯҳлати хизмати таҷҳизот 20 солро ташкил менамояд. Оё ин иҷора дар ин маврид молиявӣ аст? Фикри худро исбот кунед.

Фарз кардем, ки иҷорапулии ҳарсола 3 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, иҷора амалиётӣ ҳисобида мешавад. Вобаста ба ин шароит амалҳои зерини бухгалтериро иҷро кунед:

a) Тартибдеҳии мукотибот оиди ҳисобкунии ҳарсолаи амортизатсияи актив;
b) Тартибдеҳии мукотибот оиди ҳисобкунии ҳармоҳаи иҷорапулӣ (даромади иҷоравӣ);
c) Тартибдеҳии мукотибот дар 31 декабри соли 2009 дар лаҳзаи пардохт (гирифтани пул);
d) Тартибдеҳии мукотибот дар лаҳзаи пардохт(гирифтани пул) дар сурати ба амал бароварда нашудани пардохти иҷорапулӣ (даромади иҷоравӣ)-и ҳармоҳа.

| Аршан | Барс |
|---|---|
| a) | a) |
| b) | b) |
| c) | c) |
| d) | d) |

**Супориши 2.**

Корпоратсияи «Мадина Ltd» шартномаро оиди иҷораи бинос ба мӯҳлати панҷ сол мебандад. Шартнома мазкур талаб мекунад, ки дар охири хар сол 100 000в.ш. пардохта шавад. Меъёри корпоратсияи «Мадина Ltd» аз рӯи қарзҳо 10%-ро ташкил менамояд. Арзиши ҷории пардохтҳои иҷоравиро ҳисоб кунед.

<u>Ҳал:</u>

**Супориши 3.**

Корпоратсияи «Васко да Гама» таҷҳизотеро бо мӯҳлати хизмати муфиди 12 сола ба иҷора гирифт. Шарти иҷора – пардохти ҳарсолаи 17,400 в.ш.. «Васко да Гама» имконият дорад, ки бо меъёри 15% қарз бигирад.

Талаб карда мешавад:

1. арзиши ҷории иҷораро муқаррар созед;
2. ҷадвали пардохтҳои иҷоравиро барои ҳамаи муддати иҷора бисозед;
3. мукотиботро оиди инъикоси шартномаи иҷора тартиб диҳед;
4. мукотиботи журналиро оиди инъикоси бузургии хӯрдашавии таҷҳизот барои соли якум тартиб диҳед;
5. пардохти иҷорапулиро барои ду соли аввал инъикос кунед.

## Боби 13. Баҳисобгирии сармоягузориҳо (инвеститсияҳо)

*Мақсади омӯзиш*
*Мафҳуми сармоягузорӣ*
*Таснифи сармоягузориҳо*
*Баҳодиҳӣ ва эътирофи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат*
*Баҳисобгирии хариди сармоягузориҳо*
*Баҳисобгирии қоғазҳои қиматноки қарзӣ*
*Баҳисобгирии қоғазҳои қиматноки ҳиссавӣ*
*Баҳисобгирии азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо*
*Хориҷшавӣ ва гузарониши сармоягузориҳо*
*Сармоягузориҳо ба моликияти ғайриманқул*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯзиши ин мавзӯъ. Шумо бояд:

- мафҳуми сармоягузорӣ (инвеститсия)-ро муайян карда, мазмуни онро кушода диҳед;
- сармоягузориҳоро дуруст тасниф намоед;
- мувофиқи СБҲМ баҳисобгирии ҳаракати сармоягузориҳоро бурда тавонед ва мукотиботи бухгалтериро дуруст тартиб диҳед;
- қоидаҳои баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳоро фаҳмед ва дуруст истифода баред;
- арзиши сармоягузориҳоро дуруст ҳисоб карда дар баланс нишон дода тавонед;
- ахборотро оиди сармоягузориҳо дар ҳисоботи молиявӣ ошкор сохта тавонед.

### Мафҳуми сармоягузориҳо

Ба сифати сармоягузорӣ дигар намуди активҳо: захираҳои моддиву молӣ, воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддиро қабул намудан ҷоиз нест. Сармоягузориҳо – ин молиягузорӣ ба қоғазҳои қиматноки ширкатҳои дигар аст. Мебояд сармоягузор – маблағгузор (сармоягузор) ва интишоргар (интишоргар)-ро фарқ намуд. Маблағгузор ширкатест, ки воситаҳои пулии худро ба қоғазҳои қиматноки аз ҷониби интишоргар баровардашуда мегузорад. Маблағгузорон востаҳои пулии озоди худро ба қоғазҳои қиматнок бо мақсадҳои зайл мегузоранд:

- бадастории фоида дар шакли фоиз ва ҳаққусаҳм;
- афзоиши сармояи худӣ;
- бунёди захираи воситаҳои зиёдаазмеъёрӣ ва ихтисори пулҳои «мурда»;
- устуворгардонии минбаъдаи муносибатҳои расмии корӣ ё тиҷоратӣ бо ширкат-интишоргар;
- таҳти назорат қарор додани ширкати сармоягузоришаванда;
- муҳайё сохтани афзалияти тиҷоратӣ;
- ташкили фаъолияти аниқ бо усули мақбул;
- бадастории имтиёзу афзалияти гуногун.

### *Таснифи сармоягузориҳо*

Маҷмӯи қоғазҳои қиматноки зери назорати ширкат буда, *сандуқи (портфели) сармоявӣ* номида мешавад.

**Расми №10. Таснифи сармоягузориҳо**




/* ба ғайр аз коғазҳои қиматноки бадалшаванда, ки бароварда шудаанд ва баъдтар пасхарид гардидаанд, инчунин саҳмияҳои имтиёзноки барои пардохт пешниҳодгардида.

Мувофиқи СБҲМ 39 «Инструментҳои молиявӣ: эътироф ва баҳодиҳӣ», сармоягузориҳо – активҳои молиявӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд:

**Молиягузориҳои тиҷоратӣ** – ин:
- сармоягузориҳо ба активҳои молиявӣ бо мақсади бадастории даромад аз пасту баландшавиҳои кӯтоҳмуддати нархи бозории ин активҳо ё дар намуди нафъи миёнарав;
- сармоягузориҳое, ки ба ҳайати сандуқи сармоявии ширкат дохил гардида, барои ҷаллобии кӯтоҳмуддат дар бозор пешбинӣ гардидаанд.

**Сармоягузориҳои молиявии то санаи пардохт нигоҳдошташаванда** – ин сармоягузориҳое, ки:
- даромад ва мӯҳлати муайяншудаи пардохт доранд;
- қарз ба корхонаҳои дигар нестанд;
- то расидани мӯҳлати пардохт фурӯхта намешаванд.

**Қарзҳои пешниҳодшуда** – ин сармоягузориҳое, ки:
- дар натиҷаи пешниҳоди актив ба қарздор ба вуҷуд омадаанд;
- барои фурӯш таъин нашудаанд.

**Сармоягузориҳои молиявии барои фурӯш мавҷуда** – ин сармоягузорие, ки ба дигар намудҳо дахл надорад.

**Баҳодиҳӣ ва эътирофи сармоягузориҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат**

***Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат***

Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат сараввал бо арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Минбаъд, сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат дар баланс бо:

(i) *арзиши бозорӣ; ё*

(ii) *камтарин аз арзиши харид ё арзиши бозорӣ, ба ҳисоб гирифта мешаванд.*

Ширкатҳоро арзиши умумии сандуқи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат назар ба арзиши ҳар як сармоягузории алоҳида бештар ба иътироб меорад, зеро онҳо дар маҷмӯъ ҳамчун захираи сарват нигоҳ дошта мешаванд. Мувофиқи ин нуқтаи назар, СБҲМ 25 чунин талаб мекунад: агар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи нархи камтарин аз арзиши харид ва бозорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, онгоҳ арзиши балансии онҳо бояд:

- умуман, аз рӯи усули сандуқи умумии сармоягузориҳо, ё;
- аз рӯи гурӯҳҳои сармоягузориҳо;
- ё дар асоси сармоягузориҳои алоҳида, муайян карда шавад.

**Мисоли 1.** Ширкат сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати худро аз рӯи бузургии камтарин аз арзиши харид ва арзиши одилонаи бозорӣ дар асоси сандуқи умумӣ ба ҳисоб мегирад. Умуман, сандуқи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат аз инҳо иборат аст:

| | Арзиши харид, хаз. в.ш.. | Арзиши одилона, хаз. в.ш.. |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои ширкати «Алфа» | 40 | 30 |
| Саҳмияҳои ширкати «Бетта» | 50 | 55 |
| Саҳмияҳои ширкати «Гамма» | 30 | 25 |
| Ҷамъ: | 120 | 110 |

Дар ҳолати мазкур, арзиши одилонаи ҳамаи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат 110000 в.ш. –ро ташкил менамояд, ки он ба маблағи 10 000 в.ш. аз арзиши харид камтар аст. Ҳамин тариқ, дар баланс сармоягузориҳо бо арзиши 110 000в.ш. инъикос гардида, 10 000 в.ш.-и фарқият ҳамчун зарар акс мегардад.

Арзиши ибтидоии сармоягузориҳо хатман дар балансӣ санҷишӣ нишон дода мешавад. Ба ҳисоби балансии «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» аксулҳисоби «Камшавии арзиши сармоягузориҳо», ки дар он амалиёти азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо инъикос мегарданд, кушода мешавад.

Агар ширкат сармоягузориҳои худро бо арзиши одилонаи бозорӣ ба ҳисоб гирад, бояд ба таври даврӣ тағйирёбии он низ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар ин ҳангом, афзоиши арзиши сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ҳамчун даромад, ва камшавии он ҳамчун хароҷот дар давраи ҳисоботие, ки ин тағйирёбиҳо ба амал омаданд, эътироф мегарданд.

**Мисоли 2.** 1 марти соли 2010 ширкат сармоягузориҳои кӯтоҳмуддатро бо нархи 20 000 в.ш. харид намуд. Дар 31 декабри соли 2010 арзиши одилонаи бозории ин сармоягузориҳо 25 000 в.ш.-ро ташкил намуд. Аз ин рӯ, арзиши балансии ин сармоягузориҳо дар 1 январи соли 2011 25 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Маблағи фарқ - 5 000 в.ш. ҳамчун даромад эътироф мегардад.

Дар айни замон, якчанд нуқтаи назар дар мавриди баҳодиҳии арзиши сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат мавҷуд аст. Гурӯҳи аввали мутахассисон чунин мешуморанд, ки сармоягузориҳо бояд аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва бозорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар ин ҳол, риоя шудани қоидаи консерватизм (дурандешӣ) ҳамчун асоси ин гуна равия баромад мекунад, зеро ин усул, «арзиши дурандешонаи (бомулоҳизаи) балансиро дода, ба эътирофи фоидаи коркарданошуда бурда намерасонад». Гурӯҳи дуюми мутахассисон мувофиқи мақсад будани баҳодиҳии сармоягузориҳоро танҳо аз рӯи арзиши одилонаи бозорӣ пуштибонӣ менамоянд. Барои исботи ақидаи худ онҳо дараҷаи баланди бозоргирии ин активҳоро далел меоранд. СБҲМ истифодабарии ҳардуи усулҳоро маъқул мешуморад.

***Сармоягузориҳои дарозмуддат***

*Ба сармоягузориҳои дарозмуддат ҳамаи сармоягузориҳое, ки кӯтоҳмуддат нестанд, дохил мешаванд.* Сармоягузориҳое, ки асосан барои ҳимоя, беҳгарсозӣ ё инкишофи муносибатҳои кориву тиҷоратӣ истифода шуда, аксар вақт сармоягузориҳои тиҷоратӣ номида мешаванд, ва он сармоягузориҳое, ки фурӯхтанашавандаанд, ҳамчун дарозмуддат тасниф мегарданд. Сармоягузориҳои дигар, ба монанди сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул, ки ба мӯҳлати якчанд сол бо мақсади бадастории фоида ба амал бароварда мешавад, новобаста аз осонфурӯшиашон, ҳамчун сармоягузории дарозмуддат тасниф карда мешаванд.

Сармоягузориҳои дарозмуддат маъмулан дар баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши харид эътироф гардида, минбаъд дар баланс:

(i) *аз рӯи арзиши харид;*

(ii) *аз рӯи арзиши азнавбаҳододашуда;*

(iii) *ё дар ҳолати қоғазҳои қиматноки ҳиссавии бозорӣ – аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ, ки бо усули сандуқи умумӣ муайян мегарданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.*

Арзиши балансии ҳамаи сармоягузориҳои дарозмуддат бояд пастшавии арзиши сармоягузориҳоро ба ғайр аз пастшавиҳои муваққатӣ ба ҳисоб гиранд ва ин гуна пастшавӣ барои ҳар як сармоягузорӣ алоҳида муайян ва ба амал бароварда шавад.

Сармоягузориҳои дарозмуддат маъмулан аз рӯи арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аммо, ҳангоми пастравии арзиши он, ба истиснои пастравии муваққатӣ, арзиши балансии сармоягузориҳо барои эътирофи ин пастравӣ кам карда мешавад. Арзиши сармоягузориҳо аз:

- калавишҳои қурби бозории қоғазҳои қиматнок;

- арзиши бозории активҳои ширкат;
- натиҷаҳои фаъолияти ширкат-интишоргар;
- дохилшавиҳои пулии интизорӣ аз сармоягузориҳо;
- хавф (риск);
- намуд ва андозаи ҳиссаи маблағгузор;
- маҳдудиятҳои тақсимоти фоидаи интишоргар;
- маҳдудиятҳои фурӯши сармоягузориҳо аз ҷониби маблағгузор, вобастагӣ дорад.

Бо сабаби муҳимият, аксаре аз сармоягузориҳо дар асоси инфиродӣ баҳо дода мешаванд. Агар ширкат баҳодиҳии арзишро аз рӯи усули камтарин аз ду бузургӣ: арзиши харид ва арзиши бозорӣ дар асоси сандуқи сармоягузориҳо ба амал барорад, онгоҳ, камкуниҳои муваққатӣ ва барқароркунии онҳо ба сармояи худӣ дохил карда мешаванд.

Камкуниҳое, ки бо пастнамоии муваққатии арзиши балансӣ ягон алоқамандие надоранд, агар он азнавбаҳодиҳии пештараро ҷуброн накунад, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

***Қогазҳои қиматноке, ки ба сифати сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат харида шудаанд, ду сандуқи алоҳидаи қогазҳои қиматнокро ифода намуда, усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин аз ду бузургӣ: арзиши харид ва арзиши бозорӣ, барои ҳар як сандуқ алоҳида истифода бурда мешавад.***

**Баҳисобгирии хариди сармоягузориҳо**

Сармоягузориҳо бо роҳи:

- додани воситаҳои пулӣ;
- ивазнамоӣ бо активҳои дигар – захираҳои моддиву молӣ, воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ;
- ивазнамоӣ бо қоғазҳои қиматноки азонихудӣ, ба даст оварда мешаванд.

Ҳангоми хариди қоғазҳои қиматнок ҳисобҳои «Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат» ва «Сармоягузориҳои дарозмуддат» аз рӯи арзиши харид бо баҳисобгирии хароҷоти бо харид вобаста, дебитонида мешаванд.

Арзиши хариди сармоягузориҳо ҳамаи хароҷоти харид, аз ҷумла, ҷамъовариҳои даллолӣ ва тиҷоратӣ, ҳаққи хизмат, боҷ, андозҳои ҷуброннашаванда ва ғ.-ро дарбар мегирад.

**Мисоли 3.** Ширкати «Рустами Достон» саҳмияҳои ширкати «Судоба»-ро бо нархи 15000 в.ш., мехарад. Ҳаққи хизмати даллол 1 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Навиштҳо дар баҳисобгирӣ:

*Сармоягузориҳо.................. ......................................16 000*
*Воситаҳои пулӣ...............................................................16 000*

Дар ҳолати ***хариди ғайрипулӣ***, арзиши хариди сармоягузориҳо баробари:

- арзиши одилонаи бозории қоғазҳои қиматноки баровардашуда, на арзиши номиналии онҳост. Ин ҳолат танҳо дар сурати хариди сармоягузориҳо ба ивази қоғазҳои қиматноки баровардашуда ҷой дорад;
- арзиши одилонаи бозории активи додашуда, ё дар ҳолати яқинӣ, арзиши одилонаи сармоягузорист. Ин ҳолат дар сурати хариди сармоягузориҳо ба ивази активи дигар ҷой дорад.

**Мисоли 4.** Ширкати «Кайковус» саҳмияҳоро баровард, ки арзиши умумии номиналии онҳо баробари 120 000 в.ш. аст. Арзиши одилонаи бозории саҳмияҳо 150 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Саҳмияҳо ба вомбаргҳо, ки арзиши умумиашон 80 000 в.ш.-ро ташкил менамояд, иваз карда шуданд. Ҳаққи хизмати даллол 5 000 в.ш. –ро ташкил дод. Навиштаҷотҳо дар баҳисобгирӣ чунин сурат мегиранд:

(а) Инъикоси барориши (эмиссияи) саҳмияҳо:

*Ҳисоббаробаркунӣ аз руи пардохти сармоя......................120 000*
*Сармояи саҳҳомӣ..... ........................................................120 000*

(б) Инъикоси хариди вомбаргҳо:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат.........................................155 000*
*Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи пардохти сармоя ................................120 000*
*Воситаҳои пулӣ...................................................................5 000*
*Сармояи иловагии пардохташуда.............................................30 000*

**Мисоли 5.** Ширкати «Авесто» саҳмияҳои ширкати «Ёсуман» -ро ба ивази таҷҳизот харид. Арзиши одилонаи бозории саҳмияҳо 20 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Арзиши ибтидоии таҷҳизот дар лаҳзаи ивазнамоӣ - 25 000 в.ш., истеҳлоки ҷамъшуда - 2 500 в.ш.-ро ташкил менамояд. Хароҷоти бо хариди саҳмия вобаста 500 в.ш.-ро ташкил менамояд. Дар баҳисобгирӣ ин амалиёт ба таври зер инъикос меёбад:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат .............. ......................20 500*
*Истеҳлоки ҷамъшуда.......................... .....................2 500*

*Зарар аз фаъолияти ғайриамалиётӣ*.................................*2 500*
*Воситаҳои пулӣ*.......................................................*500*
*Таҷҳизот (Воситаҳои асосӣ)*.............................................*25 000*

Дар ҳолати ***хариди қоғазҳои қиматнок бо фоизи ҳисобкардашуда*** барои давраи то лаҳзаи харид, аммо то ҳол пардохтношуда, ба фурӯшанда дар рӯзи харид ба ғайр аз арзиши сармоягузорӣ, боз фоизи ҳисобкардашуда барои давраи гузашта пардохта мешавад. Зеро то санаи харид фурӯшанда ин қоғазҳои қиматнокро нигоҳ дошта, мувофиқан фоизи муайяни мазкурро сазовор шуд. Ҳангоми расидани мӯҳлати навбатии пардохт, харидор фоизро барои ҳамаи давра пурра мегирад. Дар айни замон, фоизҳои гирифташуда байни давраҳои то ва пас аз харид тақсим мешаванд: қисми ба давраи то харид дахлдошта аз арзиши сармоягузорӣ тарҳ карда шуда, қисми ба давраи пас аз харид дахлдошта, ҳамчун даромад инъикос мегардад.

Фоизҳо, роялти, ҳаққусаҳм ва рентаи гирифташавандаи бо сармоягузорӣ робитадошта, маъмулан чун фоида, ки даромад аз сармоягузорӣ аст, шинохта мешаванд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, ин гуна дохилшавии воситаҳо ҷуброни хароҷот буда, қисми даромад ҳисобида намешаванд. Мисол, дар ҳолати ҳисобкунии фоизҳои пардохтношуда то хариди сармоягузории фоизӣ фоизи ҳисобкардашуда ба нарх ҳамроҳ карда шуда, воридшавии минбаъдаи фоизҳо байни давраҳои то харид ва пас аз харид тақсим карда мешаванд. Дар ин ҳангом, қисми фоизи то харид аз арзиши харид тарҳ карда мешавад. Ҳамин гуна муносибат дар ҳолати эълони ҳаққусаҳм аз рӯи қоғазҳои қиматноки ҳиссавӣ то лаҳзаи харид истифода мегардад. Агар тақсимоти мазкурро ба амал баровардан мушкил бошад, арзиши хариди сармоягузориҳоро одатан ба маблағи ҳаққусаҳмҳои гирифташаванда кам мекунанд, ба шарте, ки онҳо ба таври возеҳ ҷубронпулии қисми арзиши харидро ифода кунанд.

**Мисоли 6.** Ширкат 1 маи соли 2010 бо нархи 12 400 в.ш. вомбаргҳои арзиши номиналиашон 12 000 в.ш.-ро бо меъёри эълоншудаи 10% харид. Фоизҳо ҳар як нимсола пардохта мешаванд. Ҳангоми расидани мӯҳлати навбатии пардохти фоиз – 30 июни соли 2010 навишти зерин ҷой дорад:

**Равиши якуми баҳисобгирӣ:**

Маблағи фоизҳо барои 6 моҳ (12 000 х 0,1х 6/12) = 600 в.ш..

Маблағи даромади фоизӣ баробар аст ба 200 в.ш. = 600 – 400

Мукотиботи:

(а) хариди вомбаргҳо бо фоизи ҳисобкардашуда:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат*.......................................*12 400*
*Воситаҳои пулӣ*..............................................................*12 400*

(б) гирифтани фоизҳо дар 30 июни соли 2010:

*Воситаҳои пулӣ*..........................................................*600*
*Даромади фоизӣ*..............................................................*200*
*Сармоягузориҳои дарозмуддат*................................................*400*

**Равиши дуюми баҳисобгирӣ:**

1 май - Инъикоси хариди вомбаргҳо бо фоизи ҳисобкардашуда:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат*....................................*12 000*
*Қарздории дебитории ғайр*..........................................................*400*
*Воситаҳои пулӣ*..............................................................*12 400*

30 июн – Ҳисобкунии даромади фоизӣ:

*Фоизҳо барои қабул (12 000х0,1х2/12)*..............................*200*
*Даромади фоизӣ аз сармоягузориҳо*.............................................*200*

1 июл Дохилшавии даромади пулӣ барои ҳамаи давраи пардохти фоиз:

*Воситаҳои пулӣ*..........................................................*600*
*Фоизҳо барои қабул*..........................................................*200*
*Қарздории дебитории ғайр*......................................................*400*

**Баҳисобгирии қоғазҳои қиматноки қарзӣ**

Намудҳои асосии қоғазҳои қиматноки қарзӣ - ин вомбаргҳо ва васиқаҳои хазинавианд.

*Вомбарг (Облигация)* – ин як воситаи молиявиест, ки дар худ шакли қарздории интишоргарро ифода намуда, байни сармоягузорон тақсим карда мешавад. Вомбаргҳо бояд дар мӯҳлати муайяншуда пардохта шуда, инчунин пардохти даврии фоизҳоро талаб менамоянд.

Мебояд меъёри номиналӣ ва бозории фоизро фарқ кард.

**Меъёри номиналии фоизӣ** – ин меъёри фоизиест, ки ба дорандагони вомбарг дар асоси арзиши номиналии вомбарг пардохта мешавад. Ин гуна меъёри фоизӣ ва маблағ дар давоми ҳамаи мӯҳлати қарз бетағйир мемонад.

**Меъёри бозории фоизӣ** – ин меъёрест, ки бар маблағи дар бозори сармоявӣ аз рӯи вомбаргҳои шароити қарз ва хавфашон монанд пардохташаванда асос ёфтааст. Меъёрҳои бозории фоизӣ ҳар рӯз тағйир меёбанд. Азбаски ширкат меъёрҳои бозории фоизиро назорат

карда наметавонад, аксар вақт дар санаи барориши вомбарг фарқият байни меъёрҳои бозорӣ ва номиналӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳангоми баланд будани меъёри бозории фоизӣ аз меъёри номиналӣ арзиши барориши вомбарг пасттар аз арзиши номиналӣ мешавад. Дар ин ҳолат вомбаргҳо бо *тахфиф*[1] *(дисконт)* бароварда мешаванд. Аз тарафи дигар, агар меъёри бозории фоизӣ пасттар аз меъёри номиналӣ бошад, арзиши барориши вомбаргҳо аз арзиши номиналӣ баланд мешавад. Дар ин ҳолат, мегӯянд, ки вомбаргҳо *бо подош* (нархи барилова) бароварда шудаанд. Подош баробари маблағи зиёдатии арзиши барориши аз номиналӣ аст.

Фарқи байни арзиши харид ва арзиши пардохти сармоягузориҳо ба коғазҳои қиматнок (тахфиф ё подоши харид) маъмулан аз ҷониби сармоягузорон дар давоми давраи аз рӯзи харид то расидани мӯҳлати пардохт истеҳлок мешаванд, то ки аз сармоягузорӣ ба таври мунтазам даромад гирифта шавад. Тахфиф ё подоши истеҳлокшаванда бо ҳисоби даромад дебитонида ё кредитонида мешавад, гӯё, ки онҳо дар худ фоизро ифода менамоянд ва ба арзиши балансии коғази қиматнок ҷамъ ё тарҳ карда мешаванд. Арзиши балансии ниҳоӣ ҳамчун арзиши харид ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Вомбарги бо тахфиф бароварда шуда**

**Мисоли 7.** Ширкати «Millenium» 1 январи соли 2010 вомбаргҳои сесолаи 6%-ро ба маблағи 20 000 в.ш. баровард. Фоизҳо 1 январ ва 1 июли ҳар сол пардохта мешаванд. Ҳангоми меъёри бозории фоизӣ баробари 8% будан, тахфифи вомбаргҳо чунин ҳисоб карда мешавад:

Арзиши номиналии вомбарг.............................................20 000
Тарҳи: PVA (6 давра, 4% аз 600 в.ш.)......3145
PV (n=6, r=4%, 20 000).............. 15806..........(18951)
Ҷамъ.................................................................1049

| *Навиштаҷотҳои интишоргар* | *Навиштаҷотҳои сармоягузор* |
|---|---|
| Навишти барориши вомбарги тахфифнок:<br>1 январ<br>***Воситаҳои пулӣ .................18951***<br>***Тахфифи пардохтношуда........1049***<br>***Вомбаргҳо барои пардохт............20 000*** | Навишти хариди вомбарг:<br>1 январ<br>***Сармоягузориҳои дарозмуддат....18951***<br>***Воситаҳои пулӣ.......................18951*** |
| Азҳисоббарории тахфифи вомбарг<br>Инъикоснамоии пардохти фоиз:<br>1 июл<br>***Хароҷоти фоизҳо ..................775***<br>***Тахфифи пардохтношуда..................175***<br>***Воситаҳои пулӣ.............................600*** | Азҳисоббарории тахфифи вомбарг<br>Инъикоси гарифтани даромади фоизӣ:<br>1 июл<br>***Воситаҳои пулӣ..........................600***<br>***Сармоягузориҳои дарозмуддат.......175***<br>***Даромади фоизӣ.........................775*** |

**Вомбаргҳои бо подош барOвардашуда**

**Мисоли 8.** Ширкати «Sodium» вомбаргҳои сесолаи арзиши номиналиашон 20 000в.ш.-бударо бароварда, барои онҳо 21 200 в.ш. гирифт. Меъёри номиналии фоизӣ – 6% аст. Фоизҳо 1 январ ва 1 июли ҳар сол пардохта мешаванд. Меъёри бозории фоизӣ баробари 4% аст.

| | |
|---|---|
| Навишти барориши вомбарг:<br>1 январ<br>***Воситаҳои пулӣ................. 21 200***<br>***Подоши пардохтношуда.................1 200***<br>***Вомбаргҳо барои пардохт ............20 000*** | Навишти хариди сармоягузорӣ:<br>1 январ<br>***Сармоягузориҳои дарозмуддат ...21 200***<br>***Воситаҳои пулӣ ..........................21 200*** |
| Азҳисоббарории подоши вомбарг:<br>1 июл<br>***Хароҷоти фоизӣ......................400***<br>***Подоши пардохтношуда(1200/3 сол/2)....200***<br>***Воситаҳои пулӣ ...........................600*** | Гирифтани даромади фоизӣ:<br>1 июл<br>***Воситаҳои пулӣ ..........................600***<br>***Сармоягузориҳои дарозмуддат ...........200***<br>***Даромади фоизӣ ..............................400*** |

Барориши коғазҳои қиматнок бо тахфиф маънои онро дорад, ки ин коғазҳои қиматноки интишоргар барои сармоягузорон он қадар ҷолиб нестанд, аз ин рӯ, интишоргар розӣ ҳаст, ки онҳоро бо нархи арзонтар аз арзиши номиналӣ фурӯшад. Барориши коғазҳои қиматнок бо подош дар он ҳолат ба амал меояд, агар сармоягузорон бо сабаби обрӯи (имиджи) хуби молиявӣ ё дигари интишоргар коғазҳои қиматноки онро бо нархи гаронтар аз арзиши номиналиашон биxаранд.

[1] Баъзан калимаи «скидка» - ро дар адабиётҳо чун «партофт» тарҷума менамоянд. Ба назари мо истифодабарии ҳарду калима – партофт ва тахфиф хато нест. ( Эзоҳи М.А.)

Маблағи тахфиф (подош) бояд дар давоми мӯҳлати коғазҳои қиматнок аз ҳисоб бароварда шавад. Чӣ хеле аз мисолҳои 5 ва 6 мебинем, азҳисоббарории подош бо роҳи кредитонидани ҳисобҳои сармоягузориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, азҳисоббарории тахфиф бошад, бо роҳи дебитонидани ин ҳисобҳо ба амал бароварда мешавад. Мақсади истеҳлоки тахфифу подош он аст, ки дар лаҳзаи пардохти вомбаргҳо арзиши балансии онҳо баробари арзиши номиналиашон гардад. Азҳисоббарории тахфиф (подош) дар давоми давраи ҳисобкунии даромади фоизӣ аз рӯи вомбаргҳо ба амал бароварда мешавад. Маблағи тахфиф (подош)-и дар ҳамин давра азҳисоббаровардашаванда ҳамчун даромад ё хароҷоти фоизӣ тасниф карда мешавад.

*Васиқаҳои хазинавӣ* (*Казначейские векселя*) – ин қарзи кӯтоҳмуддати ҳукумат буда, одатан даромади фоизии муқарраршударо надоранд ва бо тахфиф, ки даромади фоизиро аз рӯи ин васиқа ташкил менамояд, бароварда мешаванд.

**Мисоли 9.** 1 март ширкат бо нархи 6 500 в.ш. васиқаи хазинавиро, ки мӯҳлати пардохташ пас аз 120 рӯз мерасад ва пардохт дар он вақт 7 000 в.ш.-ро ташкил мекунад, харид. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин акс меёбад:

**Навишти хариди сармоягузорӣ:**

01 март

*Сармоягузории кӯтоҳмуддат..................................6 500*

*Воситаҳои пулӣ..........................................................6 500*

**Пардохти васиқаи хазинавӣ:**

30 июн

*Воситаҳои пулӣ.................................................7 000*

*Сармоягузории кутоҳмуддат ..........................................6 500*

*Даромади фоизӣ... ...........................................................500*

**Баҳисобгирии коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ**

Коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ дар худ ҳиссаи мулкдории сармоягузорро ифода намуда, ҳуқуқи харид ё фармонфармоии ҳиссаи мулкро бо нархи муқарраршуда ё муайяншаванда медиҳанд. Ба коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ саҳмияҳои оддӣ, имтиёзнок ва дигарҳо дохил мешаванд.

Маҳз нисбати коғазҳои қиматноки ҳиссавӣ қоидае, ки мувофиқи он вобаста ба андозаи ҳиссаи сармоягузорӣ ба ширкати сармоягузоришаванда усули баҳисобгирии сармоягузориҳо интихоб мегардад, истифода мешавад. Мувофиқи қоидаҳои GAAP таърифи зерини таъсири муҳим ва назорат дода мешавад:

Таъсири муҳим – таъсири баръало ба сиёсати амалиётӣ ё молиявии интишоргар, вақте ки ҳиссаи гузориши сармоягузор аз 20% то 50%-ро ташкил медиҳад.

Назорат – қобилияти назорат намудани сиёсати корӣ ва молиявии ширкат бо шарти соҳиби зиёда аз 50%-и саҳмияҳои интишоргар будан аст.

| | Сармоягузориҳое, ки ҳуқуқи нозириро намедиҳанд ва таъсири муҳимро намерасонанд | Сармоягузориҳое, ки расонидани таъсири муҳимро имкон медиҳанд, аммо назоратӣ нестанд | Сармоягузориҳое, ки ҳуқуқи назоратиро медиҳанд |
|---|---|---|---|
| Андозаи ҳисса | То 20% | Аз 20% то 50% | Зиёда аз 50% |
| Усулҳои баҳисобгирӣ | Усули камтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ<br>Усули арзиши аслӣ | Усули тақсими мутаносибии фоида (иштироки ҳиссавӣ) | Усули харид |
| Хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобот | • баҳисобгирии сармоягузориҳо аз рӯи арзиши аслӣ ҳангоми харид ва азнавбаҳодиҳии даврӣ бо мақсади инъикоси арзиши бозорӣ;<br>• истифодабарии ҳисоби контрарии «Захираҳои камшавии арзиши сармоягузориҳои дарозмуддат»;<br>• истифодабарии аксулҳисоби «Фоида ва зарари баамалнаомада аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо». | • Баҳисобгирии хариди сармоягузориҳо аз рӯи арзиши аслӣ;<br>• Қайди ҳиссаи фоида дар дебети ҳисоби «Сармоягузориҳои дарозмуддат» ва кредити ҳисоби «Фоида ва зарар аз сармоягузориҳо»;<br>• Кредитонидани ҳисоби «Сармоягузориҳои дарозмуддат» ҳангоми гирифтани ҳаққусаҳм. | • Таргибдеҳии ҳисоботи мутаҳҳида;<br>• Баҳисобгирии ҳиссаи аққалият. |

Вобаста аз ҳиссаи мулкдорӣ услуби баамалбарории маросимҳои баҳисобгирӣ фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, ҳангоми ***тасарруфи камтар аз 20%-и сармояи саҳҳомӣ*** сармоягузориҳо дар баҳисобгирӣ бо усули арзиши аслӣ инъикос мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки сармоягузориҳо бо маблағи ҳақиқии хароҷот ва ҳаққусаҳми гирифташаванда ба

ҳисоб гирифта мешаванд. Ин усул баҳодиҳии саҳмияҳои харидашудаeро аз рӯи арзиши хариди онҳо ё нархи бозорӣ вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо пасттаранд, пешбинӣ менамояд.

Ба таври даврӣ арзиши бозории сармоягузориҳо муайян карда шуда, он бо арзиши аслӣ муқоиса карда мешавад. Агар арзиши бозорӣ пасттар аз арзиши аслӣ бошад, фарқият ба кредити ҳисоби «Захираҳои камшавии арзиши сармоягузориҳо» бо дебетонидани ҳисоби «Зарари баамалнаомада аз рӯи сармоягузориҳо»-и қисмати «Сармояи худӣ» навишта мешавад.

Агар пастравии нархи саҳмияҳо давом ёбад, ҳисоби «Зарари баамалнаомада» бо ҳисоби «Ҷамъи даромаду хароҷот» ё «Фоидаи тақсимношуда» баста мешавад.

Агар нархи бозорӣ аз арзиши аслӣ ҳангоми истифодаи усули баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши бозорӣ баланд бошад, ҳисоби захираҳо ба сармоягузориҳои дарозмуддат ҷамъ карда шуда, фоида ва зарари баамалнаомада ҳамчун иловаи сармояи худӣ навишта мешавад.

**Мисоли 10.** 1 октябри соли 2009 ширкати «Абр» 5 000 дона саҳмияҳои ширкати «Зар»-ро ки 10%-и сармояи саҳҳомии онро ташкил менамояд, бо нархи 4 в.ш. барои як дона саҳмия; 4 000 дона саҳмияи ширкати «Хон»-ро ки 8 %-и сармояи саҳҳомии онро ташкил менамояд, бо нархи 6 в.ш. барои як дона саҳмия харид.

31 декабри соли 2009 дар бозори фаъоли коғазҳои қиматнок нархҳои зерин муқаррар шуданд: барои як дона саҳмияи ширкати «Зар» 4,20 в.ш. ва барои як дона саҳмияи ширкати «Хон» - 5,00 в.ш. медоданд.

1 марти соли 2010 ширкат 2 000 саҳмияи ширкати «Зар»-ро бо нархи 3,80в.ш. барои як саҳмия фурӯхт.

1 маи соли 2010 ҳаққусаҳм аз рӯи саҳмияҳои ширкати «Хон» дар андозаи 0.25 в.ш. барои як саҳмия гирифта шуд.

31 декабри соли 2010 дар бозори фаъоли коғазҳои қиматнок нархҳои зерин муқаррар гардиданд: барои саҳмияҳои ширкати «Зар» - 4,10 в .ш. барои як саҳмия, барои саҳмияҳои ширкати «Хон» – 5,25 в.ш. барои як саҳмия медоданд.

Барои инъикоси амалиёти мазкур дар баҳисобгирӣ чунин навиштаҷот тартиб дода мешаванд:

1 октябри соли 2009. Хариди коғазҳои қиматнок:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат......................................44 000*

*Воситаҳои пулӣ...........................................................44 000*

Ҳисобкунии маблағи нархгузорӣ (котировка):

| Ширкат | Миқдори саҳмияҳо | Арзиши бозории як саҳмия | Арзиши умумии бозорӣ | Арзиши хариди саҳмияҳо |
|---|---|---|---|---|
| Зар | 5 000 | 4,20 | 21 000 | 20 000 |
| Хон | 4 000 | 5,00 | 20 000 | 24 000 |
| | | | 41 000 | 44 000 |

Арзиши харид – арзиши бозорӣ= 44 000 –41 000=3 000 в.ш..

31 декабри соли 2009. Баҳисобгирии нархгузорӣ:

*Зарари баамалнаомада аз рӯи сармоягузориҳо......................3 000*

*Захираҳои камшавии арзиши сармоягузориҳо..........................3 000*

1 марти соли 2010. Инъикоси фурӯши сармоягузориҳо:

*Воситаҳои пулӣ...........................................................7 600*

*Зарар аз фурӯши коғазҳои қиматнок..................................400*

*Сармоягузориҳои дарозмуддат...........................................8 000*

1 маи соли 2010. Гирифтани ҳаққусаҳм:

*Воситаҳои пулӣ...........................................................1 000*

*Даромади ҳаққусаҳмӣ.......................................................1 000*

Ҳисобкунии маблағи нархгузорӣ дар 31 декабр:

| Ширкат | Миқдори саҳмияҳо | Арзиши бозории як саҳмия | Арзиши умумии бозорӣ | Арзиши хариди саҳмияҳо |
|---|---|---|---|---|
| Зар | 3 000 | 4,10 | 12 300 | 12 000 |
| Хон | 4 000 | 5,25 | 21 000 | 24 000 |
| | | | 33 300 | 36 000 |

Арзиши харид – арзиши бозорӣ = 36 000- 33 300 =2 700

3 000 - 2 700 = 300

31 декабри соли 2010. Баҳисобгирии нархгузорӣ:

*Захираҳои камшавии арзиши сармоягузориҳо .....................300*

*Зарари баамалнаомада аз рӯи сармоягузориҳо ..........................300*

Дар рӯзи эълони ҳаққусаҳм аз ҷониби интишоргар, даромади ҳаққусаҳмӣ дар баҳисобгирӣ аз рӯи дебети ҳисоби «Ҳаққусаҳм барои қабул» ва кредити ҳисоби «Даромади ҳаққусаҳмӣ» инъикос мегардад. Дар ҳолати зиёд будани ҳаққусаҳми гирифташаванда аз ҳиссаи мутаносибии сармоягузор, онҳо ҳамчун баргардониши сармоя, на чун даромад аз сармоягузориҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Мисоли 11.** 1 январи соли 2009 ширкати «Мустанг» 10%-и саҳмияҳои ҳуқуқи овоздоштаи ширкати «Мачо»-ро ба маблағи 25 000 в.ш. харид. Фоидаи софи ширкати «Мачо» барои соли 2009 50 000в.ш.-ро ташкил дод, аммо ба маблағи 75 000в.ш. ҳаққусаҳм пардохта шуд. Ин амалиёт аз ҷониби сармоягузор чунин инъикос мегардад:

1 январ. Қайди хариди коғазҳои қиматнок:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* ......................................25 000

*Воситаҳои пулӣ* ...............................................................25 000

Дар рӯзи эълони ҳаққусаҳм:

*Ҳаққусаҳм барои қабул*..................................................7 500

*Даромад аз сармоягузорӣ*.............................................5 000

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* ....................................2 500

Дар рӯзи гирифтани ҳаққусаҳм:

*Воситаҳои пулӣ* ...........................................................7 500

*Ҳаққусаҳм барои қабул* .................................................7 500

***Ҳангоми аз 20% то 50% тасарруф намудани сармояи саҳҳомии интишоргар*** усули тақсими мутаносиби фоида истифода мегардад. Ин усул дохилнамоии ҳиссаи мувофиқи фоида ва зарари интишоргарро ба ҳисоботҳои сармоягузор дар назар дорад, зеро ин гуна сармоягузориҳо на танҳо барои бадастории ҳаққусаҳм ба амал бароварда мешаванд.

**Мисоли 12.** Ширкати «Сано» 1 январи соли 2010 30% - и саҳмияҳои ҳуқуқи овоздоштаи ширкати «Мираж»-ро бо нархи 27 000 в.ш. харид. Дар давоми сол ширкати «Мираж» 60 000 в.ш. фоидаи соф эълон намуда, ба маблағи 20 000 в.ш. ҳаққусаҳм бипардохт. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин қайд меёбанд:

(а) баамалбарории сармоягузорӣ ба ширкати «Мираж»:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* ..................................27 000

*Воситаҳои пулӣ* ..............................................................27 000

(б) эътирофи фоида:

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* ..................................18 000

*Фоида ва зарар*..............................................................18 000

Ҳисобкунӣ: 30% х 60 000 = 18 000 в.ш..

(в) қабули ҳаққусаҳм:

*Воситаҳои пулӣ* .......................................................6 000

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* .........................................6 000

Ҳисобкунӣ: 30% х 20 000 = 6 000 в.ш..

Бақияи ҳисоби «Сармоягузориҳои дарозмуддат» пас аз қайднамоии ин амалиёт 39 000 в.ш.-ро ташкил мекунад.

**Сармоягузориҳои дарозмуддат**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Сармоягузориҳо | 27 000 | Гирифтани ҳаққусаҳм | 6 000 |
| Ҳиссаи фоида | 18 000 | | |
| Бақия | 39 000 | | |

Фарз кардем, ки ширкати «Мираж» дар соли 2011 ба маблағи 150 000в.ш. зарар дид. Ҳаққусаҳм эълон карда нашуд. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин қайд меёбанд:

(г) инъикоси ҳиссаи зарар:

*Фоида ва зарар* ......................................................45 000

*Сармоягузориҳои дарозмуддат* ........................................45 000

Чӣ хеле мебинем, ҳисоби «Сармоягузориҳои дарозмуддат» бақияи кредитӣ пайдо мекунад. Маблағи боқимондаи ҳиссаи ширкати «Сано» дар зарари ширкати «Мираж» 6 000 (39 000 - 45 000) дар ҳисоби берунибалансӣ то лаҳзаи пӯшонида шудани он бо фоидаи соф инъикос мегардад. Дар ҳолати ба худ гирифтани ӯҳдадориҳои иловагӣ аз рӯи шартнома, маблағи боқимондаи зарарро ширкати «Сано» ҳамчун ӯҳдадорӣ инъикос менамояд.

*Фоида ва зарар* ........................................................6 000

*Ӯҳдадориҳои гайр*..........................................................6 000

Дар ҳолати аз ҷониби сармоягузор харида шудани ***зиёда аз 50% -и саҳмияҳои ҳуқуқи овоздошта*** ширкати сармоягузор ҳамчун ширкати болоӣ (модарӣ), ширкати сармоягузоришаванда ҳамчун ширкати фаръӣ (духтарӣ) муайян шуда, ҳисоботи молиявии онҳо муттаҳид (консолидатсия) карда мешавад. Ҳангоми муттаҳиднамоии баланс моддаҳои мувофиқи ҳисоботи ширкатҳои модарӣ ва духтарӣ муттаҳид кунонида шуда, баъзе амалиёти байни онҳо барои пешгирии ҳисобкунии такрорӣ хориҷ мегарданд.

**Баҳисобгирии азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо**

Ҳангоми азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо бо мақсади баробар намудани арзиши онҳо ба арзиши одилонаи бозорӣ, барои риояи пайдарпаи сиёсати гузаронидани азнавбаҳодиҳиҳо кор карда мешавад.

**Мисоли 13**. Ширкати "Шарбат" қоғазҳои қиматноки зеринро дорост:

| Ширкат | Миқдори саҳмияҳо | Арзиши хариди саҳмияҳо | Арзиши одилонаи бозори | Ҳамагӣ, хароҷоти харид, в.ш. | 31.12.2001, арзиши умумии бозорӣ бо в.ш. | Баланд шавӣ (паст шавӣ)-и арзиши бозори |
|---|---|---|---|---|---|---|
| «Зар» | 100 | 20 | 25 | 2 000 | 2 500 | 500 |
| «Азм» | 200 | 15 | 20 | 3 000 | 4 000 | 1000 |
| «Мир» | 300 | 50 | 40 | 15 000 | 12 000 | (3 000) |
| | | | | 20 000 | 18 500 | (1 500) |

Истифодабарии усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ нишон медиҳад, ки арзиши сандуқи саҳмияҳо бояд ба маблағи 1 500 в.ш. - аз 20000 в.ш. то 18 500 в.ш. паст карда шавад. Дар ин ҳангом, арзиши саҳмияҳои ширкатҳои «Зар» ва «Азм» ба 1 500в.ш. афзуда, арзиши саҳмияҳои ширкати «Мир» ба маблағи 3 000 в.ш. арзон гардиданд. Мукотиботи зарурӣ дар охири соли 2010 чунин намуд дорад:

*31.12.2010.:*

*Зарар аз сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат........................1 500*

*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат............................................1 500*

Агар ширкати "Шарбат" ҳамаи саҳмияҳои пештар харидаи худро рӯзи 1 январи соли 2011 бифурӯшад, барои онҳо ҳамагӣ 18 500 в.ш. ба даст меорад ва ин ба шарте, ки арзиши бозорӣ дар рӯзи 31 декабри соли 2010 тағйир намеёбад.

Акнун, фарз мекунем, ки дар соли 2011 ширкати "Шарбат" саҳмияҳои азнавбаҳододашудаи ширкати «Азм»-ро ба маблағи 5 000 в.ш., яъне, ба маблағи 2 000 в.ш. қиматтар аз нархи харид мефурӯшад. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин инъикос меёбад:

*Воситаҳои пулӣ....................................................5 000*

*Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат..........................................3 000*

*Даромад аз фурӯши сармоягузориҳо....................................2 000*

Ҳамин тариқ, ширкате, ки сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати худро аз рӯи арзиши бозориашон ба ҳисоб мегирад, бояд сиёсати баҳисобгирии афзоиш ва камнамоии арзиши балансиро, ки ҳамчун даромад ё хароҷот эътироф мегарданд, кор карда баромада, ба таври муттасил истифода барад.

Афзоиши арзиши балансӣ, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ба вуҷуд меояд, бояд ба кредити ҳисоби сармояи худӣ ҳамчун натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ гузаронида шавад. Дараҷае, ки ба андозаи он камнамоии арзиши балансӣ зиёднамоии пешинаи онро барои ҳамон як сармоягузорӣ ҷуброн менамояд ва дар кредити ҳисоби сармояи худӣ акс ёфтааст, инчунин минбаъд пурра нагардида ва истифода нашудааст, бояд ба муқобили ин натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дебитонида шавад. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар, камшавии арзиши балансӣ бояд ба сифати хароҷот шинохта шавад. Афзоиш ҳангоми азнавбаҳодиҳӣ, ки бевосита бо камшавии пешинаи арзиши балансӣ ҳамон як сармоягузорӣ алоқаманд аст ва ба сифати хароҷот эътироф шудааст, бояд ба ҳисоби даромад ба маблағи ҷуброни камкунии пешина кредитонида шавад.

Чӣ хеле қайд шуд, сармоягузориҳои дарозмуддатро метавонанд бо арзиши азнавбаҳододашуда ба ҳисоб гиранд. Барои азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳои дарозмуддат зарур аст, ки:

- давравияти азнавбаҳодиҳиҳоро муайян кард;
- сармоягузориҳои дарозмуддати яккхеларо дар як вақт аз нав баҳо дод.

Маблағи нархафзоии сармоягузориҳои дарозмуддат ба афзоиши сармояи худӣ дохил карда мешавад. Ҳангоми пастнамоии арзиши сармоягузориҳо камкунии нарх аз ҳисоби маблағи нархафзоии ҳамон сармоягузорӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми мавҷуд (кифоя) набудани маблағи нархафзоии ҳамон як сармоягузорӣ камкунии арзиши он ба зарар гузаронида мешавад. Маблағи нархафзоии сармоягузориҳое, ки арзишашон пештар паст карда шуда буд, ба ҳисоби сармояи худӣ пас аз пӯшонидани зарар аз ҳамон сармоягузорӣ гузаронида мешавад.

Афзоиши арзиши балансӣ аз азнавбаҳодиҳӣ, ки бо камшавии пешинаи арзиши балансии ба хароҷот дохилкардашудаи ҳамон сармоягузорӣ алоқаманд аст, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун даромад дар ҳудуди ҷуброни камкунии пешинаи арзиш инъикос мегардад. Маблағи афзоиши аз арзиши балансӣ зиёдбудаи ҳамчун хароҷот эътирофшуда ба сармояи худӣ ҳамчун даромад аз азнавбаҳодиҳӣ дохил карда мешавад.

Вақте, ки сармоягузориҳои дарозмуддат қисми арзиши худро гум мекунанд, яъне чораёни бебозгашти камшавии арзиши сармоягузориҳо ба амал меояд, арзиши балансии ин сармоягузориҳо аз сари нав дида баромада мешавад. Камшавии барнагардандаи арзиши сармоягузориҳо ҳамчун хароҷоти давра эътироф мегардад.

Камшавии бебозгашти арзиши сармоягузориҳо барои ҳар як сармоягузорӣ алоҳида муайян ва ба ҳисоб гирифта мешавад. Пастшавии арзиши сармоягузориҳо он вақт эътироф мегардад, агар сармоягузор оиди ҳамаи пардохтҳо аз интишоргар боввариро гум кардааст. Дар Қазоқистон давраи бебозгаштии пастшавии арзиш 5 сол муқаррар гардидааст. Агар дар давоми ин давра арзиши сармоягузориҳо беист паст равад, арзиши балансии сармоягузориҳоро аз нав дида мебароянд. Дар ин ҳангом, хавфи сармоягузорӣ, ки бо бузургии ҳиссаи сармоягузор дар субъекти сармоягузоришуда алоқамандӣ дорад, ба назар гирифта мешавад.

| Хавфи сармоягузорӣ | |
|---|---|
| Сармоявӣ | Хавфи умумии маблаггузориҳо ба коғазҳои қиматнок, хавфи он, ки сармоягузор умуман сармоягузориҳои худро бетalaф озод ва баргардонида наметавонад. |
| Вақтӣ | Хавфи харид ё фурӯши коғазҳои қиматнок дар вақти номувофиқ, ки ба талафи ногузир бурда мерасонад. |
| Ҳуқуқӣ | Хавфи он, ки мувофиқи қонунгузории амалкунанда қайди такрории бароришн коғазҳои қиматнок, тағйири шарт ё ивазнамоии барориш талаб карда шуда, барориш аз эътибор соқит ҳисобида мешавад. |
| Фурӯш | Хавфе, ки бо имконияти талафот ҳангоми фурӯши коғазҳои қиматнок вобаста аст. |
| Бозорӣ | Хавфи талаф аз пастшавии арзиши бозорӣ дар алоқамандӣ бо пастравии умумии нарх дар бозор. |
| Қарзӣ (корӣ) | Хавфи подорӣ (қобилияти пардохтадонамоӣ надоштани )- и интишоргар |
| Фоизӣ | Хавфи талаф вобаста ба тағйирёбии меъёрҳои бозорӣ дар бозори фаъол. |
| Арзӣ | Хавфи вобаста бо сармоягузории арзӣ ба коғазҳои қиматнок. |

Роҳбарияти ширкат арзиши активҳоро то арзиши ҷорӣ ба ғайр аз ҳолатҳои мавҷудияти далели муваққатӣ будани тағйирёбии нарх аз ҳисоб мебарорад. Камшавии бебозгашти арзиши сармоягузориҳо бо тағйироти омилҳои иқтисодиву дигари ба натиҷаҳои молиявии субъекти сармоягузоришуда мутаассир вобастагӣ дошта метавонад. Ба ин гуна тағйирот дохил мешаванд:

- тағйирёбии вазъияти сиёсиву ҳуқуқӣ;
- тағйирёбӣ дар сатҳи талабот ба маҳсулоту молҳои субъекти сармоягузоришуда;
- тағйиротҳои сохтории соҳаи фаъолияти интишоргар;
- тағйирёбии вазъи молиявии интишоргар[2].

**Хориҷшавӣ ва гузарониши сармоягузориҳо**

✓ Ҳангоми хориҷшавии сармоягузориҳои молиявӣ:

- фарқияти байни даромади гирифташуда аз фурӯш ва арзиши балансӣ бо тарҳи хароҷот ҳамчун даромад ё хароҷот эътироф мегардад;
- маблағи ҳама гуна даромад аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо, ки дар ҳисоби «Сармояи пардохтшудаи иловагӣ» қайд гардидааст, ба ҳисоби даромад дар ҳисобот оиди фоида ва зарар гузаронида мешавад ё бевосита ба фоидаи тақсимношудаи баланси бухгалтерӣ ҳамроҳ карда мешавад (дар ин маврид мебояд ба таври пайдарпай усули интихобшударо истифода бурд).

**Мисоли 14.** Фарз кардем, ки ҶСШК «Садаф» сармоягузориҳои дарозмуддати худро ба маблағи 30 000 в.ш. мефурӯшад. Арзиши балансии ин сармоягузориҳо дар лаҳзаи фурӯш баробари 10 000в.ш. буда, азнавбаҳодиҳии пешина ба тарафи афзоиш 2 000 в.ш.-ро ташкил мекард. Мувофиқи сиёсати қабулшудаи баҳисобгирӣ маблағи азнавбаҳодиҳии дар ҳисоби «Сармояи пардохтшудаи иловагӣ» аксгардида дар натиҷаи хориҷшавӣ ҳамчун даромади соли ҳисоботӣ эътироф мегардад. Сармоягузориҳо аз баланс бо арзиши 10 000 в.ш. бароварда мешаванд. Муқотиботи бухгалтерӣ дар ин маврид, чунин намуд мегирад:

*Воситаҳои пулӣ..........................................................30 000*
*Сармояи пардохтшудаи иловагӣ...........................................2 000*
*Даромад аз фурӯши сармоягузориҳо......................................20 000*
*Сармоягузориҳои дарозмуддат..........................................10 000*
*Фоидаи тақсимношуда.......................................................2 000*

Агар сармоягузорӣ активи ҷорӣ буда, дар асоси сандуқ аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши бозорӣ ба ҳисоб гирифта шавад, фоида ва зарар аз фурӯш бояд ба арзиши харид асос ёбад.

---

[2] Стандарты бухгалтерского учета. Методические рекомендации. Генеральный план счетов. Алматы. «Раритет» 2000г. стр. 74.

Агар сармоягузорӣ пештар азнав баҳо дода шуда бошад ё бо нархи бозорӣ мувофиқ кунонида шуда бошад ва нархафзоӣ ба даромад аз азнавбаҳодиҳӣ (сармояи худӣ) гузаронида шуда бошад. дар ин маврид ду усули зерини баҳисобгирӣ ҷой дорад:

а. гузаронидани маблағи даромад аз азнавбаҳодиҳӣ ба кредити даромад аз фурӯш бо инъикоснамой дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар:

б. гузаронидани маблағи даромад аз азнавбаҳодиҳӣ ба фоидаи тақсимношуда.

Вақте, ки саҳмияҳо фурӯхта мешаванд, фарқи байни нархи фурӯш ва арзиши харид дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос мегардад. Маблағи ҳаққусаҳми гирифташуда аз чунин сармоягузориҳо дар дебети ҳисоби «Воситаҳои пулӣ» ва кредити ҳисоби «Даромади ҳаққусаҳмӣ» инъикос мегардад.

**Мисоли 15.** Фарз кардем, ки 8 декабр ширкати «Метеор» 3000 дона саҳмияҳои ширкати «Tajiktel»-ро мефурӯшад. Ин саҳмияҳо бо нархи 12 в.ш. барои як саҳмия, аз ҷумла бо баҳисобгирии ҳаққи хизмати миёнарав (даллол) харида шуда буданд. Бо нархи 9 в.ш фурӯхта шудани саҳмияҳо (бе ҳаққи хизмати миёнарав) дар баҳисобгирӣ чунин навишта мешавад:

08 декабр:

***Воситаҳои пулӣ ........................................................27 000***
***Зарар аз фурӯши сармоягузориҳо....................................9 000***
***Сармоягузориҳои дарозмуддат............................................36 000***

<u>Гузаронидани сармоягузориҳои дарозмуддат ба навъи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат:</u>

**А.** аз рӯи усули камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши балансӣ ба амал бароварда мешавад, агар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат бо ин усул ба ҳисоб гирифта шаванд. Дар ҳолати азнавбаҳододашавии пешинаи ин сармоягузориҳо натиҷаҳои он ислоҳ карда мешаванд.

**Мисоли 16.** Сандуқи сармоягузориҳои дарозмуддати ҶС «Сомон» дар лаҳзаи гузарониши онҳо ба навъи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат чунин таркиб дошт:

| | Арзиши харид, ҳазор в.ш. | Арзиши балансӣ, ҳазор в.ш.. |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зебар» | 500 | 550 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зафар» | 300 | 350 |
| *Ҳамагӣ:* | *800* | *900* |

ҶС «Сомон» сармоягузориҳои дарозмуддати худро аз рӯи арзиши аслӣ бо назардошти азнавбаҳодиҳӣ ба ҳисоб мегирад. Маблағи азнавбаҳодиҳии пешина – 100 000 в.ш. дар кредити ҳисоби «Сармояи пардохтнашудаи иловагӣ» инъикос гардидааст. Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат бо усули камтарин бузургӣ аз арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми гузаронидани сармоягузориҳои дарозмуддат ба синфи кӯтоҳмуддат, онҳо бо усули камтарин аз арзиши аслӣ ва арзиши одилона баҳо дода мешаванд.

| | Арзиши балансӣ, ҳазор в.ш. |
|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зебар» | 500 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зафар» | 300 |
| *Ҳамагӣ:* | *800* |

Маблағи 100 000 в.ш. ҳамчун даромади давраи ҳисоботӣ эътироф мегардад.

**В.** бо арзиши балансӣ ба амал бароварда мешаванд, агар сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи арзиши одилонаи бозорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Агар тағйирот дар арзиши бозории сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат даромадро дарбар гиранд, ҳама гуна натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ бояд ба даромад ҳамроҳ карда шавад.

**Мисоли 17.** Дар асоси мисоли 16 ҳангоми гузарониши сармоягузориҳои дарозмуддат аз рӯи арзиши балансӣ баҳо дода мешаванд:

| | Арзиши балансӣ, ҳазор в.ш. |
|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зебар» | 550 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зафар» | 350 |
| *Ҳамагӣ:* | *900* |

Маблағи азнавбаҳодиҳии пештар ба амал баровардашуда – 100000 в.ш. ба даромади давраи ҷорӣ ҳамроҳ карда мешавад.

СБҲМ 37: Сармоягузориҳое, ки аз навъи дарозмуддат ба навъи кӯтоҳмуддат гузаронида мешаванд, бояд ҳар якс алоҳида аз рӯи усули камтарин аз ду бузургӣ: арзиши харид ва арзиш бозорӣ, ё, ки бо арзиши бозорӣ, агар пештар бо ин арзиш ба ҳисоб гирифта шуда бошанд, баҳо дода шаванд.

***Мисоли 18.*** Сандуқи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати ширкати «Алмос» дар лаҳзаи гузарониш чунин сармоягузориҳоро ба таркиб мегирад:

| | Арзиши харид, ҳазор в.ш. | Арзиши бозорӣ, ҳазор в.ш. |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зико» | 50 | 30 |
| Саҳмияҳои ҶС «Пеле» | 30 | 20 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зидан» | 20 | 40 |
| *Ҳамагӣ:* | *100* | *90* |

Дар ҳолати истифодабарии усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин арзиши харид ва арзиши бозорӣ, арзиши балансӣ баробари бузургии зерин мешавад:

| | Арзиши балансӣ, ҳазор в.ш. |
|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зико» | 30 |
| Саҳмияҳои ҶС «Пеле» | 20 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зидан» | 20 |
| *Ҳамагӣ:* | *70* |

**Маблағи 30 000 в.ш. ҳамчун хароҷот эътироф мегардад.**

*Дар ҳолати истифодабарии баҳодиҳӣ аз рӯи арзиши ҷорӣ, арзиши балансӣ баробари бузургии зер мегардад:*

| | Арзиши балансӣ, ҳазор в.ш. |
|---|---|
| Саҳмияҳои ҶС «Зико» | 30 |
| Саҳмияҳои ҶС «Пеле» | 20 |
| Саҳмияҳои ҶС «Зидан» | 40 |
| *Ҳамагӣ:* | *90* |

Маблағи 10 000 в.ш. ҳамчун хароҷот эътироф мегардад.

**Сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул**

Моликияти сармоявӣ – ин сармоягузориҳои муваққатӣ ба қитъаҳои замин, биноҳост, ки барои истифодабарии худи ширкат таъиннагардида, танҳо бо мақсади гирифтани фоида нигоҳ дошта мешаванд. Зери мафҳуми моликияти сармоявӣ воситаҳои асосӣ ё захираҳои моддиву молӣ фаҳмида намешаванд, ба истисно дар ширкатҳое, ки бо амалиётҳои моликияти ғайриманқул махсусгардонида шудаанд. Дар ин ширкатҳо - объектҳои ғайриманқулро ҳамчун захираҳои моддиву молӣ ба ҳисоб мегиранд.

Аммо дар СБҲМ 40 «Моликияти сармоявӣ» моликияти сармоявиро дигар хелтар муайян мекунанд. Сармоягузорӣ ба моликияти ғайриманқул ин моликияти ғайриманқул (замин ё бино, ё қисми бино), ки зери тасарруфи молик ё иҷорагир аз рӯи шартномаи иҷораи молиявӣ бо мақсади гирифтани иҷорапулӣ, даромад аз афзоиши арзиши сармоя ё ҳарду қарор дорад. Ин гуна моликият барои:

- истеҳсол ё расонидани молҳо, хизматрасонӣ ё мақсадҳои маъмурӣ; ё
- фурӯш дар давоми фаъолияти маъмулии хоҷагӣ, пешбинӣ намегардад.

СБҲМ 40 муқаррар менамояд, ки ба сифати сиёсати баҳисобгирии ширкат бояд намунаи баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши одилона, ё намунаи баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши ҳақиқии харид қабул гардида, ин сиёсат нисбати ҳамаи моликияти сармоявӣ истифода гардад.[3]

**Кушониши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳатман бояд моддаҳои зерин дохил карда шаванд:

(a) даромади сармоявӣ аз:
   (i) фоизҳо, роялти, ҳаққусаҳмҳо ва иҷорапулӣ аз рӯи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;
   (ii) хориҷшавии сармоягузориҳо;
   (iii) фоида ва зарари баамалнаомада аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати бо арзиши бозорӣ ба ҳисобгирифташуда; ва
   (iv) камшавии арзиши бозорӣ ва барқароркунии ин гуна камшавиҳо, ки ҳангоми истифодаи усули баҳодиҳӣ аз рӯи камтарин бузургӣ аз арзиши аслӣ ва арзиши бозорӣ ҷой дорад;

(b) камшавии арзиши балансӣ, ба истиснои пастравии муваққатии арзиши сармоягузориҳои дарозмуддат ва ҷуброни ин гуна ихтисор; ва

(c) фоида ва зарар аз хориҷшавии сармоягузориҳои дарозмуддат.

---

[3] См. пункт 24 МСФО 40 «Инвестиционная собственность».

12. Хендрексен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета -- М: Финансы и статистика, 1997
13. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М.: Финансы и статистика. 1996.

## Супориш барои худсанҷӣ

### Супориши 1. Баҳодиҳии сармоягузориҳо

Ширкати «Zarina Ltd» дар 31 декабри соли 2009 коғазҳои қиматноки зеринро дар сандуқи сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат дорад. Барои баҳодиҳии ин сармоягузориҳо ширкат усули камтарин бузургӣ аз арзиши харид ва арзиши бозориро истифода мебарад.

Сандуқ дах қоғази қиматнокро, ки ба се гурӯҳ тақсим карда шудааст, дарбар мегирад. Ба гурӯҳи А саҳмияҳои ширкати "Madina", ба гурӯҳи В –саҳмияҳои ширкати "Munira" ва ба гурӯҳи С – саҳмияҳои ширкати "Zumrad" дохил мешаванд.

| Саҳмияхо | Гурӯҳ | Арзиши харид | Арзиши бозорӣ | Камтарин аз арзиши харид ва бозорӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | A | 15 000 | 15 000 | |
| 2 | A | 10 000 | 12 000 | |
| 3 | A | 10 000 | 7 500 | |
| *Ҷамъ* | | | | |
| 4 | B | 9 000 | 8 000 | |
| 5 | B | 7 000 | 9 000 | |
| 6 | B | 5 000 | 6 000 | |
| *Ҷамъ* | | | | |
| 7 | C | 6 000 | 8 000 | |
| 8 | C | 8 000 | 9 000 | |
| 9 | C | 7 500 | 8 500 | |
| 10 | C | 5 500 | 7 500 | |
| *Ҷамъ* | | | | |
| *Ҳамагӣ* | | | | |

Дар асоси арзиши харид ё бозорӣ бақияҳои дурусти сармоягузориҳои кӯтоҳмуддатро биёбед, то ки онро дар баланси бухгалтерӣ нишон диҳед. Барои ин усулҳои зеринро истифода баред:

- Аз рӯи сармоягузории алоҳида
- Аз рӯи гурӯҳ
- Аз рӯи сандуқи умумӣ

Ба кадом маблағ арзиши хариди қоғазҳои қиматнок ҳангоми истифодаи ин се усул ислоҳ карда мешавад?

а.

б.

в.

### Супориши 2. Баҳисобгирии сармоягузориҳо

Ширкати «Деваштич» воситаҳои пулии озод дошта, онҳоро ба қоғазҳои қиматнок сармоягузорӣ намуд. Вобаста ба амалиёти дар зер овардашуда. мукотиботи зарурии бухгалтериро тартиб диҳед:

1. 5 ноябри соли 2009 ширкат вомбаргҳоро пас аз якчанд вақти барориши онҳо харид. Арзиши номиналии онҳо 10 000 в.ш. буда, "Деваштич" ба ғайр аз ин маблағ боз фоизи ба ин вомбаргҳо аз рӯзи бароришн онҳо ҳисобкарда – 500 в.ш., инчунин ҳаққи хизмати миёнаравро ба маблағи 250 в.ш. бипардохт. Маблағи умумии пардохт – 10 750 в.ш. –ро ташкил менамояд. Мӯҳлати пардохти вомбарг 1 октябри соли 2010 аст.
   Дт.............................................................
   Дт.............................................................
   Кт.........................................................................
2. Ин вомбаргҳо кӯтоҳмуддатанд ё дарозмуддат? -...................................................
3. Ширкати "Деваштич" сармоягузориҳои ҷории худро аз рӯи арзиши одилонаи бозорӣ, сармоягузориҳои дарозмуддатро бошад - аз рӯи арзиши харид ба ҳисоб мегирад. Дар 31 декабри соли 2009 арзиши бозории ин вомбаргҳо 9 500 в.ш.-ро ташкил менамуд. Агар зарур бошад, мукотиботи инъикосгари тағйири арзиши бозориро тартиб диҳед.
   Дт.............................................................
   Кт.........................................................................
4. Ширкати "Деваштич" коғази қиматнокро 31 марти соли 2010 ба маблағи 11 250 в.ш. фурӯхт. "Деваштич" ба таври лозимӣ дар санаи фурӯш фоизҳоро дар андозаи 1 600 в.ш. ҳисоб карда, онҳоро ба маблағи аз харидор қабулшуда дохил кард. Ин амалиёти фурӯшро дар баҳисобгирӣ иникос намоед.

Дт ..................................................................
Кт ..................................................................
Кт..................................................................
Кт..................................................................

5. 1 апрели соли 2009 "Деваштич" қисме аз ин пулҳоро истифода бурда, вомбарги нархи номиналиаш 12 000 в.ш. буда ва меъёри фоизиаш 10% бударо харид. Аммо, "Деваштич" ба фурӯшанда 13 400 в.ш. пардохт, зеро аз лаҳзаи барориши ин вомбаргҳо меъёрҳои фоизӣ дар бозор паст гардида, барои вомбаргҳои дигари нав меъёрҳои пасттари фоизӣ пешниход мегардиданд. Дигар хароҷоти вобаста ба хариди вомбарг мавҷуд набуд, ва ин харид фоизҳои ҳисобкардашударо дарбар намегирифт, зеро фурӯшанда дар рӯзи фурӯш пардохти навбатии фоизро қабул кард. Мӯҳлати пардохти коғази қиматнок – 1 декабри соли 2010 аст. Хариди ин коғази қиматнокро дар баҳисобгирӣ қайд намоед.
Дт..................................................................
Кт..................................................................
6. Ин вомбаргҳо кӯтоҳмуддатанд ё дарозмуддат? - ......................................
7. Агар "Деваштич" тағйирёбии меъёри фоизиро интизор бошад ва зохиран нияти фурӯхтани ин вомбаргҳоро барои бадастории фоида дар давоми шаш моҳи оянда дошта бошад, ин вомбаргҳо кӯтоҳмуддатанд ё дарозмуддат? - ...........................................................................
8. Агар коғази қиматнок ҳамчун дарозмуддат тасниф гардад, ва арзиши бозории он дар 31 декабри соли 2009 14 000 в.ш.-ро ташкил диҳад, ин тағйирёбии арзиш чӣ хел дар ҳисобгирӣ акс меёбад? - ..................................................................
9. Мукотиботи ҳармоҳаро тартиб диҳед:
а) азҳисоббарории подоши коғази қиматнок:
Дт..................................................................
Кт..................................................................
б) ҳисобкунии фоиз:
Дт..................................................................
Кт..................................................................
10. Арзиши балансии ин коғази қиматнок дар 31 декабри соли 2009 ба чӣ баробар аст? -.................
11. Маблағи фоизи ҳисобкардашуда чанд аст? -..................................................................
12. Арзиши балансии ин коғази қиматнок дар 31 декабри соли 2010 ба чӣ баробар аст? -.................
13. Маблағи қарзи дебиторӣ ҳангоми пардохти фоизҳо дар 21.12.2010 чанд в.ш.-ро ташкил мекунад? - ..................................................................
14. "Деваштич" вомбаргро то расидани мӯҳлати пардохт намефурӯшад. Гирифтани фоиз ва маблағи пардохтро инъикос намоед.
Дт..................................................................
Кт..................................................................

**Супориши 3. Баҳисобгирии сармоягузориҳо**

Дар санаи 31 декабри соли 2010 ширкати «Себзор» бақияҳои зеринро оиди сармоягузориҳои молиявӣ дар баланси санҷишии худ нишон дод:

Саҳмияҳои ширкати «Фирӯз» - 15 000 в.ш.
Саҳмияҳои ширкати «Самад» - 7 500 в.ш.
Саҳмияҳои ширкати «Сайёд» - 2 500 в.ш.
Саҳмияҳои азоинхудии пасхаридшуда - 150 000 в.ш.

Дар давоми соли 2010 ширкат воситаҳои пулии озоди хешро ба саҳмияҳои ширкатҳои гуногун ба таври зер сармоягузорӣ намуд:

- 3 000 дона саҳмияи ширкати «Фирӯз» бо нархи 5.в.ш. барои як саҳмия, ки 40% - и сармояи саҳҳомии ин ширкатро ташкил менамояд. Аз рӯи натиҷаҳои кор дар соли 2010 ширкати «Фирӯз» фоидаи софро ба маблағи 20 000 в.ш. ба даст оварда, дар моҳи декабр оиди пардохти ҳаққусаҳм дар андозаи 2 в.ш. ба як саҳмия эълон намуд.
- 2 500 дона саҳмияи ширкати «Самад» бо нархи 3 в.ш. барои як саҳмия. (35%-и сармоя). Аз рӯи натиҷаҳои кор дар соли 2010 ин ширкат ба маблағи 25 000 в.ш. зарар дид.
- 1 000 дона саҳмияи ширкати «Сайёд» бо нархи 2,50в.ш. барои як саҳмия (15%-и сармоя). Аз рӯи натиҷаҳои кор дар соли 2010 ин ширкат ба маблағи 12 000 в.ш. фоида гирифта, дар моҳи декабр оиди пардохти ҳаққусаҳм дар андозаи 1,20 в.ш. ба як саҳмия эълон намуд.
- Дар соли 2010 ширкат аз саҳҳомони хеш қисми саҳмияҳои худиро ба миқдори 3 000 дона пасхарид намуд. Арзиши бозории саҳмияҳо дар лаҳзаи пасхарид 50 в.ш. барои як саҳмияро ташкил менамуд. Бухгалтер ин харидкуниро ҳамчун сармоягузории дарозмуддат инъикос кард.

Мукотиботиислоҳиро аз рӯи амалиёти болоӣ ба амал баровед.

**Супориши 4. Вомбаргҳо.**

**А.** Ширкати «Камила» 1 январи соли 2009 вомбаргҳои панҷсоларо ба маблағи 40 000 в.ш. бо назардошти 12% солона харид. Фоизҳо ҳар сол 1 январ ва 1 июл пардохта мешаванд. Агар меъёрии бозорӣ 14%-ро ташкил кунад, тахфифи вомбаргҳо кадом маблағро ташкил менамояд?

Хариди коғази киматноки қарзиро инъикос кунед.

Ҳисобкунии хармоҳаи фоизҳо ва гирифтани даромади фоизиро дар 1 июли соли 2010 инъикос кунед.

**Б.** Ширкат 1 апрели соли 2010 ба маблаги 8 020 в.ш. вомбарги бефоизро, ки арзиши номиналиаш 10000 в.ш.-ро ташкил мекунад, харид. Мӯҳлати пардохти вомбарг 1 октябри соли 2011 аст. Мукотиботи ислоҳии заруриро дар санаи 31 декабри соли 2010 тартиб диҳед.

**Супориши 5. Қоғазҳои қиматноки қарзӣ**

1 маи соли 2009 ширкати «Амир» саҳмияҳои 10%-и ҶС «Марат»-ро ба миқдори 2000 дона бо мақсади фурӯш харид. Хароҷоти харид 60 000 в.ш.-ро ташкил дод. Арзиши номиналии сахмия 25 в.ш. –ро ташкил менамояд. Ширкати «Амир» дар давоми соли 2009 қисми саҳмияҳои харидашударо ба тарзи зерин фурӯхт:

- дар моҳи август 400 дона саҳмия бо нархи 50 в.ш. барои як саҳмия;
- дар моҳи декабр 600 дона ба маблаги умумии 24 000 в.ш..

Дар айни замон, дар ибтидои моҳи январи соли 2010 ҶС «Марат» оиди пардохти ҳаққусахм дар андозаи 3 в.ш. барои як саҳмия эълон намуд. Пардохт дар моҳи апрел ба амал баровардa мешавад. Мукотиботи заруриро аз рӯи амалиёти болоӣ тартиб диҳед.

**Супориши 6.** Ширкати «Амина» воситаҳои пулии озод дошт ва бо мақсади сармоягузорӣ дергоҳ тағйирёбии нархҳоро дар бозор мушоҳида менамуд. Ба «Амина» ширкати «Ситораи Шарқ» маъқул афтод, ва пас аз омӯзиши ҳисоботи молиявии нашргардидаи ин ширкат ва гирифтани маслиҳати даллолҳои соҳибтаҷрибаи бозори сармоя қарор дод, ки саҳмияҳои ин ширкатро харидорӣ намояд. Ҳамагӣ 800 дона саҳмияи ин ширкат бо нархи 120 в.ш. харида шуд. Арзиши номиналии ин саҳмияҳо 100 в.ш.-ро ташкил медод. Ҳаққи хизмати даллолон 1000 в.ш.-ро ташкил дод. Ширкати «Ситораи Шарқ» дар лаҳзаи харид – 10 январ ба андозаи 20 в.ш. барои ҳар саҳмия ҳаққусаҳм эълон намуд, ки он 15 март пардохта мешавад.

Талаб карда мешавад: мукотиботи бухгалтериро оиди инъикоси:

- амалиёти хариди саҳмияҳо;
- гирифани ҳаққусаҳм, тартиб диҳед.

«Амина» сармоягузориҳои дарозмуддати хешро аз рӯи арзиши бозорӣ инъикос менамояд. Арзиши саҳмияҳои «Ситораи Шарқ» дар:

- 30 июн 135 в.ш.-ро барои як саҳмия;
- 31 январ 125 в.ш.-ро барои як саҳмия, ташкил медод.

Натиҷаҳои азнавбаҳодиии сармоягузориҳоро инъкос кунед.

## Боби 14. Ӯҳдадориҳо

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи ӯҳдадориҳо*
*Баҳодиҳии ӯҳдадориҳо*
*Эътирофи ӯҳдадориҳо*
*Таснифи ӯҳдадориҳо*
*Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ҷорӣ*
*Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат*
*Вомбаргҳо*
*Васиқаҳои дарозмуддат ва гаравнома*
*Баҳисобгирии хароҷоти қарз*
*Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Дар ҷараёни азхудкунии ин мавод, Шумо бояд тасаввуротро оиди моҳияти ӯҳдадориҳо, намудҳо ва усулҳои баҳисобгирии онҳо пайдо кунед. Мавзӯи мазкурро омӯхта, Шумо бояд:

- ӯҳдадориҳоро дуруст бакӯтоҳмуддат ё ҷорию дарозмуддат тасниф карда тавонед;
- таърифи ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро дода, баҳодиҳии онҳоро тасвир намоед;
- ӯҳдадориҳои шартӣ, оянда, ҷорӣ ва ғайраро фарқ карда, меъёрҳои кушоиши онҳоро дар ҳисоботи молиявӣ тасвир кунед;
- баҳисобгирии хароҷоти қарзиро бурда тавонед;
- мувофиқан мукотиботи бухгалтерии амалиёти вобаста ба ӯҳдадориҳоро тартиб дода тавонед.

### Таърифи ӯҳдадориҳо

**Ӯҳдадорӣ (обязательство - liabilities) – ин қарздории ҷории ширкат аст, ки аз воқеаҳои давраҳои гузашта пайдо гардида, пардохти он ба камшавии захираҳои фоидаи иқтисодидоштаи корхона бурда мерасонад.**

Дар баъзе аз сарчашмаҳо таърифи зерини ӯҳдадориҳоро дучор шудан мумкин аст:

**«Ӯҳдадорӣ – ин масъулияти шахс (қарздор) оиди ба фоидаи шахси дигар (қарздеҳ) амал кардан: моликиятро пешниҳод намудан, пул додан, кореро иҷро кардан ва г., ё аз амале даст кашидан, қарздеҳ ҳуқуқ дорад, ки аз қарздор иҷрониши ӯҳдадориҳояшро талаб кунад».**

Ба таври соддатар, ӯҳдадорӣ – ин даъвои ашхоси сеюм ба захираҳои иқтисодии ширкат аст.

| Пайдошавии ӯҳдадориҳо | Мисолҳо |
|---|---|
| Баамалоии амалиёти молиявӣ – хоҷагӣ, ки ба пайдошавии қарз ё ӯҳдадории амалкунӣ ё иҷрокунии ягон кор бо тарзи муайян бурда мерасонад. Натиҷаи амалиёт ё воқеаи давраҳои гузашта. | Хариди молҳо ё истифодаи хизмат ба пайдоиши қарздории кредиторӣ, гирифтани қарз ба пайдоиши масъулият оиди баргардонидани он бурда мерасонад. |
| Натиҷаи шартномаи ба таври ҳуқуқӣ ҳатмӣ ё талаботи қонунгузорӣ. | Маблағе, ки барои молу хизматҳои қабулшуда, андозҳо пардохт мегардад. |
| Аз таҷрибаи маъмули корӣ, анъана ё хоҳиши нигоҳдории муносибатҳои хуби корӣ ё амалнамоии одилона. | Агар ширкат қарорро оиди ислоҳи камбудии маҳсулоти хеш қабул кунад, гарчанде яқин аст, ки он пас аз фаро расии мӯҳлати кафолатии истифодабарӣ ба миён омадааст, маблағи хароҷоти пешбинишавандаи молҳои фурӯхташуда ӯҳдадорӣ мешавад. |
| Дигар ҳолатҳо. | Корхона дар асоси ахборот оиди хариди ҳарсолаи мизоҷон метавонад зиёдпардохти давраҳоиояндаро ҳамчун ӯҳдадорӣ эътироф намояд: дар ин ҳолат, фурӯши молҳо дар давраҳои гузашта, амалиётест, ки ба пайдоиши ӯҳдадориҳо бурда расонидааст. |

*Меъёрҳои асосии муайянкунии ӯҳдадориҳо*:

- ➢ мавҷудияти воқеа ё амалиёти гузаштае, ки ӯҳдадориро ба миён овардааст;
- ➢ танзими ӯҳдадорӣ ҳатман ба камшавии активҳо ё расонидани хизмат бурда мерасонад;

- хислати баҳснопазири ӯҳдадориҳо;
- дақиқият ва ченшавандагии ӯҳдадориҳо.

Ҳангоми баҳисобгирӣ мебояд:

- лаҳзаи бавуҷудоии ӯҳдадориҳо;
- баҳодиҳии ӯҳдадориҳо;
- таснифи ӯҳдадориҳоро фарқ намуд.

*Лаҳзаи бавуҷудоӣ* –ӯҳдадориҳо танҳо ҳангоми пайдоиши қарздорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Дар ҳолати қабули ӯҳдадориҳо, онҳо бояд фавран эътироф гардида, дар ҳисобгирӣ инъикос карда шаванд.

**Баҳодиҳии ӯҳдадориҳо**

*Баҳодиҳии ӯҳдадориҳо* – қарздории кредиторӣ ба маблағи пуле, ки барои пардохти қарз зарур аст, ё ба арзиши активҳои барои пешниҳод зарур баҳо дода мешаванд.

Маблағи ӯҳдадорӣ баробари арзиши ҷории ҳамаи пардохтҳои минбаъдаи пулӣ (ё муодили пулии активҳо ва хадамоти ғайрипулӣ) мебошад, ки бо меъёри фоизӣ мувофиқи хавфи ҷойдошта дисконтиронида шудааст.

Ӯҳдадориҳо дар аксар ҳолатҳо аз маблағи асосии қарз ва фоиз аз он иборатанд.

Мебояд ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва ояндаро фарқ кард. Қарори роҳбарият оиди хариди активҳо дар давраи оянда бе ҳеҷ ваҷҳ ба пайдоиши ӯҳдадориҳо бурда намерасонад. Одатан, ӯҳдадорӣ ҳангоми расонида шудани актив ба корхона, ё вақте, ки корхона шартномаи мансухнашавандаро оиди хариди он мебандад, ба миён меояд. Дар ҳолати дуюм, хислати бебозгашти шартнома маънои онро дорад, ки оқибати иқтисодии иҷро накардани шартнома, мисол, мавҷудияти ҷаримаи калон, амалан ба корхона ягон имконияти наҷотро аз хориҷшавии активҳо ба ҷониби дигар намедиҳад.

Пардохти қарзи ҷорӣ одатан бо дасткашии корхона аз захираҳои фоидаи иқтисодидоштаи худ барои қонеъгардонии даъвои ҷониби дигар алоқаманд аст. ***Пардохти ӯҳдадории ҷорӣ бо усулҳои зерин*** ба амал бароварда мешавад:

***(a)*** ***пардохти воситаҳои пулӣ ;***
***(b)*** ***пешниҳоди активҳои дигар;***
***(c)*** ***пешниҳоди хадамот;***
***(d)*** ***ивазнамоии як ӯҳдадорӣ бо ӯҳдадории дигар; ё***
***(e)*** ***гузарониши ӯҳдадорӣ ба сармояи худӣ.***

***Ӯҳдадорӣ инчунин метавонад бо усулҳои дигар, мисол,*** дасткашии қарздеҳ аз он ё аздастдиҳии ҳуқуқи қарздеҳ, ***пардохт гардад*** (ниг. СБҲМ «Қоидаҳо»).

Баъзан маблағи ӯҳдадориҳоро метавон танҳо бо рақами тахминӣ муайян кард. Баъзе корхонаҳо ин гуна ӯҳдадориҳоро ҳамчун тӯъма(провизия) нишон медиҳанд. Дар як қатор мамолик тӯъмаҳои мазкур ҳамчун ӯҳдадорӣ дида намешаванд, зеро фарзияи ӯҳдадорӣ хеле танг муайян карда шудааст, ва он танҳо маблағи бе истифодаи бузургиҳои тахминӣ муқарраршударо дарбар мегирад. Ҳамин тариқ, вақте, ки тӯъма бо ӯҳдадории ҷорӣ алоқаманд буда, ба дигар шартҳои таърифи ӯҳдадорӣ ҷавобгӯст, он ҳамчун ӯҳдадорӣ эътироф ва қайд мегардад, гарчанде, ки маблағи он бо рақами тахминӣ баҳо дода шудааст. Мисоли ин гуна ӯҳдадориҳо захираҳои таъмини пардохт аз рӯи ӯҳдадориҳои кафолатӣ ва провизия оиди таъмини ӯҳдадориҳои нафақавӣ буда метавонанд.

Баъзан маблағи ӯҳдадориро чен кардан хеле мушкил аст. Амалиёте, ки ӯҳдадориро ба миён овардааст, бояд асосро барои ченкунии маблағи он таъмин созад. Маблағи ӯҳдадорӣ бояд бо сабаби он бевосита алоқаманд бошад.

**Эътирофи ӯҳдадориҳо**

Ӯҳдадорӣ дар баланс эътироф мегардад, агар эҳтимолияти хориҷшавии активҳои фоидаи иқтисодидошта дар натиҷаи пардохти ӯҳдадории ҷорӣ мавҷуд буда, бузургии ин пардохт бо боварии комил муайян карда шавад. Дар амалия ӯҳдадории шартномавии иҷронагардида (мисол, ӯҳдадориҳо оиди захираҳои супоришдодашуда вале гирифтанашуда) чун қоида, ба сифати ӯҳдадорӣ дар ҳисоботи молиявӣ эътироф намегардад. Аммо ин гуна ӯҳдадориҳо ба таърифи ӯҳдадорӣ метавонанд, мувофиқат намоянд, ва агар дар шароитҳои мушаххас онҳо ба меъёрҳои эътироф мусоидат намоянд, он вақт эътироф гардиданашон мумкин аст. Дар ин мавридҳо эътирофи ӯҳдадориҳо ҳатман ба эътирофи актив ё хароҷот бурда мерасонад.(СБҲМ «Қоидаҳо» м.91).

Ӯҳдадорӣ дар рӯзи найдоиши он эътироф мегардад. Амалиёте, ки ӯҳдадориро ба миён овардааст, одатан санаи пайдоиши онро муайян мекунад. Аммо баъзан санаи эътирофи ӯҳдадориро бо сабаби номуайянӣ ё мавҷудияти якчанд меъёри эътироф муайян кардан хеле душвор аст. Мисоли ин ҳолат ӯҳдадории шартӣ аз рӯи даъвои судӣ буда метавонад.

**Таснифи ӯҳдадориҳо**

Аз рӯи мӯҳлати пардохт ӯҳдадориҳо ба ду навъ: кӯтоҳмуддат (ҷорӣ) ва дарозмуддат тақсим мешаванд.

Таснифи ӯҳдадориҳо ба навъҳои ҷорӣ ва дарозмуддат аҳамияти муҳимро дорост. Азбаски пайдоиши ӯҳдадорӣ маънои хориҷшавии минбаъдаи активҳоро дорад, мӯҳлати иҷроиши ин ӯҳдадорӣ барои баҳодиҳии дурусти вазъи молиявии корхона хеле муҳим аст. Яъне бо ин тасниф, дараҷаи баланди таҳлилияти баланс таъмин мегардад. Чӣ хеле ки маълум аст, дар баъзе ҳолатҳо шартҳои ҳуқуқӣ ё шартномавӣ ҳисобкунии коэффисиенти бозоргириро талаб менамоянд.

Ӯҳдадориҳо ҳамчун кӯтоҳмуддат тасниф мегарданд, агар:

- онҳо дар шароитҳои мӯътадили давраи амалиётӣ пардохт гарданд;
- онҳо дар давоми дувоздаҳ моҳ аз санаи ҳисоботӣ пардохт гарданд.

Ҳамаи ӯҳдадориҳои дигар ҳамчун дарозмуддат тасниф мегарданд.

Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ба якчанд намудҳо ҷудо шуда метавонанд. Баъзе аз ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ба мисоли қарздорӣ дар назди таъминкунандагон ва пудратчиён ва дигар хароҷоти амалиётӣ қисми сармояи гардонро, ки дар давраи мӯътадили амалиётии корхона истифода мешаванд, ташкил менамоянд. Ин гуна моддаҳои амалиётӣ ҳамчун ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат тасниф мегарданд, гарчанде мӯҳлати пардохти онҳо муддати зиёда аз дувоздаҳ моҳро ташкил намоянд.




Дигар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ҳамчун қисми давраи амалиётии ҷорӣ пардохт намегарданд, гарчӣ пардохтро дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ талаб кунанд. Мисол, қисми ҷории ӯҳдадориҳо, ки пардохти фоизҳоро дарбар мегиранд, овердрафти бонк, ҳаққусаҳм барои пардохт, андоз аз фоида ва дигар қарздориҳои ғайритиҷоратии кредиторӣ, ки дар давоми дувоздаҳ моҳ пардохт намешаванд, ӯҳдадориҳои дарозмуддат мебошанд.

Дар ҳолатҳои зерин корхонаро мебояд ӯҳдадориҳои пардохти фоизҳоро дарбаргирандаи худро ҳамчун дарозмуддат тасниф намуд, гарчанде, ки онҳо дар давоми дувоздаҳ моҳ пардохт гарданд:

***(a) мӯҳлати ибтидоии онҳо давраи зиёда аз дувоздаҳ моҳро дарбар мегирифт;***

***(b) ин ӯҳдадориро корхона ба таври дарозмуддат азнав молиягузорӣ (рефинансирование) карданист; ва***

***(c) ин ният бо шартномаи азнавмолиякунонӣ ё тағйири ҷадвали пардохт то лаҳзаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ мустаҳкам карда шудааст.***

Баъзан чунин мешавад, ки ӯҳдадориҳои дар давоми давраи ояндаи амалиётӣ пардохтшаванда бо карори корхона метавонанд аз нав молиягузорӣ ё мӯҳлаташон дароз карда шаванд. Аз ин рӯ, онҳо истифодабарии сармояи гардони корхонаро талаб намекунанд. Ин гуна ӯҳдадориҳо ҳамчун қисми молиягузории дарозмуддати корхона ҳисобида мешаванд. Аммо, агар азнавмолиякунонӣ бо қарори корхона ба амал наомада бошад (ё шартномаи азнавмолиякунонӣ мавҷуд набошад), он ҳамчун ӯҳдадории кӯтоҳмуддат инъикос меёбад. Ба шарте, ки шартномаи азнавмолиякунонӣ то тасдиқи ҳисоботи молиявӣ ҳамчун исботи дарозмуддат будани ин ӯҳдадорӣ баромад кунад, танҳо дар ин сурат, чунин ӯҳдадорӣ дарозмуддат тасниф мегардад.

Баъзе шартномаҳои пешниҳоди қарз метавонанд чунин шарте дошта бошанд, ки мувофиқи он ҳангоми вайронсозии низоми муайяни бо вазъи молиявии қарзхоҳ вобаста, ӯҳдадорӣ бояд бо талаби қарздеҳ пардохт шавад. Дар ин ҳолатҳо ӯҳдадорӣ ҳамчун дарозмуддат тасниф мегардад, агар:

a. қарздеҳ пеш аз тасдиқи ҳисоботи молиявӣ оиди талаб накардани пардохт дар ҳолати риоя нашудани шарт розигӣ диҳад;
b. эҳтимолияти вайронкунии минбаъдаи шартҳои аҳднома дар давоми дувоздаҳ моҳи пас аз санаи ҳисоботӣ мавҷуд набошад[1].

**Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои ҷорӣ**

Мувофиқи СБҲМ ба ***ҳайати ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** дохил мешаванд:

1. <u>**Ҳисобҳо барои пардохт**</u> – ҳисоби ҳисоббаробаркуниҳо бо таъминкунандагон, ки барои баҳисобгирии ӯҳдадориҳои такроршавандаи тиҷоратӣ таъин гардидаанд. Ин ӯҳдадориҳо дар рафти фаъолияти мунтазами корхона оиди хариди ашёи хом, молҳо, масолеҳ, инчунин хадамоти барои ҷараёни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, молҳо, хадамот ва кор зарур ба вуҷуд меоянд. Ҳама гуна қарздории кредитории дигар алоҳида нишон дода мешавад.

***Мисоли 1.***

***1 марти соли 2010 аз таъминкунандагон ба таври насия молҳо ба маблағи 10000 в.ш. қабул шуд.***

Ин амалиёт дар ҳисобгирӣ чунин инъикос меёбад:

*Молҳо..............................................................10 000*

*Ҳисобҳо барои пардохт.......................................................10 000*

2. <u>**Васиқаҳо барои пардохти кӯтоҳмуддат**</u> – васиқаи тиҷоратӣ барои пардохт, ки дар натиҷаи амалиёти монанд бо ҳисобҳо барои пардохт пайдо мегарданд, ё ки, васиқаи ғайритиҷоратӣ барои пардохт, ки дар натиҷаи амалиёти дигар ба вуҷуд меоянд, ё қисми ҷории ӯҳдадории дарозмуддат, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ пардохт мегардад. Васиқаҳо барои пардохт таъминшуда ё таъминнашуда мешаванд.

Новобаста аз ном, ҳамаи ҳуҷҷатҳои қарзӣ, мустақим ё ғайримустақим пардохти фоизро ба қарздеҳ талаб мекунанд. Ин ҳама аз барои он, ки камбаҳошавии пулҳоро бо мурури вақт наметавон кафолат дод. Маблағи фоизи даврӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои қарзӣ – ин:

Маблағи асосии қарз × меъёри фоиз × вақт = Маблағи фоиз

*Меъёри муқарраршудаи фоизӣ* – ин меъёри фоизе, ки дар ҳуҷҷати қарзӣ нишон дода шудааст. Меъёри муқарраршудаи фоизӣ маблағи пардохтҳои фоизиеро, ки ҳамроҳи маблағи асосии қарз пардохта мешаванд, муайян мекунад.

Азбаски меъёри фоизӣ дар бозори молиявӣ мутобиқи вазъи иқтисодӣ умуман муайян мегардад ва дар давоми вақт тағйир меёбад, вай аз дарозмуддатии қарз вобастагӣ дорад.

*Меъёри ҳақиқии фоизи қарз* ба меъёри бозорӣ ҳангоми қарзгирӣ ба ҳамин мӯҳлат мувофиқат менамояд. Меъёри ҳақиқии фоизӣ барои дисконтиронидани пардохтҳои минбаъдаи пули қарз истифода мегардад. Ба маблағи воситаҳои пулӣ ё ҳамвазни онҳо меъёри ҳақиқии фоизӣ истифода мегардад. Маблағи пурраи қарз – ин маблағи дар рӯзи пардохти қарз додашаванда бо тарҳи ҳама гуна пардохтҳои фоизие, ки то ин рӯз ба амал бароварда шуда буданд.

Чӣ тавре, ки пештар қайд карда будем, васиқаҳо фоизнок ва бефоиз мешаванд. Мувофиқан, баҳисобгирии ҳар яке аз ин намуди васиқа хусусияти худро дорад.

---

[1] СБҲМ 1. «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» саҳ. 63-65

***Васиқаи фоизнок***

***Мисоли 2.*** 1 октябри соли 2010 ширкати "Ахтар" ба маблағи 20 000 в.ш. аз рӯи васиқаи солона бо пардохти 10% ҳангоми баргардонидани қарз воситаҳои пулиро гирифт. Маблағи гирифтаи ширкати "Ахтар" баробари маблағи номиналии васиқа – 20000 в.ш. буд. Соли ҳисоботӣ 31 декабри соли 2010 ба охир расида, мӯҳлати пардохти васиқа – 30 сентябри соли 2011 аст. Барои инъикоси амалиёти мазкур навиштаҷоти зерин талаб карда мешаванд:

1 октябри соли 2010 – Инъикоси васиқаи фоизӣ бо арзиши ҷорӣ:

*Воситаҳои пулӣ..........................................................20 000*

*Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт................................20 000*

31 декабри соли 2010 – Навиштиислоҳӣ оиди ҳисобкунии фоиз:

*Хароҷоти фоиз (20 000) × (10%) × (3/12)..........................500*

*Фоизи ҳисобкардашуда барои пардохт.....................................500*

31 декабри соли 2010 – сатр дар ҳисобот оиди фоида ва зарар:

*Хароҷоти фоиз ..........................................................500*

**Инъикос дар баланси бухгалтерӣ:**

Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат:

*Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт................................20 000*

*Фоизи ҳисобкардашуда барои пардохт .....................................500*

**Навишт дар рӯзи пардохти васиқа:**

**30 сентябри соли 2010 – Пардохти маблағи номиналӣ бо ҷамъи фоиз дар мӯҳлати пардохт:**

*Фоизи ҳисобкардашуда барои пардохт .............................500*

*Хароҷоти фоиз (20 000) × (10%) × (9/12) .......................1 500*

*Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт ..........................20 000*

*Воситаҳои пулӣ ............................................................22 000*

***Васиқаҳои бефоиз***

***Мисоли 3.*** Ширкати "Шоҳона" васиқаи солонаи бефоизро ба маблағи 22 000 в.ш. навишта ба маблағи 20 000 в.ш. пул гирифт. Васиқа бо меъёри фоизии 9.091% (2 000 ÷ 22 000) дисконтиронида шуд. Аммо, ширкати "Шоҳона" танҳо 20 000 в.ш. гирифт; аз ин ҷо, меъёри ҳақиқии фоизӣ 10% (2 000 ÷ 20 000)-ро ташкил дод. Арзиши ҷории ин васиқа 20000 в.ш.-ро ташкил менамояд: 22 000 ÷ 1.1 = 20 000.

Қарз бо арзиши ҷорӣ инъикос мегардад. Ӯҳдадорӣ аз рӯи васиқаи бефоиз мувофиқи Усули нетто ё брутто бақайд гирифта мешавад. Ҳардуи ин усулро дар зер нишон медиҳем.

| Навишт | Усули нетто | Усули брутто |
|---|---|---|
| 1 окт. соли 2010 | *Васиқаи кӯтоҳмуддат барои пардохт бо арзиши ҷорӣ (соф) инъикос мегардад:*<br>*Воситаҳои пулӣ ............20 000*<br>*Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт[1]..................................20 000* | Васиқаи кӯтоҳмуддат барои пардохт бо арзиши умумӣ (номиналӣ) инъикос мегардад:<br>*Воситаҳои пулӣ.......................20 000*<br>*Тахфифи васиқаи кӯтоҳмуддат.....2 000*<br>*Васиқаи кӯтоҳмуддат барои парохт.............................22 000* |
| 31 дек. соли 2010 | *Навишти ислоҳӣ барои инъикоси фоизи ҳисобкардашуда(20 000)×(0,1)×(3/12):*<br>*Хароҷоти фоиз ................500*<br>*Васиқаҳои кӯтоҳмуддат барои пардохт[2]..............................500* | Навишти ислоҳӣ аз рӯи фоизи ҳисобкардашуда*(2 000×3/12):*<br>*Хароҷоти фоиз ..........................500*<br>*Тахфифи васиқаи кӯтоҳмуддат ... 500* |
| 31 дек. соли 2010 | Сатре дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар:<br>*Хароҷоти фоиз.......................500*<br>Инъикос дар баланси бухгалтерӣ:<br>*Ӯҳдадориҳои ҷорӣ:*<br>*Васиқаи кӯтоҳмуддат барои пардохт (20 000 + 500)........................20 500* | Сатре дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар:<br>*Хароҷоти фоиз...........................500*<br>Инъикос дар баланси бухгалтерӣ:<br>*Ӯҳдадориҳои ҷорӣ:*<br>*Васиқаи кӯтоҳмуддат ..................22 000*<br>*Тарҳ: Тахфифи амортизатсияношуда........1 500*<br>*20 500* |
| 30 сен. соли 2010 | Навишт ҳангоми пардохт: – инъикоси:<br>(а) фоизи то ин сана ҳисобкардашуда<br>(б) пардохти арзиши номиналии васиқа дар рӯзи пардохт:<br>*Хароҷоти фоиз (20 000 × (10%) × 9/12)..........1 500*<br>*Васиқа барои пардохт...........1 500*<br>*Васиқа барои пардохт (20 000 + 500 + 1 500)......22 000*<br>*Воситаҳои пулӣ ..................22 000* | Навишт ҳангоми пардохт:<br>Пардохти маблағи номиналии васиқа:<br>*Хароҷоти фоиз (2 000 × 9/12)...1 500*<br>*Васиқа барои пардохт...........22 000*<br>*Тахфифи васиқа....................1 500*<br>*Воситаҳои пулӣ...................22 000* |

[1]Васиқа аз рӯи арзиши ҷорӣ (маблағи асосӣ), на аз рӯи арзиши номиналӣ акс ёфт. Навишт аз рӯи фоиз рақами дар ибтидо навишташуда- 20 000 в.ш.-ро то 22 000 в.ш. меафзояд.

[2]Арзиши балансии васиқа пас аз ин навишт 20 500 в.ш.-ро ташкил мекунад. Равияи дигар ин кредитонидани фоизи ҳисобкардашуда аст.

**3. Пешпардохти аз харидорон ва супоришдихандагон кабулшуда.** Ӯҳдадорӣ инчунин ҳангоми қабули пешпардохт ё депозитҳо аз мизоҷон барои таъмини кафолати пардохти ӯҳдадориҳои минбаъд бавуҷудоянда ё кафолати иҷроиши шартнома ё хизматрасонӣ ба миён меояд. Мисол, ҳангоми қабули супориш ширкат метавонад пешпардохтро талаб намояд. Дар сурати дасткашӣ аз супориш ин маблағ аз ҷониби ширкати иҷроишгар нигоҳ дошта мешавад, зеро аллакай ин ширкат корро ба анҷом расонидааст ё хароҷоте намудааст. Аз ин рӯ, дар ширкати қабулкунандаи пешпардохт ӯҳдадорӣ то ба анҷомрасии амалиёт ба вуҷуд меояд. Мисоли пешпардохт: маблағи омӯзиш, иҷорапулӣ, фурӯши чиптаҳо, обунапулӣ ва ғ.

Мувофиқи қоидаи эътирофи даромад, воситаҳои пулии қабулшуда то мавриди расонидани хизмат ё бурдарасонии мол ҳамчун даромад шинохта намешаванд. Ин гуна амалиёт дар дебети ҳисоби воситаҳои пулӣ ва кредити ҳисобҳои мувофиқи ӯҳдадориҳои ҷорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Бо фиристонидани мол ё расонидани хизмат ҳисобкунии даромад ба амал бароварда мешавад. Ба маблағи даромади эътирофгардида ҳисоби ӯҳдадорӣ дебитонида ва ҳисоби даромад кредитонида мешавад.

*Мисоли 4.* 1 ноябри соли 2010 ширкат иҷорапулиро барои шаш моҳи минбаъда ба маблағи 36 000 в.ш. қабул намуд. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин қайд меёбад:

**(а) 1 ноябри соли 2010 дар лаҳзаи қабули пул:**

*Воситаҳои пулӣ........................................................36 000*

*Пешпардохтии қабулшуда....................................................36 000*

**(б) 31 декабри соли 2010 – навишти ислоҳӣ аз рӯи қисми эътирофшавандаи пешпардохт:**

*Пешпардохти қабулшуда..........................................12 000*

*Даромад аз иҷора...............................................................12 000*

***Маблағи боқимондаи пули гирифташуда – 24 000 в.ш. ҳамчун ӯҳдадории ҷорӣ дар баланс инъикос мегардад.***

*Мисоли 5.* 1 январи соли 2010 нашриёти «Симо», ки маҷаллаи ҳармоҳаро мебарорад, обунапулии солонаро ба маблағи 480 в.ш. қабул кард. Қабулкунии пул ва ҳисобкунии ҳармоҳаи пӯшонидани ӯҳдадории мазкур дар ҳисобгирӣ ба таври зер акс меёбад::

(а) Ҳангоми қабули обунапулӣ:

*Воситаҳои пулӣ........................................................480*

*Даромади давраҳои оянда ....................................................480*

(б) Навишти ҳармоҳа оиди эътирофи даромад:

*Даромади давраҳои оянда............................................40*

*Даромад......... .................................................................40*

**4. Ҳаққусаҳм барои пардохт.** Ҳаққусаҳм – ин қисми фоида, ки байни саҳҳомон тақсим мегардад. Ӯҳдадорӣ аз рӯи ҳаққусаҳм аз лаҳзаи эълони расмии пардохти онҳо пайдо мешавад.

*Мисоли 6.* 1 декабри соли 2010 ширкат оиди пардохти 0,20 в.ш. ҳаққусаҳм ба ҳар яке аз 10 000 дона саҳмияи оддии муомилотӣ эълон намуд.

Дар лаҳзаи эълон навишти зерини бухгалтерӣ ҷой дорад:

*Ҳаққусаҳми эълоншуда........................................2 000*

*Ҳаққусаҳм барои пардохт.............................................2 000*

**5. Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда.** Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда – ӯҳдадориҳое, ки ҳисоб карда шудаанд, вале то ҳол пардохт нагардидаанд. Ба қатори ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда музди кор, фоизҳо, ҳиссаҷудокуниҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ, пардохти хизмати кредиторон ва ғ. дохил мешаванд. Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда дар охири давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи навиштҳои ислоҳӣ ба вуҷуд меоянд. Мисол, ҳама гуна ҳаққи хизмати пардохтаношударо, ки ба давраи ҳисоботӣ тааллуқ дорад, мебояд дар охири давраи ҳисоботӣ бо дебитонидани ҳисоби хароҷот ва кредитонидани ҳисоби ӯҳдадории ҷорӣ сабт намуд. Бо ин роҳ, муқоисаи даромаду хароҷоти давраи ҳисоботӣ таъмин карда мешавад. Эътирофи ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда ба таърифи ӯҳдадориҳо ва қоидаи мувофиқат рост мегирад. Ҳамин тариқ, мувофиқи СБҲМ, ҳама гуна хароҷоти пардохти ҳаққи хизмат ва рухсатпулии ҳисобшуда бояд дар ҳамон даврае эътироф гарданд, ки онҳо дар он давра ба вуҷуд омадаанд. Дар ин маврид риояи шартҳои зерин муҳим аст:

- мавҷудияти далели пардохт барои хизматҳои аллакай иҷрошуда;
- гузаронишу ба ҳисоб гирифтани рӯзҳои ҷамъшуда;
- эҳтимолияти пардохт (имконияти рухсатӣ ё ба кор ҳозирнашавӣ);
- имконияти баҳои бовариноки хароҷот барои пардохт.

Риоян ин қоидаҳо бо зарурати баамалбарории навиштҳои ислоҳӣ дар охири ҳар як соли молиявӣ алоқаманд аст.

*Дар ҳисоби ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда инъикос мегарданд:*

- *маблағи хароҷоти ҳисобкардашуда аз рӯи қоғазҳои қиматнок ва қарзҳои дигар- дар мукотибот бо ҳисоби хароҷоти фоиз;*
- *маблағи ҳисобкардашуда аз рӯи пардохти рухсатии минбаъдаи кормандон ва пардохти мукофот - дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот, хароҷоти тиҷоративу маъмурӣ;*
- *маблағи зиёдатии арзиши фурӯши вомбаргҳои баровардашуда назар ба арзиши номиналии онҳо- дар мукотибот бо ҳисобҳои ӯҳдадориҳои қарзӣ, воситаҳои пулӣ ё қарздории дебиторӣ;*
- *қисми маблағи зиёдатии арзиши фурӯши вомбаргҳои баровардашуда назар ба арзиши бозории онҳо – тахфифи дар давоми соли ҷорӣ азҳисоббаровардашаванда – дар мукотибот бо ҳисобҳои хароҷоти фаъолияти ғайриамалиётӣ;*
- *ӯҳдадорӣ оиди пардохти пешистодаи нафақа ба кормандон - дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот, хароҷоти тиҷоративу маъмурӣ;*
- *маблағи ҳиссаҷудокуниҳо ба суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақавӣ, ки бояд ба фондҳои мувофиқ гузаронида шаванд – дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолот, хароҷоти тиҷоративу маъмурӣ;*
- *маблағи дигар ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда - дар мукотибот бо ҳисобҳои баҳисобгирии хароҷот.*

***Мисоли 7.*** Менеҷери ширкати «Веста» дар моҳи сентябри соли 2010 25 рӯзи кории пурра кор кард. Бухгалтери ширкат барои ҳар як соати кори рӯзи кории ҳаштсоата 2 в.ш. музд ҳисоб мекунад. Меъёри андоз аз даромад -10% мебошад. Ғайр аз ин аз музди кори ҳисобкардашуда 1% барои таъминоти иҷтимоӣ нигоҳ дошта мешавад. Ҳиссаҷудокунӣ аз фонди музди меҳнат барои таъминоти нафақа -25%, барои нигоҳдории нақлиёти ҷамъиятӣ 2%-ро ташкил менамояд.

Навишти бухгалтерӣ ҳангоми ҳисобкунӣ:

***Хароҷоти музди меҳнат.. ……………………………………………400***
***Хароҷоти таъминоти иҷтимоӣ…………………………………….100***
***Хароҷоти нигоҳдории нақлиёти ҷамъиятӣ…………………………8***
***Музди меҳнат барои пардохт……………………………………………356,40***
***Андоз аз даромад барои пардохт…………………………………………39,60***
***Ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои махсус……. ……………………………112,00***

Навишти бухгалтерӣ дар лаҳзаи пардохт:

***Музди меҳнат барои пардохт ……………………………………356***
***Андоз аз даромад барои пардохт ……………………………………40***
***Ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои махсус……………………………112***
***Воситаҳои пулӣ……………………………………………………………508***

***Мисоли 8.*** 1 октябри соли 2010 ширкати «Оби Сарой» аз бонки маҳаллӣ қарзи кӯтоҳмуддатро ба мӯҳлати шаш моҳ ба маблағи 10 000 в.ш. бо меъёри солонаи фоизӣ – 12% гирифт. Фоизҳо дар охири ҳар як семоҳа пардохта мешаванд.

Навиштҳои бухгалтерӣ чунин сурат мегиранд:

1 октябри соли 2010 дар лаҳзаи қабули пул:

***Воситаҳои пулӣ……………………………………………………10 000***
***Қарзи кӯтоҳмуддати бонк…………………………………………10 000***

31 октябри соли 20101 - ҳисобкунии фоиз (10.000*12%*1/12):

***Хароҷоти фоиз……………………………………………………100***
***Фоизи ҳисобкардашуда……………………………………………………100***

31 декабри соли 2010 - пардохти фоиз:

***Фоизи ҳисобкардашуда…………………………………………300***
***Воситаҳои пулӣ……………………………………………………………300***

31 марти соли 2011 - пардохти қарз:

***Қарзи кӯтоҳмуддати бонк ……………………•…………….10 000***
***Фоизи ҳисобкардашуда…………………………………………300***
***Воситаҳои пулӣ……………………………………………………10 300***

**6.** **Ӯҳдадориҳо аз рӯи андоз.** Кодекси андоз аз ширкат ҷамъоварии андозҳои муайянро аз мизоҷон, харидорон, кормандон ва гузаронидаани онҳоро ба буҷет талаб мекунад. Ба қатори ин гуна андозҳо андоз аз фурӯш, андоз аз арзиши изофа, андоз аз даромад ва дигар нигоҳдориҳо аз музди меҳнат ва ғ. дохил мешаванд. Дар ин маврид, ширкат ҳамчун миёнарав баромад намуда, андозҳоро барои тарафи сеюм - буҷети давлат ҷамъ меоварад.

Маблағи андози ҷамъовардашуда барои тарафи сеюм ба афзоиши ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва воситаҳои пулӣ (қарздории дебиторӣ) бурда мерасонад.

*Мисоли 9.* Ҳаҷми фурӯши ширкати «Заврон» дар моҳи ҷорӣ 5 000в.ш.-ро ташкил дод. Меъёри андоз аз фурӯш – 5% аст.

Навишти бухгалтерӣ дар ин маврид:

1. Дар санаи андозбандӣ (лаҳзаи фурӯш):

***Воситаҳои пулӣ (Қарздории дебиторӣ)....................................5 250***

***Даромад аз фурӯш.............................................................5 000***

***Андоз аз фурӯш.................................................................250***

2. Дар санаи гузаронидани андоз:

***Андоз аз фурӯш .........................................................250***

***Воситаҳои пулӣ .................................................................250***

Баъзе аз андозҳо ба монанди андоз аз фоида, андози моликият аз ҷониби ширкат мувофиқи тартиби муайянкардаи кодекси андоз дар асоси ҳисобкуниҳо муайян карда мешаванд. Маблағи ҳисобкардашудаи ин гуна андозҳо ҳамчун ӯҳдадориҳои ҷорӣ ба қайд гирифта мешаванд.

7. **Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат.** Дар ҳолате, ки қисми ӯҳдадориҳои дарозмуддат бояд дар давраи ҷорӣ аз ҳисоби активҳои ҷорӣ пардохта шаванд, онҳо ҳамчун ӯҳдадории ҷорӣ тасниф мегарданд.

*Мисоли 10.* Ширкати «Моно» қарзи дарозмуддатро ба маблағи 200 000 в.ш. дорад, ки бояд дар давоми 5 сол бо маблағи 40 000 в.ш. ҳар сол пардохт гардад. Ҳиссаи соли ҷорӣ ҳамчун ӯҳдадории ҷорӣ тасниф гардида, дар ҳисобгирӣ ба таври зер инъикос мегардад:

***Қарзи дарозмуддат.....................................................40 000***

***Қисми ҷории ӯҳдадории дарозмуддат......................................40 000***

8. **Ӯҳдадориҳои шартӣ ва баҳоӣ.** Ӯҳдадориҳои кафолатӣ дар ҳолатҳои муайян ҳамчун ӯҳдадориҳои баҳоӣ ё шартӣ баромад мекунанд. Ӯҳдадориҳои кафолатӣ ҳамчун баҳоӣ баромад мекунанд, агар имконияти нишон додани пешакии маблағи аниқи онҳо мавҷуд набошад. Ӯҳдадориҳои кафолатӣ шартианд, агар бузургии аниқи онҳо аз баамалоӣ ё ба амал наомадани воқеаҳои минбаъда вобастагӣ дошта бошад. Ӯҳдадориҳои кафолатӣ вақте ба миён меоянд, ки ширкат ҳангоми фурӯш кафолатро барои маҳсулоти хеш пешниҳод намояд. Маблағи кафолат аз рӯи дебети ҳисоби хароҷот дар он даврае, ки фурӯш ба амал омадааст, инъикос мегардад. Зеро, кафолат тавсифномаи сифатии маҳсулот ё хизмат буда, яке аз сабабҳои харидкунӣ аст.

*Мисоли 11.* Ширкати «Симо» бо фурӯши телевизорҳо машғул буда, ба харидорони худ ҳуқуқи истифодабарӣ аз хизматрасонии кафолатиро дар ҳолати нокисияти телевизорҳои харидашуда дар давоми дувоздаҳ моҳ аз рӯзи харид пешниҳод менамояд. Дар давоми соли 2010 ширкат ба маблағи 300000 в.ш. телевизор фурӯхт. Аз таҷрибаи солҳои пешин ширкат хароҷоти хизматрасонии кафолатиро дар андозаи 2%-и фурӯш муқаррар намудааст. Мукотиботи бухгалтерӣ дар ин маврид чунин сурат мегирад:

1. Дар соли фурӯш:

***Воситаҳои пулӣ.....................................................300 000***

***Даромад аз фурӯш...........................................................300 000***

2. Дар охири сол (ё ба таври даврӣ):

***Хароҷоти хизматрасонии кафолатӣ..............................6 000***

***Ӯҳдадорӣ аз рӯи хизматрасонии кафолатӣ................................6 000***

3. Ахиран, хароҷоти ҳақиқии хизматрасонии кафолатӣ 2 400 в.ш.-ро ташкил дод:

***Ӯҳдадорӣ аз рӯи хизматрасонии кафолатӣ..........................2 400***

***Воситаҳои пулӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, музди кор..........................2 400***

*Мувофиқи СБҲМ 37 зери мафҳуми ӯҳдадориҳои шартӣ фаҳмида мешавад:*

*a) ӯҳдадории имконпазир, ки аз воқеаҳои гузашта пайдо гардида, мавҷудияти он танҳо бо баамалоӣ ё ба амал наомадани як ё якчанд воқеаи оянда тасдиқ гардида, ба таври нопурра зери назорати ширкат аст; ё*

*b) ӯҳдадории ҷорие, ки аз ҳодисаҳои пешин пайдо гардидааст, вале эътирофнопазир аст, зеро:*

*(i) эҳтимолияти хориҷшавии захираҳои дар худ фоидаи иқтисодиро таҷассумкунанда барои танзими ӯҳдадорӣ нест; ё*

*(ii) маблағи ӯҳдадорӣ ба таври боваринок баҳо дода намешавад.*

**Дар СБҲМ фарқ карда мешавад:**

(а) **захираҳо** (провизияҳо), ки ба сифати ӯҳдадорӣ ҳангоми баҳои бовариноки онҳо эътироф мегарданд, зеро онҳо дар ҳақиқат ӯҳдадории ҷорӣ буда, эҳтимолияти хориҷшавии захираҳои дар худ фоидаи иқтисодиро таҷассумкунанда барои пардохти ин ӯҳдадориҳо мавҷуд аст; **ва**

(б) **ӯҳдадориҳои шартиро**, ки ба сифати ӯҳдадорӣ эътироф намегарданд, зеро онҳо дар худ:

(i) ӯҳдадориҳои имконпазиреро, ки зарурияти тасдиқашон ба миён меояд; ё
(ii) ӯҳдадориҳои ҷории ба меъёрҳои эътирофии СБҲМ ҷавобгӯ набударо таҷассум менамоянд.

Захира он гоҳ эътироф мегардад, агар:

(а) ширкат ӯҳдадории ҷориро дар натиҷаи воқеаи пешин дошта бошад;
(б) эҳтимолияти хориҷшавии захираҳои фоидаи иқтисодиро таҷассумкунанда мавҷуд бошад;
(в) имконияти баҳодиҳии маблағи ӯҳдадорӣ бо роҳи ҳисобкунӣ мавҷуд бошад.

Мисоли захираи ҳисобкардашуда ӯҳдадорӣ оиди пардохти рухсатӣ аст. Мувофиқи қонунгузории ҷории мамлакат, кормандони ширкат, новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолият ҳуқуқи рухсатии пардохташавандаро доранд. Маблағи рухсатпулӣ бояд дар намуди хароҷот барои ҳамаи сол тақсим карда шавад, гарчанде, ки он дар давраи аниқ пардохт мегардад. Мавсимияти ба рухсатӣ баромадани кормандонро ба назар гирифта, ширкатҳо захираҳоро бунёд менамоянд.

*Мисоли 12.* Фонди музди меҳнати ширкати «Мизроб» 10 000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Аз рӯи ҳисобкуниҳо маблағи солонаи пардохти рухсатипулӣ 20%-и фонди музди меҳнатро ташкил медиҳад. Тақрибан 75%-и кормандон ҳар сол рухсатипулӣ мегиранд. Ҳисобкунии хароҷоти пардохти рухсатипулӣ чунин сурат мегирад:

10 000*12*20%*75%=18 000

яъне, маблағи моҳонаи ҳисобкунии захира оиди пардохти рухсатипулӣ 1 500 в.ш.-ро ташкил менамояд.

Навишти ҳармоҳа дар ҳисобгирӣ чунин аст:

*Хароҷоти пардохти рухсатӣ ....................................1 500*
*Захира оиди пардохти рухсатии пешистода..........................1500*

Ҳангоми додани рухсатипулӣ:

*Захира оиди пардохти рухсатии пешистода......................XXX*
*Воситаҳои пулӣ........... ............................................XXX*

**Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои дарозмуддат**

**Ӯҳдадориҳои дарозмуддат – ин ӯҳдадориҳое, ки мӯҳлати пардохташон зиёда аз дувоздаҳ моҳ аз санаи ҳақиқии баланс ё як давраи амалиётӣ мебошад, вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо дарозтар аст.**

Сабабҳои асосии пайдо шудани ӯҳдадориҳои дарозмуддат:

- осонтар будани гирифтани сармояи ҷалбшуда назар ба сармояи саҳҳомӣ;
- дар афзалият аз саҳҳомон кредиторон ҳуқуқи овозро надошта, дар идоракунии ширкат иштирок намекунанд;
- арзиши пурраи воситаҳои қарзии ҷалбшуда аз молиягузорӣ бо роҳи барориши саҳмияҳои нав пасттар аст;
- баъзе корхонаҳо бо ҳиссаи баланди воситаҳои қарзӣ фоидаро аз воситаҳои қарзӣ ба даст меоранд, ки он аз меъёри пардохтҳои фоизӣ зиёд аст.

Ба ин нигоҳ накарда, афзоиши ӯҳдадориҳо хавфнок аст, зеро ҳиссаи хароҷоти фоизӣ аз рӯи онҳо меафзояд. Аҳдномаҳои қарзӣ фаъолият ё сохтори молиявии корхона-қарзгирро бо мақсади пастнамоии хавфи иҷронашавии ӯҳдадорӣ маҳдуд месозанд. Маҳдудият метавонад бузургии зиёдтарини ҳаққусаҳм, талабот оиди нигоҳдории сатҳи даромаднокӣ ва бозоргириро дарбар гирад.

Аз нуқтаи назари сармоягузор - қарздеҳӣ – усули бовариноктари сармоягузорист, зеро кредиторон аз дараҷаи баланди бехатарии пардохтҳои қонунии қарзӣ (баргардониши актив ба таври мунтазам сурат мегирад) бархурдор буда, ҳуқуқҳои афзалиятнокро ба активҳо ҳангоми барҳамхӯрии дебитор доранд. Ба даромади нисбатан пасттар нигоҳ накарда, сармоягузориҳои қарзӣ нисбати сармоягузориҳо ба саҳмияҳо бехавфтаранд.

Ҳангоми **баҳодиҳӣ** ва **ченкунии** ӯҳдадориҳо мебояд қоидаҳои зеринро ба назар гирифт:

- ӯҳдадориҳои дарозмуддат бо арзиши одилонаи бозории молу хадамоти ба қарз гирифташуда қайд мегарданд. Меъёри бозории фоизӣ- ин меъёри бечунучарои амалиётист, ки ба арзиши ҳақиқии пардохтҳои талабшавандаи ояндаи нақдӣ аз рӯи арзиши одилонаи бозории молу хадамот баробар аст;
- пардохти даврии фоизҳо бо меъёри бозории фоизӣ дар санаи бавуҷудоии ӯҳдадорӣ асос ёфтааст;
- арзиши бақиявии ӯҳдадории дарозмуддат дар санаи балансӣ – ин арзиши ҳақиқии ҳамаи пардохтҳои боқимондаи нақдӣ мебошад, ки то меъёри бозории фоизӣ ҳангоми барориш дисконтиронида шудаанд. Меъёри фоизии бо ин мақсад истифодашаванда дар давоми мӯҳлати ӯҳдадорӣ тағйир намеёбад.

Ӯҳдадориҳои дарозмуддат дар баланс аз рӯи нишонаҳои гуногун тасниф мегарданд.




**Вомбаргҳо**

Вомбарг - ин шаҳодатномаи қарзие, ки аз ҷониби ширкатҳо ва муассисаҳои ҳукуматӣ барои ба қарз гирифтани маблағи калони сармоя ба мӯҳлати дароз бароварда шудааст, ё бо ибораи дигар, ин ваъдаи расмии ширкат - интишоргар оиди пардохти маблағи асосӣ ва фоизҳо барои баргардонидани сармояи аз ҷониби нигоҳдорандагони вомбаргҳо масрафшуда мебошад.

Аҳдномаи вомбаргӣ мӯҳлати вомбарг, ҳуқуқ ва масъулияти интишоргар ва нигоҳдорандаи вомбарг, ҳама гуна маҳдудиятҳои ширкат-интишоргарро ба маблағи пулии тасдиққунандаи барориш, меъёри фоизӣ, мӯҳлати пардохт ва конверсияро ба ӯҳдадории ҳомии мустақил, ки манфиатҳои интишоргар ва сармоягузорро ҳимоя менамояд, муайян мекунад. Ба сифати ҳомӣ одатан муассисаҳои молиявӣ, ки бақайдгирӣ ва пардохти ӯҳдадориву фоизҳоро бар дӯш мегиранд, баромад мекунанд. Сармоягузорон сертификатҳои вомбаргиро мегиранд, ки он дар худ ӯҳдадории шартномавиро байни интишоргар ва сармоягузор ифода менамояд. Вомбаргҳо бо чанд роҳ фурӯхта мешаванд. Одатан, ҳамаи барориши вомбаргҳо аз ҷониби банкҳо-сармоягузорон фурӯхта мешаванд. Банкҳои сармоягузорӣ метавонанд барориши вомбаргҳоро аз рӯи нархи муайян кафолат дода, ҳангоми фурӯш ба интишоргар кӯмак намоянд ва қисм ё ҳамаи хавфро ба зимма гиранд. Ҷойгирсозии мустақими хусусӣ аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ ва сармоягузорони алоҳида кафолати мутаносиб аст.

Вомбаргҳо аксар вақт бо қурби пасттар бароварда мешаванд, то ки:

- дастрасшавиашон ба сармоягузорон;
- афзоиши имконияти сармоягузорон барои сармоягузорӣ ба намудҳои гуногуни қоғазҳои қиматнок;
- пастнамоии хавфи сармоягузорӣ, таъмин карда шавад.

Аксари барориши вомбаргҳо ба таври хаттӣ пешниҳод карда мешаванд. Пешниҳоди хаттӣ ин ҳуҷҷатест, ки ба он ҳисоботи молиявии санҷидашудаи интишоргар, далелҳои пешниҳодшуда, тасвири фаъолияти ширкат - интишоргар ва шароитҳои фурӯши ин шаҳодатнома дохил гардида, нархи пешниҳодшаванда муқаррар карда мешавад.

**Тавсифномаи асосии вомбарг:**

- ҳатмияти пардохт дар мӯҳлати муайяншудаи вақт;
- ҳатмияти пардохти даврии фоизҳо;
- барориш пас аз рухсати ҳукумат.

Баҳисобгирии вомбаргҳои дарозмуддати баровардашуда аз ҷониби интишоргар бо арзиши номиналӣ (арзиши пардохтӣ) амалӣ мегардад. Фарқи байни арзиши номиналӣ ва арзиши барориши вомбарг – тахфиф(дисконт) ё подош аз ҷониби интишоргар дар ҳисобҳои алоҳида – «Тахфифи мавқуфгузоштаи вомбаргӣ»ва «Подоши мавқуфгузоштаи вомбаргӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Вомбарг ва саҳмияҳоро мебояд фарқ кард. Саҳҳомон мулкдор буда, имконияти идоракунии ширкати интишоргарро доранд, нигоҳдорандагони вомбарг бошад, танҳо кредиторанду халос.




Қарздорӣ аз рӯи вомбаргҳо, инчунин тахфифу подоши пардохтношудаи бо он алоқаманд дар баланс ҳамчун ӯҳдадории дарозмуддат нишон дода мешаванд. Баҳисобгирии бухгалтерии амалиётҳои бо вомбаргҳои дарозмуддат алоқаманд ба тарзи зер сурат мегирад[2]:

***(а) Барориши вомбарг бо арзиши номиналӣ.***

**Мисоли 13.** Иттиҳодияи «Best» қарор кард, ки 1 январи соли 2010 вомбаргҳои 6%-ро ба маблағи 40000 в.ш. ба мӯҳлати 5 сол барорад. Фоизҳо ҳар нимсола пардохта мешаванд. Фурӯши вомбаргҳо аз рӯи арзиши номиналӣ чунин инъикос меёбанд:

***01.01.10.***

***Воситаҳои пулӣ......................................................40 000***

***Вомбаргҳо барои пардохт...................................................40 000***

Ҳисобкунии ҳармоҳаи фоиз:

*Маблағи қарз х меъёри фоиз х мӯҳлат = 40 000х 0,06х1/12 = 200*

***Хароҷоти фоизи вомбарг.........................................200***

***Фоизҳо барои пардохт.......................................................200***

Пардохти фоиз дар 1 июли соли 2010:

***Фоизҳо барои пардохт ..............................................1 200***

***Воситаҳои пулӣ ............................................................1 200***

## (б) Баҳисобгирии меъёри фоиз

Чӣ тавре, ки дар бобҳои гузашта қайд гардида буд, меъёри номиналии фоиз – ин меъёри пардохташавандаи фоиз дар асоси арзиши номиналии вомбарг аст. Меъёри бозории фоиз – ин меъёрест, ки бозори фаъол дар асоси маблағҳои пардохташаванда аз рӯи вомбаргҳои хавф ва шароити қарздиҳиашон монанд муқаррар менамояд. Ба кӯшиши ширкатҳо оиди муқарраркунии меъёри номиналӣ наздиктар ба меъёри бозорӣ нигоҳ накарда, аксар вақт дар санаи барориши вомбарг тафовут байни онҳо ба миён меояд. Мисолҳоро дида мебароем.

| Вомбаргҳои бо тахфиф баровардашаванда | Вомбаргҳои бо подош баровардашаванда |
|---|---|
| Агар меъёри бозории фоизӣ аз меъёри номиналӣ баланд бошад, вомбарг бо тахфиф (дисконт – discount) бароварда мешавад. Тахфиф баробари маблағи зиёдатии арзиши номиналӣ аз арзиши барориши вомбарг аст. Тахфиф бояд дар давоми мӯҳлати вомбарг аз ҳисоб бароварда шавад. Дар санаи пардохти вомбарг арзиши ҷории он бояд баробари арзиши номиналиаш шуда, маблағи тахфиф баробари сифр гардад. | Агар меъёри бозории фоизӣ аз меъёри номиналӣ паст бошад, вомбарг бо подош (premium) бароварда мешавад. Подош баробари маблағи зиёдатии арзиши барориши аз арзиши номиналист. Подош – ин камкунии фоизи дар давоми мӯҳлати вомбарг пардохташавандае, ки ба таври бунак ба амал оварда мешавад. Подош ҳамчунин бояд дар давоми мӯҳлати вомбарг аз ҳисоб бароварда шавад. Дар санаи пардохти вомбарг арзиши ҷории он бояд баробари арзиши номиналиаш шуда, маблағи подош баробари сифр гардад. |

[2] Муфассалтар нигаред ба маводҳои китобҳои Нидлз Б. И ва ғ. «Принципы бухгалтерского учета» ва Ван Хорн Дж.К. «Основы управления финансами».

<table>
<tr><th colspan="2">Баҳисобгирии бухгалтерии барориши вомбарг</th></tr>
<tr><td>Мисоли 14. 1 январи соли 2010 иттиҳодияи «Best» алмбаргҳои 5-соларо ба маблағи 40000 в.ш. баровард. Меъёри номиналии фоизии он 6% буда, меъёри бозорӣ 8% аст. <u>Навиштаҷот ҳангоми барориш:</u><br>Воситаҳои пулӣ ........... 36 260<br>Тахфифи пардохтношудаи вомбаргӣ* ......................2 740<br>Вомбаргҳо барои пардохт....... 40 000<br>Инъикос дар баланс:<br>Ӯҳдадориҳои дарозмуддат<br>Вомбаргҳои 6%-и 1.01.2015 пардохташаванда 40 000<br>Тархи тахфифи пардохтношуда <u>2 740</u><br>36 260</td>
<td>Мисоли 15. 1 январи соли 2010 иттиҳодияи «Best» вомбаргҳои 5-соларо ба маблағи 40000 в.ш. баровард. Меъёри номиналии фоизии он 8% буда, меъёри бозорӣ 6% аст. <u>Навиштаҷот ҳангоми барориш:</u><br>Воситаҳои пулӣ ................43 412<br>Подоши пардохтношудаи вомбаргӣ ................................3 412<br>Вомбаргҳо барои пардохт ........ 40 000<br>Инъикос дар баланс:<br>Ӯҳдадориҳои дарозмуддат<br>Вомбаргҳои 6%-и 1.01.2015 пардохташаванда 40 000<br>Ҷамъи подоши пардохтношуда <u>3 412</u><br>43 412</td></tr>
<tr><th colspan="2">Баҳисобгирии амалиёти бо азҳисоббарории тахфиф(подош) алоқаманд</th></tr>
<tr><td><u>(а) Ҳисобкунии маблағи харҷи фоиз</u><br>Пардохти фоизӣ (40 000 x 0,06x 5 сол) 12 000<br>Тахфифи вомбаргӣ 2 740<br>Ҳамагӣ, хароҷоти фоизӣ 14 740<br><u>(б) 1 июл дар лаҳзаи пардохти фоизи нимсола:</u><br>Хароҷоти пардохти фоиз..............1 474<br>Тахфифи пардохтношуда (3 194/10).......274<br>Воситаҳои пулӣ................................ 1 200</td>
<td><u>(а) Ҳисобкунии маблағи харҷи фоиз</u><br>Пардохти фоизӣ (40 000 x 0,08x 5 сол) 16 000<br>Тарҳи подоши вомбаргӣ 3 412<br>Ҳамагӣ, хароҷоти фоизӣ 12 588<br><u>(б) 1 июл дар лаҳзаи пардохти фоизи нимсола:</u><br>Хароҷоти пардохти фоиз ...........1 259<br>Подоши пардохтношуда (3 372/10) ....341<br>Воситаҳои пулӣ ..........................1 600</td></tr>
</table>

* Ҳисоби «Тахфифи пардохтношудаи вомбаргӣ» ҳисоби аксулпассивӣ бар ҳисоби «Вомбаргҳо барои пардохт» мебошад.

**Васиқаҳои дарозмуддат ва гаравномаҳо**

Васиқаи дарозмуддат – ин ҳуҷҷати расмиест, ки мӯҳлати қарзро муайян мекунад. Васиқаҳо аксар маврид барои хариди активҳо ё, барои гирифтани қарзе, ки барои мақсадҳои муайян таъин шудааст, истифода мешаванд. Вомбаргҳо бошанд баръакс,барои афзоиши маблағи сармоя пешбинӣ шудаанд. Васиқаҳо умуман мӯҳлати кӯтоҳтари пардохтиро назар ба вомбаргҳо дошта, одатан дар бозору биржаҳо фурӯхта намешаванд.

Гаравнома – ин яке аз шаклҳои қарзи дарозмуддат аст, ки бо активҳои ҳақиқӣ таъмин карда мешавад. Гаравнома бо пардохтҳои мувофиқи ҳармоҳа, ки дар худ ҳам фоиз ва ҳам қисми қарзи асосиро дарбар мегиранд, пардохта мешавад[3].

**Мисоли 16.** Ширкати «Авесто» 1 январи соли 2010 аз рӯи гаравномаи 24% 25 000 в.ш. гирифт. Ширкат ӯҳдадор шуд, ки ҳар моҳ 1000 в.ш.-ро пардохт кунад. Ҳисобкунии пардохтҳои ҳармоҳа чунин сурат мегиранд:

| Санаи пардохт | Маблағи пардохтношудаи гаравнома дар аввали давра | Пардохти ҳармоҳа | Фоизи моҳона (2% аз маблағи пардохтношуда) | Камшавии қарз | Маблағи пардохтношудаи гаравнома дар охири давра |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 январ | | | | | 25 000 |
| 1 феврал | 25 000 | 1 000 | 500 | 500 | 24 500 |
| 1 март | 24 500 | 1 000 | 490 | 510 | 23 990 |
| 1 апрел | 23 990 | 1 000 | 480 | 520 | 23 470 |

Навиштаҷоти бухгалтерӣ оиди инъикоси амалиёти мазкур чунинанд:

1 январ *Воситаҳои пулӣ.................................................25 000*
*Гаравнома барои пардохт ..................................................25 000*

1 феврал *Гаравнома барои пардохт ........................................500*
*Хароҷоти фоизӣ..........................................................500*
*Воситаҳои пулӣ ..............................................................1 000*

**Баҳисобгирии хароҷоти қарзӣ[4]**

Хароҷоти қарзӣ – *хароҷоти пардохти фоизҳо ва дигар хароҷоте, ки субъект вобаста ба гирифтани воситаҳо ба қарз ба амал мебарорад, аз ҷумла:*

---

[3] Ниг. Нидлз Б. ва дигарон. «Принципы бухгалтерского учета» саҳ. 315.

[4] Маводи ин боб асосан аз рӯи китоби «Финансовый учет», Алматы -1999 тайёр карда шудааст.

- *фоизҳо аз рӯи қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, аз ҷумла фоизи оведрафти бонкӣ (маблағ и пардохтаи бонк, ки зиёда аз бақияи ҳисоби ҷорӣ аст);*
- *истеҳлоки тахфифҳои вомбаргӣ;*
- *хароҷоти иловагии ҳангоми қарзгирӣ ба амаломада;*
- *иҷорапулӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ (лизинг);*
- *фарқияти қурбии арзӣ, ки ҳангоми қарзгирӣ бо арзи хориҷӣ ба миён меоянд, агар онҳо ҳамчун хароҷоти фоизӣ дида шаванд.*

Мувофиқи СБҲМ 23, хароҷоти қарзӣ метавонад:

- ҳамчун хароҷоти давра эътироф шавад (усули асосӣ);
- бо роҳи дохилшавӣ ба арзиши активи шинохташавандаи харидашуда, бинишудаистода ё истеҳсолшудаистода сармоявӣ шавад (усули алтернативӣ).

Активи шинохташаванда – активе, ки тайёркунии он барои истифодабарии пешбинишуда ё барои фурӯш вақти зиёдеро талаб мекунад.

**Усули асосии баҳисобгирии хароҷоти қарзӣ**

**Мисоли 17.** Ширкати «Сано» ба маблағи 50 000 в.ш. қарзи фоизи солонааш -12%-ро ба мӯҳлати 5сол гирифт. Фоизҳо ду маротиба дар як сол- 30 июн ва 31 декабр пардохта мешаванд.

30 июн ва 31 декабр чунин навиштаҷотҳо ҷой доранд:

***Хароҷоти фоизӣ*……………………………………………….3 000**

***Фоизҳо барои пардохт*……………………………………………….3 000**

***Фоизҳо барои пардохт*……………………………………………….3 000**

***Воситаҳои пулӣ*……………………………………………………….3 000**

**Усули алтернативии баҳисобгирии хароҷоти қарзӣ**

Хароҷоти қарзӣ ҳамчун қисми арзиши аслӣ дар сурати риояи шартҳои зерин сармоявӣ карда мешавад:

а) эҳтимолияти фоидаи минбаъдаи иқтисодӣ;

б) имконияти ченкунии боварииноки хароҷот.

Ҳангоми гирифтани қарз бо мақсади харид, сохтмон ё истеҳсоли активи муайяни шинохташаванда, маблағи хароҷоти сармояшаванда ба хароҷоти ҳақиқии давраи ҳисоботӣ бо тарҳи ҳама гуна даромад аз сармоягузории муваққатии ин қарз то истифодабарии он баробар аст. Дар сурати мураккабии муайянкунии маблағи қарзи бевосита бо хариди активи шинохташаванда алоқаманд, маблағи хароҷоти сармояшаванда мувофиқи меъёри сармояшавӣ муайян карда мешавад. Меъёри сармояшавӣ – ин арзиши миёнаи хароҷоти ҳамаи қарзҳои пардохтнашудаи давраи ҳисоботӣ, ба ғайр аз қарзҳое, ки махсус бо мақсади хариди активи шинохташаванда гирифта шудаанд.

Сармояшавии хароҷот дар он лаҳзае оғоз мегардад, агар:

- сармоягузориҳо ба актив, ки бо пардохти воситаҳои пулӣ, дода шудани активҳо ё қабули ӯҳдадорӣ бо тарҳи ҳама гуна субсидияҳои бо актив алоқаманд ифода меёбад, ба амал бароварда шуд;
- хароҷоти қарзӣ ба амал омадаанд;
- кори зарурӣ оиди тайёркунии актив барои истифодабарии пешбинишудаи он идома дорад.

Сармояшавии хароҷот ба муддати дароз боздошта мешавад, агар дар давоми он азхудкунии фаъоли объект қатъ гардад.

Сармояшавии хароҷот боздошта намешавад, агар:

- дар давоми давраи ҳисоботӣ қисми афзалиятноки кори техникиву маъмурӣ иҷро гардад;
- қатъи муваққатии азхудкунии объект қисми зарурии ҷараёни технологии тайёркунии актив барои истифодабарии пешбинишуда ё фурӯш бошад.

Сармояшавии хароҷот ҳангоми баитмомрасии қисми асосии фаъолият оиди тайёркунии актив барои истифодабарии пешбинишуда ё фурӯш қатъ мегардад.

Қисми асосии фаъолият оиди тайёркунии актив барои истифодабарии пешбинишуда ё фурӯш он гоҳ баитмомрасида ҳисобида мешавад, агар васлкунии объект ба охир расида бошад, гарчанде, ки кори ҳаррӯзаи маъмурӣ оиди тайёркунӣ ё кор оиди такмили инфиродии актив бо хоҳиши харидор ё супоришдеҳ идома ёбад.

Агар васлкунии актив қисм ба қисм анҷом ёбад ва ҳар як қисми алоҳида ба таври мустақилона истифода бурда шавад ва васлкунии қисмҳои боқимонда идома ёбад, дар ин сурат сармояшавии хароҷот барои қисмҳои тайёршуда қатъ мегардад.

**Мисоли 18.** Ширкати «Мунир» сохтмони биноро 1 январи соли 2010 оғоз намуд. Ягона ӯҳдадории қарзӣ дар семоҳаи аввал - ин васиқаи дарозмуддати фоизӣ ба маблағи 60 000 в.ш. збо шарти 10% - и

солона бо мӯҳлати пардохт дар 31 декабри соли 2012 буд. 1 маи соли 2010 ширкат ба маблағи 30 000 в.ш. қарз бо васиқаи 8% гирифт. Васиқа бояд то 30 апрели соли 2011 пардохт шавад. Ширкат харочоти фоизии бинои сохташудаистодаро дар асоси арзиши миёнаи харочоти семоҳагӣ сармоя мегардонад. Дар давоми шаш моҳи соли 2010 сармоягузориҳо ба бинои сохташудаистода чунин сурат гирифтанд (бо в.ш.):

| Сана с. 2010 | | Харочот | Сана с. 2010 | | Харочот |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 январ | Сохтмон | 10 000 | 1 апрел | Сохтмон | 20 000 |
| 1 феврал | Сохтмон | 20 000 | 1 май | Сохтмон | 30 000 |
| 1 март | Сохтмон | 20 000 | 1 июн | Сохтмон | 30 000 |

Соли ҳисоботии ширкати «Мунир» 31 декабр ба охир мерасад. Фоизҳо ҳар семоҳа пардохт мегарданд.

*Вазифа:*

1. Усули миёнаи арзишиpo истифода бурда маблаги харочоти фоизии:
a) сармояшаванда;
b) ҳамчун харочот эътирофшавандаро муайян кунед.
2. Навиштачоти зарурии бухгалтерии ба сохтмон ва харочоти фоизӣ дахлдорро нишон диҳед.

**Ҳал:**

1. Семоҳаи якуми соли 2010:

Ҳисобкунии меъёри сармояшавӣ: $\left(60000 \times 10\% \times 3/12 = 1500\right)/60000 =$ 2,50%

Харочоти қарзии бо таври потенсиалӣ сармояшаванда: $50000 \times 2{,}5\% = 1250$*в.ш.*.

Маблағи ҳақиқии харочот: $60000 \times 10\% \times 3/12 = 1500$*в.ш.*

a) Бузургии камтарин сармоя мешавад: 1 250в.ш.
b) Ҳамчун харочот эътироф мегардад: 250в.ш.

Семоҳаи дуюми соли 2001:

Ҳисобкунии меъёри сармояшавӣ:

Васиқаи 10% : $60000 \times 10\% \times 3/12 = 1500$*в.ш.*

Васиқаи 8%ь: $30000 \times 8\% \times 2/12 = 400$*в.ш.*

90 000 $1900 \div 90000 = 2{,}11\%$

Харочоти қарзии бо таври потенсиалӣ сармояшаванда: $80000 \times 2{,}11\% = 1688$*в.ш.*.

Маблағи ҳақиқии харочот: 1 900 в.ш.
a) Бузургии камтарин сармоя мешавад: 1 688 в.ш.
b) Ҳамчун харочот эътироф мегардад: 212 в.ш.

2. Навиштачоти бухгалтерӣ оиди сармоягузориҳо ба бинои сохташудаистода:

| | Семоҳаи якум | | Семоҳаи дуюм | |
|---|---|---|---|---|
| ***Бино*** | ***50 000*** | | ***80 000*** | |
| ***Воситаҳои пулӣ*** | | ***50 000*** | | ***80 000*** |
| Навиштачотҳои бухгалтерӣ оиди сармояшавии харочоти қарз: | | | | |
| ***Бино*** | ***1 250*** | | ***1 688*** | |
| ***Харочоти фоизӣ*** | ***250*** | | ***212*** | |
| ***Фоизҳо барои пардохт*** | | ***1 500*** | | ***1 900*** |

**Кушоиши ахборот дар ҳисоботи молиявӣ**

Дар ҳисоботи молиявӣ бояд моддаҳои зерини ӯҳдадориҳои чорӣ, аз чумла, он ӯҳдадорие, ки бо талаби кредиторон пардохт мегардад ва қисми чории ӯҳдадориҳои дарозмуддат, ки дар муддати як сол пас аз санаи ҳисоботӣ пардохт мегардад, бояд кушода дода шавад:

1. қарзҳои кӯтоҳмуддат ва овердрафт;
2. қисмати чории қарзҳои дарозмуддат;
3. қарздории кредиторӣ:
   - ҳисобҳо барои пардохт;
   - пешпардохти аз харидорон ва супоришдиҳандагон қабулшуда;
   - қарздорӣ аз рӯи андозҳо;
   - ҳаққусаҳм барои пардохт;
   - қарздорӣ байни ширкати асосӣ ба ширкатҳои фаръӣ;
   - қарздории ашхоси мансабдор;
   - қарздории кредитории ғайр;
4. харочоти ҳисобкардашуда барои пардохт;
5. даромади давраҳои оянда;
6. пардохтҳои ҳисобкардашуда аз рӯи ҳолатҳои ғайричашмдошт.

Қисми ҷории ӯҳдадориҳои дарозмуддат аз ҳисоби ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат баровварда мешавад, агар шахси ҳуқуқӣ карорро оиди азнавмолиякунонии он дар асоси дарозмуддат мувофиқи шартномаҳои қарзӣ қабул кунад. Дар ин ҳолат маблағи ӯҳдадорӣ ва мӯҳлати азнавмолиякунонӣ бояд кушода дода шавад.

Ҳангоми кушоиши ӯҳдадориҳои дарозмуддат бояд ба таври алоҳида моддаҳои зерини балансӣ кушода дода шаванд (ба ғайр аз қисми дар давоми як сол пардохтшаванда):

- қарзҳои таъминшуда;
- карзҳои таъминношуда;
- қарзҳои аз ҷониби ширкати асосӣ ва ширкати фаръӣ пешниҳод шуда;
- андозҳои мавқуфгузошташуда.

Дар шарҳия бояд меъёри фоизӣ, мӯҳлати пардохти қарз, навбатнокии пардохт ва дигар хусусиятҳои аҳдномаҳои қарзӣ ва шароитҳои пешниҳоди қарз кушода дода шаванд.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности. Алматы, 2001.
7. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы, 2002.
8. Финансовый учет. Часть1 и 2. Учебное пособие. Алматы, 1999.
9. Финансовый учет. Учебное пособие. Бишкек . 2001.
10. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Бишкек 1997.
11. Кыргызские стандарты бухгалтерского учета. Комментарии./ Под ред. Е. Морозовой. – Б: «Ариал-Принт», 2000.-324.
12. Стандарты бухгалтерского учета, методические рекомендации, Генеральный план счетов: Сборник документов: - Алматы: Раритет, 2000.-320с.
13. Качалин В.В. Финансовый учет и отчетность в соответствии со стандартами QAAP. 2-ое изд. перераб. - М.: Дело, 1998. – 432с.
14. Мюллер Герхард Г. и др. Учет международная перспектива – 2 е изд. перераб. М.: Финансы и статистика, 1996. –136г.
15. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова. – М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
16. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М: Финансы и статистика. 1997. – 496с.
17. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М: Финансы и статистика, 1997
18. Accounting principles /Jack L. Smith, Robert M. Keith William L. Stephens. – 4th ed. – New York – 1993. 1314p.


**Супоришот барои худсанҷӣ**

**Баҳисобгирии васиқаҳои пешниҳодшуда**

**Супориши 1.** 28 феврали соли 2010 Ҷамшед ибни Асои Саид аз бонки «Тиҷорат» аз рӯи васиқа 10 000 в.ш. гирифта, ӯҳдадор шуд, ки пас аз се моҳ 20% -и солона пардохт намояд.

Инъикос дар баҳисобгирӣ:

Равияи 1: Фоиз алоҳида аз арзиши номиналии васиқа нишон дода мешавад:

28..02. Дт……………………………………………………………

Кт…………………………………………………………

Равияи 2: Фоиз ба арзиши номиналии васиқа ҳамроҳ карда мешавад:

28.02. Дт……………………………………………………………

Дт……………………………………………………………

Кт…………………………………………………………

Дар рӯзи пардохти васиқа:

Равияи 1:

31.05. Дт...........................................................

Дт...........................................................

Кт...........................................................

Равияи 2:

31.05. Дт...........................................................

Кт...........................................................

Кт...........................................................

**Баҳисобгирии даромади давраҳои оянда**

**Супориши 2.** 1 ноябри соли 2010 ширкати "Астерикс" иҷорапулиро барои шаш моҳи оянда ба маблағи 6 000 в.ш. гирифт. Давраи ҳисоботӣ 31 декабр ба охир мерасад. Навиштҳо чунин мешаванд:

1 ноябри соли 2010 – қабули иҷорапулӣ ба таври пешпардохт:

Дт ...........................................................

Кт ...........................................................

31 декабри соли 2010 Навишти ислоҳӣ барои инъикоси қисми коркардашудаи иҷорапулӣ:

Дт ...........................................................

Кт ...........................................................

**Баҳисобгирии ӯҳдадориҳои кафолатӣ**

**Супориши 3.** Ширкати «Памир» бо фурӯши яхдон машғул буда, ба мизоҷони худ хизматрасонии бепулро дар давоми як сол кафолат медиҳад. Одатан хароҷоти солонаи хизматрасонии кафолатӣ 10% - и маблағи фурӯшро ташкил медиҳад. Ширкат ҳангоми хизматрасонӣ 10в.ш. ро аз мизоҷон мегирад. Арзиши яхдон – 500 в.ш. аст. Дар давоми соли 2010 250 дона яхдон фурӯхта шуд. Дар охири сол ӯҳдадории кафолатиро дар ҳисобгирӣ ба таври зер қайд мекунанд:

Дт...........................................................

Кт...........................................................

Фарз кардем, ки ширкатро лозим омад, ки 20 яхдонро таъмир кунад. Ин амалиёт дар ҳисобгирӣ ба таври зер акс меёбад:

Дт...........................................................

Кт...........................................................

**Баҳисобгирии вомбаргҳо**

**Супориши 4.** Ширкати «Кедр» 1 январи соли 2010 вомбаргҳои 5% -ро ба маблағи 200 000 в.ш. ба мӯҳлати 10 сол бароварда ӯҳдадор шуд, ки пардохти фоизҳоро 1 июл ва 1 январи ҳар сол ба амал барорад.

1 янв.

1 июл Маблағи %= маблағи қарз*меъёри фоиз*мӯҳлат

**Супориши 5.** Ширкати «Экстра» 1 январ вомбарги 5%-ро ба маблағи 100 000 в.ш. бо арзиши барориши 95 000 в.ш.ҳангоми мавҷудияти меъёри бозории 6% ба мӯҳлати 10 сол баровард.

Инъикос дар баҳисобгирӣ:

1янв. Дт...........................................................

Кт...........................................................

Пас аз барориши вомбарг қарздории мазкур дар баланс ба таври зер нишон дода мешавад:

*Ӯҳдадориҳои дарозмуддат.......................*

*Тарҳи тахфифи пардохтнашуда................*

**Ҳангоми пардохти фоиз:**

Ҳисобкунии хароҷоти фоизӣ:

Арзиши номиналии вомбарг.....................

Фоиз.................................................

Ҳамагӣ...........................................................

Тарҳи воситаҳои гирифташуда ҳангоми барориш..............

Ҳамагӣ: хароҷот...........................................................

**Аз ҳисоббарории тахфифи вомбаргӣ:**

1. Шумораи умумии пардохтҳо:
2. Маблағи камшавии тахфиф ҳангоми ҳар як пардохти фоиз: тахфиф/шумораи пардохтҳо=
3. Маблағи фоизи пардохтшаванда: Арзиши номиналӣ* меъёри номиналии фоиз* вақт=
4. Маблағи ниҳоии хароҷоти фоиз дар рӯзи пардохт: маблағи пардохти фоизз + камшавии тахфифи вомбаргӣ =

***Навишт дар ҳисобгирӣ:***

**Супориши 6.** Ширкати «Вест» вомбарги 6%-и арзиши номиналиаш 10 000 в.ш. бударо ба мӯҳлати 5 сол бароварда 11 500 в.ш. гирифт. Меъёри бозорӣ – 5 % -ро ташкил медиҳад.
*Навишт дар ҳисобгирӣ:*

**Азҳисоббарории подоши вомбаргӣ:**
Пардохти фоизҳо
Подоши вомбаргӣ
Ҳамагӣ хароҷоти пардохти фоиз
Шумораи умумии пардохтҳо:
Маблағи азҳисоббарории подош ҳангоми ҳар як пардохт
Маблағи фоизи пардохтшаванда
Маблағи ниҳоии хароҷот
*Навишт дар ҳисобгирӣ:*

**Ҳаққусаҳм барои пардохт**
**Супориши 7.** 15 марти соли 2010 ширкати сохтмонии "Сохтмон" оиди пардохти ҳаққусаҳм ба маблағи 50 000 в.ш. дар рӯзи 25 марти соли 2010 эълон намуд.
а. Амалиётро дар лаҳзаи эълони ҳаққусаҳм инъикос кунед.
Дт.........................................................
Кт.........................................................
б. Амалиётро дар лаҳзаи пардохти ҳаққусаҳм инъикос кунед.
Дт.........................................................
Кт.........................................................

**Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда**
**Супориши 8.** Ширкати "Ромит" (осоишгоҳ) ба ронандагони микроавтобусҳо, ки мизоҷонро то осоишгоҳ мерасонанд, дар андозаи 5%-и даромади аз ин мизоҷон гирифташаванда ҳаққи хизмат мепардозад. Дар моҳи август даромад аз ин мизоҷон 220 000 в.ш.-ро ташкил дод. Ширкат ба ронандагон ҳаққи хизматашонро дар моҳи оянда мепардозад. Амалиётро оиди баҳисобгирии ӯҳдорӣ аз рӯи ҳаққи хизмати ронандагон дар 31 август нишон диҳед.
Дт.........................................................
Кт.........................................................

**Супориши 9.** Ширкати компютерии "Charogak Ltd" фурӯшандаи беҳтарини худ –Сафарбекро ба семинар равона месозад. Сафарбек бояд ҳангоми ин семинар бо мизоҷон вохӯрда, масъалаи фурӯши минбаъдаро бо онҳо ҳал намояд. Ширкат ба Сафарбек ба сифати харҷи сафари хидматӣ 50 000 в.ш. дод. Сафарбек дӯстдори вақтхушӣ буда, ҳамаи пули гирифтааш ва зиёда аз он аз кисаи худ 5 000 в.ш.-и дигарро низ сарф кард. Ӯ ба кор дар рӯзи охирини моҳ ҳозир шуд. Сари Сафарбек пас аз воқеаҳои маълум сахт дард мекард. Роҳбари ширкат мехост, ки бо ӯ фавран вохӯрад. Роҳбари ширкат розигии худро дар бораи ҷуброни пулҳои ба таври иловагӣ сарфнамудаи Сафарбек дод, зеро сафари хидматӣ дар фурӯши моли зиёде кӯмак расонид. Аммо барои санҷиши ҳамаи хароҷоти Сафарбек вақт нарасид, зеро Сафарбек мехост, ки тезтар аз кор баромада, доруи аспиринро барои сардардӣ харад. Амалиётро оиди ислоҳи бунак, хароҷот ва ҷуброн инъикос кунед.

**Ӯҳдадориҳои дарозмуддат**
**Супориши 10.**
***Қисми 1.*** Ширкати консервабарории "Зулол" аз бонк барои хариди таҷҳизоти нав ба маблағи 250 000в.ш қарз гирифт. Ба сифати таъмини қарз, банк хоҳиши онро кард, ки худи таҷҳизот ва ҳуқуқи нигоҳдории захираҳои моддиву молии ширкати «Зулол» баромад кунанд. Мӯҳлати пардохти васиқа - 5 сол буда, меъёри фоизиаш баробари 20% аст. Ширкат ҳар сол бояд 50 000 в.ш. маблағи асосӣ ва фоизҳоро пардохт намояд. Шартномаи басташуда бо банк чунин шартеро дорад, ки мувофиқи он ҳамаи қарз дар ҳолати паст фуромадани коэфитсиенти бозоргирии ҷории ширкат аз 2,0 бояд фавран баргардонида шавад*. Қарз 10 ноябри соли 2010 гирифта шуд.
Дар лаҳзаи тартибдиҳии шартнома ширкати «Зулол» чунин вазъи молиявиро соҳиб буд: активҳои ҷорӣ - 2 500 000 в.ш., активҳои дарозмуддат - 1 500.000 в.ш., ӯҳдадориҳои ҷорӣ - 1 200 000 в.ш. ва ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва ғайра -1 800 000 в.ш..
*Супориш:*

1. Кадом қисмати ин қарз ҳамчун ӯҳдадории ҷорӣ дар баланс дар санаи 31 декабри соли 2010 бояд нишон дода шавад?
2. Кадом қисмати ин карз бояд ҳамчун ӯҳдадории дарозмуддат дар баланс дар санаи 31 декабри соли 2010 бояд нишон дода шавад?
3. Чӣ гуна кушоишро аз рӯи қарзи мазкур бояд пеш гирифт ва ин кушоиш ба кадом ҳисобҳо дахл дорад?
4. Шарҳияро вобаста ба ин амалиёт нависед.

***Қисми 2.*** Азбаски ширкат сердаромад буд ва ӯ воситаҳои пулии зиёдеро дошт, роҳбарият қарор кард, ки фоидаро бо роҳи сармоягузории калон ба қоғазҳои қиматноки дарозмуддат афзун намояд.

Дар моҳи июни соли 2011 сарбухгалтери ширкати "Зулол" муайян кард, ки дар натиҷаи ин сармоягузорӣ активҳои ҷорӣ 2 000 000 в.ш., активҳои дарозмуддат - 1 280 000 в.ш., ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат - 2 400 000 в.ш. ва ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва ғайр - 2 100 000 в.ш. -ро ташкил медиҳанд.

1. Пас аз таҳлили мазкур оё сарбухгалтерро зарур аст, ки мукотиботеро тартиб диҳад?
2. Агар тартиб диҳад, кадом мукотиботро?

*) Эзоҳ: Коэфитсиенти камтарини бозоргирии ҷорӣ талаботи маъмулӣ ҳангоми қарзгирист. Агар ин нишондиҳандаи ширкат аз минимуми талабшуда паст фуроянд, банк ҳуқуқи талаби фаврии пардохтро дорад. Гарчанде, ки банк ин гуна ҳуқуқро дорад, вай сараввал фаъолияти ширкатро омӯхта, сипас қарорро дар асоси таҳлили ширкат қабул мекунад. Дар ин ҳангом муносибати оядаи банк бо ин ширкат низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Супориши 11.**

1 июн ба ширкати «Моно» оиди барориши вомбарги меъёри номиналии фоизиаш 9% ба маблағи 50 000 в.ш. иҷозат дода шуд. Фоизҳо дар як сол ду маротиба: 1 июн ва 1 декабр пардохта мешаванд. Мукотиботро оиди инъикоси барориши вомбаргҳои ширкати «Моно» тартиб диҳед, агар:

а) вомбаргҳо 1 сентябр бо нархи 100 в.ш. барои ҳар як вомбарг бароварда шуданд;

б) вомбаргҳо 1 июн бо нархи 105 в.ш. барои ҳар як вомбарг бароварда шуданд.

**Супориши 12.**

1 апрели соли 2010 ширкати «Фазо» вомбаргҳоро ба мӯҳлати 10 сол бо нархи 10,60 в.ш. ба маблағи 53 000 в.ш. фурӯхт. Меъёри фоиз -9,0%. Фоизҳо дар як сол ду маротиба: 1 апрел ва 1 октябр пардохта мешаванд. Меъёри бозории фоиз – 8,5% аст. Давраи ҳисоботӣ 30 сентябр ба итмом мерасад.

Мукотиботро оиди инъикоси фурӯши ин вомбаргҳо, ҳисобкунии фоизҳо ва азҳисоббарории подош дар 30 сентябр, инчунин оиди инъикоси пардохти нахустини фоизӣ дар 1 октябр нишон диҳед. Усули фоизии азҳисоббарории подоши вомбаргиро истифода баред.

**Супориши 13.**

Ширкати «Аҷам» вомбаргҳоро ба маблағи 700 000 в.ш. бо ҳуқуқи пардохтнамоии пеш аз мӯҳлатии 8% баровард. Ҳангоми пардохт ширкат ӯҳдадор шуд, ки ин вомбаргҳоро бо нархи 104% аз арзиши ибтидоиашон харад. 1 сентябр, дарҳол пас аз инъикоси пардохти фоизии нимсола, тахфифи азҳисоббаровардашуда 21 000 в.ш.-ро ташкил дод. Дар ҳамин рӯз, вомбаргҳо ба маблағи 400 000 в.ш. аз муомилот бозгирифт карда шуданд.

Мукотиботро оиди бозгирифти вомбаргҳо дар 1 сентябр тартиб диҳед.

**Супориши 14.** Ширкати «Фариз» бо сохтмони объекте.ки аз се қисмат: бинои асосӣ, толори варзишӣ ва бинои ошхона иборат аст, машғул аст. Сохтмони ин объект ба таври зинагӣ ба охир расонида мешавад.

Арзиши умумии сметавии объект 900 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад.

Арзиши сметавии корпуси асосии сохташуда 60% -и арзиши умумии сметавии объектро ташкил медиҳад. Арзиши сметавии толори варзишӣ ва бинои ошхона 40%-и арзиши боқимондаи сметавиро ташкил медиҳад.

1 январи соли 2010 барои сохтмони ин объект ширкат аз бонк ба маблағи 500 000 в.ш. бо васиқаи 9% қарз гирифт.

Бинои асосӣ 31 марти соли 2010 ба истифода дода шуд .

Соли ҳисоботии ширкати «Фариз» 31 декабри соли 2010 ба охир мерасад.

**Талаб карда мешавад:**

1). Маблағи хароҷоти фоизиро, ки дар сохтмони бинои асосӣ истифода шудааст, ва бояд:

а) сармоя шавад;

б) ҳамчун хароҷоти давра эътироф гардад, муайян кунед;

2). Мукотиботи бухгалтериро оиди сармоягузориҳо тартиб диҳед.

Семоҳаи якуми соли 2010:

1. Арзиши умумии сметавии объект бо в.ш.:

2. Хароҷоти бо сохтмони бинои асосӣ дахлдор бо в.ш.:

3. Арзиши сметавии қисматҳои боқимондаи объект бо в.ш.:

4. Васиқа барои пардохт, %:

5. Харочоти қарзии сармояшаванда бо в.ш.:

6. Бузургии камтарин сармоя кунонида мешавад бо в.ш.:

7. Ҳамчун харочот эътироф мегардад бо в.ш.:

8. Навишти бухгалтерии сармоягузорӣ ба бинои асосӣ:

9. Навишти бухгалтерӣ оиди сармояшавии харочоти қарзӣ:

## Боби 15. Сармояи худӣ[1]

*Мақсади омӯзиш*
*Муайянкунии мафҳум ва тавсифи намудҳои сармоя*
*Тавсифномаи ширкат*
*Ҳисобгирии сармояи худӣ дар ширкат*
*Тақсимкунии фоида ва зарар дар ширкат*
*Барҳамдиҳии ширкат*
*Тавсифи иттиҳодия*
*Баҳисобгирии хароҷотҳои ташкилӣ*
*Сохтори сармояи худӣ*
*Баҳисобгирии бароришu саҳмия*
*Баҳисобгирии бозгирифти сармоя*
*Баҳисобгирии сармояи иловагӣ*
*Ҳисобот оиди тағирёбӣ дар таркиби сармояи саҳҳомӣ*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супоришот барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Баъди омӯхтани фасли мазкур, Шумо бояд:

- таърифи сармояи худиро дода тавонед;
- ширкатро тавсиф кунед;
- баҳисобгирии сармояи шариконро дар ширкат бурда тавонед;
- мукотиботи тақсимоти фоида ва зарарро дар ширкат нишон диҳед;
- баҳисобгирии барҳамдиҳии ширкатро бурдатавонед;
- фарқияти асосии бурдани баҳисобгирии сармояи худиро дар ширкат ва ҷамъияти саҳҳомӣ муайян карда тавонед;
- баҳисобгирии сармояи саҳҳомӣ ва бозгирифти сармояро дар иттиҳодияҳо нишон дода тавонед;
- ҳисобот оиди ҳаракати сармояи худиро тартиб дода тавонед;
- қисматҳои сармояи худиро тавсиф дода тавонед.

### Муайянкунии мафҳум ва тавсифи намудҳои сармоя

Истилоҳи «Сармоя» (фр. англ. capital ё equity, лат. Capitalis - асосӣ) дар маънои васеъ, ин ҳамаи он чӣ, ки имконияти овардани даромадро дорад, ё захираҳоест, ки инсон баҳри истеҳсоли молҳо ва хадамот офарида аст. Вай мафҳуми муҳимтарини иқтисодӣ мебошад.

Намудҳо (асосӣ, гардон, пулӣ) ва шаклҳои (истеҳсолӣ ва г.) гуногуни сармоя мавҷуданд.

Аз нуқтаи назари ҳисоботи молиявӣ пассивҳо (сарчашма) – и корхона ба сармояи худӣ ва қарзӣ тақсим мешаванд.

**Пассивҳо = Сармояи худӣ + Сармояи Қарзӣ**

Сармояи худӣ аз ҳисоби воситаҳои молкдорон ташкил ёфтааст. Миқдори сармояи худӣ аз натиҷаҳои фаъолияти молиявии корхона (даромад, зарар) вобаста буда, ҳамчун фарқи байни активҳо (ҳамаи боигарӣ) ва ӯҳдадориҳои корхона муайян мешавад:

**Сармояи худӣ = Активҳо – Ӯҳдадорӣ**

Сарчашмаҳои ташкилёбии сармояи худӣ:

- воситаҳои муассисон (сармояи оинномавӣ: сармояи ҷамъшаванда);
- фоидаи софи солҳои гузашта ва соли ҳисоботӣ бо тарҳи пардохти даромадҳо ва ҳаққусаҳмҳои муассисон;
- аъзоҳаққии беподоши муассисон, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- воситаҳои маблағгузории мақсадноки дар асоси бeподош гузошташуда.

Сармояи худӣ иборат аз:

- сармояи оинномавӣ (сармояи ҷамъшаванда) ё сармояи саҳмдорон дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;

---

[1] Боби мазкур аз рӯи китоби дарсии «Принципы бухгалтерского учета» тайёр карда шудааст, зеро мувофиқи барномаи тайёркунии бухгалтерони касбӣ омӯзиши ин масъалаҳо дар назар дошта шудааст. ( Эзоҳи М.А.)

- сармояи изофагӣ (баъзан «сармояи иловагӣ» ё «сармояи барилова пардохташуда» меноманд):
- фоидаи таксимнашуда;
- сармояи захиравӣ.

Ҳамаи сарчашмаҳои номбаршудаи сармояи худӣ ғайр аз сармояи иловагӣ, танҳо аз ҳисоби фоидаи корхона ташкил меёбанд.

***Тавсифномаи ширкат***

Ширкат – ин иттиҳоди ду ва ё зиёда шахсоне, ки фаъолияти тиҷоратиро ба сифати соҳибмулк бо мақсади бадастории фоида ё зиёдкунии боигарӣ ба роҳ мондаанд. *Нишонаҳои асосии фарққунандаи ширкат:*

- ♦ *интихоби ихтиёрии шарикон;*
- ♦ *таъсис додани ширкат бо роҳи бастани шартномаи муассисон, ки низомномаи асосиро оиди идоракунии ширкат, тақсимоти фоида, ӯҳдадории шарикон, пӯшонидани зарар, барҳамхӯрии ширкат ва г. муайян менамояд;*
- ♦ *ҷавобгарии якҷояи номаҳдуди шарикмулкон ба ҳамаи ӯҳдадориҳои ширкат;*
- ♦ *мӯҳлати маҳдудшудаи фаъолият;*
- ♦ *умумияти намояндагон, яъне, ҳар яке аз шарикон аз номи ширкат бароmад карда, шартнома баста метавонад, агар дигар нишондод дар шартномаи ширкат муқаррар нашуда бошад;*
- ♦ *соҳибикунии муштараки молу мулки ширкат.*

Ширкат бо хоҳиши иштирокчиён созмон дода шуда, дар чунин ҳолатҳо фаъолияти худро бозмедорад:

- бозхости ҳиссаи худ аз тарафи шарикон:
- муфлисшавии шарик;
- қобилияти ғайрикорӣ доштани шарик;
- фавти шарик;
- пайдо шудани шарики нав;
- гузаштани мӯҳлати амалкунии шартномаи ширкат.

**Баҳисобгирии сармояи худӣ дар ширкат**

Ҳисобгирии сармояи худӣ дар ширкат аз рӯи ҳисоби сармоягузорӣ ва бозгирифти сармояи ҳар як иштирокчии ширкат ва байни онҳо тақсим намудани фоида ба роҳ монда мешавад. Аз ин лиҳоз, дар фасли ҳисоботи балансии «Сармояи шарикон» алоҳида бақияи ҳар ҳисоб нишон дода мешавад.

Тартиби бароҳмонии ҳисобгирии сармояи худиро бо истифодаи мисоли зерин дида мебароем.

***Гузоштани сармоя.***

Активҳои гузоштаи шарикон дар асоси шартномаи муассисон аз рӯи нархи одилонаи бозории додани активҳо ба ширкат баҳо дода мешавад.

1 январи соли 2010 Карим ва Саид оиди таъсис додани ширкат аҳду паймон бастанд. Карим воситаҳои пулиро ба маблағи 15 000 в.ш. ва иншооти нархи одилонаи бозориаш 15000 в.ш.-ро гузошт. Саид ба маблағи 40 000 в.ш. воситаҳои пулӣ ва ба маблағи 20 000в.ш. таҷҳизоти гуногунро гузошт. Ин амалиётҳо дар ҳисобгирӣ чунин инъикос меёбанд:

1 январ

***Воситаҳои пулӣ* .......................................................*15 000***
***Бино*..................................................................*15 000***
***Сармояи Карим*.............................................................*30 000***

1 январ

***Воситаҳои пулӣ*.......................................................*40 000***
***Таҷҳизот* ...............................................................*20 000***
***Сармояи Саид*............................................................. *60 000***

Ширкат метавонад дар оянда ӯҳдадориҳои вобаста бо маблағгузориро қабул намояд.

Карим 1 маи соли 2010 барилова ба ширкат автомобилро бо арзиши 20000 в.ш. гузошт. Қарздории кредиторие, ки ба ин молу мулк дахл дорад, дар ҳаҷми 10 000 в.ш. ба ширкат қабул карда мешавад. Навиштаҷоти бухгалтерӣ оиди ин амалиёт:

1 май

*Автомобил...............................................................20 000*
*Васиқаҳо барои пардохт...........................................10 000*
*Сармояи Карим..............................................................10 000*

**Тақсимоти фоида ва зарар дар ширкат**

Фоида ва зарар дар ширкат байни шарикон бо тарзҳои гуногуни дар шартномаи муассисон нишон дода шуда тақсим карда мешавад.

Фоидаи ширкат чун қоида ба се қисм ҷудо мешавад:

(a) ҳаққусаҳми сармояи шарикон (ҳамчун фоизи сармояи гузошташуда);
(b) ҷуброни хадамоти аз тарафи шарикон иҷро шуда (ҳамчун музди меҳнати шарикон);
(c) фоидаи иловагии шарикон аз хавфи(риск) тиҷоратӣ.

Тақсимоти фоида ба се қисм имконияти муайянкунии андозаи саҳми шарикопро ба ширкат медиҳад.

*Усулҳои зерини тақсими фоида маълуманд:*
*(a) аз рӯи таносуби муқарраршуда;*
*(b) вобаста ба андозаи сармояи гузошташуда;*
*(c) вобаста ба андозаи ҳаққи хизмат ва фоизи сармоя аз рӯи таносуби муқарраршуда.*

Ин равияҳои тақсими фоидаро дида мебароем.

**(a) Усули таносуби муқарраршуда**

Вобаста ба хароҷоти меҳнативу ақлонии масрафшуда, фоида/зарари ширкат аз рӯи таносуби бо шартномаи муассисӣ муқарраршуда байни шарикон тақсим карда мешавад.

Фарз кардем, ки Карим ва Саид дар соли 2010 ба маблағи 60 000 в.ш. фоида гирифтанд. Аз рӯи шартномаи ширкат фоидаву зарар бо таносуби 50% ба 50% байни Карим ва Саид тақсим карда мешаванд.Навиштаҷоти бухгалтерӣ дар ин ҳангом чунин аст:

31 декабри соли 2010.

*Фоидаи ширкат......................................................60 000*
*Сармояи Саид..............................................................30 000*
*Сармояи Карим.............................................................30 000*

**(b) Усули вазни киёсии сармояи гузоштагашуда**

Дар ҳолат вобастагии андозаи фоида/зарари гирифташаванда аз сармояи ғузоштагашуда, фоида/зарар мувофиқи андозаи сармояи шарикон тақсим карда мешавад. Ду усули зерини тақсими фоида/зарар дар байни шарикон вуҷуд дорад:

(a) *Дар асоси бақияи ибтидоии аввали сол аз рӯи ҳисобҳои гузориши сармояи ҳар яке аз шарикон (бозгирифт ва сармоягузории иловагӣ ба назар гирифта намешавад)*:

31 декабри соли 2010.

*Фоидаи ширкат .......................................................60 000*
*Сармояи Саид ..................... ...........................................40 000*
*Сармояи Карим..............................................................20 000*

*(b) Дар асоси истифодабарии бақияи миёнаи солонаи ҳисобҳои гузориши сармоя:*

Вақте, ки хиссаи сармояи шарикон дар давоми сол тағйир меёбад, шарикон метавонанд фоида ва зарари ширкатро дар асоси хиссаи миёнаи ченкардашудаи сармояи ҳар як шарик тақсим намоянд.

Фарз кардем, ки 1 июли соли 2010 Саид 20 000 в.ш.-ро бозгирифт намуд, 1 августи соли 2010 Карим 25000 в.ш.-ро бозгирифт намуд. Ғайр аз ин 1 декабри соли 2010 Карим ба таври иловагӣ 45 000 в.ш.-ро ба сармояи ширкат гузошт. Ҳисобкунии сармояи миёнаи солона чунин сурат мегирад:

| Шарик | Давра (моҳ, сол) | Сармоя | Миқдори моҳҳо | Сармоя × моҳ | Сармояи миёна |
|---|---|---|---|---|---|
| Саид | 01.01 ÷ 06.01 | 60 000 | 6 | 360 000 | |
| | 06.01 ÷ 12.01 | 40 000 | 6 | 240 000 | |
| | | | 12 | 600 000 | 50 000 |
| Карим | 01.01 ÷ 04.01 | 30 000 | 4 | 120 000 | |
| | 05.01 ÷ 07.01 | 40 000 | 3 | 120 000 | |
| | 08.01 ÷ 11.01 | 15 000 | 4 | 60 000 | |
| | 12.01 | 60 000 | 1 | 60 000 | |
| | | | 12 | 360 000 | 30 000 |
| | | | **Ҳамагӣ, сармояи миёна** | | 80 000 |

Таносуби фоизии сармояи:

Саид = 50 000÷80 000 = 62.5%

Карим = 30 000÷80 000 = 37.5%

Навишти бухгалтерӣ оиди тақсимкунии фоида:

31 декабри соли 2010.

*Фоидаи ширкат..........................................................60 000*

*Сармояи Саид.............................................................37 500*

*Сармояи Карим........................................................... 22 500*

**(c) Усули баҳисобгирандаи музди меҳнати шарик, фоизи сармояи гузошташуда ва меъёри муқарраршуда**

Ҳангоми ҳиссагузории нобаробар, ширкат метавонад ҳаққи хизмат ва фоизи сармояи гузошташударо муқаррар кунад. Комбинатсияи онҳо ҳангоми тақсимкунии фоида ба ҳисоб гирифта мешавад. *Фоизҳо ва музди кор ҳамчун хароҷот то лаҳзаи муайянкунии фоида дида баромада намешаванд.*

Фарз кардем, ки Саид ва Карим қарор карданд, ки ҳар яке 20% аз сармояи гузошташудаи ибтидоӣ ва музди кори солона (Саид – 15 000 в.ш. ва Карим - 25 000 в.ш.) бигиранд.Фоида ё зарари боқимонда бояд баробар тақсим гардад. Фоидаи умумӣ 60 000 в.ш.-ро ташкил дод.

Маблағи манфии фоида пас аз тақсимкунӣ аз рӯи таносуби муқарраранамудаи шартнома пӯшонида мешавад. Айнан ҳамин хел муносибат ҳангоми зарар гирифтани ширкат ҷой дошта метавонад.

| | Шарикон | | Фоидаи тақсимшаванда |
|---|---|---|---|
| | **Саид** | **Карим** | |
| Фоида барои тақсимкунӣ | | | 60 000 |
| Тақсими музди меҳнат | 15 000 | 25 000 | 40 000 |
| Фоида пас аз тақсимкунии музди кор | | | 20 000 |
| Тақсими фоизи сармояи гузошташуда: | | | |
| Саид (60 000 × 20%) | 12 000 | | |
| Карим (30 000 × 20%) | | 6 000 | 18 000 |
| Маблағи фоида пас аз тақсими музди меҳнат ва фоиз | | | 2 000 |
| Тақсими баробари маблағи боқимонда | 1 000 | 1 000 | 2 500 |
| ҶАМЪ | 28 000 | 32 000 | 60 000 |

Навишти бухгалтерӣ оиди тақсимкунии фоида:

31 декабри соли 2010.

*Фоидаи ширкат..........................................................60 000*

*Сармояи Саид.............................................................28 000*

*Сармояи Карим...........................................................32 000*

***Пароқандакунии (азнавбақайдгирӣ) ширкат***

Дар ҳолати пайдошавии шарики нав бо розигии шарикони пештара ширкати нав ташкил карда мешавад. Ин маънои пароқандашавӣ ё азнавбақайдгирии ширкатро дорад. Шарики нав ба ширкат бо роҳҳои зерин қабул карда мешавад:

(1) бо роҳи хариди ҳиссаи сармояи як ё якчанд шарики пештара;

(2) бо роҳи гузориши сармоя ба ширкат.

**Хариди ҳиссаи сармояи шарик**

Саид қарор кард, ки қисми ҳиссаи худро дар андозаи 25 000 в.ш. ба маблағи 40 000 в.ш. ба Умед фурӯшад. Карим ба амали шарики худ Саид розист. Ин амалиёт дар ҳисобгирӣ ба таври зер қайд меёбад:

31 декабр.

*Сармояи Саид.........................................................25 000*

*Сармояи Умед...........................................................25 000*

**Гузориши сармоя ба ширкат**

Шарикон - Саид ва Карим розианд Умедро ба ширкат қабул кунанд агар ӯ 25 000 в.ш.-ро ба ширкат гузорад.

31 декабр.

*Воситаҳои пулӣ.........................................................25 000*

*Сармояи Умед...........................................................25 000*

**Мукофот ба шарикони пешина**

Шарикони пешина шарики навро ба аъзогии ширкат он гоҳ қабул ва андозаи ҳиссаи ӯро муайян мекунанд, агар он ба шарикони пешина мукофот диҳад. Агар усули тақсими мукофот дар шартнома муайян карда нашуда бошад, дар ин ҳолат мукофот мисли фоидаву зарар тақсим карда мешавад.

Фарз кардем, ки Умед хоҳиши гузоштани 100 000 в.ш.-ро ба ширкат дорад. Дар ин сурат ҳиссаи ӯ дар сармоя 80000 в.ш.-ро ташкил менамояд. Пули зиёдатӣ ба маблағи 20 000

в.ш. мукофот ба шарикони пешина аст. Фарз кардем, ки Саид ва Карим дар ширкат якчанд сол кор карданд ва бузургии сармояи онҳо ба таври зер аст:

| Шарик | Сармоя | Ҳисса |
|---|---|---|
| Саид | 160 000 | 55% |
| Карим | 140 000 | 45% |
| Ҷамъ | 300 000 | 100% |

Умед мехоҳад, ки ба ширкати мазкур ҳамроҳ шавад ва гузоштани 100000 в.ш.-ро дар 1 январ барои панҷяк ҳиссаи фоидаи гирифташаванда пешниҳод менамояд. Ҳисобкунии мукофот ба шарикони пешина чунин сурат мегирад:

Сармояи шарикони аввала ....... 300 000
Сармоягузории Умед....... 100 000
Сармояи ширкати нав ....... 400 000
Мукофот ба шарикони аввала:
Сармоягузории Умед....... 100 000
Тарҳ: Ҳиссаи сармояи Умед (400 000 × 1/5)....... 80 000 ......... 20 000
Тақсими мукофот:
Саид (20 000 × 55%)....... 11 000
Карим (20 000 × 45%) ....... 9 000 ......... 20 000

Ҳангоми бақайдгирии далели сармоягузории Умед навишти зерин ҷой дорад:
1 январ.

*Воситаҳои пулӣ.......100 000*
*Сармояи Саид.......11 000*
*Сармояи Карим....... 9 000*
*Сармояи Умед....... 80 000*

**Мукофот ба шарики нав**

Бо баъзе сабабҳо ширкат барои қабули шарики нав манфиатдор аст ва шарикони аввала розианд, ки қисми сармояи худро ҳамчун мукофот ба шарики нав бидиҳанд.

Фарз кардем, ки Саид ва Карим қарор карданд, ки Умедро ба ширкат ҳамроҳ кунанд. Умед розӣ аст, ки 60 000 в.ш. гузорад, лекин мехоҳад, ки ¼ қисми сармояи ширкат азони ӯ бошад. Ҳисобкунии мукофот ба Умед:

Сармояи Саид ....... 160 000
Сармояи Карим ....... 140 000
Гузориши Умед......... 60 000
Сармояи ширкати нав ....... 360 000
Мукофот ба Умед:
Ҳиссаи сармояи Умед (360 000 × ¼)....... 90 000
Гузориши Умед....... 60 000 ......... 30 000
Тақсимкунии мукофот:
Саид (30 000 × 55%)....... 16 500
Карим (30 000 × 45%) ....... 13 500 ......... 30 000

Ҳангоми азнавбақайдгирии ширкат бо сабаби ҳамроҳшавии Умед ба он чунин навишти бухгалтерӣ тартиб дода мешавад:
1 январ.

*Воситаҳои пулӣ.......60 000*
*Сармояи Саид.......16 500*
*Сармояи Карим.......13 500*
*Сармояи Умед....... 90 000*

**Барҳамдиҳии ширкат**

Барҳамдиҳии ширкат - ин ҷараёни қатъ намоии фаъолияти хоҷагии корхона буда, дар худ фурӯши қисми активҳои он, ки барои пӯшонидани ҳамаи ӯҳдадориҳо кофист, ва тақсими қисми боқимондаи активҳоро дар байни шарикон дарбар мегирад. Дар афзалият аз азнавбақайдгирӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ фаъолияти хоҷагӣ қатъ мегардад. Давраи баҳисобгирӣ ба анҷом расида, фоида ё зарар муайян карда мешавад, ки он дар байни шарикон мувофиқи шартнома тақсим мегардад. Дар ҳолатҳои гуногун барҳамдиҳии ширкат ба натиҷаҳои зерини молиявӣ оварда мерасонад:

a) фурӯши активҳо бо фоида;
b) фурӯши активҳо бо зарар, ва ин зарар аз ҳисоби сармояи шарикон пӯшонида мешавад;
c) фурӯши активҳо бо зарар, аммо барои пӯшонидани он сармояи шарикон кифоятӣ намекунад.

Фарз кардем, ки давраи баҳисобгирии ширкати «Said & Co» ба анҷом расид ва баланси он чунин аст:

*Воситаҳои пулӣ……………………………………………………15 000*
*Сармояи Умед…………………………………………………… 15 000*
*Сармояи Саид……………………………………………………25 000*
*Сармояи Карим……………………………………………………20 000*
*Воситаҳои пулӣ…………………………………………………… 45 000*

Агар Умед имконияти гузаронидани 15 000в.ш.-ро надошта бошад, онгох шарикони дигар бояд ҳиссаи зарари ӯро байни худ мувофиқи таносуби муқарраршуда тақсим намоянд. Таносуби Саид ва Карим 0,3 ва 0,3 буд, аз ин рӯ ҳар яке онҳо бояд 50%-и зарари Умедро пӯшонад.

10 январ

*Сармояи Саид……………………………………………………7 500*
*Сармояи Карим……………………………………………………7 500*
*Сармояи Умед…………………………………………………… 15 000*
*Сармояи Саид……………………………………………………17 500*
*Сармояи Карим……………………………………………………12 500*
*Воситаҳои пулӣ…………………………………………………… 30 000*

Қобилияти пӯшонида натавонистани ҳиссаи зарари худ Умедро аз масъулият оиди ӯҳдадорӣ дар назди Саид ва Карим озод намекунад.

**Тавсифи иттиҳодия**

Иттиҳодия – ин шахси ҳуқуқиест, ки мустақил аз муассисон – соҳибмулкон фаъолият мебарад.

Саҳҳомон(мулкдорон) ҳуқуқи идоракунии иттиҳодияро ба Шӯрои директорон медиҳанд, он аз ҷониби худ ин ҳуқуқро ба дирексияи иҷроия (маъмурият-и копроатсия медиҳанд.

Ташкили фаъолияти иттиҳодия ба таври зер сурат мегирад[2]:

Саҳҳомон ба ширкат тавассути хариди саҳмияҳо сармоягузорӣ намуда, Шӯрои директоронро интихоб мекунанд. → Шӯрои директорон сиёсати ширкатро муайян намуда, ҳаққусаҳм эълон мекунад ва маъмуриятро киро мекунад. → Маъмурият сиёсати ширкатро татбиқ намуда, идоракунии ҳамарӯзаи онро ба амал мебарорад.

*Тавсифномаҳои тафовутноки* иттиҳодия:

- *Мулкдорон дар идоракунии иттиҳодия тавассути интихоби Шӯрои директорон ва овоздеҳӣ ҳангоми танзими масъалаҳо дар маҷлисҳои умумӣ иштирок мекунанд;*
- *Шӯрои директорон, ки бо идоракунии умумии фаъолияти ширкат машғул аст, аз ҳисоби шахсони мансабдори иттиҳодия ва якчанд ашхоси беруна, аз ҷумла, аудиторони аз болои пешбурди ҳолисонаи фаъолияти Шӯрои директорон назораткунанда созмон дода мешавад;*
- *Маъмурияти иттиҳодия, ки аз ҷониби Шӯрои директорон киро карда мешавад, фаъолияти ҷории вайро ба амал бароварда, дар назди ҳамаи истифодабарандагон тавассути ҳисоботи молиявии ҳарсола нашршаванда ҳисобот медиҳад.*

Иттиҳодияҳо аз мулкдорони хусусӣ ва ширкат бо чунин афзалиятҳо фарқ мекунанд:

- мавҷудияти қонуникардашудаи мустақилона;
- масъулияти маҳдуд, яъне соҳибмулкон барои қарзҳои корпоратсия ҷавобгар нестанд ва баръакс;
- озодии ҷамъкунии (генерация) сармоя;
- мустақилият аз масъулияти муттафиқона;
- мавҷудияти дарозмуддат;
- марказонидани идоракунӣ ва масъулият;
- идоракунии касбӣ.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки иттиҳодия баробари афзалиятҳои номбаршуда боз камбудиҳоро ба мисли танзими давлатӣ, андозбандии баланд ва масъулияти маҳдуд дорад.

**Баҳисобгирии харочоти ташкилӣ**

Харочоти ҳангоми ташкилшавонии иттиҳодия бамаламада ҳамчун харочоти ташкилӣ(organization costs) маълум аст. Ба харочоти ташкилӣ – боҷи давлатӣ, харочоти қайди ҳуқуқӣ, харочоти тайёркунии ҳуҷҷатҳои муассисӣ, инчунин ҳаққи хизмат ба ашхоси ба ташкилёбии иттиҳодия мусоидаткунанда дохил мешаванд. Азбаски харочоти ташкилӣ худро

[2] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета/ Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д.Колдуэлл: Пер. с англ. /Под ред. Я. В. Соколова, -2-е изд., стереотип. – М.: Финансы и статистика, 2008. -496с. стр. 258

пӯшонида. даромадро дар тамоми муддати мавҷудияти иттиҳодия меоранд (бе онҳо иттиҳодия вуҷуд дошта наметавонад), онҳоро ҳамчун активҳои ғайримоддӣ сармоя гардонида дар давоми якчанд сол истеҳлок мекунанд. Чун қоида, истеҳлоки хароҷоти ташкилӣ на зиёда аз 5 сол тӯл мекашад. Мисоли баҳисобгирии хароҷоти ташкилиро дида мебароем:

**Мисоли 1.** Иттиҳодия 13 000 в.ш.-ро ба ҳуқуқшиносе барои расонидани хизмат дар ҷараёни тайёркунии ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пардохт намуд. Амалиёти мазкур дар ҳисобгирӣ чунин акс меёбад:

***Хароҷоти ташкилӣ*....................................................*13 000***

***Воситаҳои пулӣ*.................................................................... *13 000***

Қайди истеҳлоки хароҷоти ташкилӣ дар соли якум:

***Истеҳлоки хароҷоти ташкилӣ*.....................................*2 600***

***Хароҷоти ташкилӣ*..................................................................... *2 600***

## Сохтори сармояи худӣ

*Фарқи асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ дар иттиҳодияҳо (ҷамъиятҳои саҳҳомӣ) аз хоҷагиҳои хусусӣ ва ширкат дар ҳисобгирии сармоя аст.* Дар баланси иттиҳодия сармояи соҳибмулкон дар қисмати «Сармояи саҳҳомӣ», ки аз моддаҳои зерин иборат аст, нишон дода мешавад:

**Сармояи саҳҳомӣ**

**Сармояи гузошташуда**

Саҳмияҳои имтиёзнок –
арзиши номиналӣ 50в.ш.,
1 000 дона, барои бароориш иҷозатдодашуда
ва бароварда шуда.................................................................................. .........50 000

Саҳмияҳои одӣ
арзиши номиналӣ 5в.ш.,
иҷозат барои барориши 30 000 саҳмия,
20 000 саҳмия бароварда шудааст ...............................................100 000

Сармояи зиёда аз номинал гузошташуда ............................50 000 ........150 000

**Ҷамъ, сармояи гузошташуда ................................................................... ........200 000**

Фондҳи тақсимнашуда........................................................................... ..........60 000

**Ҳамагӣ сармояи саҳҳомӣ ....................................................................... ........260 000**

**Расми №11. Сохтори сармояи худии иттиҳодия**




## Баҳисобгирии барориши саҳмияҳо

Воҳиди моликият дар иттиҳодияҳо ин саҳмия аст. Дорандаи саҳмия шаҳодатномаи саҳҳомиро мегирад, ки он ҳиссаи саҳми ин саҳҳомро тасдиқ менамояд.

Дар оинномаи иттиҳодия миқдори зиёдтарини саҳмияҳои барои бароориш иҷозатдодашуда нишон дода мешавад.

Одатан, иттиҳодияҳо барои барориши миқдори зиёдтари саҳмияҳо назар ба миқдори лозима ҳангоми бунёдшавии худ иҷозат мегиранд. Ин ҳама ба иттиҳодия имконияти ҷалби сармояи иловагиро бо роҳи барориши саҳмия медиҳад.

*Саҳмияҳо баровардашуда* номида мешаванд, агар онҳо фурӯхта ё бо роҳи дигар дастраси саҳҳомон гардида шуда бошанд. Мисол, ба иттиҳодия барои барориши 10 000 саҳмия иҷозат дода

шуда буд, вале дар лаҳзаи кушодашавии иттиҳодия 8 000 саҳмия фурӯхта шуд. Ин 8 000 саҳмия дар худ саҳмияҳои баровардашударо ифода мекунанд. Ба дорандагони ин саҳмияҳо 100% -и моликияти ҷамъияти саҳҳомӣ дахл дорад. Боқимонда 2 000 саҳмия *баровардаиошуда* ҳисобида мешаванд. Онҳо ягон ҳуқуке ё имтиёзеро намедиҳанд.

*Саҳмияҳо даврзананда* ҳисобида мешаванд агар онҳо бароварда шуда дар муомилот бошанд. Саҳмия даврзанада нест, агар онро корхона-интишоргар бозхарид намудааст, ё, саҳҳом баргардонидааст. Саҳмияҳои баровардашудае, ки бозхарид шуда дар ихтиёри корхонаанд, саҳмияҳои *бозхаридшуда ё бозгирифташуда* номида мешаванд.

Корхона ҳуқуқи бароришн ду намуд саҳмия - *оддӣ* ва *имтиёзнок*ро дорад. Агар корхона як намуди саҳмияро бароварда бошад, он оддӣ аст. Маҷмӯаи ин саҳмияҳоро *сармояи бақиявӣ* меноманд. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати барҳамдиҳии ширкат аввал кредиторон ва дорандагони саҳмияҳои имтиёзнок даъвоҳои худро ба моликияти корхона қонеъ намуда, пас аз он талаботи дорандагони саҳмияҳои оддӣ дида баромада мешаванд.

*Саҳмияҳои имтиёзнок нисбат ба саҳмияҳои оддӣ як қатор* афзалиятҳоро ба мисоли: бартарӣ ҳангоми пардохти ҳаққусаҳм, бартарӣ ҳангоми тақсими воситаҳои корхонаи барҳамдодашаванда, бозгардандагӣ ва ғайрибозгардандагӣ, опсион ва ғ. доранд. Саҳмияҳои имтиёзнок дар афзалият аз саҳмияҳои оддӣ ҳуқуқи овозро намедиҳанд.

**Арзиши номиналии саҳмия** ин маблағе, ки дар ҳисобҳои саҳмияҳо акс ёфта, сармояи саҳҳомии иттиҳодияро ташкил менамояд.

Иттиҳодияҳо он гоҳ ҳаққусаҳм эълон карда наметавонанд, агар он сармояи саҳҳомиро назар ба сармояи оиннномавӣ камтар намояд. Аз ин рӯ, номинал ин ҳамон қисми камтарини сармоя аст, ки пардохти даъвои кредиторонро кафолат медиҳад. Ҳама гуна маблағи зиёда аз арзиши номиналӣ ҳангоми фурӯши саҳмияҳо гирифташуда дар ҳисоби «Сармояи иловагӣ пардохтшуда» қайд гардида, қисми сармояи гузоштанудаи ширкатро ташкил менамояд.

**a) Фурӯши саҳмияҳо аз рӯи арзиши номиналӣ**

Мисоли **2.** Ба иттиҳодияи «Мираж» барои барориши 20 000 саҳмияи оддии арзиши номиналиашон 5 в.ш. иҷозат дода шудааст. Ин маълумот пурра бо ҳуҷҷатҳои муассисӣ мувофиқат мекунад. 1 январ «Мираж» 10 000 саҳмияро бо арзиши номиналӣ мефурӯшад.

1 январ

***Воситаҳои пулӣ*........................................................*50 000***

***Саҳмияҳои оддӣ*............................................................ *50 000***

**b) Фурӯши саҳмияҳо бо нархи бозорӣ**

Агар дурнома ва потенсиали корхона мусбӣ ҳисобида шавад, роҳбарият метавонад оиди барориши саҳмияҳои иловагӣ бо подош қарор қабул кунад. Ин ҳолат бо ширкати саҳмияҳояш дар бозори фаъол баҳододашаванда(котировка), вақте, ки нархи бозории саҳмияҳо аз арзиши номиналӣ баланд аст, ҷой дошта метавонад.

Тасаввур мекунем, ки 1000 дона саҳмияҳои оддии ширкати «Мираж» бо нархи 10 в.ш. барои як саҳмия 1 март фурӯхта шуданд.

1 март

***Воситаҳои пулӣ*..........................................................*10 000***

***Саҳмияҳои оддӣ* ..........................................................*5 000***

***Сармояи иловагӣ пардохтшуда*...........................................*5 000***

Маблағи охирин қисми сармояи гузошташуда аст. Ҳисоби сармояи иловагӣ пардохтшуда барои тақсимот дар байни саҳҳомон хамчун ҳаққусаҳм тақсим карда намешавад. Бо ибораи дигар, пас аз гирифтани муодили пулии даромади интишорӣ, он зери ихтиёри ширкат мемонад.

Дар балансн иттиҳодияи «Мираж» қисмати «Сармояи саҳҳомӣ» чунин намуд дорад:

**Сармояи саҳҳомӣ**

**Сармояи гузошташуда**

Саҳмияҳои имтиёзнок ................................................................................0

Саҳмияҳои оддӣ

арзиши номиналӣ - 5в.ш.,

иҷозат барои барориши 20 000 саҳмия.

бароварда шудааст - 11 000 саҳмия .............................................. 55 000

Сармояи зиёда аз номинал гузошташуда.... ........................... 5 000 ......... 60 000

**Ҷамъ, сармояи гузошташуда ........................................................ ......... 60 000**

Фоидаи тақсимнашуда ................................................................................ -

**Ҳамагӣ, сармояи саҳҳомӣ ............................................................... ......... 60 000**

**c) Барориши саҳмияҳо ба ивази активҳои ғайрипулӣ**

Аксар вақт саҳмияҳо бар ивази моликияти ғайрипулӣ ё хадамот бароварда мешаванд. Дар ин ҳолат муаммои зерин ба миён меояд: ин гуна гузоришро чӣ тавр бо баҳои пулӣ инъикос намуд. Мувофиқи СБҲМ, дар ин гуна ҳолат амалиёт ё бо нархи бозории актив, ё бо нархи бозории саҳмия вобаста ба он, ки кадоме аз онҳо ба таври беғаразона ва бовариноктар баҳо дода мешаванд, инъикос мегардад.

**Мисоли 3.** Ҳангоми ташкилшавии иттиҳодияи «Мираж», Шӯрои директорон барои харҷи 100 дона саҳмия бо мақсади пардохти хадамоти ба ширкат расонидашуда розӣ шуд.Дар лаҳзаи барориши саҳмияҳо нархи бозориашон маълум набуд. Аммо, мувофиқи супоришҳои монанд, хадамоти ба ширкат расонидашуда 1 500 в.ш. арзиш дошт. Аз ин рӯ, навишти бухгалтерӣ чунин сурат мегирад:

1 январ

*Хароҷоти ташкилӣ.....................................................1 500*

*Саҳмияҳои оддӣ...................................................................500*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда..........................................1 000*

Фарз кардем, ки корхона пас аз ду сол 1 000 дона саҳмияҳои худро бо қитъаи замин иваз намуд. Дар лаҳзаи ивазкунӣ саҳмия дар бозор 25 в.ш. нарх дошт, аммо нархи замин аниқ набуд. Дар ин ҳолат навишти зерини бухгалтерӣ ҷой дорад:

10 январ

*Замин...................................................................25 000*

*Саҳмияҳои оддӣ ...........................................................5 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда...........................................20 000*

**d) Опсион**

Опсион ин аҳдномаи байни маъмурияти корхона ва хизматчиёни он оиди пахнкунии саҳмияҳо дар байни кормандон бо шароитҳои муайяни имтиёзнок аст. Имтиёз асосан дар он аст, ки саҳмияҳо ба кормандон бо нархи наздиктар ба нархи бозорӣ дар рӯзи фурӯш дода мешаванд.

**Мисоли 4.** Иттиҳодия 1 июли соли 2007 кормандони дастгоҳи идоракуниро бо ҳуқуқи харидм 5000 саҳмияи оддӣ бо нархи бозории ин сана – 15 в.ш. мукофотонид. Ноибраис аз ин ҳуқуки опсион истифода бурда, 30 марти соли 2008 100 дона саҳмияро бо нархи бозории ин сана 20в.ш. харид. Навишти баҳисобгирӣ дар ин маврид чунин аст:

30 март

*Воситаҳои пулӣ.....................................................15 000*

*Саҳмияҳои оддӣ ...........................................................5 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда..........................................10 000*

Новобаста ба он, ки ноибраис 5 000 в.ш. мукофотро кор амалан соҳиб шуд(нархи бозорӣ 20 000 15 000), ягон хел мукофотдиҳӣ аз ҷониби бухгалтерия қайд намегардад.

**e) Ҳаққусаҳм**

Ҳаққусаҳм – ин қисми даромади соф аст, ки бояд дар байни саҳҳомон тақсим гардад.

Ҳангоми эълони ҳаққусаҳми зиёда аз фоидаи тақсимношуда, ширкат мазмунан ба саҳҳомон қисми сармояи гузоштаи онҳоро мепардозад. Ин ҳаққусаҳм *барҳамдеҳӣ* номида шуд, одатан ҳангоми қатъи фаъолият ё ихтисори ҳаҷми амалиёт пардохт мегардад.

Бо пардохти ҳаққусаҳм се санаи муҳим алоқамандӣ дорад:

(1) санаи эълони ҳаққусаҳм,
(2) санаи бақайдгирии дорандагони саҳмия,
(3) санаи пардохти ҳаққусаҳм.

Санаи якум – санаи эълони расмӣ аз ҷониби Шӯрои директорон оиди пардохти ҳаққусаҳм: санаи дуюм санаи муайянкунии дорандагони саҳмияҳо, ки ҳуқуқи гирифтани ҳаққусаҳмро доранд.

Ҳаққусаҳмҳо танҳо ба он саҳҳомон пардохта мешаванд, ки дар лаҳзаи бақайдгирӣ дар дасти худ саҳмияҳоро доштанд. Пас аз ин сана саҳмия ҳуқукро ба ҳаққусаҳм гум мекунад, яъне агар саҳҳом саҳмияҳои худро пас аз бақайдгирӣ бифурӯшад, ҳуқуқи гирифтани ҳаққусаҳми эълоншуда ба соҳиби нав намегузарад.

Санаи сеюм санаи пардохти ҳаққусаҳм ба саҳҳомон аст.

**Мисоли 5.** Шӯрои директорон оиди пардохти ҳаққусаҳм ба маблағи 20 000в.ш.қарор кард. Оиди ин амал 21 феврал эълон карда шуд. 31 март ба саҳҳомони дар санаи 10 март бақайдгирифташуда ҳаққусаҳм пардохта шуд. Навиштаҷоти бухгалтерӣ аз рӯи санаҳо:

21 феврал

*Ҳаққусаҳми эълоншуда..................................................20 000*

*Ҳаққусаҳм барои пардохт.................................................. 20 000*

10 март

*Навишти бухгалтерӣ лозим нест*

31 март

*Ҳаққусаҳм барои пардохт ...............................................20 000*

*Воситаҳои пулӣ.......................................................... 20 000*

**Баҳисобгирии бозгирифти сармоя**

**а) Бозхариди саҳмияҳо**

Иттиҳодия бо қарори маҷлиси умумии саҳҳомон ҳуқуқи кам кардании сармояи оинномавиро (аммо, на камтар аз андозаи камтарини муқаррарнамудаи қонунгузорӣ) бо роҳи бозхариди қисми саҳмияҳо таи мақсади ихтисори миқдори онҳо дорад. Иттиҳодия бояд дар ин бора ҳатман ба кредиторон хабар диҳад, ва дар ин маврид, кредиторон ҳақ доранд иҷроиши пешазмӯҳлатӣ ё қатъи ӯҳдадориҳои ҷамъият ва ҷуброни зарарро талаб намоянд. Саҳмияҳои бозхаридшуда ба таври такрорӣ метавонанд бароварда шаванд.

**Мисоли 6.** Иттиҳодияи «Мираж» қарорро оиди бозхариди 2 000 саҳмия бо арзиши номиналӣ қабул кард:

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда..................................10 000*

*Воситаҳои пулӣ............................................................... 10 000*

**b) Фурӯши саҳмияҳои бозгирифтшуда**

(a) арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозхаридшуда баробари арзиши номиналии онҳост:

*Воситаҳои пулӣ ......................................................10 000*

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда......................................... 10 000*

(b) арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозхаридшуда пасттар арзиши номиналии онҳост:

Фарз кардем, ки корпоратсияи «Мираж» саҳмияҳои бозхаридшударо бо нархи 2.50 в.ш. барои як саҳмия фурӯхт:

*Воситаҳои пулӣ ......................................................5 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда ...................................5 000*

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда......................................... 10 000*

Агар сармояи иловагӣ пардохтшуда кофӣ набошад, ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» дебитонида мешавад.

(c) арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозхаридшуда баландтар арзиши номиналии онҳост:

Фарз кардем, ки иттиҳодияи «Мираж» саҳмияҳои бозхаридшударо бо нархи 7,50 в.ш. барои як саҳмия фурӯхт:

*Воситаҳои пулӣ ....................................................15 000*

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда....................................... 10 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда.......................................... 5 000*

**c) Бозгирифти саҳмияҳои бозхаридшуда**

(a) арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозхаридшуда аз арзиши ҷойгирнамоии аввала паст аст:

Фарз кардем, ки арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозгирифтшуда 10 000в.ш.-ро ташкил медиҳад ва арзиши ҷойгиркунии аввала баробари 20 000в.ш. аст.

*Саҳмияҳои оддӣ....................................................20 000*

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда..................................... 10 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда........................................ 10 000*

(б) арзиши ҳақиқии саҳмияҳои бозхаридшуда аз арзиши ҷойгирнамоии аввала баланд аст:

Арзиши борориши аввала 10 000в.ш., арзиши ҳақиқӣ – 20 000в.ш.

*Саҳмияҳои оддӣ ....................................................10 000*

*Сармояи иловагӣ пардохтшуда....................................10 000*

*Саҳмияҳои худии бозхаридшуда....................................... 20 000*

Агар сармояи иловагӣ пардохтшуда барои пӯшонидани маблағи зиёдатии арзиши ҳақиқӣ аз арзиши бороришии аввала кофӣ набошад, ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» дебитонида мешавад.

**Баҳисобгирии сармояи иловагӣ**

***Сармояи иловагӣ пардохтшуда*** – ин ҳиссаи зиёдатии арзиши бороришии саҳмияҳо бар арзиши номиналии онҳост.

***Сармояи иловагии пардохтношуда(Сармояи изофавӣ) аз азнавбаҳодиҳии сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ*** – ин ҳолати зиёдатии арзиши азнавбаҳододашудаи сармоягузориҳо ва воситаҳои асосӣ бар арзиши ибтидоии онҳоро мефаҳмонад.

***Фоидаи тақсимношуда*** – яке аз қисматҳои таркибии сармояи худии корхона аст. Бузургии фоидаи тақсимношуда баробари маблағи фоидаи корхона мебошад, ки аз лаҳзаи бунёдёбии он бо тарҳи ҳама гуна зарар, пардохтҳои ҳаққусаҳм ва фоидаи ба сармояи гузошташуда табдилёбанда баробар аст.

***Сармояи захиравӣ*** – қисми воситаҳои худии ҷамъияти саҳҳомӣ ё ширкати хоҷагидорист, ки аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда бунёд мегардад. Сармояи захиравӣ барои пӯшонидани зарар аз фаъолияти амалиётӣ ва/ё пардохти ҳаққусаҳм дар ҳолати нокифоятии фоидаи соф истифода мешавад. Тартиби истифодабарӣ ва бунёди сармояи захиравиро конунгузории амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои муассисӣ муайян мекунанд.

Ҳангоми бунёди сармояи захиравӣ ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» дебитонида шуда, ҳисоби «Сармояи захиравӣ» кредитонида мешавад.

Истифодабарии воситаҳои сармояи захиравӣ бо навиштаҷотҳо бо дебети ҳисоби сармояи захиравӣ ва кредити ҳисобҳои зерин акс мегардад:

- Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи саҳмияҳо – ба маблағи ҳаққусаҳми бо қарори муассисон аз ҳисоби сармояи захиравӣ пардохташаванда;
- Фоидаи тақсимношудаи (Зарари пӯшониданошудаи) соли ҳисоботӣ/солҳои гузашта – ба маблағи зарари аз ҳисоби воситаҳои сармояи захиравӣ пӯшонидашаванда.

**Ҳисобот оиди тағйирёбӣ дар таркиби сармояи саҳҳомӣ**

Ҳисобот оиди ҳаракати сармояи саҳҳомӣ (statement of stockholder's equity) тағйиротро дар сармояи саҳҳомӣ нишон медиҳад. Ин ҳисобот бо таври зер пешниҳод мегардад:

**Сармояи саҳҳомӣ**

**Сармояи гузоштшуда(авансиронидашуда)**

| | | |
|---|---|---|
| Саҳмияҳои имтиёзнок – арзиши номиналӣ 50в.ш.. ........................................ | | ..........50 000 |
| Саҳмияҳои оддӣ – арзиши номиналӣ 5в.ш…. .................................... | 100 000 | |
| Сармояи иловагӣ пардохтшуда .............................................. | 50 000 | ........150 000 |
| **Ҳамагӣ, сармояи гузоштшуда** .......................................................................... | | **........200 000** |
| Фоидаи тақсимношуда ....................................................................................... | | ..........60 000 |
| **Ҳамагӣ, сармояи гузоштшуда ва фоидаи тақсимношуда** .................................. | | **........260 000** |
| Тарҳи: Саҳмияҳои худии бозхаридшуда ................. ........................................ | | ..........20 000 |
| **Ҷамъ сармояи саҳҳомӣ** ...................................................................................... | | **........220 000** |

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Финансовый учет. Часть1 и 2. Учебное пособие. Алматы, 1999.
7. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова М: ЮНИТИ, 1999. 663с.
8. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М.: Финансы и статистика. 1997. – 496с.


**Супоришот барои худсанҷӣ**

1. Иттиҳодияи «Осор» соли 2000 ташкил гардид. Ба иттиҳодия барои барориши 20000 дона саҳмияҳои оддӣ бо нархи 25в.ш. барои ҳар як саҳмия ва 5 000 дона саҳмияҳои имтиёзноки 8%-и ғайриғуншаванда иҷозат дода шуд. Дар 1 март ширкат 10 000 саҳмияи оддиро бо нархи 40в.ш. барои як саҳмия ва 4 000 саҳмияи имтиёзнокро бо нархи 100 в.ш. барои як саҳмия фурӯхт.

***Талаб карда мешавад:***

a) Мукотиботро оиди инъикоси фурӯши саҳмияҳо тартиб диҳед.
b) Дарҳол пас аз барориши саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзнок қисмати «Сармояи саҳҳомӣ»-и балансро тартиб диҳед.

2. Ба иттиҳодияи «Амир» барои баровардани 20 000 саҳмияи оддӣ аз рӯи арзиши номиналӣ- 25в.ш. иҷозат дода шуд. Ҳамагӣ 15 000 саҳмия бароварда шуд. Аз онҳо 12 000 саҳмия фурӯхта шуд. 1 июл Шӯрои директорон ҳаққусаҳми пулиро дар андозаи 2в.ш. барои ҳар як саҳмия эълон намуд. Ҳаққусаҳм бояд 1 август пардохта шавад. Санаи бақайдгирии саҳҳомон – 20 июл аст. Аз рӯи амалиёти мазкур мукотиботро тартиб диҳед.
3. Иттиҳодияи «Денилсон» дар соли 2000 ташкил гардид. Дар ҷараёни бунёди иттиҳодия хароҷоти зерин ба амал омад:

a) ҳаққи хизмати адвокат: арзиши бозории хизмати ӯ- 500в.ш.. ба адвокат 80 саҳмияи оддӣ бо арзиши номиналии 5в.ш. барои ҳар як саҳмия ҳамчун пардохти ҳаққи хизмат дода шуд;
b) пардохти бақайдгирӣ ба давлат – 1 000в.ш.:
c) бухгалтер розӣ шуд, ки 100 дона саҳмияи арзиши номиналиаш 5в.ш.-ро ба ивази хизмати расондааш, ки 600 в.ш. арзиш дорад, қабул кунад.

***Талаб карда мешавад:*** Мукотиботи зарурираро барои инъикоси ин амалиётҳо тайёр кунед. Таҷдиди хароҷоти ташкилиро барои соли якум бо назардошти он, ки иттиҳодия ин хароҷоти ташкилиро дар давоми панҷ сол аз ҳисоб бароварданист, ҳисоб кунед.

4. Иттиҳодияи «Фарас» 1 000 саҳмияи оддии арзиши номиналиашон 25в.ш. –бударо барои пардохти арзиши хариди замин баровард. Арзиши одилонаи бозории замин – 28 000в.ш. аст. Мукотиботи зарурираро оиди инъикоси амалиёти мазкур бо назардошти ҳолатҳои зерин тайёр кунед:

a) дар рӯзи бастани шартнома саҳмияҳо бо нархи 30в.ш. барои як саҳмия ба фурӯш мерафтанд;
b) маъмурият кӯшиши баҳодиҳии арзиши саҳмияҳоро пеш гирифт вале бенатиҷа.

5. Амалиёти зеринро барои иттиҳодияи «Амн» инъикос кунед: Менеҷери иттиҳодия опсионро барои хариди 5 000 саҳмияи арзиши номиналиашон – 10 в.ш. буда бо нархи опсионии 15 в.ш. истифода бурд. Нархи бозории саҳмия дар рӯзи бастани аҳднома 15в.ш. ва дар рӯзи баамалбарории он 20 в.ш.-ро ташкил дод.

## Боби 16. Фоидаи тақсимношуда ва ҳисобот оиди фоида ва зарар дар ҷамъияти саҳҳомӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Таърифи фоидаи тақсимношуда*
*Амалиёти ба фоидаи тақсимношуда таъсир расонанда*
*Маҳдудиятҳои фоидаи тақсимношуда*
*Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар ҷамъияти саҳҳомӣ*
*Кушоиши ахборот*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Супориш барои худсанҷӣ*

**Мақсади омӯзиш**

Пас аз омӯзиши боби мазкур Шумо бояд қобилияти:

- додани таърифи фоидаи тақсимношуда;
- тартиби ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда;
- додани таърифи ҳаққуссаҳм;
- бурдани баҳисобгирии фоидаи тақсимношуда ва амалиётҳои вобаста бо ҳаққуссаҳм;
- бурдани баҳисобгирии маблағҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда;
- бурдани баҳисобгирии амалиёти ба фоидаи тақсимношуда таъсир расонанда;
- тавсифи маҳдудиятҳои фоидаи тақсимношуда;
- тартиби ҳисобот оиди фоида ва зарар, тавсифи қисмҳои (унсурҳои) асосии он;
- тавсифи ҳодисаҳои шартӣ, минбаъда ва фавқулодда, муайянкунии таъсири онҳоро ба ҳисоботи молиявӣ;
- муайянкунии таъсири тағйироти қурби арзӣ ба ҳисоботи молиявӣ;
- баамалбарории навиштҳои бухгалтериро барои инъикоси зарари фавқулодда ва фарқияти қурбӣ;
- баамалбарории кушоиши ахборотро дошта бошед.

**Таърифи фоидаи тақсимношуда**

Таркиби сармояи худии ширкатҳои саҳҳомӣ аз ду ҳиссаи асосӣ иборат аст:

- ♦ сармояи гузошташуда;
- ♦ фоидаи тақсимношуда.

***Фоидаи тақсимношуда (фоидаи азнавсармояшуда - retained earnings)*** қисми сармояи худӣ мебошад, ки дар байни мулкдорон (соҳибон) тақсим нашудааст. Дар баробари сармояи гузоштаупуда фоидаи тақсимношуда сарчашмаи пайдоиши активҳо мебошад.

Асосан, ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» бақияи кредитӣ дорад. Бақияи кредитии ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» маблағи фоидаи софро дар давоми мавҷудияти ширкат тарҳи зарарҳо, пардохтҳо аз рӯи ҳаққуссаҳм ва фоидаи ба сармояи саҳҳомии баровардашуда азнавсармояшуда дарбар мегирад. Ин ҳисоб баъзан бақияи дебетӣ дорад, ки зиёд будани пардохти ҳаққуссаҳм ва зарарҳоро аз маблағи фоидаи тақсимношуда нишон медиҳад. Норасоии фоидаи тақсимношуда аз сармояи гузошташуда тарҳ карда мешавад.

Фоидаи тақсимношуда ҳамчун активи ширкат ба ҳисоб нарафта, мавҷудияти он аз зиёдшавии активҳои ширкат дар натиҷаи амалиёти фоидаовар шаҳодат медиҳад.

**Амалиёте, ки ба фоидаи тақсимношуда таъсир мерасонанд**

Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда ҳамчун қисми таркибии ҳисоботи молиявӣ натиҷаи тағйиротро дар таркиби фоидаи тақсимношудаи давраи ҳисоботӣ инъикос менамояд. Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда сохти зеринро дорост:

**Ширкати «Хингоб»**
**Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда барои соле, ки 31 декабри соли 2008 ба анҷом расидааст**

*Бақияи фоидаи тақсимношуда дар 1 январи с.2008……………………..50000*
*Ҷамъ: Фоидаи соф…………………………………………………..14000*
*Тарҳ: Ҳаққуссаҳм……………………………………………………..5000…………9000*
*Бақияи фоидаи тақсимношуда дар 31 декабри с. 2008…………………59000*

Чӣ тавре ки аён аст, ба ҳаҷми фоидаи тақсимношуда пеш аз ҳама маблағи фоидаи (зарари) софи давраи ҷорӣ таъсир мерасонад.

Фоидаи софи давраи ҷорӣ, ки бо тарзи тарҳ кардани ҳама гуна хароҷот аз даромади умумӣ ҳисоб карда мешавад, ҳаҷми фоидаи тақсимнoшудаpo меафзояд. Дар ин ҳолат навишти зерин гузаронида мешавад:

*Маҷмӯи даромад ва хароҷот (фоидаи соф)..................15000*

*Фоидаи тақсимношуда ..................................................15000*

Ҳаққуссаҳм – ин тақсими фоидаи ширкат байни саҳҳомони он мебошад. Ҳаққуссаҳм асосан бо пули нақд ва ё саҳмияҳои иловагӣ баровардашуда пардохта мешавад. Шакли дигари ҳаққуссаҳм – ин ҳаққуссаҳм дар намуди аслӣ мебошад, масалан, ҳаққуссаҳме, ки дар намуди маҳсулот, мол, саҳмияҳои дигар корхонаҳо (ин гуна ҳаққуссаҳм аз рӯи арзиши бозории активҳои тақсимшуда баҳо дода мешаванд) пардохта мешавад.

а) **Ҳаққуссаҳми пулӣ**

Ҳаққуссаҳми пулӣ – ин тақсими фоидаи софи ширкат дар намуди пулӣ мебошад.

**Мисоли 1**. 15 январи соли 2009 Шӯрои директорони ҶС «Афрӯз» аз маблағи 12000 в.ш ҳаққуссаҳми пулии семоҳаи 3% эълон кард (1/4 ҳиссаи ҳаққуссаҳми солона барои 1000 саҳмияҳои имтиёзноки 12%, бо арзиши номиналии 100 в.ш.). Ҳаққуссаҳм 1 марти соли 2009 пардохта мешавад.

15 январи с. 2009

*Фоидаи тақсимношуда...................................................3600*

*Ҳаққуссаҳм барои пардохт..................................................3600*

1 марти с. 2009

*Ҳаққуссаҳм барои пардохт...........................................3600*

*Воситаҳои пулӣ..............................................................3600*

b) **Ҳаққуссаҳми бо саҳмия пардохтшаванда**

Пардохти ҳаққуссаҳм бо саҳмия дар активҳо ва ӯҳдадориҳои ширкат тағйирот намеорад, чунки дар ин ҳолат ба мисли пардохти пулӣ тақсимот ба амал намеояд. Пардохти ҳаққуссаҳм бо саҳмия танҳо ба тағйироти сохти сармоя оварда мерасонад.

Шӯрои директорон ҳаққусаҳми бо саҳмия пардохтшавандаро бо чунин мақсадҳо эълон карда метавонад:

- нигоҳдории активҳои ҷории ширкат;
- пасткунии нархи бозории саҳмия ва афзудани миқдори саҳмияҳо;
- бартараф кардани андозбандии дубора, чунки ин гуна тақсимот даромад ба ҳисоб нарафта, андозбандӣ намешавад.
- зиёдшавии сармояи пардохтшудаи ширкат аз ҳисоби гузаронидани воситаҳо аз фоидаи тақсимношуда.

Ҳаққуссаҳми бо саҳмия пардохташуда ба ҳаҷми умумии сармояи худӣ таъсир намерасонад. Натиҷаи ин – гузаронидани маблағи ҳаққуссаҳм аз моддаи «Фоидаи тақсимношуда»-и баланс ба моддаҳои «Саҳмияҳои оддӣ» ва ё «Саҳмияҳои имтиёзнок» дар санаи эълони ҳаққуссаҳм мебошад. Ин маблағ ҳамчун арзиши саҳмияҳои иловагӣ баровардашуда бо нархи бозории ҷорӣ муайян карда мешавад.

**Мисоли 2**. Сохти сармояи худи ширкат чунин аст:

Сармояи худӣ:

Саҳмияҳои оддӣ (ном. 10 в.ш.)..............................................200 000

Сармояи иловагӣ пардохтшуда................................................50 000

*Ҷамъ сармояи пардохтшуда...................................................250 000*

Фоидаи тақсимношуда..........................................................150 000

*Ҳамагӣ сармояи худӣ...........................................................400 000*

10 феврал Шӯрои директорон ҳаққуссаҳми бо саҳмия пардохташавандае, ки 1 март дар байни саҳҳомони 25 феврал ба қайд гирифташаванда тақсим карда мешавад, дар ҳаҷми 10% саҳмияҳои дар гардиш буда, эълон кард. Нархи бозории саҳмия рӯзи 20 феврал 20 в.ш.-ро ташкил медод.

10 феврал:

*Фоидаи тақсимношуда.................................................40 000*

*Саҳмияҳои оддии тақсимшаванда.......................................20 000*

*Сармояи иловагӣ пардохташуда.........................................20 000*

Ҳисобкунӣ:

20 000 саҳмия х 10% = 2000 саҳмия

2 000 саҳмия х 20 в.ш.барои як саҳмия = 40000 в.ш.

2 000 саҳмия х 10 в.ш. барои як саҳмия = 20000 в.ш.

25 феврал: Навишти бухгалтерӣ талаб карда намешавад.

1 март:

*Саҳмияҳои оддии тақсимшаванда...................................20 000*

*Саҳмияҳои оддӣ..............................................................20 000*

Натиҷаи мисоли овардашуда – гузаронидани арзиши бозории сармояи худӣ ба маблағи 40 000 в.ш. аз фоидаи тақсимношуда ба сармояи пардохташуда ва афзоиши миқдори саҳмияҳои дар гардиш буда ба миқдори 2 000 дона мебошад. Сохти сармояи худӣ баъди ин амалиёт чунин аст:

Сармояи худӣ:

Саҳмияҳои оддӣ (ном. 10 в.ш.)........................................... 220 000
Сармояи иловагӣ пардохтшуда..........................................70 000
*Ҷамъ сармояи пардохтшуда.........................................290 000*
Фоидаи тақсимношуда.................................................... 110 000
*Ҳамагӣ сармояи худӣ..................................................400 000*

Аз мисоли дар боло овардашуда, хулосаҳои зерин бармеоянд:

- ҳаҷми умумии сармояи худӣ тағйир наёфт;
- активҳои ширкат кам нагардиданд;
- миқдори саҳмияҳо зиёд шуданд, аммо ҳиссаи мутаносиби саҳҳомон дар сармоя тағйир наёфт.

***c) Ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда***

Фоидаи тақсимношуда метавонад барои мақсадҳои муайян равона ва ё дар натиҷаи амалҳои маъмурияти ширкат ва ё мувофиқи қонунгузорӣ захира карда шавад. Дар ин ҳолат баҳисобгирии ҳиссаҷудокуниҳо бо як тарз бурда мешавад.

Фоидаи тақсимношудаи ҷудокардашуда, ки ҳамчун сармояи захиравӣ маълум аст, барои мақсадҳои муайяни маъмурият, ба монанди, васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ, ташкил мегардад.

Ба ҳар ҳол, мақсади бавоситаи ташкили сармояи захиравӣ – маҳдуднамоии тақсими ҳаққуссаҳм ба дорандагони саҳмия мебошад. Ҳиссаҷудокуниҳо бо соҳибии активҳои муайян пайваст нестанд ва маънои ҷойгир кардани маблағи муайяни пули нақд ё дигар активҳоро ба фонди махсус надоранд. Маблағи нақдинае, ки ҳамчун ҳаққуссаҳм тақсим карда мешавад, барои мақсадҳои муайян истифода ва ё барои таъмини фондҳо, масалан, пӯшонидани қарзҳо, нигоҳ дошта мешавад.

Ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда бо роҳи гузаронидани маблағ аз ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» ба ҳисоби «Сармояи захиравӣ» амалӣ мегарданд.

***Фоидаи тақсимношудаи соли ҳисоботӣ..........................25 000***
***Дигар сармояи захиравӣ..................................................25 000***

Баъд аз он ки ҳиссақҷудокуниҳо ба мақсади худ хизмат мекунанд ва ё маҳдудият бардошта мешавад, маблағҳои ҷудокардашуда бояд ба таркиби фоидаи тақсимношуда баргардонида шаванд.

Азбаски ҳиссаҷудокуниҳо барои мақсадҳои муайян пешбинӣ шудаанд, бояд аққалан соле як маротиба таҳлили ҳамаи маблағҳои ҷудокардашуда ва амикияти ҳиссаҷудокуниҳо гузаронида шавад.

***d) Баҳисобгирии ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда***

Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда асосан аз ду қисм иборат аст:

(1) ҷудокардашуда (ассигновано);
(2) ҷудокарданашуда (неассигновано).

Дар қисми якум барои ҳисоби маблағҳои ҷудокардашуда бақияи ибтидоии ҳисоб, зиёдшавӣ ва камшавии маблағ дар давоми давра, бақияи ниҳоии ҳисоб нишон дода мешавад.

Дар қисми дуюм барои ҳисоби ҷудокарданашудаи фоидаи тақсимношуда бақияи аввалии ҳисоб, даромади ё зарари софи давра, ҳаққуссаҳм, гузаронидан ба ҳисоб ва аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳо, бақияи ниҳоии ҳисоб нишон дода мешавад.

Рақами охирин дар ҳисобот - ин фоидаи тақсимношудаи ниҳоӣ дар охири давра аст.

**Мисоли 3**. Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношудаи дорои ҳиссаҷудокуниҳо (бо в.ш.)
Маблағҳои ҷудокардашуда:

Ҳиссаҷудокуниҳо барои васеъкунии истеҳсолот
дар 1 январи с.2010.........................................................80 000
Ҳиссаҷудокуниҳои иловагӣ (ниг. поёнтар)...............................20 000
***Ҳиссаҷудокуниҳои фоидаи тақсимношуда***
***дар 31 декабри с. 2010.......................................................100 000***
Маблағҳои ҷудокарданошуда:
Бақия дар 1 январи с. 2010..............................550 000
Фоидаи софи сол..........................................70 000......... **620 000**
Ҳаққуссаҳми пулии эълоншуда.........................30 000
Гузаронидан ба ҳиссаҷудокуниҳо
Барои васеъ кардани истеҳсолот (ниг. ба боло)......20 000..........**(50 000)**
Фоидаи тақсимношудаи озод дар 31 декабри с. 2010................**570 000**
***Ҳамагӣ фоидаи тақсимношуда дар 31 декабри с. 2010................670 000***

***e) Ислоҳи фоидаи тақсимношуда***

Амалиёте, ки ба фоидаи тақсимношуда бевосита таъсир мерасонад, бояд дар ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда кушода дода шавад. Дар поён амалиётҳои асосие, ки ба фоидаи тақсимношуда таъсир мерасонанд, дида мешаванд. Ҳаҷми фоидаи соф ва ҳолати молиявӣ ҳангоми тағйири қоидаҳои баҳисобгирӣ дигаргун мешаванд. Ҳангоми қабули қарор дар бораи тағйирдиҳии усули баҳисобгирии объектҳои мушаххас (усули баҳодиҳии захираҳои моддию молӣ, ҳисоб кардани хӯрдашавӣ), вакте, ки усули нав нисбат ба усули кӯҳна беҳтар аст, бояд мувофиқан ҳаҷми фоидаи тақсимношуда ислоҳ карда шавад ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос гардад.

**Мисоли 4**. 1 январи соли 2009 ширкат дастгоҳеро бо мӯҳлати истифодабарии 4 сола ба маблағи 10 000 в.ш. харид. Ширкат хӯрдашавиро аз рӯи усули ҷамъи ададҳо ҳисоб мекард, вале дар аввали соли 2011 қарор шуда буд, ки он ба усули мунтазами азҳисоббарории арзиш иваз карда шавад. Таъсири тағйирот дар қоидаҳои баҳисобгирӣ бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

Аз рӯи усули ҷамъи ададҳо:
Хӯрдашавӣ дар соли 2009 – 10 000 x 4/10..........................................4 000
Хӯрдашавӣ дар соли 2010 – 10 000 x 3/10..........................................3 000
Бақияи хӯрдашавии ҷамъшуда дар аввали соли 2011.......................7 000
Аз рӯи усули мунтазами хӯрдашавӣ (агар истифода мешуд):
Хӯрдашавӣ дар соли 2009 – 10 000/4................................................2 500
Хӯрдашавӣ дар соли 2010 - ..............................................................2 500
Бақияи хӯрдашавии ҷамъшудае,
ки дар соли 2011 мешуд.....................................................................5 000
**Фарқият............................................................................................2 000**

Ҳангоми истифодабарии усули мунтазами хӯрдашавӣ бақияи ҳисоби хӯрдашавии ҷамъшуда ба маблағи 2 000 в.ш. кам мебуд ва ба ҳамин маблағ хароҷоти хӯрдашавӣ низ дар ду сол кам мешуд. Андоз аз даромад дар натиҷаи тағйирот ба маблағи 600 в.ш. зиёд мебуд (2 000 x 30%). Таъсири самараи соф аз тағйирот ба 1 400 (2 000 - 600) в.ш. баробар аст.

Ислоҳи тағйирот дар қоидаҳои баҳисобгирӣ:

*Хӯрдашавии ҷамъшуда – дастгоҳҳо.................................2 000*
*Фоидаи тақсимношудаи соли ҳисоботи...................................1 400*
*Андози ҷорӣ аз фоида барои пардохт.........................................600*

***f) Ислоҳкуниҳои давраҳои гузашта***

Дар бисёр ҳолатҳо, дар давраи ҷории ҳисоботӣ ҳар гуна хатогиҳо ошкор мешаванд, ки аз истифодабарии нодурусти қоидаҳои баҳисобгирӣ ва ё иштибоҳи арифметикии давраҳои ҳисоботии гузашта ба вуҷуд омадаанд. Ин гуна хатогиҳо талаб мекунанд, ки мувофиқи бузургии онҳо фоидаи тақсимношуда ислоҳ карда шавад, яъне ислоҳкунӣ дар ҳисоботи аллакай интишор шуда, ба амал бароварда шавад.

Ислоҳи ҷорие, ки дар натиҷаи фаъолияти баҳисобгирӣ ба амал меояд, ҳамчунин хатогиҳое, ки дар давоми давраи баҳисобгирӣ ислоҳ карда шудаанд, ба ислоҳи давраҳои гузашта дахл надоранд. Мутобиқи СБҲМ 1, хатогиҳое, ки ба давраи гузашта таъсир мерасонанд, дар давраи ҷории ҳисоботӣ ислоҳ карда мешаванд, ё ин ки ислоҳи фоидаи тақсимношуда мумкин аст

**Мисоли 5**. Таҷҳизоти харидаи ширкат ба маблағи 10 000 в.ш. ба ҷои ҳисоби «Таҷҳизот» дар ҳисоби хароҷот инъикос гардида буд. Ошкорсозии ин хатогӣ 1 апрели соли 2010, баъди интишори ҳисоботи молиявии соли 2009, ислоҳи бақияи ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» - ро талаб мекунад. Бо сабаби ин хатогӣ дар соли 2009 ба маблағи 3 000 в.ш. (10 000 x 30%) андоз супорида нашуда буд. Дар ин ҳолат навишти ислоҳотӣ чунин намуд дорад:

1 апрели с. 2010:

*Таҷҳизот.............................................................10 000*
*Даромади тақсимношудаи солҳои гузашта.............................7 000*
*Андози ҷорӣ аз даромад барои пардохт..................................3 000*

Ин ислоҳкунӣ дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос намеёбад, вале дар ҳисоботи молиявӣ ҳамчун ислоҳ ба бақияи аввалаи фоидаи тақсимношуда дар ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда нишон дода мешавад:

**Ширкати «Мадина»**

**Ҳисобот оиди фоидаи тақсимношуда барои соли 2010**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Фоидаи тақсимношуда дар 1 январи с. 2010 | | 550 000 |
| | Ислоҳ барои давраи гузашта: | | |
| | Ислоҳ кардани хатогии бурдани арзиши таҷҳизот ба хароҷоти истеҳсолот (тарҳи андоз ба маблағи 3 000 в.ш.) | | 7 000 |
| | Фоидаи тақсимношудаи ислоҳшуда | | 557 000 |
| Ҷамъ: | Фоидаи соф | 70 000 | |
| Тарҳ: | Ҳаққуссаҳм | 30 000 | 50 000 |
| | Фоидаи тақсимношуда дар 31 декабри с. 2010 | | 607 000 |

**Маҳдудияти фоидаи таксимношуда**

Ширкатҳо барои маҳдуд кардани истифодабарии пурра ё қисми муайяни фоидаи тақсимношуда ӯҳдадор ва ё ҳавасманданд. Маҳдуд кардани истифодабарии фоидаи таксимношуда маънои эълон кардани ҳаққуссаҳмро танҳо ба маблағи аз маблағи маҳдуд карда шуда зиёд дорад. Сабабҳои маҳдуд кардани тақсимоти фоидаи таксимношуда:

- талаботи шартномаҳои басташуда;
- манъ кардан аз ҷониби санадҳои қонунгузорӣ;
- қарорҳои мустақилонаи Шӯрои директорон.

Тарзҳои зерини инъикоси маҳдудкуниҳои фоидаи таксимношуда дар ҳисоботи молиявӣ мавҷуданд:

a) дар балансн бухгалтерӣ, дар қисми «Сармояи саҳҳомӣ» инъикос намудани маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимношуда;

b) инъикоси маҳдудкуниҳои фоидаи таксимношуда дар эзоҳномаи (шарҳияи) ҳисоботи молиявӣ.

Маҳдудкуниҳои фоидаи тақсимношуда сармояи худиро тағйир намедиҳад, танҳо фоидаи тақсимношударо ба ду қисм: маҳдудкардашуда ва маҳдудкарданашуда ҷудо мекунад. Моддаи «Фоидаи таксимношудаи маҳдудкардашуда» нишон медиҳад, ки воситаҳои он барои пардохти ҳаққуссаҳм истифода шуда наметавонанд.

**Мисоли 6**. Шӯрои директорони ширкати «Башоро» бо мақсади васеъ кардани иқтидори истеҳсолӣ қарор дод, ки фоидаи таксимношударо ба маблағи 25 000 в.ш. маҳдуд кунад. Қисми «Сармояи саҳҳомӣ» дар баланси ширкати «Башоро» намуди зеринро дорад:

**Сармояи саҳҳомӣ**

***Сармояи гузошташуда***

| | |
|---|---|
| Саҳмияҳои оддӣ, номинал 10 в.ш | 100 000 |
| Сармояи аз номинал зиёд дохил кардашуда | 25 000 |
| Ҷамъ | 125 000 |
| ***Фоидаи тақсимношуда*** | |
| Фоидаи тақсимношудаи маҳдудкардашуда | 25 000 |
| Фоидаи тақсимношудаи маҳдудкарданашуда | 50 000 |
| Ҷамъ | 75 000 |
| **Ҳамагӣ** | **200 000** |

Ин амал дар эзоҳнома ба ҳисоботи молиявӣ ба таври зайл нишон дода мешавад:

| | |
|---|---|
| Сармояи гузошташуда | 125 000 |
| Фоидаи тақсимношуда | 75 000 |

**Эзоҳ:** Шӯрои директорон бо мақсади васеъ кардани истеҳсолот фоидаи тақсимношударо ба маблағи 25 000 в.ш аз пардохти ҳаққуссаҳм маҳдуд кард.

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар ҷамъияти саҳҳомӣ**

Ҳисобот оиди фоида ва зарар (ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ - хоҷагӣ) фаъолияти ширкатро дар давраи ҳисоботӣ тавсиф медиҳад. Ӯ тағйирёбии бузургии сармояро зери таъсири даромад ва хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ ҷой дошта, нишон медиҳад.

СБҲМ шакли ҳисобот оиди фоида ва зарарро ба қоида намедароранд, аммо ахбороти дар ин ҳисобот инъикосшавандаро муайян мекунанд (нигмавзӯи 2).

Ба ин нигоҳ накарда, таснифи моддаҳои ҳисобот оиди фоида ва зарар бо мақсади таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи мазкур аз тарафи ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ, таъмини муқоисашавандагии ҳисоботи ширкатҳои гуногун ва дар давраҳои гуногун зарур аст. СБҲМ тартиби кушодани ахборотро нисбати моддаҳои гуногуни фоидаи соф ё зарар аз фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ, ҳолатҳои фавқулодда, ҳодисаҳои шартӣ, тағйирёбиҳо дар сиёсати баҳисобгирӣ ва ислоҳи хатогиҳои муҳим тавсия медиҳад.

Фоида ҳамчун ченаки самаранокии фаъолият ё ҳамчун асос барои ҳисоб кардани коэффитсиентҳои гуногун, ба монанди, фоида аз як саҳмия баромад мекунад. Унсурҳое, ки бевосита бо ченкунии фоидаи соф алоқаманданд, даромад ва хароҷот ба ҳисоб мераванд.

*Даромад аз фурӯш* (пули фурӯш - выручка)дар ҳисобот оиди фоида ва зарар мувофиқи усули ҳисобкунӣ (начисления) инъикос меёбад – даромад дар ҳамон даврае, ки ҳуқуқи моликияти актив ба харидор гузашт, хизматҳо воқеан расонида шуданд, кор иҷро шуда аст, новобаста аз давраи қабули пардохт, эътироф карда мешавад.

Дар ҳисобот дар сатри «*Даромад*» фурӯши соф (нетто-реализация), яъне даромади умумӣ аз фурӯш тарҳи баргардониши мол ва пешниҳоди тахфифҳо инъикос меёбад.

*Хароҷоте*, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар эътироф мегарданд, ба арзиши аслии фурӯш ва хароҷоти давра ҷудо мешаванд.

*Арзиши аслии фурӯш* – ин хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот, кор, хизматҳо, хариди молҳо барои бозфурӯшӣ, мутаносиб бо даромад аз фурӯши дар давраи ҳисоботӣ эътироф гардида мебошад.

Ба арзиши аслии фурӯш хароҷоте дохил мешаванд, ки новобаста бо ҷараёни истеҳсолот алоқаманданд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- дар саноат – хароҷоти бевоситаи моддию меҳнатӣ, хароҷоти иловагии истеҳсолии доимӣ ва тағйирёбанда;
- дар савдо – арзиши молҳои харидашуда;
- дар соҳаи хизматрасонӣ – хароҷоти моддию меҳнатӣ, аз ҷумла меҳнати ҳамаи коргароне, ки бо хизматрасонӣ машғуланд, хароҷоти иловагие, ки бевосита бо расонидани хизмат алоқаманданд.

*Хароҷоти давра* – ин хароҷоте, ки дар давраи ҳисоботӣ дар ширкат ҷой доштанд ва бо ҳаракати воҳидҳои вокеии маҳсулоти тайёр алоқаманд нестанд. Ин хароҷот ба арзиши аслӣ ҳамроҳ нашуда, ба активҳо дохил намешаванд ва ҳатман ҳангоми ба вуҷуд омадан ҳамчун хароҷоти давра эътироф мегарданд.

Даромад ва хароҷот дар ҳисобот оиди фоида ва зарар бо мақсади таъмин кардани истифодабарандагон бо ахбороти барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарур бо тарзҳои гуногун нишон дода мешаванд. Дар ҳисобот даромад ва хароҷот алоҳида нишон дода мешаванд - аз фаъолияти асосӣ (ҷорӣ (амалиётӣ), муқаррарӣ) ва аз фаъолияти ғайриасосӣ (ғайриамалиётӣ). Амалиёти муқаррарӣ фаъолияти доимо такроршаванда мебошад.

Ба ҳисобот оиди фоида ва зарар моддаҳои зерин дохил мешаванд:

a) даромад аз фаъолияти асосӣ;
b) арзиши аслии фурӯш;
c) фоидаи умумӣ (даромади умумӣ - валовый доход) – натиҷаи фаъолияти амалиётӣ, ки ҳамчун фарқияти байни даромад аз фаъолияти асосӣ ва арзиши аслии фурӯш муайян карда мешавад;
d) хароҷоти давра – хароҷоти амалиётӣ. Ба онҳо дохил мешаванд:

- дар савдо – ҳамагуна хароҷоте, ки дар ҷараёни харид, нигоҳдорӣ ва фурӯши молҳо ба миён меоянд, ғайр аз хароҷоте, ки ба арзиши аслии молҳо дохил мешаванд;
- дар саноат – хароҷоти маъмурӣ ва тиҷоратӣ, аз ҷумла:
  - хароҷоти музди меҳнати коркунони маъмурӣ – идоракунӣ ва маблағдиҳиҳо ба фондҳои иҷтимоӣ ва суғурта;
  - хароҷоти сафари хизматӣ;
  - хароҷоти молҳои идоравӣ (канселярӣ)
  - пардохти хизмати ҳуқуқшинос, аудитор, мушовирони касбӣ;
  - хароҷоти иҷораи биноҳои маъмурият;
  - хароҷоти телекоммуникатсионӣ;
  - хароҷоти тиҷоратӣ (реклама, борпечонӣ, пардохти ҳаққи коргарони бо фурӯш машғул);
- дар соҳаи хизматрасонӣ – хароҷот барои меҳнат, маблағгузориҳо ба фонди иҷтимоӣ ва суғуртаи коргарони бо фурӯш машғул ва маъмурӣ, хароҷоти иловагие, ки бо хизматрасонӣ алоқаманд нестанд;

e) фоида аз фаъолияти амалиётӣ, ки ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ ва хароҷоти амалиётӣ ҳисоб карда мешавад;
f) даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриасосӣ;
g) фоидаи то андозбандӣ, ки ҳамчун фоида аз фаъолияти асосӣ тарҳи (ҷамъи) даромад (хароҷот) аз фаъолияти ғайриасосӣ муайян карда мешавад;
h) андоз аз фоида, ки аз рӯи меъёрҳои муқарраркардаи Кодекси андоз ҳисоб карда мешавад. Азбаски қоидаҳои гуногуни ҳисоб кардани фоида бо мақсади андозбандӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ мавҷуданд, маблағи андоз аз фоида аз рӯи ин мақсадҳо низ фарқ мекунад. Дар эъломияи андоз андоз барои пардохт, ки дар баланс ҳамчун ӯҳдадориҳо инъикос меёбад, навишта мешавад. Дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳаҷми хароҷот аз рӯи андоз инъикос меёбад. Фарқияти байни онҳо ҳамчун андози ба таъхирмондашуда ба ҳисоб меравад.

Алоқамандии байни онҳо намуди зеринро дорад:

***Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида = Андоз барои пардохт ± андози ба таъхирмонда***

i) фоида бе баҳисобгирии моддаҳои фавқулодда;
j) моддаҳои фавқулодда тарҳи андоз аз фоида;
k) фоидаи соф.

Шакли намунавии ҳисобот оиди фоида ва зарар чунин аст:

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар**
**барои давраи аз 01.01. то 31.12. соли 2010**

Корхона_______________________________________________
Соҳа_________________________________________________
Ҷои қайд______________________________________________
Нишонӣ_______________________________________________
Воҳиди ченак ҳазор в.ш.

| | | |
|---|---|---|
| Даромад аз фурӯш | | 1 200 |
| Арзиши аслии фурӯш | | (500) |
| ***Фоидаи умумӣ*** | | ***640*** |
| Харочоти амалиётӣ | | |
| Хурдашавӣ | 55 | |
| Харочот аз рӯи фурӯш | 43 | |
| Харочоти умумихочагӣ | 112 | |
| Ҷамъи харочоти амалиётӣ | | (210) |
| ***Фоида аз фаъолияти амалиётӣ*** | | ***430*** |
| Даромад ва харочот аз фаъолияти ғайриасосӣ | | |
| Даромад аз сармоягузориҳо | 130 | |
| Харочоти пардохти фоизҳо | (250) | |
| Даромад (зарар) аз фарқияти қурбӣ | 10 | |
| Дигар даромад ва харочот | (30) | |
| Ҷамъи даромад ва харочот аз фаъолияти ғайриасосӣ | | (50) |
| ***Фоида то андозситонӣ*** | | ***380*** |
| Андоз аз фоида | | (114) |
| ***Фоидаи соф*** | | ***266*** |

Баъзе моддаҳои ҳисобот оиди фоида ва зарарро муфассалтар дида мебароем:

1. **Фоида (зарар)-и шартӣ**. Дар ҳисоботи молиявии мутобиқи СБҲМ тартиб дода шуда, натанҳо он вокеаҳое, ки дар давраи ҳисоботӣ ба амал омада, таъсири аниқи онҳо ба ҳолати молиявии ширкат ва натиҷаи фаъолияти он инъикос ёфтаанд, балки ҳодисаҳои шартӣ низ инъикос меёбанд.

Ҳодисаҳои шартӣ – вазъияти дар санаи ҳисоботи молиявӣ ҷой дошта, ки натиҷаи охирини онҳо – фоида ва зарар танҳо ҳангоми рӯй додан ва ё рӯй надодани як ва ё зиёда ҳодисаҳои помуайян дар оянда тасдиқ карда мешавад.

Ҳодисаи шартӣ метавонад:

- Эҳтимолӣ бошад. Рӯй додани (ё рӯй надодани) ҳодисаи оянда эҳтимолист;
- Ғайриэҳтимолӣ бошад. Рӯй додани (ё рӯй надодани) ҳодисаи оянда аз эҳтимол дур аст, бошад.

Роҳбарияти ширкат вобаста аз натиҷаҳои омӯзиши ахборот дар санаи ҳисоботи молиявӣ, ки таҳлили вокеаҳои пас аз санаи ҳисоботи молиявӣ баамалояндаро дарбар мегирад, инчунин бо назардошти таҷрибаи мавҷудаи хеш таъсири молиявии ҳодисаҳои шартиро баҳо медиҳад.

Ҳодисаи шартӣ метавонад ба пайдоиши фоида ё зарари шартӣ оварда расонад.

СБҲМ талаб мекунанд, ки зарари шартӣ бояд дар ҳисоботи молиявӣ бо воситаи камкунии фоида ҳангоми риояи шартҳои зерин инъикос ёбад:

- эҳтимолияте вуҷуд дорад, ки ҳодисаи оянда камнавии актив ва ё пайдоиши ӯҳдадориҳоро дар санаи ҳисоботӣ собит мекунад.
- маблағи зарар метавонад ба таври асоснок ҳисоб карда шавад.

Зарари шартие, ки ба талаботи дар боло зикр шуда ҷавобгӯ мебошад, бояд дар баланс ҳамчун ӯҳдадорӣ ва дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун харочот ё зарари ҳамон давраe, ки дар як вақт мавҷудияти ҳардуи ин талабот ҷой дошт, инъикос ёбад.

Барои кобили қабул будани кушоиши ахборот бобати зарарҳои шартӣ, ба мисли зарар аз қарздории дебиторӣ(захираи қарзҳои шубҳанок), ӯҳдадории ҳисобкардашуда аз рӯи хизматрасонии кафолатнок, даъвоҳои судӣ ва баргардониши маблағи андоз, зарари чашмдошт аз фурӯши қисми бизнес бояд ҳаматарафа омӯхта шаванд. Агар маблағи зарари баҳододашуда ба таври муҳим фарқ дошта бошад, ягон маблағе ҳисоб карда намешавад. Танҳо дар сурат мавҷудияти боварии комил оиди пардохти яке аз маблағҳои зарари баҳой,

он маблаги камтарин эътироф ва ҳисоб карда мешавад. Аммо дар ин сурат ҳам кушоиши иловагии ахборот қобили қабул аст.

| Эҳтимолияти рух додани ходисаҳои шартӣ | Маблағро ҳисоб кардан мумкин аст | Маблағро ҳисоб кардан имкононапазир аст |
|---|---|---|
| **Эҳтимол аст** | **Зарари шартӣ** | |
| | Зарар ҳисоб карда мешавад ва ӯҳдадориҳо дар ҳисобот инъикос меёбанд. | Зарар ва ӯҳдадориҳо ҳисоб карда намешаванд, лекин онҳо дар шарҳияи ҳисоботи молиявӣ инъикос меёбанд. |
| **Эҳтимол нест** | Ҳисобкунӣ, эзоҳ талаб карда намешавад, аммо эзоҳ дар шарҳияи ҳисоботи молиявӣ қобили қабул аст. | |
| **Эҳтимол аст** | **Фоидаи шартӣ** | |
| **Эҳтимол нест** | Ба истиснои ҳолатҳои бисёр ғайриоддӣ ҳисоб карда намешавад, аммо дар эзоҳнома кушоиш талаб карда мешавад | Дар эзоҳнома кушоиш талаб карда мешавад. Ин бо мақсади пешгирии хулосаҳои нодуруст ба амал бароварда мешавад. |
| **Эҳтимол нест** | Кушоиш тавсия карда намешавад | |

СБҲМ 10: Дар ҳисоботи молиявӣ зарари шартӣ бояд ҳамчун даромад ё актив эътироф нагардад. Агар эҳтимолияти гирифтани фоида бошад, мавҷудияти зарарҳои шартӣ бояд ошкор карда шавад. Муҳим он аст, ки ошкоркунӣ дар бораи эҳтимолияти гирифтани фоида маълумоти бардурӯғ надиҳад.

**2. Ҳодисаҳои минбаъда.** Ҳодисаҳои минбаъда – ҳодисаҳои муҳими мусоид ва номусоид, ки баъди санаи балансӣ, аммо то санаи интишори ҳисоботи молиявӣ ба амал меоянд. Одатан фарқияти байни ин ду сана аз чор моҳ зиёд нест.

Намудҳои зерини ҳодисаҳои минбаъдаро ҷудо мекунанд:

- шароитҳои дар давраи ҳисоботӣ мавҷуд бударо тасдиқи иловагӣ мекунанд;
- ба шароите, ки баъди санаи ҳисоботӣ пайдо мешаванд, ишора менамоянд.

Ҳодисаҳое, ки ба ҳисоботи молиявӣ таъсири муҳим мерасонанд, ҳамчун ҳодисаҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳодисаҳои минбаъда ахборотеро дар бар мегиранд, ки ба фаҳмиш ва баҳодиҳии пешомади бизнес аз тарафи истифодабарандагон таъсир расонда, метавонанд ба зарурияти ислоҳи ҳисоботи молиявӣ ишора кунанд ва ё ошкоркуниро дар эзоҳнома талаб намоянд.

Натиҷаҳои ҳодисаҳои минбаъда дар ҳисобот ҳамон вақт эътироф мегардад, агар онҳо:

- ҳамчун далели иловагии шароитҳои дар санаи балансӣ бухгалтерӣ мавҷуд буда, хизмат кунанд;
- ба ҳисобкуниҳо, ки қисми ҷудонашавандаи ҷараёни тайёр кардани ҳисоботи молиявист, таъсир расонанд;
- дар натиҷаи ҳисобкунӣ дар ҳисоботи молиявӣ ислоҳкунӣ талаб карда шавад.

Ҳодисаҳои минбаъда ҳамон вақт дар ҳисоботи молиявӣ ошкор карда мешаванд, агар онҳо ба шароитҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷуд буда таалluқ надошта бошанд, аммо он қадар муҳиманд, ки ошкор накардани онҳо ба қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон таъсири муҳим мерасонанд. Намунаи онҳо:

- фурӯши вомбарг ва ё афзоиши сармояи саҳҳомӣ;
- ҷараёни судӣ аз рӯи ҳодисаи баъди санаи балансӣ бухгалтерӣ ҷой дошта;
- талафоти захираҳои моддию молӣ бо сабаби садамаи баъди санаи баланс воқеъ шуда;
- зарарҳое, ки дар натиҷаи ҳолати баъди санаи балансӣ бухгалтерӣ ҷой дошта, ба миён омадаанд.

**3. Амалиёти қатъшуда.** Амалиёти қатъшуда – фурӯш ё бархамдиҳии қисми муҳими фаъолияти ширкат, активҳо, ӯҳдадориҳо, фоидаи соф ё зараре, ки ба таври моддӣ ё амалиётӣ, инчунин барои ҳисоботи молиявӣ ҷудо карда мешаванд. Натиҷаи амалиёти қатъшуда ба истиснои ҳолатҳои ҳодисаҳои фавқулодда одатан ба фоида ё зарари фаъолияти муқаррарӣ дохил карда мешаванд.

**4. Даромад (зарар) аз фарқияти қурбӣ**. Ширкатҳо дар рафти фаъолияти муқаррарии худ метавонанд амалиёти арзии гуногуни алоқаманд бо:

а) харид ва ё фурӯши активҳо ё хизматҳо бо нархи арзи хориҷӣ;
б) гирифтан ё пешниҳоди қарз бо арзи хориҷӣ;
в) иштирок дар шартномаи амалинагаштаи мубодила;

г) дигар харид ё фурӯши активҳо, гирифтани ӯҳдадориҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо бо арзи хориҷиро амалӣ гардонанд.

Навиштҳо дар баҳисобгирии бухгалтерӣ аз рӯи амалиёте, ки бо арзи хориҷӣ амалӣ мегарданд, бояд дар ҳисобҳои бухгалтерӣ бо арзи миллӣ бо назардошти азнавҳисобкунӣ аз рӯи қурби муайянкардаи Бонки Миллӣ инъикос ёбанд.

Фарқияти қурбӣ – ин фарқиятест, ки дар натиҷаи дар ҳисобот инъикос намудани ҳамон миқдори воҳиди арзи хориҷӣ бо арзи ҳисоботӣ аз рӯи дигар қурби арзӣ ба миён меояд.

Ҳангоми инъикоси аввала дар баҳисобгирии бухгалтерӣ амалиёт бо арзи хориҷӣ дар арзи миллӣ бо роҳи азнавҳисобкунӣ аз рӯи қурби санаи воқеъ шудани амалиёт, баҳо дода мешаванд.

Инъикоси тағйироти фарқияти қурбӣ аз мубодилаи асъор дар санаи ҳисоботи балансӣ:

- моддаҳои пулӣ, аз ҷумла қарздориҳои дебиторӣ ва кредиторӣ бо арзи хориҷӣ бояд бо арзи миллӣ бо истифодаи қурб дар вақти ба анҷомрасии давраи ҳисоботӣ инъикос ёбанд;
- моддаҳои ғайрипулӣ, аз ҷумла сармояи худӣ, воситаҳои асосӣ, захираҳои моддию молӣ, активҳои ғайримоддие, ки аз рӯи арзиши аввала бо арзи хориҷӣ баҳо дода мешаванд, бо арзи миллӣ ва истифодаи қурби рӯзи воқеъшавии амалиёт инъикос меёбанд.

Фарқияти қурбӣ дар давраи байни санаи воқеъшавии амалиёти хоҷагӣ ва санаи ҳисоббаробаркунии ин амалиёт, ё санаи ҳисоботӣ пайдо мешавад.

Дар баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот фарқияти қурбие инъикос карда мешавад, ки дар натиҷаи:

- фарқияти қурби Бонки миллӣ аз қурби санаи инъикос ва ё санаи тайёркунии ҳисоботи молиявӣ аз рӯи амалиёти алоқаманд бо пурра ва ё қисман пӯшонидани қарздории кредиторие, ки бо арзи хориҷӣ ифода ёфта аст;
- амалиёти вобаста бо азнавҳисобкунии арзиши бақияи воситаҳои пулӣ бо арзи хориҷӣ дар ҳар санаи ҳисоботӣ ва пеш аз ҳар як амалиёти ҳаракати воситаҳо дар ин ҳисобҳо ба вуҷуд меоянд.

Фарқияти қурбӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар даврае инъикос меёбанд, ки санаи ҳисобкунии онҳо ба он давра дахл дорад, ё ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудааст.

Фарқияти қурбӣ ба таркиби даромад ва хароҷоти хоҷагӣ дохил шуда, дар низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз дигар намудҳои даромаду хароҷот аз фаъолияти ширкат ҷудогона инъикос меёбанд.

Ширкатҳо метавонанд худро аз талафоте, ки дар натиҷаи аҳдномаҳои бо арзи хориҷӣ басташуда ба вуҷуд меоянд, суғурта намоянд.

Фарқияти қурбиро аз дигар намудҳои даромад ва хароҷоти бо амалиёт бо арзи хориҷӣ вобаста, аз ҷумла аз фарқияти пулие, ки ҳангоми истифодабарии намудҳои гуногуни қурбҳо ба вуҷуд меоянд, фарқ кардан зарур аст. Масалан, ҳангоми амалиёти хариду фурӯши арзи хориҷӣ, фарқияти маблағи пайдо шуда ҳамчун фарқияти қурбӣ тасниф намеёбад, чунки он аз истифодабарии ду намуди гуногуни қурбҳо дар ҳамон як санаи қурби Бонки миллӣ, ки аз рӯи он арзи хориҷӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ба ҳисоб гирифта мешавад ва қурби воқеии додугирифт, яъне қурбе, ки аз рӯи он ин арз дар айни замон харида ва ё фурӯхта мешавад, ба вуҷуд омадааст. Фарқияти пулии мусбат, ки ширкат – фурӯшандаи арзи хориҷӣ дар натиҷаи фарқияти қурби Бонки миллӣ ва қурби додугирифти воқеии аҳднома пайдо мекунад, ҳамчун даромад аз фурӯши ғайр шинохта мешавад.

**Мисоли 7**. Ширкати «Сипеҳр», ки дар Тоҷикистон ҷойгир аст, ба харидор аз ИМА ба маблағи $40000 молро бо ӯҳдадории пардохт дар давоми 90 рӯз фурӯхт. Қурби арзӣ дар санаи харидуфурӯш 2.80 сомонӣ барои 1$ -ро ташкил медод.

«Сипеҳр» ба маблағи фурӯш дар санаи боркунӣ 40 000$ х 2.80 сомонӣ = 112 000 сомонӣ қарздории дебиториро акс намуда, даромадро эътироф мекунад:

*Ҳисобҳо барои қабул.....................................................112 000*

*Даромад аз фурӯш.......................................................112 000*

Фарз мекунем, ки соли молиявии «Сипеҳр» баъди 60 рӯзи пас аз боркунӣ, то пӯшонидани қарздории дебиторӣ, ба анҷом мерасад ва қурби амалиёти хазина дар ин сана 2,90 сомонӣ барои 1$ мебошад.

Дар баланс қарздории дебиторӣ бо баҳисобгирии қурб дар санаи додугирифти хазина ислоҳ карда мешавад:

40 000$ х 2,90 сомонӣ = 116 000 сомонӣ.

Маблағи тағйироти қарздории дебиторӣ балансӣ ҳамчун даромад, чуноне ки дар поён нишон дода шудааст, эътироф мегардад:

116 000 – 112 000 = 4 000 сомонӣ.

*Ҳисобҳо барои қабул.................................................4 000*

*Даромад аз фарқияти қурбӣ..............................................4 000*

Фарз мекунем, ки рӯзи пардохти қарздории дебиторӣ қурб аз рӯи амалиётҳои хазина 2,85 сомонӣ барои 1$ ташкил медиҳад.

Ҳамин тарик, қарздории дебитории гирифташуда бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

***40 000$ х 2,85 сомонӣ = 114 000 сомонӣ.***

*Пули нақд дар ҳисоби арзии дохили мамлакат................114 000*

*Хароҷот аз рӯи фарқияти қурбӣ....................................2 000*

*Ҳисобҳо барои қабул.......................................................116 000*

**5. Тағйирот дар баҳодиҳии баҳисобгирӣ.** Бисёр моддаҳои ҳисоботи молиявӣ аниқ чен карда нашуда, танҳо баҳо дода мешаванд. Баҳодиҳии баҳисобгириро танҳо ҳангоми пайдоиши тағйироти шароитҳое, ки баҳодиҳӣ ба онҳо асос меёбад ва ё дар натиҷаи пайдоиши ахбороти нав аз нав дида мебароянд. Натиҷаи тағйироти баҳодиҳии ҳисобгирӣ ба ҳисобкунии фоидаи соф ва ё зарар дар:

- даврае, ки тағйирот воқеъ шуд, агар тағйирот танҳо ба давраи ҷорӣ таъсир расонад;
- даврае, ки тағйирот дар даврахои оянда ба миён омад, агар тағйирот ба ҳар ду давра таъсир расонад, дохил карда мешавад.

Масалан, тағйирот дар баҳодиҳии қарзҳои шубҳанок танҳо ба давраи ҷорӣ таъсир мерасонад ва барои ҳамин, ҳатман эътироф мегардад, тағйирот дар баҳодиҳии мӯҳлати хизмати активҳо бошад, ба хароҷоти хӯрдашавии давраи ҷорӣ ва ҳам давраи боқимондаи мӯҳлати фоиданоки актив таъсир мерасонад. Дар ҳар ду ҳолат натиҷаи тағйироти бо давраи ҷорӣ алоқаманд ҳамчун даромад ва ё хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф мегардад.

**Кушоиши ахборот**

Нисбати маълумоти зер дар ҳисоботи молиявӣ ва ё шарҳия кушоиши ахборот ҳатмист:

а) таркиби фоидаи тақсимнашуда – фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта, давраи ҳисоботӣ, зарари тарҳшавандаи солҳои гузашта, давраи ҳисоботӣ;

б) ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимнашуда, таркиби сармояи захиравӣ;

в) маҳдудияти фоидаи тақсимнашуда (ба фоидаи тақсимнашуда вогузошта), мӯҳлати амали маҳдудият;

г) шароити пардохти ҳаққуссаҳм, маблағ ва шаклҳои ҳаққуссаҳм, дар ҳолати саҳмияҳои имтиёзноки ғуншаванда– маблағи ҷамъшудаи ҳаққуссаҳм;

д) ҳангоми кушоиши ахборот оиди фоидаи тақсимнашуда бояд ахбороти иловагӣ дар бораи сармояи худӣ ва таркиби он мавҷуд бошад.

Нисбати ходисаҳои шартӣ:

а) зарарҳои шартӣ танҳо дар эзоҳнома кушода мешаванд. Зарарҳои эҳтимолӣ, масалан, кафолати адо карда натавонистани қарз, хатари мусодираи активҳо, аккредитиви захиравӣ (кафолати пешниҳоди қарз ба тарафи сеюм), хавфи алоқаманд бо сӯхтор, обхезӣ ва дигар намудҳои хатар бояд мутобиқи СБҲМ баҳо дода шуда, ба ҳисоб гирифта шаванд.

b) Зарарҳои шартӣ ва ӯҳдадориҳои бо он алоқаманд дар ҳисобот танҳо ҳангоми имкони талафот ва баҳои оқилонаи маблағ ҳисоб ва пешниҳод карда мешаванд. Дар эзоҳнома табиати ходисаҳои шартӣ тасвир гашта, баҳои эҳтимолии талаф ва талафот дода мешавад, ё дар он гуфта мешавад, ки пешбинии оқилонаи зарари эҳтимолӣ ғайриимкон буд.

Нисбати ходисаҳои минбаъда, ки бояд кушода шаванд, дар эзоҳномаи ҳисоботи молиявӣ ахборот дар бораи хислати ходиса ва баҳои ҳисобкардашудаи оқибатҳои молиявӣ, ё ғайриимкон будани чунин баҳодиҳиро муқаррар мекунанд.

Барои ҳар як амалиёти қатъшуда кушоиши зерин талаб карда мешаванд:

- Хислати амалиёти қатъшуда;
- Санаи воқеии қатъи амалиёт барои баҳисобгирӣ;
- Тарзи қатъкунӣ;
- Фоида ва ё зарар аз қатъкунӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ барои чен кардани онҳо ва гайра.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.

*Ҳисобҳо барои қабул..................................................4 000*

*Даромад аз фарқияти қурбӣ..................................................4 000*

Фарз мекунем, ки рӯзи пардохти қарздории дебиторӣ қурб аз рӯи амалиётҳои хазина 2,85 сомонӣ барои 1$ ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, карздории дебиторӣ гирифташуда бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

***40 000$ x 2,85 сомонӣ = 114 000 сомонӣ.***

*Пули нақд дар ҳисоби арзии дохили мамлакат................114 000*

*Хароҷот аз рӯи фарқияти қурбӣ....................................2 000*

*Ҳисобҳо барои қабул......................................................116 000*

**5. Тағйирот дар баҳодиҳии баҳисобгирӣ.** Бисёр моддаҳои ҳисоботи молиявӣ аниқ чен карда нашуда, танҳо баҳо дода мешаванд. Баҳодиҳии баҳисобгириро танҳо ҳангоми пайдоиши тағйироти шароитҳое, ки баҳодиҳӣ ба онҳо асос меёбад ва ё дар натиҷаи пайдоиши ахбороти нав аз нав дида мебароянд. Натиҷаи тағйироти баҳодиҳии ҳисобгирӣ ба ҳисобкунии фоидаи соф ва ё зарар дар:

- даврае, ки тағйирот воқеъ шуд, агар тағйирот танҳо ба давраи ҷорӣ таъсир расонад;
- даврае, ки тағйирот дар давраҳои оянда ба миён омад, агар тағйирот ба ҳар ду давра таъсир расонад, дохил карда мешавад.

Масалан, тағйирот дар баҳодиҳии қарзҳои шубҳанок танҳо ба давраи ҷорӣ таъсир мерасонад ва барои ҳамин, ҳатман эътироф мегардад, тағйирот дар баҳодиҳии мӯҳлати хизмати активҳо бошад, ба хароҷоти хӯрдашавии давраи ҷорӣ ва ҳам давраи боқимондаи мӯҳлати фоиданоки актив таъсир мерасонад. Дар ҳар ду ҳолат натиҷаи тағйирот бо давраи ҷорӣ алоқаманд ҳамчун даромад ва ё хароҷоти давраи ҷорӣ эътироф мегардад.

**Кушоиши ахборот**

Нисбати маълумоти зер дар ҳисоботи молиявӣ ва ё шарҳия кушоиши ахборот ҳатмист:

а) таркиби фоидаи тақсимношуда фоидаи тақсимношудаи солҳои гузашта, давраи ҳисоботӣ, зарари тарҳшавандаи солҳои гузашта, давраи ҳисоботӣ;

б) ҳиссаҷудокуниҳо аз фоидаи тақсимношуда, таркиби сармояи захиравӣ;

в) маҳдудияти фоидаи тақсимношуда (ба фоидаи тақсимношуда вогузошта), мӯҳлати амали маҳдудият;

г) шароити пардохти ҳаққуссаҳм, маблағ ва шаклҳои ҳаққуссаҳм, дар ҳолати саҳмияҳои имтиёзноки ғуншаванда- маблағи ҷамъшудаи ҳаққуссаҳм;

д) ҳангоми кушоиши ахборот оиди фоидаи тақсимношуда бояд ахбороти иловагӣ дар бораи сармояи худӣ ва таркиби он мавҷуд бошад.

Нисбати ҳодисаҳои шартӣ:

а) зарарҳои шартӣ танҳо дар эзоҳнома кушода мешаванд. Зарарҳои эҳтимолӣ, масалан, кафолати адо карда натавонистани қарз, хатари мусодираи активҳо, аккредитиви захиравӣ (кафолати пешниҳоди қарз ба тарафи сеюм), хавфи алоқаманд бо сӯхтор, обхезӣ ва дигар намудҳои хатар бояд мутобиқи СБҲМ баҳо дода шуда, ба ҳисоб гирифта шаванд.

b) Зарарҳои шартӣ ва ӯҳдадориҳои бо он алоқаманд дар ҳисобот танҳо ҳангоми имкони талафот ва баҳои оқилонаи маблағ ҳисоб ва пешниҳод карда мешаванд. Дар эзоҳнома табиати ҳодисаҳои шартӣ тасвир гашта, баҳои эҳтимолии талаф ва талафот дода мешавад, ё дар он гуфта мешавад, ки пешбинии оқилонаи зарари эҳтимолӣ ғайриимкон буд.

Нисбати ҳодисаҳои минбаъда, ки бояд кушода шаванд, дар эзоҳномаи ҳисоботи молиявӣ ахборот дар бораи хислати ҳодиса ва баҳои ҳисобкардашудаи оқибатҳои молиявӣ, ё ғайриимкон будани чунин баҳодиҳиро муқаррар мекунанд.

Барои ҳар як амалиёти қатъшуда кушоиши зерин талаб карда мешаванд:

- Хислати амалиёти қатъшуда;
- Санаи воқеии қатъи амалиёт барои баҳисобгирӣ;
- Тарзи қатъкунӣ;
- Фоида ва ё зарар аз қатъкунӣ ва сиёсати баҳисобгирӣ барои чен кардани онҳо ва ғайра.

**Адабиёти тавсияшаванда:**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.

3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе. Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности. том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41. МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ. 2009 . – 261с.
5. Введение в МСФО Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR. 2009. – 400 с.: табл.
6. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы. 2002.
7. Матиос М.Р.. Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я В.Соколова – М: ЮНИТИ, 2008.
8. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М.: Финансы и статистика. 1997.
9. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997.
10. Энтони Р.. Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М. Финансы и статистика, 1996.
11. Accounting principles /Jack L. Smith. Robert M Keith William L. Stephens. – 4th ed. – New York – 1993
12. Kieso and Weygandt. Intermediate Accounting. John Wiley &Sons,1989. ISBN: 0-471-6309

**Супориш барои худсанҷӣ**

**1. Фоидаи тақсимнашуда**

Маълумоти зерин дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии ширкати ABC барои соли 1996 (бо в.ш.) дода шудааст:

| | | Оё ба ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда дохил мешавад Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| Истеҳлок барои соли 2006 | 21 400 | | |
| Фоидаи соф барои соли 2006 | 34 100 | | |
| Камшавии ЗММ | 24 100 | | |
| Ҳаққуссаҳми пардохташуда | 12 000 | | |
| Сармоягузориҳо ба сармоя | 57 500 | | |
| Зарар аз хориҷшавии таҷҳизот | 4 000 | | |
| Фоидаи тақсимнашуда дар 31.12.05 | 167 300 | | |

Супориш:

a) қайд кунед, ки кадоме аз маълумоти дар боло овардашуда ба ҳисобот оиди фоидаи тақсимнашуда барои соли 2006 дохил карда мешаванд:

b) барои 31 декабри соли 2006 ҳисоботро оиди фоидаи тақсимнашуда тартиб диҳед.

**3. Ҳодисаҳои минбаъда**

Барои ҳар яке аз ин ҳолатҳо, дар ҷое, ки зарур аст, нишон диҳед:

А – ислоҳкуниҳо ба баланс;

Б – кушоиш бе ислоҳкуниҳо дар баланс.

_______1. Муфлисшавии мизоҷе, ки оиди пӯшонида нашудани ҳисобҳои тиҷоратӣ барои қабул дар санаи тартиб додани баланс тасдиқ мекунад;

_______2. Таъсири тағйироти қурби мубодила ба моддаҳо аз рӯи арзи хориҷӣ ё ба ҳисоботи молиявӣ дар бораи амалиёт бо арзи хориҷӣ, ки баъди санаи баланс рӯй медиҳанд;

_______3. Бадшавии натиҷаҳои фаъолият ва ҳолати молиявии ширкат, ки қобили қабул будани истифодаи қоидаи муттасилии фаъолиятро ҳангоми тайёркунии ҳисоботи молиявӣ зери шубҳа мегузоранд. Беҳтаршавии натиҷаҳо ва вазъи молиявӣ ҳамчун тасдиқи истифодаи минбаъдаи қоидаи муттаасилии фаъолият баромад карда метавонанд.

_______4. Фурӯши активи дарозмуддат ба маблағи камтар аз арзиши балансӣ, ки оиди то санаи баланс ҷой доштани шикаст гувоҳӣ медиҳад;

_______5. Нобудшавии таҷҳизоти асосии истеҳсолӣ дар натиҷаи сӯхтор ва ё дигар зуҳуроти табиии баъд аз санаи баланс ба амал омада;

_______6. Пастшавии арзиши бозории сармоягузориҳо баъди санаи тартиби баланс;

_______7. Фурӯши ЗММ ба маблағе, ки аз арзиши софи фурӯши ЗММ дар санаи тартиби баланс пасттар аст;

_______8. Хариди корхонаи дигар. То даме, ки ин амал иҷронашаванда аст, чунин ахборотро барои муттаҳид намудани ширкатҳо. ки баъди санаи баланс ба вуқӯъ омадааст ва муттаҳидияти ширкатҳо, ки ҳангоми давраи ҳисоботӣ ба амал омадааст, кушоед.

**4. Ҳодисаҳои шартӣ**

Ширкати «Сокина» ҳисоботи молиявии солонаро 31 декабри соли 2008 тайёр мекунад. Дар соли 2008 мизоҷ ҳангоми ба боло баромадан дар эскалатор афтид ва бо сабаби захми тахтанупт ба маблағи 20 000 в.ш. даъво пешниҳод кард. Ширкат адвокатеро киро кард, ки ӯ аҳамият ва оқибати ҳодисаро баҳо дод.

*Супориш:*

Бо ҳодисаи шартие, ки дар соли 2008 ба амал омадааст, дар ҳар яки ин ҳолатҳои зерин чӣ бояд кард? Ҳамаи навиштҳои заруриро инъикос кунед ва / ё дар эзоҳнома кушоиш диҳед:

1. Фарз мекунем, ки адвокат ва маъмурияти ширкат ба хулосае омаданд, ки ширкат ҷавобгар мешавад ва аз рӯи ҳисобкуниҳо маблағи товон 20 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад.
2. Фарз мекунем, ки адвокат, муҳосиби мустақил ва маъмурият бо дили нохоҳам ба хулосае омаданд, ки эҳтимолияти қонеъгардонии даъво мавҷуд ҳаст, аммо онҳо дар муайян кардани маблағ душворӣ мекашанд.
3. Фарз мекунем, ки аз рӯи хулосаи адвокат ва маъмурияти ширкат зарари шартӣ ҷой надорад. Онҳо боварӣ доранд, ки даъво бо ҳолатҳои мушаххас тасдиқ намешавад.

**5. Фарқияти қурбӣ**

Заводи консервабарории ш. Гулобод 10 ноябр аз ширкати олмонӣ ба маблағи 40 000 евро таҷҳизот харид. Аз ин 40 000 евро 10 000 евро - аш бояд ҳангоми оварда расонидан ва 30 000 евро бошад баъди 90 рӯз пардохта шавад. Ҳангоми оварда расонидан қурби мубодилаи 1 евро = 2,60 в.ш.-ро ташкил медод. Минбаъд арзиши в.ш. нисбат ба евро паст мешавад ва 31 декабр қурби мубодилаи 1 евро = 2,70в.ш.-ро ташкил медиҳад. Дар санаи пардохти маблағи боқимонда қурби мубодилаи 1 евро = 2,80 в.ш.-ро ташкил медиҳад.

**Талаб карда мешавад:**

1. Навиште, ки хариди таҷҳизотро нишон медиҳад, инъикос кунед;
2. Навишти заруриро барои 31 декабр инъикос намоед:
3. Навиштро оиди пардохти пурра инъикос намоед.

Дар назар дошта бошед, ки навиштҳо бояд бо в.ш. инъикос ёбанд.

**6. Ҳисобот оиди фоида ва зарар**

Маълумоти дар поён оварда шуда аз китобҳои бухгалтерии ширкати «Хуршед» барои санаи 31 декабри соли 2008 гирифта шудааст (бо в.ш.):

| | |
|---|---|
| Сармояи гузошташуда | 6 000 |
| Ҳисоби фоида ва хароҷот (1 январ) | 2 000 |
| Қарздории дебиторӣ | 4 000 |
| Қарздории кредиторӣ | 2 000 |
| Харид | 26 000 |
| Музди меҳнат | 6 000 |
| Тақсимот (хароҷот аз рӯи фурӯш) | 3 000 |
| Фурӯш | 44 000 |
| Захираи мол (1 январ) | 4 000 |
| Пардохти иҷоравӣ ва маблағсупориҳои коммуналӣ | 3 000 |
| Хароҷоти алоқа ва идоравӣ | 1 000 |
| Суғурта | 1 000 |
| Амволи ғайриманқул аз рӯи арзиши аввала | 20 000 |
| Фоиз аз рӯи қарзе, ки дар давоми сол пардохта шудааст | 1 000 |
| Дастгоҳ ва таҷҳизот | 3 000 |
| Овердрафти бонкӣ | 3 000 |
| Вомбарги 10% -и соли 2008 | 17 000 |
| Ҳаққи хизмати пардохташуда (хароҷоти маъмурӣ) | 2 000 |

Маълумоти зерин низ пешниҳод гардидааст.

(1) захираи охирини мол ба маблағи 6 000 в.ш. баҳо дода шуд.

(2) барои пӯшонидани хароҷоти ҳисобкардашудаи зерин захира ташкил кардан лозим аст:

- музди меҳнат 200 в.ш
- хароҷоти алоқа ва идоравӣ 400 в.ш.
- пардохтҳои иҷоравӣ ва маблағсупориҳои коммуналӣ (ба эзоҳи 4 нигаред.)
- хизматонаи тиҷоратӣ 700 в.ш.
- фоизи аз рӯи қарз пардохташаванда ?

(3) хароҷоти зерин пешакӣ пардохта шудаанд:

- суғурта 200 в.ш.
- пардохтҳои иҷоравӣ ва маблағсупориҳои коммуналӣ (ба эзоҳи 4 нигаред.)

(4) пардохти иҷора ва ҷамъкуниҳои маблағи иҷоравии солона (дар ҳаҷми 3 000 в.ш.) маблағи зеринро дар бар мегиранд:

- ҷамъкуниҳои коммуналӣ барои ним сол то 31.03. 2009с. 1 000 в.ш.

(5) вомбаргҳои 10% чанд соле инҷониб дар муомилотанд

(6) андозситонӣ бояд аз рӯи меъёри 40% аз фоида амалӣ гардонида шавад.

***Талаб карда мешавад:***

Ҳисоби даромад ва хароҷотро барои соле, ки 31 декабри с. 2008 ба анҷом мерасад бо якҷоягӣ бо баланс дар ҳамин сана тартиб диҳед.

**7. Ҳисобот оиди фоида ва зарар**

Ба шумо муштарии нав - корхонаи «Лион» муроҷиат кард, ки соли якуми фаъолияти соҳибкории худро ба анҷом расонида истодааст. Ӯро тартибдиҳии ҳисоботе, ки дар он бояд натиҷаи фаъолияти ӯ инъикос ёбад, мушаввиш сохтааст. Ӯ ба шумо маълум мекунад, ки китобу журналҳои бухгалтерӣ ба таври лозимӣ бурда нашудаанд ва баъди суҳбат бо ӯ ахбороти зерин ба шумо маълум гардид (барои соле, ки 31 декабри с 2008 ба анҷом мерасад):

1. Вакте, ки аз волидайн 20 000 000 в.ш. мерос гирифт, ӯ имконияти ташкили кори худро пайдо кард. Вай ин маблағро ба суратҳисоб дар банк гузошта, фаъолияти худро ҳамчун савдогари чакана оғоз кард.
2. Ҳамаи даромадҳо аз фурӯши молҳо ба хазина дохил карда мешуданд. Баъд ӯ аз хазина хароҷоти зеринро мепардохт:

   музди меҳнати коргарон - 7 500в.ш. дар як ҳафта

   рубӯчин - 1 000в.ш. дар як ҳафта

   музди меҳнати менеҷерҳо – 2 500 в.ш. дар як ҳафта

   Бақияи воситаҳои пулиро ӯ ба суратҳисоб мегузаронид. Маблағи пул дар хазина дар охири давра 25 000 в.ш.-ро ташкил дод.
3. Иттилооти мухтасар оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби ширкат:

   Сармояи дохил карда шуда - 20 000 000 в.ш.

   Аз хазина пардохта шудааст - 12 575 000 в.ш.

   (гирифта шудааст)

| | |
|---|---|
| Хариди биноҳо | 15 000 000 в.ш. |
| Хариди автомобили боркаш | 600 000 в.ш. |
| Пардохти пули телефон | 89 600 в.ш. |
| Пардохти иҷорапулӣ | 168 200 в.ш. |
| Пардохтҳо ба молтаъминкунандагон | 8 623 200 в.ш. |
| Музди меҳнати хизматчиён | 1 528 200 в.ш. |
| Таъмир | 363 700 в.ш. |
| Музди меҳнати менеҷерҳо | 32 300 в.ш. |

   Бақия дар охири давра 6 169 800 в.ш.

4. Иттилоот оиди дигар активҳо ва ӯҳдадориҳо дар 31 декабри соли 2008 ҳолати зеринро дорад:

| | |
|---|---|
| ЗММ | 840 000 в.ш. |
| Ҳисобҳо барои қабул | 1 035 000 в.ш. |
| Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон | 2 995 700 в.ш. |
| Барои телефон ҳисоб карда шудааст | 12 500 в.ш. |
| Иҷораи непардохташуда | 25 800 в.ш. |

5. Хӯрдашавӣ аз рӯи автомобили боркаш дар ҳаҷми 25 % аз арзиши аввалаи он ҳисоб карда мешавад, аз рӯи биноҳо бошад – дар ҳаҷми 2% аз арзиши аввала дар як сол таъин шудааст.

***Талаб карда мешавад:***

1. Оиди даромад ва хароҷот барои соле, ки 31 декабри соли 2008 ба анҷом мерасад, ҳисобот тартиб диҳед;
2. Барои 31 декабри соли 2008 баланс тартиб диҳед.

## Боби 17. Баҳисобгирии андоз аз фоида

***Мақсади омӯзиш***
***Таърифи даромади андозситонидашаванда ва баҳисобгирифташаванда***
***Тавсифи фарқияти доимӣ ва муваққатӣ***
***Баҳисобгирии самараи андозии тафовути муваққатӣ***
***Тартиби баҳисобгирии андоз аз зарари фаъолияти иқтисодӣ***
***Усули ӯҳдадорӣ дар баланс***
***Баҳодиҳӣ***
***Ошкори маълумот оиди андоз аз фоида***
***Адабиёти тавсияшаванда***
***Замима***
***Масъала барои худсанҷӣ***

**Мақсади омӯзиш**

Пас аз омӯзиши мавзуи мазкур шумо бояд амалҳои зеринро донед ва тавонед:

- додани таърифи даромади баҳисобгиришаванда ва андозситонидашаванда;
- шарҳи сабабҳои пайдоиши фарқияти муваққатӣ ва доимӣ;
- номбарнамоии мисолҳои фарқияти доимӣ;
- тавсифи фарқияти муваққатӣ;
- шарҳи ҳолатҳои бавуҷудоии фарқияти муваққатӣ;
- баҳисобгирии самараи андоз аз фарқияти муваққатӣ бо усули ӯҳдадорӣ ва тамдид (мавқуфгузорӣ, ба таъхир андохта шуда);
- баҳисобгирии андози тамдидшуда;
- ошкори маълумот оиди андоз аз фоида дар ҳисоботи молиявӣ.

**Таърифи андозситонӣ ва баҳисобгирии даромад**

Мақсади баҳисобгирии молиявӣ ин таҷассуми воқеии вазъи молиявӣ ва натиҷаи фаъолияти ширкат аст. Ба ин мақсад стандартҳо тобеъанд ва дар асоси онҳо ҳисоботи молиявӣ тартиб дода мешавад. Масъалаҳои андозситонӣ бо қонунгузории андоз танзим ёфта, на ҳамеша бо ғояҳои тартиб ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар асоси талаботи стандартҳо мутобиқанд. Мувофиқан дар ҳар давлат Кодекси андоз усули баҳисобгирии андоз аз фоидаи субъектҳоро, ки тибқи қонунгузорӣ андозсупоранда ба шумор мераванд, муайян менамояд.

Сарфи назар аз ин, мафҳумҳои «фоидаи баҳисобгирӣ» ва «фоидаи андозситондашаванда»- ро фарқ менамоянд.

*Даромади андозситонидашаванда* - ин ҷамъи фоида (зарари) давраи ҳисоботӣ мебошад, ки тибқи қонунгузории андоз муқаррар карда мешавад.

Корхона даромади андозситондашавандаро бо роҳи тарҳнамоии тамоми хароҷот (вобаста аз фаъолияти тиҷоратӣ), аз ҷамъи даромади умумӣ муайян менамояд. Рӯйхати намудҳои даромад ва хароҷотро қонунгузории андоз аниқ месозад.

*Даромади баҳисобгирӣ* - ин даромади умумӣ ё зарари давраи ҳисоботӣ, аз ҷумла, моддаҳои фавқулоддаи дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикосёфта то тарҳнамоии андоз ё ҷамъи маблаги имконпазири ихтисори андози ҳисобкардашудаи бо зарар вобастабуда. аст.

*Андоз барои пардохт* - ин маблаги андози ҳисобкардашуда аз даромади (фоидаи) андозситондашаванда ва дар давраи ҳисоботӣ барои пардохт воҷиббуда аст.

***Мисоли 1.*** Ширкат дар давоми фаъолияти худ ба маблаги 25000 в.ш фоида ба даст овард. Дар давоми соли ҳисоботӣ ширкат ҷаримаро ба андозаи 400в.ш. ба буҷа супорид ва зарарро аз фурӯши когазҳои қиматнок ба андозаи 1600 в.ш. акс намуд. Ин хароҷот мувофиқи кодекси андоз барои тарҳкунӣ воҷиб нест. Пас даромади андозситондашаванда аз даромади ҳисоботӣ ба маблаги ҷамъи ин хароҷот зиёд аст, яъне ба 2000 в.ш (400+1600).

Хароҷот оиди пардохти андоз ё камшавии имконпазири андози ҳисобгардидаи бо зарар вобаста буда дар давраи ҳисоботӣ -ин маблағи андози дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикосёбанда мебошад.

Маблағи андози пардохтшаванда мутобиқи Кодекси андози давлатҳо муайян мегардад. Дар аксар мавридҳо қоидаҳои муайянкунии даромади (фоидаи) андозситондашаванда аз сиёсати баҳисобгирии барои муайянкунии фоидаи баҳисобгирӣ истифодашаванда фарқ дорад.

Номувофиқии даромади баҳисобгирӣ ва андозситондашаванда аз мавҷудияти ду намуди фарқият: доимӣ ва муваққатӣ вобастагӣ дорад.

**Тавсифи фарқияти доимӣ ва муваққатӣ**

***Фарқияти доимӣ***

Фарқияти байни даромади андозситондашаванда ва ба ҳисобгирӣ дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки ***қисми моддаҳои даромад ба як ҳисоб дохил карда шуда, аз дигар ҳисоб хориҷ мегарданд***.

Масалан, баъзе харочот ҳангоми муайян кардани фоидаи андозситондашаванда тарҳ карда намешаванд, вале барои муайян намудани фоидаи баҳисобгирӣ тарҳ мегарданд. Чунин фарқиятҳоро доимӣ меноманд.

*Фарқияти доимӣ* – ин фарқи байни даромади андозситондашаванда ва баҳисобгирии давраи ҳисоботӣ аст, ки дар давраи ҳисоботии ҷорӣ пайдо шуда, дар давраҳои оянда пардохт намегардад.

Фарқияти доимӣ бо ҳисобкунии андози умумӣ аз фоида, ки онро корхона дар рафти фаъолияти худ мепардозад, вобастагӣ дорад.

Мисоли фарқияти доимӣ:

- ёрии моддии ба коргарон додашаванда, ки дар навбати худ ҳамчун моддаи харочот аз фаъолияти асосӣ зикр гашта, аз даромади андозситондашаванда тарҳ намегардад;
- фоизи ба дастомада аз вомбаргҳои давлатӣ, ҳамчун қисми даромади баҳисобгирӣ баромад карда, тибқи қонунгузории андоз, андоз ситонидашаванда нест;
- истеҳлоки гудвилл дар ҳисобот ҳамчун харочот аксёфта, вале аз даромади андозситондашаванда тарҳнашаванда аст;
- пардохти ҷаримаи ширкат дар ҳисобот ҳамчун харочот инъикос ёфта, вале аз даромади андозситондашаванда тарҳ намегардад;
- харочоти беҳуҷҷати ҳангоми ҳисобкунии фоидаи баҳисобгирӣ ба назар гирифта шаванда, ки аз даромади андозситондашаванда тарҳ карда намешавад;
- харочоти намояндагии ба ҳисобкунии фоидаи баҳисобгирӣ дохил буда, ки ба тарҳ аз фоидаи андозситгнидашаванда тибқи қонунгузорӣ мансуб нест.

Фарқияти доимӣ танҳо ба маҷмӯи андоз таъсир расонида, ҳангоми тақсимоти андоз аз фоида ягон муаммои амалӣ ва назариявиро ба миён намеорад. Ба ғайр аз ҳисоботи молиявӣ, онҳо аз доираи таъсири бухгалтерон берун мебошанд. Аз ин рӯ, минбаъд мо чунин мепиндорем, ки аллакай тасҳеҳи фоидаи баҳисобгирӣ (то андозситонӣ) ба маблағи фарқияти доимӣ иҷро шудааст.

***Фарқияти муваққатӣ***

Сабаби дигари пайдоиши фарқияти байни фоидаи андозситондашаванда ва баҳисобгирӣ ин ба давраҳои гуногуни ҳисобкунӣ дохил карда шудани он моддаҳое мебошад, ки ҳангоми ҳисоби ҳар ду маблағ истифода шудаанд.

*Фарқияти муваққатӣ* – ин фарқи байни даромади андозситондашаванда ва баҳисобгирии давраи ҳисоботӣ аст, ки ҳангоми мувофиқ наомадани давраи ҳисоботии дохилкунии баъзе моддаҳои даромад ва харочот ба даромади андозситондашаванда ва даромади баҳисобгирӣ ба миён меоянд.

Масалан, сиёсати баҳисобгирӣ метавонад муқарар созад, баъзе даромадҳо ҳангоми таъмини молу хадамот ва даромади баҳисобгирӣ дохил гардад, вале қоидаи андозситонӣ метавонад иҷозат диҳад, ки баробари воситаи пулӣ ба даромад дохил кунад. Мисол, сиёсати баҳисисобгирӣ талаб мекунад, ки даромади муайяне ба ҳисобкунии фоидаи баҳисобгирӣ ҳангоми қабулнамоии пули фурӯш дохил карда шавад, вале мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз, ин гуна даромад бояд ҳангоми пешниҳоди молу хизмат бояд ба ҳисобкунии фоида дохил карда шавад. Маблағи умумии ин даромадҳо, ки ба ҳисобкунии фоидаи баҳисобгирӣ ва андозситондашаванда дохил карда мешаванд, як хела буда, давраҳои ҳисоботии он гуногун мешаванд. Мисоли дигар ин усули истеҳлок аст, ки барои муайян намудани фоидаи андозситондашаванда истифода шуда, аз усули ҳангоми муайяннамоии фоидаи баҳисобгирӣ истифодашаванда, фарқ дорад. Чунин фарқиятро фарқияти муваққатӣ меноманд.

Фарқияти муваққатӣ дар як ё якчанд давраҳои оянда соқит мегардад.

*Шароити пайдоиши фарқияти муваққатӣ*

| | Усулҳои истифодашаванда бо мақсади тартиби ҳисоботи молиявӣ | Усулҳои истифодашаванда бо мақсади андозситонӣ |
|---|---|---|
| Эътирофи харочот | Мувофиқи усули ҳисобкунӣ ва тамдидӣ (харочоти оянда, захираҳои пардохти оянда) | Мувофиқи усули хазинавӣ (дар асоси ҳуччатҳо дар лаҳзаи баамалбарории харочот). |
| Ҳисобҳо барои қабул | Истифодаи тахфиф ва захираи қарзҳои шубҳанок | Азҳисоббарории мустақими қарзҳои шубҳаноки эътирофшуда пас аз ду сол. |
| Коғазҳои қиматнок | Эътирофи зарар дар лаҳзаи бавуҷудоӣ | Пӯшонидани қарзҳо дар давоми панч сол аз ҳисоби баландшавии арзиш аз фурӯши коғазҳои қиматноки дигар. |
| Воситаҳои асосӣ | Бемаҳдудиятии харочоти таъмир. Аз ҳисоб баровардан дар лаҳзаи барҳамдиҳӣ. | Харочоти таъмир дар ҳудуди 5% аз арзиши балансии гурӯҳ дар охири сол эътироф мегардад. Арзиши гурӯҳи камтар аз 50 даромади минималии андозситондашаванда буда - барои тарҳнамоӣ. |
| Истеҳлок | Усули муайян намудаи сиёсати баҳисобгирии корхона | Меъёри истеҳлоки дар Кодекси андоз муайян гардида. |
| Захираи мол | Масалан, истифодаи баҳодиҳии захираҳои молӣ бо арзиши миёна | Масалан, истифодаи усули FIFO барои баҳодиҳии захираҳои молӣ. |

Пайдоиш ва соқити фарқияти муваққатӣ метавонад дар давоми якчанд давраи ҳисоботӣ рух диҳад. Барои истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ маълумот доир ба намуд ва маблағи фарқияти муваққатӣ муфид аст. Усули инъикоси фарқияти муваққатӣ метавонад тағйир ёбад. Маълумот баъзан ба шарҳияи ҳисоботи молиявӣ дохил карда шуда, баъзан бо роҳи истифодаи усулҳои баҳисобгирии самараи андозии фарқияти муваққатӣ инъикос мегарданд.

***Мисоли 2.***

Даромади бухгалтерии ширкат то ситонидани андоз 200 000 в.ш.- ро ташкил медод. Меъёри андоз аз фоида ба 30% баробар аст. Мутобиқан харочоти андоз аз фоидаи бо мақсади баҳисобгирии молиявӣ ҳисобшуда ба 60 000 в.ш. баробар аст. Фарз кардем, ки ба таркиби даромад аз фурӯш маблағҳои ба фоидаи андозситондашаванда дохилнашаванда мавчуданд. Ин имконпазир аст, агар ширкат ба мақсади ҳисоботи молиявӣ усули ҳисобкунӣ ва барои ҳисоби андоз усули хазинавиро истифода барад.

Фарз кардем, ки фоидаи андозситондашаванда тибқи қонунгузорӣ ба 40 000 в.ш. баробар буда, қарздории чории андоз барои пардохт 12 000 в.ш.-ро ташкил медиҳад.

Харочоти андоз аз фоида 30% х 200 000 =60 000 в.ш.

Андоз барои пардохт 30% х 40 000=12 000 в.ш.

Фарқи байни ду маблағ - ин тамдиди пардохти андоз ба маблағи 48 000 в.ш. аст. Ин маънои онро дорад, ки ширкат дар ин лаҳза андозро аз фоида ба маблағи 12 000 в.ш. ва дар оянда 48 000 в.ш. месупорад.

Фарқияти муваққатӣ дар ҳолатҳои зерин ба миён меояд:

а) фарқи вақти гузаронидани маблағ ба дебит ва кредити ҳисоби фоида.

***Мисоли 3.***

Дар соли 2009 зарар аз фурӯши коғазҳои қиматнок 10 000 в.ш. ва дар соли 2010 фоида аз фурӯши дигар коғазҳои қиматнок 20 000 в.ш.-ро ташкил дод.

| | Дар ҳисобгирии бухгалтерӣ | Дар ҳисобгирии андоз | Фарқияти муваққатӣ |
|---|---|---|---|
| 2009 | (10) | - | 10 |
| 2010 | 20 | 10 | (10) |
| Ҳамагӣ | 10 | 10 | |

б) Фарқияте, ки ҳангоми истифодаи усулҳои гуногуни баҳодеҳӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобгирии андозӣ пайдо мегарданд.

***Фарқияти муваққатӣ аз ҳисоби вақти гузаронидан ба фоида***

Вақте, ки воқеоти ҳаёти хоҷагӣ ба андозаи фоидаи андозситондашавандаи як давраи ҳисоботӣ ва фоидаи баҳисобгирии дигар давраи ҳисоботӣ инъикос меёбанд, зарурати тақсими андоз аз фоида байни давраҳои ҳисоботӣ пайдо мешавад. Фарқияти муваққатии ба ин монанд дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- ҳангоме, ки маблағи муайян аз фоидаи андозситондашаванда кам карда шуда, ба харочоти давраҳои оянда дар давраи чории ҳисоботӣ дохил карда мешавад. Масалан, истифодаи усули истеҳлоки таъчилии воситаҳои асосӣ бо мақсади ҳисоботи молиявӣ ва усули истеҳлоки мунтазам барои андозситонӣ;

- ҳангоме, ки даромад ба ҳисоботи давраи ҷорӣ дохил карда шуда, бо мақсади андозбандӣ дар оянда ба қайд гирифта мешавад. Масалан, фоидаи ҳисоботӣ аз фурӯш бо усули тибқи СБҲМ муқарраршуда, яъне, бо мурури фиристодани мол, эътироф карда мешавад, вале фоидаи андозситондашаванда бо усули хазинавӣ мувофиқи Кодекси андоз, яъне, бо мурури пардохти он, эътироф мегардад;
- агар фоида ба ҳисоби андоз дохил карда шуда, дар баланс ҳамчун даромади давраҳои оянда инъикос ёбад. Масалан, пешпардохт барои иҷора дар баланс ба даромади давраи оянда мансуб буда, бастани андоз дар мӯҳлати ҷорӣ бо усули хазинавӣ амалӣ гардад;
- агар дар ҳисобот оиди фоида ва зарар маблағ ҳамчун хароҷоти ҷории давраи ҳисоботӣ инъикос ёбад, аммо маблағи фоидаи андозситондашавандаи давраи ояндаро кам намояд. Масалан, ҳисобкунии хароҷот барои таъмири кафолатӣ танҳо дар лаҳзаи воқеъ гардидани таъмир аз ҳисоби андоз аз фоида тарҳ карда мешавад.
-

***Фарқияти баҳодиҳии муваққатӣ***

Гоҳе ҳолатҳое дучор меоянд, ки фарқият бо сабаби истифодаи усулҳои мухталифи баҳодиҳӣ дар баҳисобгирии молиявӣ ва андозӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумла:

1. Паст намудани асоси андозситонии моликияти истеҳлокшаванда дар натиҷаи қарзи андозӣ. Асоси пайдоиши фарқият дар ин ҳолат номутаносибии ингиҳоби андозсупоранда аст: истифодаи низоми имконпазири истеҳлоки таъҷилӣ бе қарзи андозиро ба кор бурдан, ё ки инро истифода намуда, аз истеҳлоки таъҷилӣ даст кашидан;
2. Фаъолияти хориҷӣ, ки асьори ҳисоботи он ҳамчун асъори амалкунанда баромад мекунад. Дар натиҷаи тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ баҳодиҳии мувофиқи активҳо ва қарздории кредиторӣ, ки ҳамчун асос барои андозбандӣ ҳисоб карда мешавад, аз баҳодиҳии онҳо бо асъори миллӣ метавонанд фарқ кунанд.
3. Афзоиши баҳодиҳии активҳо чун асоси андозбандӣ дар натиҷаи индексатсияи амвол, ки боиси таваррум аст. Баъзан мақомоти андозҳисобкунӣ асоси андозбандиро дар пояи индексатсияи арзиши ибтидоии баъзе намудҳои амвол талаб мекунанд. Дар ин маврид, баҳодиҳии балансии активҳо тағйир намеёбад.
4. Муттаҳидшавии корхона дар шакли харид. Аксар вақт фарқияти баҳодиҳии активҳо, ки дар натиҷаи муттаҳидшавии корхонаҳо ба миён меояд, аз баҳодиҳии ҳамон активҳо, ки барои ҳисоби андоз аз амвол истифода мешавад, ба вуҷуд меояд.

## Баҳисобгирии самараи андоз аз фарқияти муваққатӣ

Мувофиқи СБҲМ андоз аз фоида ҳамчун хароҷоти корхона дар рафти гирифтани даромад ба шумор рафта, дар давраи пайдоиши даромаду хароҷоти мувофиқ ҳисоб карда мешавад. Самараи андози фарқияти муваққатии бавуҷудомада дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ба хароҷоти пардохти андоз дохил карда шуда, дар моддаи «Андози мавқуфгузошташуда»-и баланс инъикос меёбад. Ширкатҳо мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулшуда, андоз аз фоидаро бо усулҳои зерин метавонанд инъикос намоянд.

А) ***усули андоз барои пардохт***, ки бурдани баҳисобгирии андоз аз фоидаро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи андоз пешбинӣ намуда, инъикоси фарқиятҳои муваққатӣ талаб карда намешавад;

Б) ***усули тамдидӣ*** (мавқуфгузорӣ), ки мувофиқи он самараи андози фарқияти муваққатӣ ба тамдид воҷиб буда, дар ҳисоботи давраҳои оянда тақсим карда мешавад;

В) ***усули ӯҳдадорӣ***, ки мувофиқи он самараи андози фарқияти муваққатии дар давраи ҳисоботӣ пайдошуда, дар баланс ҳамчун ӯҳдадорӣ ё актив инъикос мегардад.

Андоз аз фоидаро мебояд дар ҳисоботи молиявӣ бо тариқи зайл инъикос намуд:

- андоз аз фоида, ки ба лаҳзаи кунунӣ барои пардохт воҷиб аст, ҳамчун *ӯҳдадорӣ* тасниф карда мешавад;
- *андози тамдидӣ*, ки онро мебояд пардохт ё дар оянда пардохт намуд ва ё дар оянда имконияти имтиёзро дорад, ба сармояи саҳҳомӣ дохил набуда, дар баланс аз рӯи моддаҳои актив ё ӯҳдадорӣ инъикос меёбад.

Маблағи андоз аз фоидаро мебояд бо усули тамдид ё бо усули ӯҳдадорӣ муайян карда, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар якҷоя бо чунин қисмҳои таркибӣ дохил намуд:

- фарқияти муваққатӣ;
- фарқияти доимӣ.

***Усули тамдидӣ***

Тибқи усули тамдидӣ самараи андози фарқияти муваққатии ҷорӣ ба тамдид воҷиб аст ё ба ҳисоботи давраи оянда, ки тӯли онҳо фарқиятҳои муваққатӣ пурра соқит мегарданд, тақсим карда мешавад.

Мувофиқи усули тамдидӣ ба хароҷоти пардохти андоз барои давраи ҳисоботӣ:

- андози ҳисобгардида барои пардохт;
- самараи андози фарқияти муваққатии ба дигар давраҳо мавқуфгузошташуда ё аз давраҳои пеш гузашта, дохил карда мешавад.

Самараи андози фарқияти муваққатии дар давраи ҷорӣ пайдогашта, бо ёрии истифодаи меъёри андоз аз фоида муайян мегардад. Самараи андози фарқияти алоҳидаи муваққатии давраи пешина, ки дар ҳисоботи давраи ҷорӣ соқит мегардад, бо истифодаи меъёри андози аввал муқаррар шуда муайян мегардад. Бо мақсади содда намудани усули мазкур фарқияти муваққатии монанд гурӯҳбандӣ карда мешавад.

***Мисоли 4.***

Ширкат дар соли 2010 даромадро ба андозаи 100 000 в.ш. ба даст овард. Барои муайян кардани даромади андозбандишаванда, фарқияти муваққатии натиҷаи гуногунии ҳисоби истеҳлок ба андозаи 10 000 в.ш. ва зарар аз фурӯши қоғазҳои қиматноки пошнанашуда ба андозаи 30000 в.ш ҳисоб гардид. Дар ҳисобгирии бухгалтерӣ ҳангоми истифодаи усули тамдид хароҷоти андоз аз фоида 30000 в.ш.-ро ташкил намуд (меъёри андоз –30%).

Ҳисобкуниҳо барои муқарраркунӣ:

андоз аз фоида барои пардохт (100000+300000-10000)*30%=36000 в.ш.

самараи андози фарқияти муваққатӣ (30000-10000)*30%=+6000в.ш.

Навишт дар баҳисобгирии бухгалтерӣ:

*Хароҷоти андоз аз фоида.............................................30000*

*Андози тамдидӣ аз фоида..............................................6000*

*Андоз аз фоида барои пардохт.............................................36000*

***Усули ӯҳдадорӣ***

Мутобиқи усули ӯҳдадорӣ, самараи андозии интизории фарқияти муваққатии ҷорӣ дар баланс ё чун ӯҳдадорӣ дар моддаи «Андозҳои тамдидӣ» ва ё чун актив дар моддаи «Хароҷоти тамдидӣ - андоз», ки амалан пардохти пеш аз мӯҳлати андозиояндаро таҷассум мекунад, муайян ва инъикос карда мешавад. Бақияи андози тамдидӣ мувофиқи тағйирёбии меъёри андоз аз даромад тасҳеҳ карда мешавад.

Мувофиқи усули ӯхдадорӣ ба хароҷоти пардохти андоз дар давраи ҳисоботӣ дохил мегардад:

а) андоз барои пардохти ҳисобкардашуда;

б) маблағи андози пардохташаванда ё пешпардохт ҳисобшаванда мувофиқи фарқияти муваққатии дар давраи ҷорӣ пайдошуда ё соқитшаванда;

в) тасҳеҳи моддаи «Андози тамдидӣ» дар баланс, ки барои инъикоси тағйироти меъёри андоз аз фоида зарур аст.

***Мисоли 5.***

Ширкат дар соли 2010 даромадро ба андозаи 200 000 в.ш. гирифт. Барои муайян кардани даромади андозбандишаванда фарқияти муваққатии натиҷаи фарқияти ҳисобкунии истеҳлок ба андозаи10 000в.ш. ва зарари пӯшониданашуда аз фурӯши коғазҳои қиматнок ба андозаи 30 000в.ш. ба ҳисоб гирифта шуд. Дар соли 2010 меъёри андоз 30% буд, вале дар ҳамин сол меъёри андоз барои давраи ҳисоботии оянда 35% муқаррар гардид.

***Ҳисобкуниҳо барои муқарраркунӣ:***

- андоз аз фоида барои пардохт (200 000+30 000-10 000)*30% = 66 000 в ш.
- самараи андоз аз фарқияти муваққатӣ (30 000-10 000)*35% = 7 000 в.ш.
- ислоҳи андози тамдидӣ (10 000*30%)-(10 000*35%) = (500)в.ш

Навишт дар баҳисобгирии бухгалтерӣ:

аз рӯи ҳисобкунии пардохти андоз:

*Хароҷоти андоз аз фоида.............................................59 000*

*Андози тамдидӣ аз фоида.............................................7 000*

*Андоз аз фоида барои пардохт.............................................65 000*

Аз рӯи ислоҳи андози тамдидӣ дар ибтидои давраи ҳисоботӣ:

*Хароҷоти андоз аз фоида.............................................500*

*Андози тамдидӣ аз фоида.............................................500*

**Усули андоз барои пардохт**

Хароҷоти пардохти андоз аз фоида - ин хароҷот аз фоидаи ширкат, ки аз фаъолияти ҷорӣ ба даст омада аст. Ҷамъи ин хароҷот метавонад баробар ва метавонад ба ҷамъи андози пардохташудаи аслии ширкат нобаробар бошад. Ин маблағ дар асоси Кодекси андоз муайян мегардад. Барои бисёр ширкатҳои хурд бурдани навиштҳои бухгалтерӣ дар асоси

қонунгузории андоз мусоид мебошад. Ҳамин тариқ, хароҷот барои пардохти андоз дар ҳисобот оиди фоида ва зарар оварда шуда, ба маблағи ба буҷа пардохтшаванда баробар аст. Ҳангоми набудани фарқияти моддӣ байни фоидаи мувофиқи СБҲМ ҳисобгардида ва бо усули қонунгузории андоз муайянкарда ҳисобшуда, чунин амалия қобили қабул аст.

***Тартиби баҳисобгирии андоз дар вақти гирифтани зарар аз фаъолияти иқтисодӣ***

Қонунгузории андоз мавқуфгузории зарари фаъолияти соҳибкориро ба муддати муайян барои пӯшонидани он аз ҳисоби даромади андозбандишавандаи давраҳои оянда иҷозат медиҳад. Дар ин маврид зарар камшавии имконпазири маблағи андози ҳисобкардашударо (сарфаи андоз аз фоида) таъмин менамояд.

Камшавии имконпазири маблағи андози ҳисобкардашудаи бо зарар алоқаманд ба ҳисобкунии фоидаи давраи ҳисоботӣ дар ҳолатҳои зерин дохил карда мешавад:

- мавҷудияти боварии комил нисбати он, ки фоидаи андозситондашавандаи оянда барои пӯшонидани ин зарар кифоя аст;
- мавҷудияти бақияи кредитии ҳисоби «Андози тамдидӣ аз фоида».

Дар ҳолате, ки талафоти андоз бо камшавии андози давраи оянда ба ҳисоб гирифта мешаванд, имтиёзҳои андозӣ дар давраи ҷории ҳисоботӣ муқаррар карда шуда, вале танҳо дар давраҳои оянда истифода мешаванд. Дар шароитҳои дигари баробар ширкате, ки имтиёзи андозии мавқуфгузоштаро дорад, нисбати ширкати чунин имтиёзро надошта, мавқеи бурднокро дорост.

Навъи дигари шарҳи ин модда ҳамчун актив, мавқуфгузории эътирофи имтиёз то он лаҳзае мебошад, ки ширкат фоидаро барои истифодаи имтиёзи андоз ба даст меорад. Агар подош ҳамчун камкунии андози пардохтшаванда инъикос ёбад, дар ин ҳолат имтиёз ба давраи истифодаи он дохил мегардад, вале ҳамчун тасҳеҳи маълумоти он давраe, ки ин имтиёз ба миён омадааст, инъикос мегардад. Чунин тартиб бо тасаввуре оиди он, ки манбаъи подош ихтисори пардохтҳои андозист, на балки фоидаиояндаи ин гуна подошро имкондиҳанда мебошад, мувофиқ аст.

Имтиёзи андоз дар ҳисобот дар ҳолате инъикос мегардад, ки вай ба ҳисоботи давраи оянда гузаронида шавад. Маблағи подоши андозие, ки аз гузаронидани тахфифи андоз ба давраҳои оянда пайдо мешавад, бояд дар ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ дар соли истифодаи он тахфиф, на дар соли пайдоиши он, инъикос гардад.

**Усули ӯҳдадорӣ дар баланс**

Усули ӯҳдадорӣ, ки онро гоҳо усули ӯҳдадорӣ дар баланс низ меноманд, таваҷҷӯҳро ба фарқияти муваққатӣ ҷалб менамояд.

Фарқияти муваққатӣ - ин фарқияти асоси андозии актив ё ӯҳдадорӣ ва арзиши балансии ӯст.

Асоси андозии актив - ин бузургии арзиши ин актив ё ӯҳдадорӣ бо мақсади андозбандист.

Мувофиқи СБҲМ 12 «Андоз аз фоида» ***фарқияти муваққатӣ метавонад:***

- ***андозбандишаванда бошад, яъне ба пайдоиши маблағҳои андозбандишаванда ҳангоми муайянкунии фоида (зарар)_-и андозбандишавандаи давраҳои оянда, вақте ки арзиши балансии актив ё ӯҳдадорӣ подош ва ё пардохт мешаванд, бурда расонад;***
- ***тарҳшаванда бошад, яъне фарқияте, ки натиҷааш тарҳкуниҳо ҳангоми муайянкунии фоида (зарар)-и андозбандишавандаи давраҳоиояндааст, вақте, ки арзиши балансии актив ё ӯҳдадории мувофиқ подош ё пардохт кунонида мешаванд.***

Асоси андозии актив – ин бузургиест, ки бо мақсади андозбандӣ аз ҳама гуна манфиати иқтисодии андозситондашаванда, ки ширкат пас аз подоши арзиши балансии актив мегирад, тарҳ карда мешавад. Агар ин манфиатҳои иқтисодӣ андозбандӣ нашаванд, онгоҳ асоси андозии актив ба арзиши балансии он баробар мегардад.

***Мисоли 6.***

а) Даромади фоизии гирифташаванда дар баланс баробари 1 000 в.ш аст. Ин даромад бо усули хазинавӣ андозбандӣ мегардад. Яъне манфиати иқтисодии андозбандишаванда ба 1 000 в.ш баробар буда, маблағи балансии актив аз манфиати иқтисодӣ тарҳ нашуда, асоси андозии актив ба 0 баробар мешавад.

б) Дастгоҳ 10 000 в.ш арзиш дорад. Бо мақсади андозбандӣ истеҳлок аллакай ба маблағи 3 000 в.ш дар давраи ҷорӣ ва гузашта нигоҳ дошта шудааст, арзиши боқимонда дар давраи оянда ё ба шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ, ё ҳангоми хориҷшавии таҷҳизот тарҳ карда мешавад. Пули фурӯш аз натиҷаи истифодабарии таҷҳизот ва ҳама гуна даромад аз фурӯши таҷҳизот андозбандӣ карда шуда, ҳама гуна зарар аз фурӯш бо мақсади андозбандӣ тарҳ мешавад. Асоси андозии таҷҳизот ба 7 000 в.ш баробар аст.

в) Қарздории дебиторӣ аз рӯи амалиёти тиҷоратӣ дар баланс 4 000 в.ш - ро ташкил медиҳад. Даромади мувофиқ аллакай ба фоидаи андозбандишаванда (зарари андозӣ) дохил гаштааст.Асоси андозии қарздории дебиторӣ ба 4 000 в. ш баробар аст. Арзиши балансии қарзҳо барои қабул ба 4 000 в.ш. баробар аст. Подоши қарз ягон оқибати андозиро надорад. Асоси андозии қарз ба 4 000 в. ш. баробар аст.

Асоси андозии ӯҳдадорӣ ба арзиши балансии он тарҳи ҳама гуна маблағи бо мақсади андозбандӣ нисбати ин ӯҳдадорӣ дар давраҳои оянда тарҳшаванда, баробар аст. Дар ҳолати пешпардохти гирифташуда, асоси андозии ӯҳдадории пайдошуда ба арзишии балансии он тарҳи ҳама гуна маблағи даромади дар давраҳои оянда андозбандинашаванда, баробар аст.

***Мисоли 7.***

Ба ӯҳдадории кӯтоҳмуддат хароҷоти ҳисобкардашуда ба арзиши балансии 100в.ш. дохил аст. Хароҷоти мазкур бо мақсади андозбандӣ бо усули хазинавӣ ҳисоб карда мешавад. Асоси андози хароҷоти ҳисобшуда бо 0 баробар аст. Ба ӯҳдадории кутоҳмуддат даромад аз фоизи пешпардохтшуда, ки арзиши балансии он ба 100 в.ш. баробар аст, дохил мешавад. Даромад аз фоиз бо усули хазинавӣ андозбандӣ карда мешавад. Асоси андози фоизи бо таври пешпардохт гирифташуда ба 0 баробар аст.

*Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда* - ин маблағи андоз аз фоида мебошад, ки дар давраи оянда барои пардохт нисбати фарқияти муваққатии андозбандишаванда воҷиб аст. Он бояд барои тамоми фарқиятҳо ба эътибор гирифта шавад, ба ғайр аз:

a) гудвилл (обрӯи кории мусбӣ), ки бо мақсади андозбандӣ истеҳлоки он тарҳ карда намешавад;

b) эътирофи ибтидоии актив ва ӯҳдадорӣ, ки вобаста ба созишнома оиди:

(1) муттаҳидшавии корхона нест, ва

(2) дар лахзаи баамалоӣ ба фоидаи баҳисобгирӣ ё андозбандишаванда таъсир намерасонад.

*Талаботи андозии мавқуфгузошташуда* - ин маблағи андоз аз фоида мебошад, ки дар давраҳои минбаъда нисбати:

(а) фарқияти муваққатии тарҳшаванда;

(б) зарари андозии кабулнагардидаи ба давраи дигар гузаронидашуда;

(в) қарзҳои андозии истифоданагардидаи ба давраи дигар гузаронидашуда, подош мегардад.

Он бояд барои ҳамаи фарқияти муваққатӣ дар андозае, ки имконияти гирифтани фоидаи андозбандишаванда ва насбати он фарқияти муваққатӣ истифодашаванда мавҷуд ҳаст, эътироф мегардад, ба ғайр аз ҳолатҳои зерин:

(а) бэдвилл (обрӯи кории манфӣ), ки истеҳлоки он ҳамчун андози мавқуфгузошташуда ба ҳисоб гирифта мешавад;

(б) эътирофи ибтидоии актив ва ӯҳдадории вобаста ба созишномае, ки:

(1) мутахидшавии корхона нест, ва

(2) дар лахзаи баамалоӣ ба фоидаи баҳисобгирӣ ё андозбандишаванда таъсир намерасонад.

*Дар ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ фарқияти муваққатӣ бо роҳи муқоисаи арзиши балансии актив ва ӯҳдадорӣ бо асоси андозии мувофиқ муайян мегардад. Асоси андоз нисбати изҳороти (декларатсияи) ҷамъбастии андоз дар доираҳои муайяни ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.*

Барқарорсозии фарқияти муваққатии тарҳшаванда бо роҳи кам кардани фоидаи андозситонидашаванда дар давраҳои оянда инъикос мегардад.

**Баҳодиҳӣ**

Ӯҳдадориҳои (талаботи) андозӣ бояд ба маблаги барои пардохт ба идораҳои андоз пешбинишуда бо истифодаи меъёри андозии дар рӯзи хисоботӣ амалкунанда баҳо дода шавад.

Талаботи (ӯҳдадориҳои) мавкуфгузошташудаи андозӣ бояд бо истифодаи он меъёри андозие, ки дар давраи қонеъшавии талабот вā пардохтшавии ӯҳдадориҳо истифода мегардад, баҳо дода шавад.

Талабот ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ набояд дисконтиронида шаванд.

Арзиши балансии талабот ва ӯҳдадориҳои мавкуфгузошташудаи андозӣ метавонанд ҳатто дар холати бетағйир мондани бузургии фарқияти муваққатӣ тағйир ёбанд. Ин дар натиҷаи тағйирёбии меъёри андоз, азнавбаҳодиҳии баркароршавии активи андозии мавқуфгузошташуда ё тағйирёбии усули пешбинишудаи подоши актив, метавонад рӯй диҳад.

*Мисоли 8.*

Арзиши балансии актив 100 в.ш. ва асоси андозии он баробари 60 в.ш. аст. Дар ҳолати фурӯши актив меъёри андозии 20% истифода гардида, нисбати дигар даромадҳо меъёри андозии 30% истифода мешуд.

Дар ҳолати фурӯши актив бе истифидобарии минбаъдаи он. ширкат ба маблаги 8 в.ш. (40в.ш. бо меъёри 20%) ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузоштаро эътироф менамояд. Дар ҳолати нигоҳдории актив бо подошнамоии арзиши балансии он бо роҳи истифодабарӣ. ширкат ба маблаги 12в.ш.(40в.ш. бо меъёри 30%) ӯҳдадориҳои мавқуфгузоштаи андозиро эътироф менамояд.

**Ошкори маълумот оиди андоз аз фоида**

Моддаҳои умумии зерин бояд дар ҳисоботи молиявӣ алоҳида ошкор гарданд:

а) камшавии имконпазири маблаги андози ҳисобкардашуда. ки ба давраи ҳисоботии дидани зарар дохил карда мешавад;

б) камшавии имконпазири маблаги андози ҳисобкардашуда. ки ба ҳисобкунии фоидаи софи давраи ҳисоботӣ ҳамчун натиҷаи баназаргирии зарар дохил карда мешавад:

в) маблаги пӯшонидани минбаъдаи зарар. ки барои он самараи мувофиқи андозӣ ба ҳисобкунии фоидаи софи давраҳои гуногун дохил нагардидааст.

Моддаҳои зерин оиди сарфаи андоз бояд ошкор карда шаванд:

а) хароҷоти пардохти андоз. ки ба фоида аз фаъолияти маъмулӣ мансуб мебошад;

б) хароҷоти пардохти андоз. ки ба моддаҳои фавкулодда, хатоиҳои муҳим ва тағйирёбии сиёсати баҳисобгирӣ дохиланд;

в) шарҳи таносуби байни хароҷоти пардохти андоз ва даромади баҳисобгирӣ, агар вай бо меъёри андозии дар мамлакати фаъолиятбарандаи корхона тавзеҳ нагардад.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009 . – 261с.
5. Налоговый кодекс Республики Таджикистан от 03 ноября 2004 г. с изменениями и дополнениями по состоянию на 3 декабря 2009г., в редакции Закона Республики Таджикистан от 3 декабря 2009г., №571.
6. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
7. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы, 2002.
8. Матиюс М.Р., Перера М.Х.Б. Теория бухгалтерского учета Пер. с англ. Под ред. Я.В.Соколова – М: ЮНИТИ, 2008.
9. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. – М.: Финансы и статистика. 1997.
10. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997.
11. Энтони Р., Рис Дж. Учет: Ситуации и примеры. – М: Финансы и статистика, 1996.


**Замима**

**Роҳнамо ба ҳуҷҷати таҳқики андоз**

Тамоми ҳисобкуниҳо барои муайянкунии фоидаи андозбандишаванда мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

*Хариди воситаҳои асосӣ (моддаи 195).* Ба арзиши активҳо хароҷоти хариди онҳо, истеҳсол, сохтмон, васл ва насб, инчунин дигар хароҷоте, ки арзиши онҳоро зиёд мекунад, ба ғайр аз хароҷоте, ки нисбати онҳо андозсупоранда ҳуқуқи нигоҳдории маблағро дорад, дохил карда мешавад.

Дар сурати фурӯш ё додани қисми активҳо, арзиши актив дар лаҳзаи фурӯш ё пешниҳод байни қисматҳои боқимонда ва фурӯхташуда (пешниҳодшуда) тақсим карда мешавад.

*Истеҳлок.* Тибқи СБҲМ арзиши активҳо бояд ба таври мунтазам дар давоми мӯҳлати фоидаоварии онҳо аз ҳисоб бароварда шавад. Усулҳои истеҳлок ва меъёрҳои Кодекси андоз метавонанд бо усули истеҳлок ва меъёрҳои бо мақсади молиявӣ истифодашаванда номувофиқ бошанд. Фарқи байни ин ду усул барои тасҳеҳи фоидаи баҳисобгирӣ истифода мешавад (ниг. моддаи 153).

*Таъмир.* Мувофики СБҲМ харочоти таъмир ва нигоҳубини чорӣ, ки барои активро ба ҳолати корӣ овардан ба амал бароварда шуда, фоидаи иқтисодиашон аз фоидаи иқтисодии интизории аввалиндарача зиёд нест, ба харочоти давра дохил мегардад. Мувофиқи Кодекси андоз маҳдудияте мавчуд хаст, ки тибқи он маблағи харочот барои таъмир на зиёда аз 10%-и арзиши балансии гурӯҳи воситаҳои асосӣ дар охири соли пешина бошад. Маблағи аз маҳдудият зиёд буда, ҳамчун арзиши воситаҳои асосӣ, ки ба арзиши синф (категория) дар давоми соли андозӣ илова шудааст, тасаввур шуда, арзиши балансии гурӯҳро зиёд мегардонад. Бояд фоидаи баҳисобгириро ба маблағи харочоти аз маҳдудият зиёдбуда тасҳеҳ намуда, онро ҳангоми ҳисобкунии истеҳлоки андозӣ ба назар гирифт (ниг. моддаи 154).

*Пардохтхои хайриявӣ.* Кодекси андоз тарҳкуниҳоро барои пардохтҳои хайриявӣ (моддаи 148) ба андозаи пардохти ҳақиқӣ, вале на зиёда аз 10%-и фоидаи андозбандишаванда (ба ғайр аз баҳисобгирии маблағи тарҳшавандаи моддаи зикргашта) ичозат медиҳад. Ҳангоми пардохт ба шакли моликият ба сифати маблағи ҳақиқии пардохтгардида камтарин аз ду андоза: арзиши бозории моликият ва арзиши аслии он қабул карда мешавад.

*Тарҳкунии харочот оиди пардохти фоиз(Моддаи 149).* Мувофиқи Кодекси андоз андозаи тарҳкунӣ вобаста аз маблағи қарзе, ки мебояд дар давоми соли андозии чорӣ пардохт намуд, вале на зиёда аз андозаи секаратаи фоизи меъёри қарзии музоядаи байнибонкии қарзии Бонки миллии Точикистон бошад.

Нисбати корхонае, ки зиёда аз 25% сармояи оинномавиашон бевосита ё бовосита ба ғайрирезидентҳо ё шахсони ҳуқуқии аз андози фоида аз рӯи ҳар як қарзи дар доираи давраи андозсупорӣ истифодашуда озод кардашуда тааллуқ дорад, фоизи пардохтшуда тарҳ карда мешавад, аммо дар айни ҳол маблағи калонтарини фоизҳое, ки тарҳ карда мешаванд, бо маблағҳои зерин маҳдуд карда мешавад:

а) ҳамагуна даромади фоизии чунин корхона, чамъи

б) 50 фоизи даромади умумии ин корхона (ба ғайр аз даромади фоизӣ), ки ба маблағҳои нигоҳдошташавандаи ичозатдодашуда кам карда шудааст ва ин амал тибқи ҳамин боб роҳ дода мешавад, ба ғайр аз маблағҳои нигоҳдоштанашаванда нисбати фоизҳо.

*Қарзҳои шубҳанок.* Кодекси андоз ичозатро барои тарҳкунии қарзҳои шубҳанок дар лаҳзаи тарҳкунӣ аз китобҳои бухгалтерӣ медиҳад, агар даромади бо он алоқаманд қаблан ба даромади умумии фаъолияти соҳибкорӣ дохил шуда бошад. (моддаи 150). Ҳангоми истифодабарии усули хазинавӣ корхона қарзҳои шубҳаноки худро бо ба итмом расидани давраи даъвоӣ баъди 3 сол тарҳ мекунад.

*Харочоти тадқиқоти илмӣ, лоиҳакашӣ ва корҳои тачрибавию конструкторӣ.* Мувофиқи Кодекси андоз харочоти тадқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва тачрибавию конструкторӣ ба ғайр аз харочот барои харидани воситаҳои асосӣ, шинонидани онҳо ва дигар харочоти дорои хусусияти капиталӣ аз маҷмӯаи даромадҳо тарҳ карда мешаванд (моддаи 152).

*Харочоти пардохти суғурта.* Аз пардохтҳои суғуртавӣ, ки суғурткунандагон аз рӯи шартнома ба амал мебароранд, бояд ба ғайр аз пардохтҳои суғурта аз рӯи шартномаи дорои хусусияти захиракунӣ ва баргардонӣ маблағ нигоҳ дошта мешавад (моддаи 155).

*Харочоти чустучӯи захираҳои табиӣ(Моддаи 156).* Тибқи Кодекси андоз, харочоти корҳои геологию чустучӯӣ ва корҳо оиди тайёрӣ ба коркарди захираҳои табиӣ бояд аз даромади умумӣ аз рӯи меъёри истеҳлоки воситаҳои асосӣ гурӯҳи 2 тарҳ карда шуда, гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд. Ба фоидаи баҳисобгирӣ мебояд маблағи ихрочро, ки ҳамчун харочоти ихрочи захираҳои табиӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ эътироф мегардад, илова намуд.

*Харочоти активҳои ғайримоддӣ.* Бо мақсади андозситонӣ активҳои ғайримоддӣ бояд аз рӯи меъёри гурӯҳи 5 воситаҳои асосӣ (ниг. моддаи 157) сармоя гардонида ва тачдид кунонида шаванд. Мебояд фоидаи баҳисобгириро ба маблағи фарқияти байни онҳо тасҳеҳ намуд.

*Чарима ва фоизи ба буҷет пардохташаванда.* СБҲМ тарҳи харочоти бо пардохти чарима ва фоиз алоқамандро имкон медиҳанд. Аз рӯи Кодекси андоз чарима ва фоизи ба буҷети Ҷумҳурии Точикистон ва буҷетҳои дигар давлатҳо пардохташаванда аз даромади солона тарҳшаванда ба ҳисоб намеравад. Фоидаи баҳисобгирӣ бояд ба маблағи харочоти барои пардохти чарима ва фоиз ба буҷети Ҷумҳурии Точикистон ва буҷети дигар давлатҳо пардохташаванда тасҳеҳ карда шавад (моддаи 158,2).

*Харочоти андоз.* Кодекси андоз тарҳкуниро нисбати андоз аз музди меҳнат ё андоз аз фоидаи дар қаламрави Ҷумҳурии Точикистон ё берун аз он (моддаи 158,1) ва андози минималии аз даромад (моддаи 158,3) пардохтшударо ичозат намедиҳад. Ба фоидаи баҳисобгирӣ бояд маблағи харочоти бо ҳисобкунии андозҳои мазкур дахлдор чамъ карда шавад.

*Харочоти намояндагӣ ва дигар харочоти ба он монанд.* Нисбати харочоти намояндагӣ ва дигар харочоти ба он монанд Кодекси андоз (моддаи 147-3) (барои гузаронидани тантанаҳо, чойгирнамоии меҳмонон ва ғайра) ягон навъи тарҳкунии маблағро роҳ намедиҳад. Андозсупорандае, ки фаъолияти соҳибкории он хислати дилхушнамоиро дорад, ва ин харочот дар доираи фаъолияти ӯст, истисност.

*Зарар аз фурӯш ё додани амвол.* Тибқи СБҲМ зарар аз фурӯш ё додани амвол бо далели пайдоиши онҳо эътироф карда мешавад. Мувофиқи Кодекси андоз чунин зарар (ба ғайр зараре, ки аз фурӯш ё додани амволи дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ё амволе, ки фоида аз фурӯш ё додани он аз андоз озод карда шудааст) аз ҳисоби фоида аз фурӯш ё додани амволи дигари шабеҳи он чуброн карда мешавад. Дар ҳолати имконнопазир будани чуброни чунин зарар вай ба мӯҳлати се сол мавқуф гузошта шуда, бо фоида аз фурӯш ё додани амволи дигари монанд чуброн мегардад (моддаи 159).

*Гузаронидани зарар.* Мувофиқи Кодекси андоз дар сурати зиёд будани тарҳкуниҳо нисбати даромади умумии корхона (зарар аз фаъолияти соҳибкорӣ) онҳо ба давраҳои оянда - то се сол гузаронида шуда, аз ҳисоби фоидаи давраҳои оянда пӯшонида мешавад. Харочот аз ҳисоби фоидаи умумӣ то андозбандӣ пӯшонида мешавад. Зараре, ки дар давоми се сол бо фоида пӯшонида намешавад, аз ҳисоби фоидаи соли чаҳорум пӯшонида намешавад.

*Эзоҳ.* Тасҳеҳҳои овардашуда мукаммал буда, объектҳои баҳисобгирии андоз мебошанд. Онҳо имконияти инъикоси ӯҳдадориҳои ҳисобкардашудаи андоз аз фондаро дар ҳисобгирии бухгалтерӣ медиҳанд. Аммо барои инъикоси маблаги даромади андозситондашаванда бояд дар эъломия(декларатсия) маблаги фоидаи андозситондашаванда аз шакли таҳқиқии андозӣ ба маблаги фоида ё зарар, ки дар баҳисобгирии бухгалтерӣ бевосита ба зиёд ё камкунии сармояи худӣ дар моддаи «Фоидаи тақсимнашуда» тибқи СБҲМ №12 бурда шудааст, зиёд ё кам карда шавад.

***Ҷадвали корӣ – истеҳлоки андозӣ.***

| *Синф* | *№1* | *№2* | *№3* | *№4* | *№5* |
|---|---|---|---|---|---|
| Арзиши балансии синф дар охири соли гузаштаи андозӣ | | | | | |
| ***Тарҳ***<br>Истеҳлоки соли гузаштаи андозӣ*** | | | | | |
| ***Ҷамъ***<br>Арзиши воситаи асосии ба синф дар соли ҷории андозӣ ҷамъгардида | | | | | |
| ***Тарҳ***<br>Нархи бароришини воситаҳои асосии дар давоми соли андозӣ фурӯхташуда | | | | | |
| ***Баробар***<br>Арзиши балансӣ дар охири сол | | | | | |
| Меъёри ҳудуди истеҳлок | **20%** | **15%** | **8%** | **7%** | **10%** |
| Истеҳлок бо мақсади андоз | | | | | |

*ниг. моддаи 153 Кодекси андоз

**ба ҳар як иншоот, биноҳо, таҷҳизот ва сохтмонҳо истеҳлок алоҳида ҳисоб карда мешавад.

*** агар бузургии арзиши балансии синф дар охири сол камтар аз 50 нишондиҳандаи ҳисоби бошад, тамоми арзиши балансии синф тарҳ карда мешавад.

**<u>Моддаи 153 Кодекси андози ҶТ.</u> Ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ ва маблағтарҳкунӣ аз воситаҳои асосӣ:**

Аз ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз воситаҳои асосӣ, ки дар фаъолияти иқтисодӣ истифода бурда мешаванд, тибқи муқаррароти ҳамин модда маблағ тарҳ карда мешавад.

Ба активҳое, ки набояд истеҳлок шаванд, дохил мешаванд:

-Замин;

-Асарҳои санъат;

-Захираҳои моливу моддӣ;

-амволе, ки арзиши онҳо дар соли андозии ҷорӣ ҳангоми муайян кардани фоидаи андозбандишаванда пурра нигоҳ дошта мешавад ва дигар активҳои хӯрданашаванда.

Воситаҳои асосии истеҳлокшаванда, аз рӯи меъёрҳои зерин ба 5 гурӯҳи зерин тасниф мешаванд:

| Гурӯҳ | Намуди амвол | Меъёри истеҳлок % |
|---|---|---|
| 1 | Автомашинаҳои сабукрав, техникаи автотрактории роҳсозӣ, асбобу анҷом, инвентар ва лавозимоти махсус, мошинҳои электронии ҳисоббарор, дастгоҳу воситаҳои коркарди маълумот | **20** |
| 2 | Ҳайати мутаҳарики нақлиёти автомобилӣ: автомашинаҳои боркаш, автобусҳо ва автоприсепҳои махсус. Мошинҳо ва таҷҳизот барои тамоми соҳаҳои саноат, истеҳсолоти рехтагарӣ, таҷҳизоти электронӣ; таҷҳизоти бинокорӣ; мошину таҷҳизоти кишоварзӣ. Мебели идоравӣ | **15** |
| 3 | Воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, баҳр ва дарё, мошинҳо ва таҷҳизоти баркӣ; таҷҳизоти техникии гармдиҳӣ, таҷҳизоти турбинавӣ, электродвигателҳо ва дизелгенераторҳо, воситаҳои интиқоли барқ ва алоқа; трубопроводҳо | **8** |
| 4 | Биноҳо, иншоот ва иморатҳо | **7** |
| 5 | Активҳои истеҳлокшавандае, ки ба дигар синфҳо дохил нашудаанд. | **10** |

Ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи ҳар як гурӯҳи воситаҳои асосӣ бо роҳи истифодаи меъёри истеҳлоки дар сутуни 3-и ҳамин модда ба баланси арзишии гурӯҳ дар охири соли андозӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ барои биноҳо, иншоот ва иморатҳо (минбаъд «иморатҳо») на аз рӯи гурӯҳ, балки барои ҳар як иморат алоҳида ба амал бароварда мешаванд.

Баланси арзишии гурӯҳ дар охири сол ба маблағи ба тариқи зерин муайяншаванда (аммо на камтар аз сифр) баробар аст:

а) баланси арзиши гурӯҳ дар охири соли гузашта бо нигоҳ доштани маблағи истеҳлок барои соли гузашта, инчунин маблағи дар бандҳои 8 ва 9 ҳамин модда нишондодашуда;

б) ҷамъи арзиши маблағгузории асосӣ (мутобиқи моддаи 195), ки дар давоми сол ба гурӯҳ илова карда мешавад;

в) тарҳи маблағи ҳангоми фурӯши воситаҳои асосӣ дар давоми соли андозбандӣ гирифташуда, ки дар асоси нархи фурӯш муқаррар карда мешавад.

Агар маблағи аз фурӯши воситаҳои асосии гурӯҳи муайян дар давоми сол ба даст овардашуда дар охири сол аз баланси арзиш зиёд бошад, маблағи зиёдатӣ ба даромад ҳамроҳ карда, баланси арзиши гурӯҳ ба сифр баробар мешавад.

Агар дар охири сол баланси арзиш камтар аз 50 ҳадди ақалли андозбандинашавандаро ташкил диҳад, аз маблағи баланси арзиши гурӯҳ пурра нигоҳ дошта мешавад.

Агар ҳамаи воситаҳои асосии гурӯҳ фурӯхта, дода ё барҳам дода шуда бошанд, аз баланси арзиши гурӯҳ дар охири соли андозбандӣ бояд маблағ нигоҳ дошта шавад.

***Баҳисобгирии самараи андоз аз фарқияти муваққатӣ***

1. Усули ӯҳдадорӣ

Даромади баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ ҳисоб карда мешавад.

Фарқияти даромад ва хароҷот байни усулҳои истифодашавандаи баҳисобгирии молиявӣ ва қонунгузории андоз ҳисоб карда мешавад.

Хароҷоти андоз аз фоида –аз даромади баҳисобгирӣ бо тасҳеҳи фарқияти доимӣ ҳисоб карда мешавад.

Маблағи фарқияти доимӣ ва муваққатӣ барои муайян кардани даромади андозбандӣ истифода мегардад.

**Даромади баҳисобгирӣ ± фарқияти доимӣ ва муваққатӣ = даромади андозбандишаванда.**

Андоз аз фоида барои пардохт бо меъёри андоз аз фоида аз даромади андозбандишаванда ҳисоб карда мешавад.

Фарқияти байни хароҷоти андоз аз фоида ва андоз аз фоида барои пардохт, ки бо сабаби фарқияти муваққатӣ пайдо шудааст, ба ҳисоби ӯҳдадории андози мавқуфгузошта дохил мегардад.

**Масъала барои худсанҷӣ**

Натиҷаҳои фаъолияти ҶСШК «Наврӯз» дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишон дода шудааст. Дар он маблағи фоида то пардохти андоз аз фоида инъикос гардидааст.

Дар поён фарқияти байни фоидаи баҳисобгирии молиявӣ ва фоидаи андозбандишаванда нишон дода шудааст. Ин фарқият натиҷаи фарқият дар рӯзҳо мебошад.

ҶСШК «Наврӯз» маълумоти зеринро оиди ҳисобкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо мақсади андозситонӣ дорад:

| | Арзиши балансии синф дар охири соли гузашта | Истеҳлок дар соли гузашта |
|---|---|---|
| Синфи 1. Таҷҳизоти корхона | 14.700 | 6,300 |
| Синфи 2. Мебели идоравӣ | 7,500 | 2,500 |
| Синфи 4. Бинои корхона | 90,000 | 5,300 |

Дар соли чорӣ компютерҳо ба маблағи 12 000в.ш. харида шуда, таҷҳизоти корхона ба маблағи 2 800 в.ш. фурӯхта шуд.

Дар ҳисоботи молиявӣ хароҷоти қарзҳои шубҳанок 1 500 в.ш.-ро ташкил мекунад. Бо мақсади андоз қарзҳои шубҳанок бояд пас аз гузаштани 3 сол аз ҳисоб бароварда шаванд.

**Талаб карда мешавад:**

a) Ҳисоб намудани истеҳлок ба мақсади андоз, бо истифодаи ҷадвали ҳисобкунии истеҳлоки андозӣ;

b) Ҳисоб намудани маблағи фоидаи андозбандишаванда, ки дар изҳороти ҶСШК «Наврӯз» инъикос мегардад;

c) Ҳисоб намудани андоз аз фоидае, ки бояд дар ҳамин лаҳза пардохта шавад, дар асоси фоидаи андозбандишаванда, агар меъёри андоз 30%-ро ташкил диҳад;

d) Ҳисоб намудани хароҷоти андоз аз фоида, ки дар ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ – молиявӣ инъикос мегардад;

e) Ҳисоб намудани андозе, ки ҶСШК «Наврӯз» пардохти онро ба давраҳои оянда мавқуф гузоштааст.Ин фарқи байни ҷавобҳои саволҳои 3 ва 4 аст;

f) Гузориши амалиёте,ки андоз аз фоидаи корхонаро инъикос намояд;

g) Ба анҷом расонидани ҳисобот оиди натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ- молиявии корхона, аз фоида то пардохти андоз аз фоида оғоз намуда.

## Ҳисобот оиди фоида ва зарар
## барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010

**ЧСШК «*Наврӯз*»**
**Соҳа:** *Сохтмонӣ*
**Ҷои қайдгирӣ:** *Душанбе*
**Суроға:** *хиёбони Саъдии Шерозӣ 50*
**Воҳиди ченак:** в.ш. **Мӯҳлати пешниҳод: 20 январи соли 2011**

| | |
|---|---|
| Даромад | 150 000 |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | 55 000 |
| Даромади умумӣ | 95 000 |
| Хароҷоти амалиётӣ: | |
| Истеҳлок | 1 200 |
| Хароҷоти фурӯш | 4 000 |
| Хароҷоти умумии маъмурӣ | 9 000 |
| Ҳамагӣ, хароҷоти амалиётӣ | 25 000 |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | 70 000 |
| Даромаду хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | |
| Даромад аз сармояи гузориҳо | 1 000 |
| Хароҷоти пардохти фоиз | (5 000) |
| Даромад (хароҷот) аз фарқи қурби асъор аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | |
| Дигар даромад ва хароҷот | (3 000) |
| Ҳамагӣ даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | (7 000) |
| Фоида то андозситонӣ | 63 000 |
| Андоз аз даромад | |
| Фоидаи соф | |

**ЧСШК «*Наврӯз*»**
***Ҳисобкунии истеҳлоки андозӣ дар соли 2002***

| Арзиши балансии синф дар охири соли гузашта | №1 | №2 | №3 | №4 | №5** |
|---|---|---|---|---|---|
| *Тарҳ*<br>Тарҳкунии истеҳлоки соли гузашта | | | | | |
| *Ҷамъ*<br>Баландшавии арзиши воситаҳои синф дар натиҷаи таваррум<br>*Ҷамъ*<br>Арзиши воситаҳои асосии ба синф дар соли ҷории андозӣ ҷамъгардида<br>*Тарҳ*<br>Нархи фурӯши воситаҳои асосии дар соли андозӣ фурӯхташуда<br>*Баробар*<br>Арзиши балансӣ дар охири сол | | | | | |
| Меъёри баландтарини истеҳлок | 20% | 15% | 8% | 7% | 10% |
| Истеҳлоки ҳақиқии бо мақсади андоз изҳорёфта | | | | | |

Ҳамагӣ, маблағи андоз аз истеҳлок

* ниг., моддаи 153-и Кодекси Андоз.
** ба ҳар як бино, таҷҳизот ва иншоот алоҳида ҳисоб карда мешавад.
*** агар бузургии арзиши балансии синф дар охири сол камтар аз 50 нишондиҳандаи ҳисоби бошад, тамоми арзиши балансии синф тарҳ карда мешавад.

**Шакли таҳқикии андозии ЧСШК «Наврӯз» барои соли 2010**

Ба инспексияи давлатии андоз ____________________

Номгӯи корхона: ЧСШК «Навруз»

РМА____________________________________________

***Фоида ва ё зарари соф мувофиқи***

***хисоботи фоида ва зарар (тибқи СБҲМ)***________________________

*Тасхехи фоидаи соф барои фаркиятхои доимӣ*

Истехлок+/- _______________________________________________

Ҷарима+/-__________________________________________________

Ғайра+/-____________________________________________________

____________+/-____________

____________+/-____________

*Фоидаи софи тасхехшуда* ___________________________________

Меъёри андоз_______________________________________________

*Харочоти андоз аз фоида* __________________________________

*Тасхехи фоидаи соф барои фаркияти*

*муваққатӣ*_________________________________________________

Баҳодехии ЗММ+/-___________________________________________

Истехлок +/-________________________________________________

Таъмир+/-__________________________________________________

Харочоти фоиз+/-____________________________________________

Харочоти карзхои шубҳанок+/-_________________________________

Ғайра +/-__________________________________________________

______+/-_________________________

______+/-_________________________

*Даромади софи андозбандишаванда* ____________________________

*Меъёри андоз*______________________________________________

*Андоз аз фоида барои пардохт* ________________________________

*Андози мавкуфгузошташудаи фоида аз фаркияти мувакқатӣ*_________

Гузарониш (навишт):

## Боби 18. Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Таъриф*
*Мақсади тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ*
*Қисматҳои ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ*
*Сохти ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ*
*Маросим ва усулҳои асосии тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ*
*Тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ бо ёрии ҷадвали корӣ*
*Кушоиши ахборот*
*Адабиётҳои тавсияшуда*
*Кори амалӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯзиши ин мавзӯъ Шумо бояд амалҳои зеринро дониста тавонед:

- додани таъриф ва шарҳи таъиноти ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- фарқи возеҳи намудҳои фаъолият ва амалиётҳои ғайрипулӣ;
- фарқи байни дохилшавӣ ва пардохтҳои ҳолиси пулӣ аз рӯи фаъолияти амалиётӣ;
- муайян намудани анбӯҳи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ ва сармоягузорӣ;
- тавсифи усулҳои тартибдиҳии мустақим ва ғайримустақими ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ;
- тартиби ҳисобот бо усули мустақим ва ғайримустақим;
- тартибдиҳии ҳисобот бо ёрии ҷадвали корӣ.

### Таъриф

Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ин ҳисоботест, ки муайянкунии вазъияти воситаҳои пулиро дар охири давраи ҳисоботӣ бо шарҳи тағйиротҳои ин давра тавассути ҷамъкунии ҳамаи дохилшавиҳо ва хориҷшавиҳо ва ошкорсозии самтҳои истифодабарии онҳо имкон медиҳад.

Ҳисобот оиди воситаҳои пулиро дар асоси СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» тартиб медиҳанд.

### Мақсади тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

Шӯро аз рӯи стандартҳои бухгалтерӣ мақсади асосии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулиро пешниҳоди ахборот оиди дохилшавӣ ва хориҷшави воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо ба истифодабарандагони ин ҳисобот муайян мекунад. Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳаракати воситаҳои пулӣ ва муодили онҳоро, ки дар давраи ҷории ҳисоботӣ ба амал омадаанд, тавсиф менамояд.

Воситаҳои пулӣ ин пулҳои нақди дар хазина ва суратҳисоби ширкат мавҷуда мебошад.

Муодили пулӣ - ин сармоягузории кӯтоҳмуддати дараҷаи бозоргиронии баландест, ки ба осонӣ ба маблағи муайяни пулӣ табдил гашта, ба хавфи ками талафоти қимат дучор меоянд. Одатан сармоягузорӣ ҳамчун муодили воситаҳои пулӣ дар сурати камтар аз се моҳ будани мӯҳлати пардохт аз рӯзи харид баҳо дода мешавад.

Зери мафҳуми ҳаракати воситаҳои пулӣ дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулӣ ва муодили онҳо фаҳмида мешавад.

Ахбороти дар ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ пешниҳодшаванда дар якҷоягӣ бо маълумотҳои ҳисоботи молиявии дигар ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар:

- баҳодиҳии қобилияти корхона дар ҳосилкунии анбӯҳи пулии оянда;
- баҳо додани қобилияти корхона дар пардохти ҳаққусаҳм ва пардохти вомбаргҳо;
- муайянкунии сабабҳои ихтилофоти байни фоидаи соф ва анбӯҳи пулҳои соф аз фаъолияти амалиётӣ;
- муайян намудани таъсири шартномаҳои пулӣ, ғайрипулӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба вазъи молиявии ширкат дар давоми давраи ҷории ҳисоботӣ, ёри мерасонад.

### Қисматҳои ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

Бо мақсади таҳияи ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳамаи фаъолияти корхона ба се намуд тақсим мешавад;

- фаъолияти амалиётӣ;
- фаъолияти сармоягузорӣ;
- фаъолияти молиявӣ.

***Фаъолияти амалиётӣ*** - ин намуди асосии фаъолияти корхона оиди бадастории даромад ва ҳар гуна фаъолиятест, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл надорад, мебошад. Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ одатан натиҷаи пулии амалиёт ва ё дигар вокеаҳоеро, ки бо гирифтани даромад алоқаманданд, дарбар мегирад. Бо ибораи дигар фаъолияти амалиётӣ - ин амалиёти хоҷагие, ки ба бузургии фоида ва ё зарари корхона таъсир мерасонанд. Дар қисми амалиётии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ амалиёти бо гирифтан ва истифодабарии воситаҳои пулӣ дар ҷараёни истеҳсол ва расонидани молу хадамот алоқаманд инъикос мегарданд.

Дар СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» намунаҳои зерини ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ оварда шудаанд:




- *дохилшавиҳои пулӣ аз фурӯши мол ва расонидани хизмат;*
- *дохилшавиҳои пулӣ аз иҷора, хизматҳаққӣ ва пули фурӯши гайр;*
- *пардохтҳои пулӣ ба таъмин-кунандагон барои молу хизмат;*
- *пардохтҳои пулӣ ба кормандон ва пардохтҳо аз номи онҳо;*
- *дохилшавӣ ва пардохтҳои пулии ширкати суғуртавӣ ба сифати суғуртапулӣ ва даъвоҳо, ҳаққи солона ва дигар даромади суғуртавӣ;*
- *ҷуброн ва пардохти пулии андоз аз фоида дар сурати ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл надоштани онҳо;*
- *дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулӣ аз рӯи шартномаҳое, ки бо мақсади тиҷоративу савдоӣ баста шудаанд.*

***Фаъолияти сармоягузорӣ*** - ин намудҳои гуногуни фаъолиятест, ки бо активҳои дарозмуддат алоқаманд буда, ба фаъолияти амалиётӣ дахл надоранд. Ба фаъолияти мазкур амалиёти бо воситаҳои асосӣ, активҳои гайримоддӣ, сармоягузориҳо алоқаманди ба ҳайати муодилҳои пулӣ дохилнашаванда, инчунин гирифт ва пардохти қарз мансубанд. Мувофиқи СБҲМ «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» ба амалиёте, ки дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дохил мешаванд:

- *пардохтҳои пулӣ барои хариди воситаҳои асосӣ, активҳои гайримоддӣ ва дигар активҳои дарозмуддат. Ба онҳо пардохтҳое, ки бо сармоякунонии хароҷоти коркард ва истеҳсоли худии воситаҳои асосӣ алоқаманданд, дохил мешаванд;*
- *даромади пулӣ аз фурӯши воситаҳои асосӣ, активҳои гайримоддӣ ва дигар активҳои дарозмуддат;*
- *пардохтҳои пулӣ барои хариди васоити ҳиссавӣ ва қарзии дигар ширкатҳо ва саҳми шарикӣ дар ширкатҳои муштарак (ба гайр аз пардохтҳо барои ин васоит, мақсадҳои тиҷоратӣ ва савдо);*
- *даромади пулӣ аз фурӯши воситаҳои ҳиссавӣ ва қарзии дигар ширкатҳо ва саҳми шарикӣ дар ширкатҳои муштарак (ба гайр аз пули фурӯш барои ин васоит, ки ҳамчун муодили воситаҳои пулӣ шуморида мешаванд ва барои васоите, ки бо мақсади тиҷорат ва савдо таъин шудаанд);*

- *пешпардохти пулӣ ва қарзҳое, ки ба дигар ҷонибҳо дода шудааст (ба ғайр аз пешпардохт ва қарзҳои ширкатҳои молиявӣ дода);*
- *даромад ва пардохтҳои пулӣ аз рӯи шартномаҳо, опсион, свопҳо ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ин гуна шартномаҳо бо мақсади тиҷоративу савдоӣ баста шудаанд ва ё пардохту даромадҳо ҳамчун фаъолияти молиявӣ тасниф мегарданд.*

Фаъолияти молиявӣ - ин намуди фаъолиятест, ки бо тағйирёбии сармояи худӣ ва қарзҳои корхона алоқаманд аст. Намунаҳои гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ мувофиқи СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» инҳоянд:

- *дохилшавии пулӣ аз барориши саҳмияҳо ва дигар васоити хиссавӣ*
- *дохилшавии пулӣ аз барориши вомбаргҳо, векселҳо, гаравномаҳо ва дигар қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;*
- *пардохти вомбаргҳо, ва*
- *пардохти пулии иҷорагир барои кам намудани қарздорӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ.*

***<u>Амалиёти ғайрипулӣ</u>*** - ин амалиёти хусусияти сармоягузорӣ ва молиявӣ доштаи фақат бо воситаҳои асосӣ, қарзҳои дарозмуддат, ё сармояи саҳҳомӣ алоқаманд, ки истифодаи воситаҳои пулӣ ё муодили онҳоро талаб намекунанд, мебошанд. Чунин амалиёти ғайрипулӣ ба қисмати асосии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ дохил намешаванд, вале, азбаски мақсади ҳисоботи мазкур инъикос кардани фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ мебошад, амалиёти ба ин монанд дар қисми алоҳӣ ошкор карда мешаванд.

Ба амалиёти ғайрипулии хусусияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дошта дохил мешаванд:

- *хариди активҳои дарозмуддат аз ҳисоби қарзҳои дарозмуддат ё тавассути иҷораи молиявӣ;*
- *хариди активҳои дарозмуддат бо ёрии барориши саҳм;*
- *бадали ӯҳдадории қарзӣ бо саҳмҳои қарздор.*

**Сохти ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ**

Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ, аз се дараҷаи асосии ахборот инчунин маълумоти иловагӣ иборат мебошад:

1) Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ, ки бо усулҳои: а) мустақим ва ғайримустақим муайян карда мешавад:
2) Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ;
3) Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ;
4) Маълумотҳои иловагӣ:
   a) фаъолияти муҳими ғайрипулии сармоягузорӣ ва молиявӣ:
   b) пули бо мақсади сармоягузорӣ ва пардохти андоз аз фоида истифодашуда;
   c) мувофиқаткунии бақияи ибтидоӣ ва интиҳоии пулӣ;
   d) таҳқиқи даромади соф ба пулҳои нақд аз амалиёт.

**Шакли ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ[1]**

| **Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ<br>барои давраи аз 1__________то 1__________с. 200__.** | | |
|---|---|---|
| **I. Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Номгӯи ҳамаи дохилшавиҳо ва пардохтҳои воситаҳои пулӣ | <u>xxx</u> | |
| Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ | | xxx |
| **II. Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Номгӯи ҳамаи дохилшавиҳо ва пардохтҳои воситаҳои пулӣ | <u>xxx</u> | |
| Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ | | xxx |
| **III. Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Номгӯи ҳамаи дохилшавиҳо ва пардохтҳои воситаҳои пулӣ | <u>xxx</u> | |
| Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ | | xxx |
| **Тағйироти соф дар вазъи воситаҳои пулӣ** | | xx |
| **Воситаҳои пулӣ дар ибтидои давра** | | xx |
| **Воситаҳои пулӣ дар интиҳои давра** | | xx |
| **Номгӯи амалиёти ғайрипулие, ки ба фаъолияти сармогузорӣ ва молиявӣ дахл надоранд** (Номгӯи ҳамаи амалиёт) | | xxx |

---

[1] Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета / Б. Нидлз, Х. Андерсон, Д. Колдуэлл: Пер. с англ./Под ред. Я.В.Соколова.-2-е изд., стереотип. Финансы и статистика, 2002. саҳ.326

## Маросим ва усулҳои асосии тартибдиҳии хисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

Барои тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ маълумотҳои зерин заруранд:

- баланс барои соли ҳисоботӣ ва пешина;
- ҳисобот оиди фоида ва зарар;
- маълумоти иловагӣ аз Китоби асосӣ дар бораи баъзе амалиёти пардохту дохилшавии воситаҳои пулӣ.

Пешниҳоди ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ дар ҳисобот бо ду усули зерин ба амал бароварда мешавад:

- мустақим;
- ғайримустақим.

СБҲМ истифодаи ҳар ду усулро иҷозат медиҳад, гарчанде, ки усули мустақимро беҳтар мешуморад.

Ҳисобот оиди фоида ва зарар маблаги фоидаи софи давраро инъикос менамояд, вале маълумотро оиди манбаъҳои дохилшавию хориҷшавии воситаҳои пулӣ намедиҳад, зеро вай мувофиқи принсипи ҳисобкунӣ тартиб дода мешавад.

Барои тайёркунии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ лозим аст, ки маълумотҳои ҳисобот оиди фоида ва зарарро аз низоми ҳисобкунӣ ба низоми хазинавӣ бо ёрии ислоҳкуниҳо тағйир диҳем.

Усули мустақим аз тағйирдиҳии мунтазами ҳар як моддаи ҳисобот оиди фоида ва зарар - ҳисобкунии дохилшавиҳои соф ва пардохтҳои асосии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ, ки натиҷаашон даромад ё баромади софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётист, иборат аст.

Усули ғайримустақим тағйирёбии маблағи фоидаи софро аз фаъолияти амалиётӣ ба маблаги баромади воситаҳои пулӣ тавассути тасҳеҳи мувофиқ дарбар мегирад.

Нуқтаи ибтидоии тайёркунии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ин ҳисобкунии тағйирёбии бақияи ҳисобҳои балансӣ мебошад, ки аз давраи пешина то санаи балансии ҷорӣ ба вуҷуд омадааст. Баъд аз баҳисобгирии ҳамаи тағйирёбиҳо, таъсири онҳоро ба анбӯҳи пулии соф таҳлил мекунанд. Ба ғайр аз ҷадвали кории анбӯҳи пулӣ, ки зиёдшавӣ ва камшавии бақияи ҳисобҳои балансиро дар байни ду давраи ҳисоботӣ тасвир мекунад, хисобот оиди фоида ва зарар лозим аст.

Дар поён намунаи ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулиро дида мебароем. Барои ин ҳуҷҷатҳои зерин дида баромада мешаванд:

а) Баланси бухгалтерии ҶС «Ситора» барои 31.12.с.2010;

б) Ҳисобот оиди фоида ва зарар;

в) Ҷадвали корӣ оиди азнавбаркароркунии ҳисобҳои балансӣ.

**Баланс барои 31 декабри 2010 сол**
**Ҷамъияти саҳҳомии «Ситора»**

Воҳиди ченак: в.п

| | Дар ибтидои давраи ҳисоботӣ | Дар интиҳои давраи ҳисоботӣ | Фарқият | |
|---|---|---|---|---|
| **Активҳо** | | | | |
| ***Активҳои ҷорӣ*** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 480 | 530 | 50 | Зиёдшавӣ |
| Сармоягузориҳои кӯтохмуддат | 1378 | 1413 | 35 | Зиёдшавӣ |
| Ҳисобҳо барои кабул | 760 | 960 | 200 | Зиёдшавӣ |
| Захираҳои моддию молӣ | 1060 | 1200 | 140 | Зиёдшавӣ |
| Харочоти давраҳои оянда | 400 | 420 | 20 | Зиёдшавӣ |
| *Ҷамъи активҳои ҷорӣ* | *4078* | *4523* | *445* | |
| ***Активҳои дарозмуддат*** | | | | |
| Воситаҳои асосӣ | 2460 | 2860 | 400 | Зиёдшавӣ |
| Истеҳлоки ҷамъшуда | -840 | -960 | -120 | Зиёдшавӣ |
| Арзиши холиси воситаҳои асосӣ | 1620 | 1900 | 280 | |
| **Ҳамагӣ активҳо** | **5698** | **6423** | **725** | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 760 | 710 | -50 | Камшавӣ |
| Андозҳо барои пардохт | 980 | 580 | 100 | Зиёдшавӣ |
| Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 400 | 390 | -10 | Камшавӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *Ҷамъи ӯҳдадориҳои ҷорӣ* | *1640* | *1680* | *40* | |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | | | |
| Вомбарг барои пардохт | 1000 | 1260 | 260 | Зиёдшавӣ |
| *Ҷамъи ӯҳдадориҳои дарозмуддат* | *1000* | *1260* | *260* | |
| **Ҷамъи ӯҳдадориҳо** | **2640** | **2940** | **300** | |
| Сармояи худӣ | | | | |
| Саҳмияҳои оддӣ, номинал 1 в.ш | 1100 | 1250 | 150 | Зиёдшавӣ |
| Сармояи изофапардохташуда | 718 | 753 | 35 | Зиёдшавӣ |
| Фоидаи тақсимнашуда | 1240 | 1480 | 240 | Зиёдшавӣ |
| *Ҷамъи сармояи худӣ* | *3058* | *3483* | *425* | |
| **Ҳамаги ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ** | **5698** | **6423** | **725** | |

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар дар давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010**
**Ҷамъияти саҳҳомии «Сигора»**

Воҳиди ченак: в.ш

| | |
|---|---|
| Даромад | 6200 |
| Арзиши аслии фурӯш | (3300) |
| ***Фоидаи умумӣ*** | 2900 |
| Хароҷоти амалиётӣ (аз ҷумла, истеҳлоки воситаҳои асосӣ 304 в.ш) | (1630) |
| ***Фоида аз фаъолияти амалиётӣ*** | 1270 |
| ***Даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ*** | |
| Хароҷоти пардохти фоиз барои қарзи гирифташуда | (400) |
| Даромад аз фоиз аз рӯи қарзи додашуда | 50 |
| Фоида аз фурӯши коғазҳои қимматнок | 100 |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | (80) |
| ***Ҷамъи даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ*** | (330) |
| ***Фоида то пардохти андоз*** | 940 |
| Андоз аз фоида | (282) |
| ***Фоидаи соф*** | 658 |

Амалиёти дигаре, ки ба фаъолияти асосӣ алоқа надоранд ва дар давраи ҳисоботӣ ба амал омадаанд:

1) Коғазҳои қимматнок ба маблағи 235 в.ш харида шуд;
2) Қоғазҳои қимматноки бо маблағи 200 в.ш харидашуда ба маблағи 300 в.ш фурӯхта шуданд;
3) Воситаҳои асосӣ ба маблағи 860 в.ш. харида шуд. Аз ин маблағ 160 в.ш. ба таври нақд пардохта шуда, ба ивази 700 в.ш. вомбарг бароварда шуд;
4) Воситаҳои асосии истифоданашаванда ба маблағи 196 в.ш. фурӯхта шудаанд. Арзиши ибтидоиашон 460 в.ш., истеҳлоки ҳисобкардашудаашон 184 в.ш. буд;
5) Аз рӯи вомбаргҳо, ки вақти пардохташон расида буд, 440 в.ш., пардохта шуд;
6) 150 саҳмияҳои оддии арзиши номиналиашон 1в.ш. буда, ба маблағи 185 в.ш. бароварда шуд;
7) Ҳаққусаҳми ба андозаи 418 в.ш. эълоншуда пардохта шуд.

***Муайян намудани гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ***

Чи хеле, ки дар боло қайд намуда будем, барои муайян намудани гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ ду усул истифода бурда мешавад: мустақим ва ғайримустақим.

Дар ҳолати истифодаи *усули мустақим* тасҳеҳи ҳамаи моддаҳои «Ҳисобот оиди фоида ва зарар», ки ба фаъолияти амалиётӣ дахл доранд, бо роҳи муқоисаи онҳо бо моддаҳои мувофиқи балансӣ зарур аст.

***Муайян намудани гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ бо усули мустақим***

Анбӯҳи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ ҳамаи дохилшавиҳои пулӣ ва пардохтҳоро дарбар мегирад. Дохилшавиҳои пулӣ одатан аз даромад аз фурӯши молҳо (корҳо, хадамот) ва даромад аз фоизҳои қарзҳои додашуда иборат мебошад. Баъд ҳамаи пардохтҳои пулӣ муайян карда мешаванд. Одатан ба онҳо чунин пардохтҳо дохил мешаванд: барои хариди мол ва иҷрои хизмат; пардохти хароҷоти амалиётӣ; аз рӯи андоз аз фоида.

Маблағи ҳамаи пардохтҳои пулиро аз маблағи ҳамаи пулҳои дохилшуда тарҳ намуда, вазъи воситаҳои пулиро аз фаъолияти амалиётӣ муайян мекунем. Тартиби муайянкунии ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ намуди зеринро дорад:

1) ***Дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фурӯш.*** Моддаи «Даромад аз фурӯш» - и ҳисобот оиди фоида ва зарарро дида фикр мекунем, ки фурӯш ба зиёдшавии воситаҳои пулӣ оварда мерасонад. Вале фурӯш метавонад нақдӣ ва дар намуди қарз (насия) ба амал ояд. Агар фурӯш ба таври нақдӣ ба амал ояд, он гоҳ воситаҳои пулӣ зиёд мешаванд, вале агар ба таври қарзӣ ба амал ояд, вай ба бузургии воситаҳои пулӣ бе ҳеҷ вачҳ таъсир намерасонад. Дар ин ҳолат қарздории дебиторӣ (ҳисобҳо барои қабул) зиёд мешаванд. Фақат баъд аз пардохти қарздории дебиторӣ воситаҳои пулӣ зиёд мешаванд.

Алоқамандии байни даромад аз фурӯш, тағйирёбии вазъи қарздории дебиторӣ (ҳисобҳо барои қабул) ва дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фурӯшро метавон бо формулаи зерин тасвир намуд:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Дохилшавии воситахои пулӣ аз фурӯш** | **=** | **Пули фурӯш (Ҳисобот оиди фоида ва зарар)** | **+ --** | **Камшавӣ ва ё зиёдшавии ҳисобҳо барои қабул (Баланс)** |

Маълумотҳои баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарари ЧС «Ситора» - ро истифода бурда мебинем, ки даромад аз фурӯш баробари 6 200в.ш. буда, қарздории дебиторӣ (ҳисобҳо барои қабул) ба маблағи 200 в.ш зиёд шудааст. Аз ин рӯ, дохилшавии воситаҳои пулӣ аз фурӯш бо чунин тарз ҳисоб карда мешавад: 6000 в.ш = 6200в.ш - 200в.ш
Воситаҳои пулии ба ЧС «Ситора» воридшуда ба маблағи 200в.ш нисбат ба маблағи даромад аз фурӯш камтар аст. Инро метавон ба тарзи зерин нишон дод:

**Ҳисоби қарздории дебиторӣ**
**(Ҳисобҳо барои қабул)**

| | | |
|---|---|---|
| Бақияи ибтидоӣ | 760 | |
| Даромад аз фурӯш | 6 200 | Дохилшавии воситаҳои пулӣ 6 000 |
| Бақияи ниҳоӣ | 960 | |

2) ***Дохилшавии воситаҳои пулӣ ба намуди фоиз барои қарзҳои пешниҳодшуда ва ба намуди ҳаққусаҳм.*** СБҲМ 7 «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» таснифи ягонаи фоиз ва ҳаққусаҳмро намедиҳад, фақат зарур будани тақсимкунии онҳоро ба гирифташуда ва пардохтшуда қайд мекунад. Новобаста ба он, ки ҳаққусаҳми гирифташуда ва фоизҳои қарзи додашуда одатан ба фаъолияти сармоягузорӣ тааллуқ доранд ва ҳаққусаҳмҳои пардохтшуда ва фоизи қарзи гирифташуда ба фаъолияти молиявӣ алоқаманданд, мувофиқи СБҲМ 7 онҳоро метавон ба ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи фаъолияти амалиётӣ дохил намуд. Зеро, онҳо ҳангоми муайянкунии фоидаи соф ё зарар истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, воситаҳои пулии ба намуди фоиз дохилшуда дар ЧС «Ситора» мувофиқи ҳисобот оиди фоида ва зарар 50 в.ш.-ро ташкил мекунанд.

***3) Пардохти воситаҳои пулӣ барои моли харидашуда ва хизмат.*** Барои муайянкунии бузургии воситаҳои пулии барои хариди мол ва хизмат пардохтшуда тасҳеҳи ҳисоби «Арзиши аслии фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) » зарур аст. Барои ин, тасҳеҳро дар ду зина гузаронидан лозим аст:

а) Арзиши аслии маҳсулот (кор хизмат) ба маблағи тағйирёбии ҳисобҳои захираҳои моддию молӣ тасҳеҳ карда шуда, дар як вақт бузургии хариди софи захираҳои моддию молии давраи ҳисоботӣ ҳам муайян карда мешавад. Агар бақияи ҳисобҳои захираҳои моддию молӣ дар муқоиса бо бақияи дар ибтидои давра доштаи онҳо зиёд шуда бошад, онгоҳ хариди софи захираҳои моддию молӣ аз арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда (кор, хизмат) зиёд мешавад. Вале агар бақияи ҳисоби захираҳои моддию молӣ дар муқоиса бо бақияи дар аввали давра будаи онҳо кам шуда бошад, онгоҳ хариди софи ЗММ аз арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда (кор хизмат) кам мешавад.

б) маблағи гирифташуда бояд ба бузургии тағйирёбии ҳисоби «Ҳисобҳо барои пардохт» тасҳеҳ карда шавад. Зеро, захираҳои моддию молиро ҳам бо пули нақд (бо воситаҳои пулӣ) ва ҳам ба таври қарз мехаранд. Агар харид ба тариқи қарз ба амал омада бошад, ҳисоби «Ҳисобҳо барои пардохт» истифода бурда мешавад. Дар муқобил ба ҳисобҳои ЗММ зиёдшавии бақияи ин ҳисоб дар охири давра камшавии пардохтҳои пулиро барои молҳо ва хадамоти харидашуда нишон медиҳад. Камшавии бақияи ин ҳисоб зиёдшавии пардохтҳои пулиро барои мол ва хизмати харидашуда инъикос мекунад. Алоқамандии байни ин ҳисобҳоро ба тариқи зерин тасвир намудан мумкин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Пардохтҳои пулӣ барои моли харидашуда** | = | **Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда (Ҳисобот оиди фоида ва зарар)** | + <br> − | **Зиёдшавии захираҳои молӣ ё Камшавии захираҳои молӣ (Баланс)** | − <br> − | **Зиёдшавии ҳисобҳо барои пардохт ё** ***Камшавии ҳисобҳо барои пардохт*** **(Баланс)** |

Мувофиқи маълумотҳои баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарари ҶС «Ситора», арзиши аслии молҳои фурӯхташуда 3 300 в.ш.-ро ташкил намуда. ба маблағи 140 в.ш. бақияи захираи молӣ зиёд шуда,бақияи ҳисобҳо барои пардохт ба маблағи 50 в.ш. кам шудааст. Аз ин чо. маблағи воситаҳои пулии барои хариди мол ва хизмат пардохтшуда чунин мебошад: 3300+140+50=3490

Т-намунаҳои зерин алоқамандии ин ҳисобҳоро нишон медиҳанд:

**Ҳисобҳо барои пардохт**

| | |
|---|---|
| | Бақияи ибтидоӣ 760 |
| Пардохтҳои пулӣ барои хариди мол ва хизмат 3 490 | Хариди мол ва хадамот 3 440 |
| | Бақияи ниҳоӣ 710 |

**Молҳо**

| | |
|---|---|
| Бақияи ибтидоӣ 1060 | |
| Хариди мол ва хадамот 3 440 | Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда 3 300 |
| Бақияи ниҳоӣ 1 200 | |

### 4. *Пардохтҳои пулӣ аз рӯи харочоти амалиётӣ*

Барои муайянкунии маблағи пардохтҳои пулӣ аз рӯи харочоти амалиётӣ бояд моддаи «Харочотҳои амалиётӣ» -и «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» ба маблағи тағйирёбии ҳисоби «Харочоти давраҳои оянда» ва «Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда» тасҳеҳ карда шавад. Ин алоқамандиро метавон ба тарзи зайл нишон дод:

**Харочоти давраҳои оянда**

| | |
|---|---|
| Бақияи ибтидоӣ 400 | |
| Воситаҳои пулии пардохтшуда 1 420 | Харочоти амалиётии эътирофшуда 1 400 |
| Бақияи ниҳоӣ 420 | |

**Ӯҳдадории ҳисобкардашуда**

| | |
|---|---|
| | Бақияи ибтидоӣ 400 |
| Воситаҳои пулии пардохтшуда 1 420 | Ӯҳдадории ҳисобкардашуда 1 410 |
| | Бақияи ниҳоӣ 390 |

Чӣ хеле, ки аз Т- намунаҳо бармеояд, харочоти амалиётӣ аз пардохтҳои пулӣ аз рӯи харочоти давраҳои оянда ва ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда иборат аст. Вале, ба ғайр аз онҳо дигар баъзе харочоти амалиётие ҳаст, ки пардохти пулиро талаб намекунанд. Аз ҳама бештар намудҳои зерини чунин харочот вомехӯранд: харочоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ. Ин харочот ба моддаи харочоти амалиётии ҳисобот оиди фоида ва зарар дохил карда шуда, дар вақти ҳисобкунии анбӯҳи пулии натиҷаи фаъолияти амалиётӣ маблағи онҳо бояд аз маблағи умумии харочоти амалиётӣ тарҳ карда шаванд. Дар мисоли мо харочоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ ба маблағи 304 в.ш. оварда шудааст:

**Истеҳлоки воситаҳои асосӣ**

| | |
|---|---|
| | Бақияи ибтидоӣ 840 |
| Азҳисоббарории истеҳлоки воситаҳои асосии фурӯхташуда 184 | Истеҳлоки ҳисобкардашуда 304 |
| | Бақияи ниҳоӣ 960 |

Пардохтҳои пулиро аз рӯи харочоти амалиётӣ метавон бо роҳи тасҳеҳи харочоти амалиётӣ ва истифодаи формулаи зерин муайян намуд:

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Пардохтҳои пулӣ аз рӯи Харочоти амалиётӣ** | = | **Харочоти амалиётӣ (Ҳисобот оиди фоида ва зарар)** | + <br> − | **Зиёдшавии харочоти давраҳои оянда ё Камшавии харочоти давраҳои оянда (Баланс)** | + <br> − | **Камшавии ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда ё Зиёдшавии ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда (Баланс)** | − | **Истеҳлок ва дигар харочоти ғайрипулӣ (Ҳисобот оиди фоида ва зарар)** |

Баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарари ҶС «Ситора» - ро истифода бурда, муайян мекунем, ки харочоти амалиётӣ, инчунин ба маблағи 304 в.ш. харочоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ, баробари 1630 в.ш. мебошад. Бақияи ҳисоби «Харочоти давраҳои оянда» ба маблағи 40 в.ш. зиёд шуда, бақияи ҳисоби «Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда» ба маблағи 10 в.ш. кам шудааст. Ҳамин тавр, ҳисобкунии пардохти пулӣ аз рӯи харочоти амалиётӣ бо тарзи зерин гузаронида мешавад:

1630 +20+10-304=1356

***5. Пардохти воситаҳои пулӣ аз рӯи фоизи қарзи гирифташуда.*** Мувофиқи СБҲМ 7 пардохтҳо ва воридшавии воситаҳои пулӣ аз фоиз барои қарзи гирифташуда ва додашударо лозим аст, ки ба фаъолияти амалиётӣ дохил намуд. Ин аз он фарзия бармеояд, ки пардохти

воситаҳои пулӣ аз фоиз барои қарзи гирифташуда баробари маблағи харочот аз рӯи ин гуна фоиз мебошад ва онҳо дар муайянкунии фоидаи соф ё зарар иштирок мекунанд. Новобаста аз он ки баъзе мутахасисон чунин пардохтҳоро ба фаъолияти молиявӣ дохил мекунанд, мо тарафдори нуқтаи назари Шӯро оиди стандартҳои бухгалтерӣ (FASB) хастем, ки дохилкунии пардохтҳои пулиро ба фаъолияти амалиётӣ маъқул медонад.

Мувофиқи ҳисобот оиди фоида ва зарари ҶС «Ситора» пардохтҳои пулӣ аз фоиз барои қарзи гирифташуда баробари 400в. ш. мебошад.

6. ***Пардохти воситаҳои пулӣ аз рӯи андоз аз фоида.*** Барои муайянкунии маблағи пардохт аз рӯи андоз аз фоида бояд маблағи андоз аз фоидан ҳисобот оиди фоида ва зарарро ба маблағи тағйирёбии ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда дар назди буҷет, ки дар баланс акс меёбанд, тасҳеҳ намуд. Бузургии пардохти воситаҳои пулӣ аз рӯи андоз аз фоида бо тариқи зерин муайян карда мешавад:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Пардохти воситаҳои пулӣ аз рӯи андоз аз фоида** | = | **Андоз аз фоида (Ҳисобот оиди фоида ва зарар)** | +<br>_ | **Камшавии ӯҳдадориҳо аз рӯи андоз аз фоида ё**<br>**Зиёдшавии ӯҳдадориҳо аз рӯи андоз аз фоида (Баланс)** |

Маълумотҳои мисоли дар боло овардашударо истифода бурда муайян мекунем, ки пардохти пулии андоз аз фоида баробари: 182 в.ш. (282-100) мебошад.

Ин алоқамандиро мумкин аст ба тарзи Т-намуна нишон диҳем:

**Андоз барои пардохт**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Бақияи ибтидоӣ | 480 |
| Андозҳои пардохтшуда | 182 | Андоз аз фоидаи ҳисобкардашуда | 282 |
| | | Бақияи ниҳоӣ | 580 |

Пас аз муайян кардани ҳамаи моддаҳои анбӯҳи пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ, имконияти муқаррарсозии вазъи воситаҳои пулӣ аз ин намуди фаъолият пайдо шуд.

| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ – усули мустақим барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010.**<br>Ҷамъияти саҳҳомии «Ситора»<br>ченаки воҳид -в.ш. | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| **Воридшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Пули фурӯш | 6000 |
| Фоизи гирифташуда | 50 |
| **Ҳамагӣ воридшавӣ** | **6050** |
| **Хориҷшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Хариди молҳо | 3490 |
| Харочоти амалиётӣ | 1356 |
| Фоизҳои пардохтшуда | 400 |
| Андоз аз фоида | 182 |
| **Ҳамагӣ хориҷшавӣ** | **5428** |
| **Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **622** |

***Муайянкунии ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ - усули ғайримустақим***

Дар тафоввут бар усули мустақим дар ҳолати истифодаи усули ғайримустақим тасҳеҳи ҳар як моддаи «Ҳисобот оиди фоида ва зарар» лозим нест. Дар ҳолати истифодаи ин усул бо роҳи тасҳеҳи мувофиқ трансформатсияи пурраи маблағи фоидаи соф аз фаъолияти амалиётӣ ба маблағи софи воситаҳои пулии гирифташуда (пардохтшуда) ба амал меояд. Тасҳеҳоти мазкурро метавон ба се гурӯҳ тақсим намуд:

1. Тасҳеҳ ба тағйирёбии активҳои ҷории ғайринақдӣ ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ;
2. Тасҳеҳи моддаҳое, ки ба фаъолияти амалиётӣ дохил мешаванд, вале на воридот ва на содироти воситаҳои пулиро талаб намекунанд;
3. Тасҳеҳи моддаҳое, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл доранд.

Ҳар яке аз гурӯҳҳои тасҳеҳиро ба таври муфассал дида мебароем:

1. Тасҳеҳ ба тағйирёбӣ дар активҳои ҷории ғайринақдӣ ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ ба чунин тарз ба амал меояд: Фоидаи соф бояд ба маблағи зиёдшавии активҳои ғайринақдии ҷорӣ кам карда шуда, ба маблағи камшавии онҳо зиёд шавад. Ё ба таври дигар, зиёдшавии активҳои ғайринақдии ҷорӣ аз фоида соф тарҳ карда шуда, камшавии онҳо зам карда мешавад.

| Номгуи моддаҳои тасҳеҳшаванда | Тасҳеҳи зарурӣ барои трансформатсияи фоидаи соф аз фаъолияти амалиётӣ | |
|---|---|---|
| | *Ба фоидаи соф зам карда мешавад* | *Аз фоидаи соф тарҳ карда мешавад* |
| ***Активҳои ҷорӣ*** | | |
| Ҳисобҳо барои қабул | Камшавии бақия | Зиёдшавии бақия |
| Захираҳои моддию молӣ | Камшавии бақия | Зиёдшавии бақия |
| Хароҷоти давраҳои оянда | Камшавии бақия | Зиёдшавии бақия |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | Зиёдшавии бақия | Камшавии бақия |
| Ӯҳдадорҳои ҳисобкардашуда | Зиёдшавии бақия | Камшавии бақия |
| Андоз аз фоида | Зиёдшавии бақия | Камшавии бақия |

2. Тасҳеҳи моддаҳое, ки ба фаъолияти амалиётӣ марбут буда, вале на воридот ва на содироти воситаҳои пулиро талаб намекунанд, намуди зерин дорад:

| Номгуи моддаҳои тасҳеҳшаванда | Тасҳеҳи зарурӣ барои трансформатсияи фоидаи соф аз фаъолияти амалиётӣ |
|---|---|
| | *Ба фоидаи соф зам карда мешавад* |
| Хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ | Зам мешавад |
| Хароҷоти истеҳлоки активҳои ғайримоддӣ | Зам мешавад |

3. Тасҳеҳи моддаҳое, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ марбутанд, дар ҷадвали поён оварда шудааст:

| Номгуи моддаҳои тасҳеҳшаванда | Тасҳеҳи зарурӣ барои трансформатсияи фоидаи соф аз фаъолияти амалиётӣ |
|---|---|
| Зарари дигар (аз фаъолияти ғайриамалиётӣ) | Ба фоидаи соф зам карда мешавад |
| Фоидаи дигар (аз фаъолияти ғайриамалиётӣ) | Аз фоидаи соф тарҳ карда мешавад |

Пас аз гузаронидани ҳамаи тасҳеҳот метавон вазъи воситаҳои пулиро аз фаъолияти амалиётӣ муайян кард.

| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ – усули ғайримустақим барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010.** Ҷамъияти саҳҳомии «Ситора» ченаки воҳид -в.ш. | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| Фоидаи соф | 658 |
| **Тасҳеҳи фоидаи соф** | |
| Ҳисобҳо барои қабул | (200) |
| Захираҳои моддию молӣ | (140) |
| Хароҷоти давраҳои оянда | (20) |
| Ҳисобҳо барои пардохт | (50) |
| Ӯҳдадориҳои ҳисоб кардашуда | (10) |
| Андоз аз фоида | 100 |
| Истеҳлок | 304 |
| Фоида аз фурӯши коғазҳои қимматнок | (100) |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | (80) |
| Ҳамагӣ тасҳеҳи фоидаи соф | (36) |
| **Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **622** |

***Муайянкунии ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ.***

Давраи дигари тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ин муайянкунии ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Дар ин ҷо ҳар як амалиёти дохилшавӣ ва хориҷшавии воситаҳои пулии ба фаъолияти сармоягузорӣ алоқадошта дида баромада мешавад. Дар баланси бухгалтерӣ, моддаҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ дахлдошта одатан дар қисмати активҳои дарозмуддат ҷой гирифтаанд. Дар қисмати активҳои кӯтоҳмуддат метавон моддаҳои сармоягузории кӯтоҳмуддатро дид, ки онҳо низ ба ҳайати фаъолияти сармоягузорӣ дохил мешаванд. Дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инчунин моддаҳои ба фаъолияти сармоягузорӣ дохилшаванда ба монанди фоида ва зарар аз фурӯши коғазҳои қимматнок, воситаҳои асосӣ, активҳои ғайримоддӣ ва ғайра, инъикос меёбанд.

Аз баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарари ҶС «Ситора» дида мешавад, ки вай дорои сармоягузории кӯтоҳмуддат, воситаҳои асосӣ, фоида аз фурӯши коғазҳои

қимматнок ва зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ мебошад. Ба ғайр аз он, аз маълумотҳои иловагӣ бармеояд, ки амалиёте ба фаъолияти сармоягузорӣ дахлдор мавҷуданд.

Дар поён ҳар яке аз ин модда ва амалиётро ҷудогона меомӯзем:

***Сармоягузории кӯтоҳмуддат.*** Чӣ гуна сармоягузории кӯтоҳмуддат ба воситаҳои пулӣ таъсир расонидаву чӣ сабаби зиёдшавии бақияи онҳо ба маблағи 35в.ш. шудааст? Бақияи ҳисоби «Сармоягузории кӯтоҳмуддат» баробари 1378 в.ш. буд. Аз маълумотҳои иловагӣ дида мешавад, ки дар давоми соли ҳисоботӣ қоғазҳои қимматнок ба маблағи 235 в.ш. харида шуданд. Ин амалиёт мукотиботи бухгалтерии намуди зеринро дорад:

***Сармоягузории кӯтоҳмуддат..........................................235***
***Воситаҳои пулӣ...............................................................235***

Дар натиҷаи харид воситаҳои пулӣ ба маблағи 235 в.ш. харҷ карда шудаанд.

Инчунин қоғазҳои қимматнок ба маблағи 300 в.ш. фурӯхта шуданд, ки арзиши балансиашон баробари 200 в.ш. буд. Амалиёти мазкур ба таври зер дар ҳисобгирӣ инъикос меёбад:

***Воситаҳои пулӣ........................................................300***
***Сармоягузории кӯтоҳмуддат..........................................200***
***Фоида аз фурӯши қоғазҳои қимматнок......................................100***

Ин амалиёт ба дохилшавии воситаҳои пулӣ ба маблағи 300 в.ш. оварда мерасонад.

Дар қисмати фаъолияти сармоягузорӣ ин амалиёт бояд ҷудогона аз рӯи даромад ва баромади воситаҳои пулӣ инъикос ёбанд. Ин намуди зеринро дорад:

| | |
|---|---|
| *Хариди қоғазҳои қимматнок* | *(235)* |
| *Фурӯши қоғазҳои қимматнок* | *300* |

Амалиёт аз рӯи ҳисоби «Сармоягузории кӯтоҳмуддат» дар Т-намуна ба чунин тарз нишон дода мешаванд:

**Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Бақияи ибтидоӣ | 1 378 | | |
| Хариди қоғазҳои қимматнок | 235 | Фурӯши қоғазҳои қимматнок | 200 |
| Бақияи ниҳоӣ | 1 413 | | |

Амалиёт аз рӯи сармоягузории дарозмуддат ба ҳамин тарз инъикос меёбанд. Аз баланс дида мешавад, ки ҶС «Ситора» сармоягузории дарозмуддат надорад.

***Воситаҳои асосӣ.*** Сабаби тағйирёбии бақияи воситаҳои асосиро ба маблағи 400в.ш. ба ҷониби зиёдшавӣ дида мебароем. Бақия дар аввал баробари 2 460 в.ш. буд. Аз маълумоти иловагӣ дида мешавад, ки воситаҳои асосӣ ба маблағи 860 в.ш. харида шуда буданд, ва аз он фақат 160 в.ш. ба тариқи нақд пардохта шудааст. Боқимонда 700 в.ш. бо роҳҳои мубодила бо вомбарғҳои баровардашуда пардохта мешавад. Навишти бухгалтерӣ аз рӯи ин амалиёт намуди зеринро дорад:

***Воситаҳои асосӣ....................................................... 860***
***Воситаҳои пулӣ...........................................................................160***
***Вомбарг барои пардохт...........................................................700***

Дар натиҷаи ин амалиёт ба маблағи 160 в.ш. харҷ дида мешавад.

ҶС «Ситора» инчунин воситаҳои асосии истифоданашавандае, ки арзиши ибтидоиашон баробари 460 в.ш. аст, ба маблағи 196 в.ш. фурӯхт. Истеҳлоки ҳуншуда 184 в.ш.-ро ташкил медиҳад. Ин амалиёт чунин ба қайд гирифта мешавад:

***Воситаҳои пулӣ........................................................196***
***Истеҳлоки ҳисобкардашуда................................................184***
***Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ......................................80***
***Воситаҳои асосӣ ...........................................................................460***

Чӣ хеле аз ин навишт бармеояд, ба амалиёти бо воситаҳои асосӣ алоқаманд буда, инчунин ҳисоби «Истеҳлоки ҳисобкардашуда» дохил мешавад. Барои ҳамин лозим аст, ки ин ҳисобро таҳлил карда бароем.

Дар поёни таҳқиқи ҳисобҳои «Воситаҳои асосӣ» ва «Истеҳлоки ҳисобкардашуда» ба намуди Т-намуна оварда шудааст:

**Воситаҳои асосӣ**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Бақияи ибтидоӣ | 2 460 | | |
| Харид | 860 | Фурӯш | 460 |
| Бақияи ниҳоӣ | 2 860 | | |

**Истеҳлоки ҳисобкардашуда**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Бақияи ибтидоӣ | 840 |
| Фурӯш | 184 | Ҳисобкунӣ | 304 |
| | | Бақияи ниҳоӣ | 960 |

Ҳаракати воситаҳои асосӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ аз рӯи дигар активҳои дарозмуддат бо чунин тарз муайян карда мешавад:

| Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ | |
|---|---|
| Хариди қоғазҳои қиматнок | (235) |
| Фурӯши қоғази қиматнок | 300 |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (160) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 196 |
| **Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **101** |

***Муайян намудани ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиёти бо фаъолияти молиявӣ алоқаманд.***

Давраи охирини тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ин муайян намудани ҳаракати воситаҳои пулӣ дар натиҷаи фаъолияти молиявӣ мебошад. Дар ин қисмат ҳар як амалиёт оиди дохилшавӣ ва хориҷшавиҳо аз фаъолияти молиявӣ дида баромада мешаванд. Моддаҳои ба фаъолияти молиявӣ дахлдор дар қисмати ӯҳдадориҳои дарозмуддат ва сармояи худии баланс ҷой гирифтаанд. Дар мисоли мо ин моддаҳо аз вомбаргҳо барои пардохт, саҳмияҳои оддӣ, сармояи барилова пардохташуда ва фоидаи тақсимнашуда иборат мебошанд. Дар моддаҳои 5,6 ва7-уми маълумотҳои иловагӣ дигар амалиёти бо фаъолияти молиявӣ алоқаманд буда, оварда шудаанд. Сабаби тағйирёбии бақияи ин моддаҳоро таҳлил намуда, таъсири онҳоро ба ҳолати воситаҳои пулӣ аз рӯи ҳар як модда муайян мекунем.

***Вомбаргҳо барои пардохт.*** Аз баҳисобгирии бухгалтерӣ дида мешавад, ки бақияи охирии ҳисоби «Вомбаргҳо барои пардохт» баробари 1 260 в.ш. мебошад. Ин ба маблағи 260 в.ш. аз бақияи аввал зиёд мебошад (1 000). Ба ин фарқият амалиёти моддаҳои 3 ва 5 маълумоти иловагӣ таъсир расонидаанд. Сабти бухгалтерии амалиёти ғайринақдии моддаи 3-юм ба маблағи 700 в.ш., ки ба фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ дахл дорад, аллакай дар қисмати фаъолияти сармоягузорӣ нишон дода шудааст. Пардохти 440 в.ш. аз рӯи вомбаргҳо бо чунин тарз нишон дода мешавад:

***Вомбаргҳо барои пардохт....................................................... 440***

***Воситаҳои пулӣ.........................................................................440***

Дар қисмати ҳаракати «Воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ» ин амалиёт ба чунин тарз инъикос меёбад:

*Вомбаргҳо барои пардохт 440 в.ш.*

Т-намунаи ин ҳисоб намуди зеринро дорад:

**Вомбаргҳо барои пардохт**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Бақияи ибтидоӣ | 1 000 |
| Пардохти қарздорӣ | 440 | Барориши ғайринақдӣ | 700 |
| | | Бақияи ниҳоӣ | 1 260 |

***Саҳмияҳои оддӣ.*** Дар ҳолати муайян намудани ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ моддаи «Саҳмияҳои оддӣ» ва «Сармояи барилова пардохтшуда» дар якҷоягӣ таҳлил карда мешаванд. Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки моддаи «Саҳмияи оддӣ» ба моддаи сармояи барилова пардохташуда таъсир мекунад. Дар моддаи 6-уми маълумоти иловагӣ оиди барориши 150 саҳми оддӣ бо арзиши номиналии 1в.ш. ба маблағи 185 в.ш. оварда шудааст. Ин амалиёт дар баҳисобгирӣ чунин инъикос меёбад:

***Воситаҳои пулӣ...........................................................185***

***Саҳмияҳои оддӣ...............................................................150***

***Сармояи барилови пардохтшуда..................................................35***

Дар қисми «Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ» ин амалиёт ба тарзи зайл нишон дода мешавад:

*Барориши саҳмияҳои оддӣ 185 в.ш.*

Т-намунаи ҳисобҳои «Саҳмияҳои оддӣ» ва «Сармояи барилова пардохтшуда» дар поён оварда шудаанд:

**Саҳмияҳои оддӣ**

| | | |
|---|---|---|
| | Бақияи ибтидоӣ | 1 100 |
| | Барориши саҳмия | 150 |
| | Бақияи ниҳоӣ | 1 250 |

**Сармояи барилова пардохтшуда**

| | | |
|---|---|---|
| | Бақияи ибтидоӣ | 718 |
| | Барориши саҳмия | 55 |
| | Бақияи ниҳоӣ | 753 |

***Фоидаи тақсимнашуда.*** Амалиётe, ки ба фоидаи софи ҳисобот оиди фоида ва зарар алоқаманд буданд, аллакай дар вақти муайян намудани ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ дида баромада шудаанд. Мо дар ин ҷо фақат амалиёти моддаи 7 - уми маълумоти иловагиро оиди пардохти ҳаққусаҳм ба маблағи 418 в.ш. дида мебароем. Ин амалиёт ба тарзи зерин инъикос меёбад:

***Фоидаи тақсимнашуда.....................................................418***

***Воситаҳои пулӣ...................................................................418***

Дар ин навишт ҳаққусаҳмҳо фавран аз ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда» пардохт шудаанд.

Дар ҳолати эълони пешакии ҳаққусаҳмҳои пардохтшаванда навишти бухгалтерии намуди зерин тартиб дода мешавад:

***Фоидаи тақсимношуда................................................... 418***

***Ҳаққусаҳм барои пардохт...................................................418***

Дар лаҳзаи пардохт:

***Ҳаққусаҳм барои пардохт.........................................418***

***Воситаҳои пулӣ.............................................................. 418***

Дар ҳар ду маврид, пардохти воситаҳои пулӣ аз рӯи ҳаққусаҳмҳо ҳамчун фаъолияти молиявӣ дида мешавад. Ин харҷи воситаҳои пулӣ дар қисмати «Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ» ба тариқи зерин нишон дода мешавад:

*Пардохти ҳаққусаҳм 418*

Ҳисоби «Фоидаи тақсимношуда»-ро метавон ба тарзи зерин инъикос намуд:

**Фоидаи тақсимношуда**

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Бақияи ибтидоӣ | 1 240 |
| Пардохти ҳаққусаҳм | 418 | Фоидаи соф | 658 |
| | | Бақияи ниҳоӣ | 1 480 |

Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ намуди зеринро мегирад:

| | |
|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | |
| Пардохти вомбарг | (440) |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 185 |
| Пардохти ҳаққусаҳм | (418) |
| **Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **(673)** |

Ҳамаи моддаҳои баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарарро таҳлил намуда, метавон «Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ» -ро тартиб дод:

| | |
|---|---|
| **Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули мустақим барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010.** Ҷамъияти саҳҳомии «Ситора» ченаки воҳид -в.ш. | |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| **Воридшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Пули фурӯш | 6000 |
| Фоизи гирифташуда | 50 |
| **Ҳамагӣ воридшавӣ** | **6050** |
| **Хориҷшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Хариди молҳо | 3490 |
| Хароҷоти амалиётӣ | 1356 |
| Фоизҳои пардохтшуда | 400 |
| Андоз аз фоида | 182 |
| **Ҳамагӣ хориҷшавӣ** | **5428** |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | ***622*** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | |
| Хариди коғазҳои қиматнок | (235) |
| Фурӯши коғази қиматнок | 300 |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (160) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 196 |
| ***Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | ***101*** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | |
| Пардохти вомбарг | (440) |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 185 |
| Пардохти ҳаққусаҳм | (418) |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | ***(673)*** |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | ***50*** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол*** | ***480*** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол*** | ***530*** |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |
| Вомбаргҳои баровардашуда барои харидани воситаҳои асосӣ | 700 |

| **Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули мустақим<br>барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2010.**<br>Ҷамъияти саҳҳомии «Ситора»<br>ченаки воҳид -в.ш. | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| Фоидаи соф | 658 |
| **Тасҳеҳи фоидаи соф** | |
| Ҳисобҳо барои қабул | (200) |
| Захираҳои моддию молӣ | (140) |
| Хароҷоти давраҳои оянда | (20) |
| Ҳисобҳо барои пардохт | (50) |
| Ӯҳдадориҳои ҳисоб кардашуда | (10) |
| Андоз аз фоида | 100 |
| Истеҳлок | 304 |
| Фоида аз фурӯши қоғазҳои қимматнок | (100) |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | (80) |
| Ҳамагӣ тасҳеҳи фоидаи соф | (36) |
| **Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **622** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | |
| Хариди қоғазҳои қиматнок | (235) |
| Фурӯши қоғазҳои қиматнок | 300 |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (160) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 196 |
| ***Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | ***101*** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | |
| Пардохти вомбарг | (440) |
| Бароriши саҳмияҳои оддӣ | 185 |
| Пардохти ҳаққусаҳм | (418) |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | ***(673)*** |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | ***50*** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол*** | ***480*** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол*** | ***530*** |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |

**Тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ бо ёрии ҷадвали корӣ**

Дар боло мо тарзи тартибдиҳии ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулиро дар мисоле ва бо номгӯи наон қадар зиёди амалиёти мушкил дида баромадем. Ҳангоми мавҷудияти миқдори зиёди амалиёт ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулиро мставон бо ёрии ҷадвали корӣ тартиб дод.

Дар ин маврид, ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ бо роҳи пуркунии ҷадвал бо амалиёт оиди барқароркунии ҳисобҳои балансӣ тартиб дода мешавад.

Ҷадвали кории ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ аз панҷ сутуни зерин иборат аст:

- дар сутуни якум моддаҳои баланс, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва ҳаракати воситаҳои пулӣ навишта мешаванд;
- дар сутуни дуюм бақияи ибтидоии ҳисобҳои балансӣ акс меёбанд;
- дар сутунҳои сеюм ва чаҳорум дебет ва кредити дар ҷараёни таҳқиқ пуркардашаванда нишон дода мешаванд;
- дар сутуни панҷум бақияи ниҳоии ҳисобҳои балансӣ нишон дода мешаванд.

Дар мисоли мо ҷараёни тартибдиҳии ҷадвали корӣ намуди зеринро мегирад (дар қавс қадамҳои тартибдиҳии ҷадвали корӣ нишон дода шудаанд):

| **Ҳисобҳо** | **01.01. с. 2010** | **Тасҳеҳот** | | **31.12. с. 2010** |
|---|---|---|---|---|
| | | **Дебет** | **Кредит** | |
| **Ҳисобҳои балансӣ –Дебет** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 480 | 50 (20) | - | 530 |
| Сармоягузории кӯтоҳмуддат | 1 378 | 235(18) | 200(19) | 1 413 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 760 | 6 200 (1) | 6 000 (2) | 960 |
| Захираҳои моддиву молӣ | 1 060 | 3 440 (4) | 3 300 (3) | 1 200 |
| Хароҷоти давраҳои оянда | 400 | 1 346 (7) | 1326 (6) | 420 |
| Воситаҳои асосӣ | 2 460 | 860 (8) | 460 (9) | 2 860 |
| Ҷамъ | **6538** | | | |
| **Ҳисобҳои балансӣ – Кредит** | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Истеҳлоки ҳисобшуда | 840 | 184 (9) | 304 (10) | 960 |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 760 | 3 490 (5) | 3 440 (4) | 710 |
| Андоз барои пардохт | 480 | 182 (12) | 282 (11) | 580 |
| Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 400 | 10 (7) | - | 390 |
| Вомбаргҳо барои пардохт | 1 000 | 440 (13) | 700 (8) | 1 260 |
| Саҳмияҳои оддӣ бо номинали 1 в.ш. | 1 100 | - | 150 (14) | 1 250 |
| Сармояи барилова пардохтшуда | 718 | - | 35 (14) | 753 |
| Фоидаи тақсимношуда | 1 240 | 418 (16) | 658 (15) | 1 480 |
| Ҷамъ | **6 538** | | | |
| **Ҳисобот оиди фоида ва зарар** | | | | |
| Даромад | | | 6 200 (1) | |
| Арзиши аслии фурӯш | | 3 300 (3) | | |
| Хароҷоти амалиётӣ (азҷумла истеҳлоки воситаҳои асосӣ - 304 в.ш.) | | 1 326 (6)[2] +304 (10) | | |
| Хароҷоти пардохти фоиз аз рӯи қарзҳои гирифташуда | | 400 (17) | | |
| Даромади фоизӣ аз рӯи қарзҳои пешниҳодшуда | | | 50(18) | |
| Фоида аз рӯи фурӯши қоғазҳои қимматнок | | | ·100(19) | |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | | 80 (9) | | |
| Андоз аз фоида | | 282 (11) | | |
| **Фоидаи соф** | | **658 (15)** | | |
| **Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ** | | | | |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | | | |
| Пули фурӯш | | 6 000 (2) | | |
| Фоизи гирифташуда | | 50(18) | | |
| Хариди молҳо | | | 3 490 (5) | |
| Хароҷоти амалиётӣ | | | 1 356 (7) | |
| Фоизи пардохтшаванда | | | 400 (17) | |
| Андоз аз фоида | | | 182 (12) | |
| **Дохилшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **622** | | |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | | | |
| Хариди қоғазҳои қиматнок | | | 235 (18) | |
| Фурӯши қоғазҳои қиматнок | | 300 (19) | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | | | 160 (8) | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | | 196 (9) | | |
| **Дохилшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | ***101*** | | |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | | | | |
| Пардохти вомбарг | | | 440 (13) | |
| Бароришии саҳмияҳои оддӣ | | 185 (14) | | |
| Пардохти ҳаққусаҳм | | | 418 (16) | |
| **Дохилшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | | ***673*** | |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | | 50 (20) | | |

**Кушоиши ахборот**

Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ бояд маълумотҳоро барои давраи ҳисоботӣ оиди фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ дарбар бигирад.

Ширкатҳо бояд маълумоти зеринро ба самъи истифодарбандагон расонанд:

1. Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ бо истифодаи:
   - усули мустақим бо кушоиши намудҳои асосии дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулӣ;
   - усули ғайримустақим бо тасҳеҳи фоида (зарар)- и соф ба тағйирёбии активҳо ва ӯҳдадориҳои ҷорӣ, амалиёти ғайринақдӣ, инчунин даромад ва зарар аз фаъолияти амалиётӣ ва молиявӣ;

[2] бо тарҳи истеҳлок (шарҳи.мусаҳҳеҳ)

2. Намудҳои асосии дохилшавиҳо ва хориҷшавиҳои умумии воситаҳои пулӣ аз рӯи фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ ба истисnoи ҳолатҳои кушоиши ҳаракати воситаҳои пулӣ дар асоси холис (фарқи байни дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулии субъект);
3. Дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулӣ аз номи мизоҷон дар асоси холис;
4. Дохилшавиҳо ва пардохтҳои пулӣ аз рӯи моддаҳои тез гардишхӯранда дар асоси холис.

Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз рӯи амалиёт бо арзи хориҷӣ бояд бо арзи миллӣ аз рӯи курс дар санаи баамалбарории амалиёт инъикос гарданд. Фоида ва зарари баамалнаомада аз рӯи фарқияти курсӣ ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дахл надорад.

Қарзҳо ва ҳаққусаҳми қабулшуда ва пардохтшуда ба таври алоҳида кушода шуда, вобаста аз намуди фаъолияти хоҷагии ширкат ҳамчун амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ тасниф карда мешаванд.

Маблағи умумии фоизҳои пардохтшуда новобаста аз эътирофи онҳо ҳамчун хароҷоти давра ё сармоякунонӣ бояд дар ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ кушода дода шаванд.

Барои муассисаҳои молиявӣ фоиз ва ҳаққусаҳми қабулшуда ва пардохтшуда ҳамчун фаъолияти амалиётӣ шинохта мешаванд.

Барои корхонаҳои боқимонда, фоиз ва ҳаққусаҳми қабулшуда ва пардохтшуда ҳамчун фаъолияти амалиётӣ эътироф мегарданд, зеро онҳо ҳангоми муайянкунии натиҷаи соф ба назар гирифта мешаванд, ё, ҳамчун фаъолияти молиявӣ ё сармоягузорӣ шинохта мешаванд, зеро онҳо пардохт барои захираҳои молиявии гирифташуда ё фоидаи сармояи гузоришташуда мебошанд.

Андозҳои пардохтшуда ҳамчун фаъолияти амалиётӣ ба таври алоҳида кушоиш ва тасниф мегарданд, агар онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ ё молиявӣ дахл надошта бошанд.

Моддаҳои фавқуллода вобаста аз тавсифи хеш ҳамчун фаъолияти амалиётӣ, молиявӣ ё сармоягузорӣ эътироф мегарданд.

**Адабиёти тавсияшаванда**


1. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 27 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. 185с.
2. Международные стандарты финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 28 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 - Душанбе, Минфин РТ, 2009 . 323с.
3. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 1 с МСФО (IAS) 1 по МСФО (IAS) 28 Душанбе, Минфин РТ, 2009 . 232с.
4. Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности, том 2 с МСФО (IAS) 29 по МСФО (IAS) 41, МСФО (IFRS) 1 по (IFRS) 7 – Душанбе, Минфин РТ, 2009. – 261с.
5. Введение в МСФО: Учебное пособие / Тренинго-консалтинговая компания «Professional Developments»; подгот.: А.З. Байрашев, Д.А. Султанова. – Ташкент: KONSAUDINFORM-NASHR, 2009. – 400 с.: табл.
6. Международные стандарты финансовой отчетности. Алматы, 2001.
7. Разъяснения Международных стандартов финансовой отчетности. Учебно-справочное пособие. Алматы. 2002.
8. Финансовый учет. Часть1и 2. Учебное пособие. Алматы 1999.
9. Нидлз Б. И др. Принципы бухгалтерского учета (пер. с англ. / Под ред. Я. В. Соколова). 2-е изд. - М.: Финансы и статистика. 1997.. - 496с.
10. Хендриксен Э.С., Ван Бреда М.Ф. Теория бухгалтерского учета – М.: Финансы и статистика, 1997


**Кори амалӣ**

Ширкати «Сомон» бо нашри рӯзномаи ҳафтавии маҳаллӣ машғул аст. Ғайр аз ин, қисми даромад аз ҳисоби радио ва канали телевизионии ба ӯ тааллуқдошта дохил мешавад.

Дар асоси ҳисоботи зерини ширкати «Сомон» барои соли якуми фаъолияти он ҳисобот оиди фоида ва зарарро барои соли 2010 тартиб диҳед. Ҳангоми таҳияи ҳисобот барои ҳисобкунии ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ усули:

А) мустақим

Б) ғайримустақимро истифода баред.

**БАЛАНС**
**барои 31 декабри соли 2010.**

**Корхона:** "Сомон"

**Соха:** Савдо

**Чои бакайдгирӣ____:**

**Нишонӣ:**

**Воҳиди ченак: (в.ш.).**

**Мӯҳлати пешниҳод:**

| | Дар ибтидои давра | Дар интиҳои давра |
|---|---|---|
| **Активҳо** | | |
| **Активҳои ҷорӣ** | | |
| Воситаҳои пулӣ | | 379 |
| Ҳисобҳо барои қабул | | 97 |
| Захираҳои моддиву молӣ | | 90 |
| Ҷамъи активҳои ҷорӣ | | 566 |
| **Активҳои дарозмуддат** | | |
| Воситаҳои асосӣ | | 460 |
| Истеҳлоки ҳисобкардашуда | | 100 |
| Ҷамъи воситаҳои асосӣ | | 360 |
| Сармоягузориҳои дарозмуддат | | 95 |
| Ҷамъи активҳои дарозмуддат | | 455 |
| **Ҳамагӣ, активҳо** | | **1021** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | |
| **Ӯҳдадориҳои ҷорӣ** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | | 66 |
| Андоз барои пардохт | | 2 |
| Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати қарзӣ | | 31 |
| Ҷамъи ӯҳдадориҳои ҷорӣ | | 99 |
| **Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | |
| Вомбаргҳо барои пардохт | | 390 |
| Ҳисобҳои мавқуфгузошташуда барои пардохт ва дигар ӯҳдадориҳои дарозмуддат | | 10 |
| Ҷамъи ӯҳдадориҳои дарозмуддат | | 400 |
| Ҳамагӣ, ӯҳдадориҳо | | 499 |
| **Сармояи худӣ** | | |
| Саҳмияҳои оддӣ, бо номинали 1в.ш. | | 200 |
| Сармояи барилова пардохтшуда | | 90 |
| Фоидаи тақсимношуда | | 232 |
| Ҷамъи сармояи худӣ | | 522 |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ** | | **1021** |

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар**
**барои давраи аз 1__________то 31__________ с. 200__.**

**Корхона:** "Сомон"

**Соха:** Савдо

**Чои бакайдгирӣ____:**

**Нишонӣ:**

**Воҳиди ченак: (в.ш.),**

**Мӯҳлати пешниҳод:**

| | |
|---|---|
| Даромад | 3340 |
| Арзиши аслии фурӯш | 2390 |
| ***Фоидаи умумӣ*** | ***950*** |
| ***Хароҷоти амалиётӣ*** | |
| Истеҳлок | 190 |
| Хароҷоти фурӯш | |
| Хароҷоти умумии маъмурӣ | 409 |
| ***Ҳамагӣ, хароҷоти амалиётӣ*** | ***599*** |
| **Фоида аз фаъолияти амалиётӣ** | **351** |
| ***Даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ*** | |
| Хароҷоти пардохти фоиз аз рӯи қарзҳои гирифташуда | 80 |

| | |
|---|---|
| Даромади фоизӣ аз рӯи қарзҳои пешниҳодшуда | |
| Даромад аз сармояи узориҳо | 21 |
| Фоида аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 40 |
| Даромад ва харочоти ғайр | |
| **Ҳамагӣ, даромад ва харочот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ** | **19** |
| **Фоида то андозситонӣ** | **332** |
| Андоз аз фоида | 100 |
| **Фоидаи соф** | **232** |

***Маълумоти иловагӣ***

Оиди амалиёте, ки дар давоми соли 200о ба вуқӯъ омадаанд, вале ба фаъолияти асосии ширкат дахл надоранд, ахбороти зерин маълум аст:

1) Моликият ва таҷҳизот харида шуд - 800 в.ш..
2) Вомбаргҳо бо арзиши умумии номиналии 500 в.ш. бар ивази воситаҳои асосӣ бароварда шуданд.
3) Воситаҳои асосӣ ба маблағи 290 в.ш. фурӯхта шуданд. Арзиши ибтидоии онҳо баробари 340в.ш. буда, истеҳлоки ҳисобкардашудаи онҳо 90в.ш.ш-ро ташкил медиҳад.
4) Дар давоми соли 2000 аз рӯи вомбаргҳои баровардашуда, ки мӯҳлати пардохташон расида буд, 110 в.ш. пардохта шуд.
5) Қоғазҳои қимматнок ба маблағи 95в.ш. харида шуданд.
6) Дохилшавиҳо аз рӯи қарзҳои кӯтоҳмуддат 56в.ш., пардохт аз рӯи онҳо 25 в.ш.-ро ташкил намуд.
7) 200 дона саҳмияҳои оддӣ бо арзиши номиналии 1в.ш. ба маблағи 290в.ш. бароварда шуд.

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули мустақим**

## Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ

**барои давраи аз 1________то 31________ с. 200__.**

**Корхона:** "Сомон"____________________

**Соҳа:** Савдо____________________

**Ҷои бақайдгирӣ____:**____________________

**Нишонӣ:**____________________

**Воҳиди ченак: (в.ш.),** ____________________

**Мӯҳлати пешниҳод:**____________________

| | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| **Дохилшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Пули фурӯш | 3243 |
| Фоизҳои қабулшуда | 21 |
| **Ҷамъи дохилшавиҳо** | **3264** |
| **Хориҷшавии воситаҳои пулӣ** | |
| Хариди молҳо | (2414) |
| Харочоти амалиётӣ | (409) |
| Фоизи пардохтшуда | (80) |
| Андоз аз фоида | (88) |
| **Ҷамъи хориҷшавиҳо** | **(2991)** |
| **Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **273** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (300) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 290 |
| Хариди қоғазҳои қиматнок | (95) |
| Фурӯши қоғази қиматнок | |
| ***Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | **(105)** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | |
| Пардохти вомбарг | (110) |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 290 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддат | 56 |
| Пардохти қарзҳои кӯтоҳмуддат | (25) |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | **211** |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | **379** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол*** | |
| ***Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол*** | 379 |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |
| Вомбаргҳои баровардашуда барои харидани воситаҳои асосӣ | 390 |

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули ғайримустақим**

| Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ<br>барои давраи аз 1________то 31________ с. 200__.<br><br>Корхона: "Сомон"<br>Соҳа: Савдо<br>Ҷои бақайдгирӣ____:<br>Нишонӣ:<br>Воҳиди ченак: (в.ш.).<br>Мӯҳлати пешниҳод: | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| Фоидаи соф | 232 |
| ***Тасҳеҳи фоидаи соф*** | |
| Истеҳлок | 190 |
| Фоида аз фурӯши қоғазҳои қимматнок | |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | (40) |
| Ҳисобҳо барои қабул | (97) |
| Захираҳои моддию молӣ | (90) |
| Хароҷоти давраҳои оянда | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 66 |
| Ӯҳдадориҳои ҳисоб кардашуда | |
| Андоз аз фоида | 12 |
| Ҳамагӣ, тасҳеҳи фоидаи соф | 41 |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | **273** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (300) |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | 290 |
| Хариди қоғазҳои қиматнок | (95) |
| Фурӯши қоғази қиматнок | |
| ***Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | **(105)** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | |
| Пардохти вомбарг | (110) |
| Бароришн саҳмияҳои оддӣ | 290 |
| Қарзҳои кӯтоҳмуддат | 56 |
| Пардохти қарзҳои кӯтоҳмуддат | (25) |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | **211** |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | **379** |
| ***Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол*** | |
| ***Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол*** | 379 |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |
| Вомбаргҳои баровардашуда барои харидани воситаҳои асосӣ | 390 |

## *Супориш барои худсанҷӣ*

*Супориши №1.* Дар зер баланси бухгалтерӣ ва ҳисобот оиди фоида ва зарари ширкати «Амина» оварда шудаанд.

Баланси бухгалтерии ширкати «Амина» барои 31декабри солҳои 2009 ва 2010.

| | 2010 | 2009 | +:- | |
|---|---|---|---|---|
| **1. Активҳои дарозмуддат** | | | | |
| Активҳои ғайримоддӣ: | | | | |
| арзиши ибтидоӣ | 191 | 127 | | |
| истеҳлоки ҷамъшуда | 25 | 5 | | |
| арзиши бақиявӣ | 166 | 122 | | |
| Воситаҳои асосӣ: | | | | |
| арзиши ибтидоӣ | 215 | 138 | | |
| истеҳлоки ҷамъшуда | 90 | 70 | | |
| арзиши бақиявӣ | 125 | 68 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Сармоягузориҳои дарозмуддат | 53 | 80 | | |
| Харочоти давраҳои оянда | 5 | 7 | | |
| *Ҳамагӣ* | *349* | *277* | | |
| **11. Активҳои чорӣ** | | | | |
| ЗММ | 470 | 379 | | |
| Воситаҳои пулӣ | 41 | 24 | | |
| Қарздории дебиторӣ | 89 | 83 | | |
| Активҳои чории ғайр | 4 | 5 | | |
| **Чамъ** | *604* | *432* | | |
| **Ҳамагӣ** | **953** | **759** | | |
| **1. Сармояи худӣ** | | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 58 | 55 | | |
| Фоидаи тақсимношуда | 402 | 324 | | |
| Сармояи захиравӣ | 56 | 60 | | |
| **Ҳамагӣ** | *516* | *439* | | |
| **11. Ӯҳдадориҳои дарозмуддат** | | | | |
| Қарзҳои дарозмуддат | 19 | 15 | | |
| Андози мавқуфгузошташуда | 8 | 6 | | |
| Ӯҳдаориҳои дарозмуддати қарзӣ | 210 | 170 | | |
| **Ҳамагӣ** | *237* | *191* | | |
| ***111. Ӯҳдадориҳои чорӣ*** | | | | |
| Қарздории кредиторӣ | 200 | 129 | | |
| ***Чамъ*** | *200* | *129* | | |
| ***Ҳамагӣ*** | **953** | **759** | | |

**Хисобот оиди фоида ва зарари ширкати «Амина»**

| | 2010 | 2009 | | |
|---|---|---|---|---|
| Даромад аз фурӯши маҳсулот | 2156 | 1530 | | |
| Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда | 1294 | 919 | | |
| Даромади умумӣ | 862 | 611 | | |
| Харочоти умумии маъмурӣ | 670 | 493 | | |
| Харочоти пардохти фоиз | 22 | 15 | | |
| Фоида то андозситонӣ | 170 | 103 | | |
| Андоз аз фоида | 76 | 44 | | |
| Фоидаи соф | 94 | 59 | | |
| | | | | |
| Фоидаи тақсимношуда дар ибтидои сол | 324 | 284 | | |
| Фоидаи соф | 94 | 59 | | |
| Ҳаққусаҳм ба саҳҳомон | (16) | (19) | | |
| Фоидаи тақсимношуда дар интиҳои сол | 402 | 324 | | |

Талаб карда мешавад: Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулиро бо истифодаи усули:
а) мустақим;
б) ғайримустақим, тартиб диҳед.

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули мустақим**

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ**
**барои давраи аз 1 _______ то 31_________с.. 200__.**

**Корхона:** ________________________________________
**Соха:**____________________________________________
**Чои кайд:**________________________________________
**Нишонӣ:**_________________________________________
**Вохиди ченак: (в.ш.).** ______________________________
**Мӯҳлати пешниход:**_______________________________

| | |
|---|---|
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| **Дохилшавии воситаҳои пулӣ** | |
| | |
| | |
| | |
| | |

| | |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| *Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ* | |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ* | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| *Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ* | |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ* | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| *Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ* | |
| *Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ* | |
| *Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол* | |
| *Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол* | |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |
| | |

## Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ – усули ғайримустақим

**Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ**
**барои давраи аз 1________то 31_________с.. 200__.**

**Корхона:** ________________________________

**Соҳа:**________________________________

**Ҷои қайд:**________________________________

**Нишонӣ:**________________________________

Воҳиди ченак: (в.ч.). ________________________

Мӯҳлати пешниҳод:

| | |
|---|---|
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ* | |
| | |
| Тасҳеҳи фоидаи соф | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

| | |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| *Ҳолати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ* | |
| *Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ* | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| ***Вазъи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | |
| ***Тағйирёбии соф дар вазъи воситаҳои пулӣ*** | |
| ***Воситаҳои пулӣ дар ибтидои сол*** | |
| ***Воситаҳои пулӣ дар интиҳои сол*** | |
| **Номгӯи амалиёти ғайринақдии бо фаъолияти сармоягузорӣ ва молиявӣ алоқадошта** | |
| | |

## Боби 19. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ

*Мақсади омӯзиш*
*Мақсад ва сарчашмаҳои ахбороти таҳлили ҳисоботи молиявӣ*
*Маросимҳои стандартии таҳлили ҳисоботи молиявӣ*
*Баҳодиҳии боэътимодии фоидаи дар ҳисобот инъикосёбанда*
*Усулҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ*
*Таҳлили коэффитсиентҳо*
*Замима*
*Адабиёти тавсияшаванда*
*Масъала барои худсанҷӣ*

### Мақсади омӯзиш

Пас аз омӯзиши ин мавзӯъ шумо бояд тавонед:

- муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ;
- номбар намудани сарчашмаҳои асосии ахборотӣ;
- тасниф намудани таҳлилгарони ҳисоботи молиявӣ мувофиқи мақсади онҳо;
- номбар намудани се тартиботи асосии таҳлили ҳисоботи молиявӣ;
- муайян намудани ду омили асосии ба фоидаи давраи ҳисоботӣ таъсиррасонанда;
- тавсиф намудани чор усули таҳлили ҳисоботи молиявӣ;
- гузаронидани таҳлили коэффитсиентҳои молиявӣ аз рӯи маълумоти ҳисоботи молиявӣ;
- нишон додани маҳдудиятҳои коэффитсиентҳо.

### Мақсад ва сарчашмаҳои ахбороти таҳлили ҳисоботи молиявӣ

Таҳлили ҳисоботи молиявӣ (ТҲМ) – ин омӯзиши алоқамандии байни моддаҳои ҳисоботи молиявӣ ва ошкоркунии тамоили тағйирёбии онхост. Натиҷаҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ ҳангоми қабули қарорҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ истифода мешаванд. Таҳлили ҳисоботи молиявӣ барои пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхона (даромад, фоида, дохилшавии маблағҳои пулӣ ва г.) дар ояндаи кобили пешбинӣ истифода мешавад.

Истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ (субъектҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ) ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: дохилӣ ва берунӣ.

Ба истифодабарандагони дохилӣ маъмурияти корхона ва кормандони он дохил гардида, истифодабарандагони берунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: гурӯҳи якум -онҳое, ки ба натиҷаҳои фаъолияти корхона бевосита манфиатдоранд (сармоягузорон. қарздеҳон) ва гурӯҳи дуюм-онҳое, ки ба натиҷаҳои фаъолияти корхона бевосита манфиатдор нестанд, аммо мувофиқи қонунгузорӣ манфиатҳои гурӯҳи якуми истифодабарандагони берунро ҳимоя мекунанд (ширкатҳои аудиторӣ, мақомоти додгоҳӣ, матбуот, иттифоқҳои касаба ва г.)

Дар доираи ин боб муфассал дида баромадани мақсадҳои тамоми истифодабарандагон пешбинӣ намешавад. Аз ин рӯ, мақсадҳои таҳлили ҳисоботи молиявиро танҳо барои сармоягузорон ва қарздеҳон дида мебароем, ки чунинанд:

- баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ;
- пешгӯии ҳолати молиявии корхона дар ояндаи кобили назар.

*Баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ.* Барои баҳодиҳии ҳолати ҷории молиявӣ нишондиҳандаҳои давраҳои гузашта, ки ҳолати молиявии корхонаро тавсиф медиҳанд, таҳлил карда мешаванд. Ба ин нишондиҳандаҳо дохил мешаванд: фурӯши маҳсулот ва хизматҳо, хароҷот, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва фоидаи корхона. Ҳолати ҷории молиявиро дигар гурӯҳи нишондиҳандаҳо низ тавсиф медиҳанд: таркиби активҳо ва пассивҳо, таносуби воситаҳои қарзӣ ва худӣ ва г. Омӯзиши тамоили тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо имконияти баҳодиҳии минбаъдаи иқтидори корхонаро фароҳам меорад.

*Пешгӯии ҳолати молиявӣ.* Ҳангоми пешгӯии ҳолати молиявӣ дар асоси маълумоти ҷорӣ ва давраҳои гузашта таҳлилгар бояд баъзе ҳолатҳоро ба назар гирад, ки хавфи ӯро дар баҳодиҳии минбаъдаи ҳолати молиявӣ ифода менамоянд. Хавфи таҳлилгар дар он ифода меёбад, ки ӯ то кадом андоза имкон дорад фоиданокӣ ё зарароварии корхонаро пешбинӣ намояд. Ба натиҷаҳои пешгӯӣ аксаран ҳодисаҳое таъсир мерасонанд, ки дар гузашта ҷой надоштанд, яъне тасодуфӣ ва ғайримаъмуланд. Ба назаргирии таъсири онҳо низ душвор аст. Масалан, агар фоидаи саҳмияи корхона аз 3 то3,5 в.ш. тағйир ёбад, он гоҳ саҳмиягузорӣ дар ин корхона нисбат ба он корхона, ки фоидаи саҳмияи он аз 2 то 4 в.ш. тағйир меёбад, бехавфтар ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ ба корхонаҳое, ки хавфи зиёд доранд, сармоягузорон ва қарздеҳон аз онҳо кафолати калон талаб мекунанд.

*Сарчашмаҳои ахборотӣ.* Барои таҳлили ҳисоботи молиявӣ ҳаҷми маҳдуди ахборот дар ҳудуди ҳисоботи нашршаванда истифода бурда мешавад. Ба ғайр аз маълумоте, ки дар шаклҳои ҳисобот инъикос ёфтаанд, дигар сарчашмаҳои ахборӣ, ба монанди хулосаи аудиторӣ, ҳисоботи комиссияи қоғазҳои қимматнок ва амалиёти биржавӣ, инчунин нашриёти даврии доираҳои корӣ ва ширкатҳо оид ба расонидани хизматҳои машваратӣ дар масъалаҳои сармоягузорӣ ва қарзӣ истифода мешаванд.

**Маросимҳои стандартии ҳангоми ТҲМ истифодашаванда**

Маросимҳои стандартӣ – ин маросимҳо ва муносибатҳое, ки одатан дар ТҲМ истифода мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд: баҳодиҳиҳои тақрибӣ, истифодабарии натиҷаҳои даврахои гузашта, истифодабарии нишондиҳандаҳои соҳавӣ.

***Баҳодиҳии тақрибӣ.*** Ҳолати молиявии корхона бо яке аз нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи ҳолати молиявӣ, масалан, таносуби воситаҳои қарзӣ ва худӣ баҳо дода мешавад. Агар қимати ин нишондиҳанда «мӯътадил» бошад, он гоҳ ҳолати молиявии корхона қаноатбахш ҳисобида шуда, ба ин корхона сармоягузорӣ намудан мумкин аст. Аммо ба натиҷаҳои баҳодиҳии тақрибӣ такя намудан хавфнок аст, аз ин рӯ, таҳлили минбаъда метавонад камбудии ин нишондиҳандаро ошкор созад.

***Истифодабарии натиҷаҳои даврахои гузашта.*** Бо ёрии ин маросимҳо тамоили тағйирёбии ин ё он нишондиҳанда, ки ҳолати молиявии корхонаро нишон медиҳад, муайян карда мешавад. Муайянкунии тамоили тағйирёбии нишондиҳанда – афзалияти ин маросим нисбат ба баҳодиҳии тақрибӣ аст, аммо ҳангоми он фаъолияти корхона дар даврахои бӯҳронӣ ба назар гирифта намешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодабарии ин маросимҳо бояд муқоисашавандагии нишондиҳандаҳоро бо назардошти таваррум (инфлятсия) ва дигар омилҳо таъмин намуд.

***Истифодабарии нишондиҳандаи соҳавӣ.*** Нишондиҳандаҳои соҳавӣ низ дар ТҲМ ҳамчун асос хизмат менамоянд. Нишондиҳандаҳои корхона бо нишондиҳандаҳои корхонаҳои дигари соҳа муқоиса карда мешаванд. Камбудии ин маросим бо таъмин намудани муқоисапазирии корхонаҳо алоқаманд аст.

**Баҳодиҳии боэътимодии фоидаи дар ҳисобот инъикосёбанда**

Даромади корхона нишондиҳандаи асосӣ буда, аз он на танҳо ҳолати ҷории молиявӣ, балки ҳолати минбаъдаи молиявӣ низ вобаста аст. Аксар вақт баҳодиҳии сармояи сахмдорон бо ду нишондиҳандаи асосӣ таъмин карда мешавад: фоида барои як саҳмия ва боздеҳи интизорӣ аз сармояи гузошташуда. Унсури муҳими ҳарду нишондиҳанда (тақсимшавандаи формулаи ҳисобкунӣ) фоидаи соф мебошад. Ба фоидаи соф ду гурӯҳ омилҳо таъсир мерасонанд: объективӣ ва субъективӣ. Ба гурӯҳи якум омилҳои зерин дохил мешаванд: ҳаҷми фурӯш, нархи маҳсулот, арзиши аслӣ ва г. Гурӯҳи дуюми омилҳо хусусияти субъективӣ доранд. Ин гурӯҳ аз сиёсати баҳисобгирии дар корхона истифодашаванда вобаста аст. Аз ин рӯ, онҳо омилҳои субъективӣ номида мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм омилҳои зерин дохил мешаванд:

- усулҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, ки маъмурияти корхона истифода мебарад;
- амалиёти ғайримаъмулие, ки дар Ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос ёфтаанд.

***Усулҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ.*** Корхонаҳо дар интихоби усулҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ озодии зиёд доранд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки усулҳои гуногуни баҳодиҳии захираҳои молию моддӣ ё ҳисобкунии фарсудашавӣ (амортизатсия) боиси бузургии гуногуни фоидаи соф мегарданд Истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ бояд афзалияти истифодабарии усулҳои гуногуни ҳисобкунии фоидаи софро донад. Масалан, корхонаи «Сахӣ» ҳангоми баҳодиҳии захираҳои моливу моддӣ усули LIFO ва ҳангоми ҳисобкунии фарсудашавӣ усули кумулятивиро истифода мебарад. Аммо мақомоти андозситонӣ талаб менамояд, ки ЗММ мувофиқи усули арзиши миёнаи баркашида баҳо дода шуда, фарсудашавӣ мувофиқи усули ростхатта сурат бигирад. Мувофиқан, натиҷаҳои молиявии корхонаи «Сахӣ» барои мақсадҳои баҳисобгирӣ ва андозситонӣ чунин мешаванд:

| | Барои мақсадҳои баҳисобгирии молиявӣ | Барои мақсадҳои андозситонӣ |
|---|---|---|
| **Фурӯш** | **1 745 000** | **1 745 000** |
| Арзиши аслии захираҳои молие, ки барои фурӯш тайёр шудаанд | 1 660 000 | 1 660 000 |
| *тарҳи* ЗММ дар охири давраи ҳисоботӣ | 360 000 | 385 000 |
| **Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда** | **(1 300 000)** | **(1 275 000)** |
| **Даромади умумӣ** | **445 000** | **470 000** |
| Хароҷоти истеҳлок | (87 500) | (55 000) |
| Хароҷоти дигар | (317 250) | (317 250) |
| **Фоидаи соф** | **40 250** | **97 750** |

Дар амалия фарқияти бавуҷудомада ба маблағи 57 500 (97 750-40 250) натиҷаи истифодабарии усулҳои гуногуни баҳодиҳии ЗММ ва ҳисобкунии фарсудашавӣ аст. Дар амал ба бузургии фоида омилҳои зиёде таъсир мерасонанд. Аммо истифодабарандаи ҳисоботи молиявӣ бояд донад, ки аз чӣ сабаб ин тағйирот ба вуҷуд омаданд ва чӣ оқибатҳое ба дунбол хоҳанд дошт. Мувофиқи СБҲМ корхонаҳо бояд дар тавзеҳоти ҳисобот усулҳои истифодашудаи баҳодиҳии ЗММ, ҳисобкунии фарсудашавӣ ва ғайраро нишон диҳанд.

***Амалиёти ғайримаъмули фаъолияти ҷорӣ, ки дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос ёфтаанд***. Ба амалиёти ғайримаъмул намудҳои қатъи фаъолият ва ҳодисаҳои фавқулодда дохил мешаванд. СБҲМ талаб менамоянд, ки ин амалиёт дар ҳисобот оиди фоида ва зарар алоҳида инъикос ёбанд. Ин талабот имкон медиҳад, ки маълумоти дар ҳисобот оиди фоида ва зарар инъикос ёфта, воқеъӣ бошанд.

**Усулҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ**

Таҳлили ҳисботи молиявӣ бо ёрии равишу усулҳои муайян гузаронида мешавад. Онҳо барои ошкоркунии алоқамандии байни моддаҳои ҳисобот ва нишондиҳандаҳои маҳсулнок дар асоси онҳо ҳисобкардашуда равона шудаанд. Дар баробари дигар усулҳо таҳлили уфуқӣ, таҳлили амудӣ, таҳлили тамоилҳо ва таҳлили коэффитсиентӣ низ истифода бурда мешаванд.

***<u>Таҳлили уфуқӣ.</u>*** Қадами аввал дар омӯзиши ҳисоботи молиявӣ таҳлили уфуқии тағйирёбии моддаҳои гуногуни ҳисобот бо ифодаи арзишӣ (мутлақ) ва нисбӣ мебошад. Тағйирёбии арзишӣ тағйирёбии мутлақи нишондиҳандаи омӯхташавандаро нисбат ба соли гузашта нишон медиҳад:

***Маблағи тағйирёбӣ= Нишондиҳандаи давраи ҳисоботӣ - Нишондиҳандаи давраи гузашта***

Тағйирёбии нисбӣ (бо фоиз) вазни қиёсии тағйирёбиро дар нишондиҳандаи давраи гузашта инъикос менамояд.

***Тағирёбии нисбӣ = Маблағи тағйирёбӣ / Нишондиҳандаи давраи гузашта х100%:***

Бо ёрии таҳлили уфуқӣ на танҳо тағйирёбии мутлақ ва нисбӣ, балки афзоиши (камшавии) нисбии нишондиҳандаро низ омӯхтан мумкин аст:

***Афзоиши (камшавии) нисбӣ = Нишондиҳандаи давраи ҳисоботӣ / Нишондиҳандаи давраи гузашта х 100%:***

***<u>Таҳлили тамоили инкишоф (таҳлили трендӣ).</u>*** Таҳлили тамоилиро давом ё навъи таҳлили уфуқӣ номидан мумкин аст. Ҳангоми таҳлили трендӣ фаъолияти корхона дар давоми якчанд сол муқоиса карда шуда, тамоили тағйирёбӣ бо ифодаи мутлақ ва нисбӣ муайян карда мешавад. Таҳлили трендӣ хеле муҳим аст, чунки он имконияти ошкорсозии тағйироти амиқи таркибиро фароҳам оварда, бо ёрии чунин таҳлил таъсири падидаҳои тасодуфӣ ва ғайримаъмулӣ барои ин нишондиҳанда сарфи назар карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили тамоилӣ индексҳо истифода бурда мешаванд. Моҳияти индекс дар он аст, ки як сол ба сифати асос (базис) қабул карда шуда, дар пояи он индексҳо барои солҳои дигар ҳисоб карда мешаванд. Масалан, индекси нишондиҳандаи фоидаи соф дар с. 2009 чунин ҳисоб карда мешавад:

***Индекси фоидаи соф= Фоидаи софи с. 2000 / Фоидаи софи базисӣ (1999) х 100% =***
***= 42 250 / 32500 х 100% = 123, 8%***

Индекси 123,8 нишон медиҳад, ки фоидаи софи с. 2009 123,8 фоизи фоидаи софи с. 2008-ро ташкил медиҳад.

***<u>Таҳлили амудӣ (вертикалӣ).</u>*** Ҳангоми таҳлили амудӣ тағйироти таркибии дар давраи ҳисоботӣ ба вуҷуд омада, ошкор карда мешавад. Моҳияти таҳлили амудӣ дар он аст, ки қисми бутун ба 100% баробар карда шуда, вазни қиёсии ҳар як қисми таркибии ин бутун ҳисоб карда мешавад. Мисоли таҳлили амудӣ дар ҷадвали 1 дар асоси маълумоти баланси корхонаи «Сахӣ» дар 31 декабри соли 2008 ва 2009 оварда шудааст:

***Ҷадвали №1.***

| **ҶС «Сахӣ»<br>Баланс дар 31 декабри с.2008 ва с.2009** | | |
|---|---|---|
| Актив | 2008 | 2009 |
| ***Активҳои ҷорӣ*** | | |
| Воситаҳои пулӣ | 2,0 | 4,78 |
| Сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат | 16,9 | 11,91 |
| Ҳисобҳо барои қабул | 7,3 | 4,87 |
| ЗММ | 14,70 | 14,92 |
| Хароҷоти давраҳои оянда | 0,75 | 0,1 |
| ***Ҷамъи активҳои ҷорӣ*** | **41,65** | **36,58** |

| | | |
|---|---|---|
| ***Активҳои дарозмуддат*** | | |
| Воситаҳои асосӣ | 67.42 | 74,09 |
| Истеҳлоки ҳисобкардашуда | (9.07) | (10,67) |
| Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ | 58.35 | 63.42 |
| ***Ҷамъи активҳои дарозмуддат*** | ***58,35*** | ***63,42*** |
| **Ҳамагӣ, активҳо** | **100** | **100** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | |
| ***Ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 5.66 | 5,18 |
| Андоз барои пардохт | 0.75 | 0,31 |
| Ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда | 1.2 | 1.24 |
| ***Ҷамъи ӯҳдадориҳои ҷорӣ*** | ***7,61*** | ***6,73*** |
| ***Ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | | |
| Вомбаргҳо барои пардохт | 32.71 | 30.56 |
| ***Ҷамъи ӯҳдадориҳои дарозмуддат*** | ***32,71*** | ***30,56*** |
| **Ҳамагӣ, ӯҳдадориҳо** | **40.32** | **37.29** |
| **Сармояи худӣ** | | |
| Саҳмияҳои оддӣ бо арзиши номиналии 10 в.ш | 26.71 | 28.63 |
| Сармояи иловагӣ | 15.35 | 19.58 |
| Фонди тақсимношуда | 17.62 | 14,5 |
| ***Ҷамъи сармояи худӣ*** | ***59,68*** | ***62,71*** |
| **Ҷамъи ӯҳдадориҳо ва сармояи азонихудӣ** | **100** | **100** |

Аз маълумоти ҷадвали № 1 пайдост, ки дар таркиби воситаҳои корхона тағйироти азим ба амал омадааст. Чунончӣ, вазни қиёсии активҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои дарозмуддат дар с.2009 нисбат ба с.2008 мувофиқан ба 5.07% (41,65-36,58) ва 2,15%(30,56 - 32,71) кам шудаанд. Ин тағйирот (коҳиш)) асосан аз ҳисоби камшавии сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат – 4,99% (16,9 - 16,91) ва қарзҳои дебиторон 2,43 (4,87 - 7,43) ба вуҷуд омадааст. Дар соли 2009 вазни қиёсии воситаҳои асосӣ нисбати с. 2008 5,07% (58,35 - 63,42) афзуд. Дар таркиби ӯҳдадориҳо ва воситаҳои худӣ низ тағйирот ба вуҷуд омадааст. Чунончӣ, ҳиссаи ӯҳдадориҳои ҷорӣ ва дарозмуддат кам шуда, вазни қиёсии сармояи худӣ дар с. 2009 нисбат ба с. 2008 2,03 % (62.71 - 59,68) афзуда аст. Таҳлилгарро донистани на танҳо тағйироти таркибӣ дар ҳайати воситаҳои корхона, балки муайянкунии сабабҳо ва оқибатҳои ин тағйирот зарур аст. Масалан, камшавии бузургии ҳисобҳо барои қабул маънои дохилшавии воситаҳои пулӣ аз молҳои фурӯхташударо дорад. Ин дар навбати худ ба вазъи бозоргирии корхона таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, таҳлили амудӣ имконияти ошкорсозии тағйироти таркибӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ин тағйиротро фароҳам меорад.

***Таҳлил бо ёрии нишондиҳандаҳои нисбӣ ( коэффитсиентҳо).*** Яке аз хусусиятҳои таҳлили ҳисоботи молиявӣ бештар истифодабарии нишондаҳои нисбӣ мебошад. Таҳлил бо ёрии коэффитсиентҳо имконияти муайянкунии таносуби байни ду бузургиро фароҳам месозад.

**Таҳлили коэффитсиентҳо**

Коэффитсиентҳое, ки ҳангоми ТҲМ истифода бурда мешаванд, чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:

- Коэффитсиентҳои бозоргирии ҷорӣ;
- Коэффитсиентҳои самаранокӣ;
- Коэффитсиентҳои даромаднокӣ;
- Коэффитсиентҳои пӯшониш (покрытия).

Гурӯҳи якуми коэффитсиентҳо қобилияти пардохтадокунии корхонаро нишон медиҳанд.

Гурӯҳи дуюм бошанд, истифодабарии босамари активҳои корхонаро нишон медиҳанд.

Бо ёрии гурӯҳи сеюми коэффитсиентҳо қобилияти фоидагирии корхона баҳо дода мешавад.

Коэффитсиентҳои гурӯҳи чорум бошанд, дараҷаи амнияти қарздеҳон ва сармоягузорони дарозмуддати корхонаро чен мекунанд.

Номгӯи муфассали коэффитсиентҳои молиявӣ ва формулаҳои ҳисобкунии онҳо дар замима оварда шудаанд. Дар зер коэффитсиентҳои муҳимтаринеро, ки ҳангоми ТҲМ истифода мешаванд, дар асоси маълумоти ҳисоботии Ҷамъияти саҳҳомии «Саҳӣ» дида мебароем.

Чӣ хеле, ки қайд карда шуд, коэффитсиентҳои бозоргирӣ қобилияти пардохти ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати корхонаро дар оянда наздик нишон медиҳанд.

*Коэффитсиенти пардохтадокунии ҷорӣ* яке аз коэффитсиентҳои бозоргирӣ аст, ки бо таносуби активҳои ҷорӣ бар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ ҳисоб карда мешавад. Барои корхонаи «Сахӣ» ин коэффитсиент чунин аст:

| | | | | Соли 2009 | | | Соли 2008 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти пардохтадокунии ҷорӣ*** | = | ***Активҳои ҷорӣ / Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ*** | = | *882 500 / 162 500* | = | *5,43* | *780 000 / 142 500* | = | *5,47* |

Муқоисаи коэффитсиентҳо нишон дод, ки қобилияти корхона оиди пардохти ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддат дар соли 2009 нисбати соли 2008 ба 0,04 пункт (5,43 - 5,47) кам шудааст.

*Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ* ҳамчун таносуби активҳои бозоргириашон баланд (воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳисобҳо барои қабул) бар ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати кредиторӣ ҳисоб карда мешавад. Коэффитсиенти бозоргирии фаврии корхонаи «Сахӣ» чунин аст:

| | | Соли 2009 | | | Соли 2008 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ*** | = | *(115000+287500+117500)/162500* | = | *3,20* | *(37500+317500+137500)/14250* | = | *3,45* |

Муқоиса нишон медиҳад, ки коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ афзудааст.

*Коэффитсиенти гардишнокии ӯҳдадориҳои дебиторӣ.* Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби ҳаҷми фурӯш бар бузургии миёнадавраи ӯҳдадориҳои дебиторӣ ҳисоб карда мешавад. Барои ҳисобкунии он маълумот аз баланс ва ҳисобот оиди фоида ва зарар ҷалб карда мешавад. Коэффитсиент миқдори гардиши ӯҳдадориҳои дебиториро дар давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Дар шароити муайяни баробарвазн ҳар қадаре, ки миқдори гардишҳо зиёд бошад, ҳамон қадар хуб аст. Миқдори гардишҳо аз шароити қарздиҳӣ вобастагӣ дорад. Азбаски мӯҳлати қарзи корхона бо рӯзҳо муқаррар карда мешавад, бо ифодаи рӯзҳо табдил додани ин коэффитсиент мувофиқи мақсад аст. Барои ин миқдори рӯзҳои давраи ҳисоботӣ ба миқдори гардишҳо тақсим карда мешавад:

***Мӯҳлати миёнаи қарз = Миқдори рӯзҳои сол / Коэффитсиенти гардишнокии қарздории дебиторӣ***

Ин коэффитсиент мӯҳлати миёнаи қарзро нишон медиҳад.

*Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ.* Ин коэффитсиент ҳамчун таносуби арзиши аслии молҳои фурӯхташуда бар бузургии миёнадаврагии захираҳои моддӣ ҳисоб карда мешавад. Ин коэффитсиент миқдори гардиши захираҳои моддиро дар давоми давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Ҳар қадар, ки гардиш афзояд, ҳамон қадар воситаҳои пулӣ самаранок истифода бурда мешаванд. Агар андозаи миёнаи захираҳо афзоянд, ин маънои онро дорад, ки корхона маҳсулоти худро фурӯхта наметавонад ва мувофиқан, коэффитсиенти гардишнокии захираҳо коҳиш меёбанд. Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ чунин ҳисоб карда мешавад:

***Коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ = Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда / Бузургии миёнаи захираҳои моддӣ***

Ҳангоми ҳисобкунии коэффитсиенти гардишнокии захираҳои моддӣ ва қарздории дебиторӣ таҳлилгарро зарур аст, ки маълумоти ҳисоботи молиявии дохилии ҳармоҳаи корхонаро дар ихтиёр дошта бошад, чунки бузургии захираҳои истеҳсолӣ ва қарздории дебиторӣ мумкин аст дар давоми сол ҷиддан тағйир ёбанд.

*Коэффитсиентҳои даромаднокии корхона.* Даромаднокӣ кори бомуваффақияти корхонаро нишон медиҳад. Барои баҳодиҳии даромаднокӣ одатан чунин коэффитсиентҳо истифода мешаванд: даромаднокии фурӯш, коэффитсиенти гардишнокии активҳо, коэффитсиентҳои боздеҳ, коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳҳомон ва фоида бар як саҳмия.

Даромаднокии фурӯш (фоидаи соф ба ҳар як воҳиди шартии (в.ш.) фурӯш)) чунин ҳисоб карда мешавад:

***Даромаднокии фурӯш = Фоидаи соф / Фурӯш х 100% = 40 250/1 745 000*100% = 2,30***

Ин ҷо ва дар оянда маълумот аз ҳисоботи Ҷамъияти саҳҳомии «Сахӣ», ки дар замима оварда шудааст, истифода гардид.

*Коэффитсиенти гардишнокии активҳо* истифодаи самараноки активҳои амалкунандаро барои афзункунии ҳачми фурӯш нишон медиҳад. Ин коэффитсиент нишон медиҳад, ки ба ҳар як в.ш.-и дар активҳо сармоягузорӣ шуда, чанд в.ш. фурӯш рост меояд:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти гардишнокии активҳо*** | = | ***Фурӯш/Активҳо (миёнасолна)*** | = | ***1 745 000/2 142 500*** | = | ***0,81*** |
| ***Коэффитсиенти гардишнокии активҳо*** | = | ***Арзиши аслии моли фурӯхташуда/Захираҳои моддии миёна – ҳачми захираҳои моддӣ*** | | | | |

***Коэффитсиенти боздеҳи фондҳо*** (даромаднокии умумӣ) нишондиҳандаи асосии даромаднокии корхона буда, тасвир мекунад, ки ба ҳар як в.ш.-и ба активҳо сармоягузорӣ шуда, чӣ қадар фоида рост меояд. Формулаи ҳисобкунии он чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти боздеҳи фондҳо*** | = | ***Фоидаи соф / Активҳо (миёнасолона)*** | = | ***40 250/2 142 500*** | = | ***0,018*** |

Коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳмдорон нишон медиҳад, ки ҳар як в.ш.-и сармоягузорон ба активҳои корхона гузошташуда чӣ қадар фоидаи соф меорад. Барои ҶС «Сахӣ» ин коэфитсиент дар с.2009 чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти боздеҳи сармояи саҳҳомон*** | = | ***Фоидаи соф / Сармояи миёнасолонаи саҳҳомон / 2*** | = | ***40 250/ ( 1 117 500+ 1 512 500)/2*** | = | ***0,03*** |

*Фоида ба як саҳмия.* Ин коэффитсиент ҳангоми баҳодиҳии даромаднокӣ истифода бурда мешавад. Барои ҶС «Сахӣ» он чунин аст:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Фоида ба як саҳмия*** | = | ***Фоидаи соф / Миқдори миёнаи саҳмияҳо*** | = | ***40 250/ 59500*** | = | ***0,68*** |

Барои ҶС «Сахӣ » ин коэффитсиент ба 0,68 баробар аст. Ин маънои онро дорад, ки фоида ба як саҳмия ба 0,68 в.ш. баробар аст.

*Баҳодиҳии қобилияти пардохтадокунии дарозмуддат.* Барои баҳодиҳии қобилияти пардохтадокунии дарозмуддат чунин коэффитсиентҳо истифода мешаванд: таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ ва коэффитсиенти таъмини фоизҳои қарз.

*Таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ.* Афзудани вазни қиёсии сармояи қарзӣ вобастагии корхонаро аз сарчашмаҳои берунии молиякунонӣ зиёд мекунад ва маънои онро дорад, ки новобаста аз бадастории фоида корхона маҷбур аст, ки фоизҳои қарзро бипардозад. Афзудани ҳиссаи сармояи қарзи муфид аст, агар сатҳи даромаднокӣ нисбати меъёри фоизи сармояи қарзӣ баландтар бошад.

Барои ҶС «Сахӣ» ин коэффитсиент мувофиқан дар солҳои 2009 ва 2008 чунин аст:

| | | | | Соли 2009 | | | | Соли 2008 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Таносуби сармояи қарзӣ бар худӣ*** | = | ***Ҷамъи маблағи қарздорӣ / Сармояи саҳҳомӣ*** | = | ***900 000 / 1 512 500*** | = | ***0,59*** | | ***755 000 / 1 117 500*** | = | ***0,67*** |

*Коэффитсиенти таъминоти фоизҳои қарз.* Ин коэффитсиент истифодабарии самараноки сармояи қарзиро нишон медиҳад. Истифодабарии самараноки сармояи қарзӣ маънои онро дорад, ки корхона сармояи қарзиро тавре истифода мебарад, ки имконияти дар мӯҳлати муайяншуда пардохтани фоизҳои қарз, баргардонидани маблағи асосии қарз, инчунин барилова бадастории фоида аз истифодабарии қарз мавҷуд аст. Ин коэфитсиент аз рӯи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| ***Коэффитсиенти таъминоти фоизи қарз*** | = | ***(Фоидаи соф то андозбандӣ +Хароҷоти пардохти фоиз / Хароҷоти пардохти фоиз*** |

Барои ҶС «Сахӣ» ин коэфитсиент ба 2 (57500 + 57500) / 57500 баробар аст, ки таъминоти ночизи фоизҳои қарзро нишон медиҳад. Ин ҳолат эҳтимол дар оянда мушкилии ҷалбкунии сармояи қарзиро ба миён оварад.

***Маҳдудиятҳои таҳлили коэффитсиентҳо.*** Коэффитсиентҳо воситаи хуби Т Ҳ М мебошанд. ТҲМ бидуни коэффитсиентҳои молиявӣ маънои худро аз даст медиҳад. Бо вуҷуди ин аз маҳдудиятҳои онҳо низ сарфи назар набояд кард. Ин маҳдудиятҳо чунинанд:

- онҳо дар асоси арзиши аввала ҳисоб карда шуданд, ки эҳтимол баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти корхонаро таҳриф намоянд;
- агар моддаҳои баҳододашуда (ба монанди қарзҳои барнагарданда, истеҳлоки ҳисобшуда) қисми зиёди хароҷотро ташкил намоянд, он гоҳ коэффитсиенти фоида воқеъиятро чандон дуруст инъикос намекунад;
- душвориҳои таъмини қиёсшавандагии корхонаҳои як соҳа;
- онҳо дар асоси маълумоти ҲМ ҳисоб мешаванд, ки бар вай қисми зиёди ахборот дохил намешавад.

## Замима

*Коэффитсиентҳо*

| Коэффитсиентҳо | Тарзи (формулаи) ҳисобкунӣ | Мазмун |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 2 |
| **1. Коэффитсиентҳои бозоргирии ҷорӣ** | | |
| 1. Коэффитсиенти бозоргирии ҷорӣ | Активҳои ҷорӣ / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти пардохти қарзҳои кӯтоҳмуддат бо активҳои ҷорӣ. |
| 2. Коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ | Активҳои фаврӣ (бозоргир) / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти корхона оиди қонеъсозии талаботи фаврии пардохти қарзҳо. |
| 3. Таносуби байни сармояи корӣ* ва ҷамъи активҳо | Сармояи корӣ/Ҷамъи активҳо | Бозоргирии нисбии тамоми активҳо ва тақсимоти захираҳои таъминкунанда, ки бозоргириро муайян менамояд. |
| * Сармояи корӣ - ин фарқи миёни дороиҳои ҷорӣ ва ӯҳдадориҳои мебошад. Дар адабиёти таҳлилӣ сармояи молиро дороиҳои соф (чистые активы) низ меноманд. | | |
| 4. Коэффитсиенти давраи амният (защищенного периода) | Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзишҳои онҳо / хароҷоти пешбинишавандаи ҳаррӯза | Миқдори ниҳоии рӯзҳои корӣ бо истифодаи дороиҳои бозории мавҷуда. |
| **2. Коэффитсиентҳои самаранокӣ** | | |
| 1. Гардиши қарздории дебиторӣ | Фурӯши софи ғайринақдӣ (ба қарз)/<br>ӯҳдадории дебитории миёна | Сиёсати қарздиҳӣ ва ҷамъоварии қарзҳоро аз рӯи ҳисобҳои тиҷоратӣ ва васиқаҳо баҳо медиҳад. |
| 2. Мӯҳлати миёнаи қарз | 365 рӯз (миқдори рӯзҳо дар давраи ҳисоботӣ) / Гардиши ӯҳдадориҳои дебиторӣ | Миқдори миёнаи рӯзҳои барои ҷамъоварии қарздориҳои дебиторӣ зарур. |
| 3. Гардиши ЗММ | Арзиши аслии молҳои фурӯхташуда/ Андозаи миёнаи ЗММ | Бозоргирии захираҳои моддию молӣ, яъне чанд маротиба ба воситаҳои пулӣ «табдил» ёфтани захираҳои моддию молиро нишон медиҳад. |
| 4. Гардиши сармояи корӣ | Маблағи софи фурӯш/Сармояи миёнаи корӣ | Истифодабарии самаранокии сармояи кориро барои бадастории маблағи фурӯш муайян мекунад |
| 5. Гардиши активҳо | Маблағи софи фурӯш / Ҷамъи активҳо | Истифодабарии самаранокии тамоми активҳоро нишон медиҳад. |
| 6. Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ бар ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз амалиёт / Ӯҳдадориҳои ҷорӣ | Қобилияти адои ӯҳдадориҳои ҷориро нишон медиҳад. |
| **3. Коэффитсиентҳои пӯшонидани қарздорӣ (қобилияти дарозмуддати пардохтӣ)** | | |
| 1. Таносуби байни сармояи қарзӣ ва худӣ | Сармояи (ҷалбкардашуда) қарзӣ / Сармояи худӣ | Сатҳи вобастагии корхонаро аз сарчашмаҳои берунии молиякунонӣ нишон медиҳад. |
| 2. Таносуби байни сармояи қарзӣ ва ҷамъи активҳо | Сармояи қарзӣ / Ҷамъи активҳо | Вазни қиёсии активҳоеро, ки аз ҳисоби сармояи қарзӣ гирифта шудаанд, дар ҷамъи активҳо нишон медиҳад |
| 3. Коэффитсиенти таъминоти фоизҳои қарз | (Фоидаи андозбандинашуда + хароҷоти пардохти фоизҳо) / Хароҷоти пардохти фоизҳо | Маблағи дар ихтиёри корхона буда барои пардохти фоизҳои қарз. |
| 4. Ҳаракати воситаҳои пулӣ ба саҳмия | Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ / Миқдори саҳмияҳои оддии дар гардиш буда | Воситаҳои пулиеро, ки ба ҳар як саҳмияи оддии дар охири сол дар гардиш буда рост меоянд, нишон медиҳад. |
| **4. Коэффитсиентҳои даромаднокӣ** | | |
| 1. Коэффитсиенти фоидаи соф | Фоидаи соф[1]/Маблағи софи фурӯш | Ҳиссаи фоидаи софро ба ҳар в.ш. аз фурӯш нишон медиҳад. |

[1] Одатан истифодабарии фоидаи софи бидуни моддаҳои фавқулоддаро, на фоидаи софе, ки ин моддаҳоро дар бар мегирад афзал мешуморанд. Дар ҳисобкуниҳо истифодабарии фоида ё зарари фавқулодда ба иштибоҳ меандозад, чунки онҳо ғайримаъмулиянд ва аксаран дучор намеоянд.

| | | |
|---|---|---|
| 2. Коэффитсиенти фоидаи умумӣ | Фоидаи умумӣ / Маблаги софи фурӯш | Сахми фоидаи умумиро ба ҳар в.ш аз маблағи софи фурӯш нишон медиҳад. |
| 3. Фоидаи сармоягузорӣ<br>а) ба ҷамъи активҳо | (Фоидаи соф + Харочоти фоизҳо)/ Бузургии миёнаи активҳои умумӣ | Фоидаи софро ба тамоми сармоя, ки ҳам соҳибони корхона ва ҳам кредиторон гузоштанд, чен мекунад |
| б) ба воситаҳои худӣ | Фоидаи соф / Бузургии миёнаи сармояи худӣ | Фоидаи софро ба сармояи худӣ нишон медиҳад |
| 4. Фоида ба ҳар саҳмия (саҳмияҳои оддӣ) | Фоидаи соф[2] / Миқдори миёнаи муовизашудаи саҳмияҳои гардон | Фоидаи ҳар як саҳмияро баҳо дода, қобилияти пардохти ҳаққусаҳму пайҳоро аз ҳисоби захираҳои дохилӣ муайян мекунад. |
| 5. Коэффитсиенти нархи саҳмия бар фоида | Нархи бозории саҳмия / Фоида ба ҳар саҳмия | Фоидаеро нишон медиҳад, ки ба ҳар як саҳмия рост меояд. |
| 6. Коэффитсиенти пардохти дивидендҳо:<br>а) ба бузургии фоидаи саҳмияи оддӣ асосёфта | Ҳаққусаҳми пулии саҳмияи оддӣ / (Фоидаи соф – Ҳаққусаҳми саҳмияҳои имтиёзнок) | Фоизи фоидаеро чен мекунад, ки барои пардохти ҳаққусаҳми саҳмияи оддӣ масраф мешаванд. |
| б) ба арзиши бозории саҳмияҳои оддӣ асосёфта | Ҳаққусаҳми пулии саҳмияҳои оддӣ / Арзиши бозории саҳмия | Баҳои тақрибии фоизи интизории даромад ба як саҳмия. |

**Ҳисобот оиди фоида ва зарар**

барои давраи ҳисоботии аз 1.01.2009 то 31.12.2009

Ҷамъияти саҳҳомии «Сахӣ»

Воҳиди ченак: в.ш.

| | |
|---|---|
| Даромад | 1 745 000 |
| Арзиши аслии фурӯш | (1300 000) |
| Фоидаи умумӣ | 445 000 |
| Харочоти амалиётӣ | (367 500) |
| Фоида аз фаъолияти амалиётӣ | 77 500 |
| Даромад ва харочот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | |
| Харочоти пардохти фоизи қарз | (57 500) |
| Даромади фоизӣ аз қарзҳои пешниҳодшуда | 15 000 |
| Даромад аз фурӯши коғазҳои қиматнок | 30 000 |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | (7 500) |
| Ҷамъ даромад ва харочот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | (20 000) |
| Фоида то пардохти андоз | 57 500 |
| Андоз аз фоида | (17 250) |
| Фоидаи соф | 40 250 |

**Баланс**

барои 31 декабри соли 2009

Ҷамъияти саҳҳомии «Сахӣ»

Воҳиди ченак: в.ш.

| | 2008 | 2009 |
|---|---|---|
| **Активҳо** | | |
| ***Активҳои ҷорӣ*** | | |
| Воситаҳои пулӣ | 37 500 | 115 500 |
| Сармоягузории кӯтоҳмуддат | 317 500 | 287 500 |
